965а

Бобокалони Исомат, Маҳбубаи Маҳмурод,
Облоназари Каримзода, Ҳақбердии Муҳадбердӣ

# НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД

КИТОБИ ДАРСӢ



**Бобокалони Исомат, Маҳбубаи Маҳмурод,**
**Облоназари Каримзода, Ҳақбердии Муҳадбердӣ**

# НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД

**Китоби дарсӣ**

**Зери таҳрири умумии**
**н.и.н., дотсент Шарипов М.М.**

**Бо карори мушоварам Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун китоби дарсӣ барои тахассусҳои иктисодӣ тавсия шудааст**
**(карори 3 17\28 аз 01.12.2010с.)**

**Душанбе, «Офсет», 2011**

ББК 65.9 Я2 + 65.9 (2 тоҷик)
И-73

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ «НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД»**

**Назарияи иқтисод: Китоби дарсӣ \ Зери таҳрири умумии н.и.и., дотсент Шарипов М.М. – Душанбе.: «Офсет», 2011. – 520 с.**

**Бо дастгирии молиявии Раёсати Иттифоки Тоҷикматлубот чоп шудааст.**

**Муаллифон:**

**Бобокалони Исомат** сарсухан, бобҳои 1-4, 8, 18, 20, 32;
**Маҳбубаи Маҳмурод**, бобҳои 10, 19, 21-26;
**Облоназари Каримзода**, бобҳои 5-7, 13-15, 27, 28, 30;
**Ҳақбердии Муҳадбердӣ**, бобҳои 9, 11, 12, 16, 17, 29, 31

**Муқарризон:**

доктори илмҳои иқтисод, профессор Саидмуродов Л.Х.,
доктори илмҳои иқтисод, профессор Обидов Ф.,
номзади илмҳои иқтисод, дотсент Шукурзода К.

**Муҳарири масъул:** **н.и.ф., дотсент Акрамов Ф.М.**

**Ҳозиркунандагони чоп:** Бобокалони Исомат, Маҳбубаи Маҳмурод.

**Китоби дарсӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот оид ба маълумоти олии касбӣ барои донишҷӯёни тахассусҳои иқтисодӣ мувофиқ ба низоми кредитии таҳсилот таҳия карда шудааст.**

ISBN 978-999-47-62-11-8 «Офсет», 2011

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. АЙНӢ
Уч/ф 965а

# САРСУХАН

Пажӯҳишгарон чунин ақидаро талқин менамоянд, ки асрҳои бистум ва бистуякум асрҳои илми иқтисод мебошанд. Яъне аз ин нишондодҳо чунин хулоса бармеояд, ки мавқеи илми иқтисодӣ назар ба замонҳои гузаштаву ҳозира боз ҳам паҳнотару волотар мегардад. Мардумон барои беҳбуд бахшидан ба ҳаёту зиндагонии худ бояд ба комёбиҳо ва пажӯҳишҳои иқтисодӣ рӯй оваранд. Чунки баробари ба зинаи болотари инкишоф расидани тамаддун муаммоҳаву масъалаҳои зиёдтари иқтисодӣ пешорӯи ҷомеа қарор хоҳанд гирифт.

Ҷомеаи ҳозираву оянда маҳз ба туфайли пешбурди босуръату оқилонаи иқтисодиёт метавонанд ба максадҳои наҷибонаи худ ноил гардида, дар раванди мубориза баҳри беҳбудиву некӯаҳволии мардумони мамлакатҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ расанд. Илова бар он, хоҷагидории босамар ва таъминоти дилхоҳи талаботи саршумори ҷомеа маҳз ба туфайли омӯзиши босуботу идораи оқилонаи иқтисодиёт, истифодаи қонунҳо ва қонуниятҳои иқтисодии ҳаёту хоҷагидории одамон имконпазир мегардад. Ақидаҳои овардашуда собит месозанд, ки ҳоло талаботи хоҷагидории мамлакатҳо ба дорандагони тахассусҳои иқтисодиёт назарнамо афзуда, дар навбати худ тақозо менамоянд, ки шогирдони ин ҷабҳаи фаъолият бояд суботкору воқеан донишомӯз бошанд. Зеро танҳо бо ҳамин шарт онҳо ба вазифаҳои пешниҳод шаванда ҷавобгӯ буда метавонанд.

Соли 2005-ум мувофиқи қарори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тадриҷан ба ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот шурӯъ карданд. Давоми солҳои сипаришуда таҷрибаи муайяни мусбат оиди татбиқи қарордоди вазорат андӯхта шудааст. Дар кафедраи «Назарияи иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон даҳҳо номгӯи китобу маводҳо ва воситаҳои таълимӣ ба чоп расида,

дастраси толибилмон гардидааст. Яке аз ҳамон васоити таълимӣ доир ба «Назарияи иқтисод» мебошад, ки соли 2009 бо теъдоди ночиз чоп шуда, ҳоло дигар дастраси шогирдон нест. Аз ин боис, кафедра бо дархости Вазорати маориф чопи дуюми онро боислоҳу иловаҳо омода намуд.

Китоби дарсии мазкур аз 32 боб иборат буда ва мутобиқ ба стандартҳои давлатии таҳсилот дар низоми кредитӣ таҳия шудааст. Фаслҳои дохили китоби «Назарияи иқтисод» аз «Муқаддимаи назарияи иқтисод», «Микроиқтисод», «Мезоиқтисод», «Макроиқтисод» иборат мебошанд. Мувофиқи реҷаи дар Донишгоҳи тиҷорат қабулшуда фанни «Назарияи иқтисод» дар се нимсолаи хониши тахассусҳои иқтисодии шогирдон таълим дода мешавад. Нимсолаи аввали таҳсил ба миқдори 4 соат дар ҳафта ва нимсолаҳои дуюму сеюм 6 соат дар як ҳафта пешбинӣ шудааст. Шогирдон дар давоми ҳар як нимсолаи таҳсил ду маротиба санҷишҳои фосилавӣ ва дар охири нимсолаҳо имтиҳонҳои ҷамъбастӣ месупоранд. Дар нимсолаи охирини омӯхтани «Назарияи иқтисод» шогирдон корҳои курсиро навишта, дар охир имтиҳони давлатӣ месупоранд.

Ҳар яке аз бобҳои китоб шаш қисматро дарбар мегирад. Дар қисматҳои якуму дуюм нақшаи дарсҳои назариявию амалӣ пешниҳод шуда, минбаъд баёни мухтасари саволҳои дарсҳои назариявӣ оварда мешаванд. Мебояд иқрор шуд, ки таснифи саволҳои дарсҳои назариявӣ на ба таври мукаммал, балки мухтасаран пешниҳод мегардад, чунки дар китоби мазкур баёни комилу муфассали саволҳо имкон надорад.

Дар қисмати сеюм саволҳо барои такрори дарсҳои гузашта ва худсанҷии шогирдон пешкаш шудааст. Баъдан дар қисмати чорум номгӯи мавзӯъҳо барои иҷрои рефератҳо оварда шудааст. Дар низоми кредитии таҳсилот ба раванди корҳои мустақилонаи шогирдон диққати зиёд дода мешавад. Аз ин боис, муаллифони китоб зарур донистанд, ки бо мақсади ноил гардидан ба равиши бомароми корҳои мустақилонаи шогирдон ин қисмат пешниҳод гардад. Устодон метавонанд мувофиқи салоҳдиди худ ва тахассуси бевоситаи шогирдон ин мавзӯъҳоро пурра созанд ва ҳиссаи алоҳидаи онҳоро ба иҷрои шогирдон супорида, муҳокимаи рефератҳоро ба роҳ монанд.

Дар қисмати панҷум тестҳои намунавӣ ва барои машқи шогирдон мувофиқ пешниҳод гардидааст. Сатҳи душвории тестҳо баланд нест. Ин тестҳо таъиноти онро доранд, ки бояд шогирдон бо ёрии ҳалли онҳо малакаҳои даркориро дар иҷро намудани тестҳо соҳиб гарданд. Аммо ин тестҳоро барои имтиҳону санҷишҳо корбурд кардан маслиҳат дода намешавад.

Дар қисмати шашум бошад, рӯйхати маҳдуди адабиёт пешкаш гардидааст. Азбаски адабиёти бо забони тоҷикӣ чопшуда хеле маҳдуд мебошад, барои ҳар як боб якчанд номгӯй адабиёти зарурӣ бо забони русӣ пешкаш гардидааст. Албатта, номгӯи адабиёт низ дидаву дониста маҳдуд карда шудааст, то ин ки шогирдон бо сабаби барзиёдии ҳаҷми адабиёти тавсияшаванда аз омӯхтани фан дилхунук нашаванд. Устодон ҳангоми таълими шогирдони тахассусҳои мухталиф ин рӯйхатро пурра ва ё ихтисор карда метавонанд.

Муаллифони китоби дарсӣ ақида доранд, ки шогирдони суботкору закӣ бо омӯхтани китоби зайл маҳдуд нашуда, ҷамеи маслиҳату нишондоди дар он пешкашшударо ба иҷро хоҳанд расонид. Зеро ки фанни «Назарияи иқтисод» асосу поягузори тафаккури иқтисодии ҳозирзамон мебошад. Тафаккури мутахассисони ҷабҳаҳои мухталифи иқтисодии ҷомеа дар рафти таълиму омӯзиши дилхоҳи фанни мазкур ба миён оварда мешавад.

Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки шогирдон бояд ба омӯзишу сарфаҳм рафтан ба масъалаҳои «Назарияи иқтисод» диққати хеле зиёд ҷудо намоянд. Дар акси ҳол ташаккулёбии ихтисосманди ҷабҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар ба душвориҳо дучор мегардад. Дар замони мо раванди корҳои хоҷагидорию иқтисодиёт торафт мушкилу душвор мегарданд. Аз ин боис ҳам, ашхоси ба масъалаҳои назариявӣ сарфаҳм нарафта дар пешбурди вазифаҳои иқтисодии ҷомеа оҷизу нотавон мемонанд. Охир появу мантиқи ҳаллу фасли дилхоҳи муаммоҳои иқтисодии ҷомеаро дар дастуру пешниҳодоти илми назариявии иқтисодӣ дарёфтан имконпазир мебошад.

Хоҳишмандем эродҳо, мулоҳизаҳо ба суроғаи зайл ирсол карда шаванд: ***Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, кафедраи «Назарияи иқтисод», бинои 5, утоқи 205.***

# БОБИ 1.
# МУҚАДДИМАИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мавқеи илми иқтисод дар ҳаёти ҷомеа.
2. Баъзе хислатҳои пайдошавӣ ва инкишофи илми иқтисод.
3. Инъикоси масоили иқтисод дар ҳикмати даврони Сомониён.
4. Марҳилаҳои намоёни пайдошавии илми иқтисодӣ.
5. «Иқтисоди сиёсӣ» ва «Назарияи иқтисодӣ».
6. Таъиноти амалии илми иқтисодӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Зарурат ва ҷанбаҳои пайдо шудани афкори иқтисодӣ.
2. Хислатҳои фарқкунандаи илми иқтисодӣ.
3. Мавқеи иқтисод дар ҳикмати қадимиён.
4. Ба миён омадани таълимоти иқтисодии ҳозиразамон.

### 1. Мавқеи илми иқтисод дар ҳаёти ҷомеа

Мебояд иқрор шуд, ки дар замони Абӯрайҳони Берунӣ, яъне тақрибан 1000 сол пеш аз ин таърихи инсониро як миллион сол медонистанд. Ҳоло олимон дар ҳамон ақидаанд, ки инсон тақрибан 3-4 млн. сол пеш аз ин дар рӯи Замин пайдо шудааст. Аммо таърихи ҷомеаи инсонӣ он қадар ҳам тӯлонӣ нест. Олимон таърихи тақрибан 40-10 ҳазор соли охирро ба таври муайян тасаввур ва маънидод менамоянд.

Инсон аз ибтидои ба саҳнаи ҳаёт баромадан ҳамчун зоти хосаву офаридаи Худованд аз махлуқон ҷудо шуда, қадам ба қадам кӯшишҳои ақлонию хоҷагидориашро ба роҳ мондан мегирад. Аз ҳама пеш вай табиатро ва ба таври дастрас, ҷирмҳои кайҳониро омӯхта, баҳри аниқу саҳеҳ гардонидани маълумот ва тафаккури худ ба илм рӯй меоварад. Дар зинаҳои

минбаъдаи инкишофу ҳаёт инсон омӯзишу тадкикоти илмиашро низ ба роҳ мемонад. Ба ҳамин минвол, фаъолияти ақлонию фарҳангии одамизодагон ба миён оварда мешаванд.

Аммо илми иқтисодӣ аз ҷамеи илмҳои дигар бо ҳамон нишонаи худ фарқ карда мешавад, ки пайдошавии вай ба зинаи болотари инкишофи ҳаёти ҷомеагии мардумон рост меояд. Шарқиён дар аввалҳо илмро ҳикмат номгӯзорӣ карда буданд, ки зиёдтар масоили фалсафаро мадди назар дошт. Ҳанӯз дар даврони ҳукмронии Сомониён нахустин тафриқасозии илмҳо пеш гирифта шуда, илми хоҷагидорӣ ё «тадбири манзил» ҳамчун масоили илми фалсафа шинохта шуда буд.

Илми иқтисодӣ дар даврони ба камолот расидани ҷомеа ба саҳнаи таърих ворид гардида, то давраи охирин ҳамаҷониба равнақ ёфта омад. Аммо дар миёнаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI вай ба яке аз илмҳои умдаву намоён табдил ёфт. Имрӯзҳо мардумон сарфаҳм рафтанд, ки бидуни илми иқтисод ва пажӯҳишҳову дастовардҳои беҳамтои вай пешбурди муваффақонаи ҳаёти ҷомеа ба зиддиятҳои шадиду зиёд дучор гардида, ин пешрафтро монеъгӣ карда метавонад. Ҳиссаи намоёни олимон мӯътақид дар ҳамон ақидаанд, ки дар замони ҳозираву оянда мавқеи пажӯҳишҳо ва тафаккуру донишҳои иқтисодӣ боз ҳам муҳимтару волотар хоҳанд гардид. Шояд аз ҳамин боис иқтисодро илми қарнӣ XXI-ум номидаанд.

Дар охир, ҳамонро ёдрас карданием, ки иқтисод дар ҳаёти гузаштаву ҳозира ва минбаъдаи одамон ҳамчун зуҳуроти сегона намудор шуда меистад:

а) ҳамчун фаъолияти хоҷагидорӣ;
б) ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои одамон;
в) ҳамчун равияи ҳикмату илм.

Маънидоду таснифҳои минбаъда ба ошкору дақиқ гардонидани ҳамин паҳлуҳои масъалаҳо бояд нигаронида шаванд.

Аврупоиён ақида доранд, ки илми ҳақиқии иқтисодӣ танҳо се-чор садсолаи охир фаъолият бурда меояд. Аммо сарчашмаҳои дастраси шарқиён боварибахшона нишон медиҳанд, ки илму амали хоҷагидорӣ ва омӯзишу баррасии қонунҳои он умри тӯлониро дорост.

## 2. Баъзе хислатҳои пайдошавӣ ва инкишофи илми иқтисод

Дар назари мо нишон додан зарур аст, ки маънидоду таснифи доир ба таърихи илми иқтисод пешгирифтаи аврупоиён, ки ҳоло дар ҷаҳон паҳн ва эътироф шудааст, барои сарзамини мо мувофиқат намекунад. Зеро ки ақидаҳои аввал доир ба масоили иқтисод дар Чин, Ҳиндустон, Эрон ва Осиёи Миёнаи қадима ҳанӯз дар даврони Пешдодиён, 3-4 ҳазор сол пештар ҳамчун ҷабҳаи ҷудогонаи ҳикмат ба миён омада буд. Зери мафҳуми ҳикмат бошад, дар мамолики Шарқи Қадима ҷамеи илм ва фалсафаю фарҳангро мефаҳмиданд. Он замонҳо гӯё илму фалсафа якхела номгузорӣ шуда буданд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо низ мутафаккирони он замонаи халқи тоҷикро амалан бо номи «ҳаким», яъне фаъолиятбарандаи ҷабҳаи ҳикмат номгузорӣ мекарданд. Аз ҷумлаи ҳакимон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалии Сино ва дигарони зиёд ёдрас мешуданд. Ҳарчанд бо сабабҳои маълум бобати Зардушт, Маздак, Монӣ ва як қатори дигарон ин ибора то ҳол корбурд намешавад.

Мебояд иқрор кард, ки хислатҳои фарққунандаи илми иқтисод ҳамчун сабабгори намоёни хеле дертар ба саҳнаи фаъолият баромадани вай гардидааст. Яъне агар фарҳангу фалсафа, риёзиёту табиат илмҳои аввалу нахустин ниҳоят барвақт ба арзи вуҷуд расида бошанд, илми иқтисод ба ҳиссаи илми «сонӣ» мансубият дорад. Барои ба фаъолият расидани вай натанҳо камолоти муайяни худи ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миёнаи башарӣ, балки пешрафту инкишофи дилхоҳи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа низ ҳамчун появу такягоҳи муносибатҳои иқтисодии ҷомеа зарур будааст. Маҳз ба туфайли ҳамин натиҷаҳо тафаккури башарӣ то андозае дертар ба андешаронию мулоҳиза дар ҷабҳаи масоили иқтисод омада мерасад ва аз ин кӯшишҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардад.

## 3. Инъикоси масоили иқтисод дар ҳикмати даврони Сомониён

Омӯзиши асарҳои муттафаккирони даврони салтатанати Сомониён, аз ҷумлаи онҳо:

- Муҳаммад Закариёи Розӣ (28.08. 865-25.10.925).
- Абӯнаср ибни Тархон Форобӣ (с. 873-950).
- Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (04.09-973-11.12.1048).
- Абӯалӣ ибни Сино (с. 980-18.06с. - 1037) шаҳодат медиҳад, ки дар қарнҳои IX – X-и солшумории мелодӣ олимони намоёни халқи тоҷик дар ҷабҳаи ривоҷу равнақ ва пешбурди илмҳои замона ҳиссаи беандозае гузошта буданд. Дар тадқиқоту пажӯҳишҳои ҳар чор нафар ҳам масоили иқтисод ба таври намоён инъикос ёфтааст. Ҳарчанд ин мутафаккирони беназир ҳоло иқтисодро на ҳамчун илми ҷудогонаву мустақил, балки дар рафти таҳлилу таснифи масоили ҳикмат ва фалсафа дахл ва ҳаллу фасл кардаанд. Шояд худи ҳамин ҷо ёдрас шудан зарур бошад, ки Абӯалӣ ибни Синои беҳамто яке аз асарҳояшро «Тадбири манзил» номгузорӣ карда будааст. Матни ин асар дар ҷилди дуюми асарҳои мунтахаби вай оварда шудааст.

Дар гузоришоти мутафаккирони номбурдаи халқамон масъалаҳои иқтисодии ҳаёти мардумон ва тамоми ҷомеа дар таҳлилу таснифи муаммоҳои зерин ба миён оварда шудаанд:

- зарурати тақсимоти меҳнат;
- ногузирии мубодилаи маҳсулот;
- воҷиботи идораву танзими нафс;
- танзиму идораи фаъолияти хонавода;
- дар дохили фармудаҳои шариати ислом, яъне бидуни фиребу найранг тиҷорат кардан;
- зарурати ҳамкорию рафоқати мардумон дар ҷараёни тавлидгарӣ, молиёт, истеҳсолот.

Албатта, он замонҳо ҳоло ба таври возеҳ мояву масоили тадқиқу омӯзиши илми иқтисод мушаххасан таъкид нашудааст. Чунки он давронро даврони наврасию гирдоварии далелҳо ҳисоб кардан ҷоиз аст. Ҳарчанд аз он замонҳо мардумони мансуб ба заҳмати ақлонӣ бе чуну чаро тадбири манзилро аз дигар равишҳои тафаккури илмӣ бешубҳа ҷудо мекарданд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо мо рисолаи «Тадбири манзил»-и Шайхурраис ибни Синоро яке аз сарчашма ва асари бевосита мансубият дошта ба ҷабҳаи илми иқтисод мешуморем.

## 4. Марҳилаҳои намоёни пойдоршавии илми иқтисодӣ дар ҳаёти ҷомеа

Аз рӯи маълумоти дар ҳамин мавод пешниҳодшаванда се равияи маъмул ва намоёнтарини баён сохтани таърих ва марҳилаҳои ба саҳнаи фаъолият баромадану амал кардани илми иқтисодӣ ҷой дорад ва онро ҳиссаи намоёни пажӯҳишгарон эътироф кардаанд.

Ҳамин тавр, агар таърихи умумибашарии пайдошавии илми иқтисодиро нишон додани шавем, он гоҳ марҳилаҳои намоёни зерини вайро фарқ кардан ҷоиз аст:

- Экономикоси Юнону Рими Қадим.
- Тадбири манзил ва хонадорӣ.
- Мактаби тиҷоратгароӣ.
- Мактаби табиатгароӣ.
- Мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ.
- Экономикс.
- Назарияи иқтисодии ҳозиразамон.

Албатта, баъзе тадқиқгарон ин мароми маънидоди моро қабул надоранд, чунки гӯё то даврони эҳёи аврупоӣ (ренессанс) илми мустақилонаи иқтисоди сиёсӣ ҷой надошта, гӯё танҳо кӯшишҳои гирдоварии далелҳову маводҳо сурат мегирифтанд. Вале дар назари банда маънидоди овардаи мо ҳам аз нуқтаи назари мантиқи илмӣ ҳуқуқ ба мавҷудиятро доро мебошад. Чунки инкори зайл танҳо бар зидди дастовардҳои шарқиён нигаронида шуда, амалан танҳо таълимоти аврупомарказро ташвиқ менамояд.

Ҳоло мо дар таърихи илми иқтисод шӯҳрати намоён ба даст овардани даҳ мактаби волои иқтисодиро мушоҳида кардем, ки он ҳам ҳамчун таърихбандии марҳилаҳои илм хизмат карда метавонад:

- Тиҷоратгароӣ.
- Табиатгароӣ.
- Иқтисоди сиёсии классикӣ.
- Марксизм.
- Маржинализм ва мактаби австриягӣ
- Кейнсгароӣ.

- Мактаби навклассикӣ.
- Институтсионализм.
- Навкейнсгароӣ.
- Монетаризм.

Маънидоди масоили зайл бояд дар давоми дарсҳои амалӣ идома ёбанд. Дар охири мавзӯъ мо ба диққати шогирдон нақшаи тақрибии тасвири таърихи «Назарияи иқтисод»-ро пешкаш менамоем.

### 5. «Иқтисоди сиёсӣ» ва «Назарияи иқтисод»

Дар назари мо аз нуқтаи назари таълиму омӯзишҳои ҷавонон ибораҳои «Экономикс», «Назарияи иқтисод» ва «Иқтисоди сиёсӣ» мафҳумҳои ба ҳамдигар ҳаммонанду хеле наздик мебошанд. Чунки воқеан онҳо номҳои ҳархелаи дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа таълим додашавандаи илми иқтисод мебошанд. Аммо мебояд иқрор шуд, ки дар байни ин номгузориҳо тафовутҳо низ ҷой доранд ва ин номгузориҳо дар бобати зинаҳои инкишоф низ маълумоту иттилоот дода метавонанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо устод метавонад дар давоми дарсҳои амалӣ ба шогирдон вазифаҳои инфиродию мушаххас пешниҳод намуда, бо ҳамин васила хислатҳои ҳаммонандию ягонагӣ ва инфиродию ҷудогонагӣ ва тафриқавии ин мафҳумҳоро ба шогирдон бифаҳмонад.

Баъзе тадқиқгарон ақида доранд, ки ибораи «Экономикс» танҳо мансуб ба таълимоти гарбиён мебошад, чунки онро зиёдтар дар охири асри XIX Алфред Маршалли британиягӣ корбурд карда будааст. Аммо дар замони мо ҳам баъзе тадқиқгарон асарашонро ҳамчун маводи таълимӣ бо ҳамин ном аз чоп мебароранд.[1] Амалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миёнаи солҳои 50-ми асри XX ибораи зайлро бо номи «Назарияи иқтисод» тарҷума мекардагӣ шуданд, вале ин ибора аз солҳои 90-ум васеътар паҳн гардид.

---

[1] Ниг. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. Издание 16-е. М:. ИНФРА – М. 2007, - 940 стр.

*Ҷадвали 1.1.*

**Тасвири ҷадвалии таърихи «Назарияи иқтисод»**

| № р/т | Номи илм ё мактабҳои намоёни он | Давраи фаъолият |
|---|---|---|
| 1. | Ёдгориҳои даҳониву хаттӣ, аз ҷумла «Авесто» | Ҳазорсолаҳои III-II то мелод |
| 2. | «Хонадорӣ», «Хоҷагии хонагӣ», «Экономикос» | Арсҳои X-I то мелод |
| 3. | «Тадбири манзил» | Асрҳои I-XIV мелодӣ |
| 4. | Тиҷоратгароӣ (меркантелизм) | Асрҳои XV-XVII |
| 5.<br>6.<br>7. | Иқтисоди сиёсии классикӣ:<br>мактаби табиатгароӣ;<br>мактаби классикҳо. | Асрҳои XVI-XVIII<br>Асри XVIII<br>Асрҳои XVII-XVIII |
| 8. | Иқтисоди сиёсии пролетарӣ | Миёнаи асри XIX то миёнаи асри XX |
| 9. | «Экономикс» - гузориш:<br>равияи навклассикӣ;<br>равияи кейнсгароӣ. | Охири асри XIX<br>Охири асри XIX<br>Аз соли 30-ми асри XX |
| 10. | «Экономикс», «Назарияи иқтисод» | Аз миёнаи асри XX |

То охирҳои солҳои 80-ум бошад, дар мо ибораи «Иқтисоди сиёсӣ»-ро корбурд мекарданд. Аз замони ба истиқлолият расидани Тоҷикистон ибораи «Иқтисоди сиёсӣ» аз истифода бозмонд. Яъне далелҳои овардашударо ба таври зайл накшавӣ тасвир кардан ҷоиз аст:

*Нақшаи 1.2.*

**Таносуби тақрибии илми иқтисод**




Дар назари мо чунин менамояд, ки дар марҳилаи аввал илми назариявии иқтисод номи «Иқтисоди сиёсӣ»-ро гирифта, вай ҷараёну равишҳо ва ҳодисаҳои иқтисодиро дар ҳолати пайванду васлшавии онҳо ба сиёсату давлатдорӣ ба тасвир меоварад. Дар марҳилаи «Экономикс» ва «Назарияи иқтисод»

бошад, ҳамон равишу чараёнҳо, ҳодисаҳо мушаххасан зиёдтар дар ҳолатҳои зоҳиршавиашон ба тасвир оварда мешаванд. Пас дар замони мо ҳардуи ин марҳила ҳам мувофиқи таъиноти воқеиашон корбурд шуда метавонанд. Агар онҳо воқеъияти иқтисодии ҷомеаро ба таври объективона ба тасвир оваранд, он гоҳ ба ҳамдигар шабоҳат дошта ва ҳаммонанд мегарданд. Дар мавриди дигар шояд нуқтаи таснифи воқеии онҳо ҳархела мешаванд.

Асри XXI-ро асри илми иқтисод ҳисоб мекунанд. Чунки аз ин баъд мавқеи илми иқтисод хеле волою масоҳаташ паҳно мегардад. Сабаби тағйироти илми иқтисодиро дар даврони ҳозираю замони минбаъда бо ҳамон асоснок кардан ҷоиз аст, ки ҳоло ҷомеа тавонистааст қонунҳову қонуниятҳои зиёди иқтисодиро барои худ возеҳу равшан намуда, ин иттилоотро дар ташкилу пешбурди ҳаёти мардумон ҳарчи бештару беҳтар корбурд намуда меояд ва илова бар он, дар марҳилаи ҳозира идораи илман асосноки ҳаёти мардумон боиси бурдҳои зиёду самараи дилхоҳ гашта метавонад. Шояд ҳамон марҳилаи ҳаёти тамаддун фаро расида бошад, ки дар он маҷрои пешрафту тараққиёти зиндагонии одамизодагон ҳарчи зиёдтар мутобиқи қонунмандиҳои сареҳу оқилонаи иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд. Охир, захираҳои зиёде ба истифодаи инсон ҷалб гардидаанд, аммо сатҳи истифодаи самараноки онҳо нокифоя мебошанд. Ҳалли дилхоҳи ин мушкилот дар омӯзишу дарк ва истифодаи қонуниятҳои иқтисодӣ пайдо мегардад.

### 6. Таиноти амалии илми иқтисодӣ

Мебояд иқрор шуд, ки то ҳол ҳам байни назоратчиёну амалгарони иқтисод мубоҳисаҳои тӯлонӣ пеш бурда мешаванд. Назаротчиён муътақид дар ҳамон ақидаанд, ки бидуни омӯхтани ҳолатҳои назариявии илми иқтисодӣ таснифу маънидоди қонунҳо, равишҳои муҳимтарину қонуниятҳои ҳаракати амалӣ берун аз имкон мебошанд. Амалгарони соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва шуғлгарони соҳаҳои соҳибкорӣ бошанд ҳамон ақидаҳоро талқин карданӣ мешаванд, ки гӯё «Назарияи иктисод» дар заҳматҳои зиёди онҳо ҳеҷ гуна ҳиссае дошта наметавонад.

Амалан бошад ҳарду ҷонибҳои мубоҳисакунанда ҳам ҳақ нестанд. Ҳақиқати воқеан илмию асоснок дар ҳамон меҳвар мехобад, ки илми назариявӣ қонунҳову қонуниятҳои умумиву ҳамҷояи фаъолияти иқтисодиётро шинохтаву дарк намуда, дар ҳамин асос ҳамчун пояи устувору эътимодноки қарордодҳои амалӣ хизмат карда метавонад. Дар навбати худ тафаккури назариявӣ ҳамчун олоту воситаи боэътимоди ҳифзи амалӣ хизмат хоҳад кард. Илова бар ин, ҳар як соҳибкори воқеӣ танҳо ба туфайли донистани равишҳои умумию қонуниятҳо ба қарордодҳои самарабахшу фоидаовар расида метавонад. Оҳир дар замони мо илм ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунандаи ҷомеа табдил ёфтааст. Соҳибкорон илмро ба таври бояду шояд наомӯхта ҳеҷ вақт ба таври муназзаму бардавом аз пастиву баландиҳо ва нишебу фарозиҳои ҳаёти воқеӣ муваффақона гузашта наметавонанд. Таваққуфи кӯтоҳ ҳам дар назди ин монеаҳо боиси талафоти зиёду беандоза гардида метавонанд.

Ҳамаи онҳое, ки назариётро сареҳу босубат омӯхтаанд дар назди душвориҳои зиёди амалкард оҷиз нахоҳанд монд, чунки тафаккури замонавии иқтисодӣ ҳамчун мададгору ёрирасони онҳо хизмат хоҳад кард. Хулосаҳои намоёну умдаи назарӣ натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҷараёну равишҳои воқеан ҳаётии мардумон мебошанд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Дар кадом давр мардумон ба омӯхтани масоили хонадорию хоҷагидорӣ диққат медодагӣ шуданд?
2. Дар ибтидо илми хоҷагидорӣ чӣ ном дошт?
3. Ксенофонт кӣ буд?
4. «Тадбири манзил» рисолаи кист?
5. Мавқеи волоро ба илми иқтисод мансуб донистан худситоӣ ё «лофи» иқтисоддонон мебошад?
6. Иқтисод бо ҳикмат чӣ гуна робита дорад?
7. Мактабҳои аввалини иқтисодиро номбар намоед?
8. Мавқеи илми хоҷагидорӣ дар замони Сомониён чӣ гуна буд?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Мавқеи инсон дар иқтисодиёт.
2. Сабабҳои намоёни бавуҷуд омадани илми иқтисод.
3. Ҳаммонандӣ ва фарқияти илми иқтисодӣ ва сиёсат.
4. Ақоиди иқтисодии даврони Сомониён.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Мавқеи илми иқтисодро дар ҳаёти ҷомеа чӣ гуна дарёфтед?**

а) амалан номуайяну намоён;
б) воқеан муҳиму намоён;
в) аз ҳама волотар;
г) дар сатҳи муҳиму баланд.

**2. Сабабгории пайдо шудани илми иқтисодиро дар чӣ мебинед?**

а) талаботи инкишофи минбаъдаи ҷомеа;
б) зарурати пеш гирифтани хоҷагидорӣ;
в) ноил гардидан ба хоҷагидории босамар;
г) ҳусну қубҳи хоҷагидориро фаҳмидан.

**3. Ақидаи Шумо чӣ гуна аст? Шояд муносибатҳои иқтисодиро дар сайёраҳои дигар ҳам дучор меоянд?**

а) бале;
б) наход;
в) шояд;
г) ҳаргиз.

**4. Илми иқтисодӣ тарзу усули корбарии шоҳону вазиронро пешниҳод карда метавонад?**

а) ҳеҷ гоҳ!
б) наход!
в) мумкин қадар;
г) набояд.

**5. Илми иқтисодӣ танҳо бо таснифу маънидоди муносибатҳои молии ҷомеа маҳдуд мегардад?**

а) ҳамин тавр аст;
б) ин тавр нест;
в) чаро ин тавр;
г) наход!

**6. Сиёсатмадорон донандагони беҳтарини илми иқтисод мебошанд?**

а) на ҳама вақт;

б) аз ҳама зиёдтар;

в) не, ин тавр нест;

г) набояд чунин бошад!

**7. Илми иқтисодӣ дар даврони қадим ва қисман мавриди ҳукмронии салтанати Сомониён ҳамчун яке аз ҷабҳаҳои маълуми ҳикмат дониста мешуд?**

а) инро мебояд санҷид;

б) ниҳоят шубҳаовар;

в) бале, ҳамин тавр;

г) не, ин хел набуд.

**8. Ҳоло илми иқтисодиро ҳамчун яке аз шохаҳои илми фалсафа маънидод кардан ҷоиз аст?**

а) тасдиқоти нодуруст;

б) тасдиқоти носареҳ;

в) ақидаи сирф хато;

г) ақидаи ба воқеият наздик.

**9. Дар кадоме аз ин сарчашмаҳои таърихӣ ақидаҳои иқтисодӣ зиёдтар дучор меоянд?**

а) «Синбоднома»;

б) «Авесто»;

в) «Қонуни тиб»;

г) «Калилаву Димна».

**10. Асари ба тасвири хоҷагидорӣ ва иқтисод бахшидаи мутафаккири беҳамтои халқамон Абӯалӣ ибни Синоро нишон диҳед?**

а) «Саломон ва Абсол»;

б) «Қонуни тиб»;

в) «Донишнома»;

г) «Тадбири манзил».

## VI. АДАБИЁТ:


1. Абӯалӣ ибни Сино. Асарҳои мунтахаб. Тадбири манзил. Ҷ.2. Душанбе, 1963.
2. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-е издание. М.: «Омега А». 2008, стр. 29-103.
3. Бобокалони Исомат. Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон. Душанбе. «Амри илм». 1998.
4. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, «Паёми ошно», 2006, қ.1, саҳ. 4-39.
5. Исломов Султонмурод. Таърихи назариёти иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе. «Ирфон», 2001.
6. Исоматов Б., Каримбердиев О., Муҳадбердиев Ҳ. Таърихи афкори иқтисод. Вас. таълимӣ. Душанбе, 2005.
7. Кемпбелл Р. Макконелл, Стенли Л. Брю. Экономикс. М.: 2000, стр. 3-26.
8. Облоназар Каримзода. Назарияи иқтисод. Ташаккул ва такмилёбии он ҳамчун илм. Душанбе, «Собириён», 2005, Боби V, саҳ. 125-162.
9. Самуэлсон П., Нордхаус В. Экономика. М.: 2008, стр. 29-41.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Лондон. 2000.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: таҷрибаи таърих ва дурнамои пешрафт. Андешаҳо дар остонаи даҳсолагии истиқлолияти Тоҷикистон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият. Ҷилди 3. Душанбе, «Ирфон», 2001, саҳ. 639-651.
12. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Душанбе, «Эрграф», 2003, қ.1, саҳ. 10-34.


КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Уч/ф 965а

## БОБИ 2.
## МОЯИ ТАДҚИҚОТ ВА УСЛУБИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мояи тадқиқоти назарияи иқтисод.
2. Натиҷагирии фаъолияти мардумон ҳамчун мояи намоёни тадқиқот.
3. Мавқеи талабот ва истеҳсолот дар омӯзиши ҷараёнҳои иқтисодӣ.
4. Мафҳумҳои иқтисодӣ ва қонунҳои иқтисодӣ.
5. Масоили услуби назарияи иқтисод.
6. Алоқамандии «Назарияи иқтисод» бо илмҳои дигар.
7. Маҷмӯи муносибатҳои иқтисод. Қувваҳои истеҳсолкунанда. Маънидоди тамаддунии таърихи ҷомеа.
8. Кадоме аз шаклҳои хоҷагидорӣ судманд аст?

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Назарияи иқтисод чиро меомӯзад?
2. Андозаву ченкунии натиҷаҳои фаъолияти иқтисод.
3. Равишҳои намоёнтарини иқтисодӣ.
4. Алоқамандии мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодӣ.
5. Услуби назарияи иқтисод.
6. Таносуби иқтисодиёт ва сиёсат.

### 1. Мояи тадқиқоти назарияи иқтисод

Ду равияи намоёни маънидоди мояи тадқиқоти назарияи иқтисодиро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

**1.** Давраҳои аввали ба фаъолият расидани илми иқтисодӣ пажӯҳишгарон ақида паҳн мекарданд, ки мояи тадқиқу омӯзиши онро сарват, сармоя ё даромаду фоида, ё қувваҳои истеҳсолкунанда ва монанди инҳо ташкил медоданд. Инро равияи маҳдуди таснифи мояи тадқиқоти илм медонистанд.

**2.** Давраҳои минбаъда чунин хулоса пешкаш шуда буд, ки мувофиқи он маънидоди мояи тадқиқоти илми иқтисод ниҳоят фарох ба тасвир оварда мешуд. Дар ин марҳила ба мояи тадқиқоти назарияи иқтисодӣ чараёнҳову равишҳои зиёдеро мансуб медонистанд.

Ҳатто, дар замони мо ҳам нисбат ба мояи тадқиқоту пажӯҳишҳои илми назарияи иқтисодӣ дар байни олимон яго-нагӣ вуҷуд надорад. Баъзеҳо вайро танҳо ҳамчун илм дар бобати муносибатҳои иқтисодии одамон маънидод мекарда бошанд, дигарҳо ба мояи тадқиқоти вай истифодаи самараноки захираҳо, усулҳои хоҷагидорӣ, рафтори одамон ва монанди инҳоро мансуб медонанд. Дар назари мо бошад, ҳамчун мояи тадқиқи ин илм ҷараёну равишҳои ҳодисаҳои иқтисодии ҳаёти одамонро мансуб донистан ҷоиз аст. Аз ин боис, назарияи иқтисодиро ҳамчун илми омӯзандаи қонуниятҳо ва қонунҳои иқтисодии инкишофи башарият дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хадамот самаранок истифода намудани захираҳои маҳдуди ҷомеа ва талаботҳои бемаҳдуди инсоният маънидод намудан ҷоиз аст.

Бо мақсади кӯтоҳбаёнӣ нақшаи овардашударо тасниф намоед. (ниг. ба нақшаи 2.1.)

*Нақшаи 2.1.*

**Тасвири нақшагии маънидоди мояи тадқиқоти «Назарияи иқтисод»**



## 2. Натиҷаҳои фаъолияти мардумон ҳамчун мояи намоёии тадқиқот

Тазаккур мебояд кард, ки илмҳои зиёде табиату кайҳони моро иҳотакунандаро меомӯзанд. Дар акси ин ҳолат илми иқтисодӣ бо ин гуна равишҳову ҷараёнҳо сару кор надошта, маҳз дар ҳамон маҷмӯи ҳодисаҳое таваққуф менамояд, ки онҳо тобеъу вобаста ба фаъолияти меҳнатию ҳаётгузаронии мардумон мебошанд. Дар назари мо чунин менамояд, ки ҳаёту мамоти одамон аз кӯшишу фаъолияти меҳнатӣ манша мегирад. Пас тамоми фаъолияти ҳаётӣ, бурду бохт, натиҷагирию ноил гардидан ба комёбиҳову неъматҳои ҳаётии мардумон дар ибтидою сарчашмаи бевоситаи худ бо меҳнату истеҳсолот пайванд мебошанд.

Охир, дар ҳаёти ҳамарӯзаи воқеӣ ҳеҷ ягон натиҷагирие бидуни фаъолияти меҳнатию истеҳсолот ҷой дошта наметавонад. Маҳз бо ҳамин сабабҳо тамоми мардумон дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофу пешрафти тамаддун ба тавлидгарию истеҳсолот рӯй оварда, танҳо дар ҳамин поя ба натиҷаҳои муфиду дилангез комёб мешаванд. Аз ин боис, маҳз равишҳову ҳолатҳои дар чунин марому ҷараён суратгиранда ҳаёти одамвору боосоиши таъминонаи мардумонро ба роҳ монда меояд. Бесабаб нагуфтаанд, ки «...аз ҳеҷ ҳосил шавад ҳеҷ». Аммо меҳнати мулоҳизакоронаю боандешаи тавлидкунанда ҳамчун роҳу василаи ягонаи фароҳам овардани натиҷаҳои ҳаётан муҳими мардумон хизмат хоҳад кард.

Инсон ҳама замон кӯшиш ба он дорад, ки ҳамчун натиҷаи меҳнату заҳмати худ оқибатеро ва ё самараеро ҳосил намояд. Ин гуна натиҷаҳо аз мазмуну маром, рафту равиши фаъолият дар ҳиссаи зиёд вобаста мебошанд. Пас ташкилу танзим ва мақсаднокии фаъолияти ҳамарӯза метавонанд моро ба мақсад расонанд. Натиҷагирӣ аз фаъолияти ҳамарӯзаи ҳиссаи ниҳоят сершумори мардумон – ин ҳосил шудани неъматҳо, хадамоти барои ҳаётгузаронӣ зарур мебошанд. Пас назарияи иқтисод мебояд чунин илме бошад, ки натиҷаоварию босамарии чунин фаъолиятро ба таври дилхоҳ омӯзад ва аз он хулосаҳои даркорӣ ба миён оварад.

## 3. Мавқеи талабот ва истеҳсолот дар омӯзиши ҷараёнҳои иқтисодӣ

Ҳанӯз мактаби табиатгароӣ (физиократҳо) нишон дода буд, ки илми иқтисодӣ бояд масоилу равишҳои дар истеҳсолот суратгирандаро омӯзад. Ин нишондод яке аз кашфиётҳои беҳтарини дар ҷабҳаи илми иқтисод ба вуҷуд овардашуда мебошад. Имрӯзҳо ҳам аксари иқтисодшиносон ҷонибдори ҳамон ақида мебошанд, ки илми иқтисодӣ бояд бо масъалаҳои иқтисодии ба туфайли фаъолияти истеҳсолгарии одамон ҷойдошта, бояд сару кор гирад. Яъне яке аз мояи намоёнтарини назарияи иқтисодӣ истеҳсолот ва муносибатҳои бо вай пайванди одамон мебошад. Албатта, истеҳсолот паҳлӯҳо ва равишҳои техникиву технологиро низ доро мебошад, ки омӯзишу таснифи онҳо аз ҷониби илмҳои техникӣ ва ташкилӣ ба роҳ монда мешавад.

Инсон дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ талаботи муайянро ба вуҷуд оварда, маҳз ба туфайли таъмини дилхоҳи ин талабот ҳаёти омиронаи худро давом дода меояд. Мояву усул, тарзу равиши таъмини талаботи одмон танҳо ба туфайли фаъолияти истеҳсолгарии неъматҳову хадамот ҷомаи амал мепӯшад. Аз ин боис ҳам, баъзе тадқиқгарон ба хулоса меоянд, ки таъмини талаботи гуногуни ҳаётии одамон бо масрафи камтари захираҳои мавҷуда низ мояи омӯзишу тадқиқоти илми назарияи иқтисодро ташкил медиҳанд. Ин ақидаро то имрӯз имкони инкор кардан ҷой надорад. Мо ба масъалаҳои талабот боз чандин бори дигар хоҳем баргашт. Ин ҷо танҳо ҳамонро ёдрас карданием, ки талаботи ҳархелаву гуногун марому равиши ҳаётии мардумонро дарбар мегирад ва таъминоти пурраву ҳамаҷонибаи онҳо шояд яке аз мақсадҳои намоёнтарини ҳамавақтаи тамоми истеҳсолот бошад. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки нишондод оид ба омӯхтани истеҳсолоту талабот низ яке аз мақсадҳои воқеии назарияи иқтисод ҳисоб карда мешавад.

## 4. Мафҳумҳои иқтисодӣ ва қонунҳои иқтисодӣ

Мебояд мадди назар дошт, ки ҳар як илм дар рафти инкишофу тадқиқоти худ ҳодисаҳо, равишҳо ва маҷрои мояҳои худро омӯхта, дар ҳамин асос тадриҷан мазмуну мароми онҳоро муайян месозад ва дар ин поя мафҳумҳо ё вожаҳои худро ба миён меоварад. Одатан вожаҳо ифодаи мӯъҷазу мухтасари ҳодисаҳову ҷараёнҳои иқтисодӣ мебошанд. Дар зинаи болотару намоёни таснифу омӯзиш вожаҳо номи мафҳумҳоро мегиранд.

Мафҳумҳои иқтисодӣ ҳамон гуна ҳодисоту равишҳои иқтисодие мебошанд, ки аз ҷониби пажӯҳишгарон ҳамаҷониба омӯхта шуда, дар рафти маҳз ҳамин пажӯҳишҳо ба миён оварда шудаанд. Албатта, мафҳумҳо тасвири қабулшудаи донишҳои андӯхташудае мебошанд, ки ҳодисаву равишҳои намоёну баръалоро тасвир менамоянд. Дар рафти пажӯҳишҳои минбаъда мафҳумҳо боз ҳам зиёдтар возеҳу равшантар карда мешаванд. Илм онҳоро омӯхта, торафт зиёдтар сайқал медиҳад ва аниқ месозад.

Мавридҳои ҷудогона «вожаҳо», «мафҳумҳо» то андозае зиддиятнок ва нодуруст ҳам буда метавонанд. Аммо идома ёфтани тадқиқоту омӯзиш онҳоро торафт сареҳу аниқ мегардонанд, баъзеҳояшонро инкор месозанд. Ҳамин тавр, мафҳумҳои иқтисодӣ маҷмӯи маълумот ва дониши ҳосилшуда доир ба ҷараёну равишҳои иқтисодии ҳаёти мардумону ҷомеа мебошанд.

Омӯзишҳои илми иқтисодӣ давом ёфта, дар ин равиш қонунмандию қонуниятҳои сатҳи болотару муҳимтар низ ошкор карда мешаванд. Дар ҳамин маъно қонунҳои иқтисодӣ кашф карда мешаванд. Қонунҳои иқтисодӣ ҳам маҳз дар бобати алоқамандию вобастагии устувору сертарафи байни муносибатҳои иқтисодии одамон маълумоти мушаххас медиҳанд. Баъзеҳо дар назари мо дуруст мепиндоранд, ки қонунҳои иқтисодӣ назар ба мафҳумҳои иқтисодӣ робитаю вобастагӣ ва алоқамандии сатҳи болотару устувортар ва сертарафу гуногунҷабҳаҳои равишҳои иқтисодиро мефаҳмонад. Амалан ошкор кардани қонунҳои иқтисодии инкишофи ҷомеа вазифаи муҳимтарину аввалиндараҷаи илми назарияи иқтисодӣ дониста

мешаванд, ки дар асоси ин гуна донишҳои андӯхташуда сиёсати идорию танзимгарии одамон, давлатҳо, ҷомеа бояд ба роҳ монда шаванд.

Бо мақсади осонбаёнӣ қонунҳои кашфшудаи ҳаёти иқтисодии мардумон ба се навъ ҷудо карда мешаванд, аз ҷумла:

- қонунҳои иқтисодии хос;
- қонунҳои иқтисодии миёнамиқёс;
- қонунҳои иқтисодии умумӣ.

Ҷамеи қонунҳои иқтсодии инкишофи ҷомеаро ташкилдиҳанда ҳамчун маҷмӯи қонунҳои иқтисодии ҳаёти одамон дар марҳилаҳои ҷудогонаи инкишоф дониста мешаванд. Мақсади намоёни илми назарияи иқтисодӣ муайян сохтани амалу мазмуни маҷмӯи қонунҳои иқтисодӣ дониста мешавад.

## 5. Масоили услуби назарияи иқтисод

Илми назарияи иқтисод ҳам ба монанди дигар фанҳои ҷомеашиносӣ услуби хосаи худро дорост. Тӯли чор асри охир заҳмати мутафаккирони зиёди беназир боиси ҳамон гардидааст, ки ин илм қадам ба қадам инкишоф ёфта, дар баробари он ба такомулоти намоёни услубаш низ ноил гардиааст.

Зери мафҳуми услуби назарияи иқтисод роҳҳо ва воситаҳои омӯзишу тадқиқоти ҳодисаҳои иқтисодӣ фаҳмида мешаванд. Мебояд таъкид кард, ки ҳар як илм усулҳои хосаи тадқиқоту омӯзиши равишҳову ҳодисаҳоро кор карда мебарояд. Ҳанӯз дар асри XIV таърихнигори беҳамтои араб аз Тунис Ибни Ҳалдун барои омӯхтани ҳаёту таърихи ҷомеа услуби материализми таърихиро пешниҳод карда буд. Минбаъд ин усул дар асарҳои файласуфони немис Фейербах, Карл Маркс инкишоф дода шуда буд. Энгелс бошад, нишон медод, ки Льюис Морган дар истифодаи ин услуб хизмати беандозаеро ба иҷро расонидааст (нимаи дуюми асри XIX).

Дар замони мо аксарияти пажӯҳишгарон материализми таърихиро ба таври васеъ корбурд карда меоянд. Барои ошно гардидан ба услуби «Назарияи иқтисод» ба нақшаи 2.2. нигаред.

*Нақшаи 2.2.*

**Тасвири умумии услуби «Назарияи иқтисод»**




Маънидоди ҳар яке аз ин усулҳои омӯзишу тадқиқоти илми иқтисодиро хонандагон аз китоби дарсӣ дарёфта метавонанд. Танҳо мебояд иқрор шуд, ки омӯзиш дар илм пайдарҳамии зайлро ба таври ҳатмӣ талаб менамояд (ниг. ба нақшаи 2.3.)

## 6. Алоқамандии «Назарияи иқтисод» бо илмҳои дигар

«Назарияи иқтисод» ҳамчун илми ҷомеашиносии ҷудогона бо илмҳои дигари ҳамин ҷабҳа алоқамандии зичро доро мебошад. Аммо дар баробари ин донистан зарур аст, ки вай бо мояҳои тадқиқи илмҳои дигари ҷомеашиносӣ, аз ҷумлаи онҳо, «Материализми таърихӣ», «Таърих», «Сотсиология» ва дигарҳо сару кор надорад. Вале азбаски он илмҳои ҷомеашиносӣ ҳам ба тадқиқу омӯзиши ҷомеа машғуланд, аз ин боис «Назарияи иқтисод» мавридҳои алоҳида хулосаҳои он илмҳоро мадди назар мегирад ва бо ҳамдигар мутобиқ месозад.

*Нақшаи 2.3.*

**Равиши пайдарҳамии омӯзиши ходисаҳои иқтисодии ҳаёти одамон**

**Пайдарпаии усулҳои тадқиқот**

- → ***Мушоҳидаи ҳодисаҳо***
- → ***Гирдоварии далелҳо***
- → ***Соқитсозии равишҳои иловагӣ***
- → ***Ба қисмҳову узвҳо ҷудо кардан***
- → ***Хулосаҳои умумии омӯзиш***
- → ***Ҷамъбандии хулосаҳо***
- → ***Дедуксия***
- → ***Индуксия***
- → ***Омӯзиши таърихию мантиқӣ***
- → ***Маънидоди тасвири рамзӣ***
- → ***Хулосаҳои исботӣ***
- → ***Хулосаҳои меъёрӣ***

Ғайр аз он «Назарияи иқтисод» бо илмҳое низ пайванду алоқаманд мебошад, ки амалан дар бобати қувваҳои истеҳсолкунанда, аз ҷумла, инсон, техника, технология алоқаманд мебошанд. Аз дигар ҷиҳат, илми иқтисодии назариявӣ дар пажӯҳишҳои худ ҳамарӯза комёбиҳову дастовардҳои илми риёзӣ, омор, иттилоот ва монанди инҳоро ба таври васеъ корбурд менамояд. «Назарияи иқтисод»-и ҳозиразамонро бидуни истифодаи васеи комёбиҳову усулҳои илми риёзиёт тасаввур карда наметавонанд. Ҳарчанд мебояд иқрор шуд, ки ин истифодабарӣ бояд ҳадду ҳудуди худро низ дошта бошад. Дар акси ҳол натиҷаҳои манфӣ ҳам ба даст омада метавонанд.

Дар охир алоқамандию вобастагии «Назарияи иқтисод» ва илмҳои соҳавию мобайнии иқтисодиро нишон додан зарур аст. Мебояд иқрор шуд, ки «Назарияи иқтисод» ҳамчун илми умумию назариявӣ барои ҳамаи илмҳои дигари иқтисодӣ ҳамчун роҳнамо ва пояи методологӣ хизмат карда меояд. Дар мавридҳои муайян «Назарияи иқтисод» натиҷаҳои ҳосилкардаи ин илмҳоро, аз ҷумла, «Иқтисодиёти саноат», «Иқтсодиёти кишоварзӣ», «Молия», «Омор», «Ҳисобдорӣ» ва дигарҳоро дар фаъолияти рӯзмарраи худ корбурд менамояд. Ин алоқамандӣ доимо ҳамчун вобастагии мутақобилаю дутарафа ва сертарафа истифода шуда меояд.

## 7. Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ. Қувваҳои истеҳсолкунанда. Маънидоди тамаддунии таърихи ҷомеа

Мебояд иқрор кард, ки агар ба тарзи аниқ нишон доданӣ бошем, илми «Назарияи иқтисод» маҷмӯи муносибатҳои қтисодии одамонро дар алоқамандии ҷудонашаванда бо қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа меомӯзад. Ин гуна омӯзиш он мақсадеро надорад, ки гӯё танҳо барои муайяну аниқ сохтани ин муносибатҳо нигаронида шуда бошад. Аз ин боис ҳам «Назарияи иқтисод»-ро илм дар бобати қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодии ҷомеа дар пайвандии доимию ҳамарӯза бо қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа ҳисоб мекунанд.

Қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамон асоси моддию техникии муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки инкишофу пешрафт ва тараққиёти босуръату дилхоҳи онҳоро таъмин мегардонанд. Яъне ҳаёти иқтисодии одамон ду тарафи муҳимтаринро дар бар мегирад: муносибатҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда. Ҳарду тарафи истеҳсолот: муносибатҳои иқтисодӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳамҷоягӣ бо болосохти ҷамъиятӣ дар ҳар як марҳилаи инкишоф маҷмӯи ҳамҷояву тарзи истеҳсолоти ҷамъиятиро ифода менамоянд.

Мебояд донист, ки муносибатҳои иқтисодии ҷомеа хеле сершумор, гуногунпаҳлӯ ва зуд-зуд такрорёбанда мебошанд. Барои онҳоро возеҳу равшантар тасаввур намудан ба чор гурӯҳи калон ҷудо менамоянд (ниг. ба нақшаи 2.4.)

*Нақшаи 2.4.*

**Таркиби гурӯҳии муносибатҳои иқтисодӣ**

| | | |
|---|---|---|
| ТАҚСИМОТ | ИСТЕҲСОЛОТ | МУБОДИЛА |
| | Қисмҳои намоёни муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа | |
| | ИСТЕЪМОЛОТ | |

Ҳамаи муносибатҳои қтисодии ҷомеа дар ҳамҷоягию пайвандӣ бо қувваҳои истеҳсолкунанда появу асоси ҳаётии одамонро ташкил медиҳанд. Дар навбати худ қувваҳои истеҳсолкунанда дар ду қисмати калон тасаввур карда мешаванд:

а) воситаҳои истеҳсолот – ашё ва олоти меҳнат;

б) қувваи коргарӣ (меҳнаткашон).

Вазифаи қувваи пешбарандаи муносибатҳои истеҳсолиро қувваҳои истеҳсолкунанда ба иҷро мерасонанд.

Тадқиқгарон то асри ХХ-ум ақида доштанд, ки таърихи ҷомеаро тарзҳои истеҳсолоти қабилагӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ ва сармоядорӣ дар бар гирифтаанд. Дар асри ХХ олимон ба кашфиёте расидаанд, ки унвони онро маънидоди тамаддунии таърих номидаанд. Мутобиқи ин маънидод дар рӯи Замин то кунун тамаддунҳое ба вуҷуд омадаанд ва баъзеи онҳо дар қаъри таърих фано рафта, дигарашон то ҳол фаъолияти худро давом дода меоянд. Маънидоди тамаддунии таърихи инсоният шаҳодат медиҳад, ки тамаддунҳо ба арсаи таърих ворид гардида, дар пояи истифодаи захираҳои мавҷуда ва имконот инкишоф меёбанд ва ба дараҷаи камолот расида, мавриди тезутунд шудани зиддиятҳои дохилиашон ба фано мерасанд. Дар ҷои онҳо тамаддунҳои навтарини қобили инкишофу пешрафт сабзида мерасанд ва ба нашъунамои дилхоҳ соҳиб мегарданд. Ин нашъунамо аз хусусияти мутобиқату мувофиқат ба шароиту вазъи воқеии ҳаёт вобаста мебошанд. Номувофиқон ба фано мерасанд.

### 8. Кадоме аз шаклҳои хоҷагидорӣ судманданд?

Тадқиқгарон дар чунин ақидаанд, ки ҳоло мардумони ҷаҳон чор шаклу намуди хоҷагидориро амалан корбурд карда меоянд:

ОДАТӢ → НАҚШАГӢ → БОЗОРӢ → ОМЕХТА

Ҳар яке аз ин равияву намудҳои хоҷагидорӣ афзалият, нокисиҳо, зиддият ва дигар нишонаву хислатҳои фарққунандаи худро доро мебошанд.

Албатта, мо дар ин ҷо имконоти батафсил баён кардану тасниф намудани онҳоро соҳиб нестем. Аммо пешниҳоди тарҳи умумии онҳоро зарур мешуморем.

Хоҷагидории одатӣ аз замонҳои пешин ба мо омада, сатҳи нокифояи инкишофро соҳиб мебошад. Онро аз ҳама пештару бештар дар мамолики қафомондаю сатҳи тараққиёташон хеле суст дучор омада метавонем. Дар ин сарзаминҳо ва масоҳатҳо усулҳои хоҷагидории пешина бо баъзе равишҳои замонавӣ дар омехтагӣ фаъолият бурда, ҷавобгӯи тақозои замон нестанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо давлатҳои зайл имконоти рушди иқтисодиро ба таври дилхоҳ корбурд карда наметавонанд. Шакли хоҷагидорӣ ҳамчун монеаи пешрафт хизмат карда меояд.

Хоҷагии накшагӣ, ки онро фармонию бюрократӣ ҳам ном мебурданд. Ин усули хоҷагидорӣ ба давлатҳои собиқи сотсиалистии дар қарни XX-ум фаъолиятбурда хос буд. Хоҷагидории нақшагӣ чунин хислати фарққунанда дошт, ки давлат тамоми вазифаҳои идорию танзимгарии иқтисодиётро ба ихтиёри худ гирифта, барои фаъолияти озодонаи соҳибтахассусон, фирмаҳо ягон имконе намегузошт. Ҳамагон ба нақша (план) итоат кунонида мешуданд ва имконоти ҳавасмандгардонию пешбурди фаъолият ҳамаҷониба маҳдуд карда мешуд.

Хоҷагии бозорӣ гуфта, ҳамон усули танзиму идораро мефаҳмиданд, ки зери он танҳо имконоти фаъолият ба қувваҳои ниҳонии бозорӣ вогузошта мешуд. Ин усули хоҷагидорӣ боиси ба зиддиятҳову бӯҳронҳо гирифтор гардидан мешуд.

Дар нимаи дуюми асри XX хоҷагидории омехта ҳамчун роҳи истифодаи афзалиятҳои хоҷагидории бозорию нақшагӣ ба миён оварда шуд. Вай дорои афзалятҳои зиёде буда, ҷавобгӯи тақозои замонавии хоҷагидорӣ мебошад ва бояд боз ҳам такмил дода шавад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Мояи тадқиқоти назарияи иқтисодро ба хотир оред.
2. Назарияи иқтисод чиро меомӯзад?
3. Маънидоди маҳдуд ва фарохи мояи омӯзиши илми иқтисодро ҷудо кунед.
4. Андозаву ченкунии натиҷаи фаъолият дар илми иқтисод чӣ гуна фаҳмида мешавад?
5. Ченаки миқдории натиҷаҳои фаъолият чист?
6. Мавқеи талаботу истеҳсолотро нишон диҳед.
7. Услуби илм чӣ гуна фаҳмида мешавад?
8. Ибораи «таҷрид»-ро тасниф намоед.
9. Мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодиро тасниф кунед.
10. Таносуби назарияи иқтисод ва сиёсати иқтисодии давлатро нишон диҳед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Маънидоди маҳдуд ва васеи мояи тадқиқу омӯзиши назарияи иқтисод.
2. Таносуби истеҳсолоту талабот.
3. Навъҳои талаботи одамон - «Дарахти мақсуд».
4. Хислати қонунҳои иқтисодӣ.
5. Маънидоди мафҳумҳои иқтисодӣ.
6. Тафриқаи қонунҳои иқтисодӣ.
7. Хислатҳои хосаи услуби назарияи иқтисод.
8. Маънидоди таҷрид (абстраксия).

## V. ТЕСТҲО:

**1. Номи дурусти илми омӯхташавандаро ҷудо намоед:**

а) Тадбири манзил;
б) Назарияи иқтисод;
в) Иқтисоди сиёсӣ;
г) Хонадорӣ.

**2. Замони салтанати Сомониён ба ин илм чӣ гуна ном гузошта буданд?**

а) Иқтисоди сиёсӣ;
б) Экономикс;
в) Тадбири манзил;
г) Хоҷагдорӣ.

**3. Мояи тадқиқоту омӯзиши илми назарияи иқтисодро нишон диҳед:**

а) ҳодисаву равишҳои иқтисодӣ;
б) мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодӣ;
в) ҳар як ҳодисаи ба иқтисод дахлдошта;
г) муносибатҳои истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда.

**4. Дар кадом ҳолат муносибатҳои иқтисодию қувваҳои истеҳсолкунанда якхела мешаванд?**

а) ҳеҷ гоҳ;
б) ҳама вақт;
в) баъзан;
г) нашояд.

**5. Кадоме аз узвҳои номбаршавандаи мафҳумҳои иқтисодӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи волотарро доранд?**

а) муносибатҳои истеҳсолӣ;
б) муносибатҳои тақсимот;
в) қувваҳои истеҳсолкунанда;
г) қувваҳои табиӣ.

**6. Оё натиҷагирӣ аз фаъолияти ҳамарӯзаи мардумон мақсади илми иқтисодиро ташкил карда метавонад?**

а) ҳа, бале;
б) чаро охир!
в) наход!
г) мебояд.

**7. Талаботи иқтисодӣ дар кадоме аз тасвирҳо баён ёфтааст?**

а) неъматҳову хизматҳо;
б) истеъмоли хизматҳо;
в) ниёзҳои одамон;
г) ҳар гуна молҳо.

**8. Маънидоди услуби абстраксия (таҷрид)-ро ҷудо карда нишон диҳед:**

а) равиши бомароми омӯхтани ҳодисаҳои иқтисодӣ;
б) пай дар пай омӯхтани равишҳои марказии ҳодисаҳо;
в) аз ҳамдигар ҷудо кардани узвҳои ҳодисаҳо;
г) ба равияи ҷудогона додани афзалият.

**9. Равиши дурусти мафҳумҳоро нишон диҳед:**

а) тақсимот, истеъмолот, мубодила, истеҳсолот;
б) истеъмолот, тақсимот, мубодила, истеҳсолот;
в) истеҳсолот, мубодила, тақсимот, истеъмолот;
г) мубодила, истеҳсолот, тақсимот, истеъмолот.

**10. Навишти дурусти пайдарҳамонаро ҷудо намоед:**

а) ибораҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодӣ;
б) мафҳумҳо, ибораҳо ва қонунҳои иқтисодӣ;
в) қонунҳои иқтисодӣ, ибораҳо, мафҳумҳо;
г) вожаҳо, қонунҳои иқтисодӣ ва мафҳумҳо.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-е издание. М.: «Омега А». 2008, стр. 6-67.
2. Бобокалони Исомат. Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон. Душанбе. «Амри илм». 1998.
3. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, «Паёми ошно», 2006, чопи сеюм, қисми якум, саҳ. 40-81.
4. Исломов Султонмурод. Таърихи назариёти иқтисодӣ. Китоб дарсӣ. Душанбе. «Ирфон», 2001.
5. Макконелл К, Брю С. Экономикс. 17-е издание М:. «Инфра-М», 2007, стр. 26-42.
6. Новичков А.В. Политическая экономия. Курс лекции. М:. Издательство «Маркетинг», 2002, стр. 126-210.
7. Самуэлсон П., Нордхаус В. Экономика. М.: 2008, стр. 41-116.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. «Ирфон», 2006, саҳ. 1-46.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Асри XXI асри фарҳанги сулҳ ва ваҳдати инсоният. Душанбе, «Ирфон», 2002, саҳ. 7-18.
10. Экономическая теория. Политическая экономия. Часть 1. Учебник. Под. ред. И.К. Ларионова и др. М:. 2006., главы 3, 4, 6.
11. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Душанбе, «Эрграф», 2003, қ.1, саҳ. 35-58.
12. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика М:. «Дело», 1999, стр. 1-38.

# БОБИ 3.
# МАВҚЕИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИКИЯТДОРӢ ДАР ҲАЁТИ ҶОМИА

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мавқеи моликият дар иқтисодиёти ҷамъиятӣ
2. Муаммоҳои марказии иқтисод
3. Мазмуну маънидоди иқтисодии моликият.
4. Шаклҳо ва намудҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Хислатҳои намоёни моликияти хусусӣ.
6. Зарурат ва оқибатҳои ғайридавлатӣ ғардонидани моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Маънидоди муносибати моликиятдорӣ.
2. Тарафҳои намоёнтарини моликиятдорӣ.
3. Муаммоҳои марказии иқтисод кадомҳоянд?
4. Зарурат ва натиҷаҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Хислатҳои намоёни моликияти хусусӣ.

### 1. Мавқеи моликият дар иқтисодиёти ҷамъиятӣ

Тадқиқгарон то ҳол нисбати моликият дар ҷараёни мубоҳиса қарор доранд. Чунки мулкдорӣ, моликият муносибати иқтисодии гуногунчабҳа мебошад. Дар воқеият чунин ба назар мерасад, ки гӯё моликият муносибати одамон ба табиат ва чизҳоро мефаҳмонад. Ҳол он ки чунин тасаввурот натиҷаи маънидоди рӯякии муносибати моликиятдорӣ мебошад. Дар қаъри ин ҷараён муносибати одамон доир ба табиату чизҳо қарор доранд. Одатан одамон дар рафти азхудкунӣ, истифодабарӣ, соҳибӣ кардани чизҳои дар табиат ҷойдошта ба муносибати моликият дар байни ҳамдигар кашида (ҷалб) карда мешаванд.

Зери мафҳуми моликият ҳамон гуна муносибатҳои одамон фаҳмида мешавад, ки роҳу васил аи аз худ кардан, истифода бурдан ва соҳибӣ кардани чизҳои дар табиат ҷойдошта, дороӣ, сармоя ва амсоли онҳоро мефаҳмонад. Маҳз ба туфайли корбурд кардани омилҳои истеҳсолот мардумон ба муносибатҳои иқтисодӣ кашида мешаванд. Аз ин боис, низ моликиятдорӣ ҳанӯз дар даврони ба қуллаи инкишоф расидани ҷомиаи авлодӣ ба миён омада метавонад. Шояд шакли аввалину нахустини моликият азхудкунию истифодабарӣ бошад. Аммо дар ин марҳила ҳоло муносибатҳои моликиятдорӣ зуҳуроти пурраву комил надоштанд. Пешрафти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ боиси ташаккулёбии муносибатҳои комили молу мулкӣ мегарданд. Оқибат ҷомиа ба саҳнаи таърих силсилаи нави муносибатҳои иқтисодӣ – моликиятдориро ба миён меоварад.

Дар китоби дарсӣ мо чунин таърифи ин мафҳумро хонда метавонем: «Моликият – муносибати истеҳсолии одамон мебошад, ки шакли таърихан муайяни азонихудкунии неъматҳои моддӣ ва пеш аз ҳама, воситаҳои истеҳсолоту сармояро нишон медиҳад». Дар асл муносибати моликиятдорӣ ба ин ё он тарз, марому равиш корбурд кардану истифода бурдани воситаҳои истеҳсолоту сармоя, амволро аз тарафи аҳли ҷомеа ифода мекунад.

## 2. Муаммоҳои марказии иқтисод

Саволи мазкур бевосита аз мазмуни моликият баромада наметавонад. Аммо маънидоди саволи мазкур барои ба таври васеъ кушодану ошкор сохтани масоили моликият мадад карда метавонад. Аз ин боис, онро мо дар ҳамин ҷо бояд таҳлил намоем. Иқтисодиёт илми хеле паҳно буда, мавриди ба омӯхтани вай рӯй овардан аксаран савол мегузоранд, ки иқтисодро бояд чӣ гуна маънидод кард?

Иқтисодиёт ҳамчун илми ҷомеашиносӣ марому равиши ҳаёти иқтисодии одамонро дар зинаҳои гуногуни инкишофи тамаддун ба тасвир меоварад. Ҳайёти иқтисодии ҷамъият бошад ҳамавақта равиш, таъинот ва мақсади аниқи худро доро мебошад.

Мавриди ба тарзи омӣ баён сохтан иқтисодиёт марому мақсади асосии фаъолияти худро дорад. Ҳар як воҳидҳои истеҳсолии ҷомиа амалан ба тавлиду пешниҳод кардани неъматҳо ва ё хизматҳо нигаронида шудаанд. Аз ин боис, дар назди фаъолиятгарони ҷабҳаи иқтисодии ҷомеа саволҳои зайл ба таври ҳатмӣ меистанд:

Чиро?

Чӣ гуна?

ва барои кӣ бояд истеҳсол кард?

Ҳар як фаъолиятгар, фирма, узви воқеии фаъолият пеш аз оғози корҳо бояд дар назди худ ин саволи сегонаро гузошта, онро ба таври бояду шояд ҳаллу фасл намояд. Саволи аввал дар бобати номгӯи маснуот ва ё хизмати пешниҳодшавандаро madди назар дорад. Саволи дуюм бо кадом роҳу усул ё ин ки тарзи коркарду технология тайёру омода шудани маснуот ва ё хизматро madди назар дорад. Саволи сеюм бошад, таъиноти молҳову хадамот, яъне истеъмолгарони онҳоро дар назар дорад. Ҳеҷ ягон фирма ва ё фаъолиятгари соҳаи иқтисодиёти ҷомеа бидуни ба таври аниқу мушаххас муайян кардани саволҳои зайл фаъолияти бурдборонаи худро ба роҳ монда наметавонад. Чунки дар иқтисоди бозоргонӣ ҷамеи фаъолиятгарон бо шарти истеҳсоли неъматҳову пешниҳоди хадамоти барои мардумон зарур ба мақсадҳои худ расида метавонанд. Роҳу усулҳои истеҳсоли маҳсулоту хизматҳо бояд ба ҳамон нигаронида шаванд, ки бо масрафи ҳарчи камтари захираҳо, меҳнат, сармоя миқдори зиёдтари молҳо ё неъматҳо истеҳсол карда шаванд.

### 3. Мазмуну маънидоди иқтисодии моликият

Донистан зарур аст, ки моликият дар муносибатҳои иқтисодии ҷомеа мавқеи марказиро ишғол менамояд, чунки вай дар навбати худ мақсаду маром ва равишҳои муносибатҳои дигари иқтисодии ҷомеаро муайян сохта метавонад. Барои мавқеи моликиятро возеҳу равшан нишон додан ба нақша муроҷиат намуданро салоҳ медонем (ниг.ба нақшаи 3.1.)

*Нақшаи 3.1.*

**Тарҳи мавқеи моликият**




Чунонки аз нақша дида мешавад ҷамеи муносибатҳои иқтисодии ҷомеа бо ин ё он роҳу усул ва тарзу ҳисса аз шаклу хислати моликият вобастагӣ доранд. Шояд аз ҳамин боис ҳам, баъзан тадқиқгарон моликиятро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии ҷомиа маънидод карданӣ мешаванд. Ҳарчанд ин гуна нишондод ноаниқиеро низ дар худ дарбар мегирад, чунки муносибати моликият дар ҳиссаи муайян ба маромy равиши муносибатҳои дигари иқтисодӣ таъсир расонида метавонад, вале на зиёда аз он мебошад.

Барои маънидоди комили моликият масъалахои соҳибӣ, истифодабарӣ, фармонварӣ, фоидагирӣ, меросгузорӣ ва монанди инҳоро низ мадди назар доштан зарур аст (ниг. ба нақшаи 3.2).

*Нақшаи 3.2.*

**Ҷабҳаҳои намоёни моликият**



Ҳар яке аз ин тарафҳои муносибати моликиятдорӣ дар навбати худ роҳу василаҳо, мақсад, маром, усул ва дигар ҷабҳаҳои амалии истифодаи воқеии моликиятро ба вуҷуд оварда метавонанд. Аз ин боис ҳам, мавриди маънидоди муносибатҳои моликиятдорӣ ба онҳо диққати даркорӣ ҷудо намудан зарур мебошад. Мо дар ин ҷо барои мақсади зайлро пиёда кардан имкон надорем, аз ин боис баррасии онро дар рафти дарсҳои амалӣ маслиҳат медиҳем.

Мебояд мавриди маънидоди равандҳои зуҳуроти муносибатҳои моликиятдорӣ ҳамон ҳолатро мадди назар дошт, ки моликият ҳарчанд ҷараёни умдаи муносибатҳои иқтисодии одамонро мефаҳмонад, вай дар навбати худ боз ҳамчун воситаю зуҳуроти силсилаи муайяни муносибатҳои иқтисодии ҷомеа амал карда метавонад. Аз ин боис, доир ба ҳар яке аз ҷабҳаҳои ҷудогонаи зуҳуроту амали моликият устоди дарси амалӣ ба шогирдон вазифаҳои инфиродиро супорида, муҳокимаи онҳоро дар гурӯҳ низ сурат бахшида метавонад.

### 4. Шаклҳо ва намудҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ибтидои солҳои 90-уми садаи XX дар Тоҷикистон кӯшишҳои рӯоварӣ ба инкишофи шаклҳои моликият пеш гирифта шуда буданд. Дар он замон намудҳои намоёнтарини моликият инҳо буданд:

- моликияти маҳдуди шаҳрвандон ба неъматҳои истеъмолӣ, манзил ва хоҷагии ёрирасон;
- моликияти ҳамҷоя (коллективона);
- моликияти давлатӣ.

Соли 1990 дар ҷаласаи ҳукуматӣ нишон дода буданд, ки 92% истеҳсолот дар ихтиёри давлат, 8% дар ихтиёри кооперативҳо қарор дорад.

Пажӯҳишгарон қотеъона исбот намуданд, ки амалан шаклҳои зерини моликият дар ибтидо фаъолият бурда метавонанд:

- Моликияти хусусӣ.
- Моликияти ҳамҷоя.
- Моликияти давлатӣ.
- Моликияти байналмилалӣ.

Иқрор кардан зарур аст, ки дар ин тафриқабандӣ моликият аввалан миқёсу масоҳат ва ҳадди дорандагони моликият мадди назар дошта шудаанд. Аз ин шаклҳои ибтидоии моликият дар ҳаёти воқеӣ намудҳои ҳархелаи омехтаи он ба вуҷуд омада метавонанд. Маҳз аз рӯи нишонаи мулкӣ баъзан намудҳои корхонаҳо низ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Ҳарчанд дар амали хоҷагидорӣ намудҳо ва равишҳову навъҳои ҳархелаи фирмаҳоро дучор омадан имконпазир аст.

Нишон медиҳанд, ки таърихан шакли ибтидоии моликият қабилагӣ ё авлодӣ, яъне ҳамҷоя ҳисоб карда мешавад. Дертар дар ҳаёти мардумон шакли хусусии моликият васеътар паҳн мегардад. Дар мамолики Шарқ тадриҷан тӯли асрҳои миёна мулки давлатӣ ба фаъолият мерасад. Ҳарчанд дар ибтидо мулки подшоҳон, ҳукмравон ва давлат дар омехтагӣ фаъолият мебурданд. Хазинаи давлатӣ дар ихтиёру фармонварии подшоҳон, ҳукмронон нигоҳ дошта мешуд.

Дертар пешрафти ҷомеа аз ҳамдигар фарқ кардани моликияти оила, авлоди ҳукумрон ва хазинаи давлатиро ба миён меоварад. Яъне моликияти давлатӣ тадриҷан ҳамчун шакли ҷудогонаи моликият ба миён оварда мешавад. Дар замони низоми бюрократӣ (коммунистӣ) ҳиссаи намоёнтарини моликият мансуб ба давлати ҳукумрон дониста мешуд. Хислати фарқкунандаи мулки давлатӣ аз ҳамон иборат буд, ки вай фарогири аксари моликият гардида, зиддияту норасоиҳои зиёди дигари аз инҳисорот ба вуҷуд ояндаро сабаб гардида буд. Махсусан мулки давлатӣ ҳамчун шакли абарқудрат ва фарогири ҷамеи тарафҳо боиси ба саҳна баромадани ҳукмравию фишори сохтори давлатӣ ба тамоми ҷабҳаҳои иқтисодиёти ҷомиа гардида буд.

Тадқиқгарон он замонҳо ба хулосаи дурусту сареҳ омада буданд, ки истифодаи босамару натиҷаовари мулки давлатӣ ба зиддиятҳову душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ шуда метавонад. Иқтисоди бозаргониро бошад, танҳо шаклҳои гуногуну ҳархела ва бо ҳамдигар муқобили моликият асоси боэътимод шуда метавонанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо ҳанӯз дар даврони ба истиқлолият расидани Тоҷикистон дар раванди ислоҳоти куллии иқтисодиёти мамлакат доир ба рӯоварӣ ба иқтисоди бозаргонӣ барномаҳои мушаххаси ғайридавлатӣ гардонидани моликият пеш гирифта шуда буд. Дар рафти ин ислоҳоти иқтисодии тамоми меҳанро фарогиранда шаклҳои мухталифи моликият ба вуҷуд оварда шуданд.

## 5. Хислатҳои намоёни моликияти хусусӣ

Чунонки дар боло нишон дода шуд, яке аз шаклҳои маъмулу васеътар паҳншудаи моликият дар ҷаҳони муосир-моликияти хусусӣ мебошад. Хислати фарққунандаи мулки хусусӣ аз ҳамон иборат аст, ки вай ба ашхоси ҷудогона, хонаводаю оилаи шаҳрвандони алоҳида мансуб буда метавонад. Ҷомиаи ҳозирзамон дар баробари ба вуҷуд овардани мулки хусусии беҳамтову назарнамо, роҳу василаҳои ҳархелаву гуногуни ҳифзи онро ба вуҷуд оварда тавонистааст. Дар мамолики ҷаҳони ҳозира қонунҳои сершумору пурқудрат ва роҳу василаҳои намоёни ҳифзи мулки хусусӣ ба миён оварда шудаанд. Чунки барои соҳибмулкону соҳибкорони давронамон ҳифзи ҳуқуқии ин моликият яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор мераванд.

Шогирдон баъзан мавриди таснифи моликияти хусусию шахсӣ ба иштибоҳу наросоиҳо роҳ медиҳанд. Мебояд мадди назар дошт, ки дар байни мулки хусусию шахсӣ ҳаммонандию шабоҳат низ ҷой доранд. Бинобар он аломату хислатҳои фарққунандаи онҳоро донистану ҷудо кардан зарур мебошад.

Дар назари мо моликияти хусусию шахсӣ аз рӯи мансубият якҷояву якхела мебошанд. Аммо сарчашмаи моликияти хусусӣ амалан на меҳнати худӣ, балки меҳнати дигарон, кормандони кироя ва монанди инҳо мебошад. Сарчашмаю мояи воқеии моликияти шахсӣ бошад меҳнату заҳмати худи соҳиби мулк ё аъзоёни оилаи вай мебошад.

Баъзеҳо чунин ақидаро паҳн карда меоянд, ки моликияти хусусӣ бо истисмору истифодаи меҳнати кироя пойбанд мебошад. Мавриди моликияти шахсӣ бошад, истисмор ҷой надошта, хочагиҳои шахсӣ ба амалу меҳнати соҳибон асос меёбанд. Илова бар он мулки хусусӣ аз ҷиҳати иқтидору ҳаҷм ва монанди инҳо хеле намоёну воло буда метавонад, аммо мулки шахсӣ нисбатан хеле тангу маҳдуд намудор мегардад. Ҳарчанд мулки шахсӣ ҳам мавриди даст додани имконот ва ноил гардидан ба камёбиҳои назаррас тадриҷан ҳаҷми фоидаи худро фузун гардонида, ба моликияти хусусӣ табдил ёфта метавонад. Набояд фаромӯш кард, ки моликияти хусусӣ қуввату дармон ва қувваи ҳаракатдиҳандаи истеҳсолоти молӣ мебошад.

## 6. Зарурат ва оқибатҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликият дар Тоҷикистон

Солҳои тӯлони - қариб 70 сол ҷаҳони сармоядорию иқтисоди бозаргонӣ ба низоми Иттиҳоди Шӯравии собиқ муқобилият мекард. Дар нимаи дуюми асри XX ҷаҳониён дарёфтанд, ки роҳи умдаву намоён ва боэътимоди ягонагию бартараф сохтани низоми бюрократию фармонӣ – ин рӯй овардани халқҳо ба барқарорсозии иқтисоди бозаргонӣ буда метавонад. Ҳамин тавр, бозсозии соли 1986 дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ пешгирифташуда, шиори бозгаштан ба иқтисоди бозаргониро дошт. Ин амали ҳамаҷониба мулоҳизакорона боиси ҳамон гардид, ки дар ҳамон давра парокандашавию фаноравии лагери ҷаҳонии сотсиалистӣ ба вуқӯъ пайваст. Таи ҳамон ҷараёну равишҳо Тоҷикистон ҳам моҳи сентябри соли 1991 ба истиқлолият расид. Ҳарчанд ислоҳоти куллии иқтисоди бозаргонӣ, вазифаҳои рӯоварӣ ба иқтисоди бозаргонӣ  ва ғайридавлатӣ гардонидани моликиятро ба нақша гирифт, иҷрои ин вазифаҳо таи ҷанги шаҳрвандию бӯҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ниҳоят дароз кашид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равияҳои зерини ғайридавлатӣ гардонидани моликиятро корбурд намуданд:

- Фурӯши озоди мулки давлатӣ,
- Саҳҳомигардонии моликият,
- Ба иҷора гузоштан.

Зарурати истифодаи равияҳои зайлро ҷараёни мухталифи иқтисодиёти мамлакат муайян карда буданд. Ҷанги шаҳрвандии оғозшуда ҳам дар ҳиссае мақсади «Тақсимоти меросро» дошт. То соли 1997 ҳиссаи алоҳидаи молу мулк фурӯхта ва саҳҳомӣ гардонида шуда бошад, ҳиссаи дигари он аз ҷониби қувваҳои муайяни дохилию аҷнабӣ ғасб карда ба ғорат бурда онҳоро таи тасарруфи худ гирифтанд. Ҳамин тавр, ҷомеаи Тоҷикистон ба хараҷу мараҷи беандоза, ғасбу горат кашида шуда, дар натиҷаи ин ҳаёту мамоти худро аз даст дод ва ба як давлати кӯчаки ғоратгардида табдил ёфт.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, тадриҷан моликияти саҳҳомӣ, хусусӣ, ҳамҷоя, муштарак ба фаъолияти воқеӣ расиданд. Пас аз истиқрори сулҳ (с.1997) иқтисодиёт бо душвориҳо

қадам ба қадам ба эътидол оварда мешуд. Дар баробари ин шаклҳои моликият ҳам тағйир ёфта, сол то сол ҳиссаи моликияти хусусию саҳҳомӣ зиёд ва моликияти давлатӣ камтар мешуд. Пажӯҳишгарон таъкид доранд, ки то соли 2003- м ғайридавлатӣ гардонидани моликияти корхонаҳои хурду миёна ба анҷом расонида шуда, тӯли солҳои 2003 – 2007 ғайридавлатӣ гардониданифирмаҳои калон ба анҷом расида буд. Натиҷаҳои ҳосилшударо аз ҷадвали 3.1. дидан мумкин аст.

*Ҷадвали 3.1.*

**Шумораи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шаклҳои моликият таи солҳои 1991 – 2008**

**01.01. сол (адад)[1]**

| № р/т | Намудҳои корхонаҳо аз рӯи моликият | 1991 | 1995 | 1999 | 2000 | 2003 | 2004 | 2005 | 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Давлатӣ | 4197 | 4897 | 5757 | 5784 | 6166 | 6370 | 6601 | 8599 |
| 2 | Хусусӣ | 2237 | 4726 | 9176 | 10279 | 15545 | 23911 | 27017 | 37538 |
| 3 | Коллективӣ | 2193 | 3119 | 4519 | 4895 | 7597 | 9448 | 10723 | 16291 |
| 4 | Дигар шаклҳо | 170 | 225 | 309 | 328 | 487 | 570 | 645 | 923 |
| 5 | Ҳамагӣ | 8797 | 12967 | 1976 | 12128 | 29795 | 40299 | 45000 | 63352 |
| 6 | Мулки хусусӣ. Фоиз аз шумораи умумӣ % % | 25,4 | 36,5 | 46,4 | 48,3 | 52,2 | 59,3 | 60,1 | 59,3 |

Чи тавре, ки аз ҷадвали 3.1. дида мешавад, соли 1991 дар шумораи умумии корхонаҳои Тоҷикистон ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ 24,5% бошад, соли 2008 ин нишондиҳанда ба 59,3 фоиз расида буд.

---

[1] ниг. Тоҷикистон, 15-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷ оморӣ. Д.,2006, саҳ. 215, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии омори Тоҷикистон, 2009 саҳ. 215

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Моликият чист?
2. Тафовути соҳибию даромадгириро фаҳмонед?
3. Пайдо шудани моликият кай сурат гирифт?
4. Кадом шаклҳову намудҳои моликиятро медонед?
5. Моликияти хусусиро тасниф диҳед?
6. Норасоиҳои моликияти давлатӣ кадомҳоянд?
7. Чаро ғайридавлатӣ гардонидани моликият зарур буд?
8. Натиҷаи ғайридавлатӣ гардонидан чист?
9. Масоили меросгузориро маънидод намоед?
10. Дар бобати сектори давлатии иқтисод маълумот диҳед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Маънидоди мазмуни иқтисодии моликият
2. Маънидоди мазмуни ҳуқуқии моликият
3. Шаклҳо ва намудҳои моликият
4. Мавқеи моликияти давлатӣ ва зиддиятҳои он.
5. Мавқеи моликияти хусусӣ
6. Ғайридавлатӣ гардонидани моликият
7. Роҳҳо ва усулҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликият
8. Кодекси Шаҳрвандии Тоҷикистон ва инъикоси моликият дар он.

## V. ТЕСТҲО

**1. Мавқеи моликият дар иқтисод кӯчаку ноаён буда метавонад?**

а) шояд;
б) наход;
в) ҳаргиз;
г) мебояд;

**2. Мулкдорию фармонравоӣ мафҳумҳои якхелаанд?**

а) мавридҳои ҷудогона;
б) мумкин қадар;
в) шояд баъзан;
г) ҳеҷ гоҳ, набояд.

**3. Низоми фармонию бюрократии Шӯравӣ кадом шакли моликиятро афзалияту волонят таъмин мекард?**

а) хусусиро;
б) саҳҳомиро;
в) ҳамҷояро;
г) давлатиро.

**4. Барои хислату мароми фаъолият дар иқтисоди бозаргонӣ кадом шакли моликият мусоидтар мебошад?**

а) ҳамҷоя;
б) хусусӣ;
в) давлатӣ;
г) саҳҳомӣ.

**5. Фирмаи замонавии ба 10 нафар шарикон мансуббуда одатан кадом навъи моликиятро ихтиёрдорӣ карда метавонад?**

а) хусусиро;
б) муштаракро;
в) давлатиро;
г) саҳҳомиро.

**6. Давлат аз ҳисоби маблағи қарзҳои хориҷӣ сохтмони консерни замонавии истеҳсолкунандаи таҷҳизоти технологиро ба нақша гирифт. Нишон диҳед, ки корхона ба кадом шакли моликият шомил мешавад.**

а) давлатӣ;
б) саҳҳомӣ;
в) хусусӣ;
г) ҳамҷоя.

**7. Шаҳрванд то ибтидои соли 2008-ум автомобили боркашеро дар ихтиёри худ нигоҳ медошт. Пас аз семоҳаи аввал вай автомобилро барои боркашонии мардумон истифода намуд. Шакли моликият тағйир ёфт ё на?**

а) шояд;
б) эҳтимол;
в) албатта;
г) наход.

**8. Фирмаи замонавиро се давлат сохта ба истифода супориданд. Навъи шакли моликияти ин фирмаро нишон диҳед.**

а) ҳамҷоя;
б) саҳҳомӣ;
в) рафиқона;
г) муштарак.

**9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи намоёни муассисоти таълимию мактабҳои ҳамагонӣ ба кадом шакли моликият мансубанд?**

а) ҳусусӣ;

б) давлатӣ;

в) ҳамҷоя;

г) кооперативӣ.

**10. Чаро мулки хусусиро дар замони мо мутобиқу мувофиқ ба пешрафти иқтисодии ҷомиа медонанд?**

а) чунки вай амалан ба соҳибаш фоида меоварад;

б) чунки вай нафъу манфиати иқтисодии ҳар якеро мадди назар дорад;

в) зеро ин мулк воқеан ҳар як хавфу хатарро бартараф месозад;

г) чунки вай ҳеҷ гоҳ ба ғорат бурда намешавад.

## VI. АДАБИЁТ


1. Баликоев В.З. Общая экономическая история. И-е Издание. М: «Омега - А», 2008, Разд. второй, стр. 133 – 158.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, «Паёми ошно», қисми 1, 2006, саҳ. 290 – 312.
3. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. М: «Инфра _М», стр. 88-99.
4. Самуэльсон П., Нордхаус В. Экономика. М: 2008, стр. 29-80
5. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика. М.: «Дело», 1999, стр. 119 - 133.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Ободии Тоҷикистон аз заҳмати омӯзгор аст. «Омӯзгор», № 44, 31.10.с. 2008, саҳ.4.
7. Эргашев А., Муҳатбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисод. Қисми якум. Душанбе, «Эрграф», 2003, саҳ. 95 – 131.
8. Экономическая теория. Часть 1. Учебник. Под. ред. Ларионова И.К. и др. М: 2006, стр. 164 – 232.

# БОБИ 4.
# ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ. МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН. ПАЙДОШАВИИ ПУЛҲО

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Тақсимоти меҳнат ва пайдошавии истеҳсолоти молӣ.
2. Маънидоди мол ва хислатҳои он. Арзиш ва арзиши истеъмолӣ.
3. Хислати духелаи меҳнати ба мол масрафшуда.
4. Масъалаҳои ҳисобу ченкунии арзиш ва арзиши истеъмолии молҳо.
5. Инкишофи мубодила ва пайдо шудани пулҳо.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Таҳаввули хоҷагидорӣ ва пайдо шудани хоҷагиҳои молӣ.
2. Мол ва хусусиятҳои он.
3. Зиддияти дохилии меҳнати ба мол масрафшуда.
4. Марҳилаҳои инкишофи мубодила ва тағйири шаклҳои арзиш.
5. Пайдошавии пулҳо. Сиккаи пулҳо.
6. Зиддиятҳои истеҳсолоти молӣ.

### 1. Таҳаввули хоҷагидорӣ ва пайдо шудани хоҷагиҳои молӣ

Тадқиқгарон аз замонҳои пеш диққати худро ба омӯхтани масъалаҳои истеҳсолоти ҷомеа ҷудо мекарданд. Ҳанӯз мутафаккири халқамон Закариёи Розӣ, ки дар даврони салтанати Сомониён умр ба сар бурдааст, дар асараш «Тибби рӯҳонӣ» нишон дода буд, ки ба туфайли пайдо кардани тахассусҳо ҳар яке аз бандагони Худованд бо ихтисосе пайванд шуда мемонданд ва бо василаи иҷрои заҳмат дар ҳамон тахассус қӯти зиндагонии худро дарёфта метавонанд. Яъне, дар даврони тотаърихии ҳаёти одамизодагон истеҳсолот таъиноти бевоситаи истеъмолиро дошт. Неъматҳои истеҳсолшаванда дар шафати хоҷагӣ ва ё до-

хили худи он ба истеъмол масраф карда мешуданд. Гӯё неъматҳо бидуни мубодила ба истеъмол ҷалб мешуданд.

Хоҷагиҳои дар ин гуна марҳилаи таърихӣ фаъолиятбарандаро хоҷагиҳои маҳсулотӣ (натуралӣ) номидаанд. Ба хоҷагиҳои маҳсулотӣ хоҷагидории авлодию қабилагӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ мансуб дониста мешаванд. Тақсимоти минбаъдаи меҳнат, пайдо шудани тахассусҳо, ҷабҳаҳову соҳаҳои истеҳсолот ва дигарҳо боиси пайдо шудани хоҷагиҳои молӣ мегарданд. Тафовути намоёнтарини хоҷагиҳои молӣ – ин инкишофи тақсимоти меҳнат, пойдоршавии мулки хусусӣ, манфиатҳои иқтисодии инфиродӣ мебошанд. Ин нишонаҳо боиси ба саҳнаи фаъолият расидани хоҷагиҳои молӣ мегарданд.

Хоҷагиҳои молӣ одатан хоҷагиҳое мебошанд, ки дар ҳиссаи аксар маҳсулотро барои дар бозор фурӯхтан истеҳсол менамоянд. Ин ҳолат талаб менамояд, ки хоҷагиҳои молӣ амалан озод буда, шумораи нисбатан зиёду беинтиҳои хоҷагиҳоро дарбар гиранд. Дар ин гуна маврид мақсаду мароми онҳо дар натиҷаи фурӯши молҳои истеҳсолшуда ба даст овардани фоида буда метавонад. Хислати умумии хоҷагиҳои молӣ ҳамон мебошад, ки ҷамеи онҳо мақсади ягонаи фоидаситониро доранд. Аммо ин мақсади умумиро ҳар яке аз онҳо бо роҳу василаи худ амалан пиёда карда метавонанд.

Равиши ба хоҷагиҳои молӣ табдил ёфтани хоҷагиҳои маҳсулотиро дар нақша тасвир карда метавонем (ниг. ба нақша 4.1.)

*Нақшаи 4.1.*

**Табдилшавии хоҷагиҳои маҳсулотӣ ба хоҷагиҳои молӣ**



Хоҷагии молӣ якчанд марҳилаи инкишофу таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Аз ҳамин нуктаи назар фарқ карда мешавад:

- Хоҷагии молии оддӣ.
- Хоҷагии молии сармоядорӣ (ривоҷёфта).
- Хоҷагии молии танзимшаванда.

Ҳар яке аз ин хоҷагиҳои молӣ сатҳи ба худ хоси инкишоф, зиддиятҳо ва афзалиятро доро мебошад.

## 2. Маънидоди мол ва хислатҳои он. Арзиш ва арзиши истеъмолӣ

Зери мафҳуми мол ҳамон махсули меҳнати кормандон, хизматҳо фаҳмида мешаванд, ки таъиноти мубодила (фурӯшро) дар бозор доранд. Ҳар як моли ба фурӯш пешниҳодшаванда бояд дорои хислати духела бошад. Яке аз ин хислатҳои мол манфиатнокӣ ё нафърасонӣ буда метавонад. Мо ҳодисаву чизҳои зиёди дар табиат ҷой доштаро дучор омада метавонем, ки онҳо нафърасон ё манфиатнок ба мардумон мебошанд. Мисол, оби дар табиат буда, ҳаво, ҷангал, меваҳои худрӯй, наботот ва монанди инҳо ба мардумон нафъ мерасонанд. Аз ин боис ҳам, одамон аз ҳаво нафас мекашанд, обу дигар захираҳоро корбурд мекунанд. Чизҳо ва ҳодисаҳои манфиатнок худ аз худ мол намешаванд, чунки барои ба мол табдил ёфтан онҳо бояд бо меҳнат пайванд гарданд ва ё натиҷаи масрафи меҳнат бошанд.

Дар ҳаёти воқеӣ нафърасонӣ ва ё манфиатнокиро бо ибораи «арзиши истеҳмолӣ» нишон медиҳанд. Хислати дигари молҳо дорои арзиш ва ё қимат доштани онҳо мебошад. Қиматнокӣ ва ё «арзиш» шаҳодат медиҳад, ки ҳар як молу хизмат натиҷаи меҳнати маҳсулноки барои истеҳсоли он масрафшуда мебошад. Тадқиқгарони алоҳида чунин ақидаро паҳн кардани мешаванд, ки арзиши истеъмолӣ хислати тафовутнокию фарққунандаи молҳо мебошад. Аз ин боис, вайро хислати ҷудогонаю нотакрор ва инфродӣ меҳисобанд. Нишонаи арзиш доштан бошад, ҳамчун хислати умумию ягонаи ҷамеи молҳо ҷой

дошта метавонад. Вай нишонаи ҳамаи молҳо буда, бо ҳамин васила хислати умумии молҳоро ба тасвир меоварад. Яъне агар аз рӯи арзиш ҳамаи молҳоро ба ҳамдигар қиёсу муовиза кардан имконпазир гардад, аммо хислати арзиши истеъмолии ҳар як мол аз ҳамдигар фарқ карда меистад.

Баъзе тадқиқгарон ақида доранд, ки гӯё «қиматнокӣ» дорои қимат будан ба нишонаи арзиши молҳо шабоҳат дорад. Аз ин боис ҳам, мавридҳои ҷудогона вай ҳамчун хислати умумӣ зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, қимат ё арзиш дар мубодила нафъу манфиати фурӯшгару истеҳсолгарро акс менамоянд, нафъ ва манфиатнокӣ бошанд бар эҳтиёҷ ва талаботи харидор – истеъмолгарон хизмат менамоянд. Дар амал ҳама вақт молҳову хадамот танҳо бо шарти доштани хислати духела ҳамчун мояи хариду фурӯш хизмат карда метавонанд. Инсон дар рафти таърихии инкишофи худ ба такомулот ва пешрафти хислатҳои хосаи мол – арзиш ва арзиши истеъмолӣ низ ноил мегардад.

### 3. Хислати духелаи меҳнати ба мол масрафшуда

Назарияи арзиши меҳнатӣ талқин менамояд, ки амалан мол маҳсули меҳнати масрафшуда мебошад ва ин меҳнат дар навбати худ хислати духеларо доро аст. Дар асарҳои классикони иқтисоди сиёсӣ (Адам Смит ва Давид Рикардо) нишон дода мешуд, ки меҳнати ба мол масрафшаванда хислатҳои умумию инфиродиро доро мебошад. Карл Маркс ин нишондоди классиконро пурра гардонида, дар пояи яке аз кашфиётҳои илмии беназираш ба хулоса омада буд, ки меҳнати ба истеҳсоли молҳо масрафшаванда хислати духела дорад:

а) меҳнати муҷаррад (абстрактӣ) ва

б) меҳнати инфиродӣ (конкретӣ)-ро дар бар гирифта метавонад. Ҳамин тавр, аз даврони фаъолияти илмии Карл Маркс меҳнати дар мол таҷассумшударо ба хислатҳои муҷарраду инфиродӣ (абстрактию конкретӣ) ҷудо мекардагӣ шуданд. Мебояд иқрор кард, ки ин кашфиёти Маркс яке аз комёбиҳои намоёнтарини илми иқтисодӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба

шумор мерафт. Ба туфайли ин кашфиёт кушоиши классикони иқтисоди сиёсӣ ба як назарияи тому пай дар пай ва муназзаму босалиқа табдил ёфта буд. Ҳарчанд солҳои минбаъда кашфиёти зайл зери тозиёнаи танқид гирифта шуда буд. Аммо ҳарифон нури ин кашфиётро хомӯш гардонида натавониста буданд.

Ҳамин тавр, меҳнати барои истеҳсоли молҳо масрафшаванда хислати духелаи муҷарраду инфиродӣ дошта, ҳар яке дар навбати худ хислатҳои арзишу арзиши истеъмолии молро ба миён меоваранд. Мебояд иқрор шуд, ки меҳнати муҷаррад ҳамчун хислати умумию ягона ва қиёсшавандагии молҳо хизмат мекунад. Меҳнати инфиродӣ бошад, ба сифати хислати фарққунандаи меҳнати дуредгар, андовачӣ, устод, муҳандис, бинокор, ҳисобдор ва амсоли инҳо зуҳур ёфта, аз рӯи тахассус, мақсади фаъолият, олоту ашёи истифодашаванда фарқ карда меистад.

Барои қиёсу муовиза кардани меҳнати ба молҳо масрафшаванда меҳнати одию мураккабро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Меҳнати бе таълиму омодагии пешакӣ иҷрошавандаро оддӣ меноманд. Меҳнати мураккаб бошад, ҳамчун маҷмӯи меҳнатҳои оддӣ тасаввур карда мешавад. Вай дар воҳиди вақт бузургии зиёдтари арзишро ба вуҷуд меоварад.

Меҳнати муҷаррад аз меҳнати воқеӣ фарқ мекунад. Зеро ки онро ҳамчун меҳнати оддӣ тасаввуршаванда мефаҳманд, ки муносибати иқтисодии ҷомеаи одамонро доир ба мубодилаи молҳо пешниҳод менамояд. Аз ҳамин боис низ меҳнати муҷаррад ҳамчун ҳодисаву равиши ягонагӣ имкони қиёс кардани молҳоро фароҳам меоварад.

Мебояд иқрор шуд, ки таълимоти хислати духелагии меҳнати ба молҳо масрафшаванда яке аз комёбиҳои намоёнтарини мактаби классикони иқтисоди сиёсии британиягӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд дар асарҳои Смит ва Рикардо таснифу маънидоди хислатҳои меҳнати муҷарраду инфиродиро дучор омадан амри маҳол аст. Танҳо Карл Маркс нишондодҳои классиконро ҳамчун асос қабул карда, дар мавридҳои ҷудогона онҳоро танқид намуда, бо ҳамин васила «Назарияи арзиши меҳнати»-аиро ба миён оварда буд. Ғайр аз он Кард Маркс кашфиёти меҳнати муҷарраду инфиродиро дар пояи «назарияи

истисмор ва табодули инқилобӣ»-и худ гузошта буд. Аз ин боис ҳам дар замони мо ҳиссаи зиёди тадқиқгарони иқтисодиёт ба ин нишондодҳо ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд. Чунки муаммоҳои истисмору зиддиятҳои иҷтимоиро ва тафаккури инқилобиро асри мо мақбул намедонад.

### 4. Масъалаҳои ҳисобу ченкунии арзиш ва арзиши истеъмолии молҳо

Ҳанӯз аз замонҳои қадимтарин инсон кӯшишҳои ба таври аниқ чену андоза кардани арзиш ва арзиши истеъмолии молҳоро пеш гирифта меояд. Мувофиқи тадқиқоти баъзе пажӯҳишгарон ҳарчанд дар ин равиш комёбиҳо он қадар ҳам намоён нестанд. Чунки мувофиқи нишондоди Новичков А.В. то ҳол ҳам башарият роҳи ченаку андозаи меҳнати ҷомеагиро ба таври сареҳ муайян карда натавонистааст.[1] Таъкид карда мешавад, ки арзиши молҳо аз рӯи нишондиҳандаи тақрибии масрафи меҳнат ба мол муайян ва таъин карда мешавад. Қиматнокии мол барои истеҳсолгару фурӯшанда мувофиқи меҳнати масрафшуда муайян мегардад. Ҳарчанд ин роҳи муайян кардани қиматнокӣ, ки арзиши мубодилавӣ ва ё нарх номида шудааст, ҳолати устувору доимӣ набуда, балки ҳамчун аҳд ва ақди лаҳзаинаву даргузар ҷой дошта метавонад. Хислати даргузариву муаққатии ин ҳолатро мо дар ҳамон мушоҳида карда метавонем, ки дар бозори воқеӣ нархи молҳо ҳама вақт якхела неву ҳархела муайян карда мешаванд.

Хислати дигари мол нафърасонӣ ё қиматнокӣ барои харидор ё истеъмолгар мебошад, ки онро арзиши истеъмолӣ номидаанд. Арзиши истеъмолии молҳо низ нишондиҳандаи инфиродӣ мебошад. Чунки ҳарчанд нишондиҳандаи истеъмолии молҳо бо хислатҳои мавҷудаи сифат, доштнокӣ, мӯҳлати хизмат, мутобиқат ба истеъмол ва дигарҳо муайян мегардад, вай дар навбати худ дар ҳолатҳои ҷудогонаи истеъмол ҳархела

---

[1] Ниг. Новичков А.В. Политическая экономия. Курс лекций. Издание 4-е М.: «Маркетинг», 2002, стр. 126-136.

зуҳур меёбад. Аз ин боис ҳам, харидорон аз истифодаи молҳои якхела ба таври гуногун нафъ ситонида метавонанд.

Яке аз мактабҳои иктисодии дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX шӯҳратёфта номи «Мактаби австриягӣ» ва назарияи ин мактаб номи «Назарияи интиҳои манфиатноки»-ро ба худ гирифтааст. Дар гузоришоти ин мактаб нишондиҳандаи манфиатнокиро бо «нафъ» (ютил) ҳисоб мекунанд. «Нафъ» ё «нафърасони»-и молҳо баробари афзуншавии миқдори онҳо торафт паст мегардад. Дар замони мо баъзе нишондиҳандаҳои хусусии нафърасонӣ ё манфиатнокии неъматҳову молҳоро бо мақсадҳои муайян корбурд менамоянд. Мисол, барои таҷҳизоту мошинҳо иқтидори истеҳсолиро, барои гизои одамон хосияти гармидиҳиро (каллорияро), барои либос шинамию доштнокиро ва ғайра. Ҳарчанд ин нишондиҳандаҳо ҷавобгӯй ба фаъолияти хоҷагидорӣ аст, аммо ҳаргиз ба талаботи назарияи иқтисод мувофиқ нест.

### 5. Инкишофи мубодила ва пайдо шудани пулҳо

Чи тавре, ки дар боло нишон дода шуд, хислати фарқкунандаи истеҳсолоти молӣ ҷараёни мубодилаи молҳо мебошад. Яъне дар ҳолати ҷой доштани хоҷагиҳои молӣ мубодилаи мунтазаму доимии молҳо давом ёфта, дар навбати худ ҳамчун сабабгори инкишофи зиддиятҳои дохилии онҳо ба равнақу ривоҷи мубодила мусоидат менамояд, ки ин маром боиси пешрафту инкишофи худи истеҳсолоти молӣ низ мегардад.

Карл Маркс дар ҷилди якуми асари беҳамтояш «Капитал» чор зинаи инкишофи мубодилаи молиро нишон додааст, ки ба ҳар яке аз ин марҳилаҳои инкишоф шаклҳои мухталифи арзиш рост меомаданд:

1) Шакли оддӣ ё фавқулодаи арзиш. Тарҳи мубодила дар шакли зайл чунин буд:

$$A = B \qquad \text{ё} \qquad X = Y$$

2) Шакли васеъ ё пурраи арзиш:

$$X\begin{cases} = Y \\ = A \\ = B \\ = D \\ = C \end{cases}$$

3). Шакли умумии арзиш:

$$\left.\begin{matrix} Y = \\ A = \\ B = \\ C = \end{matrix}\right\} X$$

4). Шакли пулии арзиш:

$$\left.\begin{matrix} X = \\ Y = \\ A = \\ B = \\ C = \end{matrix}\right\} 5гр.тилло$$

Аз маълумоти пешкашшуда шогирдони арҷманд маълум карда метавонанд, ки дар зинаи аввали мубодила шакли оддии арзиш корбурд шуда, мавриди мубодила молҳои ҷудогона бо ҳамдигар қиёсу муовиза карда мешуданд. Минбаъд ҷомеа ин амалиётро ба воситаи тиллову нуқра, ки онҳо ҳам навъҳои мол ҳисоб мешуданд, ба субут мерасонидагӣ мешавад. Муддати муайяни таърихӣ ҳамчун воситаи муомилот фулузоти тиллову нуқра корбурд мешуданд, ки онҳо пулҳои табиию ҳақиқӣ ба ҳисоб мераванд. Аз фулузоти ноасил пулҳои майдаро сикка мезананд. Муомилоти пулҳои табиӣ дар таърихи тамаддун марҳилаҳои зеринро аз сар гузаронидаанд:

- муомилоти молӣ;
- муомилоти серфулузӣ (биметализм);
- муомилоти яккафулузӣ (монометализм);
- муомилоти пулҳои когазӣ.

Ҳамин тавр, тадқиқгарон ба хулоса меоянд, ки пулҳо ҳамчун натиҷаи зиддиятҳо ва ривоҷи мубодилаи молӣ ба арсаи таърихии ҳаёти мардумон ворид гардида, минбаъд аз рӯи маҷмӯи қонуниятҳову қонунҳои барои худ хос фаъолият мебаранд. Ин масъалаҳо дар бобҳои дигар омӯхта мешаванд.

Мебояд таъкид кард, ки муомилоти молҳо таърихи ниҳоят тӯлонии амалкард ва ривоҷу равнақро аз сар гузаронидааст. Ин таърих то ҳамон дараҷа дуру дароз мебошад, ки пажӯҳишгарон сирату андом ва ибтидою оғози онро ба таври аниқ нишон дода наметавонанд. Танҳо тадқиқоту омӯзишҳо нишон додаанд, ки баъзе нишонаҳои муомилоти молии қадимаро ҳанӯз асрҳои XVII-XVIII дар ҳаёту фаъолияти сохтори авлодии халқҳо, ки замони охир идома ёфтаанд, дучор омадан имконпазир буд. Ва дар ин бобат шаҳодатҳои қотеъонаи таърихӣ вуҷуд доранд.

Ақидае вуҷуд дорад, ки дар ибтидо ҳамчун воситаи муомилот молҳои ҷудогона корбурд мешуданд ва дар давраи эҳё мардумон зиёдтар ба муомилоти фулузоти асил гузаштанд. Ҳарчанд шаҳодатҳои истифодаи тангаҳои рехтаи (сиккаҳои) мисину нуқрагин ва тиллоӣ дар таърихи қадимаи халқи тоҷик низ кам нестанд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Тавсифу маънидоди хоҷагии маҳсулотиро пешниҳод намоед.
2. Хоҷагии молиро тасниф диҳед!
3. Мол чист ва вай чӣ гуна хислатҳоро доро мебошад?
4. Сабаби хислати дуҷелаи молро дар чӣ мебинед?
5. Арзиш чист?
6. Арзиши истеъмолӣ чист?
7. Нишондиҳандаи миқдории арзиш чист?
8. Қиматнокиро чӣ хел мефаҳмед?
9. Шаклҳо ва зинаҳои инкишофи мубодила кадомҳо буданд?
10. Сабабҳои пайдо шудани пулро номбар намоед.
11. Пул чист? Онро тасниф диҳед!
12. Кадом намудҳои пулҳоро медонед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Муҳаммад Закариё Розӣ дар бобати тақсимоти меҳнат ва тахассусҳо.
2. Сабабҳои пайдо шудани истеҳсолоти молӣ.
3. Хислатҳои фарққунандаи истеҳсолоти оддии молӣ.
4. Сабабҳои тайёр кардани тангаҳои рехта (сиккадор).
5. Маънидоду тасвири пулҳои табиӣ.
6. Муомилоти пулҳои табиӣ.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Аз ақидаҳои овардашуда тавсифи мувофиқи истеҳсолоти молиро ҷудо намоед.**

а) хоҷагии барои бозор коркунанда;
б) хоҷагии дар бозор коркунанда;
в) хоҷагии маҳсулоташ ба истеъмол раванда.
г) хоҷагии маҳсулоташ ба мубодила таъиншуда.

**2. Таснифи хоҷагии молии оддиро ҷудо кунед.**

а) хоҷагии ба мулки хусусӣ ва меҳнати соҳибаш асосёфта;
б) хоҷагии дар пояи мулки хусусӣ фаъолиятбаранда;
в) хоҷагие, ки маҳсулаш фурӯхта мешавад;
г) хоҷагии дар пояи тақсимоти меҳнат амалкунанда.

**3. Сабабҳои асосии пайдо шудани истеҳсолоти молӣ кадомҳоянд?**

а) ба миён омадани тақсимоти ҷомеагии меҳнат;
б) тақсимоти меҳнат ва афзуншавии ҳосилнокии он;
в) ба вуҷуд омадани мулки хусусии воситаҳои истеҳсолот;
г) ҳаёти осоиштаву якҷояи мардумону қабилаҳо.

**4. Натиҷаи иқтисодии тақсимоти ҷомеагии меҳнатро нишон диҳед.**

а) ба миён омадани касбу корҳои ҳархела;
б) пайдо шудани тақсимоти тахассусии одамон;
в) афзуншавии ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ;
г) зиёдтар истеҳсол шудани неъматҳо.

**5. Хислатҳои асосии мол кадомҳоянд?**

а) доштани арзиш ва арзиши истеъмолӣ;

б) таъмин кардани талаботи одамон;

в) доро будан ба сатҳи дилхоҳи сифат;

г) ба таъмини талаботу мубодила мувофиқ омадан.

**6. Арзиши истеъмолии мол чиро мефаҳмонад?**

а) манфиати дилхоҳро;

б) доштнокии молро;

в) нафърасониро;

г) қобили истеъмолиро.

**7. Арзиши молро кадом навъи меҳнат ба вуҷуд меоварад?**

а) меҳнати оддӣ;

б) меҳнати муҷарад;

в) меҳнати мураккаб;

г) меҳнати содда.

**8. Хислати фарққунандаву намоёни истеҳсооти молӣ кадом аст?**

а) истеҳсол кардани маҳсулот;

б) доимо барои бозор кор кардан;

в) таъиноти мубодила доштани маҳсулот;

г) ташкили мақсадноки истеҳсолот.

**9. Пул мол шуда метавонад?**

а) бале;

б) чаро;

в) ҳаргиз;

г) бояд.

**10. Сабаби асосии пайдо шудани пулро ҷудо намоед.**

а) истихроҷи фулузоти ҳархела;

б) зарурати гирдоварии сарват;

в) ба миён омадани мубодила;

г) инкишофи ҳамаҷонибаи мубодила.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-е издание. М.: «Омега – Л». 2008, Гл. VI, стр. 159-189.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Нашри сеюм. Душанбе, «Паёми ошно», Қисми 1, 2006, саҳ. 138-173
3. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. М:. 2006, стр. 274-286
4. Самуэльсон П., Нордхаус В. Экономика. М:, 2007, стр. 81-98
5. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи И.Р. Экономика. М:. «Дело-ЛТД». 1999, стр. 135-152.
6. Станковская И.К., Стрелец И.А. Экономическая теория. 3-е издание. М:. «Эксмо-Мирвис», 2008, стр. 341-355.
7. Экономическая теория. Учебник. Часть 1. Под ред. Ларионова И.К. и др. М: 2006, стр. 233-251.
8. Экономическая теория (политэкономия). Под общ. ред. Видяпина В.И. М:. «Инфра М», 1999, гл. 9.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Боби 1. Инсоният дар остонаи хатарҳои глобалӣ. Душанбе, «Ирфон», 2006, саҳ. 1-46.
10. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Душанбе, «Эрграф», 2003, қ.1, саҳ. 132-162.

## БОБИ 5.
## БОЗОР: МОҲИЯТ, ВАЗИФА, ТАРКИБ ВА СУБЪЕКТҲОИ ОН

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Бозор, моҳият ва омилҳои муайянкунандаи он
2. Масъалаҳои бунёдии низоми бозорӣ
3. Вазифа ва омилҳои асосии худтанзимгарии бозор
4. Сохтор ва зерсохтори бозор, намудҳои онҳо

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Бозор, моҳият ва аломатҳои асосии он
2. Тавсифи вазифаҳои асосии бозор
3. Моҳият, низом ва субъектҳои иқтисоди бозорӣ
4. Зерсохтори бозор ва нақши он дар ташкил ва тараққии иқтисодиёти миллӣ

#### 1. Бозор, моҳият ва омилҳои муайянкунандаи он

Бозор ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ мавҷудияти истеҳсолоти молӣ, муносибатҳои молию пулӣ, муомилоти молу хизматрасониро ифода менамояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ бозор – ин ҷараёни муомилоти ташкилкардашуда мебошад. Дар маънои васеаш мафҳуми бозор – ин муносибатҳои иқтисодии лаҳзаҳои истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмолоти молу хизматрасонӣ мебошад, ки дар асоси ҳаматарафа истифода бурдани пул ба вуҷуд меояд.

Бозор дар марҳалаи муайяни тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд омад ва аз он вақт то ба имрӯз як қатор дигаргуниҳои миқдорию сифатиро аз сар гузаронид. Бозор шакли муайяни ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он

баҳамалоқамандию баҳамтаъсиррасонии истеҳсолот ва истеъмолот тавассути механизми нарх таъмин карда мешавад.

Аз ин нуктаи назар, бозор танҳо ва ҳатман як майдони муайян намебошад. Зеро, масалан, шабакаи телекоммуникатсионӣ ҳам бозор шуда метавонад, ки тамоми оламро фаро гирифтааст ва дар он хариду фурӯши мол ё иттилоот ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, ***бозор пеш аз ҳама маҷмӯи муносибатҳои озоди иқтисодии байни истеҳсолкунандагону (фурӯшандагону) истеъмолкунандагон (харидорон) мебошад, ки ба ҳавасмандии тарафайн асос ёфтааст.***

Бозор воситаи тавонои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти ба истеъмолкунанда нигаронидашуда мебошад. Амал кардани бозор ногузирии кам намудани хароҷоти истеҳсолотро ба ҳар як воҳиди маҳсулот аз истеҳсолкунандагон талаб намуда, ба самаранок истифода бурдани тамоми захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мусоидат мекунад.

Звенои асосии муносибатҳои бозаргонӣ механизми нарх мебошад, зеро вай алоқаи байни истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон, фурӯшандагону харидоронро таъмин менамояд, таклифоти мол ва хизматрасониро бо талабот ба онҳо баробар карда метавонад. Иқтисоди бозорӣ – ин низоме мебошад, ки бо нархҳои озод назорат, танзим ва идора карда мешавад.

Унсурҳои марказии иқтисоди бозорӣ мол, пул, тиҷорат, рақобат ва нарх мебошанд. Агар мол ва пул объектҳои бозорро ташкил диҳанд, фурӯшандагону харидорон субъектҳои бозор мебошанд. Ба сифати мол на фақат маҳсулоти баровардашуда, ё ки хизмати расонидашуда, балки омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин) низ баромад мекунанд. Ба сифати пул бошад, тамоми воситаҳои молиявӣ баромад мекунанд, ки муҳимтаринашон худи пул мебошад. Тамоми фурӯшандагону харидорон ба се гурӯҳи субъектҳои бозор ҷудо карда мешаванд: хоҷагии хонагӣ, фирма(соҳибкорӣ) ва давлат. Аксарияти субъектҳои бозор дар як вақт ҳам харидор ва ҳам фурӯшанда мебошанд. Субъектҳои хоҷагӣ дар бозор аз ҳамдигар вобастаанд ва ба ҳам таъсир мерасонанд, раванди боҳамалоқамандии хариду фурӯшро ташкил медиҳанд. (нигаред ба нақшаи 5.1.)

**Тамсилаи гирдгардиши бозорӣ**
**(молу хизматрасонӣ, даромад, харочот)**



Гирдгардиши бозорӣ – ин ҳаракати муттасили молҳо ва захираҳо, даромад ва хароҷот мебошад. Ба туфайли бозор истеҳсолкунандагон талабот ба молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ (озуқа, либос, манзил)-ро, ки зарур мебошад, таъмин менамоянд. Агар қобилияти харидории талаботи истеъмолкунанда бо таклифоти молҳо бо ҳам мувофиқ ояд, ҳарду тараф (ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда) ба мақсад мерасанд. Истеҳсолкунандагон моли баровардаашонро бо нархе мефурӯшанд, ки хароҷоти истеҳсолиро пӯшонида, гирифтани фоидаро таъмин карда метавонад. Дар натиҷа даромади истеҳсолкунандагон (соҳибкорон, фирмаҳо) ташаккул меёбад. Барои истеъмолкунандагон бошад нархи бозорӣ бояд ба қобилияти харидории онҳо ҷавоб дода тавонад.

Бозор қобилияти ба субъектҳо дараҷаи баланди озодии иқтисодӣ таъмин намуданро дорад. Харидор озодӣ ба даст меорад:

- аз неъматҳои бисёр ва ҳамдигарро ивазкунанда, моли дилхоҳашро интихоб менамояд;
- аз байни фурӯшандагони бисёр онҳоеро ҷустуҷӯ менамояд, ки хубтар хизмат расонида, маҳсулотро бо нархи муносиб фурӯхта метавонанд.

Фурӯшанда озодона метавонад:

- харидори муносибро интихоб намояд;
- имконияти бо ихтиёри худ истифода бурдани пули аз фурӯши мол ба даст овардаро дошта бошад, фурӯшандагон масъалаҳои чӣ бояд фурӯхт, ба кӣ фурӯхт ва бо кадом нарх фурӯхтанро худашон ҳал менамоянд.

Асоси инкишофи бозориро тақсимоти ҷаъиятии меҳнат ва моликияти хусусӣ будани воситаҳои истеҳсолот ташкил медиҳанд. Маҳз онҳо дар маҷмӯъ муомилоти махсули меҳнатро ҳамчун мол таъмин карда метавонанд. Ҳамин тавр, аломатҳои асосии иқтисоди бозорӣ инҳоянд:

- миқдори номаҳдуди иштирокчиёни хариду фурӯш, озодона ба бозор ворид шудан ва озодона аз он баромадани онҳо. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як шахс ҳуқуқ дорад бо соҳибкорӣ машғул шавад, ё ки онро қатъ гардонад. Истеҳсол-

кунандагон (фурӯшандагон) ҳамагуна намудҳои фаъолият (соҳибкорӣ, амалиёти фондӣ, фаъолияти бонкӣ, зироаткорӣ ва ғайра) - ро интихоб кунанд. Дар навбати худ, истеъмолкунандагон (харидорон) метавонанд ҳамаи он чӣ ки мехоҳанд харида гиранд. Пас, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, фурӯшандагон ва харидорон ҳуқуқи баробар доранд. Ҳамин тавр, озодии иқтисодӣ – озодии рафтори иқтисодӣ амалӣ мешавад, ки ҳеҷ як аз иштирокчиёни бозор наметавонад ба қарори иштирокчии дигари бозор таъсир расонад; бидуни ихтиёрӣ тарафи дигаронро тағйир диҳад:

- зудҳаракатии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ мақсади зиёд намудани даромадро дорад. Ба ин ноил гаштан имконпазир, танҳо дар мавриди васеъ кардани истеҳсолот, аҳзуд намудани техникаи нав, ҷорӣ кардани технологияи ҳозиразамон;

- дар бораи таклифот, талабот, нарх, меъёри фоида иттилооти пурра ва ҳақиқӣ доштани ҳар як субъекти бозор. Бе чунин иттилоот субъекти бозор наметавонад мавқеи худро муайян намояд ва дар бораи мувофиқи мақсад будани харидан ё фурӯхтани ин ё он мол қарори дуруст қабул намояд;

- набудани монополияи истеҳсолкунанда, молҳои якхелаю ҳамном, зеро дар акси ҳол дар бозор озодии иқтисодии рафтори фурӯшандагон ва харидорон вуҷуд дошта наметавонад.

## 2. Масъалаҳои бунёдии низоми бозорӣ

Дар бозор ҳазорҳо ва миллионҳо истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон байни ҳамдигар ихтиёрӣ муносибатҳои хариду фурӯши мол ва хизматрасониро барқарор мекунанд. Муносибатҳои хариду фурӯшро барқарор намуда, ҳар яке аз тарафҳо мақсади ягона дорад – ҳолати иқтисодии худро беҳтар намояд. Илова бар ин, амалиёти онҳо номаълум бо низоми нарх ва бозор ба ҳамдигар мутобиқ кунонида мешавад.

Панҷ масъалаи бунёдии амал кардани низоми иқтисодии бозорӣ мавҷуданд, ки аз инҳо иборатанд:

**1. Чиро (кадом мол ва хизматрасониро) бояд истеҳсол намуд?** Кадом маҷмӯи мол ва хизматрасонӣ талаботи моддии ҷамъиятиро пурратар қонеъ кунонида метавонад? Ба саволи чиро бояд истеҳсол намуд, танҳо истеъмолкунандагон бо пули худ неъматҳои истеҳсолкардашударо харида гирифта, ҷавоб дода метавонанд. Дар мамлактҳои иқтисоди бозории тараққикарда дар соҳаи фурӯши молҳои талаботи оммавӣ чунин тарафҳои қонеъ кунонидани хоҳиши истеъмолкунанда (харидор) аҳамияти махсус пайдо мекунад: шакли зебо ва намуди зоҳирии мол, оддӣ будан дар истифодабарӣ, машҳур будани маркаи мол, бонуфузии истеҳсолкунанда, мӯҳлати кафолат, таъминоти мунтазам бо қисмҳои эҳтиётӣ, таъмири арзон, хизматрасонии аъло. Ва аз ҳама асосиаш фирмаҳо диққати харидоронро бо нархи арзони мол ҷалб карда метавонанд.

Барои ҳамин ҳам қоидаи муҳимтарини амал кардани субъектҳои истеҳсолкунандаи бозор – истеҳсол кардан даркор он чизеро, ки фурӯхтан мумкин аст, ба вай харидор талабот дорад, на баръакс фурӯхтан даркор, ки истеҳсол карда шудааст, мебошад. Ҳамин тавр, танҳо истеҳсоли чунин молҳое судманд (фоидаовар) мегардад, ки ба он харидор талабот дорад. Аз ин ҷост, ки вазифаи асосии истеҳсолкунанда – донистани он ки ба харидор чӣ лозим аст. Нархи неъматҳои ба фурӯш баровада шударо пардохт намуда, истеъмолкунандагон ҷои хароҷоти захираҳои истифодаи истеҳсолкунандаро пурра мекунанд ва мувофиқи мақсад будани интихоби истеҳсоли мазкурро собит менамоянд. Даромади ба даст даровардаи истеҳсолкунанда қисман фоидаи ӯро ташкил медиҳад ва қисми дигараш ба ивази захираҳои барои истеҳсоли нави молҳо ҷалб гардида, равона карда мешавад. Аз тарафи истеҳсолкунанда пардохти захираҳо ба даромади моликони омилҳои истеҳсолот табдил меёбад. Аз ҷумла, агар истеҳсолкунанда коргарон ва мутахассисонро ҷалб намояд, он вақт вай музди кор медиҳад, дигар шаклҳои мукофоти пулиро барои меҳнат, лаёқат ва ихтисос ҷорӣ менамояд.

**2. Чи қадар бояд истеҳсол намуд?** Дар кадом миқёс ва ё кадом қисми захираҳои мавҷудаоо дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ истифода бурдан лозим аст? Дар хотир бояд

кунандагон (фурӯшандагон) ҳамагуна намудҳои фаъолият (соҳибкорӣ, амалиёти фондӣ, фаъолияти бонкӣ, зироаткорӣ ва ғайра) - ро интихоб кунанд. Дар навбати худ, истеъмолкунандагон (харидорон) метавонанд ҳамаи он чӣ ки мехоҳанд харида гиранд. Пас, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, фурӯшандагон ва харидорон ҳуқуқи баробар доранд. Ҳамин тавр, озодии иқтисодӣ – озодии рафтори иқтисодӣ амалӣ мешавад, ки ҳеҷ як аз иштирокчиёни бозор наметавонад ба қарори иштирокчии дигари бозор таъсир расонад; бидуни ихтиёрӣ тарафи дигаронро тағйир диҳад:

- зудҳаракатии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ мақсади зиёд намудани даромадро дорад. Ба ин ноил гаштан имконпазир, танҳо дар мавриди васеъ кардани истеҳсолот, ағхуд намудани техникаи нав, ҷорӣ кардани технологияи ҳозиразамон;

- дар бораи таклифот, талабот, нарх, меъёри фоида иттилооти пурра ва ҳақиқӣ доштани ҳар як субъекти бозор. Бе чунин иттилоот субъекти бозор наметавонад мавқеи худро муайян намояд ва дар бораи мувофиқи мақсад будани харидан ё фурӯхтани ин ё он мол қарори дуруст қабул намояд;

- набудани монополияи истеҳсолкунанда, молҳои якхелаю ҳамном, зеро дар акси ҳол дар бозор озодии иқтисодии рафтори фурӯшандагон ва харидорон вуҷуд дошта наметавонад.

### 2. Масъалаҳои бунёдии низоми бозорӣ

Дар бозор ҳазорҳо ва миллионҳо истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон байни ҳамдигар ихтиёрӣ муносибатҳои хариду фурӯши мол ва хизматрасониро барқарор мекунанд. Муносибатҳои хариду фурӯшро барқарор намуда, ҳар яке аз тарафҳо мақсади ягона дорад – ҳолати иқтисодии худро беҳтар намояд. Илова бар ин, амалиёти онҳо номаълум бо низоми нарх ва бозор ба ҳамдигар мутобиқ кунонида мешавад.

Панҷ масъалаи бунёдии амал кардани низоми иқтисоди бозорӣ мавҷуданд, ки аз инҳо иборатанд:

**1. Чиро (кадом мол ва хизматрасониро) бояд истеҳсол намуд?** Кадом маҷмӯи мол ва хизматрасонӣ талаботи моддии ҷамъиятиро пурратар қонеъ кунонида метавонад?/Ба саволи чиро бояд истеҳсол намуд, танҳо истеъмолкунандагон бо пули худ неъматҳои истеҳсолкардашударо харида гирифта, ҷавоб дода метавонанд. Дар мамлактҳои иқтисоди бозории тараққикарда дар соҳаи фурӯши молҳои талаботи оммавӣ чунин тарафҳои қонеъ кунонидани хоҳиши истеъмолкунанда (харидор) аҳамияти махсус пайдо мекунад: шакли зебо ва намуди зоҳирии мол, оддӣ будан дар истифодабарӣ, машҳур будани маркаи мол, бонуфузии истеҳсолкунанда, мӯҳлати кафолат, таъминоти мунтазам бо қисмҳои эҳтиётӣ, таъмири арзон, хизматрасонии аъло. Ва аз ҳама асосиаш фирмаҳо диққати харидоронро бо нархи арзони мол ҷалб карда метавонанд.

Барои ҳамин ҳам қоидаи муҳимтарини амал кардани субъектҳои истеҳсолкунандаи бозор – истеҳсол кардан даркор он чизеро, ки фурӯхтан мумкин аст, ба вай харидор талабот дорад, на баръакс фурӯхтан даркор, ки истеҳсол карда шудааст, мебошад. Ҳамин тавр, танҳо истеҳсоли чунин молҳое судманд (фоидаовар) мегардад, ки ба он харидор талабот дорад. Аз ин ҷост, ки вазифаи асосии истеҳсолкунанда – донистани он ки ба харидор чӣ лозим аст. Нархи неъматҳои ба фурӯш баровада шударо пардохт намуда, истеъмолкунандагон ҷои хароҷоти захираҳои истифодаи истеҳсолкунандаро пурра мекунанд ва мувофиқи мақсад будани интихоби истеҳсоли мазкурро собит менамоянд. Даромади ба даст даровардаи истеҳсолкунанда қисман фоидаи ӯро ташкил медиҳад ва қисми дигараш ба ивази захираҳои барои истеҳсоли нави молҳо ҷалб гардида, равона карда мешавад. Аз тарафи истеҳсолкунанда пардохти захираҳо ба даромади моликони омилҳои истеҳсолот табдил меёбад. Аз ҷумла, агар истеҳсолкунанда коргарон ва мутахассисонро ҷалб намояд, он вақт вай музди кор медиҳад, дигар шаклҳои мукофоти пулиро барои меҳнат, лаёқат ва ихтисос ҷорӣ менамояд.

**2. Чи қадар бояд истеҳсол намуд?** Дар кадом миқёс ва ё кадом қисми захираҳои мавҷударо дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ истифода бурдан лозим аст? Дар хотир бояд

нигоҳ дошт, ки истеҳсолкунанда дар ҳалли масъалаи «чӣ бояд истеҳсол намуд?» ҳама вақт мақсади фоида гирифтан ва зарар надиданро ба пеш мегузорад, молеро истеҳсол менамояд, ки фоида оварда тавонад ва аз истеҳсоли он моле даст мекашад, ки зарар меорад. Гирифтан ё нагирифтани фоидаро қаблан ду чиз муайян менамояд:

- даромади умумӣ, ки истеҳсолкунанда аз фурӯши маҳсулот мегирад;
- хароҷоти умумии истеҳсоли мол.

Ҳам даромади умумӣ ва ҳам хароҷоти умумӣ – ду андозае (бузургие) мебошанд, ки таносуби «нарх-вақт-миқдори маҳсулот» ба вуҷуд оварда метавонад.

**3. Чӣ тавр ин маҳсулотро истеҳсол кард?** Кадом истеҳсолкунанда (соҳибкор, фирма) истеҳсолотро ташкил кунад ва кадом технологияи истеҳсолотро ҷорӣ намояд? Масъалаи «чӣ тавр истеҳсол намуд?» тавассути таваккалӣ (риск) ва интихоби соҳибкорӣ ҳал карда мешавад. Рақобати истеҳсолкунандагон дар бозор ба зарурати таъмини оммавӣ будани бароиш; кам гардонидани хароҷоти захира ба ҳар як воҳиди маҳсулот; самаранокии технологияи истеҳсолот (сифатнокии меҳнат ва техника); такмил додани хосиятҳои истеъмолии маҳсулот водор мекунад. Тоб овардан ба рақобати нархии мол ва гирифтани фоида танҳо дар ҳолати кам кардани хароҷот, нигоҳ доштани сифати баланди мол, баланд бардоштани дараҷаи самаранокии истеҳсолот мумкин аст.

**4. Барои кӣ ин маҳсулоти сохташуда, неъматҳои ҳархела таъин шудаанст? Кӣ онро бояд бихарад?**

Неъматҳои иқтисодӣ чи тавр байни истеъмолкунандагони инфиродӣ тақсим карда мешавад? Ҷавоб ба ин савол аз қобилияти харидории истеъмолкунанда вобаста аст. Қобилияти харидории истеъмолкунандагонро даромади онҳо аз меҳнат, моликияти зеҳнӣ, моликият ба замин, амволи ғайриманқул, қоғазҳои қиматнок, даромадҳои трансфертӣ ва гайра муайян мекунанд. Барои кӣ истеҳсол намуд қисмати муҳими иҷтимоӣ ҳам дорад, дар мавриди қобилияти пасти харидорӣ ин масъала

на бо низоми бозорӣ, балки бо ёрии қоида ва механизми вазифаи тақсимкунии давлат ҳал карда мешавад.

**Низоми мавҷуда қобилият дорад, ки ба тағйирёбиҳо мувофиқ гардад.** Низом оё метавонад вобаста бо тағйирёбии талаботи истеъмолӣ, таъминкунандаи захираҳо ва технологияи истеҳсолот дигаргунии даркорӣ ворид намояд?

Бояд қайд намуд, ки мавҷуд будани масъалаҳои бунёдии низоми бозорӣ бо бартараф намудани зиддияти асосии ҷамъиятӣ «бе интиҳо будани талабот – маҳдуд будани захираҳо» алоқаманд аст.

## 3. Вазифа ва омилҳои худтанзимгарии бозор

Вазифаҳои асосии бозор аз инҳо иборатанд: бо ҳам пайвастани истеҳсолот ва истеъмолот, додани баҳои ҷамъиятӣ ба меҳнати сарф кардашуда, ҳавасмандкунӣ, иттилоотӣ ва беҳдошти муҳити иқтисодӣ.

Бозор пеш аз ҳама **бо ҳам алоқамандии мустақими истеҳсолот ва истеъмолот,** истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаро таъмин менамояд. Ин вазифаро бозор тавассути таносуби таклифоти мол ва хизматрасонӣ бо талаботи харидории субъектҳои муносибатҳои бозорӣ иҷро менамояд. Бозор ба онҳо имконият медиҳад, ки байни ҳамдигар бо забони иқтисодии хариду фурӯши озоди молҳо, нархҳои озод, таносуби ташаккулёбии мувофиқи талаботу таклифот сухан ронанд.

**Бозор вазифаи баҳодиҳии ҷамъиятӣ ба меҳнати истеҳсолкунандагони ҷудогонаро** иҷро мекунад. Механизми чунин баҳодиҳӣ ба вуҷуд омадан ё наомадани хариду фурӯши моли истеҳсолкардашуда мебошад, ки натиҷаи меҳнат аст. Нишондиҳандаи иқтисодии судмандии мол ва хизматрасонӣ нарх мебошад. Нарх дар натиҷаи баҳамтаъсиррасонии се қувваи бозор - талабот, таклифот ва рақобат ба вуҷуд меояд. Моле, ки дар бозор ба фурӯш намеравад маънои онро дорад, ки меҳнати барои истеҳсоли чунин мол сарф карда шударо ҷамъият эътироф намекунад. Баръакс, меҳнати барои моли талаботи бисёр до-

шта ва бо тези ба фурӯш раванда сарф карда шударо ҷамъият қадр мекунад, зеро чунин мол ва меҳнат барои ҷамъият зарур аст.

**Вазифаи танзимгарии бозор** пеш аз ҳама тавассути механизми нархи озоди бозорӣ амалӣ мегардад. Сармоя аз соҳаҳои камфоида ба соҳа ва бахшҳои фоидаовари бизнес мегузарад. Дар натиҷа дар соҳаҳои аввала истеҳсол ва маҳсулот кам мешавад, дар соҳаҳои дуюмин бошад- истеҳсоли маҳсулот меафзояд. Нархи паст диққати харидорро ҷалб мекунад, талабот ба маҳсулот зиёд мешавад. Нархи баланд бошад – талаботро кам, харидорро дур мекунад. Ба туфайли чунин пасту баландшавии нарх амалиёти субъектҳои бозор танзим карда мешавад.

**Вазифаи ҳавасмандкунии бозор** низ тавассути механизми нарх иҷро мегардад. Ба воситаи нарх самаранокии хоҷагидорӣ ҳавасманд карда мешавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ онҳое дар ҷамъият бо фоидаи калон мукофотонида мешаванд, ки молҳои барои харидор заруриро бо сифати баланд ва нархи арзон истеҳсол намудаанд. Бо мақсади фоида гирифтан ва рақобатпазир будан соҳибкорон техника ва технологияи наву навтаринро ҷорӣ намуда, истеҳсолоти худро такмил медиҳанд, ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардоранд, хароҷоти истеҳсолиро кам мекунанд.

**Вазифаи беҳдошти муҳити иқтисодӣ.** Бозор иқтисодиётро аз хоҷагидории нодаркор ва бесамара тоза менамояд. Соҳибкороне, ки талаботи истеъмолкунандагонро ба инобат намегиранд, моли пастсифат мебароранд, барои пешрафт ва дараҷаи баланди даромаднокии истеҳсолоти худ ғамхорӣ намекунанд, нархро баланд мебардоранд, бизнеси худро идора карда наметавонанд, дар мубориза шикаст мехӯранд, бозорро тарк мекунанд.Баръакс, фирмаҳои самаранок амалкунанда ва барои ҷамъият манфиатнок тараққӣ мекунанд, бозор аз моли бесифат ва серхароҷоти қимат тоза мешавад.

**Вазифаи иттилоотии бозор**. Нархҳои муқаррargardida гӯё, ки ба соҳибкорон оид ба ҳолати ҳозираи бозор ва умуман иқтисодиёт хабар медиҳанд. Чунончӣ, тавассути нархи ҳархела (масалан, ба чой, кофе, курта ва костюм), тавассути пасту баланд шудани онҳо соҳиборон дар бораи миқёси истеҳсоли ин ё

он маҳсулот, дар бораи фаровонии бозор аз молҳо, дар бораи тағйирёбӣ ва талаботи аввалиндарачаи истеъмолкунандагон маълумот пайдо мекунанд.

Нархи дар бозор ба амал омада барои ҳамаи иштирокчиёни он иттилооти зиёде дода метавонад. Нархи доимо тағйирёбандаи маҳсулот ва захираҳо доир ба миқдор ва сифати зарурӣ, навъҳои гуногуни неъматҳои ба бозор баровардашуда, иттилооти объективӣ медиҳад. Нархи баланд дар бораи кам будани таклифот, нархи паст дар бораи фаровонии неъматҳо нисбат ба қобилияти харидории истеъмолкунандагон маълумот медиҳанд. Иттилооте, ки нархи бозорӣ дода метавонад, ҳар як иштирокчии фаъолияти хоҷагиро водор месозад, ки мавқеи худро бо конъюнктураи бозор муқоиса намуда, ҳисобу китоб ва ҳаракатҳояшро бо талаботи бозор мувофиқ гардонад.

## 4. Сохтор ва зерсохтори бозор, намудҳои онҳо

Мафҳуми ягонаи бозор таркиби мураккабе дорад ва дар тамоми бахшу соҳаҳои иқтисодиёт баромад мекунад. Вай маҷмӯи навъ ва намудҳои гуногуни бозорро дар бар мегирад, ки аз ҳамдигар бо унсур ва аломатҳои гуногунашон фарқ мекунанд. Барои ҳамин мафҳуми «таркиби (ё ки сохтори) бозор» истифода бурда мешавад, ки зери он сохти дохилии бо ҳам алоқамандии байни унсурҳои бозорро мефаҳманд. Ҳар як унсур хусусияти ба худ хосе дорад. Барои муайян кардани таркиби бозор аз рӯи аломатҳои ҳудудиаш, яъне мавқеи географиаш; аз рӯи хусусияти хариду фурӯшаш; аз рӯи дарачаи танзимшавандагиаш; аз рӯи дарачаи фаровониаш; аз рӯи аломати мувофиқи қонун будан; мувофиқи соҳаи истеҳсоли мол ва ғайра муайян мекунанд. Вале, дар адабиёти муосири иқтисодӣ сохтори бозорро бисёртар мувофиқи объектҳои хариду фурӯшшаванда, ё ки аломати иқтисодиаш тадқиқ менамоянд. Мувофиқи аломати вазифагӣ, яъне таъиноти иқтисодии объектҳои мубодилашаванда бозорҳои бешуморе вуҷуд доранд. Муаллифони китоби «Экономикс» К. Р. Макконнелл ва С. Л. Брю навиштаанд, ки

ҳоло дар ИМА бештар аз 20 миллион номгӯи молхо истеҳсол карда мешаванд. Дар бозори доруворин Руссия бештар аз 13 ҳазор номгӯи доруворихои истеҳсоли ватанию хориҷӣ мавҷуданд. Дар мағозаҳои хӯроквории Франсия бештар аз 400 намуди панир хариду фурӯш карда мешаванд. Дар музеи шоҳии анъанавии шаҳри Хуҷанд зиёда аз 600 намуди матои атлас пешниҳод шудааст. Дар Туркия тахминан 1250 намудҳои ангур мавҷуд аст. Маълум аст, ки ҳар як номгӯи мол бозори худро дорад. Бинобар ин, миқдори бозорҳо вобаста аз номгӯи мол бисёранд. Аммо барои таҳлил ҳамаи бозорҳои сершуморро мувофиқи таъиноти иқтисодиашон ё ки вазифагиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

**I. Бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ.** Ин намуди бозор аз се гурӯҳ иборат аст:

- бозори молҳои озуқаворӣ (орд, қанд, гӯшт, равған, кофе, мева ва ғайра);
- бозори молҳои истеъмолии ғайриозуқаворӣ (либос, пойафзол, асбобҳои рӯзгор, ашёҳои ороишӣ, яхдон, телевизор ва ғайра);
- бозори хизматрасонӣ (хизматрасонии маишӣ, коммуналӣ, тиббӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва ғайра).

**II. Бозори воситаҳои истеҳсолот.** Мувофиқи таснифоти СММ (ООН) аз рӯи аломати молию соҳавиаш, бозори воситаҳои истеҳсолот дар навбати худ ба се гурӯҳи калон ҷудо мешавад:

- бозори дастгоҳу таҷҳизот (маҳсулоти соҳаҳои мошинасозии умумӣ, электротехника ва асбобсозӣ, инчунин нақлиёт ва ғайра);
- бозори ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ (ангишт, нафту маҳсулоти нафтӣ, газн табиӣ, уран, фулузоти сиёҳ ва ранга, нуриҳои минералӣ ва ғайра);
- бозори ашёи хоми хоҷагии кишлок ва молҳои хоҷагии ҷангал (пахта, пашм, каучуки натуралӣ, чӯбу тахта, селюлёза ва ғайра).

**III. Бозори меҳнат (қувваи коргарӣ);**

**IV. Бозори молҳои ғайриманқул,** ки аз бозори манзил ва бозори замин иборат аст.

**V. Бозори молия**, ки аз бозорҳои пулҳои накдина, қоғазҳои қиматнок ва сармояи қарзӣ иборат аст.

**VI. Бозори иттилоотӣ**. Ба он пеш аз ҳама бозори маҳсули ақлонӣ (зеҳнӣ, интеллектуалӣ) дохил мешаванд.

Яке аз шартҳои асосии амал кардани низоми бозорӣ мавҷуд будани низоми боҳамалоқаманди идора, ташкилоту муассисаҳое мебошад, ки ҳаракати мол, хизматрасонӣ, пул, қоғазҳои қиматнок, қувваи коргариро таъмин карда метавонад. Онҳо зерсохтори хоҷагии бозориро ташкил медиҳанд.

**Зерсохтори бозор** – ин маҷмӯи муассиса, фирма ва ташкилотҳое мебошанд, ки бомуваффақият амал кардани ҳамаи намуд, унсур ва субъектҳои бозорро таъмин мекунанд. Сохторҳои ташкилдиҳандаи зерсохтори бозор истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулот ва хизматрасониро дар як фазои бозорӣ муттаҳид намуда, ба ҳамаи онҳо имконият медиҳад, ки мақсадҳои пешгузоштаашонро амалӣ гардонанд. Зерсохтори бозорро худи муносибатҳои бозаргонӣ ба вуҷуд овардаанд. Вай имконият медиҳад, ки мақсади иштирокчиёни бозор амалӣ ва хислатҳои маърифатнокии фаъолияти субъектҳои бозор таъмин гардад.

Мафҳуми «инфрастуктура»[1] дар таҳрири иқтисодӣ бори нахуст дар аввали асри XX барои нишон додани объект ва иншоотҳое, ки қобилиятнокии қувваҳои мусаллаҳро таъмин карда метавонанд, истифода бурда шуд.

Вазифаҳои зерсохтори бозор аз инҳо иборат мебошанд.

- осон гардонидани амалишавии манфиатҳои иштирокчиёни бозор;
- баланд бардоштани дараҷаи самаранокии фаъолияти субъектҳои бозорӣ дар асоси махсусгардонии унсурҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва намудҳои фаъолият;
- муташаккилона ба расмият даровардани муносибатҳои бозорӣ;
- осон ва самаранок гардонидани назорати ҳуқуқӣ ва иқтисодии танзими давлатӣ ва ҷамъиятии фаъолияти тиҷоратӣ.

---

[1] «Инфрастуктура» аз калимаи лотинӣ – «Infra» - «поёнтар», «дар зери»; «structura» - «сохтор», «мавқеъ», «ҷойгиршавӣ» ба вуҷуд омадааст.

Чун қоида, зерсохтори бозорро ба се намуд ҷудо мекунанд:

1) **Зерсохтори бозори мол**. Ба он биржаҳои молӣ, корхонаҳои савдои яклухт, чакана, аукцион, ярмарка, фирмаҳои миёнарав дохил мешаванд.

2) **Зерсохтори бозори молия.** Он биржаҳои асъор, бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, муассисаҳои амонатгузорӣ, фондҳои нафақа, ломбардҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

3) **Зерсохтори бозори меҳнат**. Унсурони асосии он аз биржаи меҳнат, идораи шуғлварзӣ, азнавтайёркунии мутахассисон, ташкилоти бо муҳоҷирати ҳудудии қувваи коргарӣ машғулбуда, иборатанд.

Ғайр аз ин, ба зерсохтори бозор **идораи реклама, идораи иттилоот**, идораи консултативӣ (консалтингӣ), компанияҳои аудиторӣ ва дигарҳо дохил мешаванд.

Дар байни унсурони зерсохтори бозор мавқеи махсусро **биржа** ишғол мекунад. Биржа (аз лотинӣ buvsa, нем. borse, франс. bourse, итал. borsa – ҳамён) гуфта муассисаи ҳуқуқи шахси юридикӣ доштаро меноманд, ки савдои озоди расмиро дар ҷои қаблан муайян гардида, дар вақти аниқ ва бо қоидаҳои муқарраршуда мегузаронад. Биржа шакли ташкилии савдои яклухти мол аз рӯи намуна, инчунин бозори хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок, тилло, асъор, қувваи коргарӣ мебошад.

Савдои биржавӣ – яке аз шаклҳои бозори муташаккил мебошад, ки мувофиқи қоидаҳои муқарраргардидаи дар ин ё он санадҳои меъёрӣ сабт гардида амал мекунад. Ба бозори муташаккил чунин хислатҳо хос аст:

- мавҷуд будани қоидаҳои устувори савдо, ҳисоббаробаркунӣ ва таъмини активҳо;
- мавҷуд будани ташкилоти роҳбарикунандаи кори бозор;
- тамаркузи (консентратсияи) талабот ва таклифот дар вақт ва фазои муайян;
- аз тарафи давлат ва ташкилоти ҷамъиятӣ танзим кардани кори бозор. Аслан биржаҳои молӣ, фондӣ, асъорӣ ва меҳнатиро аз ҳам фарқ мекунанд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Бозор чист? Кадом аломатҳои муайянкунандаи бозорро медонед?
2. Унсурҳои марказии иқтисоди бозорӣ кадомҳоянд?
3. Вазифаҳои бозорро тасвир намоед
4. Кадом панҷ масъалаи бунёдии низоми бозориро медонед?
5. Бозор чӣ тавр ба меҳнати молистеҳсолкунандагон баҳои ҷамъиятӣ дода метавонад?
6. Бозор чӣ тавр хоҷагии ҷамъиятӣ ва фаъолияти истеҳсолкунандагонро танзим карда метавонад?
7. Субъектҳои иқтисоди бозориро номбар ва онҳоро тасвир намоед?
8. Озодии харидорро дар шароити бозор дар чӣ мебинед?
9. Сохтори бозорро аз рӯи таъиноти иқтисодиашон муайян намоед?
10. Зерсохтори бозор чист? Кадом унсурҳои таркибии онро медонед?
11. Моҳияти биржаро ҳамчун унсури зерсохтори бозор муайян ва шаклҳои онро номбар намоед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Табиат ва хусусиятҳои бозори хизматрасонӣ.
2. Иттилоот ҳамчун омили истеҳсолот ва объекти бозор.
3. Моҳият ва унсурҳои зерсохтори бозор.
4. Хусусиятҳои ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон.
5. Биржа ҳамчун унсури зерсохтори бозор.

## V. ТЕСТҲО

**1.Бозор дар адабиёти муосири иқтисодӣ тавсиф карда мешавад, ҳамчун:**

а) маҷмӯи санадҳои ҳуқуқии хариду фурӯши молҳо байни одамон;
б) баҳамтаъсиррасонии талаботу таклифот барои зиёд намудани маҳсулот;
в) низоми муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон аст, ки ба манфиатҳои ҳарду тараф асос ёфтааст;
г) майдони хариду фурӯши молу хизматрасонии гуногун.

**2. Барои ҳалу фасли масъалаҳои бунёдии чӣ, чӣ тавр, барои кӣ истеҳсол кард? дар иқтисоди бозорӣ кӣ ҷавоб медиҳад?**

а) давлат, хоҷагиҳои истеҳсолкунанда, соҳибкорон;
б) соҳибкорон, хоҷагиҳои молистеҳсолкунанда, созмонҳои байналхалқӣ;
в) ҳеҷ ягон шахс, соҳибкор, ташкилот ё давлат ҷавоб намедиҳад;
г) ҳукумат, соҳибкорон, роҳбарони корхонаҳои истеҳсолӣ.

**3. Механизми кафолати бозории баҳои ҷамъиятӣ ба натиҷаҳои меҳнати истеҳсолкунандагон вобаста аст, аз:**

а) хариду фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба вучуд омад ё не?
б) истеҳсолот самаранок ташкил карда шудааст ё не?
в) соҳибкорон фоида гирифта тавонистанд ё не?
г) истеҳсоли мол тавассути техникаи наву навтарин ташкил карда шудааст ё не?

**4. Масъалаи чӣ, чӣ тавр ва барои кӣ истеҳсол кардро ҳал намуда, бозор:**

а) ба истеҳсоли молҳои зарурии иҷтимоӣ равона карда мешавад;
б) ҳамчун низоми худтанзимкунандаю чандир амал мекунад;
в) қонеъ кунонидани ҳама талаботи аъзоёни ҷамъиятро таъмин менамояд;
г) ба ҳамаи иштирокчиён ҳуқуқи баробар меҳнат карданро медиҳад.

**5. Дар шароити муносибатҳои озоди иқтисодӣ дар кадом миқдор ва ба куҷо равона карда шудани молро кӣ муайян мекунад?**

а) ҳукумат;
б) фурӯшандагон;
в) харидорон;
г) истеҳсолкунандагон.

**6. Аз рӯи таъиноти иқтисодиашон гурӯҳи бозорҳоро муайян намоед?**

а) бозори яклухт, бозори воситаҳои истеҳсолот, бозори чакана, бозори ошкоро, бозори маҳаллӣ;

б) бозори меҳнат, бозори воситаҳои истеҳсолот, бозори молия, бозори маҳсули ақлонӣ, бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ;

в) бозори неъматҳо ва хизматрасонӣ, бозори кашфиёти техникӣ, бозори коғазҳои қиматнок, бозори монополӣ, бозори ҷаҳонӣ;

г) бозори соҳавӣ, бозори рақобатӣ, бозори ошкоро, бозори ниҳонӣ, бозори яклухт.

**7. Ба зерсохтори бозор дохил мешаванд:**

а) бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои маориф ва тандурустӣ, фабрикаҳои дӯзандагӣ;

б) ширкатҳои аудиторӣ, мағозаҳо, ташкилоти сохтмонӣ, корхонаҳои молистеҳсолкунанда;

в) бонкҳои тиҷоратӣ, ярмаркаҳо, биржаҳо, ширкатҳои аудиторӣ, идораи реклама;

г) муассисаҳои хизматрасонӣ, фирмаҳои истеҳсолӣ, майдони хариду фурӯш, хоҷагиҳои деҳқонӣ.

**8. Дар Тоҷикистон хоҷагии хонагӣ кадом омилҳои истеҳсолотро ба бозор пешниҳод карда метавонад:**

а) меҳнат, сармоя, замин;

б) сармоя, замин, фаъолияти соҳибкорӣ;

в) фаъолияти соҳибкорӣ, меҳнат, замин;

г) меҳнат, қисман сармоя, фаъолияти соҳибкорӣ.

**9. Дар асари кадом мутафаккир қоидаи «дасти ноаён», ки равонкунандаи манфиати иқтисодии иштирокчиёни ҷараёни муомилоти молҳо мебошад, нишон дода шудааст?**

а) А. Смит - «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо»;

б) Д. Риккардо - «Ибтидои иқтисоди сиёсӣ ва андозситонӣ»;

в) А. Маршалл - «Принсипҳои экономикс»;

г) Дж. М. Кейнс - «Назарияи умумии шуғлварзӣ, протсент ва пул».

**10. Биржа - ин бозори ташаккулёфтааст. Фарқи биржа ҳамчун шакли олии бозор аз бозори муқаррарӣ дар чист?**

а) биржа бозори ташаккулёфта мебошад, ки дар он истеҳсолкунандагони бевоситаи мол фаъолона иштирок мекунанд;

б) биржа бозори танзимшаванда мебошад, ки манфиатҳои харидорон ҳимоя карда мешавад;

в) дар биржа истеҳсолкунандагон ва харидорон, инчунин моли хариду фурӯшшаванда бевосита иштирок намекунанд;

г) биржа бозоре мебошад, ки дар он танҳо маҳсулоти саноатӣ хариду фурӯш карда мешавад.

## VI. АДАБИЁТ


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Душанбе, 2006. Боби 6.
2. Курс экономической теории. Учебник./Под общ. ред. проф. Чепурина М. Н., проф. Киселевой Е. А. Киров, «АСА», 2009. Глава 5.
3. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. Пер. с 14-го англ. изд. М.: ИНФРА-М, 2005. Глава 4.
4. Сажина М. А., Чибриков Г. Г. Экономическая теория. Учебник. М.: Норма, 2005. Глава 3.
5. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика. Пер. 18-го англ. изд. М.: 000 «И.Д. Вильямс», 2008. Глава 2.
6. Экономическая теория. Учебник. Под. общ. ред. А.И. Архипова, С. С. Ильина М.: Изд-во Проспект, 2006. Глава 6
7. Экономическая теория. Учебник. /Под. общ. ред. акад. В. И. Видяпина, А. И Добрынина, Г. П. Журавлевой, Л. С. Тарасевича.М.: ИНФРА-М, 2008. Глава 3.
8. Экономическая теория. Учебник. /Под ред. Е.Н. Лобачевой. М.: Высшее образование, 2008. Глава 4.
9. Экономическая теория. Учебник для вузов/Под ред. А. И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. СПб.:Питер, 2009. Главы 5,6.
10. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Қисми аввал - Микроиқтисод. Душанбе, Эр-граф, 2003. Боби 6.
11. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т. В. Чечелевой. М.: Книж.дом «Либроком», 2010. Глава 6.

# БОБИ 6.
# ТАЛАБОТ, ТАКЛИФОТ ВА МУВОЗИНАТИ БОЗОРӢ.

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Талаботи бозорӣ, моҳият ва намудҳои он. Қонуни талабот
2. Моҳияти таклифоти бозорӣ. Қонуни таклифот ва мазмуни иқтисодии он.
3. Омилҳои ғайринархии ташаккулёбии талабот ва таклифот
4. Нархи бозорӣ ва мувозинати бозорӣ.

## 2. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Талабот, ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ. Қонуни талабот
2. Мазмуни иқтисодии таклифот. Қонуни таклифот
3. Чандирии талабот ва таклифот. Мазмуни иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои андозагирии онҳо
4. Моҳият ва вазифаҳои нархи мувозинатӣ

### 1. Талаботи бозорӣ, моҳият ва намудҳои он. Қонуни талабот

Дар охири асри XIX аввали асри XX дар илми иқтисодӣ ба сифати тадқиқоти аввалиндарача оҳиста-оҳиста чунин зуҳурот, ба монанди, талабот, таклифот ва чараёни боҳамтаъсиррасонии байни онҳо пайдо шуданд. Асосгузори «Экономикс» А.Маршалл дар асараш «Принсипҳои экономикс» (1890) қайд намудааст, ки то ин замон илми иқтисодиро ҳамчун илми тадқиқкунандаи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмолоти сарват муайян менамуданд. Вале соҳаи васеи муносибатҳои талабот ва таклифот вуҷуд дорад, ки ба сифати меҳвари тадқиқоти иқтисодӣ баромад намуда, ба онҳо ягонагӣ ва пайдарҳамӣ бахшид.

Механизми хоҷагидорӣ аз маҷмӯи унсурони байни ҳамдигар алоқаманд ва баҳамтаъсиррасонанда, маҷмӯи қонунҳои

иқтисодии муайянкунандаи ҳаракати унсурони хоҷагӣ ва инчунин аз сохтори ташкилии низоми иқтисодӣ, иборат аст. Унсурони асосии бозор: талабот, таклифот, нарх, рақобат мебошанд. Талаботу таклифот унсуроне ҳастанд, ки бо ҳам зич алоқамандананд, вале дар баробари ин муқобили якдигаранд, ба самтҳои муқобили якдигар ҳаракат мекунанд.

Дар ҳақиқат, маҳз дар баҳамтаъсиррасонии талабот ва таклифот мавҷуд будани низоми бозорӣ амалӣ мегардад. Талабот ва таклифот рафтори ду гурӯҳи субъектҳои зидди ҳамдигари низоми бозорӣ – истеъмолкунандагон (харидорон) ва истеҳсолкунандагонро (фурӯшан-дагонро) ифода менамояд. Ҳарду гурӯҳ манфиатҳои худро дораанд. Агар барои истеъмолкунандагон вазифаи асосӣ – ҳарчи зиёдтар қонеъ кунонидани талаботи худ бошад, барои истеҳсолкунандагон вазифаи асосӣ – ҳарчи бисёртар гирифтани фоида мебошад. Дар муносибатҳои байни ҳамдигарии субъектҳои бозор мавқеи асосиро истеъмолкунандагон ишғол мекунанд. Онҳо ба бозор бо пешниҳоди талабот мебароянд. Талабот чист?

**Талабот** ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ҳаҷми молҳоеро мефаҳмонад, ки истеъмолкунандагон мехоҳанд ва метавонанд харида гиранд. Талабот ин шакли ифодаи эҳтиёҷот ба мол ва хизматрасонӣ мебошад, ки дар бозор бо миқдори муқаррари воситаҳои пулӣ таъмин карда шудааст. Агар дигар хел ифода намоем, талабот ин қобилияти харидории эҳтиёҷот мебошад.

Мавҷуд будани талабот ба ин ё он мол розигии шахсият оид ба пардохтани нархи муайян аст. Ба талабот на танҳо шавқу рағбат доштан ва афзалият додани харидорон, андозаи даромадҳои пулӣ ва пасандози онҳо, балки инчунин нархи молҳои пешниҳодкардашуда низ таъсир расонида метавонанд.

Миқдори ин ё он мол, ки шахси алоҳида, гурӯҳи одамон, ё ки умуман аҳолӣ мехоҳад дар як воҳиди вақт (рӯз, моҳ, сол) дар шароити муайян харида гиранд, андозаи талаботро ташкил медиҳад. Пас андозаи талабот аз дараҷаи завқу рағбат ва авло донистани харидорон, нархи ин ва дигар молҳо, андозаи даромадҳои пулӣ ва андӯхт вобаста аст.

Нархи баландтарин (максималӣ), ки харидорон розианд ба миқдори муайяни ҳамин мол пул диҳанд, нархи талабот номида мешавад.

Вобастагии ҳаҷми талабот аз омилҳои муайяни он вазифаи талаботро ташкил медиҳад.

Дар мавриди муайян нарх ҳамчун нишондиҳандаи сифат баромад карда метавонад. Истеъмолкунанда на ҳама вақт дар бораи сифати моли пешниҳод гардида баҳои ихтисосмандона дода метавонад. Барои ҳамин ӯ нархи моли ба он талабот доштаашро чун нишондиҳандаи ба худ хоси сифати он (мол) қабул менамояд. Нархи баландро ҳамчун сифати баланд меҳисобад.

Вазифаи талабот – ин бо ҳам алоқаманд намудани эҳтиёҷот, хоҳиши ба даст даровардани мол ва омилҳои онро муайянкунанда мебошад. Талабот вазифаи бисёртарафа мебошад ва аз якчанд ҳолатҳо: нарх, даромад, молҳои ҳамдигарро ивазкунанда, молҳои ҳамдигарро пурракунанда вобаста аст.

Қонуни талабот амал мекунад. Он мутаносибие, ки байни дараҷаи нарх ва миқёси талабот ба вуҷуд меояд, қонуни талабот номида мешавад. Мувофиқи қонуни талабот дар ҳамагуна шароити баробар талабот ба мол дар ифодаи миқдориаш зери вобастагии баръакс аз нарх дигаргун мешавад: чӣ қадаре, ки нарх паст бошад, ҳамон қадар талабот зиёд мешавад ва баръакс, чӣ қадре, ки нарх баланд бошад, ҳамон қадар талабот кам мегардад. Ин ҳолат бо ду сабаб ба вуҷуд меояд:

- дар ҳолати паст шудани нарх истеъмолкунанда мехоҳад, ки бисёртар мол харад (самараи даромад). Самараи даромад нишон медиҳад, ки пастшавии нарх даромади ҳақиқии истеъмолкунандаро зиёд менамояд;
- дар ҳолати паст шудани нархи мол вай нисбат ба молҳои дигар арзонтар мешавад, ки харидани он нисбатан фоиданоктар аст (самараи ивазшавӣ). Самараи ивазшавӣ нишон медиҳад, ки харидор молҳои қиматбаҳоро ба молҳои нисбатан арзонтар иваз мекунад.

Қонуни талабот дар се ҳолат амал намекунад:

- дар мавриди талаботи пурталотум (ажиотажный спрос), ки хабари баландшавии нарх ба вуҷуд меоварад;
- барои баъзе молҳои нодир ва қиматбаҳо (тилло, антиквариат - атиқа, ашёи заргарӣ), ки воситаи пулгузорӣ мебошанд;
- дар ҳолати аз молҳои нистабан арзон гузаштани талабот ба молҳои баландсифат ва қиматноктар (масалан, гузаштани талабот аз маргарин ба равғани маска. Паст шудани нарх ба маргарин талаботро ба он зиёд намекунад).

Дараҷаи вокуниши як бузургӣ ба тағйирёбии дигар бузургӣ ёзандагӣ (чандирӣ) номида мешавад. То ба кадом сатҳ микёси талаботи бозорӣ дар ҳолати пастшавии нарх меафзояд, ё ки дар ҳолати ин гуна афзоиш талабот кам мешавад, дараҷаи ёзандагии талаботро ифода мекунад.

Нисбати чандирии талабот ба мол на фақат нарх, балки боз чунин омилҳои гайринархӣ таъсир мерасонанд:

- **мавҷуд будани молҳои ивазкунанда.** Чи қадаре, ки молхои ивазкунанда (субститут) бисёр бошанд, ҳамон қадар чандирии талабот зиёдтар аст. Масалан, дараҷаи чандирӣ ба «Оби Зулол» баландтар аст, зеро дигар намудҳои обҳои нӯшокӣ бисёр аст ва истеъмолкунанда ҳар вақт метавонад нӯшокиҳои гуногунро дастрас намояд. Дар баробари ин талабот ба маҷаллаи «Садои шарқ» ғайримавзун мебошад, зеро дигар ҳамин гуна маҷалаи адабӣ-бадеӣ нест;
- **омили вақтӣ**. Чӣ қадаре, ки дар давоми як вақти муайян истеъмолкунанда қодир бошад молро хоста гирад, ҳамон қадар чандирӣ баланд аст. Масалан, ҳамагуна мол дар бозори «Саховат» фаровон, нарх нисбатан арзон, талабот бошад-чандир аст, зеро харидор дар он бозор барои хоста гирифтани моли дилхоҳаш вақти бисёр дорад. Баръакс, нархи ҳамин гуна молҳо дар

назди истгоҳи «Роҳи оҳан» хело гарон, чунки барои мусофирон вақти интихоб карда харидани молҳо маҳдуд аст;

- **аҳамиятнокии мол барои истеъмолкнанда**. Талабот ба молҳои барои истеъмолкунада муҳимтарин асосан ғайри чандир аст. Мисол, истеъмолкунанда, ки ҳама вақт танҳо як ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»-ро мехарад, нархи ин ҳафтанома баланд шавад ҳам барои харидани он дар дӯкони рӯзномафурӯшӣ дар навбат меистад;
- **хиссаи хароҷот ба моли мазкур дар ҳаҷми умумии хароҷоти истеъмолкунанда**. Чӣ қадаре, ки дар буҷети субъекти иқтисодӣ хароҷот барои моли мазкур ҷои калонро ишгол намояд, ҳамон қадар дараҷаи чандирӣ зиёд аст. Масалан, агар дар бюҷети оилавӣ хароҷот барои китобхарӣ зиёд бошад, беҳад баланд гаштани нархи китоб метавонад ба харидани видеокасетаҳо оварда расонад.

## 2. Моҳияти таклифоти бозорӣ. Қонуни таклифот ва мазмуни иқтисодии он

**Таклифот** – маҷмӯи мол ва хизматрасоние мебошад, ки онҳоро истеҳсолкунандагон бо нархи муайян ба бозор барои фурӯш пешкаш намудаанд. Вобастагии байни нарх ва таклифот мустақим аст. Баробари баланд шудани нарх андозаи таклифот ҳам меафзояд. Агар истеъмолкунандагон кӯшиш намоянд, ки молро бисёртар ва арзонтар харанд, истеҳсолкунандагон – ҳаракат мекунанд, ки молро бисёртар ва қиматтар фурӯшанд. Таклифот тайёр будани фурӯшанда ва микдори зарурии молро дар давраи муайяни вақт нишон медиҳад. Микдори ин ё он мол, ки фурӯшандаи алоҳида ё ки гурӯҳи фурӯшандагон мехоҳанд дар як воҳиди вақт ва дар шароити муайян фурӯшанд, хаҷми таклифот номида мешавад. Ба ҳаҷми таклифот технологияи истифодашаванда, нархи ин ва дигар молҳо, аз ҷумла нар-

хи захираҳои истеҳсолӣ, миқёси андоз ва дотатсия таъсир мерасонанд. Ба ғайр аз ҳаҷми таклифот боз нархи таклифотро ҳисоб мекунанд. **Нархи таклифот** – ин нархи минималие мебошад, ки мувофиқи он истеҳсолкунанда мехоҳад миқдори муайяни моли мазкурро дар ҳамин лаҳза ва дар ҳамин ҷой фурӯшад.

Вобастагии ҳаҷми таклифот аз омилҳои онро муайянкунанда **вазифаи таклифот** номида мешавад.

Таклифот бо сабабҳои зерин зиёд шуда метавонад:

а) паст шудани нархи захираҳое, ки дар истеҳсоли моли мазкур истифода бурда мешаванд;

б) паст шудани нарх ба молҳое, ки «рақобатбар» -и ҳамин мол мебошанд;

в) такмил ёфтани технологияи истеҳсоли моли мазкур;

г) кам шудани андоз ё ки ҷой доштани дотатсия ба ҳамин мол.

Андозаи таклифот ва ё миқдори мол ва хизматрасонӣ, ки истеҳсолкунандагон тайёранд дар ҳамин лаҳза, дар ҳамин ҷой ва бо ҳамин нархҳои муқарраргардида фурӯшанд, на ҳама вақт ба миқёси истеҳсолот ва миқёси фурӯши дар бозор ҷойдошта рост меояд. Аз як тараф, агар нархи бозории моли фурӯхташаванда барои пӯшидани ҷои хароҷот нокифоя бошад, андозаи талкифот нисбат ба ҳаҷми ҳақиқии истеҳсолот кам мешавад. Аз дигар тараф, нархи баланди ба ягон маҳсулот муайянкардаи давлат метавонад сабаби аз ҷониби истеҳсолкунандагон афзун намудани ҳаҷми таклифот гардад. Вале ҳаҷми фурӯш, ки онро ҳам рафтори фурӯшандагон ва ҳам рафтори харидорон муайян мекунанд, мумкин дар ин ҳолат кам шавад.

Ҳаҷми бозории таклифот андозае мебошад, ки он тавассути ҷамъ кардани ҳаҷми пешниҳодоти истеҳсолкунандагони алоҳида дар ҳолати ҳамагуна нархҳои имконпазир, ташаккул меёбад. Зиёда аз ин дар назар дошта мешавад, ки ҳамаи дигар омилҳо, аз ҷумла нархи захираҳое, ки истеҳсолкунандагон истифода мебаранд, бетағйир мемонад.

Бояд таклифот ва ҳаҷми таклифотро аз ҳамдигар фарқ кард.

**Ҳаҷми таклифот** пеш аз ҳама аз намуди муайяни мол вобаста аст. Дар мавриди доимӣ будани нарх ҳаҷми таклифот вобаста аст, аз:

- мавҷуд будани молҳои ҳамдигарро ивазкунанда;
- мавҷуд будани молҳои пурракунанда, ё ки молҳои комплектшаванда (масалан, автомобил ва бензин, ручка ва ранг);
- тағйирёбии нарх ба молҳои ивазкунанда;
- нархи молҳои пурракунанда;
- даромади аҳолӣ (харидорони эҳтимолӣ);
- сифати молҳо, яъне маҷмӯи хусусиятҳои истеъмолии молҳо;
- муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва табиии зист.

Қонуни таклифот амал мекунад, ки мувофиқи он дар шароити баробар, таклифот дар вобастагии мустақим бо тағйирёбии нарх дигар мешавад. Яъне дар баробари баландшавии нарх истеҳсолкунандагон барои фурӯш моли бисёртарро пешниҳод мекунанд, дар баробари пастшавии нарх бошад – камтар мол пешниҳод карда мешавад.

Вобастагии таклифот ва нархро ин тавр маънидод кардан мумкин аст. Якум, фирмаҳои дар соҳаи мазкур амалкунанда, дар ҳолати баландшавии нарх иқтидорҳои захиравӣ ё ки иқтидорҳои нави бо тезӣ ба кор даровардашавандаро ба ҳаракат медароранд, ки дар натиҷа ба зиёдшавии таклифот меоварад. Дуюм, дар ҳолати баландшавии давомнок ва устувори нарх ба соҳаи мазкур дигар истеҳсолкунандагон ворид мешаванд, ки истеҳсоли мол ва таклифоти онро боз ҳам зиёд мекунад. Аммо, дар мӯҳлати кӯтоҳ на ҳама вақт зиёдшавии таклифот бо тезӣ баробари баландшавии нарх ба вуҷуд меояд, зеро шояд дар ҳамин маврид захираҳо барои васеъ кардани истеҳсолот вуҷуд надошта бошанд. Дар мӯҳлати тӯлонӣ бошад, афзоиши таклифот ҳамавақт баъди баландшавии нарх ба вуҷуд меояд.

## 3. Омилҳои ғайринархии ташаккулёбии талабот ва таклифот

Ба тағйир ёфтани талаботу таклифот омилҳои ғайринархӣ таъсир мерасонанд.

Омилҳои ғайринархии талаботи бозорӣ аз инҳо иборатанд:

- тағйирёбии шавқу рағбати истеъмолкунанда (ба он реклама, мӯд, тағйирёбии мавсими сол таъсир мерасонанд);
- тағйирёбии миқдори харидорон;
- тағйирёбии даромади харидорон;
- тағйирёбии нарх ба молҳои бо ҳам алоқаманд;
- тағйирёбии нарх ба молҳои ҳамдигарро пурракунанда;
- тағйирёбӣ дар интизории истеъмолкунанда (интизорӣ ба нархҳои оянда);
- дараҷаи қаноатмандии талабот;
- сиёсати иқтисодии ҳукумат (андозбандӣ, имтиёзҳои иҷтимоӣ).

Ба омилҳои ғайринархие, ки ба таклифоти бозорӣ таъсир расонида метавонанд, дохил мешаванд:

- тағйирёбии нархи захираҳо. Дар мавриди баландшавии он таклифот кам мешавад;
- тағйирёбии технология. Технологияи нав миқёси таклифотро зиёд намуда, хароҷотро кам мекунад;
- тағйирёбии муносибатҳои молиявии баниҳамдигарии давлат ва истеҳсолкунандагон. Ин муносибатҳо бо роҳи таъсиррасонӣ тавассути андоз, ё ки баръакс, ёрирасонӣ (субсидия) ба бизнеси хусусӣ ба вуҷуд омада метавонанд. Баланд шудани меъёри андоз хароҷотро зиёд менамояд, ки чун қоида ба кам шудани таклифот меоварад;
- дараҷаи нарх ба молҳои ивазкунанда;
- умедвории истеҳсолкунандагон. Таклифот зиёд мешавад, агар истеҳсолкунандагон умедвор шаванд, ки дар бозори мазкур нарх баланд, меъёри андоз кам, талабот зиёд, бозори фурӯш васеъ мешаванд;
- миқдори фирмаҳои дар бозор амалкунанда. Дар вақти ворид шудани фирма ба соҳа таклифот зиёд мешавад, баръакс дар мавриди аз соҳа баромада рафтани фирма таклифот кам мешавад.

### 4. Нархи бозорӣ ва мувозинати бозорӣ

Нарх на фақат омили муайянкунандаи талабот ва таклифот мебошад. Алоқаи баръакс низ вуҷуд дорад: талаботу таклифот дар навбати худ низ нархи бозориро муайян мекунанд. Хусусияти ин муайянкунӣ иборат аз он аст, ки дараҷаи яккаву ягонаи нархро дар бозор талаботу таклифот якҷоя ба ҷо меоранд, ки ҳам барои истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон) ва ҳам барои худи истеъмолкунандагон (харидорон) қобили қабул аст. Чунин нархи созишкорона нархи мувозинатии бозорӣ номида мешавад, зеро ҷамъулҷамъи талабот ва таклифот баробарвазн (мувозина) мегарданд.

Инро дар ҷадвали умумии талабот ва таклифот нишон додан мумкин аст. Нуқтаи ҳамдигарро буридани каҷхатаи талабот ва таклифот, нархи мувозинатиро ба вуҷуд меоварад.

*Нақшаи 6.1.*

**Ҷадвали умумии талабот ва таклифот ба моли шартӣ**




***Н – нарх***
***НМ – нархи мувозинатӣ***
***ТТ – талабот, таклифот***

*Нақшаи 6.2.*

**Худтанзимгарии бозории нархи мувозинатӣ**




Ҳолати иқтисодии ҳам фурӯшандагон ва ҳам харидорон аз конъюнктураи бозор вобаста аст. Конъюнктура – вазъи ҳозираи бозор мебошад. Конъюнктура дар зери таъсири омилҳои зерин дигаргун мешавад: ҳаҷми истеҳсоли молҳо, миқдори захираи онҳо, тағйирёбии нарх ва даромади пулӣ, ташкили савдо, реклама ва ғайра.

Бо ҳам таъсиррасонии мутақобилаи талабот ва таклифот тақдири молистеҳсолкунандагонро дар бозор, амалӣ гаштани мақсади онҳоро муайян мекунад.

Дар бозор се ҳолати мувозинати талабот ва таклифотро мушоҳида кардан мумкин аст:

а) таклифоти молҳо нисбат ба талабот зиёд мешавад: таклифот > талабот

б) талабот нисбат ба таклифот зиёд мешавад: талабот > таклифот

в) мувозинати бозории таклифот ва талабот: таклифот = талабот

Танзимкунандаи пуриқтидори талабот ва таклифот нарх мебошад. Нархи бозорӣ – нархи ҳақиқие мебошад, ки мувофиқи таносуби талабот ва таклифоти бозор муқаррар мегардад.

Нархи бозорӣ якчанд вазифаҳо, пеш аз ҳама, вазифаи иттилотиро иҷро мекунад. Нарх инчунин вазифаҳои танзимкунандагӣ, андозагирӣ, тақсимкунандагӣ, ҳавасмандгардонӣ, баҳисобгириро ба ҷо меорад.

**Вазифаи иттилоотии** нархи бозорӣ иборат аз он аст, ки вай дар бораи таклифоти молҳо ва аз тарафи фурӯшандагон нишон додани нархи дилхоҳашон ба маҳсулоти баровардашуда, дар бораи талаботу қобилияти харидорӣ доштани истеъмолкунадагон, дар бораи фаровонию камёфтии захираҳои истеҳсолӣ маълумот медиҳад. Ингуна иттилоот чун барометр вазъи «ҳаворо» дар хоҷагии молӣ ва бозор муайян мекунад.

Чунин <u>**қонунҳои бавуҷудоии нархи бозорӣ**</u> маълуманд:

- ✶ нарх ба чунин дараҷа майл мекунад, ки дар он талабот ва таклифот баробар аст;
- ✶ агар дар зери таъсири омилҳои ғайринархӣ зиёдшавии талабот дар ҳолати тағйир наёфтани таклифот, ё ки камшавии таклифот ба вуҷуд ояд, талабот тағйир наёбад ҳам, нарх баланд мешавад. Баръакс, дар ҳолати тағйир наёфтани таклифот талабот кам шавад, ё ки дар ҳолати тағйир наёфтани талабот таклифот афзояд – нарх паст мешавад.

Дар шароити рақобати озод дар зери таъсири қонунҳои нархташаккулёбӣ, нарх худ аз худ муқаррар мегардад. Вале,

мумкин аст дар натиҷаи амали монополияҳо, ё дахолати давлат, ки бо тариқи маъмурӣ нархро пасту баланд карда метавонад, шароити ташаккулёбии нархи бозорӣ вайрон шавад. Дар чунин ҳолат оид ба нархи «фарш» («пол») ва «шифт» («потолок») сухан меронанд. Нархи «шифт» баландшавии ҳаракати нархро ба боло маҳдуд мекунад. Ва баръакс, нархи «фарш» имконият намедиҳад, ки нарх аз ин ҳудуд паст фуроянд.

Вобастагии байни талабот ва нарх; байни таклифот ва нарх; байни нарх ва музди кор (даромад) чандирии талабот ва таклифотро ифода менамояд. Вай бо тези вокуниши талабот ва таклифотро ба тағйирёбии нарх нишон медиҳад.

Чандирии талабот бо нарх ё ки коэффитсенти чандирӣ ҳамчун таносуби тағйирёбии талабот бо фоиз ба тағйирёбии нарх бо фоиз муайян карда мешавад.

$$Ed = \frac{\%\Delta Q}{\%\Delta P},$$

ин ҷо: $Ed$ -коэффитсенти чандирии талабот бо нарх,

Q – миқёси талабот ба мол;

P - нархи мол

Агар пастшавии нарх зиёдшавии талаботро ба мол, ки аз он даромади молистеҳсолкунандагон тағйир намеёбад, даъват намояд, чандирии чунин талабот ба як воҳид баробар мешавад; агар дар натиҷаи пастшавии нарх талабот ба мол то ба он дараҷа баланд шавад, ки даромади умумии молистеҳсолкунанда зиёд шавад, он вақт талабот аз рӯи нарх чандир аст; агар пастшавии нарх зиёдшавии талабот ба молро ба вуҷуд оварад, ки дар он даромади умумии истеҳсолкунанда паст шавад, чунин талабот ба мол ғайри чандир мешавад.

Чандирии таклифот аз нарх тағйирёбии фоизии микдори моли пешниҳодшуда дар натиҷаи тағйирёбии як фоизаи нарх мебошад. Агар нарх баланд шавад, он вақт чандирии таклифот чун қоида мусбат мешавад, зеро нархи баландтарин барои истеҳсолкунандагон омили зиёд кардани истеҳсоли мол мегардад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Моҳияти талабот ва таклифоти бозориро муайян намоед?
2. Кадом вобастагии функсионалӣ қонуни талабот ва қонуни таклифот номида мешавад?
3. Омилҳои муайянкунандаи талабот ва таклифотро нишон диҳед.
4. Чандирии талабот ва таклифотро чӣ тавр мефаҳмед?
5. Талаботҳои харидорон дар бозори предметҳои истеъмолии мамлакатҳои тараққикардаи иқтисоди бозорӣ аз чӣ иборатанд?
6. Моҳияти иқтисодии қонуни талаботро фаҳмонед?
7. Қонуни таклифот чӣ тавр амал мекунад?
8. Омилҳои ғайринархии талаботи бозориро номбар намоед.
9. Мазмуни мувозинати бозориро фаҳмонед?
10. Нархи бозорӣ чист ва он чӣ тавр ташкил меёбад?
11. Кадом омилҳои ғайринархии таклифотро медонед?
12. Талабот ва манфитанокии мол чӣ тавр байни ҳамдигар алоқаманданд?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Мувозинати талаботу таклифот ва ташаккулёбии нархи бозорӣ.
2. Худтанзимкунии бозории нархи мувозинатӣ.
3. Чандирии (мавзунии) талабот ва таклифот.
4. Мавқеи талабот дар механизми бозорӣ.
5. Таъсири омилҳои иқтисодӣ ба мавзунии нархи талабот.

## V. ТЕСТҲО

**1. Дар назарияи иқтисодӣ зери мафҳуми «талабот» фаҳмида мешавад:**

а) маҷмӯи молҳо, ки истеҳсолкунандагон барои фурӯш бо нархи мувофиқ ба бозор пешкаш менамоянд;

б) эҳтиёҷот ба молҳое мебошад, ки новобаста аз хариду фурӯш шуданашон барои ҳаётгузаронӣ заруранд;

в) эҳтиёҷоти бо пул таъмин кардашуда ва ё миқдори пуле, ки харидорон мехоҳанд ва метавонанд моли дилхоҳашонро харида гиранд;

г) маҷмӯи молҳо, ки арзиши истеъмолӣ доранд ва ягон талаботи инсонро қонеъ кунонида метавонанд.

**2. Дар илми иқтисодӣ зери мафҳуми «таклифот» фаҳмида мешавад:**

а) маҷмӯи тамоми молҳои харидашуда, ки талаботро қонеъ мекунонанд;

б) маҷмӯи тамоми молҳои қаблан фурӯхташуда;

в) маҷмӯи молҳо, ки соҳибкорон тайёранд новобаста аз нарх истеҳсол намоянд;

г) маҷмӯи молҳои ба бозор пешкашкардашуда мебошад, ки истеҳсолкунандагон тайёранд бо нархи мувофиқ фурӯшанд.

**3. Камчинии молҳо дар бозор ба вуҷуд меояд, аз сабаби:**

а) бесамара будани ҷараёни хариду фурӯш;

б) мувофиқ наомадани талабот бо захираҳои мавҷуда;

в) ноустувор будани нарх дар бозор;

г) мувозинати буҷетро таъмин карда натавонистани давлат.

**4. Агар 5% пастшавии нарх ба 8% камшавии ҳаҷми таклифот оварда расонад, он вақт таклифот чӣ гуна аст?**

а) ночандир;

б) чандир.

**5. Агар нархи мол дар бозор баланд шавад, талабот ба мол чӣ гуна мешавад?**

а) талабот дар ҳолати пештара боқӣ мемонад;

б) талабот нисбат ба пештара меафзояд;

в) талабот аз таклифот зиёд мешавад;

г) талабот ба мол кам мешавад.

**6. Дар мавриди чандир будани талабот баландшавии нарх ба камшавӣ, ё ки зиёдшавии даромади умумии истеъмолкунандагон меорад?**

а) ба зиёдшавии даромади умумии истеъмолкунандагон;

б) ба камшавии даромади умумии истеъмолкунандагон;

в) ба бетағйир мондани ҳаҷми даромади умумии истеъмолкунандагон;

г) ба тағйирёбии ҳаҷми даромади умумии истеъмолкунандагон.

**7. Дар мавриди ночандир будани талабот пастшавии нарх ба камшавӣ, ё ки зиёдшавии даромади умумии истеъмолкунандагон оварда мерасонад?**

а) ба пайдо шудани манбаъҳои нави даромад;

б) ба бетағйир мондани ҳаҷми даромад;

в) ба камшавии даромади умумӣ;

г) ба зиёдшавии даромади умумӣ.

**8. Ночандирии талабот дар кадом ҳолат намудор мешавад?**

а) агар талаботи бо пул таъмин гардидаи харидорон ба тағйирёбии нарх ҳискунанда набошад;

б) агар талаботи бо пул таъмин гардидаи харидорон баробари пасту баландшавии нарх тағйир ёбад;

в) агар талабот баръакси болоравии нарх кам шавад;

г) агар талабот баробари болоравии нарх зиёд шавад.

**9. Ночандирии таклифот дар кадом ҳолати таносуби байни таклифот ва нарх ҷой доштанаш мумкин аст?**

а) агар таклифот дар ҳолати пасту баландшавии нарх тағйир наёбад;

б) агар таклифот дар ҳолати пасту баландшавии нарх тағйир ёбад;

в) агар таклифот як хел бо баробари болоравии нарх зиёд шавад;

г) агар таклифот баръакси болоравии нарх кам шавад.

**10. Чандирии талабот дар кадом ҳолати таносуби байни талабот ва нарх мушоҳида карда мешавад?**

а) дар ҳолате, ки эҳтиёҷот ва қобилияти харидории истеъмолкунандагон нисбат ба нарх бетағйир монад;

б) дар ҳолате, ки қобилияти харидории истеъмолкунандагон баробари нарх паст мешавад;

в) дар ҳолате, ки андозаи талабот бо фоизи зиёдтар нисбат ба нарх тағйир ёбад;

г) дар ҳолате, ки нарх нисбат ба андозаи талабот зиёдтар бо фоиз тағйир ёбад.

## VI. АДАБИЁТ


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Душанбе, 2006. Боби 7.
2. Курс экономической теории. Учебник./Под общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009, Глава 5.
3. Макконнелл. К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. Пер. с 14-го англ. изд. М.: ИНФРА-М, 2005. Главы 3,20.
4. Микроэкономика. Теория и российская практика. Учебник Колл. авт., под ред. А.Г. Грязновой, А.Ю. Юданова. М.: КНОРУС, 2006. Глава 4.
5. Сажина М.А., Чибриков Г.Г. Экономическая теория. Учебник для вузов. М.: Норма, 2005. Глава 3.
6. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика. 18-е издание: Пер. с англ. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2008. Гл. 4,5
7. Станковская И.К., Стрелец И.А. Экономическая теория. Учебник (Полный курс MBA). М.: Эксмо, 2007. Главы 2,3.
8. Экономическая теория. Учебник /Под ред. В.Д. Камаева. 10-е изд. М.: ВЛАДОС, 2004. Глава 5.
9. Экономическая теория. Учебник для ВУЗов/Под ред. А.И. Добринина, Л. С. Тарасаеевича , СПб.: Питер, 2009. Глава 8.
10. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Қисми аввал – Микроиқтисод. Душанбе, Эр-граф, 2003. Боби 7.
11. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т.В.Чечелевой. М.: Книж.дом «ЛИБРОКОМ», 2010. Глава 8.

# БОБИ 7.
# МЕХАНИЗМИ БОЗОРИ РАҚОБАТИ КОМИЛ ВА РАҚОБАТИ НОКОМИЛ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Рақобат ҳамчун унсури механизми бозорӣ
2. Тавсифи умумии бозори рақобати комил
3. Рақобати нокомил. Моҳият ва мавқеи монополия дар иқтисодиёт
4. Сиёсати зиддимонополии давлат ва хусусиятҳои ғайримонополикунонӣ дар иқтисодиёт

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Намуд ва усулҳои рақобат
2. Таъсири мутақобилаи нарх, талабот ва таклифот дар шароити рақобати комил
3. Тавсифи умумии рақобати нокомил
4. Зарурати қонунгузориҳои зиддимонополии давлат

### 1. Рақобат ҳамчун унсури механизми бозорӣ

Дар низоми бозорӣ, ки чун механизми ташкили истеҳсолот баромад мекунад, нақши рақобат бағоят калон аст. Механизми бозории таклифот ва талабот хоҳиши истеъмолкунандагонро ба фирмаҳо ва тавассути онҳо ба фурӯшандагон мерасонад. Вале танҳо рақобат фирма ва фурӯшандаро маҷбур месозад, ки ин талаботро пурра таъмин намоянд.

**Рақобат** аз калимаи решааш лотинии «конкуро» гирифта шуда, маънои «ба ҳамдигар бархӯрдан», «ба ҳам дакка хӯронида шудан»-ро дорад.

Рақобат байни субъектҳои бозор баҳри шароитҳои беҳтарини истехсолот ва тиҷорат, хариду фурӯши молҳо, ба та-

рафи худ ҷалб намудани харидорон, нисбат ба дигарон зиёдтар гирифтани фоида меравад.

Ҳарифӣ, мубориза иқтисодиро дар бозор чунин шароитҳои объективӣ ба вуҷуд меоваранд: мустақилии комили ҳар як истеҳсолкунанда дар асоси моликияти хусусӣ будани воситаҳои истеҳсолот, вобастагии манфиатҳо аз конъюнктураи бозор, дар мубориза барои харидорон нисбат ба дигар истеҳсолкунандагон афзалият доштан. Муборизаи рақобатӣ унсури муҳимтарини механизми танзимкунандаи бозор мебошад. Дар натиҷаи рақобат ба маҳсулоти якхела нархи умумӣ (бозорӣ) ба вуҷуд меояд.

Низоми бозории рақобат истеҳсолкунанда ва фурӯшандаро маҷбур месозад, ки талаботро таъмин намоянд. Зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон ба мол нархи онро дар бозор нисбат ба арзишаш хело баланд мебардорад. Фоидаи дар натиҷаи он гирифташуда, моҳиятан хабар ба истеҳсолкунанда мебошад, ки барои ҷамъият миқдори зиёди чунин маҳсулот зарур аст. Танҳо ба туфайли рақобат метавонад дар як вақт истеҳсолот васеъ шавад, нархи мол паст фуроянд. Рақобат соҳибкорро маҷбур мекунад, ки технологияи самаранокитарини истеҳсолотро ҷорӣ намояд ва дар баробари ин шароитҳои ба пешрафти техникӣ мусоидаткунандаро муҳайё созад.

Рақобат манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро бо ҳам муттаҳид менамояд. Фирма ва сохибкороне, ки хоҳиши қонеъ кунонидани манфиати худро доранд ва дар доираи низоми рақобатбарии бозор амал мекунанд, дар як вақт гӯё «дастони ноаён» фаъолияти онҳоро ба таъмин кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ равона мекунад. Дар конъюнктураи рақобатӣ фирма он мувофиқатии беҳтарини захираҳои иқтисодиро барои истеҳсоли миқдори муайяни маҳсулот истифода мебарад, ки ба ӯ фоида биёрад.

**Рақобат бо чунин роҳҳо пеш бурда мешавад:**

- маҳрум кардани рақибон аз ашёи хом, бозори фурӯш, кредит;
- харидани патент, ки ҳариф имконияти истеҳсол кардани моли мазкурро пайдо накунад;
- забт намудани бозори қувваи коргарӣ;

- ба бозор баровардани намудҳои нави маҳсулот.

Маълум аст, ки самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуд, яъне бо харочоти камтарин ба вучуд овардани маҳсулоти бисёр ба манфиати чамъият мебошад. Манфиатҳои шахсӣ, ки ҳавасмандкунанда ва равона- кунандаи он низоми рақобатии бозор мебошад, ба дигаргуншавии талаботи бозор бо тезӣ чавоб додани истеҳсолотро ҳавасманд мекунад. Пас, рақобат манфиатҳои шахсиро чунон амалӣ мегардонад, ки вай худ аз худ ба тариқи автоматӣ ба хубтар қонеъ гардидани манфиатҳои чамъиятӣ мусоидат мекунад. Назарияи «дасти ноаён» дар он ифода меёбад, ки фирма фоидаи худро бениҳоят зиёд мекунад, маҳсулоти чамъиятӣ низ зиёд мешавад.

**Ҳамин тавр, рақобат дар иқтисодиёт мусоидат мекунад:**

- ба васеъшавӣ ва такмилёбии истеҳсолот;
- чорӣ кардани навигариҳои пешқадам;
- сарфаю саранчоми харочоти захиравӣ;
- баландшавии дарачаи самаранокии умумии иқтисодӣ;
- беҳтар қонеъ кунонидани талабот;
- баробар намудани нархи бозории молҳо ва пастшавии он;

Аз рӯи намуд рақобатҳои нархӣ ва ғайринархӣ мешаванд, ки дар навбати худ ҳар яки он боз усулҳои гуногун дорад.

**Усулҳои рақобати нархӣ аз инҳо иборатанд:**

- паст кардани нарх;
- арзон фурӯхтан ва ҳадя намудан;
- ташкили якбора арзон фурӯхтани молҳои боқимонда;
- нархҳои демпингӣ.

**Рақобати ғайринархӣ бошад, бо усулҳои зерин пеш бурда мешавад:**

- баланд бардоштани сифат ва боэътимодии мол;
- додани кафолати иловагӣ;
- оройиши махсуси мол, реклама.

Истеҳсолкунандагонро ба рақобати байниҳамдигарӣ на танҳо ҳиссӣ фоидагирӣ, балки боз хавфи зарар дидан мачбур мекунад. Соҳибкор қобилияти рақобатбарӣ надошта бошад зарар мебинад. Дар шароити муайян зарарбинӣ ба муфлисшавӣ

меорад, яъне ба аз даст додани сармоя ва ҳатто ба харобшавӣ бурда мерасонад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи қобилияти рақобатбарӣ надоштанаш соҳибкор аввал фоидаро, баъд сармояро, сониян амволашро аз даст медиҳад.

Рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифаҳои муҳимтарини батанзимдарорӣ, ҷобаҷокунӣ ва инноватсиониро иҷро менамояд. Вазифаи батанзимдарорӣ дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таъсиррасонӣ истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ мувофиқи талаботи истеъмолкунандагон ба амал меояд. Вазифаи ҷобаҷокунӣ иборат аз он аст, ки захираҳои истеҳсолӣ - меҳнат, сармоя, замин ба корхонаю соҳаҳое равона карда мешаванд, ки онҳо боз ҳам самараноктар истифода шаванд. Вазифаи инноватсиониро дар он дидан мумкин аст, ки рақобат ҳамчун сабабгори навоварӣ, ҳамчун воситаи муайянкунандаи афзоиши дараҷаи самаранокии фаъолияти фирма хизмат мекунад. Дар ҷараёни рақобат имкониятҳои нави боз ҳам самараноки истеҳсоли мол, истифодаи технологияи навтарин ба вуҷуд меоянд. Рақобат нафақат ба истифодаи технологияи ҳозиразамони истеҳсолот мусоидат мекунад, балки боз муҳите ба вуҷуд меоварад, ки тарзҳои алтернативии ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ муқоиса карда шаванд.

## 2. Тавсифи умумии бозори рақобати комил

Дар назария ва амалияи иқтисоди бозорӣ рақобати комил ва нокомилро аз ҳам фарқ мекунанд.

Рақобати комил (соф, озод) бо чунин аломатҳояш фарқ мекунад:

- дар бозор фурӯшандагон ва харидорони бисёре амал мекунанд;
- объекти хариду фурӯш молҳои якхела мебошанд;
- аз сабаби бисёр будани фурӯшандагону харидорон ҳеҷ кадоме аз онҳо нархи молро ба танҳоӣ дар бозор муайян карда наметавонад;
- дар натиҷаи таносуби талаботи озод ва таклифоти озод нархи баробар ба мол ба вуҷуд меояд;

- бозори рақобати комил барои ба бозор ворид шудан ва ё аз он баромада рафтани фурўшандагону харидорони алоҳида ягон монеае ба вуҷуд оварда наметавонад.

Яке аз хусусиятҳои рақобати комил иборат аз он аст, ки ҳар як иштирокчии он дар бораи конъюнктураи бозор маълумоти пурра дорад. Бозори рақобати комил – ин ифодаи идеалии бозор аст.

Мавриди амали рақобати комил асосиаш он аст, ки нарх дар бозор аз хоҳишу иродаи субъектҳои алоҳида вобаста нест, вай дар зери таъсири таносуби талаботу таклифот, гўё бо «дасти ноаён», дар натиҷаи қонунҳои амали бозор ташкил меёбад.

Аксарияти бозорҳои амалкунанда аз тамсилаи идеалии рақобати комил фарқ мекунанд. Истеҳсолкунандагони ҷудогона ва ё иттиҳодияҳои онҳо метавонанд бо шартҳои хариду фурўш ба нарх таъсир расонанд.

Рақобати комил дар марҳалаи аввали сармоядорӣ ҳукмфармо буд. Дар охири асри XIX аввали асри XX дар баробари тараққӣ ва пурқувватшавии истеҳсолоти саноатӣ монополияҳо ҳукмрон шуданд. Дар иқтисодиёти муосир рақобат ва монополия бо ҳам зид бошанд ҳам, вале дар алоқамандии байниҳамдигарӣ вуҷуд доранд.

*Нақшаи 7.1.*

**ЧАҲОР ТАМСИЛАИ БОЗОРИ МУОСИР**



Рақобати соф ва монополияи соф ин ду ҳолати хело кам вохӯранда мебошанд. Байни онҳо ду тамсилаи дигари ба бозори замони ҳозира хос – рақбати монополӣ ва рақобати олигополӣ ҷой доранд.

Рақобати комил (соф) чи тавре, ки қайд карда шуд, он ҷое ҷой дорад, ки истеҳсолкунандагони бешумори мол ва хизматрасонии мустақил амал мекунанд. Ҳиссаи ҳар як истеҳсолкунандаи алоҳида дар истеҳсоли умумисоҳавӣ то ба он дараҷае кам аст, ки вай наметавонад пешниҳодоти кул ва ҳамчунин нархи бозории муқаррargardидаро тағйир диҳад. Ба нархи бозори мувофиқ гардида, фирмаҳо ҳаракат мекунанд, ки самаранокии истеҳсолоти худро таъмин намоянд. Ҳазорҳо фирмаҳо муфлис мешаванд. Вале дар баробари ин, озодона ворид шудани фирмаҳо ба чунин соҳаҳои рақобат ҷой дорад. Дар бозори рақобати комил ҳарчи бисёртар соҳибкорони нав ворид мешаванд.

## 3. Рақобати нокомил.
## Моҳият ва мавқеи монополия дар иқтисодиёт

Аксарияти бозорҳои мавҷуда – бозорҳои рақобати нокомил мебошанд. Барои он нокомил, номуккамал меноманд, ки рақобат ва ҳамчунин механизми худтанзимкунӣ («дасти ноаёни»-и бозор) ба он таъсир расонида наметавонад. Масалан, қоидаи дар иқтисодиёт барзиёд ё ки камёфт будани неъматҳо, ки ҳамзамон дар бораи самаранок, мукаммал будани низоми бозорӣ маълумот медиҳад, вайрон мешавад. Модоме, ки ягон неъмат фаровон асту дигараш камёфт, пас захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ барои истеҳсоли неъматҳои зарурӣ ва ба миқдори лозима харҷ карда намешаванд.

Заминаҳои рақобати нокомил аз инҳо иборат аст:

- қисми зиёди бозор дар дасти истеҳсолкунандагони алоҳида;
- мавҷуд будани монеа барои ворид шудан ба соҳа;
- гуногуннавъии маҳсулот;
- номукаммалии иттилооти бозорӣ.

Меъёри рақобати нокомил, паст шудани каҷхатаи талабот ва нарх дар баробари афзоиши тавлидоти маҳсулоти фирма мебошад.

Агар дар шароити рақобати комил ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти фирма ба дараҷаи нарх таъсир нарасонад, дар шароити рақобати нокомил чунин таъсиррасонӣ мавҷуд аст. Мазмуни иқтисодии ин қонуният дар он аст, ки ҳаҷми калони маҳсулотро фирма метавонад танҳо нархро паст намуда, фурӯшад.

Дар ҳақиқат, дар шароити рақобати комил фирма чӣ қадаре, ки маҳсулот набарорад нарх якхел мемонад, зеро ҳаҷми он нисбат ба ғунҷоиши умумии бозор хело кам аст. Ҳақиқати бозори рақобати нокомил дар он аст, ки байни миқёси барориш ва дараҷаи нарх ҳама вақт вобастагӣ мушоҳида карда мешавад.

Ҳокимияти ҳамагуна монополия, ҳатто монополияи абарқудрат мутлақ шуда наметавонад. Бигузор монополисти калонтарин ҳаракат кунад, ки нархро баланд бардорад. Вале дар як нуқтае вай ногувор моли баровардаашро пурра фурӯхта наметавонад. Ҳаҷми фурӯш кам мешавад, ки ин ба камшавии даромад меоварад.

Як шакли рақобати нокомил – рақобати монополӣ мебошад. Рақобати монополӣ-тамсилаи бозорӣ мебошад, ки барои вай чунин хусусиятҳо хос мебошанд:

1. Нисбатан миқдори калони истеҳсолкунандагон, ки маҳсулоти бо ҳам монанд, вале якхела набударо истеҳсол менамоянд;
2. Маҳсулоти гуногун дар шакли:
   - молҳои аз ҳамдигар бо тарафҳои маснӯиаш ва ё сифаташ фарқ кунанда;
   - хизматрасонии бо фурӯши маҳсулот алоқаманд (реклама, қуттикунонӣ, марка, аломатҳои тиҷоратӣ) бароварда мешавад.
3. Назорат аз болои нарх;
4. Нисбатан бо осонӣ воридшавӣ ба соҳа.

*Нақшаи 7.2.*

**Тавсифи тамсилаҳои бозори муосир**

| Тамсилаи бозор | Хислатҳои асосӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Миқдори фирма** | **Назорат аз болои нарх** | **Воридшавӣ ба соҳа** | **Мисолҳо** |
| **Рақобати соф** | Беҳад бисёр | Вуҷуд надорад | Комилан озод | Кишоварзӣ хизматрасонии биржаҳои фондӣ ва асъор |
| **Монополияи соф** | Якто | Хело баланд | Фавқулодда | Таъминоти барқ, газ, об алоқа |
| **Рақобати монополӣ** | Бисёр | Бисёр ҳам паст | Нисбатан озод | Истеҳсоли либос, пойафзол, мебел, китоб |
| **Олигополия** | Якчандто | Баланд (махсусан дар вақти созиш бастан) | Бисёр ҳам мушкил | Истеҳсоли автомобил, мошинҳои хоҷагии қишлоқ, савдои яклухт |

Дар шароити рақобати монополӣ мавқеи намоёнро монополия ишғол менамояд. <u>Монополия</u> (аз юнонӣ, monos – якто, ягона + poleo – мефурӯшам) ҳукмронии фурӯшандаи ягона дар бозор мебошад. Дар мазмуни васеаш зери мафҳуми монополия ҳамагуна мавқеи ҳукмронии як ва ё гурӯҳи шахсон ё фирма дар ягон бахши фаъолият фаҳмида мешавад. Дар иқтисодиёт чор равияи мавқеи монополии фирма дар бозор фарқ карда мешавад: монополияи соф, олигополия, монопсония ва олигопсония.

Аломатҳои асосии ҳукмронии монополия дар истеҳсолот ва бозор инҳоянд:

- тамаркузи (консентратсияи) фаъолияти хоҷагӣ дар дасти як ва ё якчанд фирмаҳои муттаҳидгашта (аслан то 35%); ҳиссаи калон дар истеҳсолот;

- мавқеи афзалиятноки (ҳукмронии) фирмаҳои мазкур дар бозори молҳои муайян;
- назорат аз болои нарх. Муқаррар намудани нархи монополӣ (нархи баланди фурӯш ва нархи пасти харидорӣ) ва дар натиҷаи ин гирифтани фоидаи барзиёд.

*Нақшаи 7.3.*

**Шаклҳои ҳукмронӣ дар бозор**




Мувофиқи ба вуҷуд омаданашон ду намуди асосии монополияро фарқ мекунанд:

- монополияи табиӣ,
- монополияи иқтисодӣ.

**Монополияи табиӣ** дар натиҷаи шароитҳои объективӣ ба вуҷуд омада, амал мекунад. Масалан, дар соҳаҳои алоҳида монополияҳое ба вуҷуд меоянд, ки аз ҷиҳати иқтисодию истеҳсолӣ калонҳаҷм буда, самаранокии баланд, хароҷоти паст ва имконияти бо нархи паст харидани ашёи хомро таъмин карда метавонанд (соҳаи истеҳсоли газ, алюминий, нерӯи барқ). Ё он ҷое, ки мавҷуд будани комплекси ягонаи хоҷагӣ ногузир аст (таъминоти об, алоқа) зеро тақсим кардани ингуна комплексҳо ба корхонаҳои байниякдигар рақобатбаранда, ба ҳамдигарро такрор намудани маблағгузориҳо ва зиёд шудани хароҷот оварда мерасонад. Ба ғайр аз ин, монополия дар мавриди истеҳсоли маъданҳои нодир, истеҳсоли намудҳои ангур, мева дар соҳаи ҳунармандии махсус ва ғайра табиӣ шуда метавонад.

Дар Тоҷикистон 10 январи соли 2007 Қонун «Дар бораи монополияҳои табиӣ» қабул карда шудааст. Дар ҳамин Қонун чунин таърифи монополияи табиӣ дода шудааст. **Монополияи табиӣ** - ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад.

**Монополияи иқтисодӣ** – ин монополияе мебошад, ки махсус бо роҳи тамаркузи (консентратсияи) фаъолияти муайяни хоҷагӣ ба вуҷуд омадааст. Барои ба даст даровардани бозор ва гирифтани фоидаи барзиёд ширкатҳои пуриқувват ё бо роҳи маҷақ кардани ҳарифони худ, ё бо роҳи фурӯ бурдани душманонаи ҳариф, ё бо роҳи бо хоҳиши худ якҷоя шудани байниҳамдигарӣ дар иттифоқҳои гуногун чунин монополияҳоро ба вуҷуд меоваранд. Шаклҳои зерини иттиҳодияҳои монополӣ вуҷуд доранд: **картел, синдикат, трест, консерн**.

Шакли оддитарини паҳнгаштаи монополия **картел** мебошад. Иштирокчиёни картел мустақилии истеҳсолӣ ва тиҷоратии худро нигоҳ дошта, дар бораи тақсими бозор, квотаи савдо ва дараҷаи нарх гуфтушунид менамоянд. **Синдикат** – чунин шакли монополия мебошад, ки иштирокчиёни он танҳо мустақилии истеҳсолотро дар дасти худ нигоҳ дошта, дар бораи квотаи савдо ва нарх, дар бораи якҷоя фурӯхтани маҳсулот ва харидани ашёи хом созиш мекунанд. Хариду фурӯшро идораи якҷояи савдо ба вуҷуд меоварад. **Трест** – корхонаҳои ба он дохил-шуда пурра якҷоя ва идораи онҳо ягона мешавад. Корхонаҳо мустақилии истеҳсолӣ ва тиҷоратиро аз даст медиҳанд. **Консерн** – шакли асосӣ ва самараноки иттиҳодияҳои хоҷагии муосир мебошад. Консерн чун комплекси калони серсоҳаи иқтисодӣ баромад мекунад, ки ба он саноатчиён, тоҷирон, корхонаҳои бонкӣ ва ғайра дохил мешаванд.

*Нақшаи 7.4.*

**Шаклҳои асосии иттиҳодияҳои монополистӣ**

| Шакли иттиҳодия | Бавуҷудоии номи иттиҳодия | Нуқтаҳои асосии созишнома | Мустақилияти иштирокчиён |
|---|---|---|---|
| **Картел** | Аз забони италиявӣ carta-ҳуҷҷат | - дар бораи тақсими бозор,<br>- дар бораи ҳиссаи (квотаи) фурӯш,<br>- оиди дараҷаи нарх | Ҳам истеҳсолӣ ва ҳам тиҷоратӣ |
| **Синдикат** | Аз забони юнони syndikos- якҷоя амалкунанда | - дар бораи ҳиссаи фурӯш ва нарх<br>- дар бораи якҷоя фурӯхтани маҳсулот ва харидани ашёи хом | Танҳо истеҳсолӣ |
| **Трест** | Аз забони англисӣ-trust-боварӣ | Пурра муттаҳидшавии корхонаҳо | Ҳама гуна мустақилиро аз даст медиҳанд |
| **Консерн** | Аз забони англисӣ – concern – фирма, корхона | Муттаҳидшавии пурраи корхонаҳои соҳаҳои гуногун | Ҳеҷ ягон мустақили вуҷуд надорад |

Ҳамин тавр, монополия чунин тамсилаи бозор аст, ки дар он миқдори фурӯшандагон то ба дараҷае кам мешаванд, ки ҳар як фурӯшанда метавонад ба микёси умумии таклифот ва нархи молҳои фурӯхташаванда таъсир расонад. Мақсади монополия аз истеҳсол ва фурӯши ҳаргуна маҳсулот гирифтани фоида аст. Пайдоиши монополия натиҷаи амали қонунҳои рақобати озод мебошад. Монополия дар асоси калон кардани истеҳсолот аз ҳисоби сармояи иловагии ҷалбкардашаванда ба вуҷуд меояд. Баробари ба вуҷуд омадани монополияҳо муборизаи рақобатии байни монополияҳо, монополия ва аутсайдерҳо,

инчунин байни фирмаҳо дар дохили монополия тезу тунд мегардад.

Ҳолати мураккабтарини хоҷагӣ дар бозор олигополия мебошад.

**Олигополия** (аз юнонӣ oligos – кам, чандон зиёд не, poleo-мефурӯшам) чун тамсилаи бозорӣ аз миқдори на чандон зиёди фирмаҳо – истеҳсолкунандагони моли муайян, ки якҷоя амал мекунанд, иборат аст. Ворид шудани фирмаҳои нав ба олигополия бо монеаҳои калон маҳдуд карда мешавад. Олигополия - ин миқдори начандон зиёди фирмаҳои калон аст, ки қисми асосии маҳсулоти соҳаи мазкурро истеҳсол менамоянд.

Хусусиятҳои ба худ хоси олигополия инҳоянд:

- камшумор будани фирмаҳо дар соҳа;
- истеҳсолоти якхелакардашуда ва ё маҳсулоти гуногун;
- мавҷуд будани монеа барои ворид шудан ба соҳа;
- самараи якҷояшавӣ;
- аз ҳам вобастагии умумӣ.

Агар рақобати озод ва рақобати монополӣ ба тамсилаҳои зоҳиршавандаи бозорӣ тааллуқ дошта бошанд, олигополия ин тавр нест. Ҳам олигополияи «устувор, сахт» вуҷуд дорад, ки дар он ду ва ё се фирма дар тамоми бозор ҳукмрон аст ва ҳам олигополияи «номуайян», ки дар он шаш ё ҳафт фирма байни ҳамдигар 70 ё 80%-и бозорро тақсим намуда мегиранд.

## 4. Сиёсати зиддимонополии давлат ва хусусиятҳои ғайримонополикунони дар иқтисодиёт

Фаъолияти зиддимонополии давлат ба масъалаи фаъол намудани рақобат вобаста аст. Вай, аз як тараф, тавассути усулҳои батанзимдарории маъмурӣ ва аз тарафи дигар, ба воситаи усулҳои танзими меъёрию ҳабардоркунандагӣ амалӣ мегардад. Фаъолияти зиддимонополии давлат – маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки ба маҳдудкунии фаъолияти монополияҳо ва ба вуҷуд овардани қонунгузориҳои мувофиқ равона карда шудаанд.

Аввалин қонунҳои зиддимонополӣ дар охири асри XIX дар ИМА ва Канада қабул карда шудаанд. Ҳоло дар ҷаҳон низомҳои америкоӣ, аврупоӣ, олмонӣ, японии қонунгузориҳои зиддимонополӣ вуҷуд доранд. Низоми аврупоӣ ва японӣ худи монополияҳоро не, балки маҳз сӯистеъмолии ҳокимияти онҳоро манъ мекунанд. Масалан, картелҳо дар тараққиёти иқтисодиёт манфиатнок ҳисобида мешаванд. барои ҳамин шакли асосии назорати давлатӣ низоми қайди созишномаҳои картелӣ дар мақомоти махсус (дар Германия – Раёсати Федералии картелҳо. дар Япония – Комиссия оид ба амалиёти боадолатона) мебошад. Аксарияти қонунҳои зидди монополӣ дар мамлакатҳои Аврупо чунин намудҳои созишномаҳои монополӣ доранд, ба монандӣ: дар бораи тақсими бозорҳо, нархҳои устувор. Дар Германия компания монополия ҳисобида мешавад, агар дар даст аз 1/3 гардишро дошта бошад. Дар Япония – агар ҳиссаи як компания аз 50 % зиёд, ҳиссаи ду компания дар якҷоягӣ аз 75 % ва аз он ҳам зиёд бошад, монополия ҳисобида мешавад.

Ҳамин гуна талабот дар шартномаи мамлакатҳои ИДМ (СНГ) «Дар бораи гузаронидани сиёсати зиддимонополии мувофиққунонидашуда» низ расман эълон карда шудааст.

Дар баъзе мамлакатҳо қонунгузорӣ амалиёти чунин субъекти хоҷагидориро манъ кардааст, ки мавқеи маҳдуд кардани рақобатро ишғол карданианд, ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ва ё шаҳрвандон фишороварӣ мекунанд. Ҳаракатҳои зерин аз ҷумлаи онҳоянд:

- баргардонида гирифтани мол аз муомилот бо мақсади ба вуҷуд овардани дефитсит (норасӣ) дар бозор ва ё баланд бардоштани нарх;
- ба аҳли шартнома бо зурӣ бор кардани шартҳои аҳднома, ки фоиданок, судманд нестанд;
- ба вуҷуд овардани монеа барои ба бозор ворид шудани (ё аз бозор баромада рафтани) субъектҳои дигари хоҷагидор;
- вайрон кардани тартиби нархташаккулдиҳии бо санадҳои меъёрӣ мукарраркардашуда.

Мақомоти идора ва ҳокимият қабул кардани санадҳо ва амалиётҳоеро манъ мекунанд, ки мустақилии субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд менамоянд ва ё барои онҳо шароитҳои мувофиқ (номувофиқ) ба вуҷуд меоваранд.

Ба ашхоси амалдори мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ, дар ихтиёри худ доштани корхона, шахсан ё ки ба воситаи намоянда бо саҳмияи дар ихтиёраш буда, овоз додан, ишғол кардани вазифа дар мақомоти идораи субъектҳои хоҷагидор манъ карда шудааст.

**Рукнҳои асосии фаъолият ва қонунгузориҳои зиддимонополӣ** аз инҳо иборатанд:

- **назорат аз болои муттаҳидкунонии (консентратсияи) корхонаҳо, роҳ надодан ба фаъолияти муттаҳидшавии** беҳад калони корхонаҳо ба картел, трест, синдикат ва консерн;
- **назорат аз болои рақобати бевиҷдонона**. Гирифтани пеши роҳи фаъолияти монополӣ, ки ба рақобати бевиҷдонона равона карда шудааст;
- **баҳои муттаҳидшавии корхонаҳо**. Ғайриқаноатбахш ҳисобидани фаъолияти иттиҳодияҳое, ки дар натиҷаи муттаҳидшавии дохилӣ ва берунӣ чунин қувваеро дар бозор ба вуҷуд меоваранд, ки имконияти ба нархи рақобатчиён таъсиррасониро диҳад;
- **назорат аз болои сӯистеъмолкунӣ.** Ҷорӣ кардани Декларатсияи ҳатмии баландбардории нархҳои озод, инчунин танзими давлатии нарх ба баъзе намудҳои мол; пешниҳодоти ҳатмии ҳисоботи оморӣ оид ба объекти истеҳсолот, конеъкунонии талабот дар бозор, нишондиҳандаҳои сифатӣ;
- **назорат аз болои монополикунонии пинҳонии тиҷорат;**
- **манъ карда шудани якҷояшавии ғайриқонунӣ тавассути харидани активҳо, саҳмияҳо,** якҷояшавии уфуқӣ (горизонталӣ) ва амудии (вертикалӣ) фирмаҳо.

- **манъ кардани созишҳо оид ба тақсими бозор ва дарачаи нарх.**

Соли 1890 конгресси Амрико Қонуни Шерманро қабул намуд, ки аввалин санади ҳуқуқӣ дар самти зиддимонополӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи он монополикунонии савдо, назорати якаю танҳо аз болои нарх, оид ба нарх забон як кардан, манъ карда шудааст. Санадҳои минбаъдаи ҳуқуқӣ – Қонуни Клейтон (1914), Қонуни Робинсон – Патман (1936) ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, илова ба он – Қонуни Миллер Тайдингс (1937), иловаи Селлер-Кефовер(1950)-низ натанҳо бар зидди монополиякунонии ошкоро, балки инчунин бар зидди ҳаргуна шартнома ва забон якуниҳои пинҳонӣ, маҳдудкунии нархӣ, маҳдудкунии ҳисса дар бозорро мадди назар доштан, равона карда шудааст.

Хусусияти муҳимтарини қонунгузории зиддимонополии америкоӣ иборат аз он аст, ки вай на бар зидди «бизнеси калон», балки ба муқобили амалиёти маҳдудкунии расмӣ, ки рақобати самаранокро барбод медиҳад, равона карда шудааст. Дар ҳақиқат сиёсати зиддимонополӣ бояд рақобатро дастгирӣ кунад, набояд онро маҳдуд намояд. Дар баробари ин муҳайё кардани шароит танҳо барои як гурӯҳи истеҳсолкунандагон (ё ки истеъмолкунандагон) аз ҳисоби дигарон самара намедиҳад, зеро чунин ҳолат имконияти ҳавасмандкуниро ба вучуд намеоварад. Маҳдудкунии ягон тараф зидди принсипҳои рақобат мебошад.

Тачрибаи фаъолияти зиддимонополӣ дар ИМА ва дигар мамлакатҳо бисёртар ба чор самтҳои асосии анъанавӣ амалӣ карда мешавад:

- маҳдуд кардани монополикунонии бозор;
- манъ намудани муқарраркунии нархҳои монополӣ;
- манъ кардани якчояшавии ширкатҳои қаблан байни ҳамдигар рақобаткунанда;
- нигоҳдошт ва дастгирии рақобат дар шаклҳои тамаддунӣ.

Аввали солҳои 30-юми асри XX дар ИМА натичаҳои мусбати сиёсати зиддимонополикунонӣ равшан гаштанд.

Нақши фаъолро дар иқтисодиёт рақобати монополӣ бо тафрикаи маҳсулот мебозидагӣ шуд. Дар ҳамин солҳо ҳудуди гузариш аз бисёр шаклҳои якхелаи рақобат – рақобати комил ва нокомил ба якҷоякунонии онҳо ҳам дар доираи иқтисодиёти миллӣ ва ҳам дар сатҳи сохторҳои хоҷагии алоҳида, мушоҳида гардид. Дар баробари якҷоякунии монополия ва рақобат қонунгузориҳои зиддимонополӣ низ такмил ёфтанд.

Шакли самараноктарини якҷоякунии рақобати комил ва нокомил олигополия гашт, ки ба ҳукмронии миқдоран ками фирмаҳои калонтарин дар истеҳсол ва бозор асос ёфтааст. Масалан, ширкатҳои калонтарини автомобили ИМА- «Ҷенерал моторс», «Форд» ва «Крайслер», ки аз як тараф, бозори автомобилҳоро дар ИМА монополӣ кунонидаанд, аз тарафи дигар, истеъмолкунандагонро ба сифат ва афзалияти ҳар як маркаи тиҷорат ҳавасманд намуданд.

Самти муҳимтарини сиёсати зиддимонополӣ нарх мебошад. Ба мӯҳлати дароз таъминкунандаи фоидаи калон механизми нархҳои монополӣ бо қонунгузории зиддимонополӣ тасҳеҳ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон Қонун «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол» аввали моҳи октябри соли 2000 қабул шуда буд. Баъд дигаргуниҳои дар ҳаёти иқтисодии мамлакат ба вуҷудомадаро ба инобат гирифта, Маҷлиси Олӣ моҳи июни соли 2006 Қонуни мазкурро дар таҳрири нав қабул намуд. Қонун «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти иқтисодӣ дар бозори мол» барои густариши муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоварад. Қонуни мазкур принсипҳои асосии ташкили ҳуқуқи огоҳкунӣ, маҳдудкунӣ ва пешгирӣ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро муайян менамояд ва таъмини шароит барои барпо намудани самарабахш амал кардани бозори молро ба ҷо меорад. Қонуни номбурда муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба рақобат дар бозорҳои молии Тоҷикистон таъсир мерасонад, мароми давлатии зиддиинҳисорӣ, назорати давлатӣ ба монеъ нашудан ба рақобатро таъмин менамояд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Мазмун ва намудҳои рақобатро муайян намоед.
2. Шароит ва меъёрҳои рақобати комилро ифода намоед.
3. Аломатҳои бозори рақобати комилро номбар кунед.
4. Кадом усулҳои рақобатбариро медонед?
5. Хусусиятҳои умумии бозори рақобати нокомилро тавсиф намоед.
6. Аз чӣ сабаб рақобати нокомил меноманд?
7. Шароитҳои махсуси бозори рақобати монополӣ аз чӣ иборатанд?
8. Монополия чист? Мавқеи монополияро дар иқтисодиёт муайян намоед.
9. Хусусиятҳои фарқкунандаи бозори олигополиро дар чӣ мебинед?
10. Аз чӣ сабаб давлат сиёсати зиддимонополӣ мебарад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Сохтори бозорӣ ва шаклҳои рақобат.
2. Рақобат, намуд ва нақши он дар механизми бозорӣ.
3. Мавқеи монополия дар иқтисодиёт.
4. Таъсири мутақобилаи нарх, талабот ва таклифот дар шароити рақобати комил.
5. Нақши монополияҳои табиӣ дар иқтисоди бозорӣ.
6. Механизми бозори рақобати монополӣ.
7. Самаранокӣ дар шароити рақобати комил.
8. Моҳият ва хусусиятҳои олигополия.

## V. ТЕСТҲО

**1. Рақобат ин:**

а) муборизаи истеҳсолкунандагон барои баланд бардоштани сифати мол;

б) муборизаи истеъмолкунандагон барои ҳуқуқи харидани мол бо нархи арзон;

в) низоми қоидаи муайянкунандаи рафтори субъектҳои иқтисодӣ;

г) мубориза баҳри шароити хуби истеҳсолот ва тиҷорат, ҷалб намудани харидорон, зиёдтар гирифтани фоида.

**2. Рақобат мусоидат мекунад ба:**

а) истеҳсоли молҳои барои ҷамъият зарур ва самаранок истифода бурдани захираҳо;

б) беҳтар шудани вазъи экологии мамлакат ва ба вуҷуд овардани шароитҳои беҳтарини табиӣ;

в) ба дар ҷамъият ташаккулёбии табақаи сарватмандон ва муфлисшавии соҳибкорон монеъ шудан;

г) ба вуҷуд овардани ҳуқуқҳои баробар ҳам барои истеҳсолкунандагон ва ҳам барои истеъмолкунандагон.

**3. Монополия сохтори бозорие мебошад, ки:**

а) фурӯшандагон то ба он дараҷае каманд, ки аз болои нархи маҳсулот назорат карда наметавонанд;

б) миқдори фурӯшандагон то ба дараҷае кам гашта ҳар яки онҳо метавонад ба ҳаҷми таклифот ва нарх таъсир расонад;

в) дар бозор танҳо харидорони ягона амал мекунанд, ки нархро пасту баланд карда метавонанд;

г) амалан монеаҳои бартарафнашаванда барои ворид шудан ба соҳа мавҷуд аст.

**4. Мафҳуми рақобати нокомил дар назар дорад:**

а) танҳо як харидори моли мазкур вуҷуд дорад, иттилооти фурӯшандагону харидорон дар бораи бозор ҳаматарафа пурра аст;

б) молҳои аз тарафи аксарияти фирмаҳо баровардашаванда якхелаанд, барои ба бозор ворид шудан монеае вуҷуд надорад;

в) дар соҳа миқдори зиёди истеҳсолкунандагон амал карда, молҳои гуногуннавъ мебароранд, иттилооти фурӯшандагону харидорон дар бораи бозор хело маҳдуд аст;
г) молҳои якхела бароварда мешавад, барои ворид шудан ба бозор монеа ҳаст, иттилоот дар бораи бозор пурра аст.

**5. Тамсилаи бозори рақобати нокомил иборат аст, аз:**
а) монополияи соф, олигополия, рақобати монополӣ, монопсония
б) монополияи соф, дуополия, олигополия, рақобати соф;
в) монополияи соф, олигополия, рақобати монополӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;
г) монополияи соф, дуополия, монопсония, ширкатҳои аудиторӣ.

**6. Мисоли моноплияи табиӣ шуда метавонад:**
а) Фабрикаи «Тоҷик Аҷанта»;
б) Фабрикаи пойафзолбарории шаҳри Хуҷанд:
в) КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон»
г) Корхонаи муштараки «Ҷавонӣ»

**7. Дар Тоҷикистон монополияи табиӣ шуда метавонад:**
а) Шабакаи алоқаи «Сомонком»;
б) ШСХК «Барқи тоҷик»;
в) Комбинати равғанбарории ш.Душанбе;
г) Комбинати атласбарории ш.Хуҷанд

**8. Омилҳои худтанзимкунандагии бозор аз чиҳо иборатанд;**
а) талабот, таклифот, рақобат, манфиатнокӣ;
б) рақобат, нарх, манфиатнокӣ, сифатнокӣ;
в) талабот, таклифот, нарх, рақобат;
г) талабот, таклифот, нарх, монополия.

**9. Кадом усулҳои рақобати нархӣ вуҷуд доранд?**
а) кам кардани талабот, зиёд намудани таклифот, паст кардани нарх;
б) баланд бардоштани сифат, беҳтар намудани самаранокӣ, рекламапаҳнкунӣ;
в) паст кардани нарх, арзон фурӯхтан, баробари арзиши аслӣ муайян кардани нарх;
г) зиёд намудани талабот, кам кардани таклифот, мӯътадил нигоҳ доштани нарх.

**10. Қонунгузории давлатии зиддимонополӣ барои чӣ зарур аст?**

а) барои ривоҷу равнақ додани рақобат дар бозор;
б) барои ба паҳншавии амалиёти тиҷоратии харобкунандаи монополистӣ роҳ надодан;
в) барои аз болои нархи бозорӣ назорат карда тавонистани мақомоти давлатӣ;
г) барои дастгирии соҳибкорони ватанӣ аз рақобати истеҳсолкунандагони хориҷӣ.

## VI. АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол». «Садои мардум», 5 августи 2006 с.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Душанбе, 2006. Боби 11.
3. Курс экономической теории. Учебник./Под Общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009, Главы 6,7.
4. Макконнелл К.Р. Брю С.А. Экономикс. Пер. с англ. М.:ИНФРА-М., 2005. Главы 23,24,25, 32.
5. Микроэкономика. Теория и российская практика.Учебник. /Колл.авт.; Под. ред. А.Г.Грязновой А.Ю. Юданова. М.: КНОРУС, 2006, Темы 7-10.
6. Мэнькю Н.Г. Принципы микроэкономики. Учебник для вузов. 4-е изд. /Пер. с англ. СПб.: Питер, 2009. Главы 14-17
7. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика .18-е издание. Пер. с англ. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2008. Главы 8-10.
8. Экономическая теория. Учебник /Под общ. ред. акад В.И. Видяпина, А.И. Добрынина, Г.П. Журавлевой, Л.С. Тарасевича. М.: ИНФРА-М, 2008. Главы 13-15
9. Экономическая теория./Под ред А.И. Добринина, Л.С. Тарасеевича, Учебник для вузов. СПб.: Питер, 2009. Глава 7.
10. Эргашев А., Мухадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Қисми аввал-Микроиқтисод. Душанбе, Эр-граф, 2003. Бобҳои 7-8.
11. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т.В. Чечелевой. М.: Книж.дом «ЛИБРОКОМ», 2010. Глава 7.

# БОБИ 8.
# НАЗАРИЯИ АРЗИШ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мавқеи арзиш дар илми иқтисодӣ.
2. Андозаву ченкунии арзиш ҳамчун яке аз муаммоҳои марказии илми иқтисодӣ.
3. Классикони иқтисоди сиёсӣ дар бобати арзиш. Назарияи марксистии арзиш.
4. Назарияҳои намоёнтарини арзиш:
   а) Интиҳои манфиатнокӣ;
   б) Омилҳои истеҳсолот;
   в) Назарияи хароҷоти истеҳсолот.
5. Мавқеи таълимоти арзиши изофа.
6. Арзиш ва нархи молҳо. Қонуни арзиш

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Назарияи арзиши мактабҳои қадима.
2. Назарияи арзиши меҳнатӣ.
3. Назарияҳои мухталифи арзиш.
4. Арзиш ва амали нархгузорӣ.

### 1. Мавқеи арзиш дар илми иқтисодӣ

Ҳанӯз аз замонҳои Юнону Рими Қадим мутафаккирони гуногун доир ба арзиш ақидаҳои ҳархелаву зиддиятнок пешниҳод карда меоянд. Вожаи «арзиш»ро мо дар асарҳои Афлотуну Арасту ҳам дучор омада метавонем. Олимон минбаъд ҳам ҳатто аз ҷумлаи намояндагони мактабҳои тиҷоратгарой ва табиатгарой низ дар бобати арзиш суханронӣ намудаанд.

Таҳлилҳову омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи намоёни тадқиқгарон зери мафҳуми «арзиш» аксаран нархро мадди назар медоштанд.

Ин гуна марому равишро дар нигоштаҳои Афлотуну Арасту ҳам мушоҳида карда метавонем. Мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ ба мафҳуми арзиш диққати хеле зиёд ҷудо карда буд. Классикон мафҳуми арзишро дар қатори сармоя, фоида ва дигар мафҳумҳои намоёнтарину поягии илми иқтисодӣ медиданд. Аз ин боис, ҳам ба таҳлилу омӯзиши вай диққати хеле зиёд ҷудо мекарданд. Акнун ба бъзе ақидаҳо дар ин бобат рӯй меоварем.

Яке аз ақидаи дар замонҳои қадим паҳншуда бо ибораи «арзиши табиӣ» ифода карда мешуд. Мувофиқи ин назарот ҳисоб мекарданд, ки арзиш табиӣ буда, ин хислатро танҳо фулузоти асил (тиллову нуқра) дошта метавонанд. Гӯё дигар молҳо арзиш надошта, фулузоти асил ҳамчун роҳу василаи андоза кардани арзиши молҳо хизмат карда меоянд. Он замонҳо гумон доштанд, ки молҳо танҳо бо ёрии тилло арзиши худро ифода карда метавонанд. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳам, дар он даврон афзалан пулҳои тиллоӣ корбурд мешуданд.

Дар ҳаёти воқеӣ барои андозаву чен кардани арзиши молҳо шакли хосаи арзиш, яъне ҳамчун арзиши мубодилавӣ нархро корбурд мекунанд. Нарх дар воқеият ҳамчун андозаву ченаки неъматҳову амволи дар ҷомеа истеҳсолшуда хизмат менамояд. Албатта, мебояд мадди назар дошт, ки нарх дар даврони бо воситаи пулҳо ба роҳ монда шудани мубодилаи молӣ ҳамчун воқеияти ҳақиқӣ зуҳур ёфта метавонад.

Чунонки дар боло хотирнишон кардем, молҳо дорои арзиш ва манфиатнокӣ мебошанд. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳам, андозаву ченкунии сарвату дороӣ ва неъматҳои ҳосилкардаи мардумон бо воситаи андозаву чен кардани ҳаҷми тиллоӣ ва ё нуқрагии ҷамеи маснуот ба роҳ монда мешавад. Аммо ҷомеа ҳатто дар даврони мо ҳам ченаку андозаи дилхоҳ ва қобили қабули ҳисоби доронию амволашро дарёфт карда натавонистааст. Нишондиҳандаҳои корбурдшаванда дорои зиддиятҳову камбудиҳо мебошанд.

## 2. Андозаву ченкунии арзиш ҳамчун яке аз муаммоҳои марказии илми иқтисодӣ

Илми иқтисодӣ аз ибтидои ба фаъолият расидан то замони мо кӯшишҳои зиёди андозаву ченкунии дороию сарват ва амволи дар ихтиёраш бударо пеш гирифта меояд. Аммо то чӣ андоза ҷомеа ба иҷрои ин мақсад ноил гардидааст? Ин натиҷаро аниқ нишон додан хеле душвор мебошад. Баъзе олимони ҳозира ақида доранд, ки гӯё то имрӯз ҷомеа ба ҳисобу андоза ва чен кардани натиҷаи меҳнат амалан муваффақ гардида натавонистааст.

Албатта, ҳоло арзиши молҳоро аз рӯи масрафи меҳнат муайян месозанд. Аммо ба иҷрои ин вазифа меҳнати инфиродӣ мувофиқат намекунад, чунки вай масрафи қувваи зеҳнию ҷисмонии ҳар як тавлидгари молу неъматро мефаҳмонад. Барои ин мақсад меҳнати ҷамъиятӣ мувофиқ омада метавонад, ки дар шароити миёнаи ҷомеагӣ, яъне сатҳи миёнаи шиддатнокию ҳосилнокӣ ва техникиву технология ва таҷрибаю малакаи кори корманд ҷой дошта метавонад. Воқеан, мо мардумон барои ба таври мушаххас муайян кардани арзиши моли ҷудогона хеле мулоҳизаронӣ менамоем ва танҳо дар ҳамин появу асос ба хулоса меоем, ки нархи барои мо эълоншудаи мол ба меҳнати зарурии ҷамъиятии барои он масрафшуда мувофиқат мекунад ва ё на? Яъне меҳнати зарурии ҷамъиятии молҳо ба таври тақрибӣ аз рӯи таносуби зайл муайян карда мешавад:

$$Мз = \frac{Вм.к.}{Мн};$$

Дар ин ҷо:

*Мз* – андозаи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ ба воҳиди моли муайян;

*Вм.к.* – вақти кории барои ҷамеи молҳои якхела масрафшуда;

*Мн* – миқдори ҳамон намуди мол.

Вале дар воқеият *Мз* амалан нишондиҳандаи доимо дигаргуншаванда ва якхела нест ва шояд дар ҳиссаи зиёд тақрибию тахминӣ ҳам бошад. Маҳз бо ҳамин сабаб ҷомеа онро ба таври қиёсӣ корбурд карда меояд.

Нишондиҳандаи дигари мол манфиатнокии вай мебошад. Манфиатнокии молҳои гуногун низ ҳархелаву тафовутнок мебошанд, ки сатҳи нафърасонии онҳо ҳархелаанд. Аз ин сабаб, қимати воқеию мувофиқи андозаву ченкуннандаи натиҷагирии меҳнати ҷомеаро бо ёрии манфиатнокию нафърасонӣ ҳам андозаву чен кардан сареҳ намебошад. Ин равишу зиддиятҳоро ба назар гирифта, олимон пешниҳод доранд, ки нишондҳандаи авлотарину мувофиқи андозаву ченкунандаи дороии ҷомеа нархи молҳо бошад. Ҳисобу чен кардани онро олимон ба воситаи пулҳои табиӣ – тиллову нуқра имконпазир медонанд.[1] Дар амали хоҷагидорӣ давлатҳо нишондиҳандаҳои ашёгӣ (чизӣ), арзишӣ (аз рӯи нарх) ва қиёсӣ (шартии) истеҳсоли молҳову химатҳоро корбурд карда меоянд. Маънидоди ин нишондиҳандаҳо дар мавзӯъҳои минбаъда пешкаш мегарданд.

### 3. Классикони иқтисоди сиёсӣ дар бобати арзиш. Назарияи марксистии арзиш

Ҳарчанд иқтисодшиносони пешин нишон дода буданд, ки тавлидгару ташаккулдиҳандаи арзиши молҳо меҳнат мебошад, аммо ин масъала то ба фаъолият расидани мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ возеҳию равшании худро дарёфт накарда буд. Сардафтари иқтисоди сиёсии буржуазӣ Уилям Петти нишон дода буд, ки тавлидгари арзиши молҳо меҳнат мебошад. Минбаъд ин ақоидот дар пажӯҳишҳову асарҳои мутафаккирони беназири британӣ Адам Смит ва Давид Рикардо давому камолоти худро дарёфта тавониста буд. Онҳо назарияи меҳнатии арзиши молҳоро асоснок карда буданд. Онҳо нишон доданд, ки танҳо меҳнат тавлидгари арзиш мебошад. Ҳарчанд дар тадқиқоти Ж.Б. Сэй ақидаи дигаре пешниҳод шуда, таъкид мегардид, ки ҳар яке аз омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя ва меҳнат) ҳиссаи ҷудогонаи арзишро ба вуҷуд меоваранд.

---

[1] Ниг. Навичков А.В. Политическая экономия. Курс лекций. Издательство «Маркетинг». М., 2002, стр. 432, 458.

Назарияи арзиши меҳнатӣ дар асарҳои Карл Маркс қуллаи инкишофи худро дарёфта, дар ҳамин поя ба яке аз кашфиёти беназири хислати духелаи меҳнати ба мол масрафшуда, яъне хислати инфиродию мучарради (конкретию обстрактии) меҳнати дар мол тачассумёфта асоснок карда шудааст. Маркс дар ҳамин пояи кашфиёт зиддиятҳои байни арзиш ва арзиши истеъмолии молҳо, зиддияти байни меҳнати хусусию чамъиятӣ ва дигарҳоро низ ошкор карда буд.

Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ бо мақсади возеҳу равшан гардонидани муаммоҳову масъалаҳои арзиш, нарх, масрафи меҳнати истеҳсолкунандаи молҳо пажӯҳишгоҳҳову Шӯроҳои зиёде ташкил ёфта буданд. Онҳо тамоми масоили арзишу нархро ҳамачониба таҳлилу тадқиқ мекарданд, ҳарчанд пешравиҳои намоёну комёбиҳо хеле кӯчак буданд. Илми иқтисодӣ дар замони ҳозира низ тадқиқу омӯзиши арзиш ва нархро яке аз муаммоҳои марказии илм ҳисоб мекунад.

Карл Маркс нишон дода буд, ки шакли ҳаётии арзиши молҳо нархи истеҳсол ба ҳисоб меравад, ки ба таври зайл муайян карда мешавад:

$$Ни = C + V + P$$

Ин чо:

*Ни* – нархи истеҳсол;

*C* – масрафи сармояи доимӣ;

*V* – масрафи сармояи тағйирёбанда;

*P* – фоидаи миёна.

Дар назари мо ҳамчун натичаи таълимоти марксистии арзиш бояд нархи арзишии мол муайян карда мешуд = $Ha = \frac{\sum Вк}{ВкП} x ТП$. Дар ин чо:

*Ha* – нархи арзишии молҳо мавриди муомилоти пулҳои табиӣ (тиллову нуқра);

*ΣВк* – вақти кории барои истеҳсоли мол масрафшуда;

*ВкП* – вақти кории барои воҳиди пул масрафшуда;

*ТП* – коэффитсенти талаботу пешниҳод.

Ақидаҳои зайл ибтидои солҳои 70-ум аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо пешниҳод ва чоп шуда буд. Хушбахтона ба он диққате ҷудо нагардид, агар ин тавр намебуд, бояд муаллифро ҷазое насиб мегардид. Ҳоло имконоти ҳамаҷонибаи мубоҳисаҳои илмӣ фароҳам омадаанд.

### 4. Назарияҳои намоёнтарини арзиш

Дар таърихи илми «Назарияи иқтисодӣ» назарияҳои зиёде бо унвони назарияҳои арзиш ба вуҷуд оварда шудаанд. Маводи таълимии зайл имкон намедиҳад, ки мо ҷамеи онҳоро дахл намоем. Аз ин сабаб баъзеи онҳоро ба хонандагони арҷманд хотирнишон карданро зарур шуморидем.

**а) Назарияи интиҳои манфиатнокӣ**

Сароби назарияи манфиатнокиро охирҳои асри XVIII Кондиляк ва Галиани гузошта буданд. Мувофиқи гузоришоти онҳо ҳамчун появу сарчашмаи арзиш ва нархи молҳо манфиатнокӣ ё нафърасонӣ хизмат карда метавонанд. Онҳо гумон доштанд, ки дар пояи манфиатнокии молҳо натанҳо хислатҳои объекивии маҳсулот, балки ҳолати рӯҳонии (психологии) истеъмолгарон мехобанд. Ҳамин тавр, ба илм равишҳои рӯҳонии мардумон ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи арзиш ва нархи молҳо ворид карда шуда буданд.

Ин назария аз нимаҳои асри XIX боз аз нав эҳё гардонида мешавад. Ҷонибдорони назарияи интиҳои манфиатнокиро мансуб ба мактаби австриягӣ медонанд. Дар ҷумлаи намояндагони ин мактаб Ҷевонс, Валрас, Менгер ва Бем-Баверк ёдрас карда мешаванд. Баёни комили ақоидоти мактаби австриягӣ дар асарҳои Бем-Баверк пешниҳод гардидаанд. Вай нишон медод, ки ҳамаи чизҳои қиматнок мебояд микдоран махдуд бошанд, дар акси ҳол, яъне миқдоран зиёд будан қимати худро гум хоҳанд кард.

**б) «Назарияи се омилҳои истеҳсолот»**

Назарияи мазкур ҳамчун давомдиҳандаи таълимот дар бобати назарияи харочоти истеҳсолот ҳисобида мешавад. Поягузору ба вуҷуд оварандаи назарияи се омилҳои истеҳсолот олими фаранги Жан Батист Сэй мебошад. Мувофиқи нишондоди вай тавлидгарони арзиш омилҳои истеҳсолот мебошанд. Вай танҳо меҳнат, сармоя ва заминро ҳамчун омилҳои истеҳсолот эътироф мекард ва нишон медод, ки ҳар яке аз ин омилҳо ҳиссаҳои ҷудогонаи арзишро тавлид менамоянд. Аз ин боис, арзиши молҳо аз се ҳисса иборат буда, дар навбати худ ба музди кор, фоида ва рентаи замин ҷудо мешавад. Яъне дорандагони (соҳибони) омилҳо ҳар яке ҳиссаи худро аз арзиш мегиранд.

**в) «Назарияи харочоти истеҳсолот»**

Олими мумтозу мутафаккири беҳамтои британиягӣ Давид Рикардо назарияи иқтисодии Адам Смитро давом дода, нишон дода буд, ки масрафи меҳнат ба молҳо арзиши он моли истеҳсолшавандаро ташкил дода метавонад. Як гурӯҳ шогирдону пасояндагони Давид Рикардо ин нишондодҳои ӯро ҳамчун санги маҳаки назарияи вулгарии (бофтаи) худ интихоб карда, нишон медоданд, ки арзиши молҳоро масрафи воқеии истеҳсолот муайян месозад. Дар қатори ин ҷараёни таълимот Торренс, Ҷемс Милл, Маккулох, Ҷон Стюарт Милл ва дигарон қарор доранд. Аз ҷумла, Ҷон Стюарт Милл ақида дошт, ки зери мафҳуми харочот масрафи пули сармоядор бояд фаҳмида шавад ва гӯё ин ақидаро Рикардо пешниҳод карда будааст.

Азбаски мо дар боло нисбати назарияи арзиши меҳнатии классикони иқтисоди сиёсии буржуазӣ ва Карл Маркс суханронӣ кардем, дигар ба такрори он зарурат наменонад.

## 5. Мавқеи таълимоти арзиши изофа

Пояҳои назарияи арзиши изофаро, ки дар илми иқтисодию иҷтимоӣ ҷой дорад, Адам Смит ва Давид Риккардо гузошта буданд. Онҳо нишон медоданд, ки нобаробарию зиддияти ҷомеаи буржуазӣ аз истисмори аҳли меҳнат баромада меояд.

Яъне соҳибони сармояву мулкдорон ҳамчун дорандагони омилҳои иқтисодии истеҳсолот дар оқибати амалкард ҳиссаи арзиши бо меҳнати аҳли меҳнат (синфи коргар) истеҳсолшударо азхуд менамоянд.

Минбаъд ин гузоришоту ақидаҳо дар асарҳои зиёди беҳамтои Карл Маркс идомаи худро дарёфтаанд, ки онро мо «Назарияи арзиши изофаи марксистӣ» ном мебарем. Таълимоти инқилобии Карл Маркс ҳам маҳз аз ҳамин ақидаҳо манша гирифта, ба бӯҳрони шадиду ногувори иҷтимоӣ гирифтор гардидани ҷомеаи буржуазиро исбот намуда ва ҳамаҷониба ба тасвир оварда буд.

Ба роҳи чапғалати бюрократию фармонфармоӣ бурда шудани низоми коммунистии собиқ боиси ҳамон гардидааст, ки дар даврони мо низомҳои сотсиалистӣ рӯ ба эҳёи иқтисоди бозоргонӣ оварда, бо ҳамин васила эътибори воқеии марксизмро аз байн бурданд. Бо ҳамин назарияи инқилобии марксистӣ ҳам аз байн гӯё рӯфта шуд ва аксаран мардумон аз он равишу ақоидот рӯй тофтанд.

Дар назари мо назарияи арзиши изофа, ки вазъи ногувори иқтисодию ҳуқуқии синфи коргарро дар нимаи дуюми асри XIX илман асоснок карда, дар ҳамин пояи назариявӣ инқилоби пролетариро асоснок намуда буд, ба воқеияти таърихии ҳамон замона такя мекард ва роҳу василаи ба адолати иқтисодию иҷтимоӣ расидани ҷомеаи ҳамонзамонаро дуруст ба тасвир оварда буд. Шояд бо ҳамин сабабҳо эътибору обрӯи назарнамо ва ҷонибдории зиёди мардумони ҷаҳонро дарёфта буд. Таи даврони сипаригардида то охири асри XX иқтисодиёти ҷомеагӣ пеш рафта, дигардуниҳои намоён ба миён оварда шуданд. Аз ин боис ҳам имконоти нави пешрафт, ҳаллу фасли масоили иҷтимоии ҷомеа, ба мардумон таъмин кардани ҳаёти боосоишу таъминона, истифодаи роҳҳои мухталифу дилхоҳи боло бардоштани адолати иҷтимоӣ ва дигарҳо фароҳам оварда шудаанд.

Ҳолатҳои зайл тамаддунро ба хулосаи навин водор сохтанд, ки роҳу воситаҳои башардӯстонаи таъмини адолати иҷтимоӣ, фузун гардонидани даромади меҳнаткашон ва боло бурдани сатҳи некӯаҳволии мардумон ҷой доранд ва ҷомеа

бояд аз ӯҳдаи истифодаи ҳамаҷонибаи ин имконот барояд. Демократонии ҳаёти мардумон дар ин равандҳо ҳамчун роҳу василаи асосӣ хизмат карда метавонад.

### 6. Қонуни арзиш. Арзиш ва нархи молҳо

Мебояд иқрор шуд, ки қонуни арзиш тӯли асрҳои охир диққати омӯзандагону тадқиқгаронро ба худ ҷалб карда меояд. Шояд қонуни арзиш яке аз қонунҳои аз ҳама зиёдтар тадқиқу омӯхташаванда бошад. Аммо маънидоду сеҳри он то замони мо ҳам бо пуррагии комил дарку аниқ карда нашудааст.

Маълум аст, ки молҳо дар бозори рақобати комил мувофиқи андозаи меҳнати зарурии ҷамъиятии таҷассум кардаашон мубодила карда мешаванд. Аз ин боис ҳам ҳар қадар масрафи меҳнат ба воҳиди моли муайян камтар бошад, соҳибкору фурӯшгар ҳамон қадар даромади зиёдтарро ба даст меоваранд. Аз ин сабаб истеҳсолгарон кӯшиши кам кардани масраф ва фузун гардонидани ҳосилнокии меҳнатро пиёда карда меоянд. Техника ва технологияи нав, роҳхову воситаҳои камкунандаи масраф истеҳсолгаронро ба мақсадашон хоҳанд расонид. Бинобарон равнақу пешрафти истеҳсолоти молӣ беинтиҳо давом ёфта, дар пешравии ҷомеа мусоидат карда метавонад.

Қонуни арзиш бо василаи муайян кардани нархҳо ба таносубҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ низ таъсир мерасонад, онро идораву танзим менамояд. Истеҳсолгари ҷудогона дар ҳамаи мавридҳо дар назди худ мақсади кам кардани масрафашро пеш мегирад. Чунки бо ин роҳ даромади умумӣ зиёд карда шуда, фаъолияти воқеӣ фоиданоктар мегардад. Он хоҷагиҳое, ки фоидаашон босуръат муафзояд ва даромаднокиашон баланд мегардад, торафт соҳиби маблағи калони фоида мешаванд ва барои ривоҷу равнақи истеҳсолот имконоти зиёдтарро соҳиб мегарданд.

Арзиши бо пул ифода кардашудаи молҳоро нарх номидаанд. Яъне андозаи воқеии нарх дар ҳиссаи намоён ба бузургии арзиш баробар мебошад. Аммо дар давраи ҳукмронии механизми бозории рақобати нокомил нархҳо аз арзиши молҳо фарқ карда меистанд.

Дар назари мо нарх ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ яке аз равишҳову чараёни ниҳоят намоёну паҳнои муносибатҳои иқтисодии ҷомеа ва мардумонро нишон дода метавонад. Охир ба мафҳуми «нарх» ҳамагон: чӣ харидорону ва чӣ фурӯшгарон, тавлидгарону истеъмолгарон ва дигару дигарҳо сару кор доранд. Гӯё бидуни «нарх» ва амалу истифодаи васеи он ҳаёти одамон равишу маҷрои дилхоҳро ба худ гирифта наметавонанд. «Нарх» амалан мазмун, таъинот ва зуҳуроти воқеии арзиши молҳо мебошад, ки ин хислати вайро аз истифодаи амалиаш мушоҳида кардан имконияτпазир аст.

Дар амали хоҷагидории Иттиҳоди Шӯравии собиқ тамоми равишҳо ва зуҳуроти нарху нархгузорӣ бар зиммаи сохторҳои алоҳидаи давлатӣ вогузор шуда буданд. Ин сохторҳо дар ҳиссаи намоён ба таври тақрибӣ ва бе ягон асоси муайян нархҳои молҳову хизматҳоро пешниҳод мекарданд. Мардумон бидуни шакку шубҳа ин пешниҳодотро қабул месохтанд. Дар ақибати ин низому равандҳо ба амали хоҷагидорию иқтисодиёт зарарҳои калоне расонида мешуданд.

Дар иқтисодиёти бозоргонии озод фаъолият баранда нарху нархгӯзорӣ аз ихтиёру қарордоди сохторҳои давлатӣ берун карда шуда, ҳамчун як ҷабҳои амалиёти хоҷагидории фирмаҳо ва шаҳрвандон ба ихтиёру салоҳдиди онҳо вогузошта мешавад. Чунин тарзу усули нархгузорӣ имкон фароҳам меоварад, ки сатҳи фаъолияти озодонаи воҳидҳо ва субъектҳои хоҷагидории мамлакат назарнамо хеле баланд бардошта шавад. Ин дар навбати худ ба озодии фаъолият ва шахсият низ таъсири намоён мерасонад.

Ҳамин тавр, фаъолияти озодонаи хоҷагидорию амалкарди мардумонро ба роҳ намонда ба шаҳрвандон озодии ҳуқуқии комилро таъмин намудан берун аз имкон аст. Маҳз бо ҳамин сабабҳо амали хоҷагидорию нархгузории даврони иқтисодиёти бозоргонӣ бидуни дахолати бевоситаи сохторҳои давлитию дигарҳо, яъне озодона ба роҳ монда мешавад. Дар ин гуна ҳолат нархҳо ҳамчун натиҷаи ақдҳои дар байни фурӯшгарону харидорон ба миён оварда шуда ҷой хоҳанд дошт.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Таснифи арзишро пешниҳод намоед.
2. Арзиши молҳоро бо чӣ андоза ва чен мекунанд?
3. Меҳнати зарурии ҷамъиятиро маънидод кунед.
4. Вақти кори зарурии ҷамъият чист?
5. Арзиши табиӣ (тилло) чист?
6. Маънидоди «Назарияи интиҳои манфиатноки»-ро пешниҳод намоед.
7. Жан Батист Сэй кӣ буд?
8. «Назарияи арзиши изофаи марксистӣ»-ро тасниф кунед.
9. Талаботи қонуни арзишро ёдрас намоед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Рефератҳо ба мавзӯъҳои зайл пешниҳод карда шаванд:
   а) «Назарияи арзиши меҳнатӣ».
   б) «Назарияи хароҷот».
   в) «Назарияи серомилаи арзиш».
   г) «Назарияи таърихии арзиш».
   д) «Назарияи арзиши изофаи марксистӣ».
2. Таълимоти А. Смит ва Д. Рикардо дар бораи арзиш.
3. Меъёру ҳаҷми арзиши изофаро тасниф диҳед.
4. Вақти кори зарурии ҷамъиятро маънидод намоед.
5. Нархҳо бояд чӣ гуна бошанд?
6. Қонуни арзиш чист?

## V. ТЕСТҲО:

**1. Дар Юнон ва Рими Қадим таълимоти «арзиши табиӣ» ҳукмрон буд. Он замон зери мафҳуми арзиш чиро мефаҳмиданд?**

а) меҳнату масрафро;
б) тиллову нуқраро;
в) қувваи коргариро;
г) ашёву заминро.

**2. Кадоме аз ин нишондиҳандаҳои ҳаммонанд аз ҷониби илми «Назарияи иқтисод» бо пуррагӣ қабул карда шудаанд?**

а) хароҷоти маснуот;
б) масрафи меҳнат;
в) арзиш ва масорифот;
г) арзиш ва қиматнокӣ.

**3. Дар пояи таълимоти мактаби австриягӣ кадом хислати молҳо гузошта шудааст?**

а) нафърасонӣ;
б) хизматгузорӣ;
в) мутобиқати истеъмол;
г) таъиноти истеъмолӣ.

**4. Таълимоти назарияи интиҳои манфиатнокӣ боз кадом хислати одамонро мадди назар мегирад?**

а) хислати инфиродӣ;
б) хислати танҳогӣ;
в) хислати рӯҳонӣ;
г) хислати ҷомеагӣ.

**5. Қуллаи намоёну баръалои назарияи арзиши меҳнатиро кадом мутафаккир фатҳ кардааст?**

а) Карл Маркс;
б) Уилям Петти;
в) Адам Смит;
г) Давид Риккардо.

**6. Кашфиётчии меҳнати муҷаррад ва инфроди (абстрактию конкретӣ)-и ба молҳо масрафшавандаро нишон диҳед.**

а) Адам Смит;
б) Уилям Петти;
в) Карл Маркс;
г) Давид Риккардо.

**7. Меҳнати зарурии ҷамъиятии дар асоси арзиши молҳо қарор доштаро аз рӯи чӣ муайян мекунанд?**

а) вақти кори масрафшуда;
б) вақти кори зарурии ҷомеа;
в) маблағи масорифоти пулӣ;
г) масрафи меҳнати зиндаву муҷассам.

**8. Формулаи зайл дода шудааст:** $Ha = \frac{\sum B\kappa}{B\kappa\Pi} x T\Pi$. **Номи дурусти формуларо ҷудо карда нишон диҳед.**

а) нархи бозории молҳои истеҳсолшуда;
б) таносуби вақту арзиши молҳо;

в) нисбати вақти корӣ ва пул;
г) нархи арзишии молҳо.

**9. Кадоме аз назарияҳои арзишро асосноку босалиқа ва ҳамаҷониба исботшуда медонед?**

а) назарияи интиҳои манфиатнокиро;
б) назарияи серомиларо;
в) назарияи арзиши меҳнатиро;
г) назарияи баробарқиматии меҳнатиро.

**10. Талаботи қонуни иқтисодии арзиш дар кадоме аз ҷавобҳои овардашуда дуруст баён гардидааст?**

а) мубодилаи молҳо аз рӯи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ;
б) мувофиқи меҳнати зарурии ҷомеа таъин шудани арзиш ва танзими таносубҳои иқтисодӣ;
в) ба андозаи меҳнати ҷорию муҷассам мувофиқ омадани арзиши молҳо;
г) нархгузории молҳои ба фурӯшоварда шуда мувофиқи масорифоти онҳо.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-е издание. М.: «Омега Л». 2008, стр. 159-189.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми якум. Чопи сеюм. Душанбе, «Паёми ошно», 2006, саҳ. 243-269.
3. Карл Маркс. Капитал, ч. 1-3. Карл Маркс и Ф. Энгельс. Избранние к сочинения, Т. 23-25.
4. Новичков А.В. Политическая экономия. Курс лекций. М:. «Маркетинг», 2002, стр. 293-410.
5. Экономическая теория. Учебник. Часть 1. Под ред. Ларионова И.К. и др. М: 2006, стр. 233-251.
6. Риккардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. М.: Политиздат, 1955.
7. Самуэлсон П., Нордхаус В. Экономика. М.: 2008, стр. 917-964.
8. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцэегиз, 1962.
9. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика М.: Дело. 1996, глава 26.
10. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Душанбе, «Эрграф», 2003.

# БОБИ 9.
# НАЗАРИЯИ ИСТЕҲСОЛОТ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Истеҳсолот, моҳият, унсур, вазифа ва мақсади он
2. Меъёрҳои муайянкунандаи шакл ва намудҳои истеҳсолот
3. Масоили интихобу истифодаи захира (омил)-ҳо ва имконоти истеҳсолӣ
4. Омилҳои истеҳсолот

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Истеҳсолот, нақш ва мақоми он дар иқтисод
2. Таркиб ва шаклҳои асосии истеҳсолот
3. Истеҳсолот ва вазифаҳо (функсияҳо)-и истеҳсолӣ

### 1. Истеҳсолот, моҳият, унсур, вазифа ва мақсади он

Истеҳсолот (тавлидот) – сарчашмаи асосии истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ҳамчун қонеъ гардонандаи талаботи ҷомеа, ҷузъи муҳимтарини иқтисод, алалхусус соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва сарчашмаи ташаккули фаъолияти иҷтимоӣ, фарҳанг, илм, маориф, маънавиёт ва ғайра хизмат мекунад.

Ибтидои истеҳсолотро раванди меҳнат ташкил медиҳад. Охир он ҳамчун ягонагӣ ва ҳамбастагии фаъолияти меҳнатии инсон, сатҳу дараҷаи таъсиррасонӣ ба ашёҳои табиат, тағйиру дигаргунисозӣ ва қонеъгардонии талаботи беинтиҳои он сурат мегирад.

**Раванди меҳнат** ҳамчун ягонагии унсурҳои меҳнат, предмети меҳнат ва олоти меҳнат ташкил гардида, аз бисёр ҷиҳат ба раванди истеҳсолот мусоидат менамояд.

**Меҳнат** – амалиёти бошуурона ва мақсадноки фаъолияти инсон буда, бо ёрии он неъматҳои моддию маънавӣ ва хадамот ба вуҷуд оварда мешавад. Бо ин мақсад инсон кулли

дониш, малака ва маҳорати худро баҳри истифодаи захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва қонеъ гардондани ниёзу эҳтиёҷҳои номаҳдуд ва беинтиҳои худ истифода мекунад.

**Ашёи меҳнат** ба сифати объекти меҳнат, дар шакли захираҳои тайёри табиат (замин, дарахт, ангишт...) ва нимфабрикат (ашёи хом), яъне захираҳои табиат, олами ҳайвоноту наботот баромад карда, барои ташкил, ривоҷу равнақ, таъмини рушд, **муозинию** истиқрори истеҳсолоти муосир мусоидат менамояд.

**Олоти меҳнат.** Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини истеҳсолот, ифодакунандаи сатҳу дараҷаи пешрафт ва дараҷаи беҳбудии ҷомеа буда, дар шаклҳои гуногун: шакли чизӣ ё худ моддӣ (санг, ҳайвонҳои корӣ); воситаҳои техникӣ (мошин, механизмҳо, таҷҳизот, дастгоҳ); низоми комили истеҳсолоти мошинӣ: (муҳаррик (двигател), дастгоҳҳои идораю танзимгар...) ва ғайра сурат мегирад.

Ашёи меҳнат ва олоти меҳнат дар якҷоягӣ **воситаҳои истеҳсолотро** ташкил медиҳанд. Онҳо дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ, ҳамчун сармоя (сармояи асосӣ, сармояи истеҳсолӣ); фонд (фондҳои асосӣ, гардон, истеҳсолӣ, молҳои сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) ва ғайра номбар карда мешаванд.

Дар раванди истеҳсолот меҳнат ба сифати **қувваи коргарӣ** истифода карда мешавад. Ягонагии қувваи коргарӣ ва сармоя **қувваҳои истеҳсолкунандаро** ташкил медиҳад.

Он ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини таъмини рушди иқтисод, (дар сатҳи микро-макро-мегаиқтисод) илму техника, технология, иттилоот, электроникаи муосир қарор дошта, тарзу услуби ташкили истеҳсолот ва пешрафту истиқрори иқтисодиётро муайян менамояд.

Кулли алоқа ва равобити мутақобила (таъсири байниҳамдигари)-и ҳодисаю равандҳои иқтисодию иҷтимоии дар ин раванд ташкил ва инкишофёбанда ҳамчун **муносибатҳои иқтисодӣ** эътироф карда мешаванд. Аз боиси нисбатан мураккаб ва беинтиҳо будан, онҳоро аз нигоҳи меъёр, ба муносибатҳои истеҳсолии:

- дар доираи истеҳсол, муомилот, тақсим, истеъмол;
- муносибатаҳои ташкилию иқтисодӣ (ташкили истеҳсолот (ниг. ба саволи оянддаи мавзӯъ ва тавлиду мубодилаи неъматҳову хадамот);
- муносибатҳо аз нигоҳи ташкили хонаю хонадорӣ (муносибатҳои инфиродӣ), хоҷагидорию бизнес (муносибатҳои коллективӣ, гурӯҳӣ); давлату давлатдорӣ (муносибатҳои ҷамъиятӣ), муносибатҳои минтақавии байналхалқӣ;
- муносибатҳои соҳавӣ (кишоварзӣ, саноат);
- масоҳатӣ (сарзамини алоҳида, ноҳия, вилоят...);
- муносибатҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ (истеҳсолоти моддӣ, ғайримоддӣ);
- байни субъект, агент (намоянда) ва институтҳои иқтисодӣ;
- молиявӣ, қарзӣ ва ғайра ҷудо мекунанд.

**Истеҳсолот** ҳамчун нуқтаи ибтидоии таъмини ҳаракати муносибатҳои иқтисодии ҷомеавӣ (истеҳсол, тақсим, мубодила, истеъмол), сарчашмаи ташаккули захира ва омилҳои иқтисодӣ (сармоя, меҳнат, замин, иттилоот...), шароит ва қоидаҳои ба ҳам пайваст ва иттисоли фаъолияти субъекту объекти иқтисодӣ ва дар ин асос ба вуҷуд овардани неъматҳои иқтисодию ғайриқтисодӣ, хадамот ва қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ баромад мекунад.

Оиди истеҳсолот, моҳият, нақшу мақом, мақсаду вазифа ва натиҷаҳои ниҳоиву истифодаи он назария ва тафсилоти гуногун мавҷуд мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- меҳнат ҳамчун қобилияти ҷисмонию фикрии инсон (қувваи коргарӣ) ва фаъолияти бошуурона ва ба мақсад мувофиқи инсон сурат мегирад;
- меҳнат инсони иқтисодӣ ва охирон истеҳсолотро ба вуҷуд овардааст;
- меҳнат – сарчашмаи ғизо ва таҳрикдиҳандаи истеҳсолот мебошад;
- дар ҷараёни истеҳсолот, одамон неъматҳои моддию маънавӣ ба вуҷуд меоранд ва ба ин мақсад кулли

дониш, малака, маҳорат, истеъдод ва санъати худро масраф мекунанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ **тахти истеҳсолот ҷараёни муттасили ҳамгироии омилҳои истеҳсолот, истифодаи захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва дар ин асос ба вуҷуд овардани неъматҳои иқтисодию ғайрииқтисодӣ, хадамот ва қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ** фаҳмида мешавад.

Истеҳсолот ҳамчун ягонагии унсурҳои зер: вазифа, мақсад, шакл ва омилҳо сурат мегирад.

Одатан, чунин **вазифаҳои истеҳсолот** бештар пазируфта мешаванд:

- ташкили раванди меҳнат (истеҳсолот);
- таъмини шароит барои дастрас ва ба ҳам пайваст намудани омилҳои истеҳсолот;
- таъмини ташкили истеҳсолот (тамарказ, марказият, кооператсия), навсозӣ, навоварию ихтироотҳо азнавтаҷҳизонӣ, ҳосилнокию шиддатнокӣ, даромаднокию самаранокӣ;
- ташкили шароити меҳнат, шаклу низоми музди кор, таъмини бехатарии истеҳсолот;
- ташкили арзишу нарх, хароҷоти молу маҳсулот, бозори нави фурӯш;
- таъмини дараҷаи муайяни даромад ва фоида;
- дар асоси имконоти истеҳсолӣ ва интихоби алтернативию комбинатсияҳои омилҳо (захираҳо), таъмин намудани дархосту эҳтиёҷи субъектҳои иқтисодӣ бо неъматҳову хадамоти муосири рақобатпазир ва ғайра.

Ҳаллу фасли ин вазифаҳои истеҳсолӣ барои мустақиман амалӣ гаштани **мақсади аслии истеҳсолот** мусоидат менамоянд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Таҳлилу таҳқиқ ва ҳаллу фасл намудани масоили умдаи иқтисод:

- чӣ бояд истеҳсол намуд, то ки талаботи ҳамаҷониба афзояндаи субъектҳои иқтисодӣ қонеъ гардонда шавад;
- чӣ қадар истеҳсол намуд? Ба ин мақсад кадом ҳиссаи захираҳои мавҷударо истифода намуд?

- чӣ тавр истеҳсол намуд? Ташкили истеҳсолро чӣ тавр ба роҳ монд? Дар ин раванд кадоме аз техникаю технологияро истифода намуд?
- барои кӣ истеҳсол намуд? Истеъмолгари неъматҳову хадамот киҳоянд? Қобилияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, ташкили соҳибкорӣ, тарҳрезию идора, механизми амали бозор ва қобилияти харидории субъектҳои иқтисодӣ чӣ тавр сурат мегирад?
- оё истеҳсолот тибқи қудрат ва нерӯи мавҷудаи худ, сатҳу дараҷаи ақали хароҷот, ҳадди аксари фоидаро, дар ҳолати мавҷуд будани рақобатпазирии корхонаҳои дигар, таъмин карда метавонад?
- усулу услуб ва қонуниятҳои ташкили хоҷагидорӣ дар шароити бозор, кафолати некӯаҳволии оммаи халқро ба зимма гирифта, онро таъмин карда метавонад?

2. Оқилона ва бо самараи баланд истифода намудани захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои одамон.

## 2. Меъёрҳои муайянкунандаи шакл ва намудҳои истеҳсолот

Истеҳсолот шоҳсутунест, ки дар асоси он ҳастии моддии ҷомеаи инсонӣ барпо мегардад. Қудрат ва нерӯи ҳамбастагии захираҳои иқтисодӣ ва омилҳои истеҳсолот перомуни тавлиди неъматҳову хадамот ва сатҳу дараҷаи қонеъгардонии тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Ҳаҷм ва микёси он беандоза фароху номаҳдуд ва беинтиҳо буда, аз тавлидоти инфиродӣ (бахши хонавода), то ҳавзаи микро-мезо-макро-мегаиқтисод (бо ҳамагуна нишондиҳандаҳояш) фаро мегирад. Онҳо, бешубҳа таҳти хусусиятҳои сатҳ ва дараҷаи ташаккулу ташкили шаклҳои моликият, низомҳои иқтисодӣ (қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ), захираҳои иқтисодӣ, омилҳои иқтисодӣ ва ғайра ҳархела сурат хоҳанд гирифт.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, аз нигоҳи меъёр чунин шакл ва намудҳои истеҳсолот фарқ карда мешавад:

1. **Тибқи таъиноти маҳсулот:**

- **истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот**- воситаҳои меҳнате, ки пас аз истеҳсол карда шудан, аз нав (такроран) ба сифати сармоя (мошин, таҷҳизот...) ба ҷараёни истеҳсолот ҷалб карда мешаванд;
- **истеҳсоли ашёҳо (чизҳо)-и истеъмолӣ-молу** маҳсулот ва олотҳои меҳнат, ки аз ҷониби истеҳсолгарон ба истеъмолгарон, барои қонеъ гардондани талаботи онҳо пешниҳод карда мешавад.

2. **Тибқи нақш ва мақоми он дар раванди такрористеҳсол:**

- **истеҳсолоти моддӣ** - соҳаҳои асосии хоҷагии халқ (саноат, кишоварз, сохтмон, савдо, нақлиёт, алоқа...), ки дар онҳо молу маҳсулот ва хадамот тавлид карда мешаванд;
- **истеҳсолоти ғайримоддӣ**- қисми соҳаҳои хоҷагии халқ, ки ғайримустақим дар тавлиди неъматҳои иқтисодӣ ва хадамот иштирок мекунанд (хоҷагиҳои сохтмону коммуналӣ, хизматрасонии аҳолӣ, нақлиёти мусофирбар), алоқа (қисмати хизматҳои ғайри истеҳсолӣ ба аҳолӣ), маориф, маданият, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ, таъминоти иҷтимоӣ, санъат, илм, фарҳанг, мудофиа, идораи мамлакат).

3. **Тибқи маҳсули натиҷаи ниҳоӣ:**

- тавлиди маҳсулот (маҳмӯи арзишҳои истеъмолӣ);
- тавлиди неъматҳо (истеҳсолӣ ғайриистеҳсолӣ, моддӣ, хусусӣ, ҷамъиятӣ);
- тавлиди хадамот, дар доираи субъектҳои иқтисодӣ дар шакли маҳсулот. (маҳсулоти хоҷагиҳои хонавода, корхона, ноҳия, маҳсулоти умумии миллӣ);

4. **Тибқи сатҳу равиши инкишоф ва дараҷаи тахаввул:**

- тамарказ ва марказияти истеҳсолот:
- тахсис ва кооперативонии истеҳсолот;
- комбинатонӣ, автоматонӣ, химикунонӣ, электронӣ, компютеронии истеҳсолот ва ғайра.

5. <u>**Давраи ҳаракат дар раванди такрористеҳсол**</u> :

- **истеҳсол** - ибтидо ва асоси таҳрикдиҳандаи истеҳсолоти ҷомеавӣ, тавлид (истеҳсол)-и неъматҳову хадамот, истеъмол (истифода)-и захираҳо;
- **тақсим** - давоми давраи истеҳсолот буда, ба сифати миёнарав барои анҷом додани тақсими сармоя, меҳнат, маҳсулоти умумии миллӣ, даромади миллӣ, сарвату доройӣ, воситаҳои пулӣ, карзӣ, молиявӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ хизмат мекунад;
- **мубодила** - нақши мутавасит (миёнаравӣ)-ро дар байни субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ оиди ҳаракати захираҳои иқтисодӣ ва неъматҳову хадамот. дар фазои озоди бозор ва қонеъ гардондани талаботи онҳо иҷро мекунад;
- **истеъмол** - нуқтаи интиҳо (охирин)-ӣ ва анҷомдиҳандаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ буда, сатҳ ва дараҷаи манфиатнокӣ, даромаднокӣ (фоиданокӣ), масраф (хароҷот), нарх ва арзиши неъматҳову хадамотро муайян мекунад. Вобаста ба хусусиятҳои пешрафти илму техника, бозори нокомил, конуну механизми ташаккули он, нақш ва мақоми он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ тағйир меёбад.

6. <u>**Тибқи хусусият**</u>:

- **хусусияти хос (махсус).** Хусусиятҳое, ки мувофиқи сирати сатҳ ва камолоти омилҳои истеҳсолот, фаъолияти зеҳнии одамон, ҳавзаи зерсохт (инфраструктура)-и иқтисодию иҷтимоӣ ва тақсими ҷамъиятии меҳнат анҷом меёбад;
- **хусусиятҳои умумӣ** – хусусиятҳое, ки вобаста ба хислатҳои баҳампайвастшавии раванди меҳнат (истеҳсолот), мақсад ва вазифаҳои истеҳсолот, таъмин ва пешрафти воситаҳои истеҳсолот (техникаю технология), болоравии сатҳ ва дараҷаи донишу малака, маҳорату санъати кормандон (ташаккули инсони комили иқтисодӣ) оиди танзиму идораи истеҳсолот ва ғайра ба миён меоянд.

### 3. Масоили интихобу истифодаи омил (захира)-ҳо ва имконоти истеҳсолӣ

Аз таҳлили саволҳои мавзӯъ хулоса бармеояд, ки раванди тавлиди неъматҳову хадамот мавҷуд будани омилҳои гуногунро талаб мекунад. Онҳоро аз нигоҳи накшу мақом ва иштироку таъсиррасонӣ ба раванди истеҳсолот ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд. **Омилҳои дохилӣ** - омилҳое мебошанд, ки мустақиман ба раванди истеҳсолот таъсир расонда, дар ҳамҷоягӣ раванди истеҳсоли маҳсулоти умумиро ташкил ва муайян мекунанд. Аксар вақт ба сифати омилҳои дохилӣ, инҳоро номбар мекунанд:

- замин ва захираҳои табиат;
- захираҳои меҳнатӣ;
- сармояи асосӣ (фондҳои асосии истеҳсолӣ);
- пешрафти илму техника (технология);
- фаъолияти соҳибкорӣ; ҳаҷми инвеститсия (сармоягузорӣ);
- андӯхт, фонди амортизатсия (истеҳлок) ва ғайра.

**Ба ҳайси омилҳои берунии** бозор ва унсурҳои он: тақозо (талабот), арза (пешниҳод), нарх, рақобат, арзиш, хароҷот, инфраструктура (зерсохт)-и иқтисодию иҷтимоӣ, идораю тарҳрезӣ ва ғайра, ки ғайримустақим ба раванди истеҳсолот таъсир мерасонанд номбар мекунанд.

Аксарият ақида ба он доранд, ки захираҳо нодир, маҳдуд ва камёбанд. Истеҳсолот онҳоро дар як вақт фаро гирифта, пурра истифода намуда, талаботи ҳамагонро бо неъматҳову хадамот қонеъ гардондан имкон надорад.

Дар ин ҷода масоили дарку омӯзиш, миқёсу меъёр, ҷойгиронию тақсим, мутобиқату ҳамоҳангсозӣ ва ивазу интихоби захираҳо ба миён омада, мувофиқан, масоили интихоби қулайтарин, паст кардани хароҷот, афзунгардонии ҳаҷми маҳсулоту фоида, пардохту ҷуброни онҳо ба мадди аввал мебароянд.

Ҳамбастагии омилҳои дохилӣ ва берунӣ хусусиятҳои давраи комили ҳаракати истеҳсолоти ҷамъиятӣ (истеҳсол, тақсим, муомилот, истеъмол)-ро пурра намуда, дар маҷмӯъ таркиб, нерӯ ва ҳаракати инкишофу таҳаввули иқтисодро муайян менамоянд.

Истеҳсол сарчашмаи рушди иқтисод буда, на танҳо афзун гардондани ҳаҷми маҳсулот, балки сифатан дигар ва тағйирёбии омилҳои истеҳсолотро дар сатҳҳои микроиқтисод (иқтисоди хонавода, корхона (фирма), ширкат...); мезоиқтисод (иқтисоди соҳа, комплексҳо ва дигар зернизомҳои иқтисод); медиумиқтисод (иқтисоди ноҳия, минтақа, вилоят, штат...); макроиқтисод (иқтисоди миллӣ (хоҷагии халқ); мегаиқтисод (иқтисоди ҷаҳон) ифода менамояд.

Ба эътибор гирифтани кулли ин омил ва нишондиҳандаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавлидгаронро сари як масъала – интихоби қулайтарини имконоти истеҳсолӣ, ки қодир бошад вазъ ва ҳолати мӯътадили иқтисодиёт, самаранокии баланди истеҳсолот, ҳадду ҳудуди тавлидоти нав ва қонеъгардонию иваз намудани он бо маҳсулоти нав ва дар ин асос пурра таъмину қонеъ гардондани талаботи институтҳои иқтисодӣ сарҷамъ менамояд.

Ин раванд бидуни назардошти маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ, яъне захираҳои табиат, сармоя, меҳнат, замин, моддию ғайримоддӣ, иттилооту инвеститсия, гуногунтаркибию ҷойгиршавӣ, ҳаҷму меъёр, ҳолати инкишоф ва афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои ташаккулёфтаи кунунии бозорӣ низ аз имкон берун нест.

Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки масъалаи **имконоти истеҳсолӣ ва интихоб аз вариантҳои қулайтарин** дар асоси ҳаллу фасли масоили умдаи иқтисод имконпазир мебошад. Ҳангоми таҳлили масоили имконоти истеҳсолӣ ба назар гирифтани чунин тарафҳо аз эҳтимол дур нест:

- захираҳо, аз ҷумла захираҳои моддӣ, пулӣ, инвеститсионӣ, ки барои таҷдиди истеҳсолот масраф мешаванд, маҳдуданд;

- талаботи субъектҳои иқтисодӣ (фард, корхона, соҳа, давлат) ва субъектҳои бозор (харидорон, фурӯшандагон, истеъмолгарон) ба молу маҳсулот ва хадамоти аз ҷониби тавлидгарон пешниҳод шуда, беандозаю беохиранд;
- сатҳ ва дараҷаи рушди иқтисод (қувваҳои истеҳсолкунанда, тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ, ҷойгиршавии саноат, шаҳрҳо ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ва инфраструктураи иқтисодӣ - иҷтимоӣ, таркиби аҳолию талаботи онҳо ҳархела ташкил ва ба роҳ монда мешаванд.

Аз нигоҳи имконпазирии ҳалли ин масъалаҳо иқтисоддонон аксар вақт имконоти истеҳсолиро бо воситаи каҷхаттаи имконоти истеҳсолӣ тасвир намуда, дар амсоли истеҳсоли равган ва туп (танк...) чунин хулосабандӣ мекунанд:

- азбаски захираҳои иқтисодӣ комёбу нодиранд, иқтисод имкон надорад, тавлиди беҳадду ҳудуди молу маҳсулотро таъмин намояд. Аз ин сабаб бояд қарори аниқ дар бораи кадоме аз инҳоро истеҳсол кардан ва аз кадоми онҳо даст кашидан бояд мавҷуд бошад;
- зиёд шудани микдори яке аз онҳо (туп) таносубан ба кам шудани ҳаҷм ва миқдори дигаре (равған) оварда мерасонад ва баръакс, зиёд истеҳсол кардани равған, таносубан ба камшавии шумораи туп оварда мерасонад;
- ин тағйирот ва ҳамбастагӣ ҳамчун **қонуни иқтисодии имконоти истеҳсолӣ** ёдрас карда мешавад. Он ҳамчун қимат (нарх), ё худ арзиши неъматҳо ва хадамоте, ки дар вақти ҳозира, ҳангоми интихоби вариантҳои қулай (туп ё равған) барои давраи оянда, шарҳ дода мешавад.

*Нақшаи 9.1*

**Имконоти тавлид**




Дар ин ҷо:
хатти ОА – ҳаҷми равған (литр, тонна);
хатти ОЕ – миқдори аслиҳа (дона);
N– имконоти пурраи истеҳсолӣ;
АБ, БС, СД, ДЕ – раванди тағйирёбии имконоти истеҳсолиро, ки таҳти таъсири тақозо ба ин ё он омил ба вуҷуд меоянд, ифода мекунад.

## 4. Омилҳои истеҳсолот

Ташкилу инкишофи истеҳсолот бидуни мавҷуд будани омилҳо имконнопазир мебошад. **Таҳти омилҳо** маҷмӯи восита, тарзу услуб, алоқа ва амалиёт оиди ташкили «технологияи истеҳсолот»-оқилона ба ҳам пайваст намудани воситаҳои истеҳсолоту қувваи коргарӣ ва захираҳои иқтисодӣ бо мақсади қонеъ гардондани талаботи субъектҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад.

Омилҳои истеҳсолот вобаста ба хусусиятҳои таърихии ташкил ва рушди низомҳои иқтисодӣ, шакл ва намудҳои моликияту хоҷагидорӣ, нақшу мақом, вазифаю мақсад ва сирату ташкили истеҳсолот ҳархела сурат мегирад. Он ба мақсади

- дар амал тадбиқ намудани масоили умдаи иқтисод, ҳаллу фасли зиддияти асосии иқтисод (зиддияти байни захираҳои маҳдуд ва тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ;
- интихоби захираҳои иқтисодӣ (омилҳои истеҳсолот), таъмин намудани вариантҳои қулайтарини ташкили истеҳсолот, истифодаи техникаю технология, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, самаранокии истеҳсолот ва ғайра;
- таъмини шароити қулайтарини меҳнату музди кор, тарҳрезию идора, соҳибкорию бизнес, арзишу нарх, харочоту даромад, тақсиму истифодаи оқилонаи фонди тараққии истеҳсолот (фонди андӯхт) ва фонди истеъмол ва ғайра нигаронида мешавад.

Омилҳои истеҳсолот ҳамчун фишанги ҳаракатдиҳандаи микро ва макроиқтисод баромад мекунанд.

Тибқи **назарияи марксистӣ** омилҳои истеҳсолот ҳамчун ягонагии омилҳои моддӣ (объективӣ – сармоя) ва омилҳои субъективӣ (шахсӣ, қувваи коргарӣ) ва аз нигоҳи **мактаби марчиналистӣ** - сармоя, меҳнат, замин, фаъолияти соҳибкорӣ, иттилоот ва ғайра ташкил мегарданд.

Оиди сармоя дар адабиёти иқтисодӣ ақида ва назарияҳои мухталиф мавҷуданд. К. Маркс сармояро ҳамчун маблағҳои муайяни пулӣ ва молҳои тайёр – натиҷаи истисмори қувваи коргар ва азхудкунии капиталистӣ тасаввур мекунад.

Аз нигоҳи А. Смит сармоя ҳамчун сарчамъи меҳнати таърихан андӯхташудаи коргар, ки дар молҳои пешакӣ истеҳсолшуда муҷассам гардидааст, сурат мегирад.

П. Самуэлсон сармояро ҳамчун омили мутавасит (миёнарав)-и истеҳсолот, кулли захираҳои неъматҳои моддию ғайримоддӣ, донишу маҳорат ва санъати инсон тасаввур менамояд.

Дар бозори омилҳо сармоя дар як маъно тасаввур карда шуда ба он: биноҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, мошинҳои корӣ, дастгоҳҳо, захираҳо, чизҳои қиматдор, ки бештар ба ҳавзаи бизнес алоқаманд мебошанд, дохил карда мешавад.

Сармоя мазмуни зоҳирӣ, мақсаду мақоми истифода ва натиҷаи ниҳоӣ дорад. Он асосан аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ бо мақсади ташкил ва ташаккули хоҷагидорӣ дар шаклҳои гуногун: сармояи пулӣ, молӣ, маҳсулдеҳ, сармояи асосию гардон, доимию тағйирёбанда, давлатию хусусӣ, коллективию мухталат (омехта), дохилию хориҷӣ, худию қарзӣ, истеҳсолию тиҷоратӣ, инфиродию ҷомеавӣ ва гайра истифода карда мешавад.

**Меҳнат – омили истеҳсолот.** Меҳнат аз ду нуктаи назар: меҳнат ҳамчун раванд ва ҳамчун омил эътироф карда мешавад. **Тахти раванди меҳнат фаъолияти ба мақсад мувофиқ ё худ фаъолияти меҳнатии инсон, ки ба мақсади истифодаи хусусиятҳои захираҳои табиат ва қонеъ гардондани талаботи он нигаронида шудааст**, фаҳмида мешавад. Дар амалия раванди меҳнат ҳамчун кулли сарфи меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ сурат мегирад.

Дар шароити бозор таҳти меҳнат ҳамчун **омили истеҳсолот** иштироки бевоситаи субъектҳои иқтисодӣ дар раванди истеҳсолот, идора ё худ иҷро кардани ягон фаъолият, тадбирҳо оиди ташкили хонадорию хоҷагидорӣ тасаввур карда мешавад. Фаҳмиши меҳнат ба сифати омили истеҳсолот бештар ба раванди хонадорию хоҷагидорӣ мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат, масъалаи асосӣ на сарфи меҳнати ҷисмонию ақлонӣ, балки шумораи кормандони бо кор бандбуда, дараҷа ва сатҳи донишу малака, шумораи аҳолӣ, таркиби он, захираҳои қувваи коргарӣ, мутахассисон, бекорон, нафақагирон ва қисмати бо кор банд будани онҳо, сатҳ ва дараҷаи хоси ҳосилнокию шиддатнокии меҳнат, самаранокии захираҳо, вақти корӣ ва ғайра аҳамияти калон пайдо мекунанд.

**Замин – омили истеҳсолот.** Замин предмети асосии меҳнат мебошад. Маҳз, ба туфайли хусусиятҳои хосаи он, инсон аз он ашё ба даст оварда, олоту асбоб сохта, ба он таъсир расонда, сохт ва таркиби онро тағйир дода, ғизонокию манфиатнокии онро барои қонеъ гардондани талаботи гуногуни худ (истеҳсолӣ, истеъмолӣ) истифода менамояд.

Сарҷамъи алоқа ва муносибатҳои инсон доир ба тарзу услуби таъсиррасонӣ ба замин, соҳибӣ, азхудкунӣ, истифода, дурсозӣ, тақсиму азнавтақсимкунӣ ва ғайра, аз хусусиятҳои

зуҳур ва амали замин ҳамчун омили иқтисодӣ дар ҳар як низоми иқтисодӣ дарак медиҳад.

Маҳз, хусусиятҳои нодиру нотакрор доштани замин, маҳдуд, гуногунҳосилӣ, имконнопазирии ҳаракат аз як ҷо ба ҷои дигар, иқлим ва ғайра имкон медиҳанд, ки замин ба сифати омили истеҳсолот баромад кунад ва дар он шаклу намудҳои гуногуни хоҷагидорӣ ташкил карда шавад. Тарафҳои ҳуқуқии хоҷагидорӣ аз ҷониби ташкилоти қонунгузор дар шакли қонунҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Масалан, Кодекси замин. Дар он тарзу услубҳои ташкили хоҷагидорӣ, шароитҳои баробарҳуқуқӣ, шаклу намуд, роҳҳои инкишоф, чорабиниҳои ҳуқуқию иқтисодӣ, ташкилию иҷтимоӣ ва ғайра пешбинӣ карда мешаванд.

Вобаста ба хусусиятҳои табии замин, шароити иқтисодӣ, таносуби ҳаҷми заминҳои коршояму корношоям, ҷойгиршавӣ, шакли хоҷагидорию моликият, сиёсати аграрии давлат, вазни қиёсии саноат, захираҳои канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, захираҳои об, иқлим нақш ва мақоми замин ҳамчун омили истеҳсолот дар ҳар як мамлакат ҳархела сурат мегирад.

**Соҳибкорӣ – омили истеҳсолот.** Истеҳсолоти муосирро, ки кунун дар асоси ихтироъту кашфиёти илму техника ва технологияи компютерӣ ташкилу инкишоф меёбад, бидуни фаъолияти соҳибкорӣ (бизнес) ва маркетингу менеҷмент тасаввур кардан имконнопазир мебошад.

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун қобилияти хосаи сармояи инсонӣ сурат гирифта, барои фароҳам овардани шароити айнии ба ҳам пайваст намудани омилҳои сармояву меҳнат, замину иттилоот дар асоси қоидаҳои таваккалии тавлиди неъматҳову хадамот хизмат менамояд.

Таҳти соҳибкорӣ фаъолияти ақлонию меҳнатии шахсони алоҳида, (соҳибкор), ё худ гурӯҳи одамоне фаҳмида мешавад, ки қобилияту маҳорат ва санъати ташкилию истеҳсолии худро дар асоси таваккалии маблағҳои пулӣ ва моддӣ, барои ба даст овардани фоидаи баланд равона мекунанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади:

- ба ҳам пайваст намудани омилҳои моддӣ (сармоя) ва шахсӣ (меҳнат);

- ташкилу такмил ва ривоҷу равнақ додани истеҳсолот:
- сари вақт ва ба мақсади таъмин намудани рақобатпазирӣ;
- истифода намудани кашфиётҳои илму техника, ихтироот, навоварӣ, гузаронидани ислоҳот;
- батадриҷ ва босубот ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави молу маҳсулот ва хадамот;
- ҷустуҷӯи тарз ва услубҳои беҳтарини ташкили хоҷагидорию ба даст овардани фоида;
- истифодаи захираҳои иқтисодӣ, дарёб намудани алоқаҳои байни тавлидгарону истеъмолгарон, сармоядорону сармоягузорон ва ғайра нигаронида мешавад.

## III. САВОЛХО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Алоқаи мутақобилаи раванди меҳнат ва раванди истеҳсолот дар чӣ ифода меёбад?
2. Истеҳсолот ва маънидодкунии он аз ҷониби намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ чӣ тавр сурат мегирад?
3. Вазифаҳои истеҳсолот кадомҳоянд?
4. Мақсади истеҳсолот дар чӣ ифода меёбад?
5. Алоқамандии истеҳсолот ва захираҳои иқтисодиро маънидод намоед.
6. Шакл ва намудҳои истеҳсолот тибқи кадом меъёрҳо тафриқасозӣ карда мешавад?
7. Масоили имконоти истеҳсолӣ, нақш ва мақоми он дар интихоби захираҳо ва ҳаллу фасли масоили умдаи иқтисод дар чӣ зоҳир меёбад?
8. Каҷхаттаи имконоти истеҳсолиро чӣ тавр тасаввур мекунед?
9. Нақш ва мақоми омилҳои истеҳсолот дар чӣ зоҳир меёбад?
10. Оиди сармоя, меҳнат, замин, соҳибкорӣ, иттилоот ҳамчун омилҳои истеҳсолот чӣ маълумот доред.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Функсияҳо (вазифаҳо)-и истеҳсолӣ.
2. Интихоби истеҳсолӣ дар давраи кӯтоҳ ва дарозмӯҳлат.
3. Интихоби ҳаҷми оқилонаи корхона (истеҳсолот).
4. Истеҳсолот ва пешрафти илму техника.
5. Омилҳои истеҳсолот:назария ва муаммоҳои он.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Раванди истеҳсолот дар алоқамандӣ мустақиман бо кадоме аз ин нишондодҳо ташкил карда мешавад?**

а) омилҳои истеҳсолот;
б) захираҳои иқтисодӣ;
в) раванди меҳнат;
г) қувваҳои истеҳсолкунанда.

**2. Вазифаҳои асосӣ ва нисбатан комили истеҳсолот кадомҳоянд?**

а) амалӣ гардондани сиёсати иқтисодии давлат;
б) ташкили раванди меҳнат, ташкили истеҳсолот;
в) муайян кардани имконоти истеҳсолӣ ва интихоби захираҳо;
г) ҳаллу фасли масоили умдаи (асоси)-и иқтисод;

**3. Мақсади истеҳсолот дар чӣ зоҳир меёбад?**

а) таҳлилу тадқиқ ва ҳаллу фасл намудани масоили умдаи иқтисод;
б) оқилона интихоб ва истифода намудани захираҳои маҳдуди иқтисод;
в) қонеъ гардондани талаботи беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ;
г) кулли пунктҳои а,б,в; а,в; б,в. (нодурусташро хат занед).

**4. Аз нигоҳи нақшу мақом, хусусиятҳои ташкилу истифода ва манфиатнокию мақсад дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ захираҳои иқтисодиро ба кадоме аз ин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:**

а) захираҳои моддӣ, табиат, молиявию иттилоотӣ;
б) захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявию иттилоотӣ;
в) захираҳои моддию ғайримоддӣ;
г) сарватҳои табиат, сармоя, ашё, саҳмия.

**5. Кадоме аз ин пунктҳо пурра ва ҳамаҷониба хусусиятҳои шакл ва намудҳои истеҳсолотро инъикос менамоял;**

а) истеҳсолот раванди алоҳида, содда ва тасодуфӣ мебошад;
б) тибқи гуногуншаклии моликият ва меъёрҳо дар шакл ва намудҳои гуногун ташкил мегардад;
в) дар низоми истеҳсолоти ҷомеавӣ нақш ва мақоми хоса надорад;
г) вобаста ба шакл ва усулубҳои бозор муайян карда мешавад.

**6. Имконоти истеҳсолӣ дар асоси назорати кадоме аз ин омилҳо сурат мегирад?**

а) ҳолати мӯътадил ва истиқрори иқтисодиёт;
б) ҳадду ҳудуди истеҳсолоти нав, қонеъгардонию иваз намудани он бо маҳсулоти нав (дигар);
в) қонеъгардонии талаботи субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ;
г) кулли пунктҳои а,б; б,в; а,б,в (ҷавоби дурустро монед, боқии монда нодурусташро хат занед).

**7. Аз нигоҳи таҳлили мактабҳои муосири иқтисодӣ ба сифати омилҳои истеҳсолот кадоме аз ин унсурҳо номбар карда мешаванд?**

а) омилҳои моддӣ ва шахсӣ;
б) сармоя, меҳнат, замин;
в) сармоя, меҳнат, замин, фаъолияти соҳибкорӣ, иттилоот;
г) соҳибкорию бизнес, технологияи муосир.

**8. Омилҳои истеҳсолот бештар бо мақсади кадоме аз инҳо истифода карда мешавад?**

а) тадбиқи масоили умдаи иқтисод; интихоби захираҳои иқтисодӣ; ташкили шароити қулайтарини меҳнат; музди кор, хароҷот, фоида;
б) дар амал тадбиқ намудани масоили умдаи истеҳсолот: чӣ? чӣ хел? барои кӣ бояд истеҳсол кард?
в) истеҳсоли молу маҳсулот ва хадамот ва қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ;
г) таъмин намудани шароити беҳтарини идора ва тарҳрезии корхона.

**9. Шаклҳои намоёнтарии ва асосии сармоя кадомҳоянд?**

а) сармояи доимӣ, тағйирёбанда;

б) сармояи доимӣ, тағйирёбанда, асосию гардон, пулию молӣ, инфиродию ҷомеавӣ, хусусию давлатӣ;

в) коллективию мухталат (омехта), дохилию хориҷӣ, худию қарзӣ;

г) хусусӣ, ҷомеавӣ, давлатӣ, хориҷӣ, мухталат.

**10. Меҳнат ба сифати омили истеҳсолот дар ҳолати мавҷуд будани кадоме аз ин унсурҳо имконпазир аст?**

а) раванди меҳнат (раванди истеҳсолот);

б) муносибатҳои молию пулӣ, моликиятдорию хоҷагидорӣ;

в) ташкили истеҳсолот, идораю тарҳрезии он, тавлиди неъматҳову хадамот;

г) кулли пунктҳои а, б, в; а, в; а, б; б, в (нодурустро хат занед).

## VI. АДАБИЁТ:


1. Архипова А.И. и др. Экономическая теория. Гл. 2. Учебник. М., 2006.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Боби 3,2. Боби 4. Душанбе, 2006.
3. Б. Исоматов, Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Мавзӯи 3. Душанбе, 2003.
4. Войтов А.Г. Экономика. Гл. 2,1. Стр. 346-360. Общий курс. М., 2006.
5. Елисеев А.С. Современная экономика. Гл. 6, §3. Гл 7. Учебник. М., 2006.
6. Тарахуна Ю.В. Микроэкономика. Гл. 4. Стр. 161-190: Гл. 6. Стр. 235-245 Учебник. М., 2009г.
7. Азизов Ф., Муҳадбердиев Ҳ. Курси Назарияи иқтисод. Боби 2; . Қисми 1. Хуҷанд, 2009.
8. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Боби 3. Микроиктисод Душанбе, 2003.

# БОБИ 10.
# НАЗАРИЯИ ИНТИХОБИ ИСТЕЪМОЛГАР

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Рафтори истеъмолгар ва баъзе мулоҳизаҳои асосӣ. Качхатҳои бефарқ.
2. Маҳдудияти буҷавӣ ва меъёрҳои ивазшавандагӣ. Хатти буҷавӣ.
3. Интихоби истеъмолгари оқил.
4. Ақидаҳои манфиатнокӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Назарияҳои кординалистӣ (миқдорӣ) ва ординалистии (тартибӣ) интихоби истеъмолгар.
2. Манфиати ҳаддӣ ва ҳудуди меъёри ивазшавандагӣ.
3. Тағйирёбии даромади истеъмолгар ва интихоби вай.
4. Тағйирёбии нарх ва интихоби истеъмолкунанда.

### 1. Рафтори истеъмолгар ва баъзе мулоҳизаҳои асосӣ. Качхатҳои бефарқ

Дар назарияи микроиқтисодӣ метавон бо ёрии омӯзиши рафтори истеъмолгар муаммоҳои гуногун ҳал карда шаванд. Мо дар ин мавзӯъ дида мебароем, ки чӣ гуна истеъмолгар даромади худро оқилона истифода менамояд ва ин рафтори вай ба талаботи молҳо ва хизматрасонӣ чӣ хел таъсир мерасонад. Ин дар навбати худ ба мо имконият медиҳад, ки таъсири тағйирёбии даромад ва нархро ба талабот муайян намуда, инчунин вобастагии байни талабот ба баъзе молҳоро бо тағйирёбии даромад ва нархҳо дида бароем.

Аз ин нигоҳ рафтори истеъмолгарро ба се давра ҷудо метавон кард:

Давраи аввал омӯзиши афзалгузории истеъмолгаронро дарбар мегирад, яъне аз рӯи ин маҳак истеъмолгарон як молро аз моли дигар беҳтар мешуморанд. Дар давраи дуюм истеъмолгарон ба маҳдудияти буҷавӣ бархӯрда – барои харидани молҳои истеъмолӣ танҳо даромади маҳдудро дар ихтиёрашон доранд. Вобаста ба нархи молҳои гуногун даромади истеъмолгарон фақат барои хариди муайяни маҷмӯи маҳдуди молҳо кифоягӣ мекунад. Дар давраи сеюм ба мо лозим меояд, ки афзалгузории истеъмолгаронро ба маҳдудияти буҷавӣ мутобиқ намуда, интихоби истеъмолгарро муайян намоем. Аз дигар лиҳоз афзалгузорӣ ва маҳдудияти даромади истеъмолгаронро ба инобат гирифта, заруратеро муайян намоем, ки истеъмолгарон омезиши молҳоро барои харид интихоб намуда, талаботи худро чӣ гуна қонеъ менамоянд.

Дар назарияи микроиқтисодӣ мафҳуми истеъмолгар субъекти хоҷагидориеро мефаҳмонад, ки оиди таркиб ва ҳаҷми истеъмоли неъматҳои худ қарори мустақил мебарорад.

Назарияи рафтори истеъмолгар аз се мулоҳизаи муҳим, ки бо афзалгузории истеъмолгарони навъи муайяни молҳо ва хадамот нисбати ҳамдигар оғоз мегардад.

Мулоҳизаи якум дар он аст, ки афзалгузорӣ (беҳтаршумории як мол нисбати моли дигар) ба вуҷуд омад. Ин маънои онро дорад, ки истеъмолгар метавонад ҳамаи навъҳои мол ва хадамотро муқоиса намуда, ба гурӯҳҳо ҷудо кунад. Аз дигар нуқтаи назар аз ду навъи моли А ва Б истеъмолгар моли А-ро аз Б беҳтар мешуморад ва баракс, Б-ро аз А ва ё бо ҳар ду мол якхела қаноатманд мегардад. Қайд кардан лозим аст, ки ин беҳтаршуморӣ қимати молро ба эътибор намегирад. Истеъмолгар самбӯсаи тануриро аз самбӯсаи бирён беҳтар медонад, вале самбӯсаи бирёнро харидорӣ мекунад, чунки вай арзон аст. Мулоҳизаи муҳими дуюм он аст, ки беҳтаршуморӣ ҳолати гузаранда аст. Яъне агар истеъмолгар навъи А-ро аз Б беҳтар донистa бошад, навъи Б-ро аз С беҳтар мешуморад, аз ин ҷо навъи А аз С беҳтар шуморида мешавад. Мисол, автомобили тамғаи «Мерседес» аз «BMW», «BMW» аз «OPEL» беҳтар дониста шуда, «Мерседес» аз «OPEL» беҳтар аст. Ин мулоҳиза аз оқилона будани афзалгузории истеъмолгарон шаҳодат медиҳад.

Сеюм мулоҳиза он аст, ки ҳамаи молҳо «хубанд» ва арзишро дар як тараф гузошта, истеъмолгарон ҳамеша зиёдро аз кам беҳтар меҳисобанд. Ин мулоҳизаҳо бо мақсади таълимӣ оварда шуда, дар бораи он молҳое, ки таъби истеъмолгаронро хира менамоянд ва аз онҳо мо дурӣ мечӯем, дар ин маврид ба эътибор гирифта нашудаанд (ҳавои ифлос, роххои вайрон ва ғ.).

Мо метавонем качҳатҳои бефаркро истифода намуда, рафтори истеъмолгаронро дар ҷадвал тасвир намоем (расми 10.1 ва расми 10.2):

***Қаҷхатаҳои бефарқ*** – ин тасвири бисёр навъи маҳсулоти гуногуне мебошанд, ки ба истеъмолгар якхела манфиат меоранд. Дар интихоби ин навъи маҳсулоти гуногуни бисёр барои истеъмолгар фарқе надорад, кадоме аз онҳоро вай харидорӣ менамояд.

Ҳамаи каҷхатаҳои бефарқ дар маҷмӯъ харитаи каҷхатҳои бефаркро ташкил медиҳанд. Хусусияти муҳими ин каҷхатҳо дар он аст, ки онҳо якдигарро намебуранд. Ба ҳар ҳол фарз мекунем, ки ду каҷхатае пайдо шуда, дар нуқтаи А якдигарро буриданд, аз ин ҷо ҳамаи навъҳои ҳар ду каҷхата якхела манфиатовар шуданд, чун навъи А. Аз ҳамин ҷо, мувофиқи мулоҳиза онҳо як каҷхатаро ташкил медиҳанд ва ҳамаи мулоҳизаҳои мо оиди рафтори истеъмолгар ба ҳам зид мешаванд, ки ин амалан нодуруст аст.




*Расми 10.1.*
**Каҷхати бефарк**




*Расми 10.2.*
**Харитаи каҷхатаҳои бефарк**

## 2. Маҳдудияти буҷавӣ ва меъёрҳои ивазшавандагӣ. Хати буҷавӣ

Каҷхатаҳои бефарқ ҷадвали афзалгузории хусусии молҳои навъҳои гуногуни истеҳсолӣ ва хадамотро нишон медиҳад. Вале афзалгузорӣ пурра рафтори истеъмолгарро ифода намекунад. Ба интихоби фард инчунин маҳдудияти буҷавӣ, ки бо ёрии нарх ба молҳои гуногун ва хадамот мавриди истеъмоли одамон сад мегузорад, таъсир мерасонад.

***Хати буҷавӣ.*** Бо мақсади сарфаҳм рафтан ба масъалаи чӣ гуна будани маҳдудии буҷавии интихоби инсон намунаеро дида мебароем, ки ҷавонзан даромади доимии У-ро дорад ва онро метавонад ба ду намуди мол – хӯрок ва либос сарф кунад.

Бигузор Х – миқдори маҳсулоти хӯроквори (моли Х), ки вай харидааст, Л – миқдори молҳои либосворӣ (моли Л) бошад. Нархи ҳар дуи ин молро ба воситаи $Н_х$ ва $Н_л$ ифода менамоем. Аз ин ҷо $Н_хХ$ (ин нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ба миқдори он зарб карда шудааст) маблағи пулие мебошад, ки ба хӯрок ва $Н_лЛ$ маблағест, ки барои либос сарф карда шудааст.

Хати буҷавӣ омезишеро нишон медиҳад, ҳамаи Х ва Л-ро, ки дар он маблағи умумии хароҷот ба даромад баробар аст. Азбаски, танҳо ду мол мавҷуд мебошад, ҷавонзан ҳамаи даромади худро барои маҳсулоти хӯрока ва либос сарф мекунад. Дар натиҷаи он маҳсулоти хӯрока ва либосе, ки ҷавонзан харидорӣ кардан мехоҳад, дар хати:

$$Н_хХ + Н_лЛ = У \qquad (10.1)$$

мехобад.

Фарз карда шуд, даромади моҳонаи ҷавонзан 100 сомонӣ буда, нархи маҳсулоти хӯрока 5,0 сомонӣ барои як воҳид ва нархи либосворӣ – 10,0 сомониро барои як воҳид ташкил медиҳад. Дар ҷадвали 10.1 навъи молҳои хӯрокворӣ ва либос, ки вай метавонад бо даромади худ, яъне 100 сомонӣ харидорӣ мекунад, оварда шудааст. Агар вай ҳамаи буҷаашро ба харидани либос сарф мекард, аз ҳама зиёд 10 воҳид либос (бо нархи 10 сомонӣ барои як воҳид) харидорӣ карда метавонист. Ин дар ҷадвали навъҳои гуногуни молҳои истеъмолӣ А оварда шудааст.

*Ҷадвали 10.1*

**Ҷадвали навъҳои молҳои истеъмолӣ, хадамот ва хати буҷавӣ**

| Навъи гуногуни молҳо | Хӯрок (Х) | Либос (Л) | Харочоти умумӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| А | 0 | 10 | 100 |
| Б | 10 | 5 | 100 |
| В | 14 | 3 | 100 |
| Г | 18 | 1 | 100 |
| Д | 20 | 0 | 100 |

Навъи гуногуни молҳои Б, В ва Г се воситаҳои иловагиеро нишон медиҳад, ки 100 сомонӣ метавонад ба хӯрок ва либос сарф карда шавад.

Дар расми 10.3 хати буҷавии навъҳои А то Д, ки дар ҷадвали 10.1 нишон дода шудааст, оварда шудааст. Азбаски як воҳид либос харидорӣ карда нашуда, ба сарфаи 10 сомонӣ меорад ва хариди як воҳид хӯрока 5 сомонӣ буда, миқдори он либосе, ки барои хӯрокворӣ харидорӣ карда нашуд, дар хати буҷавӣ бояд якхела бошад.




*Расми 10.3.* **Кашидани хати буҷавӣ**

Дар натиҷа хати буҷавӣ аз нуқтаи А то нуқтаи Д, хати росте мебошад ва дар ин ҳолати хусусӣ хати буҷавӣ бо муодилаи Х + 2Л = 100 сомонӣ дода мешавад.

Навъи А – қисми баландтарини хати буҷавӣ дар хати амудӣ (вертикалӣ) аст.

**<u>Таъсири тағйирёбии даромад ва нарх.</u>** Дар масъалаи гузашта дидем, ки хати буҷавӣ аз даромад ва нарх ба молҳои $Н_х$ ва $Н_л$. аст, вале даромад ва нарх бисёр вақт тағйир меёбанд. Дар ин ҳолат дида мебароем, ки бо хати буҷавӣ чӣ гуна ҳолат рӯй медиҳад?

Бо ҳадди ҳаракат қад-қади хат аз навъи А ба навъи Д ҷавонзан маблағи худро камтар ба либос ва зиёдтар ба маҳсулоти хӯрока сарф менамояд.

Мушоҳида кардан осон аст, ки миқдори иловагии либосе, ки аз он даст кашидан лозим меояд, то ин ки маҳсулоти иловагии хӯрока харидорӣ намояд, бо таносуби нархи хӯрок ва нархи либос 5 сомонӣ / 10 сомонӣ = 5/10 муайян карда мешавад. Азбаски либос 10 сомонӣ барои як воҳид, вале маҳсулоти хӯрока – 5 сомонӣ аст, барои як воҳид хӯрока аз бахри 5/10 воҳиди либос гузаштан лозим аст, ба ҳамин минвол муҳокимаро давом дода метавонед.

## 3. Интихоби истеъмолгари оқил

Афзалгузорӣ ва маҳдудияти буҷавии истеъмолгарро омӯхта, мо метавонем нишон диҳем, ки чӣ гуна истеъмолгарони алоҳида кадом миқдори ҳар навъи молҳоро харидорӣ мекунанд. Мо ин ҷо онро дар назар дорем, ки онҳо молҳоеро интихоб мекунанд, ки бо маҳдудияти буҷавӣ ба онҳо ҳадди баландтарини қонеъшавиро таъмин карда метавонад.

Навъи муносиби молҳои истеъмолӣ ва хадамот бояд ба ду талабот ҷавобгӯ бошад: аввалан, вай бояд дар хати буҷавӣ ҷой гирад. Баъди он ки фаҳмем, чаро чунин бояд шавад, қайд кардан зарур аст, ки ҳама гуна навъи молҳои истеъмолии чап ва ё поёнтар аз хати буҷавӣ як қисми даромадро сарфа намуда, метавонад ниёзи истеъмолгарро қонеъ намояд. Албатта, истеъмолгар ин рафторро пеш гирифта метавонист ва чунин ҳам

мекунад, яъне як қисми даромадро барои истеъмоли оянда мегузорад. Ин маънои онро дорад, ки интихоб на танҳо байни хӯрок ва либос карда шудааст, балки байни хӯрок ва либоси замони ҳозира ва оянда пеш гирифта шудааст. Ин ҳолатро мо содда намуда, тахмин менамоем, ки ҳамаи даромад дар замони ҳозира сарф карда мешавад. Аз ин ҷо ҳама гуна навъи молҳои истеъмолӣ ва хадамоте, ки дар тарафи рост ва боло аз хати буҷавӣ ҷой гирифтаанд, бо он даромади мавҷудбуда харидорӣ шуда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, имконияти интихоб танҳо аз маҷмӯи навъҳое, ки дар хати буҷавӣ ҷой гирифтаанд, имконпазир аст.




*Расми 10.4.*

**Ҷадвали қаноатмандии баландтарини эҳтиёҷоти истеъмолгар**

Качхатҳои бефарқе, ки дар расми 10.4 оварда шудаанд, оиди беҳтардонии истеъмолгар гувоҳӣ диҳанд, хати буҷавӣ – оиди ҳудуди буҷаи вай маълумот медиҳад. Ба хотир меорем, ки дар байни се качхат аз ҳама дуртарин $U_3$ буда, қонеъшавии

баландтаринро медиҳад, $U_2$ дигар дараҷаи қонеъшавӣ ва каҷхати $U_1$ аз ҳама камтарин қонеъшавии инсонро нисбати маҳсулоти хӯрокворӣ ва либос медиҳад.

Аввалан, қайд кардан лозим аст, ки нуқтаи В дар каҷхати бефарқи $U_1$ интихоби беҳтарин нест, зеро азнавтақсимкунии даромад, ки бештар ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва камтар ба либос харҷ карда мешавад, метавонад, сатҳи қонеъ гардонидани эҳтиёҷотро афзун намояд. Алалхусус ба нуқтаи А ҳаракат карда, истеъмолкунанда ҳамон миқдор пулро харҷ карда, ба дараҷаи баланди қонеъшавӣ мерасад, ки бо каҷхати $U_2$ мувофиқ карда шудааст.

Дуюм, навъи молҳои истеъмолӣ ва хадамоти тарафи рост ва боло $U_2$, масалан, дар нуқтаи В дар каҷхати $U_3$ боз ҳам сатҳи баланди қонеъшавии эҳтиёҷотро таъмин менамояд, вале вай бо даромади мавҷудбуда дастнорас аст.

Бинобар ин нуқтаи А беҳтарин қонеъшавии эҳтиёҷоти истеъмолгар аст. Аз ин ҷо мо дида метавонем, навъе, ки қонеъшавии бештари эҳтиёҷотро таъмин менамояд, бояд дар буриши баландтарини каҷхати бефарқ дар хатти буҷавӣ хобад. Нуқтаи А ин нуқтаи буриши каҷхати бефарқӣ $U_2$ ва хатти буҷавӣ мебошад. Дар нуқтаи А майли хатти буҷавӣ ба майли каҷхати бефарқ баробар аст. Азбаски меъёри ҳадди ивазшавандагӣ бузургии манфии коэффисенти кунҷи каҷхати бефарқ мебошад, мо метавонем гӯем, ки қонеъшавии зиёдтарини эҳтиёҷот дар нуқтаи (бо маҳдудияти буҷавӣ додашуда):

$$MRS = H_x / H_л \qquad (10.2)$$

ба даст меояд.

Шартҳое, ки дар муодилаи 10.2 оварда шудаанд, мисоли муайяни як навъи шартҳои беҳтарин (мусоид) дар иқтисод аст. Дар ин мисол зиёдшавӣ ҳадди манфиатнокӣ, яъне он нарх, ки бо истеъмоли як воҳиди иловагии хӯрок вобаста аст, ба хароҷоти ҳаддӣ баробар аст. Манфиати ҳаддӣ бо MRS чен карда мешавад. Дар нуқтаи А вай ба ½ (дар ин нуқта дар хатти буҷавӣ $P_x = 1$ ва $P_л = 2$) баробар буда, истеъмолгар бояд барои гирифтани як воҳид хӯрока аз 1/2 воҳиди либос даст кашад.

Интихоби беҳтарин – ин чунин тақсимоти даромади истеъмолгар аст, ки таркиби истеъмолот ба вай гирифтани манфиати баландтаринро таъмин менамояд.

Чи тавре, ки мо дар боло дида баромадем, интихоби беҳтарини истеъмолгар дар нуқтаи А ба даст омад.

Тақсимоти даромади истеъмолгар, ки дар он баробарии байни манфиати ҳаддӣ ва нархи ҳамаи навъҳои неъматҳои истеъмолӣ ба амал меояд, беҳтарин (созгортарин, мувофиқтарин) мебошад, зеро истеъмолгарон бо сатҳи мавҷудаи нархҳо, афзалдонӣ ва нархҳои неъматҳои бозорӣ манфиатнокии умумии баландтаринро таъмин менамоянд.

## 4. Ақидаҳои манфиатнокӣ

Манфиатнокӣ (нафъ) дараҷаи қонеъшавии субъектро аз истифодаи мол ва ё амали ба ҷо овардашуда мефаҳмонад.

Манфиатнокӣ – ин компоненти муҳими рӯҳиро дар бар мегирад. Одамон аз чизҳое, ки онҳоро қонеъ мегардонад, нафъ гирифта, аз чизҳои барои онҳо ногувор, даст мекашанд. Дар таҳлили иқтисод манфиатнокиро бештар барои он истифода менамоянд, ки афзалиятнокии як навъи молро аз моли дигари истеъмолӣ нишон диҳанд. Агар инсон аз хариди як китоби нагз нисбат ба курта худро хушбахт ҳисоб кунад, мо мегӯем, ки китоб аз курта дида ба инсон нафъовар аст.

Яке аз равияҳо илмие, ки барои таҳлили рафтори истеъмолгарон ҷой дорад, ин равияи миқдорӣ (кардиналистӣ) мебошад. Вай ба фарзияҳое, ки имконияти андоза кардани манфиатҳои неъматҳои гуногун бо воҳидҳои эҳтимолӣ асосонок карда шудааст. Ин гуна баҳодиҳӣ хусусияти танҳо фардӣ ва субъективӣ дорад: як маҳсулот барои як истеъмолгар метавонад арзиши баланд дошта бошад, ҳол он ки ин маҳсулот барои дигар истеъмолгар ҳеҷ гуна қимат надорад. Аз ҳамин сабаб равияи миқдорӣ имконияти муқоиса ва ҷамъи аҳамияти манфиатнокиро барои истеъмолгарони гуногун надорад.

Вазифаи манфиатнокӣ ба ҳар як навъи молҳои истеҳсолӣ як миқдорро чунон муқоиса менамояд, ки агар навъи А аз навъи В беҳтар бошад, миқдори ба навъи А мувофиқ назар ба В зиёдтар мебошад. Масалан, навъи А дар нуқтаи баландтарии каҷхатҳои бефарқ $U_3$ ҷойгир аст ва метавонад сатҳи манфиатнокии 3-ро дошта бошад, дар ин ҳолат навъи В дар дараҷаи дуюми баландии $U_2$ ҷой гирифта, манфиатнокии 2-ро

дошта метавонад ва навъи C аз ҳама пастарин каҷхатаи бефарқи $U_1$ ҷой дошта, манфиатнокии 1-ро дорад. Аз ин ҷо вазифаи манфиатнокӣ ҳамон маълумотеро оиди афзалдонӣ медиҳад, ки дар харитаи каҷхатаҳои бефарқӣ тасвир ёфтааст. Ҳамчун вазифаи манфиатнокӣ, харитаи каҷхатаҳои бефарқ ҳам навъҳои интихобнамудаи истеъмолгаронро бо сатҳи қонеъшавии онҳо ба тартиб медарорад.

Мунаққидони равияи миқдорӣ дигар самти тартибӣ (ординалистӣ)-ро бо фарзияҳои нисбатан сусттар асоснок карда, пешниҳод менамоянд. Аз истеъмолгар талаб карда намешавад, ки манфиатнокии неъматро (мол ва хадамот) бо ягон воҳид чен кунад. Танҳо кифоя аст, ки вай имкониятҳои ҳамаи навъҳои молро аз рӯи афзалдонӣ ба тартиб биёрад. Вале самти кардиналистӣ самараноктар аст.

Дар равияи кардиналистӣ мафҳуми муҳими назарияи истеъмолгар – ин вазифаи манфиатнокӣ, яъне вобастагии гирифтани нафъ аз ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад.

Манфиатнокии ҳаддии маҳсулот - ин зиёдшавии нафъи маҳсулот бо афзуншавии ҳаҷми истеъмоли воҳиди маҳсулот аст. Манфиатнокии ҳаддии маҳсулот ҳам аз вазифаи манфиатнокӣ ва ҳам аз маҷмӯи навъи маҳсулот, ки ба вай як воҳид илова (зам) карда шудааст, вобаста аст.

Барои он ки манфиатнокии ҳаддиро бо манфиатнокӣ омезиш надиҳанд, манфиатнокиро инчунин манфиатнокии умумӣ низ меноманд.

Аз ин ҷо ба хулоса меоем, ки:

1. Назарияи интихоби истеъмолгар бо фарзияҳое, ки одамон дар хариди мол ва хадамот оқилона рафтор менамоянд, то эҳтиёҷоти худро беҳтар қонеъ гардонанд;

2. Дар байни интихоби истеъмолгар ду унсури бо ҳам алоқамандро бояд ба эътибор гирифт: афзалдонии (беҳтаршуморӣ) истеъмолгар ва хатти буҷавӣ, ки интихоби одамонро маҳдуд менамояд;

3. Истеъмолгарон интихоби худро бо роҳи муқоисаи навъҳои молҳои истеъмолӣ ва хадамот ба ҷо меоранд. Аз эҳтимол дур нест, ки беҳтаршумории онҳо пурра ва гузаранда ме-

бошад. Ва илова бар ин, ҳамеша миқдори зиёди мол аз камтараш хубтар аст;

4. Каҷхатҳои бефарқ, ки ҳамаи навъҳои мол ва хадамот дар сатҳи якхелаи қонеъшавии истеъмолро таъмин менамоянд, майли пастравӣ дошта, якдигарро бурида наметавонанд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Оиди хусусиятҳои монандӣ ва фарқияти самтҳои ординалистӣ ва кардиналистии назарияҳои рафтори истеъмолгарон мулоҳиза намоед.
2. Ба намуди формула ва рақамҳои шуморавӣ меъёри ҳадди ивазшавиро нависед. Навъҳои маҳсулоти кахвахонаи «БОНУ» ва ошхонаҳои донишгоҳро ҳисоб намуда, усулҳои ивазшавии маҳсулоти онҳоро барои худ ба ҳисоб гиред. Шумо вақте як маҳсулотро бо маҳсулоти дигар иваз мекунед, аз рӯи кадом усул чунин рафтор менамоед?
3. Мисоли шуморавӣ биёред ва ҷадвали каҷхатҳои бефарқро барои донишҷӯи миёнаахволи донишгоҳ кашед. Кадом навъи амалҳо барои Шумо зарур аст, ки каҷхатҳои маҳдудияти буҷавии донишҷӯйро истифода баред? Дар ҷадвал (график) нуқтаи мувозинатиро барои донишҷӯ нишон диҳед;
   а) ёрдампулии падару модар;
   б) бо ёрдампулии падару модар ва даромаде, ки аз дигар корҳо ба даст меорад.
4. Мисолҳо биёред ва таъсири «самараи даромад» ва «самараи ивазшавӣ»-ро ба бузургии тақозои истеъмолгар фаҳмонед.
5. Монандӣ ва фарқияти равияҳои кардиналистӣ ва ординалистӣ.
6. Мақсади истеъмолкунанда дар чӣ зуҳур меёбад?
7. Мафҳуми манфиатнокии ҳаддиро муайян кунед.
8. Фаҳмонед, ки чӣ гуна аз ҷадвали вазифаҳои манфиатнокӣ каҷхатҳои бефаркро месозанд?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Назарияи манфиатнокӣ ва таҳлили афзалдонии истеъмолгар.
2. Ҳадди интихоби истеъмолгар ва омилҳои муайянкунандаи он.
3. Назарияи кординалистии интихоби истеъмолгар.
4. Назарияи ординалистии интихоби истеъмолгар.
5. Маҳдудияти буҷавӣ ва каҷхатҳои бефарқ.
6. Ақидаҳои манфиатнокӣ.
7. Таъсири даромади истеъмолгар ба интихоби вай.
8. Тағйирёбии нарх ва интихоби истеъмолгар.
9. Қонунҳои Госсен.
10. Ҳадди интихоби истеъмолғар ва омилҳои муайянкунандаи он.
11. Вазифаҳои манфиатнокӣ.
12. Меъёрҳои ҳаддии ивазшавандагӣ.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Манфиатнокии ҳаддӣ чен карда мешавад, бо;**

а) воҳидҳои манфиатнокӣ;
б) воҳидҳои пулӣ;
в) воҳидҳои манфиатнокие, ки ба воҳидҳои пулӣ тақсим карда шудаанд;
г) ҷавоби дуруст нест.

**2. Ҷойгиршавии хатти буҷавӣ вобаста аст, аз;**

а) нархи моли якум;
б) вазифаи манфиатнокӣ;
в) ҳаҷми молҳои истеъмолӣ;
г) беҳтаршумории фардии истеъмолгар.

**3. Хусусиятҳои неъматро номбар кунед, агар каҷхатҳои бефарқ;**

а) бо хатти абсисса параллел бошанд;
б) маҳдуд бошанд;
в) поёнраванда бошанд;
г) шакли кунҷи ростро дошта бошанд.

**4. Каҷхатҳои бефарқ – ин каҷхатҳоест, ки**

а) ба шакли графикӣ вобастагии байни истеъмол ва миқёси талаботро ба ин неъмат мефаҳмонад;

б) бо шакли графикӣ вобастагии байни тағйирёбии даромади истеъмолгар ва миқёси истеъмоли неъмат, инчунин хусусиятҳои ин тағйирёбиро ифода менамояд;

в) тасвири бисёр навъҳои гуногуни маҳсулот мебошад, ки ба истеъмолгар якхела манфиат меорад;

г) ҳудуди интихоби истеъмолкунанда ва ҳамаи навъҳои неъматҳоеро нишон медиҳад, ки ҳамаи даромади худро харҷ кардаст ва истеъмолгар харид карда метавонад.

**5. Агар даромади воқеии (аслии) истеъмолгар зиёд шавад, хатти маҳдудияти буҷавӣ;**

а) ба чап мекӯчад;

б) ба рост мекӯчад;

в) майли хатти буҷавӣ тағйир меёбад;

г) хатти буҷавӣ бе тағйир мемонад.

**6. Аличони Вализода ҳисоб мекунад, ки барои вай ҳаррӯз нӯшидани 8 пиёла шир ва 3 пиёла ҷурғот якхела манфиатовар аст, ҳамчунин 6 пиёла шир ва 4 пиёла чурғот. Дар ин ҳолат меъёри ҳадди ивазшавандагии ҷурғот бо шир баробар аст ба:**

а) 6/4;

б) 4/6;

в) 2\1;

г) 1\2.

**7. Шамси Қамар боварӣ дорад, ки ҳангоми шамолхурӣ 6 қошукча асал ба 1 пиёла шири гарм, ҳамчунин 3 қошукча асал ба 2 пиёла шир ёрдам мекунад. Он гоҳ меъёри ивазшавандагии асал бо шир баробар аст:**

а) 3/2;

б) 1/3;

в) 2/3;

г) 3/1.

**8. Вазифаи манфиатнокӣ барои истеъмолгар $U = 4_{X1X2}$, вале даромади ба вай ҷудокардашуда барои харидани молҳои додашуда ба 24 баробар аст. Ба навъи мувофиқ 2 воҳид неъмати якум ($X_1$) ва 3 воҳид неъмати дуюм ($X_2$) дохил мешавад. Дар ин ҳолат нархи неъмати якум ва дуюм мувофиқан ба:**

а) 2 ва 6;

б) 4 ва 16/3;

в) 6 ва 4;

г) 8 ва 8/3 баробар аст.

**9. Дар вазъияти мисоли дар боло овардашуда меъёри ҳадди ивазшавӣ ба;**

а) 1/3;

б) 3/4;

в) 1/5

г) 2/3 баробар аст.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. «Паёми ошно» Қисми аввал, Душанбе, 2006, саҳ. 127-134.
2. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономика: принципы, проблемы и политика: Пер. с англ. изд.-М.: ИНФРА-М, 2002, Гл. XXXV1, стр. 455 – 477.
3. Мэнкью Н. Г. Принципы экономикс. Пер. с англ. - СПб, Питер Ком, 1999. стр. 157 – 164
4. Носова С.С. Экономическая теория. Элементарный курс: учебное пособие – М.: КНОРУС, 2008. стр.117 – 123.
5. Пиндайк Р.С., Рубинфельд Д. Л. Микроэкономика: Пер. с англ.-2-е издание. - М.: Дело,2001. стр.78 – 153.
6. Самуэльсон П. Э., Нордхаус В.Д. Экономика. 18-е изд. Пер. с англ. – М.: «И.Д.Вилямс», 2008. стр. 185-213.
7. Тарануха Ю.В. Микроэкономика, 2-е изд.-М.; «Дело и сервис» , 2009. стр. 109-170;
8. Чеканский А.Н., Фролова Н.Л. Микроэкономика: Промежуточный уровень. – М: ИНФРА-М, 2005, стр. 73-126

# БОБИ 11.
# НАЗАРИЯИ ФИРМА

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Фирма – субъекти микроиқтисод
2. Назарияи фирма
3. Фирма, моҳият, вазифа ва услубҳои ташкили он
4. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, меъёр ва усулҳои тафриқасозии корхонаҳо
5. Даврахои ҳаракат ва манобеи ташаккули захираҳои инвеститсионии корхонаҳо
6. Тарз ва усулҳои таъмин ва инкишофи муозинии фаъолияти фирма

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Фирма – субъекти асосии бозор
2. Захираҳо (фондҳо)-и корхона, таркиб ва давраҳои ҳаракати онҳо
3. Бизнес-план (нақшаи бизнес), моҳият, мақсад ва унсурҳои асосии он
4. Менеҷмент, нақш ва мақоми он дар таъмини идораи фирма

### 1. Фирма – субъекти микроиқтисод

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ микроиқтисод ҳамчун зинаи ибтидоии илми «Назарияи иқтисод», воҳиду раванди алоҳида, объекти мустақил ва худидоракунандаи иқтисодиёт тасаввур карда мешавад.

Микроиқтисод аз вожаи Юнонии mikros (хурд) гирифта шуда, маънои ташкил ва ташаккули ҳодиса ва равандҳои иқтисодиро дар доираи хонавода, оила, корхона, фирма, иттиҳодия, яъне кулли алоқа ва муносибатҳо оиди хоҷагидорию хоҷагидорӣ ифода мекунад.

Таҳлили нисбатан илмии микроиқтисод, сарогоз аз ҷониби намояндагони мактаби классикӣ (А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс) вобаста ба сабабҳои эҳё, ташаккул ва густариши муносибатҳои истеҳсолии капиталистӣ сурат гирифтааст.

Аз нигоҳи классикони иқтисоди сиёсӣ микроиқтисод ҳамчун истеъмолгарони алоҳида, ки дар доираи он омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя) ба ҳам пайваст карда шуда, молу маҳсулот тавлид гардида, фоида ба даст оварда мешавад, тасаввур карда мешавад.

Фирма ба сифати меҳвари таҳрикдиҳандаи микроиқтисод интихоб гардида, фаъолияти дохилифирмавӣ ба мадди аввал гузошта мешавад.

Назарияи микроиқтисод дар маънои нисбатан маҳдуд, баробари эҳё ва густариш ёфтани корхонаҳои капиталистӣ (дар асри XVII – XIX дар шакли кооператсияи оддӣ, манафактура, фабрика, иттиҳодияҳои саноатӣ) ҳамчун ифодакунандаи раванди такрористеҳсоли инфиродии капиталистӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ташкилу инкишоф ёфтааст.

Ботадриҷ, зина ба зина инкишофу таҳаввул ёфтани капитализм ва пайдо шудани иттиҳодияҳои монополистӣ (рингҳо, пулҳо, картел, синдикат, трест, консернҳо – сс.1840 – 1900), ба амиқ гаштани раванди тамарказ (консентратсия), марказияти сармоя ва истеҳсолот, авҷгирии раванди рақобати нокомил ва танзими давлатии иқтисод оварда мерасонад.

Пайдо ва густариш ёфтани шаклҳои олии корхонаҳои монополистӣ – иттиҳодияҳои байналхалқӣ (фаромиллатӣ), пешрафт ва инқилоби илму техникаи муосир, амиқ гардидани робитаи бурунмарзи (хориҷи)-и корхонаҳо ба шаклан ва сифатан дигар ва тағйир ёфтани вазифаҳои истеҳсолӣ, имконоти интихоби захираҳо ва ташкили ҳудуди оқилонаи онҳо бештар мусоидат менамояд.

Фирма дар доираи микроиқтисод ҳамчун кулли муносибат ва алоқаҳои субъект ва агентҳои иқтисодӣ (коргарон, хизматчиён, муҳандисон, менеҷерон, моликони ҳавлию хона, фермерҳо, соҳибкорон, иҷоракорон) оид ба тарзу услуби ташкили хоҷагидорӣ, фаъолияти тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, молиявию қарзӣ, бурунмарзӣ ташкил мегардад.

Асоси методологии микроиқтисодро услуб ва усулҳои назарияи иқтисод ташкил медиҳад.

## 2. Назарияи фирма

Фирма – субъекти асосии микроиқтисод ва бозор мебошад. Меҳвари таҳрикдиҳандаи онро шакли моликият ва шакли низомҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Аксар вақт таҳти фирма корхонаҳои аз рӯи услуби ҳисоби тиҷорат амалкунандае, ки фаъолияти гуногунро бо мақсади ба даст овардани даромад иҷро менамоянд, тасаввур мекунанд. Он қудрати дар худ муттаҳид намудани як ё якчанд корхонаҳоро дошта, фаъолияти корчалонӣ (соҳибкорӣ), ташкили бизнес, иҷрои ӯҳдадориҳо, ба ҳадди ақал расонидани харочот, ба ҳадди аксар боло бурдани даромад (фоида), таъмин кардани сатҳи мӯътадил ва истиқрори иқтисод, оқилона истифода намудани захираҳои иқтисодӣ, тавлиди неъматҳову хадамот ва қонеъ гардондани талаботи беинтиҳои субъектҳои иқтисодиро ба роҳ мемонад.

Ин хусусиятҳои фирма, вобаста ба давра ва марҳалаҳои инкишоф, ашколи моликият, нақшу мақоми корхонаҳо дар ҳаллу фасли масоили умдаи иқтисод ва воқеигардонии сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат ва ғайра сурат мегиранд.

Маълум аст, ки аксари корхонаҳои муосири дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ, ҳамчун моликияти давлатӣ (ҷамъиятӣ) бунёд гашта, пас аз солҳои 90-ум қисми зиёди онҳо ба моликияти хусусӣ табдил ёфтаю қисми дигари онҳо муфлису хароб гардидаанд, дар асоси онҳо корхонаҳои хурд ё миёнаи хусусӣ бунёд ёфтаанд, ки фаъолиятро дар чорчӯбаи услубҳои ҳисоби тиҷорат ба роҳ монда меоянд.

Таҷрибаи солҳои охир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксарияти ин корхонаҳо то кунун ба масъалаҳои асосии иқтисод, қонуну қонуният, механизми амали бозор, рақобату рақобатпазирӣ, ба ҳадди ақал поён бурдани харочот, ба ҳадди аксар боло бурда расондани ҳаҷми даромаду даромаднокӣ, ҳосилнокию самаранокии истеҳсолот, сифати кору меҳнат,

хизматрасонӣ, таъмин бо ҷои кор ва ғайра на чандон сарфаҳм рафтаю ба он аҳамият медиҳанд.

Аз ин ниғоҳ, заруриат ба донистан, дарку мулоҳиза ва омӯхтани таҷриба ва хулосабарорӣ аз баъзе назарияҳои гузашта ва ҳозираи фирма аз аҳамият дур нахоҳад буд.

**1. Назарияи суннатӣ (анъанавӣ).** Ҷонибдорони ин назария фирмаро ҳамчун субъекти иқтисодӣ, ки қодир аст захираҳои иқтисодиро бо мақсади тавлиди неъматҳову хадамот, таъмини фоидаю самаранокии истеҳсолот истифода намояд, тасаввур мекунанд.

Аз нигоҳи онҳо фирма ҳамчун ҳавзаи коркарди захираҳои иқтисодӣ, ба ҳам пайваст намудани омилҳои истеҳсолот, дар асоси комбинатсияҳои раванди истеҳсолот, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо, андӯхту самаранокӣ, фоидаи баланд ва ғайра ташкил карда мешавад.

**2. Назарияи менеҷералӣ (соҳибкорӣ, идоракунӣ)–и фирма.** Ин назария бештар ба масъалаи аҳамияти аввалдошта (фаъол), ҷалби инвеститсия, ҷудо шудани сармояи таваккалӣ (венчурӣ) аз ҳаҷми умумии захираҳо, нақшу мақоми менеҷерон (мулкдорон – соҳибон ё худ иҷорагирандагони фирма) дар идораи фирма, тарғиби назарияи «инқилоби роҳбарони» Ҷ. К. Гэлбрейт такя менамояд. Назарияи менеҷералӣ тақозо менамояд, ки фаъолияти ҳар як фирма, дар шароити бозор ба мақсади ҳавасманд ва афзунгардонии ҳаҷми маҳсулот ва фурӯши он, ҳаҷми фоида, баланд бардоштани масъулият, истеъдод ва санъати роҳбарон вобаста бошад.

**3. Назарияи эволютсионӣ (таҳаввулотӣ)–и фирма**, яке аз шохаҳои назарияи менеҷералӣ буда, афзалан дар аксари корхонаҳои японӣ истифода карда мешавад. Фирма ҳамчун субъекти истеҳсолот ва шахсият тасаввур карда мешавад. Дар ин ҷода, на ба масъалаҳои бунёду ташкил, инкишофу густариш ва ноқисию касодии он, балки давраи камолоти омилҳо, нақш ва мақоми кормандон дар ин раванд, таъсири мутақобилаи омилҳо (инсон – техника – инсон) дар раванди истеҳсолот ва ғайра аҳамият дода мешавад.

**4. Назарияи навклассикии фирма.** Дар пояи назарияи «инқилоби марҷиналистӣ» ва назарияи «манфиатнокии ин-

тиҳоӣ» ташаккул ёфтааст. Асосгузорони он Э.Чемберлин (1899-1967), Ҷ.Робинсон (1903-1983), Ҷ.Хикс (1904-1989) ва дигарон мебошанд. Фирма аз нигоҳи онҳо ба тамсилаи хоҷагиҳои хонавода – субъекти истеъмолгару тавлидгари молу маҳсулот монанд карда мешавад. Аз ҷониби онҳо назарияи тамсиласозии риёзии фаъолияти истеҳсолии фирма, арзишу нарх, хароҷоту даромади интиҳоӣ, таносуби оқилонаи ташкили нарх, самаранокӣ, манфиатнокӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

**5. Назарияи институтсионалии фирма.** Фирма бо мақсади харҷӣ бештар самаранок ва ба сифати баланд истифода намудани захираҳо: тавлиди неъматҳову хадамот; маҷмӯи қарордодҳои дарозмӯҳлат ва кӯтоҳмӯҳлати байни субъектҳои бозор; таъмини алоқа ва робитаи берунӣ ва дохилӣ тавсия карда мешавад.

Дар мадди аввал масъалаҳои ҳаҷму ҳудуди корхона ва мусоидгардонии он, ба ҳадди ақал расондани хароҷот ва дар ин асос ташкилёбии арзишу нарх, даромаду фоида, шаклҳои соҳибкорию бизнес ва ғайра гузошта мешавад.

## 3. Фирма, моҳият, вазифа ва услубҳои ташкили он

Новобаста аз гуногунии ақида ва назарияҳо иқтисодчиёнро чунин хислатҳои умумии фирма ба ҳам наздик ва муттаҳил менамояд:

- фирма ҳамчун воҳиди мустақил ва субъекти асосию ба харакатдаровroutines бозор мебошад. Он дар халқаи иқтисоди бозорӣ ба сифати субъекти тавлидгар, фурӯшанда, пешниҳодгари неъматҳову хадамот, миёнараву харидор, истеъмолгари захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва дар ин асос ба даст овардани фоидаю қонеъ гардонандаи тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ баромад мекунад;
- фирма зинаи ибтидоии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, субъекти мустақили иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, мустақиман ба фаъолияти соҳибкорӣ банд мебошад. Фаъолияти

худро мустақилона дар асоси қоидаҳои асосии бозор (услубҳои ҳисоби тиҷорат) ба роҳ мемонад;

- новобаста аз сирати мансубият ба ин ё он шакли моликият, ҳаҷму меъёр, миқдори тавлиди неъматҳову адои хизмат, фаъолияти ҳар як корхона барои иҷрои вазифа ва мақсади муайян нигаронида мешавад; вазифа ва мақсади корхонаҳо вобаста ба сиёсат ва стратегияи иқтисодӣ, сиёсати сармоягузорӣ, молиявӣ ва бурунмарзии давлат ҳархела сурат мегирад:
- фаъолияти ҳар як корхона дар асоси чорчӯбаи манфиат ва ангезаи фардӣ, афзунгардонии ҳаҷми маҳсулот; ҳаҷми фурӯш, ҳаҷми даромаду фоида, беҳтаргардонии шароити кор, зисту зиндагонии кормандон ва ғайра сурат мегирад.

Вобаста ба ин хусусиятҳо корхонаҳо вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд. Одатан, чунин **вазифаҳои корхонаҳои истеҳсолиро** фарқ мекунанд:

- интихоб ва дастрас намудани захира ва омилҳои истеҳсолот, ташкили раванди истеҳсолот ва тавлиди неъматҳову хадамот:
- фурӯши маҳсулот ва таъмин кардани хизматрасонии пас аз фурӯш;
- ташкил кардани муносибатҳои меҳнатӣ, таъмин намудани шароити мӯътадили кор, адои ҳаққи меҳнат, ҳифзи муҳити зист, таъмини бехатарии маҳсулот;
- ташкили идора (менеҷмент) ва тарҳрезии (банақшагирӣ)-и фаъолияти корхона, тавлид, тақсим ва фурӯши маҳсулоти тайёр (ташкили маркетинг), соҳибкорию бизнес;
- ташкили сарчашмаҳои сармоягузорӣ, ташкили фондҳо аз ҳисоби фоида, тақсим ва истифодаи оқилонаи онҳо;
- барқарор ва азнавсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ: таҷдиду барқарор, таъмиру азнавсозӣ, азнавтаҷҳизонӣ, автоматонӣ, электронӣ, компютеронии истеҳсолот;

- ичро намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ: ӯҳдадориҳо (шартномаҳо), пардохтҳо, андозҳо, стандарту нормативҳо, қонуну қонуниятҳои сохторҳои болоии давлат;
- ба роҳ мондани алоқаҳои доимию устувор бо субъектҳои бозор, бо ташкилоти молиявию қарзӣ, корхона ва ширкатҳои калонтарини давлатҳои хориҷӣ ва ғайра.

Ичрои ин вазифаҳо дар шароити мавҷуд будани омилҳои дохилӣ ва берунӣ имконпазиранд:

1. **Омилҳои дохилӣ:**

- маҳорат, қобилият ва санъати роҳбар (менеҷер, соҳибкор);
- оқилона ба роҳ мондани сиёсати сармоягузорӣ ва истифодаи он бо мақсади таҷдиди фондҳо, барқарор, навсозӣ, ихтирооту навоварӣ ва сиёсати истеҳлок (амортизация)-и фондҳои истеҳсолӣ;
- такмили идора, ташкили шаклҳои мухталифи ҳуқуқии хоҷагидорӣ, таъмини сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, бозёфти бозори нав, моҳирона истифода намудани сиёсати нархгузорӣ;
- бавуҷудории муҳити солими иҷтимоию психологӣ дар коллектив ва ғайра;

2. **Омилҳои берунӣ:**

- вазъ ва ҳолати иқтисодиёт (соҳаҳои хоҷагии халқ);
- сиёсати иқтисодӣ (сиёсати пулӣ, қарзӣ, молиявӣ, бонкӣ, андоз, гумрук, сармоягузорӣ, шуғли аҳолӣ)-и давлат;
- вазъи (конюнктура)-и бозори дохилӣ ва бурунмарзӣ, сатҳу дараҷаи рақобат, тақозою арза ва таваррум дар бозори дохилӣ;
- вазъ ва ҳолати бозори ҷаҳонӣ, ҳаракати омилҳо (сармоя, меҳнат, асъор) дар бозори ҷаҳонӣ;
- нақш ва мақоми давлат дар таъмини асосҳои ҳуқуқии фаъолияти фирма, бехатарии моддӣ, истиқрори иқтисодиёт, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва кафолати иҷтимоии шаҳрвандон, ҳифзи ихтирооту коркардҳои илмию техникӣ ва ғайра.

Кулли вазифа ва омилҳо дар ҳамҷоягӣ ташкили услубҳои фаъолияти фирмаро дар шароити бозор муайян мекунанд.

Услубҳои ташкили фаъолияти фирма дар асоси дарки қонунҳои иқтисодӣ ва қонунҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Дар амалияи хоҷагидорӣ чунин услубҳо (принсипҳо)-и ташкили фаъолияти фирма истифода карда мешавад:

- озодии иқтисодӣ;
- мустақилият;
- ҷавобгарии моддӣ ва иҷтимоӣ;
- худтанзимнамоӣ;
- худидоракунӣ;
- худтаъминкунӣ ва худмаблағгузорӣ;
- ҳавасмандгардонӣ.

## 4. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, меъёр ва усулҳои тафриқасозии корхонаҳо

Корхона (фирма) дар шароити бозор на танҳо ба сифати субъекти хоҷагидор, балки ҳамчун воҳиди ҳуқуқӣ низ сурат мегирад.

Ҷанбаҳои муҳимтарини он дар қонуну конунгузориҳои ҳуқуқӣ тасвир ва тасниф карда мешаванд.

Аз боиси мураккабу бисёрҷанба будани фаъолияти ҳар як корхона муайян намудани нақш ва мақоми онҳо дар инкишофу истиқрори иқтисод ва қонеъгардонии тақозои ҷомеа, усули тафриқабандии корхонаҳо тибқи **меъёрҳо** бештар истифода карда мешаванд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- **тибқи хусусиятҳои соҳа**- корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, савдо;
- **сирати истеъмол (истифода)-и ашё** – корхонаҳои коркардабароӣ, истихроҷ;
- **таъминоти маҳсулоти тайёр** – истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот, чизҳо (предметҳо)-и истеъмолӣ;
- **аз нигоҳи ҳаҷм** – корхонаҳои хурд, миёна, калон;
- **мувофиқи мақсади фаъолият** – тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ;

- **тибқи шакли моликият ба сармоя** – корхонаҳои хусусӣ, давлатӣ инфиродӣ, рафиқона, муштарак ва ғайра.

Дар амалияи хоҷагидорӣ шакл ва намудҳои корхонаҳо тибқи нишондоди қонунҳои юридикӣ муайян карда мешаванд. Масалан, дар **Кодекси граждании** Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шаклҳои ҳуқуқии корхонаҳо тавсия карда мешаванд:

- корхонаҳои давлатӣ;
- корхонаҳои мунисипалӣ;
- корхонаҳои инфиродӣ (шахсӣ);
- ширкатҳо (рафиқона, рафиқонаи муштарак, дорои масъулияти комил, саҳҳомӣ, иттиҳодияҳо, иҷоравӣ ва ғайра).[1]

## 5. Давраҳои ҳаракат ва манобеи ташаккули захираҳои инвеститсионии корхонаҳо

Ҷараёни пай ҳам, доимӣ, устувор ва мунтазами ташкили раванди истеҳсолот, яъне ба ҳам пайваст намудани омилҳои истеҳсолот, бо мақсади тавлид намудани неъматҳову хадамот ва ба даст овардани фоида, ҷараёни **такрористеҳсоли инфиродии** корхонаҳоро ташкил медиҳад.

Раванди доимию пайҳамтакроршавӣ ва нисбат ба ҳаҷми пештара афзояндаи доираи истеҳсолотро **такрористеҳсоли васеъ** меноманд. Дар охир, хислати хоси иқтисоди бозорӣ ва мақсади ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Такрористеҳсоли васеъ дар шароити мавҷуд будани:

а) воситаҳои асосии иловагӣ;

б) воситаҳои иловагии гардон, қувваи коргарии иловагӣ ва захираҳои иловагии инвеститсионӣ (сармоягузорӣ) имконпазир мебошад.

Дар охир ба сифати сарчашмаи ташкил ва густариши такрористеҳсоли корхонаҳо хизмат мекунад.

---

[1] Ниг. А. Эргашев. Х. Муҳаддбердиев. Курси Назарияи Иқтисод. Қисми I. Саҳ. 271-281.

**Фондҳои истеҳсолӣ** бо воситаи ҳавзаи истеҳсолот ва ҳавзаи муомилот сурат гирифта, давраи пурраи ҳаракати фондҳои корхонаҳоро ташкил медиҳад.

Ҳаракати фондҳои корхона аз сармояи пулӣ оғоз ёфта ба мақсади дарёфти сармояи молӣ, омодасозии заминаҳои пешакӣ барои ташкили раванди истеҳсолот, яъне сармояи маҳсулдеҳ истифода шуда, дар зинаи охирон ба сифати сармояи молӣ ҳаракати фондҳоро хотима дода, аз нав барои таъмини гардиши фондҳо ба сармояи пулӣ табдил ёфта, паи ҳам раванди таҷдиди инфиродии корхонаҳоро сурат мебахшад.

Дар ин ҷода таҳлил ва тадқиқи таркиби сармоя (фондҳо, захираҳо)-и корхона ва қисматҳои асосии он: 1) сармояи асосӣ (замин,бино, иншоот, дастгоҳ, мошину таҷҳизот, воситаҳои вогузор ва нақлиёт), 2) сармояи гардон (ашё, сӯзишворӣ, қувваи барқ, материалҳо, нимфабрикатҳо, истеҳсолоти нотамом) аҳамияти махсус пайдо намуда, барои муайян кардани роҳҳои инкишофи он ва баланд бардоштани самаранокию боздеҳи фондҳо ва фондғунҷоиш заминаҳои мустаҳкам мегузорад[1].

## 6. Тарз ва усулҳои таъмин ва инкишофи муозинии фаъолияти фирма

Фаъолияти фирма нисбатан мураккаб ва бисёрҷанба (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, бурунмарзӣ) буда, таҳти услубҳои бозор ва қонунҳои объективии иқтисодӣ, дар бахш ва ҳавзаҳои гуногуни иқтисод қарор дошта, идора ва танзим карда мешавад.

Фаъолияти хоҷагидории фирма дар асоси услуби тарҳрезӣ (банақшагирӣ), муайян намудани раванди коркарду таҳия, тарзу услуби амалиёти ҳозираю оянда, ҳаҷму меъёри кор, ноил гаштан ба мақсади наздик ва натиҷаҳои волотарини истеҳсолӣ, баланд бардоштани сифату самаранокӣ ва ба даст овардани даромаду фоидаи баланд сурат мегирад.

---

[1] Ниг. А.Эргашев. Ҳ. Муҳалбердиев. Курси назарияи иқтисод. Қисми 1. Саҳ. 289-302.

Асоси онро **тарҳрезии фаъолияти дохилифирмавӣ**, барномасозии фаъолияти халқаҳои асосии истеҳсолӣ, таҳия намудани нақшаҳои ҷорӣ, кӯтоҳмӯҳлат, дарозмӯҳлат ва дурнамою пешгӯиҳои иқтисодӣ ташкил менамояд.

Фаъолияти фирма дар шароити бозор дар асоси **нақшаи – соҳибкорӣ** (бизнес – план) ташкил карда мешавад. Он ҳамчун нақшаи тараққиёти комплексии фирма, ҳуҷҷати асосноккунии сармоягузорон, таҳлили бозор, муайян намудани стратегияи маркетинг, ташаббус ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Таъмини фаъолияти муозинии фирма дар шароити бозор, бевосита аз сатҳ ва дараҷаи идоракунии он алоқаманд мебошад.

**Идораи корхона** дар асоси усули идораи иқтисодӣ, ки чорчӯбаи онро ҳавасмандӣ, шавқу ҳавас, ангеза, ҷавобгарии субъект ва агентҳо (намояндаҳо)-и иқтисодӣ ташкил медиҳад, сурат мегирад.

Идораи корхона ҳамчун **менеҷмент** (маъмурият, мудирият) ташкил мегардад. Он бо мақсади:

- оқилона ташкил намудани фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, даромаднокию самаранокии истеҳсолот;
- таъмини муҳити солим дар байни коргарону коллектив;
- сари вақт ташкил намудани хизматрасонӣ, навкунии раванди истеҳсолот, кор карда баромадани навъҳои нави маҳсулот;
- баланд бардоштани сифати маҳсулот, музди кор;
- беҳтар намудани шароити меҳнат, манзилу истироҳат;
- таъмин кардани ҷараёни тарҳрезӣ, такмили техникаю технология;
- дуруст ба роҳ мондани тақсими даромаду фоида ва ғайра ташкил карда мешавад.

Тарҳрезӣ ва идораи фирма бидуни дарку омӯзиш ва тадқиқоти бозору бозоршиносӣ, яъне **маркетинг** имконнопазир мебошад.

Яке аз хислатҳои хоси корхонаҳои муосир дар он аст, ки дар он шӯъбаи маркетинг ташкил карда шуда, ба зиммаи он сарварии дигар шӯъбаҳо (истеҳсолӣ, таъминот, молия, идора,

технология) гузошта шудааст. Ба зиммаи он масоили гуногуни дохилифирмавӣ:

- таҳқиқ ва таҳлили бозори худӣ, дарёфти бозори нав, фурӯши маҳсулот, назорат ба қобилияти харидории омма;
- муайян намудани вазъ ва ҳолати муомилот, тақозо ва арзаи молу маҳсулот, сиёсати нарху нархгузорӣ, таъмини иттилоот оиди дигаргунсозиҳои таркибии иқтисодию иҷтимоӣ;
- омӯхтани истеъмолкунанда, рафтор ва хулқу атвори он дар бозор;
- таҳлили шакл ва роҳҳои беҳтарини таъминоту фурӯши маҳсулот;
- омӯхтани рақибон ва рақобатпазирии онҳо, роҳҳои беҳтарини ҷобаҷогузории фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхона ва ғайра вогузошта мешавад.

## III. САВОЛХО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Микроиқтисод чист?
2. Нақшу мақом, предмет, усул ва методологияи микроиқтисодро нишон диҳед?
3, Фирма ҳамчун субъекти бозор чӣ мазмун дорад?
4. Донистани назарияҳо оид ба фирма чӣ заруриат дорад?
5. Хусусиятҳои фирма дар чӣ зоҳир меёбанд?
6. Вазифаҳои корхонаҳои истеҳсолӣ кадомҳоянд?
7. Вазифаҳои корхонаҳо таҳти кадом омилҳо қарор доранд?
8. Услубҳои асосии ташкили корхонаҳо кадомҳоянд?
9. Меъёрҳои муайянкунандаи шакл ва намудҳои корхона кадомҳоянд?
10. Гардиш ва гирдгардиши фондҳои корхонаро чӣ тавр тасаввур мекунед?
11. Фондҳои асосӣ ва фондҳои гардони корхонаҳоро таҳлил намоед?
12. Нақшаи – бизнес кадом унсурҳоро дар бар мегирад?

Асоси онро **тарҳрезии фаъолияти дохилифирмавӣ**, барномасозии фаъолияти халқаҳои асосии истеҳсолӣ, таҳия намудани нақшаҳои ҷорӣ, кӯтоҳмӯҳлат, дарозмӯҳлат ва дурнамою пешгӯиҳои иқтисодӣ ташкил менамояд.

Фаъолияти фирма дар шароити бозор дар асоси **нақшаи – соҳибкорӣ** (бизнес – план) ташкил карда мешавад. Он ҳамчун нақшаи тараққиёти комплексии фирма, ҳуҷҷати асосноккунии сармоягузорон, таҳлили бозор, муайян намудани стратегияи маркетинг, ташаббус ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Таъмини фаъолияти муозинии фирма дар шароити бозор, бевосита аз сатҳ ва дараҷаи идоракунии он алоқаманд мебошад.

**Идораи корхона** дар асоси усули идораи иқтисодӣ, ки чорчӯбаи онро ҳавасмандӣ, шавқу ҳавас, ангеза, ҷавобгарии субъект ва агентҳо (намояндаҳо)-и иқтисодӣ ташкил медиҳад, сурат мегирад.

Идораи корхона ҳамчун **менеҷмент** (маъмурият, мудирият) ташкил мегардад. Он бо мақсади:

- оқилона ташкил намудани фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, даромаднокию самаранокии истеҳсолот;
- таъмини муҳити солим дар байни коргарону коллектив;
- сари вақт ташкил намудани хизматрасонӣ, навкунии раванди истеҳсолот, кор карда баромадани навъҳои нави маҳсулот;
- баланд бардоштани сифати маҳсулот, музди кор;
- беҳтар намудани шароити меҳнат, манзилу истироҳат;
- таъмин кардани ҷараёни тарҳрезӣ, такмили техникаю технология;
- дуруст ба роҳ мондани тақсими даромаду фоида ва ғайра ташкил карда мешавад.

Тарҳрезӣ ва идораи фирма бидуни дарку омӯзиш ва тадқиқоти бозору бозоршиносӣ, яъне **маркетинг** имконнопазир мебошад.

Яке аз хислатҳои хоси корхонаҳои муосир дар он аст, ки дар он шӯъбаи маркетинг ташкил карда шуда, ба зиммаи он сарварии дигар шӯъбаҳо (истеҳсолӣ, таъминот, молия, идора,

технология) гузошта шудааст. Ба зиммаи он масоили гуногуни дохилифирмавӣ:

- таҳқиқ ва таҳлили бозори худӣ, дарёфти бозори нав, фурӯши маҳсулот, назорат ба қобилияти харидории омма;
- муайян намудани вазъ ва ҳолати муомилот, тақозо ва арзаи молу маҳсулот, сиёсати нарху нархгузорӣ, таъмини иттилоот оиди дигаргунсозиҳои таркибии иқтисодию ичтимоӣ;
- омӯхтани истеъмолкунанда, рафтор ва хулқу атвори он дар бозор;
- таҳлили шакл ва роҳҳои беҳтарини таъминоту фурӯши маҳсулот;
- омӯхтани рақибон ва рақобатпазирии онҳо, роҳҳои беҳтарини чобачогузории фаъолияти истеҳсолӣ ва тичоратии корхона ва ғайра вогузошта мешавад.

## III. САВОЛХО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНЧӢ:

1. Микроиқтисод чист?
2. Нақшу мақом, предмет, усул ва методологияи микроиқтисодро нишон диҳед?
3. Фирма ҳамчун субъекти бозор чӣ мазмун дорад?
4. Донистани назарияҳо оид ба фирма чӣ зарурият дорад?
5. Хусусиятҳои фирма дар чӣ зоҳир мешаванд?
6. Вазифаҳои корхонаҳои истеҳсолӣ кадомҳоянд?
7. Вазифаҳои корхонаҳо таҳти кадом омилҳо қарор доранд?
8. Услубҳои асосии ташкили корхонаҳо кадомҳоянд?
9. Меъёрҳои муайянкунандаи шакл ва намудҳои корхона кадомҳоянд?
10. Гардиш ва гирдгардиши фондҳои корхонаро чӣ тавр тасаввур мекунед?
11. Фондҳои асосӣ ва фондҳои гардони корхонаҳоро таҳлил намоед?
12. Нақшаи – бизнес кадом унсурҳоро дар бар мегирад?

13. Нақш ва мақоми менеҷмент дар идораи фирма дар чӣ зоҳир меёбад?
14. Маркетинг ва стратегияи маркетингии корхонаҳоро чӣ тавр тасаввур мекунед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Микроиқтисод, методология, метод ва услубҳои ташкили он.
2. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фондҳои корхона.
3. Сарчашма ва омилҳои муайянкунандаи захираҳои инвеститсионии корхона.
4. Фонди истеҳлок (амортизатсионӣ), моҳият, хусусиятҳои ташкил ва тақсими он дар шароити бозор.

## V. ТЕСТҲО

**1. Микроиқтисод ҳамчун кулли чунин муносибат ва алоқа сурат мегирад:**

а) субъект, объект, омил ва нишодиҳандаҳои иқтисодӣ;
б) субъект ва агентҳои иқтисодӣ оид ба ташкили хонадорию хоҷагидорӣ;
в) хонадорӣ, оиладорӣ, ташкили соҳибкорӣ;
г) тавлиди молу маҳсулот ва фурӯши он.

**2. Кадом тасдиқот дурус аст: Фирма ва корхона?**

а) ҳаммаъноанд ва байни онҳо тафовуте нест;
б) фирма унсури асосии корхона мебошад;
в) корхона шакл ва унсури асосии фирма мебошад;
г) байни онҳо ягонагӣ ва ҳамбастагӣ вуҷуд надорад.

**3. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ фирма чунин тасаввур карда мешавад:**

а) мафҳуми соф иқтисодӣ;
б) мафҳуми иқтисодию иҷтимоӣ;
в) мафҳуми иқтисодию ҳуқуқӣ;
г) субъекти иқтисодию хоҷагидорӣ.

**4. Сармоя (фондҳо)-и истеҳсолии корхона чунин унсурҳоро дар бар мегирад:**

а) сармояи асосӣ ва сармояи гардон;
б) бино, иншоот, мошин, таҷҳизот, замин;
в) ашё, сузишворӣ, қувваи барқ, материал;
г) воситаҳои истеҳсолот, қувваи коргарӣ.

**5. Вақти гардиши фондҳо (сармоя) чунин сурат мегирад:**

а) ҷамъи вақти барои истеҳсоли молу маҳсулот сарфшуда:
б) ҷамъи вақти барои фурӯши молҳо масраф гардида;
в) сарҷамъи вақти давраи истеҳсолот ва муомилот;
г) вақти коркардабарой, нигоҳдорӣ, истеҳсолу фурӯш;

**6. Нақшаи – бизнес кадоме аз ин фаслҳоро дар бар мегирад?**

а) нақшаи тавлид, нақшаи ташкилӣ, нақшаи ҳуқуқӣ, нақшаи молия;
б) стратегияи маблағгузорӣ, стратегияи маркетинг, бозори фурӯш, молу хадамот;
в) боҳодиҳии таваккалӣ ва суғурта, ҳавзаи нави ташаббус:
г) кулли пунктҳои а,б,в.

**7. Мантиқан, (таърихан, паи ҳам) идораи корхона аз рӯи кадоме аз ин усулҳо ба роҳ монда мешавад?**

а) маъмурӣ, иқтисодӣ, психологӣ;
б) иқтисодӣ, психологӣ;
в) психологӣ (рӯҳӣ), маъмурӣ;
г) маъмурӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ.

**8. Кадоме аз ин шаклҳои идора хусусияти хоси корхонаҳои муосир мебошанд?**

а) идора аз ҷониби менеҷерони касбӣ ва дорои таҷрибаи баланд;
б) аз ҷониби гурӯҳи менеҷерони баробарҳуқуқ;
в) идора аз ҷониби соҳибкорон ё худ шахсони алоҳида – директор, президент, менеҷмент;
г) идора аз ҷониби давлат.

**9. Менеҷмент ва маркетинг:**

а) сохти идоракунии корхонаҳоро ифода намуда, ба мақсади ягона ва иҷрои вазифаҳои якхела истифода карда мешаванд;

б) менеҷмент ба идораи корхона ва маркетинг ба идораи бозор банд мебошад;

в) менеҷмент ба сифати идоракунии сатҳҳои гуногуни корхона ва маркетинг – ҳаллу фасли масъалаҳои бозорёбӣ хизмат мекунад;

г) ҳардуи онҳо мафҳумҳои мустақили иқтисодӣ буда, чанбаҳои муҳимтарини микроиқтисодро тасвир мекунанд.

**10. Аз ҷониби шӯъбаҳои маркетингии корхона кадоме аз ин тарз ва услуби санъати нархгузорӣ истифода карда мешавад?**

а) гирифтани қаймоқ, чатршакл, «воридотӣ»;

б) нархҳои психологӣ, мавзунӣ, нархи сарварон;

в) ҳавасмандгардонӣ, мақсаднок, мухталиф;

г) кулли пунктҳои а,б,в; а,в; б,в. (нодурусташро хат занед).

## <u>VI. АДАБИЁТ:</u>


1. Азизов Ф., Муҳадбердиев Ҳ. ва дигарон. Курси Назарияи иқтисод. Бобҳои 5, 6, 7. Хуҷанд, 2009.
2. Архипова А.И. и др. Экономическая теория. Гл. 8, 9, 10 – М., 2006.
3. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми авал. Боби 10. «Паёми ошно», Душанбе, 2006.
4. Исоматов Б., Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Мавзӯи 8. Душанбе, 2003.
5. Исоматов Б., Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Мавзӯи 8. Душанбе, 2003.
6. Тарануха Ю.В. Микроэкономика. Гл. 1. Стр. 7-20: Учебник. М., 2009.
7. Усмонов И.У., Фақеров Ҳ.Н., Ҳабибов С.Ҳ. и др. Менеджмент. Учебное пособие. Гл.1, 2, 3. Худжанд, 2005.
8. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Бобҳои 9,10,11. Микроиқтисод. Душанбе, 2003.

# БОБИ 12.
# НАЗАРИЯИ ХАРОҶОТ

## I. НАҚШАИ ДАРСХОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Назарияи хароҷот: таҳқиқ ва тавсифи он аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ
2. Шакл ва таснифи хароҷот
3. Нарх ва санъати нархгузорӣ дар шароити бозор
4. Даромад - сарчашма, омил ва шаклҳои асосии ташаккули он

## II. НАҚШАИ ДАРСХОИ АМАЛӢ:

1. Шакл, намуд ва хусусиятҳои ташаккули хароҷот
2. Нарх ва сиёсати нархгузорӣ дар шароити бозор
3. Даромад ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти фирма
4. Хароҷоти иқтисодӣ ва шаклҳои он

### 1. Назарияи хароҷот: таҳқиқ ва тавсифи он аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ

Чи тавре аз таҳлили мазмун ва мундариҷаи мавзӯъҳои пештара бармеояд, меҳвари асосӣ ва таҳрикдиҳандаи манфиати фирмаро захираҳои иқтисодӣ, вазъу ҳолат, сифат, таркиб, ҳаҷму меъёр, тарзу услуби истифода ва арзиши онҳо ташкил медиҳад.

Захираҳо (омилҳо)-и иқтисодӣ ба сифати унсури асосии хароҷоти истеҳсолӣ сурат гирифта, вобаста ба сатҳ ва дараҷаи такомули қувваҳои истеҳсолкунанда, сират ва нерӯи низомҳои иқтисодӣ,хусусиятҳои ташкили фирмаҳо, ширкату корхонаҳо ва анъанаҳои миллию таърихии ҳар як миллат ҳархела ба роҳ монда мешавад.

Аз ин нигоҳ, оиди харочот ақида ва назарияҳои мухталиф бештар ба назар мерасанд.

Таҳлили нисбатан илмӣ ва амиқи харочот (вобаста ба давраҳои ибтидоии тараққиёти капитализм: кооператсияи оддӣ, мануфактура, истеҳсолоти мошинӣ) аз ҷониби классикони иқтисоди сиёсӣ пешниҳод карда шудааст.

А.Смит аввалин шуда фаҳмиши **харочоти мутлақ**, Д.Рикардо мафҳуми **харочоти муқоисавӣ** ва К. Маркс мафҳуми **харочоти истеҳсолиро** ҷорӣ намудаанд.

Аз нигоҳи А.Смит ва Д.Рикардо харочот ҳамчун масрафи миёнаи ҷомеавӣ ба ҳар як воҳиди маҳсулот дар доираи корхона (соҳа), яъне ташаккули нархи истеҳсол бо назардошти пардохтҳои рентавӣ сурат мегирад.

Тибқи назарияи К. Маркс харочоти воқеии истеҳсоли молу маҳсулот ҳамчун масрафи қувваи коргарӣ, ки мустақиман арзиши молро ба вуҷуд меоварад ва масрафи сармоя, яъне харочоти холиси истеҳсолоти капиталистӣ ташкил мегардад. Ин тарзи хосаи тақсимбандии харочоти истеҳсолот, ҳамчун масрафи меҳнат ва масрафи сармоя, яъне заминаи ибтидоии ташаккули такрористеҳсоли капиталистӣ қадр карда шуда, имкон медиҳад, ки мақсади асосии истеҳсолоти капиталистӣ (истисмори меҳнат ва сарчашмаҳои минбаъдаи ташкилу ташаккули арзиши изофа) муайян карда шаванд.

**Харочоти истеҳсол** кулли масрифотеро дар бар мегирад, ки бевосита дар раванди тавлидот сарф карда мешавад. Ин гурӯҳи масрифот арзиши молро ташкил намуда, баъди фурӯш дар шакли пул (фоида, даромад) ба капиталист бармегардад. Яъне:

$$\mathbf{W = C + V + m}$$

Дар ин ҷо:
**W** – арзиши моли истеҳсолкардашуда,
**C** – капитал (сармоя)-и доимӣ,
**V** – қувваи коргарӣ (сармояи тағйирёбанда),
**m** – арзиши изофа.

Кулли масрафи сармояи доимӣ (C) ва сармояи тағйирёбанда (V) харачоти истеҳсолӣ (K)-ро ташкил медиҳад. Яъне:

$$\mathbf{K = C + V} \quad \text{ё худ} \quad \mathbf{K = W - m}$$

Тибқи назардошти К. Маркс арзиши мол (W) ба сифати хароҷоти ҷамъиятӣ ва (К) ба сифати хароҷоти корхона мусоидат менамоянд.

Хароҷоти ҷамъиятӣ ҳамчун сарҷамъи хароҷоти истеҳсолӣ (К) ва хароҷоти муомилот ташкил мегардад.

**Хароҷоти муомилот** ҳамчун ягонагии хароҷоти иловагии муомилот сурат мегирад.

**Хароҷоти холиси муомилот** – масрифи хариду фурӯш дар шакли соф бидуни тавлидот (берун аз доираи он) ташкил гардида, арзиши онро зиёд накарда, пас аз фурӯш, аз ҳисоби даромад (фоида) барқарор карда мешавад.

**Хароҷоти иловагии муомилот** – ҳамчун хароҷоти раванди тавлидот (ба навъҳо ҷудосозӣ, бастан, ба қолиб дароварадан, нигоҳдоштан, боркашонӣ...) буда, арзиши молро афзун гардонда, баъди фурӯш аз ҳисоби фоидаи ба даст оварда шуда, барқарор карда мешавад.

Аз нуктаи назари намояндагони мактаби **марҷинализм** – Менгер К., Визер Ф. (Австрия) хароҷот ҳамчун масрафи пулии корхонаҳои алоҳида, ки барои харидани омилҳои истеҳсолот истифода шуда, манфиатнокии интиҳоии онро муайян мекунад, сурат мегирад.

Ф. Визер назарияи субъективии хароҷоти имконоти алтернативиро тавсия намудааст. Тибқи ин назария хароҷоти реалӣ (воқеӣ)-и истеҳсоли як намуди маҳсулот ба манфиатнокии баланди маҳсулоти дигар (дар асноии истифодаи хели дигари судбахши захираҳо) баробар буда метавонад.

Пешниҳод ва истифодаи тамсилаҳои риёзӣ барои ҳисобу китоб кардани намудҳои дигари хароҷот:

- ба ҳадди ақал расондани хароҷот (Ф.Визер);
- хароҷоти инфиродӣ, ҷамъиятӣ, мутлақ, кӯтоҳмӯҳлат; миёнамӯҳлат, дарозмӯҳлат (К. Кларк);
- хароҷоти айёну ноайён; хароҷоти инсонӣ (А.Гобсон), хароҷоти трансаксионӣ (пешакӣ) (Р.Коуз) ва ғайра имконияти беназир таъмин намудааст.

## 2. Шакл ва таснифи харочот

Дар адабиёти муосири иктисодӣ маънидод ва тафриқасозии шакл ва намудҳои марксистии хароҷот қариб истифода намешавад. Таҳти хароҷоти истеҳсолот шакли бо пул ифодаёфтаи хароҷоти корхона (фирма) оид ба дастрас кардани омилҳои истеҳсолот ва фоида фаҳмида мешавад. Бештар хароҷот ҳамчун шакли бо пул ифода ёфтаи захираҳои иқтисодӣ, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо, истеҳсол ва фурӯши неъматҳову хадамот сурат мегирад, тасаввур карда мешавад. Ба он фоидаи соҳибкор ҳамчун инъом (мукофот) барои анҷом додани корҳои таваккалӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ низ ҳамроҳ карда мешавад.

Даромади аз ҳаҷми хароҷот ба таври илова бавуҷудомада (фоидаи барзиёд, фоидаи монополӣ) ҳамчун натиҷаи мавридҳои қулайтарин ва қонунан ташкилшаванда қадр карда мешавад. Ин шакли хароҷоти истеҳсолӣ, ки бештар дар худ қисми фоидаи мӯътадил ва фоидаи миёнаро дар бар мегирад ба ҳайси **хароҷоти иқтисодӣ** сурат мегирад.

**Хароҷоти иқтисодӣ** ҳамчун раванди воқеии ташкилу ташаккули хароҷот, тарз ва услуби истифодаю интихоби захираҳо (фондҳо), муайян намудани роҳҳои қулайтарини истифода ва имконоти бо услубҳои гуногун мубодила ва истифода намудани онҳо, яъне нусхаҳои алтернативӣ сурат мегирад.

**Хароҷоти зуҳурӣ** (айён, пулӣ) ҳамчун кулли масрафи маблағҳои корхона оиди ба даст овардани дастгоҳ, мошину таҷҳизот, олоту асбоб, ашё, маводҳо, сӯзишворӣ, қувваи барқ, адои музди кори менеҷерону мутахассисон, хароҷоти роҳ, иҷораи бино ва ғайра сурат мегирад. Ин гурӯҳи хароҷот муносибатҳои берунии корхонаҳоро ифода намуда, ба арзиши аслии корхонаҳо (хароҷоти иқтисодӣ) ҳамроҳ карда мешаванд.

Сарҷамъи масорифоти аз ҷониби худи корхонаҳо анҷом дода шуда **хароҷоти ғайризуҳуриро** ташкил медиҳад.

**Хароҷоти мустақим,** масрифоте мебошад, ки бевосита ба раванди тавлиди молу маҳсулот ва хадамот алоқамананд.

Он ҳамчун қимат (арзиш)-и ашё ва маводҳои дар ҷараёни тавлидот ва муомилот истифодашаванда; музди кори коргарони бевосита дар истеҳсолот банд буда ва дигар масрафҳое, ки ба раванди тавлиди молу маҳсулот мансубият доранд, ташкил карда мешавад.

**Хароҷоти ғайримустақим** – унсури асосии хароҷоти фирма буда, масрифотеро, ки бевосита ба тавлид ё фурӯши ин ё он молу маҳсулот алоқаманд нестанд, дар бар мегирад. Масалан, хароҷот оиди нигоҳ доштани идораи фирма (менеҷмент, маркетинг), иҷорапулӣ, амортизатсия, фоизи қарзи бонк ва ғайра.

**Хароҷоти доимӣ** – FC (анг. fixed costs) – хароҷоте мебошад ки новобаста ба тағйирёбии ҳаҷми истеҳсол ва маҳсулот собит боқӣ мемонад. Масалан, масрифоти нигоҳдории биноҳои истеҳсолӣ, иншоот, ҳаққи меҳнати роҳбарону маъмурият (менеҷерон, бозоршиносон, иқтисодчиёну ҳисобдорон), пардохтҳои рентавӣ, ҳиссаи истеҳлок (амортизатсия)- и биною таҷҳизот, суғурта ва ғайра.

**Хароҷоти тағйирёбанда** VC (анг. variable costs) – масрифоте мебошанд, ки аз ҳаҷм ва меъёри умумии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот алоқаманд буда, вобаста ба дигаргуншавиашон тагйир меёбанд. Масалан, масорифоти ашё, маводҳо, музди кори коргарон.

Дар амалияи хоҷагидорӣ хароҷоти мустақими фирма ба сифати хароҷоти тагйирёбанда ва хароҷоти ғайримустақим- хароҷоти доимӣ сурат мегирад.

**Хароҷоти умумии фирма** TC (анг. total costs) - ҳамчун ягонагии хароҷоти доимӣ (FC) ва тағйирёбанда (VC) сурат мегирад. Ин тарзи тақсим ва ташкили хароҷоти умумӣ имкон медиҳад, ки имконияти истеҳсолӣ ва техникии фирма барои давраҳои ҳозираю оянда, яъне давраи кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат муайян карда шавад. (ниг. ба нақшаи 12.1).




*Нақшаи 12.1.* **Хароҷоти умумӣ**

**Хароҷоти интиҳоӣ** – MC (анг. marginal costs, русс. предельные издержки) – мустақиман бо тавлиди иловагии маҳсулот вобаста мебошад. Он ҳамчун таносуби ҳаҷми афзунгаштаи хароҷоти тағйирёбанда ($\Delta VC$) ва ҳаҷми афзунгардидаи маҳсулот ($\Delta Q$) муайян карда мешавад. ($MC = \Delta VC/\Delta Q$).

### 3. Нарх ва ташаккули нархгузорӣ дар шароити бозор

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ таҳти нарх шакли пулии ифодаи арзиш (қимат)-и неъматҳову хадамот, манфиатнокии онҳо ҳамчун натиҷаи интиҳоии хароҷоти хоҷагӣ, ифодаи пулии омилҳо (захираҳо)-и иқтисодӣ фаҳмида мешавад.

Моҳияти аслии нарх бо воситаи иҷрои вазифаҳои он (вазифаи андозанамоӣ, муқоиса, баҳисобгирӣ, танзиму худзамкунӣ, тақсиму азнавтақсимкунӣ, таъмини иҷтимоӣ, мувозинии тақозою арза, ҷойгирнамоии оқилонаи истеҳсолот, таъмини равобити бурунмарзӣ) дарк карда мешавад.

Ҳадду ҳудуд, меъёр, самту тамоюли инкишофи нарх (нархгузорӣ) сирати чандирӣ дошта, тибқи талабу амри қонун ва механизми бозор муайян карда мешавад.

**Нархгузорӣ**, мустақиман аз ҷониби шӯъбаҳои тахассусии фирма (маркетинг) бо мақсади:

- даркy омӯзиш ва таҳлили молу маҳсулот;
- муайян намудани ҳолат ва вазъи бозори мушаххас, тақозою арзаи инфиродӣ, қобилияти харидории истеъмолгарон;

- ҳаҷм ва меъёри фоида, сатҳ ва дараҷаи рақобату рақобатпазирӣ;
- ҳадди ақалу аксари нарх; имтиёз ва гузаштқуниҳои нархӣ; дараҷаи хизматрасонии пас аз фурӯш; имконияти истеҳсолию қонеъгардонии талаботи истеъмолгар; мураттабсозии хароҷот ва ғайра нигаронида мешавад.

Дар шароити бозор нарху нархгузорӣ бештар хислати озод дошта, ба сифати фишанги танзим ба максади бозёфти шакл ва намудҳои нави нарх ва такмили санъати нархгузорӣ истифода карда мешавад.

Шакл ва намудҳои нарх, аз боиси нисбатан сирати мураккаб ва бисёрҷанба доштан, тибқи меъёрҳо муайян карда мешаванд.

Одатан барои муайян намудани шакл ва намудҳои нарх чунин меъёрҳо истифода карда мешаванд. Тибқи:

- **гардиши хизматрасонӣ** – нархи яклӯхт, чакана, хадамот, хариди маҳсулот ва ғайра;
- **тарзи муқарраркунӣ** – нархи озод, танзимшаванда, шартномавӣ ва ғайра;
- **мӯҳлати амалиёт** – нархи доимӣ, ҷорӣ, мавсимӣ;
- **дараҷаи асоснокӣ** – нархи базисӣ, иттилоотӣ, нархи истеъмол, прейскурантӣ...;
- **ҳудуди амалиёт** – нархи маҳаллӣ, ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва ғайра.

Аз ҷониби ширкатҳои фавқулинкишоф чунин санъат ё худ стратегияи нархгузорӣ пазируфта мешавад:

- нархҳои «қаймоқгирӣ»;
- нархҳои психологӣ;
- нархҳои «воридотӣ» (нархҳои арзон);
- нархҳои тафриқавӣ;
- нархҳои мавзун;
- нархҳои чатршакл;
- нархҳои ҳавасмандгардонӣ.

## 4. Даромад, сарчашма, омил ва шаклҳои асосии ташаккули он

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ тахти даромад қисми афзудаи арзиш (қимат)-и моли истеҳсолгардида нисбат ба хароҷоти истеҳсолкардаи он фаҳмида мешавад. Он ҳамчун нишондиҳандаи ниҳоии фаъолияти иқтисодии фирма, тахти таъсири қонунҳои бозор, қарор дошта, бидуни таъсир (дахолат)-и давлат сурат мегирад. Дар ин ҷода, он ҳамчун фарқи хароҷот ва арзиши озоди бозорӣ баромад мекунад.

Даромад дар ду шакл – даромади пулӣ ва даромади моддӣ (натуралӣ, шакли молу маҳсулот) ташкил мегардад.

**Даромади пулӣ** ҳамчун даромади исмӣ (номиналӣ) дар шаклҳои гуногун: музди кор, ҳаққи меҳнати коргарони кирояи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, ёрдампулиҳо, имтиёзҳо, даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ, ҳаққи меҳнати коргарони кооперативҳо, муассисаҳо ва ғайра ташкил меёбад.

Қисми даромади исмие, ки баъд аз пардохтҳои муқарраргардидаи ҳатмии давлат (андоз, суғурта, пардохти ҳаққи хона, барқ, газ, об, телефон) боқӣ мемонад, **даромади воқеӣ** (реалии)-и субъектҳои иқтисодиро ташкил медиҳад. Он ҳамчун нишондиҳандаи муайянкунандаи тарзи ҳаёти инсон ва дараҷаи беҳбудии ҷомеа баромад мекунад.

Даромад дар сатҳҳои мухталифи иқтисод – хонавода, фирма, давлат, ҷаҳон (мегаиқтисод) ба сифати даромади субъектҳои иқтисодӣ, субъектҳои бозор, агентҳои иқтисодӣ (менеҷерон, роҳбарон) ва даромади институтҳои иқтисодию молиявӣ ташкил меёбад. Доираи ташкилу густариши он ҳавзаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорию бизнес, бурунмарзӣ, бонкӣ, қарзӣ, молиявӣ ва ғайраро фаро мегирад.

Аз ин лиҳоз, шакл ва намудҳои гуногуни он фарқ карда мешавад. Масалан:

- даромади пулӣ, натуралӣ, муштарак;
- даромад аз фаъолияти фардии меҳнатӣ;
- даромади инфиродӣ, оила, гурӯҳ, коллектив;

- даромади корхона, ширкат, ташкилот, муассиса;
- даромади соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ;
- даромади соҳаҳои алоҳида, ноҳияву вилоят, кишвару минтақа…;
- даромади миллӣ;
- даромади умумӣ, холис, мӯътадил ва ғайра.

Даромад ҳамчун фишанги таҳрикдиҳанда бо мақсади таъмини ҳавасмандию ангезаи фаъолияти субъект, агенту институтҳои иқтисодӣ ва сатҳи баланди некӯаҳволии ҷомеаи инсонӣ хизмат мекунад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Хароҷот аз диду нигоҳи намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ чӣ тавр баҳо дода мешавад?
2. Классикони иқтисоди сиёсӣ (А.Смит, Д. Рикардо, К. Маркс) хароҷотро чӣ тавр маънидод менамуданд?
3. Хароҷоти иқтисодӣ ва унсурҳои онро номбар кунед?
4. Хароҷоти бухгалтерӣ аз хароҷоти иқтисодӣ бо кадом хислат (аломат) фарқ мекунад?
5. Хароҷоти алтернативиро чӣ тавр тасаввур менамоед?
6. Таркиб ва унсурҳои хароҷоти доимӣ, тағйирёбанда, умумӣ ва хароҷоти интиҳоиро хотиррасон кунед?
7. Вазифаҳои нарх ва хусусиятҳои нархгузориро номбар кунед?
8. Кадом шакл ва намудҳои нархро медонед?
9. Аз ҷониби ширкатҳои фавқулинкишоф бештар кадом шаклу намудҳои нархгузорӣ (санъати нархгузорӣ) истифода карда мешавад?
10. Сарчашмаҳои ташаккул ва шаклҳои асосии даромадро ба хотир оред?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Хароҷоти иқтисодӣ, моҳият ва хусусиятҳои ташкили он.
2. Шаклҳои асосии хароҷот.
3. Сиёсату амали нархгузорӣ ба омилҳои истеҳсолот.
4. Даромад, сарчашма, омил ва шаклҳои ташаккули он дар шароити бозор.

## V. ТЕСТҲО

**1. Мафҳуми хароҷоти истеҳсолӣ аз ҷониби кадоме аз инҳо аввалин маротиба истифода карда шудааст?**

а) А. Смит;
б) Д. Рикардо;
в) К. Маркс;
г) Ҷ. Кейнс.

**2. Назарияи субъективии хароҷоти имконоти алтернативиро кӣ тавсия намудааст?**

а) Ф. Визер;
б) К. Менгер;
в) П. Маршал;
г) П. Самуэльсон.

**3. Хароҷоти умумии фирма ҳамчун ягонагии унсурҳои зер сурат мегирад:**

а) сарҷамъи хароҷоти иқтисодӣ ва бухгалтерӣ;
б) кулли хароҷоти мустақим ва ғайримустақим;
в) кулли хароҷоти айён ва ноайён;
г) кулли хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда.

**4. Харочоти алтернативӣ ҳамчун унсурҳои зер сурат мегирад:**

а) харочоти захираҳои иқтисодӣ;

б) интихоби масорифоти пулии корхона оид ба таъмини шароити қулайтарини истифода ва аз даст надодани имконияти мавчуда;

в) харочоти омилҳои истеҳсолот;

г) харочоти фондҳои асосӣ ва гардон.

**5. Моҳияти нарх ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ дар асоси чӣ муайян карда мешавад?**

а) сарфи меҳнати инфиродӣ ва чамъиятӣ;

б) ифодаи пуллии арзиши молу маҳсулот;

в) манфиатнокии неъматҳо;

г) арзиши меҳнат ё худ қувваи коргарӣ.

**6. Нарх чунин вазифаҳоро ичро менамояд:**

а) ченаки арзиш, воситаи муомилот, воситаи пардохт, воситаи андӯхт;

б) таъмини рақобат, тақозо, арза;

в) танзиму тақсими маҳсулоти чамъиятӣ, мувозинатии тақозою арза, муқоисаю баҳисобгирӣ;

г) баҳампайвасткунии омилҳои истеҳсолот.

**7. Аз арзиши бозорӣ (500 сомон) пастар гузоштани нарх (499 сомон) хислати кадом нарх аст?**

а) нархи психологӣ (руҳӣ);

б) нархи «қаймоқгирӣ»;

в) нархи ҳавасмандгардонӣ;

г) нархҳои воридотӣ (арзон).

**8. Аз чониби ширкатҳои фаромиллатӣ, интихобан кадоме аз ин намуди стратегияи нархгузорӣ истифода карда мешавад?**

а) нархҳои «қаймоқгирӣ», психологӣ;

б) нархҳои воридотӣ, нархҳои чатршакл;

в) нархҳои мавзун, тафриқавӣ;

г) кулли пунктҳои а, б, в; а, б; б, в. (нодурусташро хат занед)

**9. Кадоме аз ин бандҳо бо таври пурра, сатҳ ва дараҷаи беҳбудии субъектҳои иқтисодиро ифода менамоянд?**

а) даромади исмӣ (номиналӣ, пулӣ);
б) даромади воқеӣ (реалӣ, ҳақиқӣ);
в) даромади натуралӣ (моддӣ, чизӣ);
г) даромади муштарак (пулию молӣ).

**10. Кадоме аз шаклҳои даромад нишондиҳандаи макроиқтисодӣ мебошад?**

а) даромади аҳолӣ;
б) даромади миллӣ;
в) даромади соҳаву вилоятҳо;
г) кулли пунктҳои а, б, в.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Боби 10,2; Боби 16,1,2. Душанбе, «Паёми ошно» 2006.
2. Б. Исоматов, Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Мавзӯи 12. Душанбе, 2003.
3. Б. Исоматов, Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Мавзӯи 12. Душанбе, 2003.
4. Носова С.С. Экономическая теория. Гл. 1, 7. Учебник. М., 2000
5. Океанов З.К. Экономическая теория. Гл. 6, §1. Учебник. М., 2006
6. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Боби 12. Боби 14,4. Микроиқтисод. Душанбе, 2003.

## БОБИ 13.
## БОЗОРИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Бозори омилҳои истеҳолот: хусусият ва вазифаҳои он.
2. Намудҳои асосии бозори омилҳои истеҳсолот.
3. Бозори замин ва хусусиятҳои фарқкунандаи он.
4. Бозори қобилияти соҳибкорӣ.

### II. НАҚШАИ ДАСРҲОИ АМАЛӢ:

1. Талабот ва таклифот дар бозори омилҳои истеҳсолот.
2. Нархгузорӣ дар бозори омилҳои истеҳсолот.
3. Фарқи бозори омилҳои истеҳсолот аз бозори мол ва хизматрасонӣ.

#### 1. Бозори омилҳои истеҳсолот: хусусият ва вазифаҳои он

Захираҳои дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ иштироккунандаро омилҳои истеҳсолот меноманд. Дар илми иқтисодӣ чор гурӯҳи омилҳои асосии истеҳсолотро ҷудо мекунанд:

- захираҳои инсонӣ (меҳнат);
- захираҳои табиӣ (замин);
- сармоя;
- фаъолияти соҳибкорӣ.

Ҳар яки аз ин омилҳо дар низоми иқтисодӣ мавқеи худро дорад ва вазифаҳои муайянро иҷро менамояд.

**Захираҳои инсонӣ** – (ё ки қувваи коргарӣ, меҳнат) қобилияти инсон дар ҳар як фаъолияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ мебошад, ки барои ба даст овардани неъматҳо равона карда шудааст. Нархи меҳнат ҳамчун музди кор баромад мекунад.

**Захираҳои табиӣ** – неъматҳои табиие мебошанд, ки дар мавриди ба вуҷуд овардани мол ва хизматрасонӣ истифода

бурда мешаванд. Дар илми иқтисодӣ вақте, ки сухан дар бораи захираҳои табиӣ ҳамчун омили истеҳсолот меравад бисёртар мафҳуми «замин»-ро истифода мебаранд. Нархи истифодаи замин рента мебошад.

**Сармоя** – ин захираҳои истеҳсолии бавуҷудовардаи одамон (мошина, иншоот, компютер, роҳи оҳан ва ғ.) мебошанд, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат истифода бурда мешаванд. Зери мафҳуми сармоя инчунин пулро мефаҳманд, ки ба он омилҳои ҷисмонии истеҳсолот харида мешаванд. Музди истифодбарии чунин пул, ё ки сармояи пулӣ фоиз мебошад.

**Фаъолияти соҳибкорӣ** – ин маҷмӯи саъю кӯшишҳои меҳнати махсус: малакаҳои идоракунӣ ва ташкилотчигӣ мебошад, ки ба фирмаҳо барои истеҳсоли мол ва хазматрасонӣ заруранд. Вазифаи соҳибкор – бо тарзи самаранок ва сарфакорона бо ҳамдигар пайваст намудани се омили дар боло номбаршуда мебошад. Дар мавриди муваффақият ба даст овардан соҳибкор фоида мегирад, дар ҳолати нокомӣ – зарар мебинад. Фоидаи фаъолияти соҳибкорӣ – ин подош барои омили соҳибкорӣ мебошад.

Бозори захираҳо унсури муҳимтарини таркибии иқтисоди бозорӣ дониста мешавад. Сатҳи самаранок амал кардани бозори захираҳо аз оқилона истифода бурдани онҳо вобаста аст. Пас устуворӣ ва мувозинатии иқтисодиёт, натиҷаоварии кори фирмаҳо ва соҳибкорон бо амал кардани бозори захираҳо алоқаманд аст.

Аз ҷадвали гирдгардиши бозорӣ (ниг. ба боби 5; нақшаи 5.1) маълум аст, ки фирма дар бозори мол ва хизматрасонӣ ҳамчун таъминкунанда, дар бозори захираҳо бошад, ҳамчун харидор баромад мекунад. Таъминкунандагони захираҳо асосан хоҷагиҳои хонагӣ мебошанд. Дигар фирмаҳо низ ба ин сифат баромад карда метавонанд. Баъзе молҳоро соҳибкорон танҳо ба соҳибкорони дигар мефурӯшанд: ашёи хом, маводҳо, сӯзишворӣ ва ғайра, ки онҳоро инчунин маҳсулоти мобайни ҳам меноманд. Маҳсулоти тайёркардашудаи ниҳоӣ ба истеъмолкунандагон фурӯхта мешавад. Хоҷагиҳои хонагӣ ба бозор пеш аз ҳама захираи асосӣ – меҳнатро пешкаш менамоянд.

Бозори омилҳои истеҳсолот даромадҳоро ба вуҷуд меоварад, ки ба ҳосилнокии ҳар як омил мувофиқ аст. Вобаста аз ҳолати бозори омилҳо фирма масъалаҳои: чӣ, чӣ тавр ва чӣ қадар? истеҳсол карданро ҳал менамояд.

Бозори омилҳои истеҳсолот ва бозори молу хизматрасонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарқи ин ду намуди бозор, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ маҳсулоти барои истифодабарии ниҳоӣ тайёр, дар бозори захираҳо – шароити истеҳсолот хариду фурӯш карда мешаванд. Чунин фарқиятро ба таври зайл ифода намудан мумкин аст:

- мол (маҳсулоти тайёр) дар ҷараёни истеъмолот, захира бошад – дар раванди истеҳсолот истифода бурда мешавад;
- миқдор ва сифати муайяни захира шароити истеҳсолотро ба вуҷуд меоварад, мол ва хизматрасонӣ бошад – натиҷаи истеҳсолотро.

Бозори захираҳо боз як қатор хусусиятҳои дигари хос дорад. Якум, истифодаи захираҳо хислати истеҳсолӣ дошта, пас харидорони захираҳо танҳо соҳибкорон, фирмаҳо (субъектҳои хоҷагидорӣ) шуда метавонанд. Дуюм, нархи захираҳо аксаран аз рӯи таносуби талабот ва таклифот ба мол муайян карда мешавад. Сеюм, дар таҳлили бозори захираҳо қоидаи асосии иқтисодиёт: «минимуми хароҷот ва максимуми натиҷа» фаъолона амал мекунад. Зеро аз риоя кардани ин қоида даромади соҳибкорон вобаста аст. Чорум, талабот ба захираҳо хислати маҳсулӣ дорад ва бевосита аз талабот ба маҳсулоти тавассути онҳо тайёркардашуда вобаста аст. Панҷум, талабот ба захираҳо на танҳо аз нархи онҳо, балки боз аз дараҷаи ҳосилнокии захираҳо вобаста аст. Масалан, талабот ба дастгоҳи пурмаҳсул нисбат ба дастгоҳи ҳисилнокиаш паст зиёдтар аст.

Маҷмӯи бозорҳои захираҳо дар иқтисодиёт вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд: якум, ба самараноктар истеҳсол намудани мол ва хизматрасонӣ мусоидат менамоянд; дуюм, дар баробари зиёд намудани истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ мусоидат мекунад, ки ҳаққи захираҳои иқтисодӣ афзояд. Ҳаққи захираҳо даромади асосии моликонро зиёд менамояд.

Хусусияти бозори захираҳо тавассути қонуниятҳои ба худ хоси талаботу таклифот амалӣ мегардад. Талабот ба захираҳо маҳсулӣ (вобастагӣ) буда, аз талабот ба маҳсулоти бо истифодаи захираҳо истеҳсол шуда, манша мегирад. Яъне захираҳо талаботро мустақиман не, балки тавассути маҳсулоти тайёр қонеъ мекунанд. Пас, тағйирёбии талабот ба захираҳо низ андозаи маҳсулӣ аст: пеш аз ҳама аз тағйирёбии талабот ба маҳсулоти тайёр вобаста мебошад.

Талабот ба захираҳоро бизнес муайян мекунад. Микёси захираҳо на фақат аз нархашон, балки боз аз ҳаҷми фурӯши он молҳое, ки тавассути ин захираҳо истеҳсол шудаанд, вобаста аст. Агар ба мол талабот набошад, талабот ба захираҳо низ намешавад. Аз сабаби вобаста будани талабот ба захираҳо аз талабот ба маҳсулоте, ки тавассути онҳо тавлид гардидааст, **тавсифи маҳсулӣ** дорад.

Ба ҳаракати талабот ба захираҳо ҳосилнокии меҳнат ҳам таъсир мерасонад: агар ҳосилнокӣ афзояд, захираҳо бисёртар талаб карда мешаванд. Ҳар як воҳиди иловагии захираҳо афзоиши махсулот – маҳсулоти интиҳоӣ (дар ифодаи пулиаш – даромади интиҳоӣ)-ро таъмин мекунад. Дар баробари ин захираҳои иловагӣ афзудани хароҷотро – хароҷоти интиҳоиро талаб мекунад. Вале фирмаҳо кӯшиш мекунанд, ки хароҷоти истеҳсолотро кам кунанд. Барои ҳамин онҳо захираҳоро то он вақте зиёд менамоянд, ки даромади интиҳоӣ аз афзоиши он бо хароҷоти интиҳоӣ баробар мешавад. Агар даромади интиҳоӣ аз хароҷоти интиҳоӣ зиёд шавад, талабот ба захираҳо меафзояд. Дар акси ҳол – талабот ба захираҳо кам мешавад.

Таклифоти захираҳои иқтисодиро хоҷагиҳои хонагӣ ба ҷо меоранд. Алалхусус, меҳнатро ба кирокунанда бевосита шахсони алоҳида – кирошавандаҳо пешкаш менамоянд. Микёси таклифоти захираҳо аз нарх ва даромаде, ки моликони онҳо (захираҳо) гирифта метавонанд, вобаста аст.

Аз он сабаб, ки захираҳо хариду фурӯш карда мешаванд, онҳо нарх доранд. Масъалаи нархгузорӣ дар вақти омӯхтани бозори захираҳо нуқтаи марказӣ ба ҳисоб меравад. Зеро нархи захираҳо омили асосии ба даромади пулӣ моликони он (музди кор, фоиз, рента, фоидаи соҳибкорӣ) таъсиррасонан-

да аст. Нархгузорӣ ба захираҳо хусусиятҳои тамоми бозорҳои омилҳои истеҳсолотро ифода мекунад.

Нархи захираҳо чун дар ҳамагуна бозорҳо аз талаботу таклифот вобаста аст. Таклифоти захираҳо алоқаи мустақими байни нарх ва ҳаҷми хақиқӣ мавҷуд будани онҳоро ифода мекунад. Талабот ба захираҳо алоқаи баръаксро байни нарх ва ҳаҷми захираҳо ифода мекунад. Агар нархи захираҳо баланд шавад, соҳибкор ё онҳоро дар миқёси кам мехарад, ё ки онҳоро бо захираҳои нисбатан арзон иваз мекунад.

Талабот ва таклифоти омилҳои истеҳсолот тавсифи миқдорӣ ва арзишӣ доранд. Тавсифи миқдорӣ миқдор ва миқёси кормандон, мошина, замин ва ғайраро муайян мекунад, ки дар бозор харида (миқдори талабот) ва фурӯхта (миқёси таклифот) мешавад. Тавсифи арзишиаш нархе мебошад, ки бо он воҳиди захираи мазкур эҳтимол фурӯхта шавад (нархи таклифот) ё ки харида шудааст (нархи талабот). Нархи талабот ба захираҳо асоси хароҷоти истеҳсолкунандаро ташкил медиҳад, нархи таклифот бошад, андозаи даромади истеъмолкунандаро тасвир менамояд. Маълум аст, ки ҳам тавсифи арзишӣ ва ҳам тавсифи миқдорӣ дар як вақт нишодиҳандаҳои талабот ва таклифот мебошанд. Масалан, миқдори шуғлварзидагон ва музди кор барои корфармо мутаносибан андоза ва нархи талабот ба меҳнат, барои кироягар – андоза ва нархи таклифоти меҳнат мебошад. Барои ҳар як намуди захира нарх ва андозаи он ифодаи аниқ дорад.

## 2. Намудҳои асосии бозори омилҳои истеҳсолот

Вобаста аз хелҳои гуногуни захираҳои иқтисодӣ намудҳои фарққунандаи бозори омилҳои истеҳсолот мешаванд: бозори меҳнат, бозори сармоя, бозори замин (захираҳои табиӣ) ва бозори қобилиятҳои соҳибкорӣ. Ин ҷо асосан дар бораи хусусиятҳои бозори меҳнат ва сармоя сухан меронем. Шарҳи пурраи онҳо дар мавзӯъҳои оянда баён мегардад.

Ҳар як намуди бозори захираҳо хусусиятҳои ба худ хосеро дорад. Аз ҳама муҳимтарин бозори меҳнат мебошад, ки бо

сармояи инсонӣ сарукор дорад. Бозори меҳнат пеш аз ҳама бо объекти худ – қувваи коргарӣ (меҳнат) фарқ мекунад. Агар дар бозор ҳамаи дигар молҳо талабот, таклифот, хароҷоти истеҳсолот ва дигар омилҳо байни ҳамдигар таъсири мутақобила расонанд, дар бозори меҳнат ба онҳо боз омилҳои иҷтимоӣ, миллӣ, психологӣ ва ғайра илова мешаванд.

Талабот ба меҳнат мувофиқи сохтори техникӣ ё сохти узвии сармоя, яъне таносуби арзиши сармояи доимӣ ва меҳнат дар дараҷаи ҷории ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Яъне аз сохти узвию техникии истеҳсолот вобаста аст. Мазмуни раванд ҳамонро мадди назар дорад, ки техника ва технологияи сатҳи муайяни тараққиёт ва ҳосилнокии меҳнат ҳатман миқдори маҳдуду аниқи қувваи коргарӣ ва дараҷаи тахассуси мувофиқро талаб мекунад. Дар баробари ин истеҳсолкунанда мебинад, ки чиро истифода бурдан муфид аст - миқдори зиёдтари воситаҳои истеҳсолот, ё миқдори зиёдтари қувваи коргариро.

Таклифоти меҳнат аз миқдори аҳолии қобилияти меҳнатидошта, таркиби ҷинсии аҳолӣ, дараҷаи маълумотнокӣ ва ихтисоснокии коргарон, маданият, анъанаҳои миллӣ ва ғайра вобаста аст. Омилҳои намоёни ба таклифоти меҳнат таъсир расонанда – музди кор, давомнокии рӯзи корӣ, ҳосилнокии меҳнат мебошанд.

Бозори меҳнат дар шакли биржаи меҳнат ташкил меёбад. Дар он зерсохтори мураккаб ба вуҷуд омада, имконият медиҳад корфармо ва кироякори қувваи кориашро фурӯшанда бо ҳамдигар вохӯранд.

Қувваи коргарӣ бо қобилияти гуногун, дараҷаи ҳархела фарқ мекунад, ки зарурати фарқият дар музди кори кормадони ихтисосҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Барои ҳамин бозори ягонаи меҳнат вуҷуд надорад, вай аз рӯи касбу кор, соҳа, мавкеи ҷуғрофӣ фарқ мекунад. Қувваи коргарӣ доимо дар ҳаракат аст, яъне як машғулиятро бо дигараш иваз кардан, аз намуди фаъолияти каммаҳсул ба фаъолияти сермаҳсул гузаштан, дар дохили ҳудуд ҷой иваз кардани кормандон имконпазир аст.

Меҳнат аз ҷисми инсон ҷудонашаванда мебошад. Вай ҷабҳаҳои иҷтимоӣ, психологӣ, сиёсӣ дорад. Омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, омодагии тахассусии кадрҳо ва ғайра ба таклифоти қувваи коргарӣ таъсир мерасонанд.

Талабот ба меҳнат ҳама вақт дар сатҳи фирма ташкил меёбад. Вале, дар ҳаракат будани қувваи коргарӣ ба он оварда мерасонад, ки таклифоти меҳнат дар сатҳи соҳа ва ё ҷамъият ба вуҷуд ояд. Аз ин бармеояд, ки ташаккулёбии нархи меҳнат (музди кор) тавассути рақобати ҳамаи кормадон амалан дар сатҳи хоҷагии миллӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа дараҷаи якхелаи музди кори кормандони як ихтисос ташаккул меёбад.

Барои он, ки корманд имконият дошта бошад, ки қувваи кориашро мунтазам фурӯхта тавонад, вай бояд қобилияти ҷисмонӣ ва маънавиашро ба меҳнат аз нав барқарор кунад. Барои ин коргар бояд воситаи ҳаётгузаронӣ дошта бошад, ки ҳаҷми онро арзиши қувваи коргарӣ муайян месозад, вобаста аст. Арзиши қувваи коргарӣ бо маҷмӯи омилҳои зерини иҷтимоию такрористеҳсолӣ муайян карда мешавад:

- арзиши восита барои нигоҳдошти қобилияти ҷисмонии худи корманд ба меҳнат;
- арзиши воситаҳои барои қонеъ кунонидани талаботи маънавии коргар (гирифтани ихтисос, қонеъ кунонидани талаботи фарҳангӣ);
- арзиши воситаҳои барои таъмини оилаи коргар зарур;
- омили таърихӣ ва анъанавӣ, ки бо шароити ташаккулёбии табақаи кормандон, шароити иқлимӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, арзиши қувваи коргарӣ бо арзиши воситаҳои барои истеҳсол ва такрористеҳсолии қувваи коргарӣ – зарур муайян карда мешавад.

**Бозори сармоя ҳам** хусусиятҳои хос дорад. Сармоя дар ду шакли асосӣ баромад мекунад:

- дар шакли сармояи маҳсулдеҳ, ки барои ба вуҷуд овардани арзиши мол истифода бурда мешавад;

- дар шакли сармояи қарзӣ (пулӣ), ки барои истифодабарии муваққатӣ ба дигар шахс бо мақсади гирифтани даромад (фоиз) дода мешавад.

Ин ҷо танҳо бозори сармояи маҳсулдеҳ (сармояи ҷисмонӣ)-ро дида мебароем. Бозори сармояи ҷисмонӣ - ин омили истеҳсолии истифодаи дарозмӯҳлат (сармояи асосӣ) мебошад. Вай дар истеҳсолот дар давоми бисёр солҳо иштирок мекунад. Аз ин сабаб, дар тавсифи бозори сармоя ба ҳисоб гирифтани омили вақт зарур аст. Барои ҳалли масъалаи он ки сармоягузорӣ фоидаовар аст ё не, фирмаҳо арзиши воҳиди сармояро дар лаҳзаи ҷорӣ бо фоидаи ояндае, ки ҳамин воҳиди сармояи гузошташуда оварда метавонад, муқоиса мекунанд. Низоми имконоти ҳисоб карда баромадани аҳамияти имрӯзаи ҳамагуна маблағ, ки метавонад дар оянда гирифта шавад **дисконт кардан (дисконтирование)** номида мешавад. Арзиши ҷории даромадҳои оянда – **арзиши дисконтӣ** номида мешавад. Агар арзиши дисконткардашудаи интизорӣ дар даромадҳои оянда нисбат ба харочоти сармоягузорӣ зиёд бошад, маблағгузорӣ мувофиқи мақсад аст. Пас, арзиши дисконтӣ ба фирмаҳо барои қабули қарор оид ба сармоягузорӣ дар бозори сармояи ҷисмонӣ зарур мебошад.

Сохтори бозории сармояи ҷисмонӣ бо гуногунтаркибӣ ва гуногуншаклии сифати объектҳои муомилот фарқ мекунад. Яке аз қисмҳои (сегментҳои) муҳимтарини бозори сармояи ҷисмонӣ бозори таҷҳизоти истифодашуда мебошад. Хусусияти ин бозор иборат аз он аст, ки маҳз дар андозаи ҳамин фарсудашавӣ тавсифи муҳимтарини амал кардани сармояи ҷисмонӣ муайян карда мешавад. Қисми дигар – бозори таҷҳизоти баландсифати махсус мебошад, ки бо фармоиши инфиродӣ тайёр карда шудааст. Чунин бозор бо иштироки монополияи дутарафа баргузор мегардад.

Талабот ба молҳои таъиноти истеҳсолӣ ва нархи онҳоро ҳаҷми сармоягузорӣ муайян мекунад. Вале барои сармоягузорӣ аз бозори сармояи қарзӣ пул гирифта мешавад. Агар чанде сармояи пулӣ захира ҳисоб нашавад ҳам, вале танҳо тавассути пул дастрас кардани омилҳои истеҳсолот, оғоз намудану васеъ кардани истеҳсолот мумкин аст. Барои ҳамин, сармояи

ҷисмонӣ бо сармояи пулӣ зич алоқаманд аст. Бо ёрии сармояи пулӣ бо ҳам алоқамандии байни ҳамаи бозорҳои захираҳо ба вуҷуд оварда мешавад.

### 3. Бозори замин ва хусусиятҳои фарқкунандаи он

Замин ҳамчун омили истеҳсолот ҳам дар маънои маҳдудаш ва ҳам дар маънои васеъаш фаҳмида мешавад. Дар маънои маҳдуд зери мафҳуми замин киштзор фаҳмида мешавад. Дар чунин соҳаҳо, ба монанди хоҷагии қишлоқ, хоҷагии ҷангал, сохтмон майдони замин (дар маънои маҳдудаш) аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар маънои васеъ замин ифодакунандаи тамоми захираҳои табиӣ мебошад, ки дар ҷараёни истеҳсолот истифода бурда мешаванд. Масалан, дар саноати истихроҷкунанда, дар сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқӣ (НОБ), анборҳо барои партовҳои ядрой замин на танҳо ҳамчун майдон, балки боз бо тамоми захираҳои табиии мавҷудааш баромад мекунад.

Шароити табиӣ имконияти ҳаётгузаронӣ ва фаъолияти одамонро ба вуҷуд меоварад, дар баробари тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда захираҳои табиӣ ба захираҳои иқтисодӣ табдил меёбанд. Масалан, баробари кашф карда шудани нерӯи атом маъдани уран ба захираи иқтисодӣ табдил ёфт.

Захираҳои табиӣ – ин маҷмӯи шароитҳои табиие мебошанд, ки метавонанд дар ҷараёни бавуҷуд овардани мол, хизматрасонӣ ва арзишҳои маънавӣ истифода бурда шаванд.

Захираҳои табиӣ ба захираҳои ҳақиқӣ, яъне захираҳои кашфкарда шуда (истифодабурдашаванда) ва захираҳои эҳтимолӣ (имконпазир), ки ҳоло аниқ карда нашудаанд, ҷудо мешаванд. Захираҳои табиии ҳақиқӣ (кашфкардашуда) ба миқёси сарвати миллӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дараҷаи самаранокии истеҳсолот бевосита таъсир мерасонанд.

Захираҳои табииро инчунин ба захираҳои барқароршаванда ва барқарорнашаванда ҷудо кардан мумкин аст. Захираҳои табиии барқароршаванда гуфта захираҳоеро меноманд, ки дар баробари сарф карда шуданашон зери таъсири ҷара-

ёнҳои табиӣ, ё ки кӯшишҳои бошууронаи инсон барқарор карда мешаванд. Гардиши об дар табиат, дараҷаи дар атмосфера оксигенро нигоҳ доштани наботот захираҳои барқароршаванда ба ҳисоб мераванд. Захираҳои табии барқарор нашаванда – чунин захираҳое мебошанд, ки баъд аз тамоман сарф шудан барқарор кардани онҳо ғайриимкон аст. Ба ин ҳамаи маъданҳои фоиданок дохил мешаванд.

Замин ҳамчун омили истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот истифода бурда мешавад. Хоҷагии қишлоқ ду вазифаи муҳимтаринро иҷро мекунад:

- аъзоёни ҷамъиятро бо маводи озуқаворӣ;
- саноатро бо ашёи хом таъмин мекунад.

Замин ҳамчун омили истеҳсолот якчанд хусусиятҳо дорад. Якум, замин нисбат ба дигар омилҳои истеҳсолот мӯҳлати номаҳдуди хизматрасони дорад; Дуюм, мувофиқи пайдоишаш, замин на маҳсули меҳнати инсон, балки омили табиӣ мебошад. Сеюм, замин омили ғайриманқул аст, аз як соҳа ба соҳаи дигар озодона гузашта наметавонад. Чорум, замини дар хоҷагии қишлоқ истифодабурда шаванда, дар мавриди истифодаи оқилона на танҳо хароб намешавад, балки боз ҳосилхезии худро зиёд мекунад. Хусусияти асосии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ иборат аз он аст, ки вай бевосита аз шароити табиӣ – иқлимӣ вобаста аст ва дар ин соҳа ноустувориро ба вуҷуд меоварад. Фаъолияти хоҷагидорӣ дар ин соҳа хислати мавсимӣ дорад, ки дар шуғлварзӣ сабаби каму зиёд шудани кормандон, истеҳсол ва таклифоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мегардад.

Ҳолати бозори заминро амалиёти ду субъекти асосии он: моликони захираҳои замин (заминдорон) ва соҳибкорони хоҷагии қишлоқ (зироаткорон) муайян мекунанд. Заминдорон заминро ба иҷора гузошта, таклифоти хизматрасонии заминро ташкил медиҳанд. Зироаткорон заминро ба иҷора гирифта талаботро муайян мекунанд. Агар заминдор худаш заминро кор кунад, ё ки иҷорагир қитъаи заминро ба моликияташ дарорад, вазифаҳои молик ва соҳибкор дар як субъект васл мешаванд.

Миқдори замин ҳаҷми хизматрасонии онро муайян мекунад. Хизматрасонии замин аз қобилияти талабот ба маҳсулоти дар он истеҳсолшаванда иборат аст. Хизматрасонии замин

нархи муайян, баҳои рентавӣ дорад. Нархи мувозинатӣ бо таносуби байни талабот ва таклифоти хизматрасонии замин муайян карда мешавад. Талабот ба хизматрасонии замин – ин он миқдори замин аст, ки соҳибкорон мехоҳанд дар ҳар як дараҷаи ҷории нарх ба иҷора гиранд. Талабот ба хизматрасонии замин, чун ба хизматрасонии ҳар як захираи иқтисодӣ, маҳсулӣ мебошад. Яъне ҳаҷми он на танҳо аз миқдори муайяни маҳсулоти дар замин истеҳсолшуда, балки боз аз даромади фурӯши он гирифташаванда, вобаста аст. Барои ҳамин талабот ба хизматрасонии замин бо ҳаҷми даромаднокии интиҳоӣ муайян мегардад. Ҳаҷми даромаднокии интиҳоӣ - ин даромади иловагие мебошад, ки аз истифодабарии ҳар як воҳиди иловагии замин гирифта мешавад.

<u>Таклифоти</u> хизматрасонии замин – ин миқдори замин, ки ба иҷора пешбарӣ карда мешавад. Таклифоти замин ҳамчун захираи иқтисодӣ бо маҳдудии миқдори замин алоқаманд аст. Дар мавриди микёси муқаррарии таклифоти замин вобаста аз талабот ҳама вақт чунин баҳои рентавӣ муайян мешавад, ки манфиатҳои фурӯшандаи замин ва харидори хизматрасонии заминро баробар мегардонад. Агар нарх аз дараҷаи мувозинатӣ баланд бошад, талабот ба замин нисбат ба таклифот кам мешавад. Дар натиҷа баъзе аз заминдорон наметавонанд заминро ба иҷора диҳанд ва маҷбур мешаванд, ки нархро паст кунанд. Агар нарх нисбат ба нархи мувозинатӣ паст бошад, он вақт талабот аз тарафи иҷорагирҳо нисбат ба таклифот зиёд мешавад ва заминдорон нархро баланд мекунанд. Дар натиҷа нарх ба дараҷаи нархи мувозинатӣ баробар мешавад, ки дар он талабот ба замин ва таклифот бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дар ҳолати мувозинатӣ даромади заминдорон бо музди иҷора ва миқдори замин муайян карда мешавад.

Дар баробари иҷора масъалаи хариду фурӯши бевоситаи замин ва нархи бозории он аҳамияти махсус пайдо мекунад. Нархи замин бо ду омил муайян мегардад: 1) ҳаҷми рента; 2) дараҷаи фоизи қарз. Нархи замин мутаносибии роста ба ҳаҷми рентаи замин ва мутаносиби баръакс ба андозаи фоизи қарз мебошад:

$$\text{Нархи замин} = \frac{\text{рента}}{\text{фоизи карз}} \times 100$$

Чун қоида, соҳиби пул қитъаи заминро барои мунтазам гирифтани даромад аз замин – рента, мехарад. Дар баробари он пулро соҳибаш метавонад дар бонк гузошта, гирифтани даромадро дар намуди фоиз таъмин намояд. Барои ҳамин қитъаи заминро харида, соҳиби пул даромадро аз қитъаи замин (рента) бо даромад аз гузоштани пул дар бонк муқоиса мекунад ва истифодаи афзалиятноки онро интихоб мекунад. Ҳамин тавр, нархи замин ифодакунандаи муттасилии ду намуди даромад – рента ва фоиз мебошад.

## 4. Бозори қобиляти соҳибкорӣ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти хоҷагидорӣ хислати фаъолияти соҳибкориро мегирад. Вай аз ташкил ва бо ҳам пайвастани омилҳои истеҳсолот барои ба вуҷуд овардани мол ва хизматрасонӣ иборат аст, ки талаботи ҷамъиятӣ ва манфиатҳои моддии соҳибкорро барои гирифтани фоида қонеъ мегардонад.

Тибқи моддаи 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст».

Аз ин таъриф бармеояд, ки соҳибкорӣ чунин аломатҳо дорад:

- фаъолити мустақилона, ба ҳар кас дастрасшаванда;
- фаъолияти ба таваккали амалишаванда; ба оқибатҳои таваккалӣ худи соҳибкор ҷавобгӯ аст;
- фаъолияти мувофиқи қонун амалкунанда; ҳар як шахс ҳуқуқи бо соҳибкорӣ машғул шуданро дорад;

- фаъолиятест, ки мақсадаш ба даст даровардани фоида. Гирифтани фоида нерӯи пешбарандаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад:
- моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ аз қонеъ кунонидани талаботи аҳолӣ ба мол ва хизматрасонӣ иборат аст;
- қонеъ кунонидани талабот тавассути истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷораи кор ё хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд;
- давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ дахолат намекунад.

Соҳибкорӣ пеш аз ҳама омили истеҳсолот мебошад. Дар фаъолияти худ соҳибкор асосан се вазифаи асосиро иҷро мекунад: вазифаҳои омилӣ, ташкилӣ ва эҷодӣ. Вазифаи омилӣ аз сафарбар намудани пулҳои ҷамъгардида, воситаҳои истеҳсолот, кормандон ва дигар омилҳои барои фаъолияти соҳибкорӣ зарур, иборат аст. Вазифаи ташкилӣ – ин якҷоя кардан ва баҳамдигар пайвастани омилҳои истеҳсолот мебошад, ки мақсади гузоштташударо таъмин мегардонад. Вазифаи эҷодӣ бо навоварӣ, ташаббус, ӯҳдаборӣ ва таваккалӣ алоқаманд аст, ки нақши он дар шароити инқилоби илмию техникӣ ва пурқувват гардидани рақобат боз ҳам зиёд мешавад. Шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории замони ҳозира ба тараққӣ кардани ҳам сектори давлатӣ ва ҳам сектори хусусӣ мусоидат карда метавонанд. Дар баробари ин натиҷаҳои баланди фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ, балки инчунин аз сифати идора, ташкили меҳнат ва истеҳсолот, самаранок истифода бурдани омилҳои истеҳсолӣ вобаста аст.

Субъекти иқтисоди бозорӣ соҳибкор мебошад. Ба сифати субъекти иқтисоди бозорӣ вазифаи соҳибкор аз ҷуста ёфтан ва ташаккули талабот ба маҳсулот ва хизматрасонӣ иборат аст. Шахси марказии фаъолияти соҳибкорӣ – соҳибкор мебошад, ки қобилияти беҳамтои ташкилотчигӣ дорад. Фоида гирифтан барои ӯ мақсади ягона набуда, рамзи муваффақият мебошад.

Соҳибкор ба ӯҳда мегирад:

- ташаббуси дар раванди ягонаи истеҳсолот якҷоя кардани захираҳои истифодабурдашаванда;

- интихоби мувофиқати беҳтарини захираҳои истифодашаванда;
- бо роҳи ҳавасмандкуниҳои гуногун ба фаъолияти меҳнатӣ барангехтани одамон;
- тайёр будан ба қабули қарорҳое, ки барои муваффиқияти кор мусоидаткунанда мебошад.

Дар натиҷаи ташкили истеҳсол ва фурӯши мол талаботи соҳибкор бо фоидаи максималӣ таъмин мегардад. Аз ин ҷиҳат соҳибкор боз чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- ташаббускорӣ дар боҳампайвастани захираҳо барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ;
- қабули қарорҳо оид ба идораи фирма;
- ҷорӣ кардани навоварӣ (инноватсия) бо роҳи истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, такмилдиҳӣ ва дигаргун кардани равандҳои истеҳсолот;
- ҷавобгар будан ба таваккали иқтисодӣ.

Соҳибкор аз дигар субъектҳои иқтисоди бозорӣ бо даромади соҳибкорӣ (фоида) фарқ мекунад. Фоидаи соҳибкорӣ аз фоидаи умумӣ ва фоидаи соф камтар аст. Зеро аз фоидаи умуми ҳисобҳои беруна (андоз, фоизи қарз, иҷорапулӣ, фондҳои хайрия) ҷудо карда мешаванд. Фоидаи софи боқимонда бо мақсади васеъ кардани истеҳсолот (андӯхт, тайёр кардани мутахассисон, тараққии соҳаи иҷтимоӣ, эҳтиёҷоти экологӣ) истифода бурда мешавад. Баъд аз он соҳибкор аз фоидаи софи фирма даромади шахсии соҳибкорӣ (фоида)-ро мегирад.

Ҳаҷми мутлақи фоидаро аз андозаи фоида, ки дараҷаи даромаднокии сармояро (фондҳоро) нишон медиҳад, фарқ бояд кард. Андозаи фоида (ё ки меъёри даромаднокӣ) ($P^1$) - ин нисбати ҳаҷми фоида (P) ба хароҷот (A) мебошад, ки аз арзиши воситаҳои истеҳсолот (K) ва хароҷот барои музди кори кормандон (З) иборат аст:

$$P^1 = \frac{P}{A} = \frac{P}{K + З} \times 100 .$$

Хусусияти намоёнтарини соҳибкорӣ – хосияти **навоварӣ** доштани он аст. Навоварӣ фаъолияте мебошад, ки моҳияти

асосии онро раванди муттасили ҷорӣ намудани навигариҳои илмию техникӣ ташкил медиҳад. Аз ҳамин ҷост, ки шартҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорӣ ва хоҷагидории барои ҷамъият самаронок аз инҳо иборатанд:

- ба вуҷуд овардан ва таъмин намудани муҳити ба рақобатбарӣ мусоидаткунанда;
- кор карда баромадан ва таъмин намудани заминаи қонунгузории фаъолияти хоҷагидорӣ;
- ба вуҷуд овардани зерсохтори бозорӣ;
- сиёсати дастгирӣ ва ҳавасманд намудани соҳибкории хурд;
- сиёсати ҳифзи фирмаҳои ватанӣ, ки дар бахши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ фаъолият мебаранд.

Таъмини ин ва дигар шартҳои фаъолияти соҳибкориро давлат бояд тавассути мақомоти иҷроия ва қонунбарор ба роҳ монад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Захираҳо чист? Барои чӣ онҳоро омилҳои истеҳсолот меноманд?
2. Омилҳои истеҳсолотро номбар кунед ва мазмуни онҳоро фаҳмонда диҳед.
3. Бозори омилҳои истеҳсолот аз бозори мол ва хизматрасонӣ бо чӣ фарқ мекунад?
4. Моҳият ва самараи ҳамдигарро ивазкунии омилҳои истеҳсолотро дар чӣ мебинед? Сармояи пулӣ захираи иқтисодӣ шуда метавонад?
5. Дар асоси нархгузории бозори омилҳои истеҳсолот чӣ нуҳуфтааст?
6. Кадом тамсилаҳои бозори меҳнатро медонед?
7. Бозори меҳнатро дар Тоҷикистон тавсиф намоед.
8. Фарқи байни меъёри фоиз ва маҳсулнокии интиҳоии сармояро дар чӣ мебинед?

9. Самаранокии моликияти давлатӣ ба заминро чӣ гуна баҳо медиҳед?
10. Дар асоси фарқияти музди кор чӣ меистад?
11. Нархи замин чӣ тавр муайян карда мешавад?
12. Моҳияти раванди инвеститсионӣ аз чӣ иборат аст?
13. Намудҳои инвеститсияро ба сармояи инсонӣ номбар намоед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Мувозинат дар бозори захираҳо.
2. Мувозинат дар бозори меҳнат.
3. Мувозинат дар бозори сармоя.
4. Рентаи замин ва таъсири он ба нархи замин.
5. Моҳияти раванди инвеститсия.
6. Талабот ва таклифоти инвеститсия.
7. Соҳибкор ҳамчун субъекти иқтисоди бозорӣ.
8. Соҳибкорӣ ҳамчун омили истеҳсолот.

## V. ТЕСТҲО

**1. Асосҳои методологии таҳлили омилҳои истеҳсолот ва «даромади омилӣ» ба кадом иқтисодшиносӣ намоён таалуқ дорад?**

а) Жан – Батист Сэй;

б) Адам Смит;

в) Карл Маркс;

г) Альфред Маршалл.

**2. Кадом иқтисодшинос назарияи се омили истеҳсолотро тарафдорӣ намуда, онро бо таълимоти ҳосилнокии интиҳоӣ пурра намуд?**

а) Англис А.Маршалл;

б) Франсуз Ж.Б.Сэй;

в) Америкоӣ Д.Б. Кларк;

г) Олмонӣ Р.Гильфердинг.

**3. Асоси нархи бозории омилҳои истеҳсолотро пеш аз ҳама чӣ ташкил медиҳад?**

а) мақсадҳои истеҳсолот;

б) даромадҳои омилӣ;

в) хароҷоти меҳнат;

г) фаъолияти соҳибкорӣ.

**4. Сармоя ҳамчун омили истеҳсолот дар кадом ду шакл баромад мекунад?**

а) сармояи асосӣ ва сармояи гардон;

б) сармояи доимӣ ва сармояи тағйирёбанда;

в) сармояи маҳсулдеҳ (ҷисмонӣ) ва сармояи қарзӣ (пулӣ);

г) сармояи инсонӣ ва сармояи молиявӣ.

**5. Мувофиқи Кодекси меҳнат системаи тарифӣ аз кадом се чиз иборат аст?**

а) ҳаққи моҳона, системаи музди кор, системаи мукофотпулӣ;

б) моҳонаи корбайъ, моҳонаи вақтбайъ, ҳадди ақали музди кор;

в) ҳаққи тарифӣ, ҳаққи ғайритарифӣ, системаи афзоянда;

г) ҳаққи тарифӣ, ҷадвали тарифа, коэффитсиенти тарифа.

**6. Нархи заминро муайян кунед: рента баробар аст ба 2000 сомонӣ, меъёри фоизи қарзӣ – 10.**

а) 60 ҳазор сомонӣ;

б) 20 ҳазор сомонӣ;

в) 30 ҳазор сомонӣ;

г) 40 ҳазор сомонӣ.

**7. Ба андозаи фоидаи соҳибкорӣ кадом омилҳо таъсир мерасонанд?**

а) фоизи бонкӣ, ҳаҷми истеҳсолот, хароҷоти истеҳсолот, меъёри даромаднокӣ;

б) ҳаҷми фоида, таркиби сармоя, сарфаи воситаҳои истеҳсолот ва суръати гардиши сармоя;

в) дараҷаи нарх, хароҷоти истеҳсолот, миқдори иҷора, сармояи гардон;

г) сармояи асосӣ, сармояи гардон, сармояи қарзӣ, ҳаҷми истеҳсолот.

**8. Омилҳои истеҳсолот аз мол ва хизматрасонӣ чӣ гуна фарқ мекунанд? Кадом фарқияти асосии омилҳои истеҳсолотро нишон дода метавонед?**

а) омилҳои истеҳсолот дар раванди истеҳсолот истифода бурда мешаванд, онҳо натиҷаи истеҳсолот мебошанд;

б) омилҳои истеҳсолотро соҳибкорон ба бозор пешкаш менамоянд, истеъмолкунандаи онҳо хоҷагиҳои хонагӣ мебошанд;

в) омилҳои истеҳсолотро талаботу таклифоти бозорӣ муайян мекунанд. Мувозинати бозории онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст;

г) омилҳои истеҳсолот дар ҷараёни истеҳсолот истифода бурда мешаванд, онҳо шароити истеҳсолотро муайян мекунанд.

**9. Талабот ба захираҳоро талаботҳои <u>маҳсулӣ</u> меноманд. Барои чӣ?**

а) Барои он ки талабот ба захираҳо аз даромади соҳибкорон ва истеъмолоти хоҷагии хонагӣ вобаста аст;

б) Барои он ки талабот ба захираҳоро бизнес ташкил медиҳад;

в) Барои он ки талабот ба захираҳоро талабот ба маҳсулоти тавассути онҳо истеҳсолшуда муайян мекунанд;

г) Барои он ки талабот ба захираҳо аз нархи бозории маҳсулоти истеъмолӣ вобаста аст.

**10. Иқтисодчии машҳури Англия Альфред Маршалл кадом ду омили муайянкунандаи музди корро нишон додааст?**

а) ҳосилнокии меҳнат ва истифодаи самараноки воситаҳои истеҳсолотро;

б) муайян кардани музди кори коргарон ва маҳдудияи харочоти интиҳоиро;

в) танзими нарх ва фоида, инчунин ба истеҳсолот ҳарҷи бисёртар ҷалб намудани коргаронро;

г) ҳосилнокии интиҳоии меҳнат ва харочоти такрористеҳсол, таълиму таъмини кормандонро.

## VI. АДАБИЁТ

1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, «Паёми ошно», 2006. кисми 1, сах. 384-425.

2. Ивашковский С.Н. Микроэкономика. Учебник. М.: Дело, 2001. Главы 11,12,13.

3. Курс экономической теории. Учебник/Под общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009. Главы 11-14.

4. Курс экономической теории: Общие основы экономической теории. Микроэкономика. Макроэкономика. Основы национальной экономики. М.: Изд-во «Дело и Сервис», 2007. Гл. 13.

5. Микроэкономика. Теория и российская практика: Учебник. / Под ред. А.Г. Грязновой, А.Ю. Юданова. М.: КНОРУС, 2006. Главы 11-13.

6. Сажина М.А., Чибриков Г.Г. Экономическая теория. Учебник для вузов. М.: Норма, 2005. Глава 9.

7. Экономика. Учебник/Под ред. А.И. Архипова, А.К. Большакова. М.: Изд-во Проспект, 2005. Глава. 6.

8. Экономическая теория. Учебник/Под ред. И.П. Николаевой. М.: Изд-во Проспект, 2009. Глава. 10.

9. Экономическая теория. Учебник для вузов/Под. ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. СПб.: Питер, 2009. Глава12.

10. Экономическая теория. Учебник/Под общ. ред. акад. В.И. Видяпина, А.И. Добрынина, Г.П. Журавлевой, Л.С. Тарасевича. М.: ИНФРА-М,2008. Главы 17,18.

11. Экономическая теория. Учебник /Под ред. Е.Н. Лобачевой. М.: Высшее образование, 2008. Глава 6.

# БОБИ 14.
# БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА МУЗДИ КОР

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Моҳият, субъект ва хусусиятҳои бозори меҳнат.
2. Талабот, таклифот ва мувозинат дар бозори меҳнат.
3. Назарияи музди кор. Моҳият ва шаклҳои музди кор.
4. Тафриқаи дараҷаи музди кор.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ

1. Бозори меҳнат ва субъектҳо он.
2. Сохтор ва қисмҳои таркибии бозори меҳнат.
3. Музди кор, моҳият ва шаклҳои он.
4. Мазмун ва механизми танзими бозори меҳнат.

### 1. Моҳият, субъект ва хусусиятҳои бозори меҳнат

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, инкишофи муомилот ва муносибатҳои бозорӣ меҳнатро (қувваи коргариро) ба моли махсус табдил доданд. Меҳнат чун мол фурӯхта ва харида мешавад, ба он ҳамчун омили (захираи) муҳимтарини истеҳсолот талабот ва таклифот ба вуҷуд омад ва маънои онро дошт, ки бозори меҳнат пайдо шуд.

Ба сифати харидор, чун дар дигар бозори захираҳо, фирмаҳо баромад мекунанд. Хусусияти хоси чунин бозор иборат аз он гашт, ки ба сифати моликони захираи меҳнат ва фурӯшандагони эҳтимолии он амалан ҳамаи аҳолии қобилияти корӣ дошта, мансуб дониста мешаванд.

Бозори меҳнат унсури муҳимтарини бозори миллӣ мебошад. Дар доираи он раванди хариду фурӯши омили асосии истеҳсолоти ҷамъиятӣ – қувваи коргарӣ (меҳнат) ба вуҷуд меояд. Бозори меҳнат дараҷаи самаранок истифода бурдани меҳнати коргари кироябро муайян мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ аксар вақт «бозори меҳнат» ва «бозори қувваи коргарӣ» ҳаммаъно фаҳмида мешавад, агар чанде «меҳнат» ва «қувваи коргарӣ» ҳамшабоҳат нестанд. Меҳнат – ин фаъолияти мақсадноки инсон мебошад, ки ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ барои қонеъ кунонидани талаботи одамон равона карда шудааст. Аз мавқеи қувваи коргарӣ, тарафҳои сифатӣ ва миқдории меҳнат омӯхта мешавад. Тарафи сифатии меҳнат якум, бо ҳолати саломатӣ ва қобилияти ҷисмонии инсон, дуввум, бо дараҷаи маърифатнокӣ ва ихтисоснокии он муайян карда мешавад. Ин хусусиятҳо имконятҳои иқтидории одамро ба меҳнат тавсиф менамоянд. Тарафи миқдории меҳнат – ин амалӣ гаштани имкониятҳои иқтидории одамро ба меҳнат мефаҳмонад. Вай бо давомнокии рӯзи кор ва шиддатнокии меҳнат муайян карда мешавад. Аз дараҷаи давомнокии рӯзи кор ва шиддатнокии меҳнат ҳаҷми неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ, ки ҳар як корманд ба вуҷуд оварда метавонад, вобаста аст.

Зери мафҳуми «қувваи коргарӣ» қобилияти одам ба меҳнат, яъне маҷмӯи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии (интеллектуалии) инсон фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни истеҳсоли неъматҳои ҳаётгузаронӣ истифода бурда мешаванд. Барандаи ин сифатҳо коргар мебошад, ки қувваи асосии истеҳсолкунанда ва омили аввалини сарвати миллӣ аст. Кувваи коргарӣ ҳам чун истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда баромад мекунад. Чун истеҳсолкунанда вай дар ҷараёни истеҳсолот иштирок намуда, неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд меоварад, ки барои ҳаётгузаронии инсон заруранд. Чун истеъмолкунанда – вай арзишҳои моддӣ ва маънавиро барои нигоҳ доштани фаъолияти ҳаётгузаронӣ ва тараққии минбаъдаи қобилияти интеллектуалӣ истифода мебарад.

Доираи бозори меҳнат аз захираҳои меҳнатии мавҷуда вобаста аст. Захираҳои меҳнатӣ – ин қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки ба синну соли меҳнатӣ расида, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии заруриро дорад ва имконияти дар иқтисодиёти миллӣ кор карданро медиҳад. Миқдори захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи иқтидории меҳнати зиндаро тавсиф менамояд, ки

ҷамъият дар ҳамин лаҳза соҳиб аст. Дар мамлакати мо ба ҳайати захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд:

- аҳолии синну соли қобилияти меҳнатӣ (мардон – аз 15 то 63 солагӣ, занон – аз 15 то 58 солагӣ), ба ғайр аз маҷрӯҳони гурӯҳҳои I ва II, ки кор намекунанд;
- аҳолии аз қобилияти меҳнатӣ хурд ва калоне, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғуланд.

Аз захираҳои меҳнатӣ аҳолии фаъоли иқтисодиро фарқ мекунанд. Мафҳуми «Аҳолии фаъоли иқтисодӣ» барои баҳои аҳолӣ, ки бо фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ машғул аст ва даромади муайян меорад, корбурд мешавад. Ба аҳолии фаъоли иқтисодӣ, ҳамаи онҳое, ки дар сектори ҷамъиятӣ ва хусусӣ, инчунин бо меҳнати шахсӣ машғуланд, дохил мешаванд. Ба ғайр аз ин мувофиқи тавсияи СММ (ООН) ба аҳолии фаъоли иқтисодӣ нафақат шуғлварзидагон, балки боз бекорони дар ҷустуҷӯи кор буда, дохил карда мешаванд.

Бозори меҳнат ифодакунандаи талаботи кулл ва таклифоти кулли қувваи коргарӣ мебошад, ки дар асоси баҳамтаъсиррасонии тарафайни онҳо ҷобаҷогузории қувваи коргарӣ – аҳолии фаъоли иқтисодӣ бо назардошти фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа ва ҳудуд, ҳолати демографӣ ва дараҷаи ихтисоснокӣ, таъмин карда мешавад. Дар бозори меҳнат муносибатҳои иқтисодии байни корфармо (кордиҳанда) ва коркунони кироя ба вуҷуд меоянд, ки ба пайвандшавии қувваи коргарӣ бо воситаҳои истеҳсолот мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, талаботи кордиҳанда ба меҳнат ва талаботи коркунони кироя ба музди кор таъмин карда мешавад. Дар бозор ивазшавии шакли арзиш ба вуҷуд меояд: шакли молии арзиш (меҳнат) ба шакли пулии арзиш табдил мегардад.

Хариду фурӯши қувваи коргарӣ аз дигар молҳо фарқ дорад. Ин ҷо дигаршавии молик ба вуҷуд намеояд, чунки қувваи коргарӣ ба ихтиёри харидор на доимӣ, балки ба як вақти муайян – дар мавриди меҳнат кардан, мегузарад. Дар натиҷаи хариду фурӯши қувваи коргарӣ ба харидор (корфармо) танҳо ҳуқуқи истифодабарии қобилияти ба кор доштаи коргар мегузарад. Корфармо молики маҳсулоти ба вуҷуд овардаи коргари кироя мегардад.

Аз ҳама бозорҳои омилҳои истеҳсолот бозори меҳнат ба куллӣ фарқ мекунад, ки он бо худи объекти бозор – қувваи коргарӣ (меҳнат) алоқаманд аст. Меҳнат пеш аз ҳама захираи (омилӣ) иқтисодӣ мебошад ва якчанд хусусиятҳо дорад:

- қобилияти меҳнатӣ, дараҷаи кӯшиши меҳнатии корманд қаблан, пеш аз вақти меҳнатӣ, муайян карда мешавад;
- ихтисоснокии ҳархела, ки зарурати гуногунро дар музди кори коркунон ногузир мегардонад ва барои ҳамин бозори меҳнатро мувофиқи ихтисос, соҳа, мавқеи ҷуғрофӣ ҷудо мекунанд;
- қувваи коргарӣ дар ҳаракат аст, коргар метавонад як машғулиятро ба дигараш табдил диҳад, аз намудҳои фаъолияти каммаҳсул ба намудҳои сермаҳсултарин гузарад. Дар қаламрави мамлакат бошад аз як ҷой ба ҷои дигар гузаштани корманд аз эҳтимол дур нест.
- фаъолияти меҳнатӣ аз шахсияти инсон ҷудо намешавад. Аз ин ҷиҳат меҳнат омили махсуси истеҳсолот аст.

Бозори меҳнатро дар маънои маҳдуд ҳамчун низоми муносибатҳое, ки байни корфармо ва кормандони кирошаванда барои қонеъ кунонидани талаботи кордиҳанда ба меҳнат ва талаботи кормандони кирошаванда ба кор ҳамчун манбаи воситаҳои зиндагӣ маънидод кардан мумкин аст. Дар маънои пурра бошад, бозори меҳнат низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки таҷдиди мӯътадил ва истифодаи самараноки қувваи коргариро ба амал оварда, миқдор ва сифати он подош карда мешавад.

Бозор ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии байни моликони қувваи коргарӣ (фурӯшанда) ва соҳибкорон (харидорон) нисбат ба ҷои кори мушаххас, ки мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд оварда мешавад, баромад мекунад. Барои молики қувваи коргарӣ имконият ба вуҷуд меояд, ки соҳиби ҷои корӣ шавад, дар он меҳнат кунад, қобилияташро нишон диҳад, даромад (музди кор) гирад, ки барои таҷдиди қувваи кориаш зарур аст. Барои соҳибкор шароити иқтисодӣ пайдо мешавад, ки фоида ба даст дарорад. Муносибатҳои иқтисодии шуғлварзӣ ташак-

кул меёбанд, ки маҳз онҳо мазмуни ҳақиқии бозори меҳнатро ҳамчун бозори бо ҷои кор таъмин будан, муайян мекунанд.

Зери мафҳуми шуғлварзӣ тадбирҳои ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани одамони қобилияти коридошта ва дарачаи бо меҳнат қонеъ кунонидани талаботи онҳо, таъминот бо ҷои кор, фаҳмида мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ моҳияти масъалаи шуғлварзии пурра дар миқёси ҷамъият ба даст даровардани баробарии шумораи аҳолии қобилияти меҳнатидошта, аз як тараф ва миқдори барои он зарури ҷои корӣ, аз тарафи дигар, мебошад. Вайрон кардани ин таносуб ба барзиёдатии қувваи коргарӣ ё ки бекорӣ оварда мерасонад.

Қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат ба сифати мол фақат дар ҳамон ҳолат баромад мекунад, ки агар дорандаи қувваи коргарӣ шахсияти озод бошаду ба қобилияти ба меҳнат доштааш ихтиёрдорӣ намояд. Танҳо дар ҳамин ҳолат фурӯшандаи қувваи коргарӣ ва хирадори он ҳамчун шахсони аз ҷиҳати ҳуқуқ баробар баромад карда метавонанд. Заминаи дигари ташаккулёбии бозори меҳнат ва ба мол табдилшавии қувваи коргарӣ иборат аз он аст, ки дорандаи қувваи коргарӣ имконияти истеҳсол ва ба бозор пешкаш кардани маҳсули меҳнати худашро надошта бошад. Ба ғайр аз ин шартҳо, амал кардани бозори меҳнат боз аз муҳити ҳуқуқӣ, қонунгузории давлатӣ вобаста аст.

Вазифаҳои бозори меҳнат бо нақши меҳнат дар ҳаёти ҷамъият ҳамчун сарчашмаи муҳимтарини даромад ва некӯаҳволӣ, муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ меҳнат омили муҳимтарини истеҳсолот аст. Вобаста ба ин ду вазифаи асосии бозори меҳнатро ҷудо мекунанд: иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Вазифаи иҷтимоӣ иборат аз он аст, ки дараҷаи мӯътадили даромад ва некӯаҳволии одамон, такрористеҳсоли қобилияти кормандон таъмин карда мешавад. Вазифаи иқтисодии бозори меҳнат аз оқилона ҷалб намудан, тақсим, танзим ва истифодабарии меҳнат иборат аст. Бозори меҳнат як қатор вазифаҳои ҳавасмандкуниро низ иҷро менамояд, ки ба васеъ намудани қобилияти рақобатбарии иштирокчиёни он, зиёд кардани шавковарӣ ба меҳнати самаранок, баланд бардоштани дараҷаи ихтисоснокӣ мусоидат мекунад.

## 2. Талабот, таклифот ва мувозинат дар бозори меҳнат

Бозори меҳнат – бозори захираҳои меҳнат ҳамчун мол мебошад, ки нархи мувозинатӣ ва миқдори он бо баҳамтаъсиррасонии мутақобилаи талабот ва таклифот муайян карда мешавад. Субъектҳои бозор дар шахсияти соҳибкорон ва аҳолии қобилияти коридошта дар бозори меҳнат дар муносибатҳои муайяни байниҳамдигарӣ баромад мекунанд. Барои ҳамин, бозори меҳнат – чунин муҳити иқтисодие мебошад, ки дар он дар натиҷаи рақобати байниҳамдигарии намояндагони иқтисодӣ тавассути механизми талабот ва таклифот миқдори муайяни шуглварзон ва дараҷаи ҳаққи меҳнат барқарор карда мешавад.

Бозори меҳнат чун ҳамаи бозорҳои дигар молҳо ду тараф – таклифот (фурӯшанда) ва талабот (харидор) дорад. Субъектҳои талабот бизнес ва давлат, субъектҳои таклифот бошанд – хоҷагиҳои хонагӣ мебошанд.

Бозори меҳнат аз қисми аҳолии фаъоли иқтисодӣ иборат аст, ки ҳоло бекор буда, ҷои кор меҷӯяд. Боз аз он қисми аҳолии фаъоли иқтисодӣ, ки машғули кор бошад ҳам аз кори худ қаноатбахш нест ва ҷои дигари корӣ ё ҷои кори иловагӣ ҷустуҷӯ менамояд. Ба ғайр аз ин, машғули кор будагоне, ки ба онҳо хавфи гум кардани ҷои корӣ таҳдид мекунад, ба доираи бозори меҳнат медароянд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ таклифоти қувваи коргариро ташкил медиҳад. Талабот ба қувваи коргариро бошад, моликони ҷои корӣ (соҳибкорон, сармоядорон, корфармоён) пешниҳод мекунанд. Андозаи талабот ба меҳнатро талабот ба маҳсулот, тағйирот дар таркиби омилҳои истеҳсолот муайян карда метавонанд. Аз он сабаб, ки меҳнат ва сармоя ҳамчун омилҳои истеҳсолот мебошанд, на фақат ҳамдигарро пурра мекунанд, балки баъзан боз якдигарро иваз карда ҳам метавонанд. Кам шудани хароҷот ба техника ба танг карда баровардани меҳнати дастӣ, қимат шудани техника ба зиёд шудани талабот ба қувваи коргарӣ оварда мерасонад. Дар зери таъсири пешрафти техникӣ талабот ба меҳнати баландихтисос зиёд мешавад.

Миқдори кормандони кирошаванда бо ду нишондиҳанда – ҳаҷми музди кор ва арзиши маҳсулоти интиҳоии меҳнат

муайян мегардад. Бо зиёд шудани миқдори кормандони кирошаванда камшавии ҳаҷми маҳсулоти интиҳоӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳаҷми талабот ба меҳнат дар вобастагии баръакс аз андозаи музди кор мебошад. Дар мавриди баландшавии дараҷаи музди кор, дар ҳамаи шароити баробар, соҳибкор бо мақсади нигоҳ доштани мувозинат водор мешавад, ки мувофиқан истифодаи меҳнатро кам кунад. Вобастагии вазифагии байни андозаи музди кор ва ҳаҷми талабот ба меҳнат дар каҷхатаи талабот ба меҳнат ифодаи худро меёбад.

Вазифаи таклифоти меҳнат дигар хел аст. Ҳаҷми таклифоти меҳнат инчунин аз андозаи музди кор, ки барои хизматрасонии ҳосилнок гирифта мешавад, вобаста аст. Чун қоида фурӯшандагон дар бозори меҳнат ҳаракат мекунанд, ки таклифотро дар шароити афзоиши музди меҳнат зиёд намоянд. Каҷхатаи таклифоти меҳнат нишон медиҳад, ки дар мавриди баландшавии музди кор андозаи таклифоти меҳнат баланд мешавад, дар ҳолати пастшавии он бошад, ҳаҷми таклифоти меҳнат кам мешавад. Таклифоти кулли меҳнат дар ҷамъият аз бисёр омилҳои миқдорӣ ва сифатии пешниҳодкунандагони хизматрасонии меҳнат вобаста аст, ки дар байни онҳо муҳимтаринашон шумораи умумии аҳолии мамлакат ва ҳиссаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ; давомнокии миёнаи рӯзи корӣ; ҳайати мутахассисони касбии кормандон мебошад. Дар ҳолати мувофиқ омадани талабот ва таклифоти меҳнат музди кор ҳамчун нархи мувозинатӣ дар бозори меҳнат баромад мекунад.

Дар мавриди баланд бардоштани меъёри музди кор дар бозори меҳнат дараҷаи таклифот аз талабот зиёд мешавад, барзиёдатии таклифоти меҳнат ба вуҷуд меояд, ҷои корӣ намерасад.

Дар мавриди камшавии музди кор талабот дар бозори меҳнат нисбат ба таклифот зиёд мешавад. Ҳардуи ин ҳолат устувор намебошад, онҳоро механизми бозор ба самти барқарор кардани ҳолати шуғлварзии пурра тасҳеҳ карда метавонад.

**Бозори меҳнати Тоҷикистон (дар соли 2008)**[1]

Шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон 7373,8 ҳазор нафар (1- уми январи соли 2009):

Аз шумораи умумии аҳолӣ:

- Хурд аз қобили меҳнат –2622,8 ҳазор нафар (35,6%);
- Қобили меҳнат – 4373,2 ҳазор нафар (59.3%);
- Калон аз қобили меҳнат – 378,1 ҳазор нафар (5,1%);

Захираи меҳнатӣ – 4310 ҳазор нафар (58,3%);

Аҳолии фаъоли иқтисодӣ – 2217 ҳазор нафар (52,3%);

- Аҳолии машгул – 2168 ҳазор нафар;
- Аҳолии бекори расман эътирофшуда – 44 ҳазор.
- Дараҷаи бекорӣ – 2,2%.

Аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ – 2093 ҳазор нафар (47,7%).

## 3. Назарияи музди кор. Моҳият ва шаклҳои музди кор

Музди кор – ин нархи меҳнат мебошад. Оид ба моҳияти музди кор дар адабиёти иқтисодӣ якчанд нуқтаи назар вуҷуд доранд. Мувофиқи назарияи марксистӣ музди кори коргарони кироя ҳамчун шакли дигаршудаи арзиш, ё ин ки нархи мол – қувваи коргарӣ мебошад, ки чун музди тамоми меҳнат баромад мекунад. Дар асоси андозаи музди кор арзиши ашёҳои истеъмолии барои вуҷуд доштани корманд ва оилаи ӯ, инчунин арзиши таҳсил нуҳуфтааст. Ба ғайр аз арзиши мол қувваи коргарӣ, ба андозаи музди кор омилҳои бозорӣ, пеш аз ҳама, таносуби байни талаботу таклифоти меҳнат, рақобат таъсир мерасонанд.

Назарияи дигари музди корро яке аз асосгузорони равияи навклассикӣ А.Маршалл пешниҳод намудааст. Ӯ ду омили асосии муайянкунандаи интиҳоии меҳнат ва хароҷоти истеҳсолот, омӯзонидан ва таълими кормандонро нишон додаст. Агар омили якум талабот ба меҳнатро муайян намояд, омили дуюм –

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. Душанбе, 2009. саҳ. 30-31, 88-89

таклифоти меҳнатро нишон медиҳад. Боҳамтаъсиррасонии онҳо дараҷаи музди корро муайян месозад. Аз тарафи А. Маршалл дар доираи омили дуюми музди кор ҳисоб намудани хароҷот барои омӯзонидани корманд баъдтар ба ташаккулёбии назарияи сармояи инсонӣ мусоидат кард.

Бисёртар моҳияти музди корро бо назарияи омилҳои истеҳсолот алоқаманд мекунанд. Асосгузори ин назария Ж-Б. Сэй мебошад. Мувофиқи ин назария ҳар як омили истеҳсолот дар тавлиди мол ва арзиши он иштирок мекунад. Музди ин хизматрасониҳо нархи омилҳо, ё ки даромади онҳо мебошад. Вақте, ки соҳибкор «меҳнат»-ро («қувваи коргариро») мехарад, вай на инсонро, балки хизматрасонии ӯро барои ба вуҷуд овардани арзиш мехарад. Пас, музди кор ба сифати нархи меҳнат ҳамчун мол баромад мекунад.

Дар адабиёти иқтисодии муосир, аз ҷумла китобҳои дарсӣ, музди кор ҳамчун ҳаққи коргар барои меҳнати ӯ, барои истифодаи қувваи коргарии ӯ тавсиф карда мешавад. Андозаи музди кор бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад:

- арзиши қувваи коргарӣ;
- миқдор ва сифати меҳнат;
- афзоиши ҳосилнокии меҳнати коргар;
- дараҷаи ихтисоснокӣ ва хислати меҳнат;
- конъюнктура (вазъи ҳозира) дар бозори меҳнат;
- дараҷаи умумигардонии музди кор.

Арзиши қувваи коргарӣ – ин арзиши колоҳову хадамоти барои таъмини ҳаёт ва қобилияти кории корманд зарур мебошад. Одатан ба вай хароҷот барои қонеъ кунонидани талаботи моддӣ ва маънавии худи коргар ва аъзоёни оилаи ӯ, инчунин хароҷот барои омӯзиши касбии вай дохил мешаванд.

Арзиши қувваи коргарӣ нишона барои ҳадди ақалли андозаи зарурии музди меҳнат дар ҳар як мамлакат мебошад. Вале дараҷаи музди меҳнати корманди алоҳидаро аниқтар миқдор ва сифати меҳнат муайян карда метавонад. Дар шароити иқтисоди бозори қоидаи тақсимот мувофиқи меҳнат амал мекунад, ки андозаи муздро аз натиҷаҳои ниҳоии кор вобаста менамояд.

Яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи музди кор баландшавии ҳосилнокии меҳнат мебошад. Зиёд кардани

истеҳсоли маҳсулот имконият медиҳад, ки музди меҳнати кормандон баланд бардошта шавад. Вале дар ин ҷо бояд қоидаи зерин амал кунад: ҳосилнокии меҳнат бояд нисбат ба баланд шудани музди кор зиёдтар афзояд.

Музди кор ду хел мешавад: музди кори исмӣ ва музди кори воқеӣ. **Музди кори номӣ** – ин миқдори пуле мебошад, ки корманд ба сифати ҳаққи меҳнати худ мегирад. Музди кори номӣ андозаи ҳақиқии истеъмолоти кормандонро нишон дода наметавонад. Дараҷаи ҳақиқии истеъмолро дар як давраи муайян музди кори воқеӣ ифода карда метавонад. **Музди кори воқеӣ** ифодаи пулии он миқдори мол ва хизматрасоние мебошад, ки корманд ба музди кори номии худ харида метавонад. Аз ин ҷост, ки ба музди кори воқеӣ се омил таъсири бевосита мерасонанд: миқдори музди кори номӣ; ҳаҷми андозҳои воқеӣ; дараҷаи нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ. Музди кори ҳақиқӣ қобилияти харидории музди пулии меҳнат, мазмуни қурби харидории онро ифода мекунад. Барои ҳамин, чӣ қадаре, ки музди кори номӣ баланду дараҷаи андоз ва нарх паст бошад, ҳамон қадар музди кори воқеӣ баланд мешавад.

Аз рӯи тарзи муайян кардани музди меҳнат ду шакли асосии музди кор <u>вақтбайъ</u> ва <u>корбайъ</u>-ро фарқ мекунанд. Андозаи **музди кори вақтбайъ** аз вақти кори иҷрошуда вобаста аст. Ҳамчун воҳиди ченак дар ин ҷо одатан <u>миқдори музди</u> яксоата – нархи соати кори коргар баромад мекунад. Онро ба миқдори соатҳои корӣ зарб зада ҷамъи музди меҳнати якрӯза, якҳафтаина, якмоҳаро муайян мекунанд. Ин шакли музди кор дар шароити тартиботи муқарраргаштаи технологӣ (махсусан истеҳсолоти автоматикунонидашуда, ки ҷадвали қатъӣ дорад) ҷорӣ карда мешавад. Барои ҳамин дар замони инқилоби илмию техникӣ вай мавқеи афзалиятнокро соҳиб гардид.

**Музди кори корбайъ** маҳсули музди вақтбайъ буда, вобаста аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолнамудаи коргар муайян карда мешавад. Вай бисёртар дар истеҳсолоте, ки хиссаи меҳнати инфиродӣ зиёд аст, ҷорӣ карда мешавад. Музди кори корбайъ се унсури меъёриро ба эътибор мегирад: якум, меъёри кор, яъне миқдори маҳсулоти аз ҷониби коргар дар вақти муайян тайёршаванда. Дуюм, меъёри вақт – нишондиҳандаи акси

меъёри кор. Вай сарфи вақтро ба воҳиди маҳсулот муайян мекунад. Нишондиҳандаи сеюм – нархмонии донабайъ, ки меъёри музди меҳнатро барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот муқаррар менамояд. Вайро бо роҳи тақсим кардани тарифи яксоата ва ё якрӯзаи музди кори вақтбайъ ба меъёри коркарди яксоата ва ё якрӯза муайян кардан мумкин аст.

Ҳар як шакли музди кор тарафҳои мусбат ва манфии худро дорад.

Музди кори вақтбайъ:

- дар мавриди иҷрои корҳои мураккаб ва комплексӣ (якҷоя)қулай аст;
- барои меҳнати сифатнок заминаи имконпазир муҳайё менамояд.

Дар баробари ин музди кори вақтбайъ:

- барои меҳнати шиддатнок ҳавасманд намекунад;
- на аз болои натиҷаҳои меҳнат, балки аз болои фаъолияти ҷории меҳнат назоратро талаб менамояд.

Дар навбати худ музди кори корбайъ:

- меҳнатро сермаҳсул мегардонад;
- хароҷоти назорат карданро кам менамояд.

Вале ин шакли музди меҳнат ҳам тарафи манфӣ дорад:

- кормандро ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ҳавасманд намекунад;
- барои корҳои дарозмӯҳлати мураккаб қобили қабул нест.

Аз ин сабаб соҳибкорон дар корхонаҳояшон чунин шакли музди корро ҷорӣ менамоянд, ки ба баланд бардоштани натиҷаҳои меҳнат мусоидат карда тавонад.

Ҳар як шакли музди кор намудҳои худро дорад, ки онро **низоми музди кор** меноманд. Аз ҷумла, музди кори вақтбайъ ду низоми асосӣ дорад: <u>вақтбайъи оддӣ</u> ва <u>вақтбайъи мукофотӣ</u>. Шакли корбайъи музди кор <u>чор</u> низом дорад: корбайъи бевосита; корбайъи прогрессивӣ; корбайъи мукофотӣ ва музди меҳнати аккордӣ (шартномавӣ) (аккордӣ, аз лат. Accordo – шартнома, созишнома).

## 4. Тафриқаи дараҷаи музди кор

Музди кор аз рӯи арзиш ва ё нархи қувваи коргарӣ ҳамчун мол муайян карда мешавад. Аз ин ҷо чунин хулоса барорварда мешавад:

- музди кор наметавонад бо арзиши маҳсулоти пурраи меҳнат баробар шавад, корманд наметавонад гирифтани чунин арзишро талаб кунад;
- чунин подоши меҳнат боадолатона ҳисобида мешавад, ки мувофиқи арзиши қувваи коргарӣ бошад ва шароити мӯътадили такрористеҳсоли онро таъмин намояд;
- қонунгузорӣ талаб менамояд, ки давлат ҳуқуқҳои коргарро барои гирифтани андозаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ боадолатонаи музди кор ҳимоя намояд.

Чунин қонуният бояд дар ҳамаи мамлакатҳо амал кунад. Дигар омилҳои умумие, ки ба андозаи музди кор таъсир мерасонанд аз инҳо иборатанд: омилҳои иҷтимоию такрористеҳсолӣ ва омилҳои бо шароити бозории хариду фурӯши қувваи коргарӣ алоқаманд.

Омилҳои иҷтимоию такрористеҳсолии қувваи корагарӣ – арзиши воситаҳои ҳаётгузаронии барои такрористеҳсоли қувваи коргарӣ зарур мебошанд. Чунин воситаҳо бояд на фақат барои барқарор кардани қобилияти кории корманд, балки боз барои қонеъ кунонидани талаботи аъзоёни қобилияти корӣ надоштаи оилаи ӯ кифоя бошад. Ин ҳадди пастарини арзиши қувваи коргариро ташкил медиҳад. Ҳадди болоии арзиши қувваи коргарӣ аз хароҷот барои қонеъ кунонидани талаботи илмию маърифатӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи иҷтимоӣ вобаста аст.

Аз солҳои 30-50–уми асри XX сар карда дар бисёр мамлакатҳо давлат кафолати таъмин намудани бехатарии иқтисодии кормадонро ба ӯҳда гирифта, ба тариқи қонунгузорӣ дараҷаи **пасттарин музди корро** муқаррар намуд. Барои муайян кардани музди кори ҳадди ақал мақомоти давлатӣ минимуми ҳаётгузарониро ҳисоб мекунад. Минимуми ҳаётгузаронӣ дар ифодаи пулӣ ба ду қисм ҷудо мешавад. Якум, восита

барои ба даст овардани молҳои озуқаворӣ (на камтар аз 50 номгӯй) ва дуюм, восита барои ба даст овардани молҳои ғайриозуқаворӣи истифодабарӣ (то 200 номгӯй).

Омили дигари ичтимоию такрористеҳсолии қувваи коргарӣ, ки андозаи музди корро муайян менамояд –дарачаи ихтисоснокии корманд мебошад. Баъзе намудҳои фаъолият тайёрии бисёрсоларо талаб мекунад, масалан, кори олим, духтур, барномасози компютер ва дигарҳо. Агар ин кормандон аз дарачаи миёна музди баланд гиранд, пас ба он намудҳои кор, ки онҳо машғуланд, талабот нисбат ба таклифот бисёр аст.

Сеюм, фаркияти миллӣ дар дарачаи тараққиёти шароитҳои иқтисодию ичтимоии ҳаётгузаронӣ дар мамлакатҳои гуногун яке аз омилҳои ичтимоию такрористеҳсолӣ мебошад, ки ба андозаи музди кор таъсири бевосита мерасонад. Чунин тафовут дар музди кор аз дарачаи пешравии илмию теникии қувваҳои истеҳсолкунанда ва самаранокии чамъиятии меҳнат, дарачаи тараққиёти қувваи коргарӣ, сифати мӯътадили чамъиятии ноилгаштаи ҳаёт ва ғайра, вобаста аст. Барои ҳамин дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва дар мамлакатҳои гуногун дарачаи музди кор аз ҳамдигар ба кулли фарқ мекунад.

*Чадвали 14.1*

**Музди миёнаи соатбайъи коргарони корхонаҳои саноатӣ (соли 2003; бо Евро)[1]**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Дания | 20,6 | | **9** | Канада | 12,1 |
| **2** | Норвегия | 19,0 | | **10** | Австрия | 11,5 |
| **3** | Швейсария | 16,8 | | **11** | Испания | 8,7 |
| **4** | Германия | 15,1 | | **12** | Италия | 8,6 |
| **5** | ИМА | 13,9 | | **13** | Португалия | 4,0 |
| **6** | Финландия | 13,6 | | **14** | Чехия | 2,4 |
| **7** | Шветсия | 13,3 | | **15** | Польша | 2,1 |
| **8** | Англия | 12,8 | | **16** | Россия | 1,3 |

[1] Ниг. Экономическая теория./Под ред. А.Г. Грязновой И.В.М. Соколинского. М.: КНОРУС, 2007,с.170

*Ҷадвали 14.2*

**Ҳисоби миёнаи музди якмоҳа дар мамлакатҳои ИДМ (соли 2007, бо доллар)**

| р/т | Мамлакат | Музди моҳонаи меҳнат | р/т | Мамлакат | Музди моҳонаи меҳнат |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Россия | 391,1 | **6** | Арманистон | 149,8 |
| **2** | Қазоқистон | 323,5 | **7** | Молдавия | 129,2 |
| **3** | Белорусия | 271,2 | **8** | Қирғизистон | 81,4 |
| **4** | Украина | 206,2 | **9** | Тоҷикистон | 35,2 |
| **5** | Озорбойҷон | 166,8 | | | |

Ба музди кор таъсири асосиро инчунин омилҳои бозорӣ мерасонанд:

- Талабот ва таклифот дар бозори меҳнат;
- Рақобат, ё ки монополия дар бозори меҳнат.

Тафриқа дар музди кор барои иқтисоди бозорӣ хос аст. Фарқият дар миқёси музди кор аз якчанд омилҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо ҷиҳатҳои ихтисоснокию касбӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин пеш аз ҳама лаёқати табиии инсон (қобилияти фикрию ҷисмонӣ), дараҷаи тайёр будан ва ихтисоснокӣ; соҳа ва бахшҳои шуғлварзӣ, дараҷаи зудамалкунии қувваи коргарӣ ва дигарҳо мебошанд. Арзиши қувваи коргарӣ дар мамлакатҳои гуногун аз шароити таърихӣ ва табиӣ, анъана, аз дараҷаи мавҷудаи некӯаҳволии ҷамъият вобаста аст. Ба дараҷаи музди кор сатҳи тараққиёти иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад. Чи қадаре, ки иқтисодиёт тараққи кунад, ҳамон қадар музди кор зиёд шуда метавонад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Бозори меҳнат бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?
2. Объекти асосии хариду фурӯш дар бозори меҳнат аз чӣ иборат аст?
3. Субъектҳои бозори меҳнатро номбар намоед.
4. Талабот дар бозори меҳнат аз чӣ вобаста аст?
5. Таклифот дар бозори меҳнатро кӣ таъмин карда метавонад?
6. Музди кор чист? Моҳияти иҷтимоию иқтисодии онро дар чӣ мебинед?
7. Арзиши қувваи коргарӣ чӣ тавр муайян карда мешавад?
8. Кадом шаклҳои музди корро медонед?
9. Кадом ду намуди музди кор мавҷуд аст?
10. Низомҳои музди корро баён намоед.
11. Ҳадди ақалли музди кор гуфта чиро меноманд?
12. Кадом омилҳои бозорӣ ба андозаи музди кор таъсир мерасонанд?
13. Фарқият дар дараҷаи музди корро чӣ муайян мекунад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Хусусиятҳои ташкили бозори меҳнат.
2. Ташаккулёбии талаботу таклифот дар бозори меҳнат.
3. Нақши рақобат дар бозори меҳнат.
4. Табиати иҷтимоию иқтисодии музди кор.
5. Нақши ҳавасмандкунии шаклҳои музди кор.
6. Сабабҳои фарқият дар музди кор.

## V. ТЕСТҲО

**1. Субъектҳои бозори меҳнатро муайян намоед:**

а) ҳамаи иштирокчиёни бозори рақобати комил;
б) давлат ва соҳибкорони мустақил;
в) кормандони кирошаванда ва корфармоён;
г) ҳамаи кормандони соҳаи истеҳсолоти моддӣ.

**2. Хариду фурӯши қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат аз дигар молҳо бо чӣ фарқ мекунад?**

а) дар ин ҷо дигаршавии молик ба вуҷуд намеояд;
б) қувваи коргарӣ пурра ва доимӣ ба ихтиёри харидор мегузарад;
в) корфармо молики комилҳуқуқи қувваи коргарӣ мегардад;
г) корфармо ба қувваи коргарӣ ихтиёрдорӣ менамояд.

**3. Қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат ба сифати мол дар кадом ҳолат баромад карда метавонад?**

а) агар нисбат ба коргари кирояшаванда маҷбуркунии ғайриқтисодӣ ҷой дошта бошад;
б) агар дорандаи қувваи коргарӣ шахсияти озод бошаду ба қобилияти меҳнатиаш ихтиёрдорӣ карда тавонад;
в) агар коргар соҳиби касбу ҳунар ва маълумотнок бошад;
г) агар коргар талаботи ҷисмонӣ ва маънавии худро таъмин карда тавонад.

**4. Дар адабиёти иқтисодӣ музди кор чӣ тавр тавсиф карда мешавад?**

а) ҳамчун ҳаққи меҳнати коргар барои истифодаи қувваи коргарии ӯ;
б) ҳамчун арзиши маҳсулоти истеҳсолнамудаи коргар;
в) ҳамчун арзиши пурраи меҳнати сарфкардашуда;
г) ҳамчун воситаи рӯзгузаронии коргари кироя.

**5. Дар вакти муайян кардани музди кори корбайъ кадом унсурҳои меъёрӣ ба эътибор гирифта мешаванд?**

а) меъёри кор, сифати кор, маҳсули кор;
б) меъёри вакт, микдори мол, ҷои кор;
в) микдори мол, сифати мол, талаботи бозорӣ;
г) меъёри кор, меъёри вакт, баҳодиҳии донабайъ.

**6. Дарачаи музди кори ҳақиқӣ аз чӣ вобаста аст?**

а) аз микёси музди кори номӣ, дарачаи нарх, истеҳсоли маҳсулот;
б) аз талабот ба қувваи коргарӣ, истеҳсоли маҳсулот, дарачаи ҳосилнокии меҳнат;
в) аз андозаи музди кори номӣ, дарачаи нарх ва микёси андоз;
г) аз дарачаи нарх, микёси андоз, сиёсати иқтисодии давлат.

**7. Дар иқтисоди бозорӣ музди меҳнати баланд асосан вобаста аст, аз:**

а) ҳадди ақалли қонунигаштаи музди кор;
б) ҳосилнокии баланди меҳнат дар истеҳсолот;
в) ғамхории Ҳукумат дар бораи некӯаҳволии одамон;
г) масъулияти ичтимоии роҳбарони корхонаҳо.

**8. Дар ҳаёти иқтисодии мамлакат сафи бекоронро ташкил медиҳанд:**

а) шахсоне, ки дар истеҳсолот бевосита иштирок намекунанд;
б) шахсони қобилияти коридошта, ки мӯҳточи кор намебошанд;
в) аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ;
г) шахсоне, ки бекоранду дар чустучӯи кор мебошанд.

**9. Монопсония дар бозори меҳнат чиро ифода менамояд?**

а) монополияи харидорон ва талаботи онҳоро ба мол;
б) муносибати байни монополияҳоро оид ба харидани қувваи коргарӣ;
в) рақобати монополиро дар бозори меҳнат;
г) мавчуд будани харидори ягонаи захираи меҳнатиро.

**10. Дар илми иқтисодӣ музди кор ҳамчун даромаде маънидод карда мешавад ва кӣ онро мегирад?**

а) сармоядорон барои маблағи дар бонк гузоштаашон;
б) менечерон ҳамчун даромад барои фаъолияти ташкилиашон;
в) кормандони кирошаванда барои хизматрасонии меҳнатӣ;
г) деҳқонон барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат.

## VI. АДАБИЁТ


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1997.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал, Душанбе, «Паёми ошно» 2006. Боби 13.
3. Курс экономической теории.Учебник./Под общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009. Глава 11.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.А. Экономикс: Пинципы, проблемы и политика. Пер. с 14- го англ. изд. М.: ИНФРА-М, 2005. Главы 28,36.
5. Микроэкономика. Теория и российская практика. Учебник./Колл. авт.; под ред. А.Г. Грязновой, А.Ю. Юданова. М.: КНОРУС, 2006. Тема 11.
6. Менкью Н.Г. Принципы микроэкономики. Учебник для вузов. /Пер. с анг. СПб.: Питер, 2009, Глава 18.
7. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика. 18-е издание. Пер. с англ. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2008. Глава 13.
8. Экономическая теория. Учебник/Под общ. ред. акад. В.И. Видяпина и др. М.: ИНФРА-М, 2008. Глава 24.
9. Экономическая теория. Учебник /Под ред. Е.Н. Лобачевой. М.: Высшее образование, 2008. Глава 6.
10. Экономическая теория. Учебник для вузов/Под ред. А. И. Добринина, Л.С. Тарасеевича. СПб: Питер, 2009. Глава 20.
11. Эргашев А., Мухадбердиев Х. Курси назарияи иқтисодӣ. Қисми аввал – Микроиқтисод. Душанбе, Эр-граф, 2003. Боби 14.

# БОБИ 15.
# БОЗОРИ САРМОЯ ВА ФОИЗ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Бозори сармоя ҳамчун қисми таркибии бозори умумии омилҳои истеҳсолот.
2. Талабот ва таклифот дар бозори сармоя.
3. Фоизи сармоя ва меъёри он.
4. Назарияи сармояи инсонӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Сармоя ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ва омили истеҳсолот.
2. Бозори сармоя. Талабот ва таклифот дар бозори сармоя.
3. Гардиши сармоя. Сармояи асосӣ ва гардон.
4. Қоғазҳои қиматнок ҳамчун шакли мавҷудияти сармоя.

### 1. Бозори сармоя ҳамчун қисми таркибии бозори умумии омилҳои истеҳсолот

**Сармоя** ҳамчун омили истеҳсолот ҳамагуна захираҳои маҳсулдеҳ (дастгоҳ, таҷҳизот, асбобҳо, иншоот, технологияи навтарин ва коркард, барномаи компютерӣ) мебошад, ки молики он мунтазам даромад мегирад. Соҳибкорон тавассути онҳо неъматҳои иқтисодиро баҳри гирифтани фоида ба вуҷуд оварда метавонанд. Дар маънидоди бозори омилҳои истеҳсолот зери мафҳуми сармоя назарияи иқтисодии муосир оид ба тамоми захираҳои ба вуҷуд оварандаи инсонро мефаҳманд, ки барои истеҳсоли мол истифода бурда мешаванд.

Дар ин маъно се чиз махсусан таъкид карда мешавад:

1) Сармоя гуфта захираҳои ба вуҷуд овардаи инсонро меноманд. Дар ин нишондод фарқи сармоя аз замин ҳамчун омили истеҳсолот намоён аст.

2) Сармоя чизҳое мебошанд, ки барои фаъолияти истеҳсолӣ истифода бурда мешаванд. Хуроквориӣ, либос, пойафзол ва дигар ашёҳои истеъмолӣ, ки ҳарчанд онҳоро одамон офаридаанд, дар истеҳсолот истифода намешаванд, барои ҳамин сармоя намебошанд.
3) Мақсади истеҳсолот, ки дар он сармоя истифода бурда мешавад, гирифтани фоида мебошад.

Мавриди таҳлили сармоя ҳамчун омили истехсолот дар адабиёти муосири иқтисодӣ асосан ба се намуди он аҳамият медиҳанд:

- **Сармояи ҷисмонӣ (техникӣ),** ки аз маҷмӯи воситаҳои моддӣ иборат буда, дар лаҳзаҳои ғуногуни истеҳсолот истифода бурда шуда, маҳсулнокии меҳнати инсонро афзун менамояд (дастгоҳ, таҷҳизот, иншоот, мошини компютерӣ ва ғайра);

- **Сармояи молиявӣ (пулӣ)** – аз маҷмӯи воситаҳои пулӣ ва ифодаи пулии арзиши қоғазҳои қиматнок, иборат аст. Вазифаи сармояи молиявӣ ба вуҷуд овардани шароити муфид баҳри ба ҳам пайвастани омилҳои истеҳсолот мебошад. Соҳибкор бо захираҳои молиявиаш воситаҳои истеҳсолии зарурӣ мехарад ва миқдори муайяни қувваи коргариро киро мекунад, ки баъд ҷараёни истеҳсолот оғоз меёбад.

- **Сармояи инсонӣ.**

**Мафҳуми «сармоя»** дар таълимоти мактабҳои гуноғуни иқтисодӣ ҳар хел маънидод карда мешавад. Аз ҷумла, Франсуа Кенэ (мактаби физиократҳо) ба сармоя воситаҳои истеҳсолотро дохил менамуд, ки дар хоҷагии қишлоқ истифода бурда мешаванд. Тамоми сармояро ӯ ба сармояи ибтидоӣ ва сармояи солона ҷудо мекунад. Зери мафҳуми сармояи ибтидоӣ хароҷот барои харидани воситаҳои истеҳсолот фаҳмида мешавад, ки пурра кардани хароҷоти ҳарсола талаб карда намешавад. Пешхарҷи солона бошад, ҳамон масорифотеро дар бар мегирад, ки ҳамасола ҷои онро пурра кардан лозим аст.

Тибқи таълимоти марксистӣ «сармоя» – мафҳуми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. К. Маркс дар асараш «Капитал» якчанд таърифҳои сармояро додаст: 1. Сармоя - арзиши худафзоянда мебошад. Манбаи афзоиши сармоя меҳнати пардохт

нашудаи коргарони кироя мебошад; 2. Сармоя - арзише мебошад, ки арзиши изофаро ба вуҷуд меоварад; 3. Сармоя арзиши дар сукунат буда не, балки ҳама вақт дар ҳаракат ҷой дошта аст; 4. Сармоя – муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятии байни сармоядорон ва коргарони кироя мебошад.

Мувофиқи ақидаи А. Маршалл (мактаби навклассикӣ) сармоя бояд дар сатҳи микроиқтисод ва макроиқтисод фаҳмида шавад. Сармоя дар сатҳи микроиқтисод – ин он қисми сарвати индивидиум мебошад, ки новобаста аз тарз ва бахши ҷойгиршавиаш барои гирифтани даромад (маҷмӯи фоиз) истифода бурда мешавад. Дар сатҳи макроиқтисод – маҷмӯи воситаҳои истеҳсолот аст, ки дар баробари меҳнат ва замин барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ истифода бурда мешавад.

Аз нуқтаи назари Ҷ.М. Кейнс (самти кейнсгарой) сармоя – ин сарвате мебошад, ки дар натиҷаи истифодабарии алтернативии нигоҳдошти он барои гирифтани фоизи бонкӣ, қобилияти даромади калон овардан дорад. Шароити ба сармоя табдилшавии сарват – даромади нисбатан барзиёди фоиз мебошад.

Сармоя яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои сармоя чун омили истеҳсолот аз инҳо иборатанд: 1) хислати индустриалӣ (технологӣ) доштан; 2) махсусгардонӣ ва кооперативонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; 3) мавҷуд будани истеҳсолоти калон дар иқтисодиёт. Иқтидори истеҳсолии ҳар як давлат дар омили ғун намудаи захираҳои сармоявӣ таҷассум мегардад. Маҳз микдор ва сифати сармояи истифода бурда шаванда иқтидори иқтисодии ҳар як мамлакатро нишон медиҳад. Сармояро низоми иқтисодӣ таҷдид мекунад.

Хусусияти фарққунандаи сармоя қобилияти дар микдори васеъ такрористеҳсол шудани он мебошад. Маҳсулоти тайёр кардашударо корхонаҳои фоиданок амалкунанда ба фурӯш бароварда, чун қоида, қисми даромади гирифтаашонро барои васеъ кардан ва такмил додани иқтидорҳои истеҳсолиашон равона мекунанд.

Дар қатори дигар бозори омилҳои истеҳсолот бозори сармоя низ вуҷуд дорад.

Мафҳуми **«бозори сармоя»** – бисёрҷабҳа мебошад: вай бозори активҳои сармоявӣ, бозори сармояи қарзӣ, бозори хизматрасонии сармояро ба ҳам алоқаманд мекунад. Бозори сармоя баҳамтаъсиррасонии талаботи фирма ба сармояи қарзӣ, ки барои маблағгузорӣ лозим аст, аз як тараф ва таклифоти воситаҳои қарзиро, ки фирмаҳо ва хоҷагиҳои хонагӣ пешниҳод менамоянд, аз тарафи дигар, ифода менамояд.

Барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ корхона метавонад захираҳои худӣ ва захираҳои қарз гирифтаро, ки аз бозори сармоя ҳосил мегардад, истифода барад. Бозори сармоя – доираи (соҳаи) ҳаракати пули қарзӣ мебошад, ки барои ба даст овардани неъматҳои сармоявӣ истифода бурда мешавад. Додани пул ба қарз – қарздиҳӣ номида мешавад. Субъектҳое, ки пул қарз мегиранд, қарзбардори (қарзгирандаи) сармоя ва онҳое, ки пул барои қарз пешниҳод менамоянд – кредитор (қарздиҳанда) номида мешаванд.

Бозори сармоя на фақат бозори захираҳои маблағгузорӣ, балки боз бозори худи неъматҳои сармоявӣ мебошад. Ҳардуи ин бозорҳоро меъёри фоиз муттаҳид мекунад. Дар мавриди харидани неъматҳои сармоявӣ ва гирифтани қарзҳои маблағгузорӣ дар ҷои аввал масъалаи меъёри фоиз меистад.

Бояд сармоя ва хизматрасонии сармояро фарқ кард. Дар ин ҷо мафҳумҳои захира ва гардишро истифода мебаранд. Худи сармояи мавҷуда ҳамчун захира баромад мекунад, хизматрасонии он бошад – чун гардиш намудор мегардад. Қимати дастгоҳ чун захираи сармоявӣ баромад мекунад, хизматрасонии ҳамин дастгоҳ бошад, дар раванди истифодаи он ҳамчун гардише ё ҳаракат намудор мешавад.

Дар тадқиқоти илмӣ, адабиёти иқтисодиву сиёсӣ, иттилооти расмӣ, воситаҳои ахбори умум дар баробари мафҳуми «сармоя», калимаи «инвеститсия», «захираҳои инвесититсионӣ», «моли инвеститсионӣ» истифода бурда мешавад, ки онҳоро бояд аз ҳамдигар фарқ кард.

Сармоя (аз лат. Capitalis-асосӣ)-ҳамагуна амволе (дастгоҳ, таҷҳизот, бинои истеҳсолӣ, пул, саҳмия) мебошад, ки ба моликаш дар давраи ҷорӣ даромад (фоида) меорад. Мафҳуми «сармоя» барои муайян кардани шакли меҳнати дар воситаҳои

истеҳсолот таҷассум ёфта, ки дар навбати худ мол ва хизматрасониро ба вуҷуд меоварад, истифода бурда мешавад.

Мафҳуми маблағгузорӣ – ин сармояи ҳоло дар воситаҳои истеҳсолот таҷассум наёфта, вале барои ба вуҷуд овардани онҳо (воситаҳои истеҳсолот) гузошта шуда, мебошад.

**Маблағгузорӣ** (аз лат. invesire – либос пӯшондан) – сармоягузорӣ ба мӯҳлати дароз барои ин ё он бизнес мебошад. Ду намуди маблағгузориро фарқ мекунанд: **маблағгузории мустақим** (сармоягузории бевосита ба истеҳсолоти ҳақиқӣ, воқеӣ - барои дастгоҳ, мошин, таҷҳизот, иншоот, технология) ва **маблағгузории портфелӣ (ҷузвкаш)** – маблаггузорӣ барои саҳмия, облигатсия, депозити бонкҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок мебошад.

Сармояи ҷисмониро фондҳои истеҳсолӣ ва ё неъматҳои сармоявӣ ҳам меноманд. Сармоя ҳамчун неъмати таъиноти истеҳсолӣ аз **сармояи асосӣ** ва **сармояи гардон** иборат аст.

Сармояи асосӣ – сармояе мебошад, ки дар ҷараёни истеҳсолот дар давоми якчанд давраҳои истеҳсолӣ иштирок намуда, арзиши худро ба моли истеҳсолшаванда қисм- қисм мегузаронад. Сармояи гардон – ашёи хом, маводҳо, нерӯи барқ ва ғайра дар ҷараёни истеҳсолот танҳо дар давоми як доираи истеҳсолӣ иштирок намуда, арзиши худро ба маҳсулоти истеҳсолшуда пурра мегузаронад.

Сармояи асосӣ, ки дар воситаҳои меҳнат таҷассум ёфтааст, баробари истифодабарӣ фарсуда мешавад. Дар иқтисодиёт фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарсудашавии ҷисмонӣ ҳам зери таъсири бевоситаи ҷараёни истеҳсолот ва ҳам зери таъсири қувваҳои табиӣ ба вуҷуд меояд. Чӣ қадаре, ки сармояи асосӣ дар истеҳсолот бисёртар истифода бурда шавад ҳамон қадар вай ба фарсудашавии ҷисмонӣ дучор мешавад. Бо фарсудашавии ҷисмонӣ мафҳуми иқтисодии истеҳлок (амортизатсия) алоқаманд аст. Ҳар сол як қисми арзиши сармояи асосӣ баробари фарсудашавиаш ба моли истеҳсолшуда мегузарад ва баъди фурӯхтани мол ба соҳибкор дар шакли пулӣ бармегардад. Вай дар суратҳисоби махсус, ки фонди таҷдид ном дорад, ғун мешавад ва барои барқарор кардани қобилияти истеҳсолии воситаҳои меҳнат ё ки ба ҷои он

харидани воситаҳои истеҳсолии нав истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, пурра кардани сармояи асосии истифодашуда аз ҳисоби фонди таҷдид ба вуҷуд меояд.

## 2. Талабот ва таклифот дар бозори сармоя

Дар бозори неъматҳои сармоявӣ талабот ба он аз тарафи бизнес (фирма), таклифот бошад, аз тарафи хоҷагиҳои хонагӣ пешниҳод мегардад. Хоҷагиҳои хонагӣ, ки таъминкунандаи неъматҳои сармоявӣ мебошанд, дастгоҳ, мошина, таҷҳизотро дар намуди ашёгиаш ба бизнес (фирма) пешкаш наменамоянд. Онҳо воситаҳои қарзӣ (пасандози худро) барои маблағгузорӣ пешниҳод менамоянд, ки ба туфайли он неъматҳои сармоявӣ ба даст оварда мешаванд. Дар бозори хизматрасонии сармоя талабот ва таклифотро фирма (бизнес) ба вуҷуд меоварад. Неъматҳои сармоявии ба худаш таалуқ доштаро фирма ба андозаи муайяни музд (ё ҳаққи рентавӣ) ба иҷора медиҳад.

Мавриди ҳамчун омили истеҳсолот фаҳмида шудани сармоя талабот ба сармояи қарзӣ, ки барои ба даст овардани сармояи ҷисмонӣ зарур аст, бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Талабот ба сармоя – ин талабот на умуман ба пул, балки ба воситаҳои қарзӣ (сармояи қарзӣ) мебошад. Зоҳиран талабот ба сармояи қарзӣ ҳамчун талабот ба миқдори муайяни пул баромад мекунад. Вале талабот ба пул ҳамчун пул ва талабот ба сармояи қарзӣ якхела нест. Бизнес ба миқдори муайяни маблағҳои пулӣ барои харидани фондҳои истеҳсолӣ (сармояи ҷисмонӣ), ё ин ки маблағгузорӣ талабот дорад. Албатта, хоҷагиҳои хонагӣ ҳам ба пул талабот доранд, вале табиати талабот дигар аст. Зеро вай бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад. Ба ғайр аз ин, талабот ба сармояи ҷисмонӣ чун дигар омилҳои истеҳсолот талаботи **маҳсулӣ** мебошад, яъне вай аз талабот ба он неъмат ва хизматрасонӣ аст, ки дар истеҳсолашон сармояи ҷисмонӣ истифода бурда мешавад.

Дар ҷараёни истеҳсолот субъектҳои хоҷагидорие пайдо мешаванд, ки ба захираҳои иловагии пулӣ барои маблағгузорӣ эҳтиёҷот доранд. Ин гуна манбаъҳо пасандози аҳолӣ, захи-

раҳои пулии муваққатан озоди корхонаҳо шуда метавонанд. Инчунин, маблағҳои давлатӣ ҳам, ки барои иҷрои ягон лоиҳа таъин шудаанду ҳоло истифода бурда намешаванд, ҳамчун захираҳои иловагии пулӣ хизмат карда метавонанд.

Субъектҳои иқтисодие, ки воситаҳои муваққатан озод доранд, тайёранд ин захираҳоро қарз диҳанд. Муассисаҳои молиявию қарзӣ – бонкҳо, ҳар гуна фондҳо, компанияҳо – ин ду гурӯҳи субъектҳои иқтисодиро бо ҳам пайваст менамоянд. Ин муассисаҳо (махсусан бонкҳо) чунин шароите ба вуҷуд меоваранд, ки имконияти бо осонӣ ва бо тезӣ ҳаракат кардани сармоя аз ҷои мавҷуд ба ҷои зарур муҳайё шавад. Сармояи пулӣ, ки қарз дода мешавад ва дар шакли фоиз даромад меорад, сармояи қарзӣ номида мешавад. Сармояи қарзӣ аз ибтидо чун арзиш бароимад карда, баъд ба моли махсус – сармоя табдил мегардад.

Сармоя – ҳамчун моликияти қарздодашуда сармояи амалкунанда гардида дар ҷараёни истеҳсолот ва муомилот истифода мешавад ва ба сармоя – вазифа мубаддал мегардад. Сармоя – моликият муносибати соҳибикунӣ ва азонихудкунии фоизро таъмин мекунад. Сармоя – вазифа муносибати идоракунии ин моликиятро амалӣ мегардонад ва азонихудкунии фоидаро таъмин менамояд. Қарздиҳӣ ба ашхоси воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба вақти муайян бо шартҳои баргардонию музднокӣ ба амал меояд. Аз ин ҷост, ки қоидаҳои муносибатҳои қарзӣ – мӯҳлатнокӣ, баргардонӣ, музднокӣ ва кафолатнокӣ ҳисобида мешаванд.

Баробари ба ҷараёни истеҳсолӣ ҷалб карда шудани миқдори зиёди хизматрасонии сармоя маҳсули интиҳоии сармоя дар ифодаи пулӣ, даромаднокии интиҳоии сармоя кам мешавад. Қонуни пастшавии даромаднокӣ ин ҷо ҳам амал мекунад. Қонуни мазкур имконият медиҳад, ки муттасилии дараҷаи даромад ё ки маҳсулнокии софи сармоя муайян шавад. Дар шароити бетағйир мондани ҳаҷми омилҳои истифодашавандаи меҳнат ва замин маҳсулдиҳии софи сармоя ё ки андозаи табиӣ фоиз баробари ба истеҳсолот ҷалб намудани хизматрасонии сармоя тамоюли пастшавӣ пайдо мекунад.

Ба ғайр аз тамоюли пастшавӣ, дар мавриди ҳиҷрати сармоя байни соҳаҳои гуногуни рақобати комил дараҷаи даромади сармоя тамоюли баробаршавӣ дорад. Дар ҳақиқат дараҷаи беҳад баланди даромади сармоя дар ин ё он соҳа диққати соҳибкорони бисёрро ба худ ҷалб менамояд. Баробари афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи мазкур дараҷаи даромаднокии он паст мешавад, дар соҳаҳое, ки аз он ҷо сармоя рафтааст даромаднокии сармоя, баръакс, баланд мешавад. Ҳамин тавр, дар шароити рақобати комил аз як соҳа ба соҳаи дигар озодона гузаштани сармоя ба баробаршавии қиматҳои алтернативии лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ меоварад.

Барои муайян кардани он ки фирма ба кадом миқдор хизматрасонии сармояро ба даст оварда метавонад, лозим аст ки маҳсулоти интиҳоии сармоя дар ифодаи пулӣ бо нархи хизматрасонии сармоя, ки дар бозор муқаррар гардидааст муқоиса карда шавад. Дараҷаи беҳтарини хизматрасонии сармоя ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки агар маҳсулоти интиҳоии сармоя дар ифодаи пулӣ ба баҳои рентавӣ баробар шавад.

Хизматрасонии сармояро фирмаҳои байни худ ба иҷора диҳандаи таҷҳизоти дар ихтиёрашон буда, пешниҳод мекунанд. Бо таҷҳизоти худӣ қисми зиёди хизматрасонии сармоя ба вуҷуд меояд. Пешниҳодоти хизматрасонии сармоя дар давраи кӯтоҳмӯҳлат ғайримавзунӣ мебошад, зеро дар фосилаи кӯтоҳ миқдори хизматрасонии дастгоҳ, мошин, таҷҳизот, ки бо дараҷаи бетағйири интенсивӣ истифода бурда мешавад, зиёд намегардад. Дар давраи дарозмӯҳлат бошад, таклифоти хизматрасонии сармоя мавзунӣ мегардад, зеро ҳаҷми худи захираи сармоявӣ тағйир меёбад ва метавонад хизматрасонии сармояро зиёд намояд.

Бозори хизмастрасонии сармоя бевосита бо бозори воситаҳои қарзӣ алокаманд аст. Чӣ қадаре, ки фирма маблағи бисёри пулиро ба харидани неъмати сармоявӣ гузорад, ҳамон қадар хароҷоти интиҳоӣ ва имкониятҳои зиёд кардани даромад пайдо мешаванд.

### 3. Фоизи сармоя ва меъёри он

Дар мавриди муайян намудани фоизи сармоя аввал донистан лозим аст, ки сухан дар бораи кадом сармоя меравад. Маълум гашт, ки сармояи захирашуда ва хизматрасонии сармоя аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба гайр аз ин сармояи ҷисмонӣ, сармояи молиявӣ (пулӣ) ва сармояи инсониро низ аз ҳам ҷудо мекунанд.

Сармояе, ки фоиз меорад, сармояи қарзӣ мебошад. Дар асри XX шакли саҳҳомии моликият ҳукмрон гашт. Барои ҳамин иқтисодчии немис Р.Гильфердинг ва иқтисодчии британиягӣ Ҷ. Кейнс дар маркази тадқиқот таҳлили сармояи пулиро гузоштанд. Сармояи қарзӣ - ин сармояи пулӣ мебошад, ки қарз дода мешавад ва аз ҳисоби хизматрасонии сармояи саноатӣ ва тиҷоратӣ фоиз меоварад.

Дар назарияи фоиз бояд ду масъала аз ҳамдигар фарқ карда шавад:

а) асоснок кардани зарурати фоиз;

б) муайян намудани омилҳои ба андозаи фоиз таъсиркунанда.

Манбаи сармояи қарзӣ воситаҳои пулии мувaққатан озод мебошанд. ки дар раванди гирдгардиши сармоя ба вуҷуд омадаанд:

- воситаҳои аз ҳаракати сармояи асосӣ ба вуҷуд омада;
- воситаҳои дар ҳаракати унсурони моддии сармояи гардон ба вуҷуд омада;
- воситаҳои барои пардохти музди кор таъиншуда;
- воситаҳои барои васеъ кардани истеҳсолот пешбинӣ гардида.

Ба гайр аз сармояи худӣ, даромадҳои пулӣ ва пасандозҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ низ манбаи сармояи қарзӣ шуда метавонанд. Дар намуди амонат онҳо ба муассисаҳои қарзӣ ворид гашта, барои харидани молҳои истеъмолӣ ба сифати унсури сармояи қарзӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, ба вуҷуд омадани воситаҳои пулии мувaққатан озод натиҷаи гирдгардиши сармоя мебошад, аз як тараф, дур андохтани воситаҳои пулии мувaққатан озод аз моликаш ва

аз тарафи дигар, ҷалб намудану аз худ кардани онҳо барои тараққӣ додани истеҳсолот ба вуҷуд меоянд.

Дар ҷараёни гирдгардиши сармоя воситаҳои пулии муваққатан озоди худи бонкҳо сарчашмаи сармояи қарзӣ мегарданд. Дар нақши нав онҳо гирдгардиши худро ба ҷо меоваранд, ки натиҷааш зиёдшавии худи сармоя мешавад.

Дар дасти қарзбардор пул ба сифати сармояи саноатӣ ва ё тиҷоратӣ баромад намуда, гирдгардиши ҳақиқӣ менамояд ва даромад меоварад. Бинобар ин, ҳаракати сармояи қарзӣ мустақил набуда, бо ҳаракати сармояи саноатӣ ва тиҷоратӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин сармояи қарзӣ аз сармояи ҳақиқӣ, ки шакли муҳимтарини моддӣ гаштани он аст, фарқ мекунад. Вай имконияти истифодабарии сармояи ҳақиқиро ба вуҷуд меоварад.

Хусусияти мол – сармояи қарзӣ ба вуҷуд овардани шакли махсуси даромад – фоиз мебошад. **Фоиз** – музди истифодабарии сармояи бегона мебошад, ки қарздиҳанда аз қарзгиранда барои истифодаи қарзи пулӣ мегирад.

Хусусияти сармояи қарзӣ, пеш аз ҳама дар шакли дурӣ андохтани он ифода меёбад. Аз худ дур андохтани ҳаргуна мол, чун қоида, дар шакли хариду фурӯш ба моликияти харидор табдил ёфтани моли фурӯхташударо нишон медиҳад. Дур андохтани сармояи қарзӣ бошад, дар шакли қарзӣ ба дигар шахс ё ба харидор барои истифодабарии муваққатӣ дода шудан, баромад мекунад. Баргардонии сармоя баъди ба охир расидани мӯҳлати дар шартнома нишон дода шуда, бо музди муайян ба вуҷуд меояд. Пас, фоиз як шакли даромади моликона (омилӣ) мебошад. Вай қисми фоида аст, ки сармоядори амалкунанда ба қарздиҳанда бармегардонад. Ҳамин тавр, дар бозори сармоя нарх вуҷуд дорад, ки нишон медиҳад, барои истифодаи пулҳо чӣ қадар (чанд фоиз) бояд пардохта шавад. Меъёри (андозаи) фоиз – ин нисбати даромад аз сармояи ба қарз пешниҳод карда шуда, ба сармояи қарз додашуда, ки дар фоиз ифода ёфтааст. Фоидаи аз истифодабарии сармояи қарзӣ ба вуҷуд омада ба ду қисм ҷудо мешавад:

1) фоиз барои истифодаи қарз;
2) даромади соҳибкорӣ.

Агар фоизро сармоядори қарздиҳанда гирад, даромади соҳибкориро ҳамчун фоида сармоядорони саноатӣ ва тиҷоратӣ барои фаъолият дар амалиёти соҳибкорӣ мегиранд.

Меъёри фоиз ҳамчун нисбати даромади солонаи аз сармояи қарзӣ гирифта шуда ба ҳаҷми сармояи қарзӣ муайян карда мешавад. Дар ҳар як лаҳзаи муайян андозаи фоиз аз таносуби байни таклифоту талаботи сармояи қарзӣ вобаста аст. Андозаи фоиз – нишондиҳандае мебошад, ки ба рафтори амалгарони иқтисоди бозорӣ таъсир мерасонад. Меъёри баланди фоиз чун қоида, фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намегардонад, меъёри пасти фоиз бошад, баръакс, боиси фаъолшавӣ ва самаранокии маблағгузорӣ мегардад.

Соҳиби воситаҳои молиявӣ бо мақсади гирифтани фоидаи калон гузоштани пул ба ин ё он лоиҳаи маблағгузориро тақрибан санҷида навъи дилхоҳи истифода бурдани сармояро интихоб мекунад. Қарз ба субъектҳое пешкаш карда мешавад, ки фоизи баланд оварда метавонанд. Чӣ қадаре, ки дараҷаи фоиз баланд бошад, ҳамон қадар майлу хоҳиши қарздиҳанда зиёду худмаблағгузорӣ кам мешавад.

Дар замони ҳозира шаклҳои гуногуни қарз ҷой дорад. Дар баробари қарзҳои анъанавӣ барои тараққӣ додани истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ шаклҳои нави қарздиҳӣ васеъ паҳн гаштааст. Аз ҷумла,

- қарзи маблаггузории андозӣ;
- қарзи ипотекӣ (зери гаравмонии замин, манзил ва ё дигар намудҳои амволи ғайриманқул);
- қарзи лизингӣ (на фақат барои харидани амволи ғайриманқул, балки боз ба даст овардани намудҳои муосири техника, молҳои нави барои ҳаёти осудаҳолона зарур – автомобил, видеодастгоҳҳои гаронбаҳо ва ғайра)

Дар ташаккулёбии дараҷаи фоиз **омили вакт** таъсири калон мерасонад. Аз истифодаи ҳозираи худӣ даст кашида, молики сармоя ба дигар субъектҳо имконияти истифодаи ҷории сармояро пешкаш менамояд.

Иқтисодчиён неъматҳои «имрӯза»-ро нисбат ба неъматҳои «оянда» авлотар мешуморанд. Ин рафтори оқилонаи иқти-

содии субъектҳои хоҷагии бозорӣ номи афзалияти муваққатӣ гирифтааст.

Меъёри фоизи номӣ ва ҳақиқиро фарқ мекунанд. Меъёри номии фоиз – ин андозаи ҷории бозори фоиз бидуни ба ҳисоб гирифтани таваррум аст. Меъёри ҳақиқии фоиз бошад – ин андозаи номии ба дараҷаи таваррум саҳеҳ кардашуда мебошад.

Ҳамин тавр, дар иқтисоди бозорӣ фоиз ба сифати нархи мувозинатӣ дар бозори сармоя намудор мешавад.. Барои молики сармоя (субъекти таклифот) фоиз ҳамчун даромад, барои қарзбардор (субъекти талабот) – бошад, фоиз ҳамчун хароҷот баромад мекунад.

### 4. Назарияи сармояи инсонӣ

**Сармояи инсонӣ** – захираи дониш, қобилият, малака ва таҷрибаи дар инсон таҷассум ёфта мебошад, ки имконияти даромад оварданро дорад. Вай шарти асосӣ, тарзи аз ҳама умедбахш ва самараноки таъмини рушди иқтисодӣ аст. Барои ташаккули сармояи инсонӣ хароҷоти намоён чӣ аз худи одам ва чӣ аз ҷамъмият талаб карда мешавад.

Пайдошавӣ ва инкишофи назарияи сармояи инсонӣ бо он тағйироти кулиие, ки дар ҷамъият дар давраи пешрафти илмию техникӣ ва инқилоби иттилоотӣ меояд, пайванд аст. Имрӯз мафҳуми сармояи инсонӣ дар илми иқтисодии умумиҷаҳонӣ васеъ истифода бурда мешавад. Ин мафҳум дар назария ва амалияи хоҷагии бозорӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Ташаккулёбии назарияи муосири сармояи инсонӣ ба солҳои 60-уми асри XX рост меояд, ки он замон дар нашрияҳои иқтисодии ИМА ва як қатор давлатҳо мақолаю асарҳои ба ин масъала бахшида шуда пайдо гардидаанд. Татбиқи назарияи сармояи инсонӣ имконият дод, ки ба ҳалли масъалаҳои бо омилҳои рушди иқтисодӣ алоқаманд, тақсимоти даромадҳо, нақши иқтисодии маълумот, бо ҳам алоқамандии маблағгузорӣ ба инсон бо дараҷаи ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи бадастдаро-

рии даромадҳо, ҳавасмандкунии фаъолияти иқтисодӣ аз нигоҳи нав назар карда шавад. Ба ғайр аз ин, омӯзиши масъалаҳои таъминкунандаи шуғлварзии оқилона ва амалиёти беҳтарини бозори меҳнат дар ҳаёти ҷамъият аҳамияти махсус пайдо кард.

Назарияи сармояи инсонӣ раванди такмилёбии сифатии захираҳои меҳнатӣ, яке аз бахшҳои марказии муосири такмилёфтаи меҳнатро таҳлил менамояд. Ташаккулёбии сармояи инсонӣ, ба монанди гун кардани сармояи ҷисмонӣ ва молиявӣ баҳри дар оянда гирифтани даромадҳои иловагӣ аз истеъмолоти ҷорӣ ба дигар тараф ҷалб намудани воситаҳоро талаб менамояд. Назарияи сармояи инсонӣ чорчӯбаи ягонаи аналитикӣ барои баён намудани ҳиссаи маълумот дар рушди иқтисодӣ, талабот ба маълумот, хизматрасонии тиббӣ, болоравии музди кор, фаъолияти касбӣ, фарқият дар музди кор ва ғайраро пешниҳод намуд.

Инсон дар ибтидо, идома ва дар интиҳои истеҳсолот ҳамчун мақсад меистад. Ҳамин тавр, сармояи инсонӣ намуди равшан ва ҳисшаванда мегирад ва ҳадду ҳудуди таъсиррасонии он ба истеҳсолот намоён мегардад. Аз ин ҷо сармояи инсониро дар қатори дигар намудҳои сармоя ҳамчун объекти тадқиқи иқтисодӣ бояд дид.

Мазмуни асосӣ, моҳияти назарияи сармояи инсониро эътироф кардани он ҳамчун объекти маблағгузорӣ, чун объекти фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад. Маблағгузорӣ ба инсон ҳамон қадар (ва ҳатто зиёдтар) фоидаовар аст, чӣ қадаре, ки маблағгузорӣ дар намудҳои дигари омилҳои истеҳсолот мебошад.

Аз нуқтаи назари натиҷаоварӣ дар истеҳсолот, боздеҳи иқтисодии он, чор чабҳаи сармояи инсониро нишон додан мумкин аст, аз ҷумла хароҷот барои маълумот, хароҷот барои ҳифзи саломатӣ, хароҷот барои ҳиҷрати қувваи коргарӣ ва хароҷот барои гирифтани иттилоот.

**Маълумотгирӣ** (дониш, илму маърифат) қисми аввал ва асосии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Вай тарзи асосӣ, воситаи ба камол расонидани қувваи коргарии ихтисоснок мебошад, ки қодир аст намудҳои мураккабтарини меҳнатро иҷро намояд. Ҳамин тавр, тахассус, дараҷа ва намуди таълимоти

касбӣ гирифтани коргар, дар ӯ мавҷуд будани дониш, маҳорат, малакаҳои барои иҷрои корҳои муайян зарурро ифода мекунад. Дар баробари ин ихтисос тавсифи коре мебошад, ки иҷроиши муайяни аниқро вобаста аз ҳолати сифатии (тахассусии) қувваи коргарӣ нишон медиҳад.

Самти дигари маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ – **тандурустӣ** аст. Тандурустӣ қувваи коргариро аз авввали ба дунё омаданаш то синну соли ба нафақабарой ҳамроҳи мекунад, то он вақте, ки барандаи сармояи инсонӣ ҷои худро ба ҷавонтар гузашт мекунад, ҳамроҳ мебошад. Хароҷот барои тандурустӣ мӯҳлати гардиши қувваи коргариро дар истеҳсолот зиёд менамояд.

Саломатии хуби аҳолӣ натиҷаи барномаи дарозмӯҳлат ва дурандешонаи тараққиёти нигоҳдории тандурустӣ дар сатҳи баланд мебошад. Зеро саломатии бардавом – ин ҳосилнокии баланди меҳнат, кам шудани пардохти корношоямӣ аст. Аз ин ҷост, ки хароҷот барои нигоҳдории тандурустӣ маблағгузории фоиданок бо боздеҳи дарозмӯҳлат ва доимафзоянда мебошад.

Самти сеюм – **маблағгузорӣ барои таъмини ҳиҷрати қувваи коргарӣ**. Зудҳаракатии қувваи коргарӣ мафҳумӣ бисёртарафа аст. Вай бо қонуниятҳои тараққиёти умумииқтисодӣ ва ҳам бо мулоҳизаҳои шахсии худи коргар, инчунин бо пасту баландшавии даврагӣ ва таркибии иқтисодӣ алоқаманд аст.

Зудҳаракатии қувваи коргарӣ ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳодисоти прогрессивӣ мебошад. Вай ҷараёни мутобиқгардии қувваи коргарӣ ба ҳолатҳои доимо тағйирёбандаи бозорӣ, дигаргуншавии таркибиро дар иқтисодиёт ифода мекунад. Чунин мутобиқгардии қувваи коргариро ду мақсад муайян мекунад: гирифтани музди баландтарини меҳнат ва барқарор кардани адолати иҷтимоию баробарӣ дар бозори меҳнат.

Ҷабҳаи чорум – гирифтани иттилоот мебошад. Иттилоот – яке аз захираҳои муҳимтарине мебошад, ки имрӯз инсон дар фаъолияти ҳамарӯзааш истифода мебарад. Ин – маълумоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва дигар нишондиҳандаҳое мебошанд, ки дар асоси таҳлили онҳо қарорҳои муфиди иқтисодӣ қабул карда мешаванд.

Бинобар ин иттилоот бояд объективона, пурра, боэътимод ва воқеӣ бошад. Ва албатта, вай бояд ҳам барои коргар ва ҳам барои идоракуннадаи истеҳсолот дастрас бошад.

## III. САВОЛХО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Сармоя чист ва он дар адабиёти иқтисодӣ чӣ тавр тавсиф карда мешавад?
2. Захираи сармоя ва хизматрасонии сармояро дар чӣ мебинед?
3. Сармояи асосӣ ва гардонро аз рӯи кадом хусусиятҳояшон фарқ мекунанд?
4. Талабот ба сармоя ва таклифоти сармоя аз тарафи кадом субъектҳои бозори сармоя пешниҳод мегарданд?
5. Гирдгардиши сармоя чӣ тавр ба вуҷуд меояд?
6. Мазмуни назарияи «сармояи инсонӣ»-ро фаҳмонед.
7. Нақши сармояи инсониро дар истеҳсолот муайян намоед.
8. Фоиз чист ва кадом намуди сармоя онро ба вуҷд меоварад?
9. Хусусиятҳои бозори сармоя аз бозори дигар омилҳои истеҳсолот аз чӣ иборатанд?
10. Мафҳуми «сармоя» ва «маблағгузорӣ» аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
11. Кадом роҳҳои самаранок истифодабарии фондҳои истеҳсолиро медонед?
12. Меъёри фоиз чӣ тавр муайян карда мешавад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Сармоя ҳамчун омили истеҳсолот.
2. Такрористеҳсоли васеи сармоя.
3. Сармояи корхона ва таркиби он.
4. Бозори сармояи асосӣ.
5. Бозори сармояи гардон.
6. Сармояи қарзӣ ҳамчун намуди махсуси сармоя.
7. Андозаи фоиз ва омилҳои ба он таъсиррасонанда.
8. Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва саҳмияи онҳо.

## V. ТЕСТҲО

**1. Зери мафҳуми сармоя дар бозори омилҳои истеҳсолот чӣ фаҳмида мешавад?**

а) сармояи ҷисмонӣ ё ин ки неъматҳои сармоявӣ

б) сармояи ғардон ё ин ки фондҳои гардон

в) сармояи пулӣ ва қоғазҳои қиматнок

г) сармояи қарзӣ ва қогазҳои қиматнок

**2. Самаранок амал кардани сармояи пулиро муайян кунед. Андозаи фоиз 3, ҳаҷми сармояи пулӣ – 100 сомонӣ ва ба 3 сол қарз дода мешавад. Афзоиши сармоя аз ҳисоби гирифтани фоиз дар се сол то чанд сомонӣ зиёд мегардад?**

а) то 109,27 сомонӣ

б) то 118,36 сомонӣ

в) то 155, 08 сомонӣ

г) то 103, 0 сомонӣ

**3. Мафҳуми «нархи захираи сармоя» - ро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?**

а) нархе мебошад, ки аз арзиши истифодаи хизмастрасонии сармоя иборат аст

б) нархе мебошад, ки барои соҳибикунии актив (захира) пардохта мешавад

в) нархе мебошад, ки бо баҳои рентавии хизматрасонии сармоя баробар аст

г) нархе мебошад, ки арзиши олоти меҳнатро ифода менамояд

**4. Зери мафҳуми инвеститсия чигуна маблағгузории воситаҳои молиявӣ фаҳмида мешавад?**

а) сармояи истеҳсолие, ки дар фирма амал мекунад;

б) сармояе, ки дар истеҳсолот ҳамчун захира мавҷуд аст;

в) воситаҳои молиявие, ки бо фондҳои истеҳсолӣ таъмин буданаш ба фирма лозим аст;

г) миқдори сармояе, ки фирма ба бозор пешниҳод карда метавонад.

**5. Субъекти талабот ба сармояро нишон диҳед?**

а) бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба соҳибкорон қарз медиҳанд

б) муассисаҳои молиявӣ, ки бо қарздиҳии кӯтоҳмӯҳлат машғуланд

в) фирмаҳои муфлисгаштае, ки ба истеҳсолоти нав шурӯъ мекунанд

г) фирма, соҳибкорон, ки захираҳои молиявиашон барои ривоҷ додани истеҳсолот намерасад

**6. Ба сармояи асосӣ дохил мешаванд:**

а) маҳсулоти тайёр, воситаҳои гардон

б) ашёи хом, маводҳо, бинои корхона

в) қоғазҳои қиматнок, фонди музди кор

г) дастгоҳ, таҷҳизот, мошин, иншоот

**7. Дар иқтисоди бозорӣ фоиз ба сифати нархи мувозинатӣ дар бозори сармоя баромад мекунад. Барои субъекти талабот ва барои субъекти таклифот фоиз ҳамчун чӣ баромад мекунад?**

а) барои қарздиҳанда ҳамчун даромад, барои қарзбардор ҳамчун хароҷот;

б) барои қарздиҳанда ҳамчун даромад, барои қарзбардор ҳамчун фоиз;

в) барои қарздиҳанда ҳамчун фоидаи сармоя, барои қарзбардор ҳамчун иҷорапулӣ

г) ҳам барои молики сармоя ва ҳам барои қарзбардор ҳамчун мукофотпулӣ

**8. Меъёри номии фоиз чӣ тавр муайян карда мешавад?**

а) ҳамчун андозаи ҷории бозории фоиз, ки бо дараҷаи таваррум тасҳеҳ карда шудааст;

б) ҳамчун андозаи фоиз, ки ба меъёри паст асос ёфтааст;

в) ҳамчун андозаи фоиз, ки ба меъёри баланд асос ёфтааст;

г) ҳамчун андозаи ҷории бозории фоиз бе ба ҳисоб гирифтани таваррум.

**9. Андозаи фоизи сармояи қарзиро чӣ тавр ифода карда метавонед?**

а) ҳамчун нисбати фоизи сармояи қарзӣ ба ҳаҷми умумии даромади соҳибкорӣ

б) ҳамчун нисбати даромади соҳибкорӣ ба ҳисоби миёнаи фоизи бонкӣ

в) ҳамчун нисбати даромади солонаи ба вуҷуд овардаи сармояи қарзӣ ба ҳаҷми сармояи қарзӣ;

г) ҳамчун нисбати даромади солонаи ба вуҷуд овардаи сармояи қарзӣ ба сармояи гардони истифодашуда

**10. Андӯхти сармоя дар шароити истеҳсолоти муосир кадом се масъалаи асосиро ҳал карда метавонад?**

а) дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи нав; ба ҷараёни истеҳсолот ҷалб намудани кормандони баландихтисос, таъмин намудани самаранокии баланди фаъолияти хоҷагидориро;

б) ҷорӣ кардани технологияи нав дар корхонаҳо; баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот; ривоҷ додани содироту воридоти мамлакат;

в) дар ҷараёни истеҳсолот ҷорӣ намудани техника ва технологияи пешқадам; тайёр намудани мутахассисони баландихтисос; ба роҳ мондани хизматрасонии баландсифатро;

г) ба дараҷаи соҳаи саноат баланд бардоштани кишоварзӣ; сохта ба кор андохтани иншоотҳои калони энергетикӣ; бартараф кардани кафомонии иқтисодиро.

## VI. АДАБИЁТ

1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Душанбе, «Паёми ошно» 2006. Боби 14
2. Курс экономической теории. Учебник/Под общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселёвой Е.А. Киров. «АСА», 2009. Глава 12.
3. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы, политика. /Пер с англ. М.:ИНФРА-М, 2005, Глава 29.
4. Микроэкономика. Теория и российская практика. Учебник./Колл. авт. Под ред. А.Г.Грязновой, А.Ю. Юданова. М: КНОРУС, 2006. Тема 12.
5. Мэнкью Н.Г.Принципы микроэкономики. Учебник для вузов./Пер с англ. СПБ.: Питер, 2009. Глава 18.
6. Сажина М.А., Чибриков Г.Г. Экономическая теория. Учебник для вузов. М.: Норма, 2005. Глава 9.
7. Экономика. Учебник/Под ред. А.И. Архипова А.К., Большакова М.:Изд-во Проспект, 2005. Глава 6.
8. Экономическая теория. Учебник/Под ред. А.И. Архипова С.С. Ильина М.: Изд-во Проспект, 2006. Глава 12.
9. Экономическая теория. (политэкономия). Учебник/Под общ. ред. акад. В.И. Видяпина, акад. Г.П. Журавлёвой. Москва.: ИНФРА - М, 2008. Глава 14.
10. Экономическая теория. Учебник для вузов/Под. ред. А.И. Добринина, Л.С. Тарасевича. СПб.: Питер, 2009. Глава 10.

# БОБИ 16.
# СОҲИБКОРӢ ВА ФОИДА

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Соҳибкорӣ, моҳият, вазифа ва мақсади он
2. Доира ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ
3. Бизнес, моҳият ва шаклҳои ташкили он
4. Фоида, моҳият, вазифа, шакл ва хусусиятҳои ташаккули он

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Соҳибкорӣ, ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ, усули хоҷагидорӣ ва навъи махсуси тафаккури иқтисодӣ
2. Соҳибкор, вазифа, нақш ва мақоми он дар иқтисод
3. Шаклҳои фоидаи соҳибкорӣ
4. Шакл ва намудҳои бизнес

### 1. Соҳибкорӣ, моҳият, вазифа ва мақсади он

Фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва бурунмарзии субъектҳои иқтисодӣ бидуни фаъолияти хосаи инсони иқтисодӣ – (ақлу дониш, қобилият, амалиёт оиди маҳорату санъати хонадорию хоҷагидорӣ) имконнопазир мебошад.

Кулли алоқа ва муносибатҳои дар ин ҷода ташкил ва ташаккулёбанда ҳамчун натиҷаи фаъолияти соҳибкор шинохта мешавад.

Таҳти мафҳуми **соҳибкор** – шахс, фард (субъекти иқтисодӣ) ё худ унсури асосии омили истеҳсолот – ифоданамояндаи қобилият ва фаъолияти меҳнатии инсон, фишанги таҳрикдиҳандаи муносибатҳои иқтисодӣ ва таъминкунандаи сатҳи истиқрору рушд ва таҳаввули ҷомеа тасаввур карда мешавад.

Маҳз, ба туфайли қобилияти комёбу нодирии соҳибкор санъати волои роҳбарию идора, дарки арзаи бозорӣ, рақобату рақобатпазирӣ, нарху арзиш, истифодаи оқилонаи захираҳои

иқтисодӣ, ҷорӣ намудани ихтирооту навовариҳо, ҳалли зиддияту ихтилофот, таваккалии воситаҳои пулию молӣ ва ғайра фаъолияти фирма сирати амалӣ мегирад.

Донишмандони соҳаи бизнес, одатан чунин сифатҳои соҳибкорон (сарварон, менеҷерон)-ро тавсиф менамоянд:

- қобилияти волои роҳбарӣ нисбат ба зердастон доштан;
- аз ӯҳдаи ҳалли масоили мушкили ҳаёт, ки баробари соҳиб шудани вазифа ва ҳокимият ба миён меояд, баромадан;
- қобилияти миёнравӣ ва сари вақт ҳаллу фасл кардани низову ихтилофотро доштан;
- санъати баробарӣ, яъне қобилияти ташкил кардани низоми муносибатҳои якхела бо дигарон доштан;
- санъати ҳалли ғайристандартии идора, ҳисобу китоб, коркарди иттилоот ва худтаҳлилкунӣ доштан;
- истеъдоди волои интихоби захираҳо, равандҳои мусоидтарини истифодаи онҳо, қобилият ба таваккалӣ, ихтироот, навовариҳо ва ғайра доштан.

Равобити доимӣ ва устувори кулли ин муносибат ва алоқа ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ташкил мегардад.

**Соҳибкорӣ** ҳамчун иҷрои ягон кор, андешидани тадбир, фаъолият, шуғл, шавқ, ё худ иҷрои ягон амалиёте, ки ба ташкилкунандаи он ягон хел даромад (фоида)-ро таъмин менамояд, тасаввур карда мешавад.

Соҳибкорӣ ба сифати омили истеҳсолот дар соҳа (ҳавза, бахш)-ҳои гуногуни хоҷагии халқ ташкил гардида, шаклу намудҳои мухталиф қабул намуда, ҳамҷоя вазифаҳои онро бо роҳҳои гуногун иҷро менамояд. Донишмандон ва мутахассисон бештар чунин **вазифаҳои** онро ҷудо мекунанд:

- ҷорӣ кардани тарзу усули навтарини идораи истеҳсолот;
- тавлиди молу маҳсулот, ташкили кор;
- истифодаи ашёву материалҳои баландсифат ва камхароҷот;
- фатҳ кардани бозорҳои нави фурӯш ва назорат бурдан нисбат ба тақозо, арза, рақобат ва нархҳои бозорӣ.

Соҳибкориро аз нигоҳи зер: а) ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ; б) метод (усул)-и хоҷагидорӣ ва в) навъи махсуси тафаккури иқтисодӣ қадршиносӣ менамоянд.

**Соҳибкорӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ** – фаъолияти соҳибкорон, мутахассисони кироя ва институтҳои давлатиро оид ба ташкили раванди истеҳсолот, интихоби равандҳои қулайтарини истифодаи захираҳо, тарзу услуби таъмини самаранокии онҳо, таъмини ҳадди ақали хароҷот ва ҳадди аксари фоида ифода менамояд. Ҳамбастагии субъект ва объекти соҳибкорӣ мазмун ва мундариҷаи онро ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ бештар инъикос менамояд.

**Соҳибкорӣ ҳамчун усули хоҷагидорӣ** маънои онро дорад, ки иштирокчиёни он фаъолияти худро дар асоси қонуну қонунгузориҳои юридикӣ ва услубҳои ҳисоби тиҷорат, бо мақсади ба даст овардани фоидаи баланд ташкил менамоянд.

Кулли хислат, қобилият, маҳорат, санъат ва дигар усулу услубҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмӯъ ақида ва назарияи махсуси хоҷагидориро ба вуҷуд меоварад. Аз ин нигоҳ, соҳибкориро ҳамчун тафаккури навъи махсуси иқтисодӣ баҳо медиҳанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ, мустақиман бо шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фирмаҳо, гуногуншаклии моликият ва муносибатҳои «дастаи ҳуқуқӣ»-и моликият, сирати истифодаи омилҳои истеҳсолот алоқаманд мебошад.

## 2. Доира ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Фаъолияти ташкилию ҳуқуқии шаклҳои соҳибкорӣ, дар ҳавзаҳои муайяни иқтисодӣ, тибқи қонуну қонунгузориҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ташаккули давраҳои ҳаракати захираҳои инвеститсионӣ сурат мегирад.

Фаъолияти соҳибкорӣ мустақиман бо шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фирма, яъне гуногуншаклии моликият алоқаманд мебошад.

Моликияти хусусӣ ва густариши сектори хусусӣ барои соҳибкории тарзи озод имконияти васеъ муҳайё менамояд.

Иқтисоди бозорӣ барои арзи вуҷуд намудани соҳибкории озод замонат медиҳад.

**Соҳибкории озод** тақозо менамояд, ки ҳар як субъекти иқтисодӣ ба таври озод аз захираҳои иқтисодӣ имконияти истифода кардан дошта, дар мояи файсала (интихоб)-и оқилонаи он раванди тавлиди неъматҳои иқтисодӣ ва хадамотро ташкил карда метавонад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳавзаҳои гуногуни хоҷагии халқ, бо тазоду сифатҳои хосаи худ, таҳти таъсири омилҳои гуногуни таърихӣ, ҷуғрофӣ, табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бурунмарзӣ эҳё гашта, ривоҷу равнақ меёбад.

Он вобаста ба:

- шаклу намудҳои моликият ба сармоя шаклу намудҳои фирма;
- ҳолат ва вазъи ташкили истеҳсолот, техникаю технология, пешрафти илму техника, иттилоот дар фирма;
- нерӯи истеҳсолӣ ва тарзу услуби ташкили он аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун: сармоя ва захираҳои худӣ, сармоя, қарз, ҷалби сармояҳои худӣ, сармояи қарзӣ ва ҷалб кардани захираҳои бегона;
- тарзу услуб (технология)-и дар амал тадбиқшавии бизнес: соҳибкор – тавлидгар, миёнарав, тиҷоратчӣ ва ғайра;
- сирати истифодаи омилҳои:
  а. айни (объективӣ)-и манфиат, ангезаи шахсӣ, сатҳ ва дараҷаи маълумотнокӣ (ихтисос), қобилияти ақлонӣ, ҷисмонии соҳибкор ва ғайра;
  б. шахсӣ (субъективӣ)-и ҳавзаи тадбиқи фаъолият, ҳолати дороӣ (воситаҳои пулӣ, молӣ, дороӣ, сарват, молиявӣ), эътимоднокию эътибории фирма, қобилияти харидории омма, ҳаҷми бозор, таркиби молу махсулот ва ғайра.
- ташкили шакл, намудҳои соҳибкорӣ ва услубҳои тадбиқи он ҳархела сурат мегирад.

Аз боиси гуногуншаклӣ ва шароитҳои ҳархелаи ташкилу ташаккул, фаъолияти соҳибкорӣ тибқи чунин **меъёрҳо** муайян карда мешавад:

- шакли моликият ба сармоя – хусусӣ, давлатӣ;
- шакли ташкили истеҳсолот – тахсис, кооператсия, комбинаткунонӣ, тамарказ, марказият;
- сатҳ ва дараҷаи неруи истеҳсолӣ – техникӣ, технологӣ, автоматонӣ;
- тарзу услуби истифода – ҷалб намудани неруи корғарӣ;
- тарзу услуби ташкили кор – инфиродӣ, коллективӣ, гурӯҳӣ;
- ҷалб намудани сарчашма (захира)-ҳои иқтисодӣ – худӣ, бегона, қарзгирифташуда;
- дараҷаи тамаркази истеҳсолот (хурд, миёна, бузург) ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, дар адабиёти муосири иқтисодӣ, шакл ва намудҳои гуногуни он тавсия карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- соҳибкории истеҳсолӣ;
- соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (тиҷоратӣ);
- соҳибкории молиявӣ;
- соҳибкории суғуртавӣ;
- соҳибкории мутавасит (миёнарав);
- соҳибкории инфиродӣ;
- соҳибкории коллективӣ (гурӯҳӣ) ё худ бизнеси оилавӣ;
- дар шакли ташкили ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагӣ (иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳои монополӣ (картел, трест, консерн, синдикат), консорсиумҳо, корпоратсияҳо, ширкатҳои рафиқона, ҷамъият (ширкатҳо)-и саҳҳомӣ);
- кооперативҳои истеҳсолӣ;
- соҳибкории давлатӣ (корхонаҳои давлатӣ) ва ғайридавлатӣ;
- ширкатҳои дорои масъулияти комил;
- ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуд, ки дар доираи онҳо соҳибкорӣ дар ҳавзаи истеҳсолот, тиҷорат, молия, суғурта ва хадамот арзи вуҷуд мекунад.

### 3. Бизнес, моҳият ва шаклҳои ташкили он

Бизнес ва соҳибкорӣ сирати соф низоми бозорӣ буда, ҳамчун фаъолияти хосаи субъектҳои иқтисодӣ, дар асоси ташкили моликияти хусусӣ ва услубҳои ҳисоби тиҷорат, бо мақсади иҷрои ягон кору фаъолият ва ба даст овардани фоида сурат мегирад.

Перомуни бизнесу соҳибкорӣ, ягонагӣ ва тафовути онҳо андеша ва назарияҳои мухталиф мавҷуданд. **Таҳти бизнес** иҷрои ягон кор, фаъолият, шуғл, хулқу атвори субъектҳои бозор оиди ташкили муомилот (хариду фурӯш), ташкили тавлидоту хадамот, вориду содири молу маҳсулот ва ғайра тасаввур карда мешавад.

Зери **мафҳуми бизнес**, афзалиятан фаъолияти фардҳои озоду мустақил (талаба, донишҷӯ, коргару омӯзгор, фардҳои алоҳида, оила, коллектив, фирма, давлат), ки имконияти моддию пулии худро дар асоси таваккалии молу чиз, воситаҳои пулӣ, сарвату дорой, истифодаи фишангҳои озоди тиҷорат тасаввур мекунанд.

Бизнес фаъолияти хосаи субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ буда, дар шароити мавҷуд будани омилҳои воқеии:

- тафаккури иқтисодии хоса, (фавқулқобилият-қобилияту истеъдоди табиӣ (худодод));
- интихоби озодонаи фаъолият, дарку мулоҳизаи корӣ;
- таҳлилу хулоса ва қабули қарорҳои фавқулодда;
- маданияту санъати баланди кордонию идора ва ғайра имконпазир мебошад.

Вобаста ба хусусиятҳои ташкили меъёрҳои шаклҳои ҳуқуқии фирма, шаклҳои бизнеси хурд, бизнеси миёна ва бизнеси калонро тафриқа мекунанд.

**Бизнеси хурд** дар асоси сармояи ҳамҷояи 2-4 нафар, бо мақсади ташкили ягон хел фаъолияти хоҷагидорӣ, дар шакли мағозаҳои хурд, корхонаҳои хурди хизматрасонӣ, фирмаҳо, фаъолияти профессионалии духтурон, муаллимон, ҳуқуқшиносон нигаронида мешавад.

Дар аксарияти давлатҳои Ғарб корхонаҳои хурд ҳамчун низоми Франчайзинг (имтиёзнок) ва соҳибкории венчурӣ (таваккалӣ) истифода карда мешавад.

**Франчайзинг** – низоми корхонаҳои хурде мебошад, ки барои дар як мавзеъ, ба мӯҳлати муайян истифода намудани тамға (марка)-и корхона ва ширкатҳои калонтарин дар чорчӯбаи қонун, қарордод, ҳимоя, гузашткуниҳову дастгирии онҳо ташкил карда мешавад.

**Фирмаҳои венчурӣ** – ҳамчун шакли ташкилоти тиҷоратӣ барои таъмини навовариҳои техникию технологӣ, таҳлилу тадқиқоти илмӣ, такмилу инкишофи усулҳои идора, тарҳрезӣ, дарку дарёбии бозорҳои нави фурӯш, молу маҳсулот ва навъи қулайтарини хизматрасонӣ ва ғайра истифода карда мешаванд. Он дар шакли корхонаҳои хурду ҳамҷоя дар соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, савдо, алоқа бо таври васеъ истифода карда мешавад.

**Бизнеси миёна,** ҳамчун фаъолияти корхонаҳои миёна дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ сурат мегирад.

**Бизнеси калон** – дар шакли корхона, ширкат, тресту консерн ва дигар корхонаҳои монополию фаромиллатӣ ташкил гардида, истеҳсолот ва муомилотро ба худ тобеъ намуда, муозинию истиқрор ва сатҳу рифоҳи аҳолии мамлакатро қонеъ мегардонад.

## 4. Фоида, моҳият, вазифа, шакл ва хусусиятҳои ташаккули он

Мафҳуми фоида дар ҳаёти муқарарӣ. дар маъно ва мазмунҳои гуногун (суд, манфиат, баҳра, нафъ, даромад) вобаста ба ҳавзаи пайдоиш, омили афзоиш, сатҳ ва дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, нерӯи иқтисодию иҷтимоии мамлакат, ҳаллу фасли муаммои иқтисод ва зиддияти асосии иқтисод ҳархела ташкил ва тасаввур карда мешавад.

Фоида ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ баробари густариш ва таҳаввули низомҳои иқтисодӣ (суннатӣ, бозорӣ, амрӣ, мухталат) ва назарияҳо пайдо ва инкишоф ёфта, натиҷаҳои фаъоли-

яти субъектҳои бозорро бо маъною хусусиятҳои хосаи худ ифода карда меоянд.

Аз нигоҳи **меркантилистон** фоида ҳамчун маҳсул (натиҷа)-и муомилот; **физиократҳо** – маҳсули табиии замин (рента); **классикони иқтисоди сиёсӣ** – қисми меҳнати коргари кироя (арзиши изофа); Маркс – шакли табдилёфтаи арзиши изофа сурат мегирад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ низ назарияҳои гуногун оиди фоида назаррас мебошанд. Аксарият ақида ба он доранд, ки фоида натиҷаи омилҳои истеҳсолот (сармоя, меҳнат, соҳибкорӣ, замин) буда, дар шакли даромад, музди кор, фоидаи соҳибкорӣ, рента, фоиз баромад мекунад. Қисми дигаре фоидаро ҳамчун натиҷаи худдорӣ, натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун мукофот (инъом), натиҷаи хатарот (таваккалӣ) ва ғайра тасаввур менамоянд.

Фоида ҳамчун натиҷаи ҷамъбасткунандаи ниҳоии фирма буда, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- **вазифаи тақсим** – ташкил кардани фондҳои пулӣ ва ҳавасмандгардонии корхона бо мақсади муозину истиқрор нигоҳ доштани раванди такрористеҳсол;
- **ҳавасмандгардонӣ** – ба ҳадди ақал расондани харочот, самаранок истифода намудани захираҳои инвеститсионӣ, истифода намудани навовариҳо, ихтироот ва ғайра.

Дар сатҳи фирма фоида ҳамчун фарқи хароҷот ва арзиши мол ва дар сатҳи бозор (соҳа) ҳамчун фарқи хароҷоти истеҳсолӣ ва нархи озоди фурӯши бозории мол (нархи бозорӣ) баромад мекунад.

Паст ё худ баландшавии ҳаҷми фоида таҳти таъсири омилҳои гуногун қарор мегирад.

Вобаста ба нақшу мақом ва меъёру омилҳо, шакл, ва намудҳои гуногуни фоидаро ҷудо мекунанд:

- **фоидаи бухгалтерӣ** (ҳисобдорӣ)- қисми даромади умумии фирма мебошад, ки баъди подош (рупӯш) кардани хароҷоти берунӣ боқӣ мемонад;
- **фоидаи иқтисодӣ** (холис, соф) – ҳамчун фарқи даромади умумӣ ва хароҷоти истеҳсолии корхона ташкил меёбад;

- **фоидаи балансӣ** – ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши маҳсулот ва суммаи хароҷоти моддӣ, ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ ва музди кор баромад мекунад. Он аксар вақт дар маънои фоидаи умумӣ низ истифода карда мешавад;
- **фоидаи соф** (холис) – фоидае мебошад, ки баъд аз пардохтҳои ҳатмӣ (андоз, аксиз...) дар ихтиёри корхона боқӣ мемонад;
- **фоидаи мӯътадил** (фоидаи соҳибкор) фоидае мебошад, ки соҳибкор дар ҳолати масрафи миёнаи сармоя, ҳамчун фарқи хароҷоти истеҳсолӣ ва нархи озоди бозорӣ ба даст меорад. Ҳаҷми он нисбат ба ҳаҷми фоидаи аздастдодаи пештараи ӯ набояд камтар бошад;
- **фоидаи монополӣ** – ҳамчун фарқи байни арзиши (нархи) алоҳидаи молу маҳсулот ва нархи озоди бозор, ки зери таъсири сиёсати нархгузории корхонаҳои монополистӣ, нархҳои «қаймоқгирӣ», психологӣ ва ғайра) ба вуҷуд меояд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Соҳибкор кист ва ба он кадом хусусиятҳо хос мебошанд?
2. Вазифаҳои соҳибкор кадомҳоянд?
3. Соҳибкорӣ чист?
4. Соҳибкорӣ аз кадом нуқтаи назар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода мешавад?
5. Фарқи соҳибкорӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ва усули хоҷагидорӣ дар чист?
6. Доираи соҳибкорӣ кадом ҳавзаҳои фаъолиятро дар бар мегирад?
7. Шаклҳои муҳимтарини соҳибкориро шарҳу эзоҳ диҳед.
8. Вазифа ва мақсади ниҳоии соҳибкорӣ дар чӣ ифода меёбад?
9. Зери мавҳуми бизнес чӣ тасаввур карда мешавад?
10. Шаклҳои бизнес кадомҳоянд?
11. Фоидаи соҳибкорро чӣ тавр тасаввур мекунед?
12. Шаклҳои асосии фоида кадомҳоянд?

13. Фоидаи иктисодӣ ва фоидаи бухгалтериро таъриф ва ба ҳам қиёс намоед.
14. Тафовути байни фоидаи умумӣ ва фоидаи софи корхона дар чӣ зоҳир мегардад?
15. Тақсими фоида ва истифодаи он чӣ тавр сурат мегирад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Назарияи соҳибкорӣ: нигоҳ аз диди таърих ва имрӯз.
2. Соҳибкорӣ, моҳият ва хусусиятҳои ташкили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Нақш ва мақоми бизнеси хурд ва миёна дар иқтисодиёти миллӣ.
4. Фоида, моҳият, омил ва хусусиятҳои ташаккули он дар шароити бозор.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун натиҷаи алоқа ва муносибатҳои зер сурат мегирад:**

а) истеҳсолӣ, тиҷоратӣ;
б) молиявӣ, иҷтимоӣ, бурунмарзӣ;
в) қобилият, санъат ва маҳорати инсон;
г) кулли пунктҳои а, б, в.

**2. Соҳибкориро ҳамчун тадбирҳои зер тасаввур мекунанд:**

а) тадбиру андеша, шавқу ҳавас, ташкилкунандаи фаъолият бо мақсади ба даст овардани даромад;
б) иҷрокунандаи кору фаъолият;
в) шавқу ҳавас, ангеза ва анҷомдиҳандаи ягон кору фаъолият;
г) ташкил ва анҷомдиҳандаи кору хадамот

**3. Соҳибкорӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:**

а) ташкили кор, истеҳсоли молу маҳсулоти нав;
б) ҷорикунандаи техникаю технологияи нав;
в) фатҳкунандаи бозори нав ва назорат бурдан нисбат ба нарх, тақозо ва арзаи бозорӣ;
г) кулли пунктҳои а, б, в; а, б,; б, в (нодурусташро хат занед).

4. **Асоси соҳибкориро мустақиман кадоме аз ин омилҳо ташкил мекунад:**
   а) субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ;
   б) шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фирма, шаклҳои моликият ва «дастаи ҳуқуқ»-и моликият;
   в) шакл ва механизми бозор;
   г) танзим ва идораи давлат.
5. **Шакл ва намудҳои соҳибкорӣ аз кадом нуктаи назар тақсимбандӣ карда мешавад?**
   а) омил, хусусият, шакл;
   б) нишондиҳанда, норма;
   в) меъёр (критерия);
   г) зариб (коэффисиент)-ҳо.
6. **Аз нигоҳи меъёри ташаккули давраҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ кадом шаклҳои соҳибкориро ҷудо мекунанд?**
   а) истеҳсолӣ, тиҷоратӣ;
   б) инфиродӣ, коллективӣ, давлатӣ;
   в) сугуртавӣ, мутавасит, молиявӣ;
   г) кулли пунктҳои: а, б, в; а, в; б. (нодурусташро хат занед).
7. **Фаъолияти соҳибкориро фазои чунин мақсад муттаҳид менамояд.**
   а) интихоби алтернативии захираҳо масоили умдаи истеҳсолот, таъмин будан бо сармоя, таваккалӣ ва ғайра:
   б) ташаббуси шахсӣ, таваккалӣ, интихоби ҳариф:
   в) баланд бардоштани сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва неъматҳои бозоргир;
   г) ба ҳадди ақал расондани хароҷот ва ба даст овардани фоидаи баланд.
8. **Шаклҳои муҳимтарини бизнес кадомҳоянд?**
   а) бизнеси хурд, миёна, калон;
   б) франчайзинг, фирмаҳои венчурӣ;
   в) ширкатҳои суғурта, саҳҳомӣ, рафиқона;
   г) кулли пунктҳои а, б, в; а, б; б, в; а, в. (ҷавобҳои нодурусташро хат занед).
9. **Фоидаи иқтисодӣ чунин тасаввур карда мешавад:**
   а) фарқи хароҷоти истеҳсолӣ ва арзиши инфиродии маҳсулот;
   б) фарқи арзиши инфиродӣ ва арзиши ҷамъиятии мол;
   в) фарқи арзиши мол ва нархи озоди бозорӣ;
   г) фарқи даромади умумӣ ва хароҷоти корхона холис (соф).

10. **Фоидаи холис (соф) фоидае мебошад, ки:**

а) баъди пардохтҳои ҳатмии аз ҷониби давлат муайянкардашуда дар ихтиёри корхона боқӣ мемонад;

б) баъди подош намудани фондҳои корхона (фонди истеъмол, андӯхт…) боқӣ мемонад;

в) баъди подош кардани фонди амортизатсия боқӣ мемонад;

г) қисми фоидае мебошад, ки баъди рупӯш кардани хароҷотҳои умумии корхона боқӣ мемонад.

## VI. АДАБИЁТ:


1 Архипова А.И. и. др. Экономическая теория. Гл. 11. Учебник. М., 2006.

2 Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Боби 8.3, 7,8. Душанбе, «Паёми ошно» 2006.

3 Войтов А.Г. Экономика. Гл. 2,10. Стр, 472-550. Общий курс. М., 2006.

4 Исоматов Б., Мухадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Мавзӯи 9. Душанбе, 2003.

5 Исоматов Б., Мухадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Мавзӯи 9. Душанбе, 2003.

6 Носова С.С. Экономическая теория. Гл. 11. Учебник. М., 2000

7 Океанова З.К. Экономическая теория. Гл. 6, §2. Учебник. М., 2006

8 Тарануха Ю.В. Микроэкономика. Гл. 5. Стр. 197-225: Гл. 6. Стр. 235-245. Учебник. М., 2009.

9 Эргашев А., Мухадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Боби 12. Боби 14,4. Микроиқтисод. Душанбе, 2003.

# МЕЗОИҚТИСОД

## БОБИ 17.
## МУНОСИБАТҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА РЕНТАВӢ

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Муносибатҳои кишоварзӣ: назария ва муаммоҳои кунунии он
2. Моликият ба замин, ташаккул ва таҳаввули шаклҳои хоҷагидорӣ
3. Муносибатҳои рентавӣ: нигоҳ аз диди таърих ва имрӯз
4. Сиёсат ва ислоҳоти кишоварзӣ

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Нақш ва мақоми соҳаи кишоварзӣ дар низоми истеҳсолоти моддӣ
2. Комплекси агрании саноатӣ (КАС), нақш ва мақоми он дар истеҳсолоти кишоварзӣ.
3. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хусусияти ташкил ва дурнамои инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Рентаи замин, шароитҳои ташкил, шакл ва механизми тақсиму истифодаи он.

### 1. Муносибатҳои кишоварзӣ: назария ва муаммоҳои кунунии он

Соҳаи кишоварзӣ (аграрӣ, хоҷагии қишлоқ) яке аз унсурҳои таркибии **мезоиқтисод** ба ҳисоб меравад. Вай дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба сифати фишанги мутавассит (миёнарав) дар байни микро ва макроиқтисод баромад карда, алоқа ва муносибатҳои байни соҳаҳои хоҷагии халқро дар алоҳидагӣ ифода мекунад.

Ба сифати ҷанбаҳои муҳимтарини мезоиқтисод КАС (комплекси аграрию саноатӣ), КҲС (комплекси ҳарбию саноатӣ), иқтисодиёти сохтмон, савдо (тиҷорат), нақлиёт ва дигар унсурҳои зерсохтори соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ дохил карда мешаванд.

Дар ташаккул ва таҳаввули назарияи кишоварзӣ мутафаккирони зиёде саҳмгузорӣ намуда, муайян кардаанд, ки соҳаи кишоварзӣ:

- натиҷаи аввалин тақсими ҷомеавии меҳнат (ҷудо шудани зироаткорию чорводорӣ) мебошад;
- сарчашмаи муҳимтарини қонеъ гардондани талаботи гуногуну ҳархелаи инсон бо неъматҳои истеъмолӣ мебошад;
- муайянкунандаи вазъу ҳолат, босуботию истиқрор, рушду инкишоф ва таҳаввули иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад;
- мустақиман бо замин (ҳамчун омили истеҳсолот ) ва хусусиятҳои табиию иқтисодии он алоқаманд буда, сатҳ ва дараҷаи гуногуни даромад (рента) ро таъмин менамояд;
- дар ин соҳа қисми муайяни аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта шуғл варзида, на танҳо бозори дохилӣ, балки бозори беруниро низ саршор аз неъматҳо мегардонад;
- вазни қиёсии маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ дар МУМ назаррас мебошад;
- бидуни идора, танзим ва дахолати давлат (дар асоси услубҳои бозор) қарор гирифта, қобилияти мустақилона таъмин намудани тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодиро ба зиммаи худ дорад.

Дар ин ҷода таъсири омилҳои табиӣ ва иқтисодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд:

- асоси онро муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии истифодаи моликият ва шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ ташкил медиҳад;

- дар чорчӯбаи манфиатҳои иқтисодӣ, ангезаи меҳнатӣ, шавқу ҳавас, фаъолияти соҳибкорию таваккалӣ сурат мегирад;
- анъана, санъат ва маданияти қадимтарину муосири тарзи хоҷагидорӣ дар он эҳёву густариш дода мешавад;
- зери таъсиру фишори қонунҳои табиӣ, умумииқтисодӣ ва қонунҳои хос қарор дорад. Қонунҳои айни (объективӣ)-и иқтисодӣ – қонуни тақсими ҷомеагии меҳнат, қонуни махсусгардонӣ, кооперативонӣ, марказияту тамарказ, андӯхту истеъмол, сармоягузорию пасандоз, арзишу нарх, хароҷоту фоида ва ғайра тибқи махсусияти хос амал мекунанд;
- муносибатҳои кишоварзӣ ҳамчун муносибатҳои байни синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ оиди «дастаи ҳуқуқ», яъне соҳибӣ, истифода, азонихудкунӣ, дур-созӣ, идораю танзим ва ба мерос додани замин сурат мегирад. Онҳо дар ҳар як низомҳои иқтисодӣ ҳархела ба роҳ монда мешаванд.

Хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ инҳоянд:

- маҳдуд будани замин, сирати нодирӣ, мавсимӣ, ҳархела ҷойгиру ҳосилхезӣ, таҳти омилҳои табиат ва фишангҳои моливию қарзӣ, сиёсати нархгузории бозори рақобати нокомил қарор доштан;
- аз сатҳ ва дараҷаи рушд ва камолоти соҳаҳои саноат, сохтмон, савдо, нақлиёт, алоқа, коммуникатсияю иттилоот вобаста будан;
- қисми даромади худро ба манфиати институтҳои давлатию ғайридавлатӣ, таъмингарони воситаҳои истеҳсолот (сармоя, сармоягузорӣ), миёнаравон, истеъмолгарони молу маҳсулот ва ашё, соҳаҳои коркардабароии маҳсулоти кишоварзӣ гузашт кардан;
- қарздорию шикаст, андозу андозбандӣ, тақсиму азнавтақсимшавӣ ва ғайра аз ҷумлаи масъала ва муаммоҳое мебошанд, ки мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор доранд.

## 2. Моликият ба замин: ташаккул ва таҳаввули шаклҳои хоҷагидорӣ

Муносибатҳои кишоварзӣ ҳамчун раванди ягонаи ба ҳам пайвастшавии муносибатҳои «дастаи ҳуқуқ»-и моликият, алалхусус, соҳибию истифода, азонихудкунию дурсозӣ, идораю танзим ва ғайра сурат мегирад.

Замин **мӯъҷиза** ва **неъматест**, ки аз ҷониби **Худованд** ба инсон, барои тасарруф ва ташкил намудани ҳаёти инҷаҳонӣ бахшида шудааст. Тасарруфи замин ҳамчун соҳибию истифода сурат гирифта, ботадриҷ шакл ва намудҳои мухталифи моликиятро (аз давраи **Ҳазрати Одам** то имрӯз) ба вуҷуд овардааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки муносибатҳои моликиятдорӣ нисбат ба замин, аз ҷумлаи асоситарин муносибатҳо мебошанд. Дар ибтидо муносибатҳои соҳибӣ ва истифодаи замин, ҳамчун объекти моликияти бо ном коллективӣ (гурӯҳӣ, авлодӣ, қавмӣ) ё худ общинагӣ, минбаъд моликияти давлатӣ ва моликияти хусусӣ қарор гирифтаанд.

**Моликияти хусусӣ** асоси таҳрикдиҳандаи иқтисоди бозорӣ мебошад. Охирон, на фақат дар ҳолати сад дар сад ҳукмрон будани моликияти хусусӣ, балки дар шароити ба давлат тааллуқ доштани замин низ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфта метавонад. Имрӯз дар қисми зиёди мамлакатҳои фавқулривоҷёфта моликияти давлатӣ будани замин ба чашм мерасад.

Таҷрибаи давлатдорӣ нишон медиҳад, ки моликияти хусусӣ ба замин бо **роҳҳои** гуногун ба вуҷуд омада метавонад:

- ғорат ва тақсим кардани замин;
- қисман харида гирифтани моликияти хусусӣ (замин) аз ҷониби соҳибони пештараи замин;
- қисман ё худ пурра харида гирифтан аз моликони асосии замин;
- ба иҷора барои истифодаи муваққатӣ ё худ доимӣ пешниҳод кардани замин;
- ройгон (бепул) тақсим карда додани замин ва ба ивази он танҳо гирифтани андоз ва ғайра.

Моликияти калони хусусӣ, вобаста ба сират ва хислатҳои тамсилаҳои низомҳои иқтисодӣ бо ду **тарз** ба вуҷуд омада метавонад:

- **мусодира кардани замин** – бо роҳи аз соҳибони замин кашида гирифтан ва минъбад милликунонию ба моликияти давлатӣ табдил додани замин;
- **мусодира кардани замин** ва ба ихтиёри деҳқонон вогузоштани он.

Тибқи моддаи 13–уми Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин, таркиби он, захираҳои табиат ва ғайра моликияти давлатӣ мебошанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодиро таъмин менамояд, барои ҳифзи ҳуқуқи ҳамагуна шакли моликият, аз он ҷумла, шаклҳои гуногуни моликияти хусусӣ дар хоҷагии қишлоқ кафолат медиҳад.

Интихоби шакли хоҷагидорӣ вобаста ба шакли тамарказа истеҳсолот, хусусиятҳои технологӣ, кооперативонӣ, мавзеи ҷойгирифтаи қитъаи замин, кӯшишҳои деҳқонон, амиқии робитаи байни тавлидгару истеъмолгар, дигаргунсозиҳои таркибию иҷтимоӣ ва ғайра ҳархела сурат мегирад.

Таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи кишоварзӣ, вобаста ба шаклҳои низомҳои иқтисодӣ ва ашколи моликият, шакл ва намудҳои мухталифи хоҷагиҳо ба монанди:

- хоҷагиҳои фермерӣ;
- хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- кооперативҳо;
- ширкатҳои саҳҳомӣ;
- хоҷагиҳои иҷоравӣ;
- комплексҳои аграрию саноатӣ (КАС), комплексҳои озуқаворӣ;
- иттиҳодияҳо, агробизнес ва ғайра истифода карда мешаванд.

Дар доираи давлатҳои собиқ Шӯравӣ бештар шаклҳои корхонаҳои давлатӣ (совхоз, госхоз, лесхоз), колхоз, КАС ва ғайра истифода карда мешуданд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар натиҷаи тадбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, хусусан ислоҳоти аграрӣ – тадбирҳо оиди ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликият, қабули қонунҳои гуногуни иқтисодӣ, қабули барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат оиди дигаргунсозии иқтисодиёт ва дигар чорабиниҳо ба вуҷуд омада инкишоф меёбанд.

### 3. Муносибатҳои рентавӣ: нигоҳ аз диди таърих ва имрӯз

Муносибатҳои рентавӣ ҳамчун маҳсул ва натиҷаи интиҳоии муносибатҳои кишоварзӣ ва ашколи моликият ба замин ба вуқӯъ мепайвандад.

**Мақсади интиҳои**и истеҳсолоти кишоварзӣ ба даст овардани даромад (рента) аз замин мебошад. Замин ба сифати ашёи меҳнат, омили истеҳсолот (захираи истеҳсолӣ), сарчашмаи тавлиди неъматҳову хадамот хизмат мекунад. Замин мӯҳлати муайяни хизмат надорад. Ҳаҷми он маҳдуд ва бетағйир буда, аз нав таҷдид ва тавлид карда намешавад. Он ҳамчун маҳсули омили табиат, беҳаракат буда, аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчонда намешавад. Ҳосилхезии ҳар қитъаи замин, ҷойгиршавии он нисбат ба бозор ҳархела буда, таҳти таъсири меҳнати инсон, бо таври сунъӣ метавонад тағйир ёбад ва сатҳу дараҷаи даромади гуногунро таъмин намояд.

Кулли ин хусусиятҳои замин ва муносибатҳо оиди соҳибӣ кардан, истифода ва азони худ кардани замин, тавлиду тақсим кардани замин ва даромади аз он ба даст овардашуда, муносибатҳои рентавиро ба миён меоваранд. Бо ибораи дигар, даромад аз замин шакли рентаро мегирад.

Масоили мазкур аз давраҳои қадим то ин ҷониб мавриди таҳлил ва тадқиқоти махсус қарор дорад. Аз нигоҳи илмӣ, масоили рента ва муносибатҳои рентавӣ аз ҷониби классикони иқтисоди сиёсӣ (А. Смит. Д. Рикардо, К. Маркс.) сурат гирифтааст.

Классикони иқтисоди сиёсӣ аввалин шуда, исбот намуданд, ки сарчашмаи ба вуҷуд омадани даромад (рента) аз заминро масраф (хароҷот)-и иловагии меҳнат ба заминҳои нисбатан камҳосил ташкил медиҳад. Қонунҳои иқтисодӣ низ дар соҳаи кишоварзӣ ва ташкилу ташаккули муносибатҳои рентавӣ амал ва иштирок менамоянд. Муносибатҳои рентавӣ хислати хоси ҳамаи тарзҳои истеҳсолот буда, тибқи муносибатҳои «дастаи ҳуқуқ»-и моликият ҳархела сурат мегиранд. Масалан, рента дар шароити ғуломдорӣ дар шакли маҳсулот – ҳамчун натиҷаи меҳнати ғулом; феодализм – рентаи пулӣ (натиҷаи меҳнати изофаи деҳқонони озод); капитализм – рентаи капиталистии замин (рентаи тафриқавӣ (дифференсиалӣ), рентаи мут-

лақ, рентаи монополӣ) – ҳамчун натиҷаи меҳнати коргарони кироя ва ғайра таҳлил ва тавсиф карда шудааст.

Ҷонибдорони К.Маркс ақида ба он доранд, ки сарчашмаи рентаро қисми даромад ё худ фоидаи аз замин ба даст овардашуда (қисми табдилёфтаи арзиши изофа) ташкил медиҳад. Он ҳамчун натиҷаи меҳнати изофаи коргар, аз ҷониби капиталисти иҷорагири замин ва соҳиби замин (капиталист) аз худ карда мешавад.

Қисме аз намояндагони мактабҳои иқтисодии муосир (марҷинализм) ақида доранд, ки сабаби асосии ба миён омадани рентаи заминро хусусиятҳои табиии худи замин ташкил медиҳад.

Капиталист соҳиби замин ва капиталисти иҷорагир худ аз худ захираи иқтисодӣ буда наметавонанд. Ба сифати захира - сармояи ҷисмӣ ва худи замин иштирок мекунанд. Сарчашмаи рентаро замин, қувваи коргарӣ ва фоизи қарз ташкил медиҳад.

Марксизм ду намуди рента – рентаи тафриқавӣ ва рентаи мутлақ ва равияи марҷинализм-рентаи мӯътадил (нормалӣ) ва рентаи иқтисодиро эътироф мекунанд.

Бояд махсус қайд намуд, ки рентаи тафриқавӣ (тафовутнок) ва рентаи иқтисодӣ қариб дар як маъно тасаввур карда мешаванд. Дар ҳарду ҳолат – рентаи тафриқавӣ ба ду намуд: рентаи тафриқавии тартиби I ва II ҷудо мешавад.

Ба сифати **шароитҳои** ба вуҷуд омадан ва ташкилу ташаккул ёфтани онҳо унсурҳои зиёде номбар карда мешаванд:

1. **Рентаи тафриқавии тартиби I:**
   а ...ҳамчун натиҷаи ҷойгиршавии ҳархелаи қитъаҳои замин;
   б ...ҳамчун натиҷаи ҳосилхезии табиии замин.
2. **Рентаи тафриқавии тартиби II** – натиҷаи бо таври сунъи танзим ва беҳтар кардани тарз ва услуби коркарди замин.
3. **Рентаи мутлақ** – натиҷаи таркиби (структура) баланди сохти узвии сармоя дар соҳаҳои коркардабарорӣ саноат, нисбат ба соҳаҳои хоҷагии қишлоқ.
4. **Рентаи иқтисодӣ** – натиҷаи маҳсулоти изофаи бо пул ифода ёфта, ё худ ҳаҷми бурд (даромад) нисбат ба арзиши алтернативии захираҳои пешниҳодшаванда ва ғайра.

Дар шароити ҳозира, таҳти «рента» даромад аз истифодаи замин ҳамчун даромад аз хизматрасоии ҳамагуна омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, меҳнат) тасаввур карда мешавад.

Таҳлили ҳамагуна назарияҳои мавҷуда оиди рента ва муносибатҳои рентавӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста ба хусусиятҳои фарққунанда онҳо зери таъсири чунин шароитҳои умумӣ қарор дошта метавонанд:

- мавҷуд будани фарқият дар:
  а) дараҷаи ҳосилхезии қитъаҳои гуногуни замин;
  б) ҷойгирщавии онҳо нисбат ба бозори фурӯш;
  в) маҳсулнокии гузориши сармояи иловагӣ ба замин;
- маҳдуд будани замин, алалхусус заминҳои беҳтарин ва заминҳои бад (камҳосил);
- зери таъсири қоидаҳо ва механизми бозор (арза, тақозо, рақобат, нарх, ҳукмронии монополияҳо), фишангҳои молиявию қарзӣ, пулию асъорӣ ва усулҳои рушди экстенсивӣ (мунбасит) ва интенсивӣ (ташдид) қарор гирифтан[1].

## 4. Сиёсати аграрӣ ваислоҳотҳои кишоварзӣ

**Сиёсати аграрӣ** мустақиман ба ҳалли масъалаҳои ҳозира ва дурнамои мамлакат, яъне тактика ва стратегияи сиёсати иқтисодии давлат, қонуну қонунгузориҳои ҳукумат, қарору қарордодҳои субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ алоқаманд буда, ҳамчун кулли тадбир, усул ва услубҳои махсус оид ба ташкил ва ташаккули муносибатҳои кишоварзӣ (шакли моликият, соҳибӣ ва истифодаи замин), муносибатҳои рентавӣ (тавлиди даромад (рента), тақсим ва истифодаи он), шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ, амиқ гаштани равобити иқтисодӣ, амалигардонии масоили умдаи иқтисод ва қонеъ гардондани талаботи инсону ҷамъият баланд бардоштани сатҳу рифоҳи инсону ҷамъият сурат мегирад.

---

[1] Ниг. А. Эргашев, Ҳ. Мухадбердиев. Курси назарияи иқтисодӣ. Микроиқтисод. Душанбе, 2003, саҳ.450-466

Зарурати объективан бунёду инкишоф ва амал намудани сиёсати аграрӣ, бевосита аз хусусиятҳои муносибатҳои кишоварзӣ ва рентавӣ бар меояд. Соҳаи кишоварзӣ хислатҳои зеринро дорост:

- дар бештари давлатҳо заминдорӣ ҳамчун соҳаи асоситарин дар ҳалқаи хоҷагии халқ эътироф карда мешавад. Дар он қисми зиёди даромади аҳолӣ бо мақсади харидани маҳсулоти озуқаворӣ ва қонеъ гардондани талаботи истеъмолию истеҳсолӣ (ашёи хом) истифода карда мешавад;
- ба сифати манбаи асосии содироти мамлакат хизмат мекунад;
- бидуни мавҷуд будани барномаи ягонаи давлат амал мекунад;
- суръати афзоиши он нисбат ба дигар соҳаҳо тағйирёбанда (пасту баланд) буда, сатҳ ва дараҷаи инкишофи иқтисодиёти миллиро муайян менамояд;
- зери таъсири омилҳои табиӣ, омилҳои иқтисодӣ, сатҳу дараҷаи пешрафти илму техника, инкишофи соҳаҳои истеҳсолоти моддию ғайримоддӣ, ҳавзаҳои молиявию қарзӣ, андозу андозбандӣ, таърифаҳои гумрукӣ, нарху нархгузорӣ ба воситаҳои истеҳсолот, нархҳои тафовутноки харидкунии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ҳархела будани ҳосилхезию ҷойгиршавии замин нисбат ба бозор ва ғайра қарор дорад;
- нисбатан чандир буда, ҳангоми амиқ гаштани давраҳои силсилаҳои иқтисодӣ (бӯҳрон, рукуд, ҷунбиш, равнақ), ҳаҷми пешниҳоди воситаҳои инвеститсионӣ аз ҷониби ширкатҳову бонкҳо (дар шакли техникаю қарзҳо), харидкунии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, сиёсати ширкатҳои фаромиллатӣ ва ғайра таҳти истисмор қарор гирифта, аз қисми даромади худ маҳрум мегардад;
- нисбатан амиқ будани сатҳи рақобат, паст будани сатҳи рақобатпазирӣ, сахт будани назорати таъмингарони техника ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ,

мавҷуд будани мубодилаи нобаробар, сустҳаракатии воситаҳо (маҳдуд будани қобилияти замин) ва ғайра.

Кулли ин муносибат ва муаммоҳо тақозо менамояд, ки давлат раванди танзим ва идораи соҳаҳои кишоварзиро ба ӯҳдаи худ гирад. Дахолати давлат ҳамчун сиёсати аграрӣ сурат гирифта, барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ, ривоҷу равнақ додани соҳаҳои асосии он, таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо озуқа ва соҳаҳои хоҷагии халқ бо ашё пешбинӣ карда мешавад. Он ҳамчун барномаҳои махсуси давлатӣ, сармоягузорӣ барои ихтирооту навовариҳо, техникаю технологияи кишт, коркарди маҳсулот, ташкили стансияҳои таҷрибавӣ, институт ва лабораторияҳои махсуси илмию тадқиқотӣ,пешниҳоди методӣ, нуриҳои минералӣ, мубориза бар зидди ҳашарот, сохтани роҳҳо, пулҳо, таъмини боркашонӣ, пешниҳоди барномаҳо ва қонунҳо оиди ҳифзи обу табиат, хоҷагиҳои фермерӣ, танзими нарху даромад, ҳаҷми тавлиду фурӯши маҳсулот, ҳифзи хок (замин), таъмини қарз, суғуртаи ҳосил, подоши зарар ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

**Дигаргунсозиҳои инқилобӣ** дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун унсури асосии масъалаҳои аграрии давлат, дар шароит ва ҳолатҳои муайян: анҷом ёфтани ҷангҳо, табдили тарзи истеҳсолот, табдили шакли моликият ба замин ва дар асоси он ташкил намудани шаклҳои навтарини хоҷагидорӣ, қатъиян шикаст ва нест кардани муносибатҳо оиди соҳибӣ, истифода, азхудкунӣ, идора ва танзими замин сурат мегирад.

Тағйирот ва дигаргунсозиҳои ҷузъӣ, одатан бо воситаи гузаронидани ислоҳот ба роҳ монда мешавад. **Ислоҳотҳои аграрӣ** ҳамчун узв ва унсури асосии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, ташкили шаклҳои мусоид ва самарабахши механизми кунунии хоҷагидорӣ (комплексҳои аграрию саноатӣ, комплекси озуқаворӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳо, ширкатҳои саҳҳомӣ, ассотсиатсияҳои деҳқонӣ, агробизнес) нигаронида мешавад.

Сиёсати аграрӣ ва ислоҳоти аграрӣ бидуни назардошти ислоҳоти низоми ҳавасмандгардонии ҳавзаҳои молия, қарз, андоз, асъор, нарху нархгузорӣ ва ғайра имконнопазир мебошад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Мезоиқтисод чист ва он дар қисмати «Назарияи иқтисод» кадом нақш ва мавқеъро ишғол менамояд?
2. Назарияи кишоварзӣ кадом сифат ва хусусиятҳои соҳаи кишоварзиро ифода мекунад?
3. Нақш ва мақоми соҳаи кишоварзӣ дар низоми ягонаи хоҷагии халқ дар чӣ зоҳир мегардад?
4. Ягонагии моликият ва муносибатҳои кишоварзиро чӣ тавр тасаввур мекунед?
5. Муносибатҳои кишоварзӣ бештар дар асоси кадом шакли моликият ташкил карда мешавад? Онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонда диҳед?
6. Кадом шаклҳои хоҷагидорӣ дар давраи собиқ Шӯравӣ ва давраи ҳозира дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи вуҷуд карда, аз байн рафта, аз нав пайдо шудаанд?
7. Муносибатҳои рентавӣ чиро ифода мекунанд?
8. Кадом шаклҳои рентаро медонед ва онҳоро чи тавр маънидод карда метавонед?
9. Нархи замин аз кадом омилҳо вобастагӣ дорад ва он чӣ тавр муайян карда мешавад?
10. Сиёсати аграрӣ таҳти кадом омилҳо қарор дошта, аз ҷониби кӣ дар кадом шакл ва кадом мақсад истифода карда мешавад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Замин – омили истеҳсолот.
2. Моликият ба замин ва хусусиятҳои ташкилу татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Рентаи иқтисодӣ, моҳият ва хусусиятҳои ташкили он
4. Рентаи монополӣ ва рентаи мутлақ
5. Ислоҳоти аграрӣ, марҳалаҳои инкишоф ва хусусиятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Кадоме аз ин қисматҳои илми «Назарияи иқтисод» муносибатҳои кишоварзиро бевосита ифода мекунанд?**

а) микроиқтисод;
б) мезоиқтисод;
в) медиумиқтисод;
г) макроиқтисод;

**2. Муносибатҳои кишоварзӣ ҳамчун сарҷамъи чунин муносибатҳо ташкил мегардад:**

а) Муносибатҳо оиди тавлид, тақсим ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ;
б) Раванди ягонаи ба ҳам пайваст намудани муносибатҳои кишоварзӣ бо «дастаи ҳуқуқ»-и моликият;
в) Ташкили шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ дар хоҷагии қишлоқ;
г) Қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ бо маҳсулот ва саноат бо ашёи хом;

**3. Моликият ба замин чунин унсурҳоро дар бар мегирад:**

а) муносибатҳо оиди соҳибӣ ва истифодаи замин;
б) муносибатҳо оиди азонихудкунӣ, дурсозӣ ва идораю танзими замин;
в) ба вуҷуд овардани замина, таъмини шароит ва ташкили шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ;
г) кули бандҳои: а, б, в; а, б; б, в. (нодурусташро хат занед).

**4. Мантиқан кадоме аз ин шаклҳои моликият, аз нигоҳи баҳодиҳии «дастаи ҳуқуқ» дар хоҷагии қишлоқ паи ҳам бавуҷудомада, минбаъд густариш ёфтаанд?**

а) моликияи коллекивӣ (гурӯҳи, авлодӣ…), моликияти давлатӣ, моликияти хусусӣ;
б) моликияти хусусӣ, моликияти ҷамъиятӣ (давлатӣ), моликияти муштарак (омехта);
в) моликияти давлатӣ, хусусӣ, кооперативӣ;
г) кулли бандҳои: а, б, в; а, б; б, в; а. (нодурусташаро хат занед, дурусташро боқӣ гузоред).

**5. Кадоме аз ин шаклҳои рента хислати хоси форматсияҳои ғуломдорӣ, феодалӣ ва капиталистӣ мебошанд?**

а) рентаи маҳсулотӣ (натуралӣ) - хислати хоси форматсияи ………………. мебошад;

б) рентаи тафриқавӣ (дифференсиалӣ), рентаи мутлақ, монополӣ – хислати тарзи истеҳсолоти…….. мебошад;

в) рентаи коркардадиҳӣ, маҳсулотӣ (натуравӣ) хислати хоси ҷомеаи …………………мебошад;

г) кулли бандҳои а, б, в хислати соф ҷамъияти сотсиалистӣ мебошанд.

**6. Кадоме аз ин ақидаҳо ба К. Маркс, равияи марҷинализм ва намояндагони муосири иқтисодӣ тааллуқ доранд?**

а) сарчашмаи рентаро – замин, қувваи коргарӣ ва фоиз ташкил медиҳад. Ин назарияи …………………… мебошад;

б) сарчашмаи рентаро – қисми даромад (фоида), яъне қисми табдилёфтаи арзиши изофа ташкил медиҳад Ин назария ба ……….. тааллуқ дорад;

в) рента ҳамчун даромаде, ки аз хизматрасонии ҳамагуна омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, меҳнат…) ба вуҷуд меояд тасаввур карда мешавад. Ин ақидаи ………… мебошад.

г) бандҳои а, б, в ҳақиқатнопазиранд (дуруст нестанд).

**7. Новобаста аз фарқияти назарияҳо муносибатҳои рентавӣ ва кишоварзӣ таҳти кадом шароит ва услубҳои умумӣ қарор дошта метавонанд?**

а) гуногунии ҳосилхезии замину ҷойгиршавии он нисбат ба бозор ва маҳсулнокии гузориши сармояи иловагӣ ба замин;

б) зери таъсири услубҳо ва механизми бозор қарор доштан;

в) зери таъсири фишангҳои молиявию қарзӣ ва пулию асъорӣ амал кардан;

г) бандҳои зер дурустанд: а, б, в; а, б; б, в; а, в. (нодурусташро хат занед).

**8. Сиёсати аграрӣ ҳамчун зуҳур ва натиҷаи унсурҳои зер сурат мегирад:**

а) сиёсати иқтисодии давлат;
б) хусусиятҳои муносибатҳои кишоварзӣ ва рентавӣ;
в) ҳалли масоили умдаи иқтисод ва қонеъ гардондани талаботи субъектҳои иқтисодӣ;
г) ҳамгироии соҳаҳои саноатию кишоварзӣ.

**9. Сиёсати аграрӣ, ғайримустақим аз ҷониби кадоме аз ин субъектҳои иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад?**

а) давлат ва сохторҳои гуногуни давлатӣ (ҳукумат);
б) худи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ;
в) ширкатҳои бузурги саноатӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ
г) агент ва институтҳои алоҳидаи иқтисодӣ.

**10. Ислоҳоти иқтисодӣ бо кадом роҳ ва унсурҳо гузаронида мешавад?**

а) тибқи қонун, фармон ва супоришҳои сохторҳои давлатӣ;
б) тибқи усули револютсионӣ ва эволютсионӣ (ислоҳотӣ);
в) тибқи дархост ва қарордодҳои моликони замин;
г) кашида гирифтан, мусодира намудан ва ба деҳқонон супоридани замин.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Азизов Ф., Муҳадбердиев Ҳ. ва дигарон, Курси Назарияи иқтисодӣ. Бобҳои 8, 9. Микроиқтисод. Хуҷанд, 2009.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми аввал. Боби 15 § 1, 2, 3, 4. Душанбе, «Паёми ошно» 2006.
3. Б. Исоматов, Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Мавзӯҳои 11; 21. Душанбе, 2003.
4. Б. Исоматов, Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М., Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Мавзӯҳои 11; 21. Душанбе, 2003.
5. Носова С.С. Экономическая теория. Гл. 20. Учебник. М., 2000
6. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисодӣ. Бобҳои 15, 16. Душанбе, 2003

# БОБИ 18.
# ИҚТИСОДИЁТИ СОҲАВӢ. МАВҚЕИ ТИҶОРАТ ДАР ИҚТИСОД

## I. <u>НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:</u>

1. Таснифи мухтасари иқтисодиёти соҳавӣ.
2. Тиҷорат ва сармояи тиҷоратӣ.
3. Хусусиятҳои ҳаракати сармояи тиҷорат.
4. Мавқеи тиҷорат дар иқтисодиёти миллӣ.
5. Шаклҳои ҳозираи тиҷорат.
6. Тиҷорат ва ҳаётгузаронии боосоиши мардумон.
7. Мавқеи иттиҳоди «Тоҷикматлубот».

## II. <u>НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:</u>

1. Мавқеи монополияҳо ва корпоратсия (ширкат)-ҳои калон дар иқтисоди миллӣ.
2. Таснифи иқтисодиёти соҳавӣ
3. Сармояи тиҷоратӣ. Хусусиятҳои ҳаракати он.
4. Тиҷорати имрӯзаи Тоҷикистон.
5. Мақсадҳои иттифоқи «Тоҷикматлубот».

### 1. Таснифи мухтасари иқтисодиёти соҳавӣ

Пас аз таҳлилу омӯзиши иқтисодиёти хурд баъзеҳо ба хулоса меоянд, ки ҷомеаи бозоргонию сармоядорӣ ҳамчун маҷмӯи корхонаҳои (фирмаҳои) сершумори хурду миёна фаъолият дошта метавонад. Ин нишондод дар таърихи тамаддун воқеан ҳам то асри XIX ҳамаҷонибаю сареҳ буд. Аммо аз миёнҳои он аср зери таъсири пешрафти илмию техникӣ ва инкишофи босуръати иқтисодиёти мамолики пешқадами Аврупо вазъият тадриҷан тағйир ёфтан мегирад. Рақобати комил дар ҳукмронии ҳамаҷониба қарор дошта, дар ҷараёни равиши он коргоҳҳои хурду миёна бо ҳар роҳу васила тарафт фоидаашон-

ро зиёд гардонида, ҳаҷман ҳам афзоиш меёфтанд. Ин гуна натиҷагирӣ ҳамчун оқибати ду ҷараёни намоён дар иқтисодиёт:

а) Марказият ёфтани сармояву истеҳсолот.

б) Калоншавии дохилии фирмаҳо (консентратсия) - ба амал омада метавонист. Дар воқеияти ҳаётӣ равияи аввал калоншавии фирмаҳоро аз ҳисоби сарчашмаҳои берунӣ ва равияи дуюм худи ҳамин гуна ҷараёнро аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии фирмаҳо ва ё андӯхти сармоя мефаҳмонид.

Равияи сеюми ҳаҷман калон шудани фирмаҳо аз ҳисоби ташкилёбии сармояи саҳҳомӣ ва ба таври васеъ паҳн шудани ширкатҳои саҳҳомӣ ба амал омада буд. Саҳмдорони зиёд дар як ҷой гирд омада, маблағҳои калонро барои сохтмони роҳҳои оҳан, коргоҳҳои ҳаҷман хеле калони истихроҷи маъданҳо ва амсоли инҳо истифода мебурданд. Дар оқибати ин равишҳо фирмаҳое пайдо шуда буданд, ки ҳаҷми сармояашон аз сармояи садҳо ва ҳазорҳо коргоҳҳои хурду миёна ҳам зиёд буданд. Шояд ин равишро ба зинаи камолот гузаштани иқтисодиёти сармоядорӣ ҳисобидан ҷоиз бошад.

Коргоҳҳои нави калон, ширкатҳои саҳҳомӣ ҳаҷми калону назарнамои истеҳсолоти молҳову хизматҳоро дар як ҷой гирд оварда, бо ҳамин роҳ ба онҳо мавқеи нисбатан хеле мусоиди фоидаситониро таъмин карда метавонистанд. Чунки онҳо бо иқтидори беназири худ қувваи ҳукмронии мутлақро ба даст гирифта, номи монополияҳо ё фирмаҳои инҳисориро соҳиб мешуданд. Ин гуна воҳидҳои фаъолияти иқтисодӣ ба соҳаҳои фаъолият шабоҳат доштанд. Монанди ҳамин фаъолияти соҳаҳои ҷудогонаи иқтисодиёти мамлакатҳо ҳам дар риваҷу равнақ ва амалкарди воқеии худ ба ширкатҳои саҳҳомии калон ҳамонанд буда, равишҳои якхелаи иқтисодиро пешниҳод намуда метавонистанд. Ҳамин хел, дар ибтидо ба хоҷагидории сармоядорию молӣ шумораи хеле зиёди коргоҳҳои хурду миёна мансуб бошанд, дар марҳилаи дигар ширкатҳои калони саҳҳомӣ ва коргоҳҳои намоёну соҳавӣ ба фаъолият мерасанд. Ин қабил коргоҳҳо ҳам ба иқтисодиёти хурд мазмунан мувофиқ буда, ба ҳусну буду боши макроиқтисод таъсири назаррас расонида метавонанд. Яъне соҳаи тиҷорат низ як узви иқтисодиёти ҷомеаро пешниҳод карда метавонад. Аз ин боис, акнун ба таснифи он мегузарем.

## 2. Тиҷорат ва сармояи тиҷоратӣ

Тиҷорат ё мубодилаи маҳсули меҳнати мардумон дар ҳолати ҷой доштани тақсимоти ҷомеагии меҳнат амри ногузир мебошад. Хоҷагиҳои омодакунандаи маҳсулотро барои таъмини талаботи дохилии худ хоҷагиҳои натуралӣ (маҳсулотӣ) номидаанд. Дар рафти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва пайдо шудани тахсисонии истеҳсолот ин гуна хоҷагиҳо ба хоҷагиҳои молӣ табдил меёбанд. Зери мафҳуми хоҷагиҳои молӣ ҳамон гуна коргоҳҳоеро мефаҳманд, ки дар ҳолати тахсисонида шудан коргоҳ микдори нисбатан зиёди маснуоти якхеларо тавлид менамояд, ки таъиноти мубодилавиро доро мебошад. Яъне ин гуна маснуот пешакӣ ба мубодила бо воситаи бозор таъин шудаанд. Истеҳсолгарони ин молҳо бо шарте фаъолияти тавлидгарии худро давом дода метавонанд, ки агар пеш-пеш ҳиссаи маснуоти ба истеъмол омода кардаашонро фурӯхта ва ё мубодила карда тавонанд. Қатъ ёфтани мубодила барои ин гуна коргоҳҳо қатъ ёфтани фаъолиятро мефаҳмонад. Ҳамин хел, шарти заруриву ногузири фаъолияти хоҷагиҳои молӣ пай дар пай ба фурӯш пешниҳод кардани молҳои тайёр мебошад. Коргоҳҳои мазкур бо таъиноти иҷрои ин шарт фаъолияти мақсадноку бурдборонаи худро давом бахшида метавонанд.

Ҳамин тавр, дар назари мо ҳанӯз замонҳои қадим (3-4 ҳазор сол пеш аз ин) душворию зиддиятҳои мубодилаи молҳо боиси ҳамон мегарданд, ки дар байни коргоҳҳои тавлидгарии молҳову неъматҳо ва истеъмолгарони ин молҳо ашхоси ҷудогонае ба фаъолият мерасанд. Ин ашхос вазифаи миёнаравии байни истеҳсолоту истеъмолотро ба ӯҳдаи худ гирифта, номи савдогарон ё тоҷиронро соҳиб мешаванд.

Мубодилаи молӣ, ки шакли воқеии он тиҷорат ё савдо мебошад, ҳамчун роҳу василаи ба ҳамдигар пайванд кардани истеҳсолоту истеъмолот хизмат карда меояд. Баъзан гумон мекунанд, ки тиҷорат аз истеҳсолот ҷудову берун мебошад. Ҳарчанд тиҷорат ҷабҳаи ҷудогонаи фаъолияти одамон аст, аммо амали истеҳсолгарии мардумон дар зинаи болотари инкишоф бидуни тиҷорат ҷой нахоҳад дошт. Яъне бурду бохти воқеии истеҳсолоти ҷамиятӣ ба туфайли тиҷорат мақсаду мароми

даркориро соҳиб гардида, ҳамчун мададгору мусоидаткунандаи истеҳсолот хизмат менамояд.

Дар ҷомеаи кунунӣ мавриди таҳлилу омӯзишҳои илмӣ истеҳсолоту тиҷоратро аз ҳамдигар ҷудо месозанд ва ҳамчун соҳаву ҷабҳаи алоҳидаву мухталиф ба тасвир меоваранд. Аммо дар воқеияти ҳаётӣ онҳоро аз ҳамдигар ҷудо сохтан имкон надорад. Чунки тиҷорат соҳаи ба анҷом расонандаи фаъолияти тавлидгарии истеҳсолот мебошад. Монанди ҳамин ҳанӯз Карл Маркс ҳам нишон медод, ки сармояи тиҷорат яке аз шаклҳои қадимтарини сармоя мебошад ва дар қатори сармояи судхӯрӣ фаъолият бурда меояд. Албатта, дар худи ҳамин ҷо бояд қайд кард, ки фаъолияту ҳаракати сармояи тиҷоратӣ мақсаду маром ва хусусиятҳои фарққунандаи ҳаракати худро доро мебошад.

### 3. Хусусиятҳои ҳаракати сармояи тиҷоратӣ

Мувофиқи маълумоти таърихӣ 3-4 ҳазор солҳо пеш аз ин дар даврони равнақи «Роҳи бузурги абрешим» аҷдодони халқи тоҷикро касби тиҷоратгарӣ писанд омада, онҳо дар байни чиниҳои ихтироъкору истеҳсолгари абрешим ва мамолики ғарби ба ин неъмат эҳтиёҷдошта миёнаравиро пеш гирифта буданд. Яъне аз рӯи ривояту далелҳои таърихи гузашта аҷдодони халқи тоҷик ҳамчун мардумони афзалан шаҳрнишин роҳи миёнаравию тиҷоратгариро пеш гирифта буданд. Ин ҳолат онҳоро водор месохт, ки натанҳо фарҳанги волои худро ба вуҷуд оваранд, балки аз паи донишу омӯзиш шуда, фарҳанги халқҳои дигарро низ ба таври бояду шояд омӯзанд ва корбурд намоянд. Дар назари мо амали тиҷоратгарии судманд танҳо бо шарти пешбурди мутобиқи илму фарҳанг имконпазир мегардид. Аз ин боис ҳам, ҳаёти шаҳрнишинӣ дар ин сарзамин хеле барвақттар назар ба дигар мавзеъҳои қитъаи замин зарурати тиҷоратгариро ба миён оварда метавонист. Чунки шаҳрнишинон дар ҳиссаи зиёд ба ҷои истеҳсолоти кишоварзӣ фаъолияти тиҷоратгариро корбурд мекарданд. Чунонки дар боло хотирнишон намудем, тиҷорат хислатҳои фарққунандаи худро дорад. Вай молҳову неъматҳоро тавлид намесозад, аммо дар ин ҷараёну равишҳо таъсири намоёне дорад.

Молҳо мавриди саривақт ба фурӯш нарафтан ҳамчун монеаи пешрафти тавлидгарӣ хизмат карда метавонанд. Аз ин боис ҳам, муносибатҳои бозоргонии ҷомеа дар ҳиссаи намоён ба пешрафту равнақи иқтисодиёти ҷомеа мададгорию кӯмакрасонӣ мекунанд. Шояд исботи ин ҳолатро дар ҳамон дучор омадан имконпазир бошад, ки ҳанӯз дар даврони қадим тиҷорати баҳрӣ давлатҳои лаби баҳри Миёназаминро ба такони калону пешрафти намоён ҳидоят карда буд. Дертар дар даврони эҳё бошад, равнақи тиҷорати баҳрӣ давлатҳои соҳили Аврупо ва Британияи Кабирро босуръат пеш бурда, ҳамчун яке аз сабабҳои намоёни ба мавқеи ҷаҳонӣ соҳиб шудани онон гардид. Дар даврони қадим ва асрҳои миёна сармояи тиҷоратӣ сатҳи баланди фоидаситониро таъмин намуда, бо ҳамин васила давлатҳои бо тиҷоратгарӣ шуглварзандаро ба сатҳи хеле баланди дороию сарват ва пешрафт расонида буд.

### 4. Мавқеи тиҷорат дар иқтисодиёти миллӣ

Чунонки дар қисмати гузашта таъкид карда шуд, ривоҷу равнақи тиҷорати барвақттар боиси ба арсаи намоёни таърихии ҷаҳон ворид гардидани як қатор мамлакатҳову давлатҳо гардидааст. Ҳарчанд қайд кардан зарур аст, ки натиҷаву самараи тиҷорат доимию муназзам буда наметавонад. Балки вай амалан хислати муваққатию даргузарро доро мебошад. Зеро ки тиҷорат худ як равишу ҷараёни ноустувор ва зиддиятноке мебошад.

Пеш аз ҳама ҳолати зиддиятнокии тиҷоратро мо дар ҳамон дучор омада метавонем, ки тиҷорат ду тарафи бо ҳамдигар муқобилистодаро дарбар мегирад:

1) тарафи аввал – фурӯшгорӣ;
2) тарафи дуввум – харидорӣ.

Тиҷорати воқеии иқтисодиёти миллӣ аз фурӯшгории коргоҳҳои (фирмаҳои) тавлидгарии маҳсулот оғоз мегардад. Тоҷирон молҳоро аз ҳунармандон, саноатчиёну кишоварзон харидорӣ карда, онро ба миёнаравҳои дигар ё истеъмолгарон ва ё фурӯшгарони хурд (майда) мефурӯшанд. Ҳамин тавр, моли

тавлидшуда пеш аз он ки ба истеъмолгари бевосита расонида шавад на як бору дубор, балки шояд маротибаҳои зиёдтаре фурӯхта мешавад. Дар ҳолати мӯътадил чӣ қадар зинаҳои мобайнию карати фурӯши молҳо зиёдтар бошад, нархи онҳо тақрибан ҳамон қадар баланд шуда метавонад. Аммо дар замони мо имконоти фурӯши якчанд карата афзуда, баръакс, маҳдуд кардани шумораи ин амал душвор мегардад. Бинобар он ҳам, нархи молҳо маҳз аз ҳисоби ҳамин амали фурӯшгории такрорию миёнаравии ривоҷёфта тамоили баланд шуданро ба худ гирифта меояд.

Илова бар он, тиҷорат харидорону фурӯшгарони ба ҳамдигар муқобилистодаро дар бар мегирад, ки ҳар яке аз онҳо манфиати иқтисодии худро ҷуста, кӯшиши бар нафъи худ тағйир додани нархро пеш мегиранд. Ғайр аз он, фурӯшгарон ва харидорони молҳои якномаю таъиноти якхела дар навбати худ шумораи зиёди мардумонеро пешниҳод мекунанд, ки дар дохили доираи фаъолияти худ ба муборизаи рақибонаи шадид кашида мешаванд. Фурӯшгарони молҳои якнома ва таъиноти якхела бо ҳамдгар рақобат карда, кӯшиши аз ҳамдигар пештар гузаштанро ҳамчун мақсад пиёда кардани мешаванд. Ин рақобат дар ҳаҷми (миқдори) молҳои фурӯхташаванда ва сатҳи нархи онҳо зуҳур ёфта метавонад. Монанди ҳамин муборизаи дохилии харидорон бошад, ба ҳамин минвол аз рӯи сатҳи нарх ва дараҷаи манфиату нафъи ҳосилшаванда рух дода меистад. Ҷамеи ин зиддиятҳо боиси ҳамон мегарданд, ки тиҷорат ривоҷу равнақ ёфта, дар навбати худ пешрафти суръатноки истеҳсолоту тавлидгарии иқтисодиёти миллиро мусоидат менамояд ва бо ҳамин васила пешрафти тамоми иқтисодиёти мамлакатро таъмин месозад. Маҳз бо ҳамин шарт тиҷорат ҳамчун шакли воқеии мубодилаи молҳову хадамот ва пешбурди таъмини тараққиёти иқтисодиёти миллӣ хизмат карда метавонад. Тиҷорат ҳамчун зинаи мобайнӣ на танҳо ба ҷараёну равиши истеҳсолот таъсир мерасонад, балки дар мавридҳои муайян марому равиши онро тағйир медиҳад, пешравию инкишофи онро таъмин месозад ва ё ба ин равиш монеъ мегардад. Мавридҳои дигар вай ҳамчун давому мададгор хизмат мекунад.

## 5. Шаклҳои ҳозираи тиҷорат

Дар замони мо ду равияи намоёнтарини тақсимбандии шаклҳои тиҷоратро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд:

I. Ҷудокунии шаклҳои тиҷорат аз нуқтаи назари марзу буми мамлакат. Дар ин раванд тиҷорати дохилию берунии мамлакат фарқ карда мешавад. Тиҷорати дар дохили масоҳати мамлакат суратгирандаро тиҷорати миллӣ номгузорӣ кардаанд. Тиҷорати берун аз марзи мамлакат ташаккулёбандаро тиҷорати берунӣ номгузорӣ кардаанд, ки дар навбати худ аз:

а) содироти молҳову хадамот;

б) воридоти молҳову хадамот иборат мебошад.

Мавридҳои таҳлилу омӯзиш тарози байни онҳоро тарози (баланси) тиҷорати берунӣ номидаанд.

Тиҷорати дар дохили мамлакат суратгирандаро мавридҳои ҷудогона тиҷорати дохилӣ ва ё миллӣ номгузорӣ карда меоянд. Баъзеҳо вайро бозори дохилии мамлакат номидаанд, ки дар навбати худ узвҳои зеринро дарбар мегирад:

1) хариду фурӯши яклухти молҳову хадамот;

2) хариду фурӯши чаканаи молҳову хадамот;

Хариду фурӯши яклухт мазмуни дар ҳаҷми калон мубодила кардани молҳоро madди назар дорад, ки амалан дар байни истеҳсолгарон ё тавлидгарони молу хизматҳо ва миёнаравон сурат мегирад. Яъне яклухтфурӯшон бо нархҳои яклухти нисбатан арзонтар молҳоро аз тавлидгарон (кишоварзону саноатчиён) харидорӣ намуда, онҳоро бо фоида ба фурӯшгарони чакана (мағозаҳо, дӯконҳо ва гайра) пешниҳод менамоянд. Мағозаҳову дӯкондорон бошанд, хароҷоту фоидаи худро ба нархи яклухти молҳо зам карда, бо нархҳои чакана онҳоро ба истеъмолгарони бевосита мефурӯшанд. Дар замони мо чунин ҳолатро ҳам дучор омадан имконпазир аст, ки молҳо на як бору ду бор, балки маротибаҳои зиёде дар байни миёнаравон хариду фурӯш шуда, пас аз он ба дасти истеъмолгарон мерасанд. Дар ин равиш нархҳо назар ба аввала хеле, баъзан 2-3 карат баланд мешаванд. Аз ҳамин боис, истеъмолгарон ба азобу шиканҷа гирифтор мегарданд.

Дар гузари мо, ки тақрибан 0,5 км роҳро дарбар мегирад 38 нуқтаи фурӯши доруворр, 4 нуқтаи фурӯши маводҳои ғизоӣ, се нуқтаҳои фурӯши таомҳо ва се нуқтаи пешниҳоди

хизмати сартарошон ҷойгир мебошанд. Имрӯзҳо дар назари мо дар ҷумлаи фаъолиятгарони иктисодиёти мамлакат 25-30% тоҷирони гуногуну ҳархеларо пешниҳод менамояд. Ин гуна ҳиссаи калони тоҷирон, ки зиёда аз нисфашон миёнаравони бевосита мебошанд, боиси хеле гарон шудани нархҳо ва аз сатҳи баланди нархҳо ба азобу шиканҷа гирифтор гардидани истеъмолгарон мешаванд. Гӯё дар назар ҷомеа аз ҷаллобони сирф иборат шуда мондааст. Ҳарчанд воқеан фаъолиятгарони соҳаҳои саноату кишоварз, сохтмону нақлиёт, таълиму табобат низ кам нестанд. Дар ҳолати аз меъёр зиёд шудани шумораи табақаи миёнаравон ҳамчун сабабгори афзуншавии нархҳо, ба вуҷуд омадани роҳу василаҳои навини фиреби мардумон, қалбкориҳо ва амсоли инҳо хизмат карда метавонанд. Бинобар он давлатро мебояд дар ин равандҳо чораҳову андешаҳо пеш гирад. Ҳоло дар Тоҷикистон шумораи ниҳоят зиёди доруфурӯшон ба мушоҳида мерасанд. Фоиданокии навъҳои алоҳидаи дорувор то 2-3 ва ҳатто 4-5 карат расонида шудааст. Давлатро мебояд, ки дар ин раванд чораҳо андешад.

## 6. Тиҷорат ва ҳаётгузаронии боосоиши мардумон

Чунонки дар саволи гузашта нишон дода шуд, ҳар қадар сафи миёнаравони мубодила афзун гардад, ҳамон қадар кӯшишу иқдомҳо нисбати ба сатҳи баланд расонидани нархҳои молҳову хизматҳо дар ҳаёти ҷомеа ба назар мерасанд. Дар оқибати ниҳоии ин гуна кӯшишҳо сатҳи нархи неъматҳо, маводҳои ғизоию хизматҳо назарнамо афзуда, дар ҳолати маҳдуд будани имконоти афзуншавии даромади мардумон, бошандагони мамлакат ба азобу душвориҳои ҳаётгузаронӣ мувоҷеҳ мегарданд. Оқибат сатҳи зиндагонии мардумон паст рафта, чораҳои давлатии афзун гардонидани сатҳи некӯаҳволии оилаҳову одамон ба ҳадаф намерасанд.

Баъзе тадқиқгарон ақида доранд, ки афзуншавии сафи миёнаравон ва кормандони ҷабҳаи тиҷорат боиси инкишофи хизматрасонии мардумон ва бо ҷои кори дилхоҳ беҳтар таъмин шудани аҳолӣ мегардад. Шояд дар ҳиссаи муайян ин гуна ақоид ҳам дуруст бошад. Аммо мадди назар доштан зарур аст, ки

дар ҳиссаи аксар мардумон даромадҳои ночизу нокифояро ба даст оварда, танҳо таъминоти рӯзмарраи худро ба роҳ монда метавонанд. Аз ин боис ҳам, муомилоти ватанӣ душвориҳо ва мушкилоти зиёдеро дар сар дорад. Ҳангоме, ки ҳиссаи зиёдтари маводҳои зарурӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд ва мамлакат дар ҳолати муҳосираи иқтисодӣ қарор дорад, ба сатҳи дилхоҳи самаранокӣ расонидани тамоми фаъолияти тавлидгарию муомилоти молҳову хизматҳо пешорӯи зиддиятҳо қарор дошта метавонад.

Маҳз бо ҳамин сабабҳо ҳукумати мамлакат кӯшишҳои зиёди такомулоти истеҳсолот, қуввату дармон бахшидан ба соҳибкории хурду миёна, барпо кардани сохтори коммуникатсионии дохилӣ ва амсоли инҳоро пеш гирифта меояд. Мақсади намоёнтарини ҷамеи ин гуна кӯшишҳову иқдомот то андозае мусоидат намудан ба сатҳи самарнокии тамоми намудҳои фаъолият мебошад. Солҳои охир дар ин раванд як ҳисса натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шудаанд, вале вазифаҳои ҳалношуда низ имрӯз кам нестанд. Дар иҷрои муваффақонаи онҳо сохторҳои байналмилалӣ, давлатҳои бо мо дӯст низ кӯшишиҳои муассир ба харҷ дода меоянд. Аммо ҳаллу фасли дилхоҳи ҷамеи масъалаҳо аз ҳама пештару бештар ба фаъолияти аҳли меҳнат ба пуррагӣ тобеъ мебошанд. Чораҳои намоёни давлатӣ низ набояд ба фаромушӣ дода шаванд, чунки қувваи муттаҳидии истеъмолгарони ватанӣ то ҳол хеле ноаёну заиф мебошад.

## 7. Мавқеи иттиҳоди «Тоҷикматлубот»

Мебояд иқрор шуд, ки дар соҳаи тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол мавқеи муассисаҳои кооперативӣ муассир мебошад. Дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ иттифоқи «Тоҷикматлубот» ҳамчун сохтори мардумию шаҳрвандии ба шакли ҳамҷояи моликият асосёбанда дар гардиши молҳо, яъне тиҷорати дохилию бурунмарзӣ ҳиссаи муайянро ишғол мекард. Баъзе солҳо вай то 70-75% гардиши умумии молҳо мерасид.

Дар низоми хоҷагидории нақшавии сотсиалистӣ танқисию норасии молҳо (дефитсит) хеле намоёну баръало буд. Давлат сохторҳои кооперативии тиҷоратиро ҳамчун мададгору ёрирасони

худ маврнди ҳаллу фасли вазифаҳои ба роҳ мондани таъминоти мардумон бо озуқаворию дигар неъматҳо ҳамаҷониба истифода мебурд. Аммо сохторҳои кооперативӣ имконоту ҳуқуқҳои мустақилият ва озодии фаъолияти худро бо пуррагӣ корбурд карда наметавонистанд. Чунки ин мароми равиш ба хислатҳову дархостҳои воқеии он ҷомеа мувофиқат намекарданд. Ин ҳолат боиси ҳамон гардида буд, ки давлати бюрократии онзамона сохторҳои кооперативии воқеан халқиро ба ихтиёру қарордоди онон намонда, амалан онҳоро бар нафъи худ фармонфармоёна корбаст мекард. Маҳз бо ҳамин сабабҳо сохторҳои кооперативии Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳиссаи намоён аз дастовардҳою камбудиҳои замонавии беназири ҳаракати кооперативии умумиҷаҳонӣ дар канор ва бебаҳра мемонданд.

Дар тӯли солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, зери таъсири равандҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликият ва дигар шиорҳову таҳдидҳои зиёд мавқеи «Тоҷикматлубот» коста гардида буд. Кӯшишҳои давлати Тоҷикистон, аҳли кормандони ин сохтор, Раёсати «Тоҷикматлубот» аз солҳои 2001-2004 имкон доданд, ки мавқеи пешинаи вай аз нав тадриҷан барқарор карда шавад.

Ҳоло «Тоҷикматлубот» таи солҳои 2004-2008 хеле босуръат пеш рафта, ҳаҷми амволи пешинаашро дар ҳиссаи аксар барқарор намуд ва фаъолияти тавлидгарию тиҷоратиашро низ эҳё гардонд. Таи солҳои охир ҳиссаи «Тоҷикматлубот» дар ҳаҷми умумии савдои чаканаи мамлакат, хӯроки умумӣ ва дигар намудҳои хизматрасонию тавлидгарии неъматҳо торафт афзун карда мешавад. Имрӯз «Тоҷикматлубот» ба як сохтори замонавии пуриқтидори дар ҷабҳаҳову соҳаҳои зиёди хизматрасонӣ ба аҳолии мамлакат ва мубодилаи молҳову тавлидгарию коркарди неъматҳо табдил ёфтааст. Таи солҳои 1995-2005 афзоиши гардиши моли чаканаи «Тоҷикматлубот» 2,4 баробар, тамоми шаклҳои савдо ҳамагӣ – 1,9 баробарро ташкил дода буд.[1] Шаҳодатҳои зиёди дигари торафт босуръат ривоҷ ёфтани ин сохтор то солҳои охир ҷой доранд. Ин ҳама шаҳодат медиҳанд, ки барбари пурзӯршавии сектори хусусии муомилот, сектори кооперативӣ низ ҷон гирифта меояд.

---

[1] Ниг. Тоҷикистон: 15-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷаллаи оморӣ. Душанбе, 2006, саҳ. 408

Шогирдон бояд донанд, ки ҳаракати кооперативии ҷаҳонӣ ҳанӯз дар асрҳои XVIII-XIX дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба инкишоф расида буд. Он замонҳо кооперативҳоро кормандони кироя, табақаҳои поёнии мардумон бо мақсади кӯмаку мададгори ба худ ва дигарон ба миён оварда будаанд. Дар ҳолати нодорамию қашшоқии саросари аҳли заҳмат кооперативҳо бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани таъминоти меҳнаткашони камбизоат бо озуқаву хизматҳои ҳархела ба миён оварда шуда будаанд. Аммо дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ давлат кооперативҳоро таҳти ҳомигию ҳукмравоии бевосита гирифта, онҳоро ҳамчун дастёру мададрасон истифода мебурд.

Ҳоло бошад дар Ҷумҳукрии Тоҷикистон кооперативҳо бояд дар пояи қонунҳои ҳақиқатан демократӣ ва бар нафъи мардумон – аҳли заҳмат нигаронидашуда аз нав ҷоннок гардонида шаванд. Дар акси ҳол онҳо ба таъиноту мақсадҳои иҷтимоию адолатпаноҳонаи худ ҷавобгӯй буда наметавонанд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Маънидоди мезоиқтисодро пешниҳод намоед.
2. Дар бобати тиҷорат ва сармояи он чӣ гуфта метавонед?
3. Тафовутҳои ҳаракати сармояи тиҷоратро ба хотир оред.
4. Ҷои тиҷоратро дар иқтисодиёти миллӣ нишон диҳед.
5. Тиҷорати миллию байналмилиро маънидод кунед.
6. Шаклҳои тиҷорат кадомҳоянд?
7. Таснифи тиҷорати яклухту чаканаро диҳед.
8. Тиҷорат бо некӯаҳволии мардумон алоқаманд аст?
9. Дар бобати «Тоҷикматлубот» чӣ гуна маълумот доред?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Таснифи иқтисодиёти соҳавӣ.
2. Тиҷорат ва мавқеи иҷтимоии он.
3. Ҳаракати сармояи тиҷоратӣ.
4. Шаклҳои ҳозираи тиҷорат.

5. Тарози тиҷорати берунии мамлакат.
6. Мавкеи содирот.
7. Мавкеи воридот.
8. Сиёсати тиҷорати озод.
9. Хусусиятҳои хизмати тиҷорат.
10. Мавкеи хӯроки омма дар ҳаёти ҷомеа.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Аз тасдиқоти овардашуда нишондоди дурустро ҷудо намоед:**

а) мезоиқтисод = микроиқтисод;

б) мезоиқтисод < макроиқтисод;

в) мезоиқтисод < микроиқтисод;

г) метаиқтисод = макроиқтисод.

**2. Муайян намоед, ки кадоме аз ин тасдиқот сареҳу дуруст мебошад?**

а) мезоиқтисод = монополияҳо;

б) мезоиқтисод < коргоҳҳои миёна;

в) макроиқтисод > мегаиқтисод;

г) мегаиқтисод < макроиқтисод.

**3. Мувофиқи формулаи маълуми қабулшуда сармояи тиҷоратӣ чанд зинаи бадалшавиро аз сар мегузаронад?**

а) як;

б) ду;

в) се;

г) чор.

**4. Сармояи тиҷоратӣ хислати маҳсулдиҳиро доро мебошад?**

а) не, ҳаргиз;

б) шояд;

в) набояд;

г) нопурра.

**5. Аз маълумоти пешниҳодгардида хислати воқеии тиҷоратро ҷудо намоед**

а) маҳсулдеҳу бемаҳсул;

б) тавлидгару хизматрасон;

в) хизматрасону тавлидгар;

г) фаъолияташ намоён.

**6. Масорифоти кадоме аз шаклҳои тиҷорат нисбатан камтар мебошад?**

а) тиҷорати чакана;
б) тиҷорати майда;
в) тиҷорати дохилӣ;
г) тиҷорати яклухт.

**7. Яке аз сохторҳои калонтарини ҷомеагии бо тиҷорат сарукордошта кадом аст?**

а) вазорати савдо;
б) идораҳои савдо;
в) «тоҷикматлубот»;
г) базаҳои таъминот.

**8. Кадоме аз тақсимоти овардашуда бо нишондоди илмии замонавӣ мувофиқат мекунад, ки хислати савдоро нишон медиҳад?**

а) тавлидгару истеъмолгар;
б) истеъмолгари воқей;
в) маҳсулдеҳу нокифоя;
г) маҳсулдеҳу бемаҳсул.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-е издание. М.: «Омега Л». 2008, стр. 314-323.
2. Исоматов Б., Фақеров Ҳ Таърихи тиҷорат. Душанбе, «Паёми ошно», 2004, бобҳои XXI. XXII.
3. Барисов Е.Ф. Экономическая теория. Учебник. М.: «Проспект», 2005, стр. 353-363.
4. Новичков А.В. Политическая экономия. Курс лекций. М:. «Маркетинг», 2002, стр. 411-427, 717-723.
5. Бобокалони Исомат. Назария ва таърихи кооператсия. Душанбе, «Паёми ошно», 2007, саҳ. 200-230.
6. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. М.: «Инфра-М», 2007, стр. 848-866.
7. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика М.: Дело. 1993, глава 36. (стр. 671-686).

## БОБИ 19.
## НАЗАРИЯИ МУВОЗИНАТИ УМУМӢ ВА ИҚТИСОДИ НЕКӮАҲВОЛӢ

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мувозинати ҷузъӣ ва умумӣ
2. Мувозинати умумӣ ва самаранокии иқтисодӣ
3. Иқтисоди некӯаҳволӣ: самаранокӣ ва адолат

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Мувозинати умумӣ: таҳлили масраф ва натиҷаҳо
2. Шартҳои самаранокӣ ва мутобиқшавӣ дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат
3. Мувозинати бозорӣ ва некӯаҳволӣ

### 1. Мувозинати ҷузъӣ ва умумӣ

Мувозинати ҷузъии бозорӣ – ин ҳолати алоҳидаи бозорист, ки натиҷаи боҳам алоқамандии субъектҳои вай буда, иштироккунандагони бозор барои тағйир додани ин ҳолат ҳавасманд нестанд.

Он равияҳое, ки барои таҳлили рафтори иқтисодӣ истифода мешаванд, дар асоси ду мулоҳиза бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

Якум, иштирокчиёни амалиёти бозорӣ мустақил буда, қарори қабул кардаи онҳо ба якдигар таъсир намерасонад.

Хулосаи дуюм он буд, ки бозорҳо новобаста аз якдигар амал карда, барқароршавии мувозинати бозорӣ новобаста аз вазъияти дигар бозорҳо ба амал омада, ба якдигар таъсир намерасонанд.

Мувозинати ҷузъии бозорӣ, бешубҳа тассавуроти маҳдуди хосе оиди амалкунии иқтисоди бозорӣ медиҳад, зеро аз рӯи табиати худ пурра нест. Аввалан вай алоқамандӣ ва оқибатҳои ба амаломадаи байни бозорҳоро таҷассум намекунад.

Дуюм, алоқамандии баргардандаест, ки ба ҳама гуна бозор хос аст, ба эътибор гирифта намешавад. Сеюм, мувозинати ҷузъӣ қарор-ҳои дар як вақт қабулкардаи иштирокчиёни бозорҳоро ба ҳисоб намегирад.

Дар амал бошад, бозорҳо байни худ алоқаи ногусаста доранд.

Таҳлили мувозинати умумии нарх ва миқдор дар ҳама бозорҳо бо фарқият аз таҳлили мувозинати ҷузъӣ бо ҳисоби самараи вобастагии баргарданда муайян карда мешавад.

Самараи вобастагии баргарданда гуфта, тағйирёбии нарх ва миқдори молҳо дар баъзе бозорҳоро меноманд, ки дар ҷавоби чунин тағйирёбиҳо дар бозорҳои бо ҳам алоқаманд ба вуҷуд омадаанд. Фарз мекунем, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба воридоти гази табиӣ андоз ҷорӣ кард. Ин ҳолат ҳамон замон каҷхати пешниҳоди (арзаи) гази табииро ба чап ҳаракат медиҳад ва нархи гази табииро баланд менамояд. Вале дар ин ҷо оқибати ҷоришавии андоз ба охир намерасад. Нархи баланди гази табиӣ тақозоро зиёд намуда ва нархи нафтро ҳам баланд менамояд. Ин дар навбати худ афзудани тақозо ба гази табииро ба вуҷуд оварда (ҳаракат ба рост) ва боз ҳам ба баландшавии нархи газ меорад. Бозорҳои гази табиӣ ва нафт якҷоя амалкарданро то ҳамон вақте давом медиҳанд, ки мувозинатӣ ба вуҷуд меояд, ки тақозо ва арза дар ҳар ду бозор баробар мешаванд.

Дар амал таҳлили пурраи мувозинати умумӣ кам муяссар мешавад. Оқибатҳои амалиёти фирмаҳоро барои ҳамаи дигар бозорҳо ва мувофиқан, акси амали ҳамаи фирмаҳоро дар дигар бозорҳо баҳо додан хеле душвор аст. Ба ҷои ин мо танҳо бо таҳлили бозорҳое маҳдуд мешавем, ки бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд. Бисёр вақт ду ва ё зиёда бозорро гирифтан кифоя аст. Масалан, дар ҳолати ҷорӣ шудани андоз ба гази табиӣ мо метавонем бозори нафт, ангишт ва баркро дида бароем.

Барои он, ки бо ҳам пайваст будани бозорҳоро сарфаҳм равем, ба мисоли бозорҳои рақобатии DVD (фитаҳои видео) ва синамоҳо рӯ меоварем. Онҳо ба ҳам зич алоқаманд мебошанд, чунки васеъ паҳн шудани DVD (видеомагнитофон)-ҳо ба бисьёр истеъмолгарон имконияти интихоби синамоҳоро дар хона ва

дар коххо (синамоҳо) медиҳад. Тағйироти нарх ва ё сиёсати батанзимдарории давлатӣ ба яке аз ин бозорҳо, пеш аз ҳама, ба дигар бозор ҳам таъсир мерасонад, ки дар навбати худ ба самараи вобастагии баргарданда дар бозори якум меорад.

Дар расми 19.1а ва 19.1б каҷхатҳои арза ва тақозо ба DVD (видео) ва синамоҳо нишон дода шудааст.




*Расми 19.1а.* **Миқдори чиптаҳои синамо**




*Расми 19.1б.* **Миқдори диск (видеофита)**

*Расми 19.1.* **Ду бозори боҳамвобаста: чиптаҳои синамо ва иҷораи диск (видеофиттаҳо)**

Дар расми 19.1а нархи ибтидоии чиптаҳои синамо 3 сомонӣ, мувозинати бозор дар буриши $T_{(a)}$ ва А(а) рост меояд. Дар расми 19.1б бозори видео нархи мувозинатии иҷораи диск (фита)-ҳо ба 1 сомонӣ ҷой дорад.

Акнун фарз мекунем, ки давлат бо мақсади хазинадорӣ андози 1 сомонӣ ба ҳар як чиптаи фурӯхташудаи синамо муқаррар мекунад. Самараи ин андоз дар асоси нақшаи кӯчиши каҷхатаи арзаи синамо ба боло ба 1 сомонӣ (аз $A_{(Sa)}$ ба $A_{a1}$ $_{(Sa1)}$) мувозинатии ҷузъӣ муайян карда мешавад. Дар аввал ин ба болоравии нархи чиптаҳои синамо то 3,5 сомонӣ ва кам шудани фурӯши онҳо аз $Q_a$ то $Q_{a1}$ оварда мерасонад. Ана ҳамин аст, ҳамаи он таҳлиле, ки мувозинати ҷузъӣ ба мо медиҳад.

Таҳлили мувозинати умумӣ имконият медиҳад, ки якум, агар мо таъсири андози синаморо ба бозори диск (видео) дида бароем ва дуюм, муайян намоем, ки оё самараи вобастагии баргарданда аз бозори диск (видео) ба бозори синамо ҷой дорад.

Андоз ба синамо ба бозори диск (видео) таъсир мерасонад, зеро синамо ва видеофилмҳо бо ҳам ивазшавандаанд. Баландшавии нархи чиптахои синамо боиси кӯчиши тақозои иҷораи видеофитаҳо аз $T_a$ то $T_{a1}$, дар расми 19.1б мегардад. Ин дар навбати худ боиси болоравии нархи иҷораи видеофитаҳо аз 1,0 то 1,5 сомонӣ мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки андози ягон навъи маҳсулот метавонад ба нарх ва ҳаҷми фурӯши дигар маҳсулот таъсир расонад. Ин далелро онҳое, ки оиди сиёсати андоз қарор қабул мекунанд, бояд ба эътибор гиранд.

Дар ин маврид дида мебароем бо бозори синамо чӣ воқеъа рӯй медиҳад. Каҷхатаи ибтидоии тақозо ба хадамоти синамо бо нархи бетағйири иҷораи видео (диск) 1,0 сомонӣ ҷавобгӯ буд. Ин нарх акнун ба 1,5 сомонӣ баробар шуда, аз $T_a$ ба $T_{a1}$ мекӯчад (дар расми 19.1б). Нархи мувозинатии нави чиптаҳои синамо (дар буриши $T_{(a1)}$ ва $A_a$) ба 3,6 сомонӣ расида, фурӯши он аз $Q_{a1}$ то $Q_{a2}$ меафзояд.

Ҳамин тавр, дар вақти таҳлили мувозинати ҷузъӣ таъсири андоз ба нархи иҷораи фитаҳои видео ба ҳисоб гирифта нашуд. Бозори фитаҳои видео бо бозори синамо чунон зич алоқаманд аст, ки барои ошкор кардани самараи пурраи андоз, зарур аст таҳлили мувозинати умумиро дида бароем.

## 2. Мувозинати умумӣ ва самаранокии иқтисодӣ

Мувозинати умумии бозорӣ – ин ҳолати низоми иқтисодист, ки дар як вақт мувозинати бозории ҳама навъҳои мол ба амал меояд.

Таҳлили мувозинати умумӣ на фақат бо ҳам вобастагии бозорҳо, инчунин дар алоқаи дутарафаи байни онҳо, ки дар шакли самараи вобастагии баргарданда зуҳур меёбад, асоснок карда мешавад. Дар мисоли мо вай дар тағийрёбии нархи бозори чиптаҳои синамо, ки ба самараи вобастагии баргарданда

оварда расонд, ба нархи иҷораи фитаҳои диск (видео), ки дар навбати худ бо нархи чиптаҳои синамо ва ҳоказо таъсир расонид. Ва дар охир мо бояд нархи мувозинатӣ ва миқдори ҳар ду бозорро дар як вақт муайян намоем.

Дар расми 19.1а нархи чиптаи синамо 3,8 сомонӣ, ки дар буриши каҷхатҳои арзаю тақозо дар бозори синамо ($Aa_1$ ва $Qa_2$) дода шудааст, аммо нархи мувозинатии иҷораи диск (видео) 1,6 сомонӣ дар расми 19.1б дар буриши мувозинати каҷхати арзаю тақозои бозори диск (видео) (A) ва $T_2$ мувофиқат мекунад. Ин далели дақиқи нархи мувозинати умумист, ки каҷхатҳои арзаю тақозо барои бозори диск (видео) бо нархи чиптаҳои 3,8 сомонӣ ва барои бозори синамо – нархи иҷораи видео ба 1,6 сомонӣ дуруст меояд.

Умуман, таҳлили мувозинати умумӣ – ин ошкор кардани тағйироти нарх ва ҳаҷм дар як бозор мебошад, ки дар натиҷаи тағйирёбии шароити мувозинати ҷузъӣ дар дигар бозор бо ҳисоби самараи вобастагии баргарданда ба амал меояд. Ҳамин гуна таҳлил имконият медиҳад, ки моҳияти бо ҳам алоқаманди гӯё новобаста аз ҳамдигари неъматҳо, аз он ҷумла нархи диск (видео) ва синаморо бифаҳмем.

Таҳлили дар боло овардашудаи механизми барқароршавии мувозинати умумӣ бо истифодаи каҷхатҳои арзаю тақозо дар бораи бо ҳам вобаста будан ва самараи баргардандагии байни бозорҳоро нишон медиҳад. Вале саволе ба миён меояд, ки ин механизм дар сатҳи қарор қабулкунандагони субъекти фардӣ (харидорони алоҳида) чӣ гуна амал мекунад ва оё ин мувозинатӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок аст? Аз ин рӯ, таҳлилро дар ду давра дида мебароем. Дар ибтидо мо самаранокии мубодила ва баъдтар истеҳсолотро тадқиқ карда мебароем.

***Самаранокии мубодила.*** Муаммои самаранокии мубодила дар назарияи мувозинати умумӣ мавқеи асосиро дорад. Дар ин ҷо рафтори ду истеъмолгар, ки байни худ бо ду мол доду гирифт (савдо) мекунанд, таҳлил карда мешавад. Фарз мекунем, ки дар байни онҳо дар ибтидои мубодилаи ин молҳо вазъияти ҳар яки онҳо беҳтар мешавад. Ин мазмуни онро дорад, ки тақсимоти аввалаи молҳо ғайрисамаранок аст.

Амалан бе бад шудани вазъияти яке аз агентҳои иқтисодӣ тақсимоти самаранок ҷой дошта наметавонад.

Чун қоида доду гирифти ихтиёрии ду кишвар ва ё ду шахс барои ҳар ду тараф ҳам манфиатовар аст. Азбаски мақсади мо ошкор кардани шароити тақсимоти самаранок мебошад, ин муаммо номи «иқтисоди мубодилаи холис»-ро гирифтааст.

«Иқтисоди мубодилаи холис» – ин тамсилаи иқтисодист, ки ҳаракат ба мувозинати умумӣ бо мубодилаи байни иштирокчиён ва бо ҳаҷми додашудаи неъмат вобастагӣ дорад.

Таҳлили мо бо ду мулоҳизаи муҳим асоснок карда мешавад:

1. Ҳар ду иштирокчиёни мубодила мустақил буда, дар бораи афзалдонии якдигар иттилооти пурра доранд.

2. Хароҷоте, ки ба амалиёти доду гирифти ин ду шахс вобастагӣ дорад, ба сифр баробар аст.

Таҳлили тамсила бо истифодаи «қутии Эҷуорт» ки гузориши ҷадвалии ҷараёнҳои гуногуни мубодиларо медиҳад, оварда мешавад.

Фарз мекунем, ки Алиҷон ва Валиҷон 7 воҳид хӯрок ва 5 воҳид либос доранд. Аз ҷадвали 19.2 бармеояд, ки Алиҷон дар аввал 5 воҳид хӯрок ва як воҳид либос, Валиҷон бошад, мувофиқан 2 воҳид хӯрок ва 4 воҳид либос доранд.

Барои он ки муайян намоем, мубодилаи байни Алиҷон ва Валиҷон манфиатовар аст, ба мо зарур аст афзалгузории онҳоро нисбати хӯрок ва либос донем. Фарз мекунем, ки Валиҷон бисьёртар либос ва камтар хӯрок дошта, меъёри ҳаддии ивазкунии (MRS) хӯрок ба либос 2 аст (барои он ки як воҳид хӯрок гирад, вай тайёр аст ду воҳид либосро диҳад). Дар он вакте, ки Алиҷон танҳо 1/2 воҳиди либосро ба як воҳиди хӯрок иваз мекунад, яъне MRS ӯ ба либос ба 1/2 баробар аст.

*Ҷадвали 19.2.*

| Агентҳо | Тақсимоти ибтидоӣ | | Мубодила | | Тақсимоти интиҳоӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Алиҷон | 5х | 1л | -1х | +1л | 4х | 2л |
| Валиҷон | 2х | 4л | +1х | -1л | 3х | 3л |

5х – «панҷ воҳиди хӯрок»;

1л – «як воҳиди либос» - ро мефаҳмонад ва ғ.

Бигузор Валиҷон ба Алиҷон як воҳид либос барои як воҳид хӯрок пешниҳод намояд ва Алиҷон розӣ мешавад, ки дар натиҷа вазъияти ҳардуи онҳо беҳтар мешавад. Ва ҳар вақте ки MRS – и ҳар ду истеъмолгар гуногун аст, имконияти манфиатовари тарафайн ба вуҷуд меояд, чунки тақсимоти захираҳо ғайрисамаранок буда, вале мубодила ба онҳо нафъ меорад. Баръакс, барои он ки самаранокии иқтисодиро таъмин намоем, зарур аст MRS – и ҳар ду истеъмолгарро баробар намоем.

Ин натиҷаи муҳим дар бисёр ҳолатҳои мубодилаи мол ва истеъмолгарон дуруст аст: тақсимоти молҳо самаранок танҳо он вақт мешавад, ки меъёри ивазшавии ҳаддии (MRS) ҳама гунна молҳо барои ҳамаи истеъмолгарон якхела бошад.

«Қутии Эҷуорт»[1], ки дар расми 19.3 оварда шудааст, майдони мубодилаи ду истеъмолгар – Алиҷон ва Валиҷонро ки ду неъматро иваз мекунанд, нишон медиҳад. Дар хатти уфуқи (горизонталӣ) миқдори хӯрок ва дар хатти амудӣ (вертикалӣ) миқдори либос нишон дода мешавад.




*Расми 19.3.* **Мубодила дар «Қуттии Эҷуорт»**

[1] «Қутии Эҷуорт» ба шарафи намояндаи барҷастаи иқтисодии сиёсӣ Ф. Эҷуорт, ки ин диаграммаро дар китоби худ соли 1881 пешниҳод карда буд, гузошта шуда аст.

Дарозии ин қутии ба 7 воҳид хӯрок, яъне захираи ибтидоии умумӣ ва баландии он ба 5 воҳид либос, яъне ҷамъи бузургии ибтидоии додугирифт баробар аст.

Ҳар як нуқта дар «Қуттии Эҷуорт» дар як вақт сабади истеъмолии Алиҷон ва Валиҷон мебошад. Дар нуқтаи А, мисол, Алиҷон 5 воҳид хӯрок ва 1 воҳид либос дорад, Валиҷон бошад 2 воҳид хӯрок ва 4 воҳид либос дорад.

Мо метавонем инчунин натиҷаи додугирифти Алиҷон ва Валиҷонро дида бароем. Алиҷон 1 воҳид хӯрокаро бо 1 воҳид либос иваз карда, аз нуқтаи А ба нуқтаи В кӯчид. Валиҷон бошад 1 воҳид либосро бо 1 воҳид хӯрок иваз карда, инчунин аз нуқтаи А ба нуқтаи В ҷой гирифт. Аз ин ҷо нуқтаи В сабади истеъмолии Алиҷон ва Валиҷон, пас аз додугирифти нафъовари тарафайн мебошад.

**Тақсимоти самаранок.** Маълум аст, ки мубодила дар доираи амалиёти нафъовари дутарафа то ҳамон вақте давом мекунад, ки иштирокчиёни додугирифт охирин имконияти беҳтар кардани вазъияти худро аз даст надиҳанд. Ангезаи дохилии ба ҷо овардани мубодила ин фарқияти меъёри ҳаддии ивазшавии неъмат барои ҳар як иштироккунанда буда, фаҳмидан душвор нест, ки мубодила дар ҳолати расидан ба ин тақсимоти неъмат байни истеъмолкунандагоне, ки меъёри ҳаддии ивазкунии мувозӣ (баробар) мешавад, яъне $MRS_A = MRS_B$, қатъ мегардад. Ин тақсимоти неъмат дар нуқтаи расиши каҷхатҳои бефарқи истеъмолгарони $U_A$ ва $U_B$ ба даст меояд. Дар мисоли мо (ба расми 19.4 нигаред) ин нуқтаи С буда, хусусияти он аз ҳамон иборат аст, ки бо афзалгузории мубодилаи ҳарду иштироккунанда имконияти ба даст овардани некӯаҳволии баландарин ба ҳардуи онҳо бе бадтар шудани вазъияти дигаре наметавонад ба даст оварда шавад. Аз ин ҷо тақсимоти неъмат, ки ба нуқтаи С мувофиқ аст, самаранок буда, аз ин хел беҳтар тақсимот вуҷуд надорад. Ин гуна тақсимотро Парето-самаранокӣ мегӯянд, ки бо номи иқтисодчии италявӣ Вилфредо Парето (1848–1923) номгузорӣ шудааст. Вай равияи самаранокии мубодиларо кор карда баромадааст.




*Расми 19.4.* **Самаранокии мубодила ва мувозинати рақобатӣ**

Мо дида баромадем, ки бо роҳи савдои нафъовари тарафайн аз ибтидои тақсимоти молҳо метавон бисёр тақсимоти самаранок гирифта шавад. Барои он, ки ҳамаи имкониятҳои тақсимоти самараноки хӯрок ва либоси байни Алиҷон ва Валиҷонро ёбем ба мо лозим аст ҳамаи нуқтаҳои расиши каҷхатҳои бефарқи онҳоро ҷудо кунем. Ин дар расми 19.5 оварда шудааст, ки каҷхати шартномавӣ ном дорад.




*Расми 19.5.* **Каҷхати шартномавӣ**

Каҷхатҳои шартномавӣ (качхатҳои аҳднома, каҷхатҳои мубодила) ҳамаи имкониятҳои самараноки тақсимоти неъматро байни истеъмолкунандагон, ки ба воситаи додугирифти байни худ ба даст меоранд, нишон медиҳанд. Дар ҳолати хос каҷхатҳои шартномавӣ аз ҳамаи «қуттии Эҷуорт» аз ибтидои хати координат барои Алиҷон ва то ибтидои хати координат барои Валиҷон мегузорад, чи хеле ки дар расми 19.5. оварда шудааст, каҷхатҳои бефарқи истеъмолгарон ба якдигар мерасанд.

Яке аз саволҳои муҳиме, ки мо бояд ҷавоб ёбем ин аст, ки натиҷаи ниҳоии мубодилаи байни истеъмолгарон (Алиҷонҳо ва Валиҷонҳо) аз ҳамаи имкониятҳои самараноки додугирифт чӣ мешавад? Бо дигар сухан кадоме аз амалиёти додугирифт на танҳо самаранок, балки мувозинат мегардад. Барои он, ки ин муамморо ҳал кунем, ба мо зарур аст дар тамсилаи «иқтисоди мубодилаи холис» нархи неъматро (хӯрок ва либоса) дохил намоем. Бартарии таҳлил ба воситаи «қутии Эҷуорт» дар он аст, ки воқеан нархи неъматҳо ба намуди нархҳои нисбӣ ва нархи хӯрок ба миқдори муайяни либос ва нархи либос ба миқдори хӯрок ифода шудаанд, дода шуда, ба мо хатти нархи (Н, Н)-ро медиҳад.

Хатти нарх, нархҳои бозории неъматҳоро таҷассум карда, аз нуқтаи ибтидоии тақсимоти неъматҳо гузашта, нишебии $Н_л/Н_х$-ро дорад.

Мо нархи ду молро интихоб кардем, ки тақозо ба нархи Валиҷонҳо ба миқдори хӯрокҳои фурӯхтаи Алиҷонҳо баробар буда, тақозои Алиҷонҳо ба либос ба арзаи либоси Валиҷонҳо баробар мешавад. Дар натиҷа бозорҳои хӯрок ва либос ба ҳолати мувозинатӣ меоянд.

***Мувозинатӣ*** – он намуди нархҳоест, ки бузургии тақозо ба ҳаҷми арза дар ҳар як бозор баробар мешавад. Ин мувозинати рақобатист, зеро ҳамаи агентҳо (харидорон ва фурӯшандагон) нархҳоро чун додашуда қабул мекунанд.

На ҳамаи нархҳо ба мувозинат мутобиқанд. Масалан, на ҳамаи нархи либос бо хӯрок бо таносуби хоҳиши иштироккунандагони мубодиларо қонеъ мегардонад. Аз ин ҷо номувозинатӣ дар бозор ба амал меояд, яъне бузургии тақозо ба ҳаҷми

арза мувофиқат намекунад. Ин номувозинатӣ муваққатист. Дар бозорҳои рақобатӣ нархҳо тағйир меёбанд. Агар дар яке аз онҳо тақозои изофа, яъне тақозо ба мол аз арзаи мол зиёд бошад (касодӣ), дар дигараш арзаи изофа барзиёд мавҷуд буда метавонад. Вале тагирёбии нархҳо ба тақозои иштирокчиёни бозор таъсир расонида, нархҳо то он замоне тагир меёбанд, ки дар охир мувозинатӣ ба амал меояд.

Мо ба фарқияти муҳими ҳолати мубодилаи ду шахс ва байни бисёр агентҳо диққат медиҳем. Вақте ки дар мубодила фақат ду шахс иштирок мекунанд, итмоми савдо номуайян аст. Дар ҳолате, ки дар мубодила бисёр одамон ширкат доранд, нархи молҳо бо интихоби якҷояи харидорон ба фурӯшандагони мол муайян карда мешавад. Мо дида метавонем, ки дар нуқтаи С дар расми 19.5 тақсимот дар мувозинати рақобатӣ самаранок аст. Нуқтаи С бояд ба расиши ду каҷхатҳои бефарқ дахл дорад. Агар ин тавр набошад, яке аз иштироккунанда бой медиҳад. Ин натиҷа ҳам барои мубодила ва ҳам барои мувозинати умумӣ ҳангоми рақобатӣ будани бозорҳо дуруст аст,. Ин тасвири бевоситаи «дасти ноаёни» Адам Смит аст, ки чи гуна амал мекунад. Чи хеле ки теоремаи аввали назарияи некӯаҳволӣ тасдиқ мекунад, агар ҳар кас савдо карда, доду гирифти нафъовар ба ҷо оварад, мувозинатии тақсимоти молҳо дар иқтисод самаранок аст.[1] Аз ин ҷо

$$MRS^{A}_{хл} = Н_{л} \backslash Н_{х} = MRS^{B}_{хл} \qquad (19.2)$$

Муваффақ шудан ба тақсимоти самаранок дар ҳолати бисёр истеъмолгарон (ва бисёр истеҳсолкунандагон) саҳл нест. Ин танҳо дар бозорҳои рақобати озод ҷой дошта метавонад.

Тарзҳои самараноки тақсимотро бо дигар роҳҳо ҳам ба даст овардан мумкин аст, масалан, бо ёрии низоми марказонидашуда, ки давлат ҳамаи мол ва хадамотро тақсим мекунад. Карори рақобатӣ дар бисёр маврид афзалтар аст, зеро иттилооти камро талаб мекунад.

---

[1] Теоремаи дуюми некӯаҳволӣ тасдиқ мекунад, ки агар афзалдонӣ барҷаста бошад, ҳар як таксимоти самаранок (ҳар як нуқтаи каҷхатаи шартнома) барои мувозинатии рақобатӣ ибтидои баъзе аз тақсимоти молҳо мегардад.

Ҳамаи истеъмолгарон танҳо бояд беҳтаршумории худ ва нархҳоро донанд. Барои онҳо шарт нест, ки дар бораи истеҳсолкунандагон ва ё тақозои дигар истеъмолгарон маълумот дошта бошанд. Дигар шаклҳои тақсимот иттилооти бештареро талаб мекунанд. Аз ин рӯ онҳоро амалӣ кардан душвор аст.

### 3. Иқтисоди некӯаҳволӣ. Адолат ва самаранокӣ

Мо нишон додем, ки имкониятҳои гуногуни тақсимоти самаранок мавҷуд аст ва дида баромадем, ки иқтисодиёти рақобати озод тақсимоти самаранокро таъмин мекунад. Вале ин тақсимоти самаранок адолатона аст? Таассуфовар аст, ки иқтисодчиён ва мутахассисон оиди муайян кардани адолат ва чӣ гуна онро андоза кардан ба ақидаи якхела наомадаанд. Ҳама гуна мулоҳизаҳо таносуби нисбии субъективӣ буда, одамон наметавонанд дар бораи ин муқоисаҳо ҳамақида шаванд ва ягон асос ҳам мавҷуд нест, ки тақсимоти мувозинатии рақобатиро адолатона ҳисоб кунем.

Ҳудуди имкониятҳои манфиатнокӣ ҳамаи тақсимоти самаранокро таҷассум мекунад. Яке аз нуқтаи охирин $O_A$, ки дар Алиҷон ягон мол нест ва манфиатнокии он ба сифр баробар мешавад, дар дигар тарафи муқобили нуқтаи охирин $O_B$ Валиҷон мол надорад. Ҳамаи дигар нуқтаҳои ҳудуд – чун А, Б, В ба нуқтаҳои каҷхатҳои аҳднома мувофиқ мебошанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо имкон надорад, ки беҳтар кардани вазъияти яке вазъияти дигареро бад накунад, нуқтаи Г тақсимоти ғайрисамаранок аст, зеро ҳама гуна амалиёт дар минтақаи соядор ҳолати яке ва ҳардуро беҳтар мекунад. Дар нуқтаи Д барои ҳарду ҳам беҳтар аст, вале он дастнорас аст, зеро захираи умумии ҳарду мол барои расидан ба сатҳи манфиатнокӣ нокифоя аст.

Тасаввур мекунем, ки дар нуқтаҳои Г ва Д ягона имконияти тақсимот ҷой дорад. Тақсимоти Д аз Г адолатона мешавад ё не? Ҳатман не. Дар муқоисаи тақсимоти Г ва Д ба Алиҷон нафъ зиёдтар ва ба Валиҷон камтар мерасад. Яке ҳисоб мекунад, ки Г назар ба Д адолатноктар аст, дигаре – не. Бо дигар

ибора, тақсимоти ғайрисамараноки захираҳо метавонад адолатона бошад, на самаранок. Муаммо дар он аст, ки чӣ гуна тақсимоти самаранокро муайян кардан лозим аст. Ҳалли муаммо аз он вобастагӣ дорад, ки дар зери мафҳуми адолат кадом ҳолат фаҳмида мешавад. Ин ҷо сухан дар бобати қиёси манфиати фардҳо меравад.

Дар назарияи иқтисод бисёр вакт вазифаи некӯаҳволии ҷомеъа истифода бурда мешаванд, ки онро Пол Самуэлсон[1] бо мақсади муайян кардани тақсимоти беҳтарин пешниҳод карда буд. Баҳои манфиати ҳар як фард муқаррар карда шавад, ки барои ҷомеъа чӣ мувофиқ аст. Худ аз худ ба вуҷуд овардани ин вазифа хеле ва бисёр мураккаб буда, бо муаммои ба ҳисоб гирифтани афзалдонии субъектҳо бармехӯрад. Аз ин ақида меъёри Парето – ҳар гуна азнавтақсимкунии захираҳо ва тағйир додани таркиби истеҳсоли неъмат, ки вазъияти якеро безарар барои дигарон беҳтар мегардонад. Вале масъалаи асосӣ на дар душвории андозакунӣ, балки дигар аст. Аввалан, номувофиқӣ ва зиддиятҳои афзалиятгузории ҷомеаро наметавон ба ҳисоб гирифт, ки ба он Кеннет Эрроу[2] аҳамият дод; дуюм дар ҳама гуна ҳолат вазифаи некӯаҳволии ҷомеъа афкори ҷомеъаро оиди адолатнокӣ бо саҳми ҳар як субъекти иқтисодӣ дар тақсимоти неъмат дар назди ҷомеъа инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, ошкор карда мешавад, ки дар ҳалли муаммои адолати ичтимоӣ тақсимоти некӯаҳволӣ тасаввуроти меъёрии адолатнокӣ мебошад. Истифодаи меъёрҳои гуногуни муайянкунандаи адолатнокӣ дар тақсимот тасаввуроти гуногун медиҳад ва натиҷаи тақсимот ҳам гуногун мешавад.

Ҳама гуна вазифаи некӯаҳволии ҷомеъа бо фаҳмиши адолатнокӣ тасаввур карда мешавад. Вале на ҳама ақидаҳо бо вазифаи некӯаҳволии ҷомеъа ҳамоҳанганд.

---

[1] Самуэлсон Пол (1915 с.т.) иқтисодчии машҳури амрикоӣ, нобиғаи ҷоизаи Нобелӣ.

[2] Эрроу Кеннет (1921 с.т.) иқтисодчии машҳури амрикоӣ, нобиғаи ҷоизаи Нобелӣ.




*Расми 19.3.* **Ҳудуди имкониятҳои манфиатнокӣ**

Масалан, мувофиқи ақидаи «тарафдорони бозор» ҳолати мувозинатии рақобатӣ адолатона аст, зеро дар вай онҳое, ки қобилияти суботкорона меҳнат кардан доранд, мукофоти амал мегиранд. Масалан, агар нуқтаи А тақсимоти мувозинати рақобатиро нишон диҳад, вай адолатона шуморида мешавад, назар ба нуқтаи Б, ҳарчанд молҳо дар вай камтар баробар тақсим шудаанд. Вақте ки беш аз ду агент дида баромада мешаванд, маънои калимаи «адолат» (беинсоф) боз ҳам мураккаб мегардад. Масалан, Роулс[1] чунин мешуморад, ки тақсимоти баробари неъмат, ҳавасмандии аъзоёни маҳсулдиҳандаи ҷомеъаро аз байн мебарад (зеро он чизе ки онҳо ба даст меоранд, ба воситаи андоз ситонида мешавад). Аз ин нуқтаи назар нобаробарӣ имконпазир аст, агар вай вазъияти аъзоёни камбизоати ҷомеъаро беҳтар намояд. Мувофиқи Роулс, тақсимоти бештари одилона

[1] John Rawls. A Theory of Justice (New York: Oxford University Press, 1971)

манфиатнокии аъзоёни камбизоати ҷомеъаро баландтар мегардонад. Нуқтаи назари Роулс ба тақсимоти баробари неъмат оварда метавонад (эгалитаризм), ҳарчанд комилан ҳатмӣ нест.

Фарз мекунем, ки мукофоти баланди амал аъзоёни маҳсулдиҳандаи ҷомеъаро бештар ба кор ҷалб карда, боиси зиёдшавии мол ва хадамот мегардад, ки қисме аз он метавонад ба нафъи аъзоёни камбизоати ҷомеъа аз нав тақсим карда шавад. Аз ин ҷо чор ақидаҳои адолатнокиро дида мебароем:

1. Эгалитарӣ – ҳамаи аъзоёни ҷомеъа неъматҳои баробар мегиранд.
2. Роулсионӣ – манфиати шахси камтаъминро баланд мекунад.
3. Утилитаристӣ – манфиатнокии умумии ҳамаи аъзоёни ҷомеаро баланд мегардонад.
4. Ба бозор нигаронидашуда – адолатро бозор муқаррар менамояд.

Ақидаҳои эгалитарӣ бевосита тақсимоти баробари неъматро байни иштирокчиён талаб менамояд, ҳол он, ки афкори роулсионӣ ба баробарӣ ғайриошкоро аҳамияти зиёд медод.

Ақидаҳои утилитарӣ одатан ба як қатор фарқиятҳои байни кам ва бештар таъмин будани аъзоёни ҷомеъа меорад. Дар охир ба бозор нигаронидашуда қатъиян ба тақсимоти нобаробари мол ва хадамот метавонад биёрад.

Мувозинати рақобатӣ ба натиҷаи Парето – самаранокӣ меорад, ки вай метавонад ва ё наметавонад одилона бошад. Дар ҳақиқат мувозинати рақобатӣ метавонад дар ҳама гуна нуқтаи аҳднома вобаста аз ибтидои тақсимот ҷой гирад.

Азбаски на ҳамеша меъёрҳои самаранокӣ одилона ҳастанд, ҷомеа то андозае ба воситаи ёрии ҳукумат неъматҳоро ё даромадро байни оилаҳо (хоҷагиҳои оилаҳо) барои расидан ба ҳадафҳои адолати иҷтимоӣ аз нав тақсим кунад. Ин ба воситаи низоми андоз ва ё таъмини баъзе хадамоти ҷомеъавӣ ба ҷо оварда мешавад.

Вале ҳама барномаҳои азнавтақсимкунии даромад дар ҷомеъа хароҷоти зиёдеро талаб мекунанд. Андозҳои сатҳи баланд метавонанд ба саркашӣ аз андозсупорӣ оварда, фирмаҳо хароҷоти рӯйпӯш кардани даромадашонро ҷӯянд. Аз ин ҷо му-

аммо бо роҳи мусолиҳа (гузаштконӣ) байни меъёрҳои адолат ва самаранокӣ ҳал карда мешавад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Ба фикри Шумо чаро таҳлили мувозинати умумӣ аз мувозинати ҷузъӣ фарқ мекунад?
2. Самараи алоқаи баргардандаро Шумо чӣ гуна шарҳ медиҳед. Мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ биёред.
3. «Қутии Эҷуорт» барои чӣ истифода мешавад ва чаро як нуқта дар як вақт сабади истеъмолии ҳар ду истеъмолгарро ифода менамояд?
4. Каҷҳатҳои бефарқ аз каҷхатҳои аҳднома чӣ фарқият ва чӣ монанди доранд?
5. Парето – самаранокиро шарҳ диҳед.
6. Ҳадди меъёри ивазкуниро фаҳмонед.
7. Самаранокӣ ва адолат дар ҷомеъа чаро дар як вақт мавҷуд буда наметавонад?
8. Ақидаҳои адолатнокиро баён кунед.
9. Оё мубодилаи ду шахсро ба мубодилаи байни ду кишвар муқоиса кардан мумкин аст?
10. Ҳудуди имкониятҳои манфиатнокиро нишон диҳед. Чаро вай одилона буда наметавонад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Мувозинати умумӣ ва самаранокии иқтисодӣ.
2. Таҳлили мувозинати умумӣ ва ду бозори бо ҳам вобаста.
3. Алоқамандии бозорҳои байналмилалӣ.
4. Самаранокии мубодила ва «Қутии Эҷуорт»
5. Мувозинати истеъмолгарон дар бозорҳои рақобатӣ.
6. Адолат ва самаранокӣ.
7. Ақидаҳои адолатнокӣ.

8. Манфиати савдо ва тақсимоти самаранок.
9. Самаранокӣ дар истеҳсолот ва омилҳои истеҳсолӣ.
10. Мувозинати истеҳсолӣ ва мувозинати истеъмолгар.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Нуқтаи «қуттии Эҷуорт»:**

а) ҳолати мувозинати истеъмолгарон;
б) мубодилаи ғайрисамараноки байни истеъмолгарон;
в) мубодилаи нафъоварӣ байни истеъмолгарон;
ғ) имкониятҳои тақсимоти маҳсулоти байни истеъмолгаронро мефаҳмонад.

**2. Мувозинати умумии иқтисодӣ – ин:**

а) ҳолати низоми иқтисодист, ки танҳо бозори молҳо дар мувозинатанд;
б) ҳолати низоми иқтисодист, ки фақат бозори омилҳои истеҳсолӣ дар мувозинатанд;
в) ҳолати низоми иқтисодист, ки бозори ҳамаи мол ва захираҳо дар мувозинатанд;
г) вақте ки дар n-1 бозорҳо мувозинат мавҷуд аст.

**3. Неъматҳои ҷомеавӣ аз одатӣ бо он фарқ мекунанд, ки:**

а) рақибӣ дар истеъмоли он ҷой надошта, монеъа дар истеъмоли он ғайриимкон аст;
б) чандирии тақозои нархӣ ба неъматҳои ҷомеавӣ паст аст;
в) чандирии тақозои нархӣ ба неъматҳои ҷомеавӣ баланд аст;
г) бозори инҳисории ин неъматҳо беандоза баланд аст;

**4. Самарии берунии мусбат дар ин ҳолат ҷой дошта метавонад:**

а) кам кардани андози арзиши изофашуда;
б) истеҳсоли молҳои варзишӣ;
в) кам шудани хароҷоти фирма бо афзудани ҳаҷми тавлидоти он;
г) истеҳсоли ягон гуна мол дар шароити рақобати комил.

5. **Кадоме аз ҳолатҳои самаранокиро Парето – мувофиқ (созгар) надорад:**
   а) самаранокӣ дар мубодила;
   б) самаранокии таркибии барориши маҳсулот;
   в) самаранокӣ дар азнавтақсимкунӣ;
   г) самаранокӣ дар истеҳсолот.

6. **Мувофиқи меъёри В. Парето – мусоидтарин вазъи иқтисодӣ беҳтар мешавад, агар дар натиҷаи чорабиниҳои хоҷагӣ:**
   а) даромади табақаҳои дорои аҳолӣ бо андозаи кам паст шавад, назар ба он, ки даромади бенавоён боло равад;
   б) некӯаҳволии ақалан як субъект бе бад шудани некӯаҳволии дигарон меафзояд;
   в) гузариш аз истеҳсолоти меҳнатталаб ба сармояталаб ба вуҷуд меояд;
   г) сатҳи бекорӣ паст мешавад.

7. **Мисоли холиси неъмати ҷомеавӣ шуда метавонад:**
   а) муассисаҳои таҳсилоти олӣ;
   б) мудофиаи миллӣ;
   в) мактабҳои ҳамагонӣ ва ё боғчаи бачагона;
   г) толорҳои консертӣ ва ё филармония.

8. **Самараи манфии беруна дар ин ҳолат ҷой дошта метавонад:**
   а) баланд шудани меъёри андоз аз фоида;
   б) зиёд шудани ҳосили фермер, азбаски ҳамсояи ӯ аз технологияи муосир истифода мебарад;
   в) истеҳсоли маҳсулоти тамоку;
   г) хариде, ки фирма бо гузашт мекунад.

9. **Имкониятҳои каҷхати тавлидотӣ бо муодилаи $X^2 + У^2 = 450$ нишон дода шудааст. Вазифаи манфиатнокии ҷомеъа $U_{xy} = XУ$. Ҳаҷми мувофиқи тавлидоти молҳои X ва У-ро муайян намоед.**

10. **Истеҳсоли моли А ва В бо функсияи истеҳсолии $Q_A = 2\ KL$, $Q_B = 0{,}5\ KL$ навишта шудааст. Хаҷми умумии меҳнати сарфшуда 100 воҳид, сармоя 60 воҳид аст. Се нуқтаро дар каҷхати имкониятҳои истеҳсолӣ муайян кунед.**

## VII. АДАБИЁТ:


1. Емцов Р.Г., Лукин М.Ю. Микроэкономика. 2-е изд. –М.: МГУ, «Дело и Сервис», 1999, Гл. 12.;
2. Гальперин В.М., Игнатьев С.М., Моргунов В.И. – Микроэкономика, .-СПб.: «Экон.школа». 2002. стр. 391-497
3. Исоматов Б. Асосҳои назарияи иктисод. Қисми аввал, -Душанбе: 2006, саҳ. 116-143;
4. Курс экономической теории. Микроэкономика. Макроэкономика. /Руковод. авт.кол. д.э.н., проф. Сидоровича А.В.,-3-е изд., -М.: 2007, Гл 14;
5. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. Пер. с 14-го англ. – М.: 2002, стр.525-529; 675-700; 773-775;
6. Менкью Н.Г. Принципы микроэкономики, 4-е изд. Пер. с англ. СПб, 2009, стр. 502-530;
7. Пиндайк Р.С., Рубинфельд Д.Д. –Микроэкономика, 2-е изд. Пер. с англ.. –М.; 2002, стр.642-681
8. Самуэльсон П.Э., Нордхаус В.Д., Экономика, 18-е изд. Пер. с англ.-М; ООО «Н.Д. Вильямс» , 2008, гл.14;
9. Тарануха Ю.В. Микроэкономика, 2-е изд.-М.; 2009, стр. 468-494;
10. Фишер С., Дорбнуш Р., Шмалензи Р. Экономика. – М.: 1993, гл.15-18
11. Экономическая теория. Задачи. Логические схемы, методические материалы. - СПб, 1999. – 448с.

# МАКРОИҚТИСОД

## БОБИ 20.
## ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ: МАҚСАД ВА НАТИҶАҲО

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Мафҳуми макроиқтисод.
2. Вазъи ҳозираи иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол.
3. Таркиби иқтисодиёти миллӣ
4. Натиҷагирии фаъолияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ.
5. Маҷмӯи ҳисобҳои маҳсулоти миллӣ (МҲМ - СНС)
6. Даромади миллӣ ва истифодаи он.
7. Таркиби сарвати миллат ва роҳҳои афзун намудани вай.
8. Мавқеи амалии иқтисодиёти ниҳонӣ.

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Ҳолати иқтисодиёти миллии Тоҷикистон.
2. Нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти иқтисодиёти миллӣ.
3. Нишондиҳандаҳои ҳисоби маҳсулоти миллӣ.
4. Сарвати миллат ва роҳҳои фузун гардонидани он.
5. Тақсимоти даромади миллӣ.
6. Мавқеи иқтисодиёти ниҳонӣ.

### 1. Мафҳуми макроиқтисод

Мо андак пештар огоҳ карда будем, ки «Макроиқтисод» дар забони тоҷикӣ бо мазмуни «иқтисоди калон» истифода мешавад. Яъне масъалаҳо, равишҳо ва ҷараёнҳои иқтисодии дар миқёси мамлакат, давлатҳои алоҳида ҷойдоштаро чунин ном гузоштаанд. Мебояд иқрор шуд, ки иқтисоди калон дар қиёс бо иқтисоди хурд (микро) ва миёна (мезо) истифода бурда мешавад, ки амалан ҷараёну равишҳои мансуб ба давлатҳо ва

мамлакатҳоро пешниҳод карда метавонад. Набояд фаромӯш кард, ки муносибатҳои иқтисодии ҷомеа дар миқёсу ҳудуди давлатҳои ҷудогона арзи вуҷуд менамоянд. Аз ин боис ҳам мо минбаъд ба омӯхтани онҳо кӯшиш ба харҷ хоҳем дод.

Солҳои охир тадқиқгарон баъзан ба иштибоҳ роҳ дода, то ҳамон хулосаҳо мерасанд, ки гӯё илми иқтисодии назариявӣ аз нисбати миқёс ҳам ба қисматҳои алоҳидаву ҷудогона тақсимбандӣ шуда ва ҳар яке аз онҳо фани мустақилеро пешниҳод карда метавонанд. Дар назари мо ин гуна тасдиқот бо ҳамон пайванди дорад, ки дар мамолики Ғарб фанни «Назарияи иқтисод» дар тӯли якчанд нимсолаҳои хониши мактаби олӣ омӯхта мешавад. Аз ин сабаб бо мақсади сабук гардонидани ҳуҷҷатгузорӣ ҳар нимсолаи таҳсил ба вай номи ҷудогонаро устувор гардонидаанд. Илова бар он бо мақсади ба шогирдон пешниҳод намудани китобҳои дарсии миёнаҳаҷм ҳар яке аз қисматҳои фанни мазкур бо тарзи ҷудогона номгузорӣ карда шудаанд. Ҳамин тавр, ба хонандагони арҷманд такроран чунин огоҳиро салоҳ медонем, ки илми «Назарияи иқтисод» ягона дар қисматҳои алоҳида бо номҳои ҷудогонаи «Микроиқтисод», «Мезоиқтисод» ва «Макроиқтисод» ёдрас карда мешавад. Мо ин ақоидотро ҳанӯз ибтидои солҳои 90-ми қарни XX-ум пешниҳод карда будем.

Ҳамин тавр, аз миёнаи солҳои 90-уми асри XX дар Русия китобҳову маводҳои зиёде аз чоп бароварда мешаванд, ки амалан қисматҳои ҷудогонаи илмро дар бар гирифта, воқеан танҳо бо номҳои «Микроиқтисод», «Макроиқтисод» чоп карда мешаванд.[1] Мо дар ин раванд муқобили чунин номгузориҳо нестем, вале зарур медонем, ки мавридҳои зарурат шогирдон бояд аз воқеияти мавҷуда бохабар бошанду сари вақт огоҳ карда шаванд.

Ҳамин тавр «Макроиқтисод» ба шогирдон дар бобати маҷмӯи муносибатҳои дар миқёси давлату мамлакатҳои ҷудогона суратгиранда бояд маълумот диҳад. Яъне вай ҳиссаи муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро фаро хоҳад гирифт. Ифодаи дигаргунаи вай «Иқтисодиёти миллӣ» мебошад.

---

[1] Ниг. Ивашковский С.Н. Макроэкономика. АНХ.М.: «Дело», 2000.

## 2. Вазъи ҳозираи иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол

Чунонки дар боло нишон дода шуд, иқтисодиёти давлати ҷудогона бо номи иқтисоди миллӣ корбурд мешавад. Монанди ҳамин иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мо ҳамчун акснамояндаи тамоми равишу ҷараёнҳо ва маҷмӯи муносибатҳои иқтисоди миллӣ зуҳур ёфта метавонад.

Мебояд мадди назар дошт, ки ҳанӯз соли 1924 дар масоҳати ҳозираи Тоҷикистон пас аз ҳазорсолаи беному нишонии он (пас аз суқути давлати Сомониён) Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон ташкил ёфта буд. Соли 1929 вай ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯрави(СССР)-и собиқ табдил ёфт. Мо ин зинаи фаъолияти давлати Тоҷикистонро даврони истиқлолияти нисбии вай номидаем. Соли 1991 таҳти пароканадашавии низоми фармонию бюрократии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати алоҳидаву ҷудогона ба истиқлолияти воқеии худ омада расида буд. Тӯли солҳои 1991-2009 дар Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол иқтисодиёти миллӣ фаъолият бурда меояд. Дар ин муддат вай рӯй ба иқтисоди бозоргонӣ оварда, ба таври мунтазамислоҳоти куллии иқтисодию иҷтимоиро пиёда карда меояд.

Дар роҳи пешравии иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол душворию монеаҳои зиёде қарор доранд:

1. Дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ Тоҷикистон яке аз Ҷумҳуриҳои кӯчаку аз ҷиҳати техникию иқтисодӣ қафомондае буд. Иқтисоди вай хислати канорию кишоварзӣ ва ашёӣ дошт. Аз ин боис, вай назар ба ҷумҳуриҳои дигари онзамона сатҳи хеле пастари инкишофро соҳиб гардида буд;

2. Ҳангоми ба истиқлолият расидан Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ бо кӯшиши қувваҳои дохилию берунии манфиатдор кашида шуда буд. Дар натиҷаи муборизаи шадиди ин қувваҳо, ки ғаразҳои худро дар амал пиёда карданӣ мешуданд, мамлакат ба бӯҳрони шадиди иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию идеологӣ кашида шуда, ҳиссаи намоёнтарини комёбиҳову иқтидор, амволу моликият ва дигар дороиҳои худро аз даст дода буд;

3. Бо кӯшиши баъзе аз бадхоҳону душманони дохилию берунӣ вай ба муҳосираи иқтисодии тӯлонӣ ворид шуда буд. Дар ҷануб сарҳади тӯлониро бо Афғонистони ҷангзада дошта, дар дигар самтҳо роҳи баромад ба берунро надошт. Баъзе ҳамсоягон ҳам нақли молҳову маводҳоро манъ мекарданд. Ин ҳама боиси касодиҳои зиёде дар ҷабҳаи иқтисодиёти мамалакат гардида буданд.

Вай соли 1997 бо дастгирии СММ, дигар ташкилоти байналхалқию давлатҳои абарқудрат ба истиқрори сулҳ расида, кӯшиши пешбурди мамлакатро огоз намуд. Ҳоло иқтисодиёт тадриҷан ба эътидол оварда мешавад, чораҳои зиёди давлатии паст кардани сатҳи камбизоатии саросари аҳолӣ татбиқ карда мешаванд. Таи даҳ соли охир ба ҳисоби миёнаи солона тақрибан 8-9% ҳаҷми умумии маснуот зиёд карда шудааст.

### 3. Таркиби иқтисодиёти миллӣ

Иқрор шудан зарур аст, ки таркиби иқтисодиёти миллӣ мавқеи равишҳо ва соҳаҳои дохилии фаъолияти иқтисодро нишон дода метавонад. Амалан ин таркиб доимию якхела набуда, таи таъсири равишҳо ва қонуниятҳои гуногун тағйир ёфта меистад. Дар давраи аввали бӯҳрони иқтисодии кишвар дар иқтисодиёт дигаргуниҳои намоён ба миён омада, боиси ҳамон гардидаанд, ки таи солҳои 90-ми асри XX ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулот ҳамасола кам мешавад. Мувофиқан ҳиссаи маҳсулоти қиёсии кишоварзӣ зиёд мегардад.

Таҳлили иқтисодиёти мамолики рушдёфта нишон медиҳад, ки дар ҳаҷми умумии МУД ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ то 60-70% мерасанд. Дар СССР-и собиқ вай ҳамагӣ 8-10 % -ро ташкил медод. Солҳои охир ин нишондиҳанда дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тақрибан 30-35%-ро ташкил додаст. Ҳамин гуна тағйироту дигаргуниҳо дар таркиби дохилии иқтисодиёти кишвар боз ҳам рух дода метавонанд. Бо мақсади ин гуна равишҳоро возеҳона нишон додан хонандагон маълумоти омории Тоҷики-

стонро доир ба ҳаҷми умумии маҳсулот ва ҳиссаҳои соҳаҳоро ба ҳамдигар муқоисаву муовиза карда метавонанд.

Барои дар ин бобат маълумоти комилу пурра гирифтан хонандагон метавонанд инчунин ба нақшаи 17.2 дар саҳифаи 16-17-и китоби дарсӣ муроҷиат намоянд.[1]

Амалан таркиби воқеии иқтисодиёти миллиро инчунин аз рӯи равишҳои зайл муайян кардан имконпазир мебошад:

1. Таркиби маҳсулоти умумии миллӣ аз рӯи сохтори истеҳсолии хоҷагии халқ;
2. Аз рӯи таркиби даромадҳои дар иқтисодиёт ҷой дошта;
3. Аз рӯи таркиби фондҳои истеҳсолии мавҷуда;
4. Аз рӯи таркиби соҳавии машғулии аҳолии мамлакат

## 4. Натиҷагирии фаъолияти истеҳсолоти ҷамъият

Раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки амалан фаъолияту натиҷагирии онро мефаҳмонад, барои муовиза ва қиёс кардани натиҷаҳо истифода бурдани ченаку андозаҳои ҳархеларо мадди назар дорад. Аз ҷумла инҳоро ҷудо мекунанд:

а) Нишондиҳандаҳои ашьёиву чизӣ (натуралӣ);

б) Нишондиҳандаҳои шартӣ;

в) Нишондиҳандаҳои арзишӣ;

Нишондиҳандаҳои ашьёиву чизӣ танҳо барои андозаву чен кардани номгӯи ҳамонанди маҳсулоту хадамот корбурд шуда метавонанд. Нишондиҳандаҳои шартӣ бошанд, барои қиёс кардан, аз ҷумла қувваи гармидиҳии сӯзишвориҳо (нефт, газ, ангишт, торф ва диг.) корбурд мешаванд. Нишондиҳандаҳои арзишӣ бошанд, хислати умумӣ дошта, дар асоси нархҳо ҳисобу андоза карда мешаванд.

Тамаддун ҳоло дар андозаву чен кардани натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба комёбиҳо омада расида,

---

[1] Ниг. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуюм.Д., «Паёми ошно, 2007,саҳ.16-17.

тақрибан зиёда аз 60 номгӯи онҳоро корбурд карда меоянд. Аз ҷумлаи онҳо нишондиҳандаҳои зайл ба таври васеъ корбурд мешаванд ва СММ ҳам ахбороти давлатҳоро барои пешниҳод тавсия медиҳад. Аз ҷумла:

- маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД - ВВП);
- маҷмӯи маҳсулоти умумӣ (ММУ - СОП);
- маҳсулоти умумии миллӣ (МУМ - ВНП);
- даромади миллӣ (ДМ - НД);
- даромади шахсии шаҳрвандон (ДШШ - ДДГ);
- даромади ниҳоӣ (ДН - КД);
- ҳаҷми истеҳсоли неъматҳо (ҲИН - ОПП);
- сабати истеъмолӣ (СИ - ПК) ва дигарҳо.

Барои муқоисаву муовиза кардани нишондиҳандаҳои натиҷагирии фаъолияти иқтисодиёти миллии мамлакатҳо аз ҳама зиёдтар нишондиҳандаҳои арзиширо корбурд мекунанд. Аммо дар нишондиҳандаҳои арзишӣ ҳисобҳои такрорӣ ва тағйироти нархҳо ҷой доранд. Аз ин боис ҳам бо мақсади тозаву соф кардани нишондиҳандаҳо усулҳои ҳархеларо истифода мебаранд. Яке аз ин гуна усулҳо роҳи муайяну ҳисоб кардани ҳаҷми ҳақиқии маҳсулоти дохилӣ мебошад, ки вайро ба тарзи зер ҳисоб мекунанд.:

$$\text{МУДҳақиқӣ} = \frac{\text{МУДномӣ}}{\text{Индекси нархҳо}}$$

### 5. Маҷмӯи ҳисобҳои маҳсулоти миллӣ (МҲМ - СНС)

Чунон, ки дар боло нишон дода шуд СММ аз ҷамеи давлатҳои ҷаҳон пешниҳоди ахборотро ҳамасола доир ба ҳаҷми маҳсулоти миллӣ тавсия медиҳад, чунки дар асоси ин гуна маҷмӯи нишондиҳандаҳо вазъи иҷтимоию иқтисодии ин ё он давлатро баҳогузорӣ кардан имконпазир аст.

Барои ҳисоб кардани ҳаҷми умумии маҳсулот нақшаи зайлро корбурд кардан маслиҳат дода мешавад:

*Нақшаи 20.1.*

**Тарҳи нақшагии ҳисоб кардани маҳсулоти умумӣ**

<table>
<tr><td colspan="2">Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД)</td><td></td></tr>
<tr><td>Маҳсулоти фирмаҳои хориҷиён</td><td>Маҳсулоти фирмаҳои ватанӣ</td><td>Маҳсулоти фирмаҳои ҳамватанон дар хориҷа</td></tr>
<tr><td></td><td colspan="2">Маҳсулоти умумии миллӣ (МУМ)</td></tr>
</table>

Минбаъд натиҷаҳои ҳосилшударо бо индекси нархҳо қиёсу муовиза намуда, натиҷагирии соли сипаришударо муайяну аниқ кардан имконпазир аст.

Дар мамлакатҳои ҷаҳони имрӯза ду равияи одатии ҳисобу чен кардани ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятиро корбурд карда меоянд. Ин маълумот дар китоби дарсӣ оварда шудааст. Хонандагон метавонанд ба он муроҷиат намоянд.[1]

Мебояд иқрор шуд, ки ин усулҳо равияҳои аз рӯи даромадҳо ва масорифот ҳисоб карда шудани ҳаҷми умумии маҳсулоти ҷамъиятӣ номида шудаанд ва ҷаҳониён ин усулҳоро бо пурраги қабул кардаанд.

Ҳангоми омӯзиши масъала мебояд дар назар дошт, ки барои ҳисоб кардани ҳаҷми умумии маҳсулоти ҷомиа инҳоро мадди назар мегиранд:

Намудҳои масорифот барои ҳисоби МУД;

- истеъмолоти шахсӣ ва хонаводаҳо;
- маблағгузориҳо ё истеъмолоти фирмаҳо;
- хароҷоти давлатӣ;
- содироти холис.

Намудҳои даромадҳо барои ҳисоби МУД:

- музди кор;
- маблағҳои рента
- ҷамеи фоидаи соҳибкорӣ
- маблағи умумии фоизҳо

1.Ниг. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуюм., «Паёми ошно»., с.2007 саҳ.25.

## 6. Даромади миллӣ ва истифодаи он

Натиҷаи дигару хеле муҳимтарини фаъолияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар ҳамаи мамлакатҳо тавлид ё истеҳсол намудани даромади миллӣ мебошад. Даромади миллӣ дар ҳиссаи намоён натиҷаи фаъолияти тавлидгарии соҳаҳои истеҳсолоти моддии мамлакат мебошад. Истеҳсолгарон ва ё тавлидгарони бевоситаи даромади миллӣ тамоми фирмаҳои соҳаҳои тавлидгарию коркард ва пешниҳодкунандаи хизматҳои ҳархела мебошанд.

Даромади миллиро маҳсулоти холиси дар давоми мӯҳлати муайян истеҳсолшуда ҳисоб мекунанд, ки ҳамчун маҷмӯи неъматҳо, воситаҳои истеҳсолот ва хизматҳои ҳархела ҷой дошта метавонанд. Ҳар як ҷомеа дар замони мо баҳри беҳбудиву зиндагонии худ маҳз даромади миллии истеҳсолкардаааашро амалан истифода бурда метавонад. Аз ин боис ҳам, афзун гардонидани даромади миллӣ ҳамчун роҳи намоёнтарини баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардумони мамлакат хизмат карда метавонад.

Дар ҳаёти воқеӣ ду роҳи асосии зиёд кардани ҳаҷми даромади миллиро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

- роҳи экстенсивӣ ё аз ҳисоби захираҳои иловагӣ зиёд кардани даромади миллӣ;
- роҳи интенсивӣ ё аз ҳисоби самаранок корбурд кардани захираҳои мавҷуда зиёд кардани даромади миллӣ.

Роҳи аввалро тамаддун дар зинаҳои аввали инкишофи худ бо таври васеъ корбурд карда меояд. Роҳи дуюмро бошад, дар пояи таъмин кардани пешрафти техникаву технология ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба даст овардан имконпазир аст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равияи аввалин зиёдтар корбурд шуда меояд.

Роҳи дуюми афзун гардонидани даромади миллиро ҷараёну равишҳои зайл таъмин карда метавонанд:

- сарфаи меҳнати зинда;
- сарфаи ашёву воситаҳо:
- сарфаи сармоя.

## 7. Таркиби сарвати миллат ва роҳҳои афзун намудани вай

Таҳти мафҳуми сарвати миллат ҷамеи имконот, дороиҳо ва захираҳои дар ихтиёри ҷомеа, мамлакату давлат қарордоштаро мефаҳманд, ки мавриди истифодаю баҳрабардорӣ қарор дошта метавонанд.

Сарвати миллатҳо дар ибтидо ҳамчун натиҷаи атову инъоми худовандӣ ба назар мерасанд. Аз ин сабаб ду ҳиссаи намоёни сарвати миллатро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд:

1) дороию имконияти табиию ҷуғрофӣ;
2) дороию имконияти иқтисодию иҷтимоӣ.

Чунонки аз баёни овардашуда маълум мегардад Худованд ҳар як халқу мамлакатро бо имконияту дороиҳо офаридааст. Аз ин боис ҳам, халқҳову давлатҳо имконоти табиию ҷуғрофии дар ихтиёрашон маҳфузбударо бар нафъи ҳаётгузаронии некӯаҳволонаи мардумони диёрашон корбурд карда меоянд.

Аммо дар рафти инкишофи таърихии худ ҳар як халқу миллат, давлат имкони ҳамаҷониба афзун гардонидани сарвати миллатро дар амал пиёда менамояд, ки оқибат ҳамчун роҳу воситаҳои зиёд гардонидани ҳаҷми воқеии ин сарват хизмат менамоянд.

Ҳамин тавр, ҳарчанд Тоҷикистони соҳибистиқлол мамлакати нисбатан кӯчаку тӯли ҳазорсолаҳо маҳрум аз озодию истиқлолият буд ва зиёда аз 93% масоҳати онро кӯҳҳову доманакӯҳҳо ташкил медиҳанд. Аммо аз инъоми беминнати Офаридгор бенасиб нест. Дар қаъри кӯҳҳои вай канданиҳои фоиданоки зиёд, табиати гуворою обҳои муссафо, ҳавои тозаву иқлими гуногун маҳфузанд. Халқи тоҷик таърихи бою ғание дошта, ҳазорсолаҳои пешин дар инкишофи илму фарҳанг ҳиссаи намоёне гузошта омадааст. Сарзаминашро шоирони сершумори зиндаёдаш «зархез» номидаанд. Вай дорои захираҳои беҳамтои энергетикӣ, мардумони боору номуси ҳалолкор, таърихи бои гузашта ва имконияти беҳадди ҳозираи пешрафти истеҳсолот мебошад.

Халқи тоҷик дар охирҳои асри XX-ум таи равишҳои объективии ҳаёти мардумон аз гумномию ноаёнии дар тӯли асрҳо ба истиқлолияти воқеӣ омада расида буд. Ибтидои эҳё барои

вай мушкилиҳо овардаанд. Чунки зиддиятҳои дохилӣ ва душмании бархе аз аҷнабиён боиси талаю тороҷ гардидани тамоми дороиҳои мавҷуда гардида буданд. Ҳоло таи қариб 20 соли аз расидан ба истиқлолият сипаригардида таҳти раҳнамоии фарзанди барӯманди миллат Эмомалӣ Раҳмон вай ба ояндаи дурахшони худ қадамгузорӣ карда меояд.

*Нақшаи 20.2*

**Унсурҳои асосии сарвати миллат**

| Унсурҳои намоёнтарини сарвати миллат: |
|---|
| ▪ Фондҳои асосии истеҳсолӣ; |
| ▪ Фондҳои гардони истеҳсолӣ; |
| ▪ Захираҳои моддӣ ва ашё; |
| ▪ Фондҳои ғайриистеҳсолӣ; |
| ▪ Моликияти шахсии шаҳрвандон; |
| ▪ Фонди манзили мавҷуда; |
| ▪ Сарвату дороии ахборӣ; |
| ▪ Захираҳои табиӣ мамлакат; |
| ▪ Имконоти истеҳсолии мавҷуда; |
| ▪ Комёбҳои илмию фарҳангӣ; |
| ▪ Таҷрибаю малакаи истеҳсолии мардумон; |
| ▪ Захираҳои меҳнатӣ; |
| ▪ Ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва дигарҳо. |

## 8. Мавқеи амалии иқтисодиёти ниҳонӣ

Баъзе пажӯҳишгарон дар ақидаи носаҳеҳ қарор дошта, гумон мебаранд. ки иқтисодиёти ниҳонӣ зодаи қарни XX-ум мебошад. Зери мафҳуми иқтисодиёти ниҳонӣ ҳамон гуна зуҳуроти иқтисодие фаҳмида мешавад. ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда мамнуъ (берухсат) буда, амалан ҷинояткорона амал мебарад.

Мебояд иқрор шуд, ки шояд дар замонҳои пешина ҳам коргоҳҳову фаъолияти аз ҷониби сохторҳои мавҷудаи давлатӣ эътироф нагардида арзи вуҷуд доштанд. Дар замони мо бошад, шумораи фирмаҳои бидуни сабти ном дар сохторҳои давлатӣ ва ё ғайрирасмӣ фаъолиятбаранда нисбатан зиёд шудаанд. Амалан онҳоро ба ду гурӯҳи алоҳида ҷудо менамоянд:

а) фирмаҳои ҷиноятпеша ё бо ин гуна амалиёт алоқаманд;

б) фирмаҳои фаъолияташонро бо мақсадҳои ғаразнок пинҳондоранда.

Амалан ҳардуи ин гурӯҳҳои фирмаҳо «гурез» аз қонунҳои давлатию ҷомеагӣ доранд. Аз ин боис ҳам, фаъолияти худро бо таври кушод ба роҳ намемонанд ва бар сар «ниқоб» мегиранд. Бо сабаби дар ҳайати сохторҳои давлатию ҳукумроникунанда «намояндаву ҳомӣ» («криша») доштанашон давлат онҳоро бо зудӣ бартараф сохта наметавонад, ҳарчанд мубориза мебарад.

Тадқиқгарон тахмин кардаанд, ки иқтисодиёти ниҳонӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ тақрибан 15-20% истеҳсолоти ҷамъиятиро зери назорат дошт. Мувофиқи баъзе маълумот ҳоло ҳиссаи вай дар иқтисодиёти Русия ба 30-40 % мерасад. Тадқиқгарони ҷудогона тахмин мекунанд, ки ҳиссаи иқтисодиёти ниҳоние, ки аз пардохти андозҳо мегурезад ва ба таври расмӣ фаъолият намебарад дар Тоҷикистон ҳам ба сатҳи 30-35 % истеҳсоли маҳсулот мерасад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Мафҳуми макроиқтисодро тасниф диҳед.
2. Вазъи иқтисодиёти Тоҷикистон чӣ гуна аст?
3. Чаро Тоҷикистонро давлати борушд ҳисобидан нашояд?
4. Маънидоди таркиби иқтисодиёти миллиро пешниҳод намоед.
5. Тартиби ҳисоб кардани МУД ва МУМ –ро баён созед.
6. Маҷмӯи ҳисобҳои миллӣ чист?
7. Чаро Созмони Миллалӣ Муттаҳид МҲМ-ро талаб менамояд?

8. Тақсимоти даромади миллиро баён намоед.
9. Захираҳои табиӣ дар сарвати миллат чӣ гуна мавқеъ доранд?
10. Мавқеи амалии иқтисодиёти ниҳониро нишон диҳед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Маънидоди микро ва макроиқтисод.
2. Таснифи иқтисодиёти миллӣ.
3. Зиддиятҳо ва комёбиҳои иқтисодиёти миллӣ.
4. Чаро иқтисодиёти Тоҷикистон кишоварзию саноатӣ шуд?
5. Нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти миллӣ.
6. Маҳсулоти умумии дохилиро тасниф диҳед.
7. Маҳсулоти умумии миллиро тасниф диҳед.
8. Маҳсулоти молию маҳсулоти ниҳоиро маънидод намоед?
9. Таркиби сарвати миллатро ба хотир биоред.
10. Нисбати иқтисодиёти ниҳонӣ чӣ ақида доред?

## V. ТЕСТҲО:

**1. Ҷавоби дурустро аз тасдиқоти зерин ҷудо карда нишон диҳед. «Макроиқтисод»-ро ҳамчун фани ҷудогона фаҳмидан ҷоиз аст?**

а) шояд;
б) не, ҳаргиз;
в) мебояд;
г) нашояд.

**2. Тадқиқгари намоёни қисмати «Макроиқтисод»-ро нишон диҳед.**

а) Карл Маркс
б) Ҷ.М.Кейнс;
в) Йозеф Шумпетер;
г) Ж.Б. Сэй.

**3. Кадоме аз хислатҳои тасвиршаванда ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистони солҳои 90-ум мувофиқ мебошад.**

а) касодию бӯҳронӣ;
б) дар рушд қарордошта;
в) тараққикунанда;
г) босуръат пешраванда.

**4. Таснифи дурустро аз тасдиқоти овардашуда ҷудо намоед.**

а) мегаиқтисод, мезоиқтисод, макроиқтисод, микроиқтисод;
б) микроиқтисод, мегаиқтисод, макроиқтисод, мезоиқтисод;
в) мезоиқтисод, микроиқтисод, мегаиқтисод, метаиқтисод;
г) микроиқтисод, мезоиқтисод, макроиқтисод, метаиқтисод.

**5. Бӯҳрони шадидтарини иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кадом давра ба вуқӯъ пайваста буд.**

а) солҳои 90-уми асри XX;
б) солҳои 80-уми асри XX;
в) ибтидои асри XX;
г) дар миёнаи асри XX.

**6. Аз тасдиқоти овардашуда нишондиҳандаи муҳимтарини макроиқтисодиро ҷудо намоед.**

а) маҳсулоти умумии берунииро;
б) маҳсулоти умумии дохилиро;
в) маҳсулоти умумии ниҳонииро;
г) маҳсулоти умумии ниҳоиро.

**7. Дар давоми соли 2006 нархи миёнаи умумии махсулот 20%, ҳаҷми он 30% афзудааст. Ҳаҷми қиёсии маҳсулоти умумии дохилӣ соли 2005 ҳамагӣ 3478 млн. сомониро ташкил дода буд. Пас ҳаҷми маҳсулоти соли 2006 чӣ қадар буд:**

а) 3960,6;
б) 3867,5;
в) 3967,5;
г) 3767,5.

**8. Мавриди 12 000 млн. будани ҳаҷми МУД сатҳи нархҳо 15% баланд шуданд. Он гоҳ ҳаҷми қиёсии маҳсулот бо нархҳои муқоисавӣ чӣ қадар мешавад:**

а) 10435 млн.с;
б) 10905 млн.с;

в) 10750 млн.с;
г) 11783 млн.с.

**9. Кадом равияи сиёсатро нисбати иқтисодиёти ниҳонӣ раво медонед**

а) инкору ҷазодиҳиро;
б) сиёсати бетарафиро;
в) сиёсати дастгириро;
г) эътирфу ҷонибдориро.

**10. Назарнамо кам шудани ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои иқтисодиёти ниҳонӣ дар кадом бобат иттило медиҳанд.**

а) бобати пешрафт;
б) дар бобати камшавӣ;
в) дар бобати афзоиш;
г) дар бобати бетағйирӣ.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. 11-ое издание. Учебник ., М.: «Омега - Л», 2008, стр. 523-539.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, «Паёми ошно», 2007, қисми дуюм, саҳ.8 – 40.
3. Курс экономической теории. Под. общ. ред. проф. Чепудрина М.Н. и др. Киров «АСА», 1999, гл. 16.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. М. «Инфра и М», 2007, стр. 134 – 181.
5. Самуэльсон П., Нордхаус В. Экономика. Издание. – 18-е, 2008, главы 20,21.
6. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика. М. «Дело», 1993, гл. 35
7. Экономическая теория. Часть II. Учебник./Под.ред. И. К. Ларионова и др. М.; 2006, гл. 2, 3, 11.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Ободии Тоҷикистон аз заҳмати устод аст. «Омӯзгор», № 44, 31.10.2008, саҳ.4.
9. Эргашев А., Муҳатбердиев Ҳ. Курси назарияи иқтисод (макроиқтисод). Душанбе, «Эҷод», 2004, боби, 1.

# БОБИ 21.
# МУВОЗИНАТИ МАКРОИҚТИСОДӢ. ТАҚОЗОИ КУЛЛ ВА АРЗАИ КУЛЛ

## I. НАКШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Маънидоди тақозои кулл. Качҳата ва омилҳои муайянкунандаи он.
2. Арзаи кулл: тамсилаҳои классикӣ ва кейнсионӣ.
3. Мувозинати макроиқтисодӣ. Тамсилаи тақозои кулл ва арзаи кулл (ТК/АК) байни ҳаҷми воқеии истеҳсолот ва сатҳи нарх.
4. Истеъмолот ва пасандоз, таъсири он дар ташаккули даромади миллӣ.
5. Маблағгузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи он.
6. Таносуби истеъмол, пасандоз, маблағгузорӣ ва мувозинати ҳаҷми истеҳсол (тамсилаи кейнсионӣ)

## II. НАКШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Назарияи кейнсионии тақозои кулл.
2. Арзаи кулл.
3. Тамсилаи ТК /АК.
4. Хусусиятҳои умумии истеъмолот, пасандоз ва маблағгузорӣ.
5. Фузунгар (мултипликатор)-и Кейнс ва усулҳои рушдовар (акселератсия).

### 1. Маънидоди тақозои кулл, качҳата ва омилҳои муайянкунандаи он

Пеш аз он, ки мо ба таҳлили мавзӯи додашуда оғоз намоем, зарур донистем моҳияти истифодаи калимаи куллро шарҳ диҳем. Ҷараёни муттаҳидсозии нархҳои алоҳида гирифташудаи молҳоро (сатҳи нархҳо) ва миқдори алоҳида ги-

рифташудаи молҳоро ба ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ – маҷмӯъсозӣ (кулл) меноманд. Баъд аз фаҳмиши моҳияти кулл мо метавонем ба таҳлили тақозои кулл ва арзаи кулл гузарем, зеро дар асоси таносуби байни кулли нархҳо (сатҳи нарх) ва ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ, ки дар хаттӣ ординат ва хатти абсисса ҷой мегиранд, каҷҳатҳои ин мафҳумҳоро сохтан мумкин аст.

Тақозои кулл (ТК) (AD – аз англ. aggregate demand) – ин ҳаҷми воқеии мол ва хадамотест, ки ба сатҳи нархҳои додашуда субъектҳои иқтисодӣ (оилаҳо, корхонаҳои хусусӣ, давлат ва кишварҳои хориҷӣ) тайёранд харидорӣ кунанд. Тақозои кулл бо намуди ҷамъи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ки «аз рӯи хароҷот» ҳисоб карда мешавад, дода мешавад:

$$ТК = C + Ig + G + Xn, \qquad (21.1)$$

ки аз ин ҷо:

**C** – хароҷоти оилаҳо;

**Ig** – хароҷоти фирма (маблағгузориҳои хусусии дохилӣ);

**G** – хароҷоти давлат ба мол ва захираҳо;

**Xn** – хароҷоти кишварҳои хориҷа барои молҳои ватанӣ (тарҳи субъектҳои иқтисоди ватанӣ ба молҳои хориҷӣ).

Хусусияти муҳими вазифаи тақозои кулл аз он иборат аст, ки бо баландшавии сатҳи нарх ҳаҷми тақозои кулл кам мешавад. Ин хусусият наметавонад бо амали «самараи ивазшавӣ» ва «самараи даромад», ки дар микроиқтисод барои исботи қонуни тақозо истифода бурда мешавад, фаҳмонида шавад.

Аввалан, мафҳуми тақозои кулл ҳамаи молҳо ва хадамотро дар бар мегирад, аз ин ҷо оиди иваз кардани як мол бо моли дигар ҳатто мавриди сухан ҳам нест. Дуюм, баландшавии сатҳи нарх, умуман, пастшаваии даромади субъектҳои иқтисодиро надорад, зеро афзудани сатҳи нарх бо зиёдшавии музди меҳнати кормандон, фоидаи фирмаҳо ва ғайраҳо вобаста буда метавонад. Ба ғайр аз ин, бо баландшавии умумии сатҳи нарх арзиши молу мулки оилаҳо боло рафта, онҳо доротар шуда, хароҷоти худро зиёд мекунанд.

Пастравии ҳаҷми тақозои кулл бо болоравии сатҳи нарх дар зери таъсири барои макроиқтисод хоси омилҳои ғайри нар-

хии тақозои кулл фаҳмида мешавад. Ба омилҳои гайринархии такозои кулл инҳо мансубанд:

1. ***Самараи меъёри фоиз.*** Бо болоравии сатҳи нарх микдори зиёди пул дар муомилот талаб карда мешавад, аз нокифоятии пул нархи он – меъёри фоиз меафзояд. Бо афзоиши меъёри фоиз тақозо ба молҳои инвеститсионӣ кам мешавад. Ба ғайр аз ин оилаҳо истеъмолро кам карда, маблағгузориҳои молиявиро, ки даромаднокиашон меафзояд, зиёд мекунанд. Ва оқибат тақозо ба молҳои истеъмолӣ ва инвестисионӣ кам мешавад.

*2.* ***Самараи доройӣ ё бақияи воқеии хазина.*** Бо баландшавии сатҳи нарх қобилияти харидории пул ва дигар фаъолҳои молиявӣ паст шуда, дар натиҷа соҳибони онҳо бенавотар шуда, тақозои истеъмолии худро кам мекунанд.

***3. Самараи содироти холис*.** Бо болоравии сатҳи нарх молҳои хориҷӣ нисбати молҳои ватанӣ арзон шуда, дар натиҷа тақозо ба молҳои хориҷӣ афзуда, ба молҳои ватанӣ кам мешавад.

Акнун омилҳои гайринархии тақозои куллро, яъне сабабҳое, ки боиси кӯчиши каҷхати ТК (AD) (ба рост аз ТК ба $ТК_1$ – зиёдшавӣ, ба чап аз ТК ба $ТК_2$ – камшавӣ) мегардад, дида мебароем. Ин омилҳоро мувофиқан аз ҷамъи ТК ба чор гурӯҳ ҷудо намудан лозим меояд. (ба формулаи 21.1 нигоҳ кунед.)




*Расми 21.1.* **Каҷхати тақозои кулл**

1. Сабабҳои тағйирёбии харочоти истеъмолӣ (C) бо сатҳи нархҳои доимӣ:

- дороии (боигарии) истеъмолгарон. Масалан, пастшавии арзиши мулкҳои ғайриманқул бисьёр оилаҳоро камбизоат менамояд ва онҳо харочоти худро кам мекунанд. Ва баръакс, аз баландшавии арзиши коғазҳои қиматнок бисьёр оилаҳо доротар шуда, онҳо харочоти худро зиёд мекунанд;

- мунтазирии истеъмолгарон. Агар болоравии сатҳи умумии нархҳо ба миён ояд, он гоҳ тақозои истеъмолгарон ба молҳо меафзояд, то ин ки пеш аз баландшавии нарх молҳоро харидорӣ намоянд. Инчунин истеъмолгарон мунтазири болоравии даромади худ мебошанд.

- андоз аз даромад. Афзоиши меъёри андоз аз даромад ба паст шудани даромади дар ихтиёри оилаҳо буда оварда, боиси камшавии харочоти истеъмолии онҳо мегардад.

2. Сабабҳои тағйирёбии ҳачми харочоти маблағгузорӣ (Ig) бо сатҳи нархҳои доимӣ:

- меъёри фоиз. Болоравии вай ба пастшавии фаъолнокии маблағгузорӣ ва кам шудани тақозо ба молҳои маблағгузорӣ оварда мерасонад (Бо самараи меъёри фоиз иштибоҳ нанамоед, зеро вай дар тағйирёбии сатҳи нарх амал мекунад!).

- мунтазирии маблағгузорон. Агар дар оянда боздеҳи маблағгузорӣ зиёд шавад, тақозо ба маблағгузорӣ меафзояд;

- андозҳо. Болоравии сатҳи андоз аз фоида, андози ягонаи ичтимоӣ ва дигар андозҳо фоидаи софи фирмаҳоро кам карда, имконияти харидории молҳои маблағгузориро паст мекунад. Аз ин рӯ, тақозои маблағгузорӣ дар иқтисод поён меравад;

- технолоҷӣ. Ҷоришавии технологияи нав одатан мабалғгузориҳои иловагиро ҳавасманд намуда, ба камшавии маблағгузорӣ дар соҳаҳои ақибмондаи истеҳсолот меорад. Ҳамин хел, дар Тоҷикистон норасии барқ дар зимистон, боиси пайдо шудани истгоҳҳои алтернативӣ (стансияҳои хурди обӣ, офтобӣ, ҳароратӣ ва ғайра) мегардад, ки технологияи навро талаб мекунад.

- иқтидори изофагӣ. Зиёдшавии онҳо боиси камшавии тақозо ба молҳои маблағгузорӣ ва баръакс он боиси афзудани тақозои мабалғгузорӣ мегардад.

3. Тағйирёбии ҳаҷми харидҳои давлатӣ (G) бо сатҳи нархҳои доимӣ; одатан натиҷаи гузаронидани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Агар Ҳукумати Ҷумҳурӣ харидҳои давлатиро зиёд кунад, тақозои кулл меафзояд ва баръакс. Мисол, кам шудани харидҳои давлатии пахта дар Тоҷикистон боиси паст шудани тақозои маблағгузорӣ дар иқтисод мегардад.

4. Сабабҳои тағйирёбии ҳаҷми содироти соф (Xn) бо сатҳи нархҳои доимӣ:

- ҳаҷми истеҳсолот дар дигар кишварҳо. Агар он зиёд шавад, тақозо аз тарафи кишварҳои беруна ба молҳои ватанӣ меафзояд. Ҳамин хел, рушди иқтисод дар МДМ тақозои молҳои ватаниро зиёд намуда, тақозои кулл дар Тоҷикистон баланд мешавад.
- қурби сомонӣ. Агар вай нисбат ба дигар асъорҳо боло равад, молҳои ватанӣ барои хориҷиён қимат шуда, содирот кам мегардад. Дар айни замон молҳои хориҷӣ барои тоҷикистониён дастрас шуда (даромади онҳо бо ифодаи долларӣ зиёд мегардад) воридот зиёд мешавад. Дар маҷмӯъ содироти соф ва тақозои кулл кам мешавад.

## 2. Арзаи кулл: тамсилаҳои классикӣ ва кейнсионӣ

Арзаи кулл (АК) – ин миқдори умумии охирини мол ва хадамот, ки дар иқтисодиёт бо ифодаи арзишӣ истеҳсол карда шудааст. Бисёр вақт ин мафҳум чун ҳамрадифи ММД истифода карда мешавад.

Каҷхати арзаи кулл АК (AS – аз англ. aggregate supply) нишон медиҳад, ки кадом ҳаҷми умумии маҳсулотро дар бозор истеҳсолкунандагон бо сатҳи нархҳои умумӣ дар иқтисод пешниҳод карда метавонанд.

Омилҳои ғайринархии арзаи кулл – ин тағйироти технологӣ, нархи захираҳо, андозситонии фирмаҳо ва ғайра, ки дар ҷадвал бо кӯчиши каҷхати АК ифода мешавад. Мисол, бо баландшавии нархи нафт ва маҳсулоти нафтӣ зиёдшавии хароҷот ва кам шудани ҳаҷми арза бо ҳар як сатҳи нарх дар иқтисодиёт

додашуда, дар чадвал бо ҳаракати AS ба тарафи чап тасвир карда мешавад.

Ҳосилнокии баланд дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар натиҷаи шароити хуби обу ҳаво ба даст меояд, ҳаҷми арзаи куллро зиёд карда, дар чадвал бо ҳаракати качхати AS ба тарафи рост ифода меёбад.

Качхати AS дар назарияҳои классикӣ ва кейнсионӣ бо шаклҳои гуногун шарҳ дода мешавад.

Тамсилаи классикӣ фаъолияти иқтисодиро дар давраи дарозмуддат инъикос менамояд. Таҳлили арзаи кулл дар назарияи классикӣ дар асоси чунин шартҳо сохта мешавад:

- бозорҳо ракобатианд; ҳаҷми барориши маҳсулот танҳо аз микдори омилҳои истеҳсолӣ (меҳнат ва сармоя) ва технолоҷӣ, ки аз нарх вобастагӣ надоранд, тобеъ мебошад; тағйирот дар омилҳои итстеҳсолӣ ва технолоҷӣ дер ба вуҷуд меоянд; иқтисодиёт дар шароити шуғли пурраи омилхои истехсолӣ амал мекунад, ки аз ин ҷо ҳаҷми маҳсулот ба иқтидори истеҳсолот баробар аст; нархҳо ва музди меҳнат чандирӣ буда, тағйирёбии онҳо мувозинатро дар бозор нигоҳ медорад.

Дар ин шароит качхати AS бо сатҳи барориши маҳсулот бо пуррагӣ истифодашавии омилҳо амудианд (вертикалӣ).

Дар тамсилаи классикӣ шакли качхати AS–ро бо таҳлили бозори меҳнат алоқаманд менамоянд, зеро меҳнат омили асосӣ ҳисоб шуда, тағйироти он метавонад ба сатҳи барориши маҳсулот дар давраи кӯтоҳмуддат таъсир расонад.

Болоравии сатҳи умумии нарх музди кори ҳақиқиро кам карда, аз ин ҷо тақозо ба меҳнат дар бозори меҳнат аз арзаи он зиёд мешавад (коргарон ва соҳибкорон ба тағйирёбии музди меҳнати ҳақиқӣ аҳамият медиҳанд, на исмӣ). Ин ба болоравии музди меҳнати исмӣ меоварад. Дар натиҷа музди меҳнати ҳақиқӣ ба сатҳи ибтидоӣ баргашта, дар бозори меҳнат мувозинат ва сатҳи аввалии шуғлро баркарор мекунад. Аз ин рӯ ҳаҷми маҳсулот амалан тағйир намеёбад. (Расми 21.2)

Кӯчиши АК (AS) (ба рост аз АК ба $AK_1$ – зиёдшавӣ, ба чап аз АК ба $AK_2$ – камшавӣ) танҳо дар ҳолати тағйирёбии бузурги омилҳои истеҳсолӣ ва ё технолоҷӣ метавонад ба амал биёяд. Агар ин тағйирот ҷой надошта бошанд, качхати AS дар

давраи дарозмуддат (LRAS – аз англ. Long run aggregate sypply curve) дар сатҳи барориши маҳсулоти иқтидорӣ ҷой гирифта, ҳама гуна лапишҳои тақозои кулл танҳо дар сатҳи нарх ифода мешаванд.




*Расми 21.2.* **Каҷхати арзаи кулл**

Таҳлили арзаи кулл бо чунин заминаҳои пешакӣ асосонок карда мешавад:

- иқтисодиёт дар шароити истифодаи нопурраи омилҳои истехсолӣ фаъолият мекунад;

- нархҳо, музди меҳнати исмӣ ва дигар бузургиҳои исмӣ – нисбатан устувор буда, ба лапиши бозорӣ оҳиста таъсир мерасонанд;

- бузургиҳои воқеӣ (ҳаҷми барориши маҳсулот, шуғлнокӣ, музди меҳнати ҳақиқӣ ва ғ.) серҳаракат буда, зудтар ба лапиши бозорӣ таъсир мерасонанд.

Каҷхати AS дар тамсилаи кейнсионӣ уфуқӣ (горизонталӣ) буда ва ё майли мусбат дорад.

Мулоҳизаҳо оиди нисбатан устувор будани нархҳо дар давраи кӯтоҳмуддат бо рафтори одатии бизнес исбот карда мешавад. Дар шароити муқаррарӣ бисёр фирмаҳо иқтидори изофагӣ дар анборҳо, захираи маҳсулоти тайёр, инчунин имконияти истифодаи аз меъёр зиёди кор ва ё кироя кардани кор-

мандони иловагиро (махсусан дар шароити шуғли нопурра) доранд.

Аз ин рӯ, дар давраи кӯтоҳмуддат зиёдшавии тақозо ҳамеша бо афзудани ҳаҷми фурӯш бе ягон тағйироти нарх метавонад ҷой дошта бошад.

Диққати асосиро ба он додан лозим аст, ки дар тамсилаи кейнсионии каҷхати AS аз тарафи рост ба сатҳи барориши иқтидорӣ маҳдуд шуда, шакли уфуқии (горизонталӣ) ростро гирифта, дар амал бо каҷхати AS дарозмуддат мувофиқат мекунад. (ниг. ба расми 21.2)

Ҳамин тариқ, ҳаҷми арзаи кулл дар давраи кӯтоҳмуддат асосан аз бузургии тақозои кулл вобаста аст. Дар шароити шуғли нопурраи омилҳои истеҳсолот ва устувории нархҳо кӯчиши тақозои кулл пеш аз ҳама ба тагйири ҳаҷми барориш (арза) оварда, танҳо дар охир метавонад ба сатҳи нархҳо таъсир расонад (SRAS – каҷхати арзаи кулл дар давраи кӯтоҳмуддат, аз англ. – short run aggregate sypply curve). Дар таҷриба ин исбот карда шудааст.

Агар ҳукумат хоҳад, ки ҳаҷми барориши маҳсулотро дар иқтисодиёт зиёд кунад, мувофиқи равияи кейнсгароӣ, вай бояд тақозои куллро бо ёрии сиёсати хазинадорӣ (фискалӣ) ва сиёсати пулию қарзӣ – масалан зиёд кардани хароҷоти давлатӣ, паст кардани сатҳи андозҳо, зиёд кардани арзаи кулл ва ғайраҳо дастгирӣ намояд.

Ҳанӯз соли 1925 Ҷон Мейнард Кейнс бо фарқияти тағйирёбандаҳои исмӣ ва воқеӣ дар давраҳои кӯтоҳ ва тӯлонӣ диққат дода буд. Дар замони Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳукумати Британияи Кабир маҷбур шуд, ки аз намунаи тиллоӣ даст кашад, зеро барои пӯшонидани хароҷоти ҷанг, мисли дигар киш-варҳо ба интишори зиёди пулҳои коғазӣ (эмиссия) рӯ оваранд. Баъди ба охир расидани ҷанг Британияи Кабир қарор кард, ки қурби фунт-стерлингро бардошта, ба намунаи тиллоӣ баргардад. Бо ин мақсад, мувофиқи назарияи классикӣ сиёсати маҳдудкунандаи пулӣ гузаронида шуда, тақозои куллро кам карда, пастшавии нархро ба вуҷуд оваранд. Вале дар амал дар натиҷаи кам кардани тақозои кулл он ба кам шудани ҳаҷми барориши маҳсулот ва

афзудани бекорӣ овард. Дар он давра вазири молия У.Черчилл ва эътирозкунандаи гузаронидани ин сиёсат Ҷ.М.Кейнс буд. Дар мақолаи худ «Оқибатҳои иқтисодии сиёсати Черчилл» вай фаъолияти ҳукуматро доир ба маҳдудкунии тақозои кулл ба зери танқиди сахт гирифт. Ақидаи ин мақола минбаъд асоси қисми назарияи макроиқтисодии вай гашт.

Ҷ.М.Кейнс тахмин карда буд, ки камшавии тақозои кулл ба зуд пастравии нарх ва музди кор меорад. Коргарон ба кам кардани музди меҳнат то ҳамон лаҳзае муқобилият мекунанд, ки бо зиёд шудани сафи бекорон созиш накунанд. Ба замми ин ҳар як гурӯҳи коргарон мунтазир мешаванд, ки ба ин гузашт дигарҳо ҳам ҳамроҳ мешаванд. Аз ин ҷо ҷараёни паст шудани музди кор дурудароз ва «устувор» мешавад.

Кейнс пешгӯи намуд, ки кам шудани тақозои кул аз музди меҳнат дида, зиёдтар нархҳоро паст мекунад, ки ба кам шудани тақозои қувваи корӣ аз тарафи фирмаҳо ва паст шудани сатҳи истеҳсол меоварад. Ҳамин ҳодиса дар Британияи Кабир дар соли 1925 рӯй дода буд.

Воқеияти «Депрессияи бузург»-и соли 1929-1933 ҳам, ки дар ҳолати кам шудани тақозои кулл таъсири бараксӣ он дар давраи кӯтоҳмуддат пеш аз ҳама кам шудани ҳаҷми барориши маҳсулот ва баъдтар пастравии нархҳо ба амал меояд, тасдиқ кард.

### 3. Мувозинати макроиқтисодӣ. Тамсилаи ТК/АК

Мувозинати макроиқтисодӣ – вазъияти иқтисоди миллист, ки баробарии тақозои кулл бо арзаи кулл ба амал меояд.

Буриши каҷхатҳои AD (ТК) ва AS (АК) ҳаҷми мувозинатии барориши маҳсулот ва сатҳи мувозинатии нархро муайян мекунад (расми 21.3 а,б). Мувозинати макроиқтисодии ин ҳолати он бузургиҳои кулл аст, ки ҳаҷми зиёдтарини истеҳсолот, шуғли пурра ва сатҳи мӯътадили нарх ба даст меояд. Вазъияти мувозинатӣ метавонад дар қисмҳои гуногуни арзаи кулл ба вуҷуд ояд.




а)

*Расми 21.3а.* **Мувозинатии арзаи кулл**




б)

*Расми 21.3б.* **Мувозинатии арзаи кулл**

Дар расми 21.3а мувозинати дар қисмати мобайни арзаи кулл; дар расми 21.3б дар қисми кейнсиании арзаи кулл дар нуқтаи бурриш бо качҳати тақозои кулл ба вуҷуд меояд. Ин нуқтаи $P_1$ бо $q_e$ – дар қисмати мобайнии расми – 21.3а Pe бо $q_e$ – дар қисмати классикии расми 21. 3б ҷой дошта, рақобат байни истеъмолгарон нархро аз $P_1$ то $P_e$ баланд бардошта, ҳаҷми истеҳсолот аз $q_1$ то $q_e$ зиёд мешавад. Дар натиҷа нархи мувозинатӣ дар нуқтаи Pe бурриши качҳатҳои тақозои кулл ва арзаи кулл барқарор мегардад.

Ба расми 21.3б бармегардем. Бурриши качҳатҳо дар қисмати кейнсионӣ ба амал омада, дар ин ҷо сатҳи нарх ба ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ таъсир намерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки бо зиёд истеҳсол шудани ҳаҷми мол онро фурӯхтан амри маҳол аст. Вале дар ҳолати истеҳсол дар сатҳи $q_1$ талаботи иловагӣ пайдо шуда, иқтисодиёт ҳаҷми изофагии маҳсулотро то ҳудуди $q_e$ мерасонад. Дар ин ҳолат мувозинати сатҳи нарх ва ҳаҷми воқеии истеҳсолот ба вуҷуд меояд.

Мувозинате, ки мо дар боло овардем, метавонад ҳам аз ҳисоби кӯчиши тақозои кулл ва ҳам аз кӯчиши арзаи кулл вайрон шавад. Ҳоло мо оқибатҳои кӯчиши тақозои куллро дида мебароем.

Кӯчишҳои тақозои кулл ҳам аз зиёдшавӣ ва ҳам аз камшавӣ метавонад ба амал биёяд. Тақозои кулл дар натиҷаи тағйирёбии хароҷоти истеъмолӣ, микёси маблағгузорӣ, хароҷоти давлатӣ ва ё ҳаҷми содирот дигаргун мешавад. (Ба расми 21.3а нигаред.)

Масалан, оилаҳо ва ё фирма харидҳои иловагии молҳои истеъмолӣ ва ё маблағгузориро карданд. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна ин амал дар сатҳи нарх ва ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ инъикос мешавад. Ба ин савол ҷавоби якхела дода намешавад. Муаммо дар он аст, ки ин тағйирёбӣ дар кадом қисмат ба вуқӯъ меояд.

Маълум аст, ки барои қисмати кейнсионии каҷхати тақозои кулл мавҷудияти сатҳи баланди бекорӣ ва иқтидори зиёди истифодашудаи истеҳсолӣ хос аст. Афзоиши тақозои кулл дар ин шароит ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ ва зиёдшавии шуғл оварда мерасонад. Дар ин ҷо сатҳи нарх тағйир намеёбад, яъне баланд намешавад.

Азбаски дар қисмати классикӣ қувваи корӣ пурра банд буда, иқтидорҳои истеҳсолӣ то қадри имкон таъминанд, зиёдшавии тақозои кулл бо болоравии сатҳи нарх ба амал омада, аз нуқтаи назари иқтисодӣ мақсаднок нест. Дар ин ҳолат ҳаҷми воқеии истеҳсолот дар сатҳи аввала боқӣ мемонад. Дар қисмати мобайнӣ зиёдшавии тақозои кулл бо афзоиши ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ ва болоравии сатҳи нарх ба амал меояд. Зиёдшавии тақозои кулл дар қисматҳои мобайнӣ ва классикӣ, ки бо болоравии сатҳи нарх ба амал меояд, таварруми тақозоро нишон медиҳад.

Он ҳолатеро таҳлил карда мебароем, ки агар тақозои кулл кам шавад, дар ин вазъият дар қисмати кейнсионӣ ҳаҷми истеҳсолот ҳам паст шуда, сатҳи нарх бетағйир мемонад. Дар қисмати классикӣ бошад, нархҳо поён рафта ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ бошад, дар сатҳи машғулии пурра боқӣ мемонад. Вале дар қисмати мобайнӣ ҳам ҳаҷми воқеии истеҳсолот ва ҳам сатҳи нархҳо паст мешаванд.

Эътирозҳои ҷиддӣ оиди тахминҳои назариявӣ, ки дар қисматҳои классикӣ ва мобайнӣ сатҳи нарх паст мешавад ба вуҷуд меорад. Мебояд дар назар дошт, ки нархи молҳо, хусусан

захираҳо мутаҳаррик ва зудтағйирёбандаанд, дар ҳолати болоравӣ ва ҳамзамон ниҳоят аз ҳаракат бозмемонанд, агар майли тағйироти баргарданда ба вуҷуд ояд, яъне дар як ҳолат боқӣ монад. Ин қонуният дар ҳаракати нарх таҳти «самараи храповик» бештар машҳур аст, яъне механизме, ки чархро ба пеш тела дода, вале ҳаракатро дар вақти қафоравӣ нигоҳ медорад.

***Кӯчиши каҷхати арзаи кулл.*** Дар каҷхати арзаи кулл ба тарафи чап ва рост майли ҳаракат ҷой дошта метавонад. Пеш аз ҳама кӯчиши каҷхати арзаи кулл ба тарафи чапро таҳлил карда мебароем. Барои ҳолати имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ ин зуҳуроти муқаррарист. Кандашавии алоқаҳои иқтисодии собиқ кишварҳои Шӯравӣ, боиси якчанд маротиба болоравии нарх ва ба яку якбора кам шудани арзаи мол дар бозор оварда расонид, ки ин, аз як тараф, натиҷаи паст шудани ҳаҷми воқеии истеҳсолот бошад, аз дигар тараф, натиҷаи болоравии нархҳост. Ҳолате, ки дар зери таъсири кам шудани арзаи кулл дар як вақт паст шудани ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ ва болоравии сатҳи нархҳоро ба амал меорад, стагфлятсия ном дорад.

Ҳолати баръаксро дида мебароем. Иқтисодиёт аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ пурра таъмин буда, тайёр кардан ва аз нав тайёркунии кадрҳо ҷой дошта, фишангҳои идоракунии бозории иқтисодиёт рӯз аз рӯз меафзояд. Дар ин шароит бояд баландшавии ҳосилнокии меҳнат, ки аз суръати афзоиши музди кор зиёд аст, камшавии хароҷоти истеҳсолӣ, пастравии нарх ва болоравии ҳаҷми воқеии истеҳсолотро ба вуҷуд меорад. Ин мисол самти баромади иқтисодиётро аз ҳолати буҳронӣ муайян мекунад. (ба расми 21.3 б нигаред).

## 4. Истеъмолот ва пасандоз, таъсири он дар ташаккули даромади миллӣ

***Истеъмол, пасандоз ва даромад.*** Барои донистани масъалаи он, ки тавлиди Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) аз чӣ вобастагӣ дорад, пеш аз ҳама миқдори дар ҷомеа ба вуҷуд омадани неъматҳои моддӣ ва хадамотро фаҳмидан лозим аст. Мувофиқи назарияи кейнсионии шуғл ҳаҷми истеҳсол кардашудаи мол ва хадамот аз ин ҷо сатҳи шуғли аҳолӣ мустақиман

аз сатҳи умумӣ ва ё маҷмӯи хароҷот (тақозои кулл) вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, барои имконияти ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ зарур аст иқтидори захиравиро ба ҳисоб гирем. Зеро вай асоси истеҳсолот ба шумор меравад, сониян, андозаи даромади хоҷагиҳоро (оилаҳоро)ва таносуби он қисми даромад, ки ба истеъмолот ва пасандоз ҷудо мешавад таҳлил карда, маблаггузориро тадқиқ намуда, усулҳои барқароршавии мувозинати байни ҳаҷми истеҳсол, даромад ва шуғл, инчунин мавқеи савдои хориҷиро ба истеҳсоли ММД дида баромадан лозим аст.

Ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар ҷараёни истеҳсоли ММД одатан ба шаклдарории Маҳсули Холиси Дохилӣ (МХД) ба эътибор гирифта мешавад, зеро ин нишондиҳанда иқтидори иқтисод, имкониятҳои таъмини пешрафти ояндаро аниқ инникос менамояд. Ҷоиз аст ММД аз МХД, ки бо бузургии воситаҳои амортизатсионӣ (хурдашавӣ) фарқ мекунад. Дар охир истеҳсоли ММД бе ҳисоби сиёсати фискалии (хазинадорӣ) ҳукумат дида баромада мешавад.

Ҷузъи таркибии маҷмӯи хароҷот (тақозои кулл) истеъмолот аст, ки қисми таркибии даромади хоҷагӣ (оилаҳо) пас аз пардохти андозҳо (ДI) мебошад. Қисмати дуюми ин даромад пасандоз аст. Даромад ҳангоми ташаккул ёфтани ММД дар ду самт иштирок мекунад: аввалан, он ҳиссаи даромаде, ки ба истеъмол сарф мешавад, маҳсулоти дар ҷомеа тавлидшударо харидорӣ намуда, ҳамин тавр тақозои маҳсулоти дар оянда истеҳсолшударо ба вуҷуд меорад; дуюм, харҷи қисми аз даромад пасандозкардашуда, асосҳои истеҳсолиро такомул ва васеъ намуда, дар инкишофи он саҳм мегузорад.

Муайян кардани афзалияти истеъмолот ва пасандоз дар таҳлили таъсири даромад дар ташаккули ММД бисёр душвор аст. Албатта, дар сатҳи хароҷоти истеъмолӣ таъсири зиёдеро даромади дар ихтиёрдошта дорад, вале вобаста ба шароити иҷтимоию иқтисодии ҷойдошта ё истеъмол ва ё андоз таъсир мерасонад. Агар истеъмол ва пасандозро бо вазни қиёсӣ дида бароем, дар бисёр ҳолат қисми зиёди даромадро хароҷот ташкил медиҳад. Ифодаи умумии даромад пас аз пардохти андозҳо (даромади дар ихтиёрдошта) бо чунин тарз навишта мешавад:

ДI = C + S, аз ин ҷо

ДI – даромади дар ихтиёрдошта

C – истеъмол

S – пасандоз

Таносубе, ки даромад ба истеъмол ва пасандоз тақсим мешавад, аз майли оилаҳо ба пасандоз вобастагӣ дорад. Майли миёна ва ҳаддии пасандозро фарқ мекунанд. Ҳиссаи умумии даромад, ки ба истеъмол сарф мешавад, майли миёнаи истеъмол (APC) ном дошта, ҳиссаи умумии даромаде, ки бо фисад ифода шуда, пасандозро дар бар мегирад, майли миёнаи пасандоз (APS) номида мешавад. Ин таносубҳоро чунин ифода кардан мумкин аст;

$$APC = \frac{\text{Истеъмол}}{\text{Даромад}}\ ; \qquad APS = \frac{\text{Пасандоз}}{\text{Даромад}}$$

Мутаносибии ин бузургиҳо танҳо барои андозаи мушахасси даромади умумӣ аҳамият дорад. Тағйирёбии яке аз ин бузургиҳо ба тағйир ёфтани таносуби онҳо меорад. Афзоиши даромаде, ки ба зиёдшавии истеъмол меорад, ҳадди майли истеъмол (MPC) номида мешавад. Ин бузургӣ таносуби ҳиссаи тағйирёбии истеъмол ба тағирёбии даромад буда, бо чунин намуд ифода мешавад:

$$MPC = \frac{\text{Тағйирёбии истеъмол}}{\text{Тағйирёбии даромад}}$$

Ҳадди майл ба пасандоз MPS - ин афзоиши даромад ба пасандози сарфшуда аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки MPS –ин таносуби тағйирот ба пасандоз ба он тағйироти даромади ба пасандоз сарфшуда ба амал омада:

$$MPS = \frac{\text{Тағйирёбии пасандоз}}{\text{Тағйирёбии даромад}} \text{ аст.}$$

Ҷамъи MPC ва MPS пас аз пардохти андозҳо бояд ба як баробар шавад. Дар иқтисоди кишварҳои индустралӣ ва инкишофёфта таносуби MPC ва MPS дар айни замон нисбатан устувор буда, мувофиқан 0,75 ва 0,25-ро ташкил медиҳад, яъне, ки оилаҳо аз даромади умумӣ 75%-ро истеъмол карда, 25%-ро пасандоз мекунанд.

<u>Омилҳои истеъмол ва пасандоз, ки бо даромад алоқаманд нестанд.</u> Омили асосии муайянкунандаи андозаи ис-

теъмол ва пасандоз миқдори даромади гирифташуда мебошад. Ба ғайр аз ин, як қатор омилҳое, ки ба ин муносибат надоранд, вале ба ташаккулёбии истеъмол ва пасандоз таъсир мерасонад, ҷой доранд. Ба ин мисол шуда метавонад миқдори андӯхтаи боигарии оилаҳо, ки минбаъд дар ҷараёни ба вуҷуд омадани пасандоз баромад мекунад. Оилаҳо аз истеъмол худдорӣ намуда, боиси ғуншавии боигарӣ мегарданд. Ин пасандозкунӣ бо роҳи сохтумон ва харидани хонаҳо, гаражҳо, сохтмони ҳавлиҳои берун аз шаҳри (дача), автомобил, оинаи нилгун, яхдон, қоғазҳои қиматнок, полисҳои суғурта ва ғайра ба амал меояд. Дар ин ҷараён чунин қонуният хос аст: дар ҳуддуди муайян «рағбат» ба пасандоз суръатнок буда, пас аз он кам мешавад. Чунин вазъияте ба амал меояд «рағбат» ба пасандоз, ки ба боигарӣ нигаронида шуда буд, бо мурури замон ба омиле, ки кӯшиши нигоҳ доштани пасандозро мекунад, табдил меёбад.

Ба андозаи истеъмол ва пасандоз сатҳи нархи молҳо таъсир расонида метавонад: баландшавии нарх ба камшавии истеъмол ва пастшавии он ба афзоиши он меорад. Болоравии нарх қобилияти харидории боигарии ғуншударо кам карда, баракс, пастшавии нарх онро зиёд мекунад, яъне ба ном «самараи боигарӣ» ба вуҷуд меояд. Он чизе, ки ба пасандоз дахл дорад, болоравии нарх таносуби ҷой доштаи истемол ва пасандозро тағйир медиҳад. Агар нархҳо аз даромад дида ба дараҷаи беҳад афзоянд, ҳам истеъмол ва ҳам пасандоз кам мешавад. Агар болоравии нарх бо зиёдшавии даромад якхела бошад, ҳиссаи истеъмол ва даромад бе тағйир боқӣ мемонад. Пастравии нарх бисёр вақт бо афзудани даромади воқеӣ ба амал омада, ҳиссаи таносуби истеъмол ва пасандоз чун пешина боқӣ мемонад ва ё яке аз ин бузургиҳо тағйир меёбад.

Ба хароҷоти ҷорӣ ва пасандоз ниғаронии оилаҳо таъсири намоён мерасонад. Агар баландшавии нархҳо дар назар дошта шуда бошад, ҳудуди истеъмол васеъ шуда, ғуншавии боиғарӣ ба амал омада, захираҳои кам ба намуди пасандоз ба соҳибкорӣ, хариди қоғазҳои қиматнок, полисҳои суғурта ва ғайра сарф мешаванд. Мунтазарии устувории (босуботии) иқтисод ба зиёдшавии пасандоз, истифодаи он дар истеҳсолот, доираи бизнеси савдо ва хадамот оварда мерасонад.

Афзудани қарзҳои истеъмолӣ, болоравии андозҳо миқдори даромади воқеиро паст карда, ислоҳот дар истеъмол ва пасандоз ба амал оварда, чун қоида ҳар ду ҳам кам мешаванд.

### 5. Маблағгузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи он

**Маблағгузорӣ ва омилҳои ба он алоқаманд.** Маблағгузорӣ пас аз истеъмол ҷузъи муҳими дуюми хароҷоти соф (тақозои кулл) мебошад. Бо ёрии он вазифаҳои иқтисодӣ ва истеҳсолӣ, чун сохтумони заводу фабрикаҳои нав, аз нав таҷҳизонии истеҳсолот ва ғайра иҷро карда мешавад. Миқёси маблағгузорӣ дар инкишофи иқтисод мавқеи муайянкунандаро дошта, аз нигаронии меъёри фоидаи соф ва меъёри фоизи бонк вобастагӣ дорад.

Нишондиҳандаи нигаронии меъёри фоидаи соф барои фаъолияти соҳибкорӣ ниҳоят муҳим аст. Агар соҳибкор кӯшиши азнавсозии истеҳсолотро дошта бошад ва хариди таҷҳизоти зарурӣ ба вай, масалан ба 100 млн. сомонӣ рост ояд, соҳибкор ҳисоб мекунад, ки таҷҳизоти нав чӣ қадар даромади соф меоварад. Агар ҳисобу китоб нишон диҳад, ки пас аз фурӯши маҳсулот хароҷоти истеҳсолии кардашуда боз пас мегардад ва даромади соф, масалан, 10 млн сомониро ташкил медиҳад, он вақт меъёри фоидаи соф Р ба:

Р = (10 : 100) х 100 = 10% баробар мешавад.

Бо ин меъёри фоидаи соф оё соҳибкор ҳавасманд аст, ки кор кунад? Азбаски дар низоми хоҷагидории бозорӣ пулҳо ба фаъолҳои истеҳсолӣ ва ё молиявӣ гузошта шудаанд, захираҳои озоди пулиро ҳеҷ кас надорад ва аз ин ҷо барои маблағгузорӣ пулро қарз гирифтан лозим меояд. Аз ин рӯ, меъёри фоидаи софи дар назар дошташударо бо миқдори фоиз муқоиса намудан зарур аст. Агар миқдори фоиз бо меъёри фоидаи соф баробар ва ё зиёд бошад, он гоҳ кас, яъне соҳибкор маблағгузорӣ намекунад. Миқдори баланд будани меъёри фоидаи соф аз миқдори фоиз мақсаднок ва ҷалбкунанда будани маблағгузориро муайян мекунад. Ҳаминро зарур аст ба эътибор гирем, ки ба қабули қарори маблағгузорӣ миқдори фоизи на исмӣ, балки воқеӣ, ки

бо таварруми ҷойдошта ислоҳ карда шудааст, таъсир мерасонад. Дар ҳолате, ки таваррум фарқияти байни меъёри фоидаи соф ва миқдори фоизро фурӯ мебарад, маблағгузорӣ судманд нест. Корро бояд ақли солими иқтисодӣ ва оқилии соҳибкор ҳал кунад.

Омилҳои асосие, ки ба андозаи маблағгузорӣ тасир мерасонанд, ба ғайр аз миқдори фоиз – хароҷоти истеҳсолӣ мебошанд. Маълум аст, ки харҷи хароҷоти истеҳсолӣ харид, истифодабарӣ ва хизматгузориҳои таъмини таҷҳизот, музди меҳнати кормандон, фоидаи мӯътадили соҳибкоронро дар бар мегирад. Зиёд шудани ин хароҷот ба кам шудани андозаи маблағгузорӣ, аммо нававарӣ дар аз нав таҷҳизонӣ, ба афзудани захираи маблағгузорӣ меорад. Бо хароҷоти истеҳсолӣ сатҳи таъмин будани истеҳсолот бо сармояи асосӣ алоқаманд аст. Агар истеҳсолот бо иқтидорҳои техникӣ хуб таҷхизонида шуда бошад ва ҳар як маблағгузории оянда ба паст шудани меъёри фоидаи соф оварад, маблағгузорӣ маҳдуд шуда, дар ҳолати таъминоти пасти таҷҳизот маблағгузориҳои иловагӣ ба зиёдшавии ҳосилнокии меҳнат ва афзудани меъёри фоидаи соф оварда, маблағгузорӣ васеъ мешавад.

Ҳамин тавр, ангезаи асосӣ барои маблағгузорӣ пешрафти илмӣ-техникӣ ва технологияи истеҳсолӣ мебошад. Истифодаи техника ва технологияи нав хароҷоти истеҳсолиро кам карда, сифати маҳсулотро баланд бардошта, ҳамин тариқ ба афзудани меъёри фоидаи соф ва аз ин ҷо, ба зиёдшавии маблағгузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолие мегардад, ки чунин азнавсозиҳо ба амал меоянд.

Масалан, ҳоло дар ҷумҳурӣ бештар шудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба энергетика, аз он ҷумла ба НБО-и Роғун барои пеш бурди иқтисоди миллӣ заминаи муҳим ва асосӣ гузошта, ҳалли бисёр накшаю барномаҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳам дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ (соҳибкорон) ва ҳам давлат имконпазир гардонида, боиси тағйироти ҷиддӣ дар иқтисод мегардад.

Тақозо ба маблағгузорӣ инчунин дар зери тасири омилҳои субъективӣ, ки бисёр вакт ғайричашмдоштанд, ба амал меояд. Сухан дар бораи дигаргуншавии вазъияти сиёсии

кишвар, ҳолати байналмилалӣ, вазъият дар биржаҳои фондӣ ва аксуламалӣ ин тағйирот ба соҳибкорон зоҳир меёбад. Агар дар зери таъсири ин омилҳо дар моҳияти иқтисодӣ рӯҳияи некбинона (оптимистӣ) ба амал ояд, маблағгузорӣ зиёд мешавад ва баракс, руҳияи ноумедӣ маблағгузориро маҳдуд менамояд.

Дар охир фаъолияти маблағгузорӣ аз сатҳи андозситонӣ вобастагӣ дорад. Афзудани андозҳо даромади соҳибкориро паст карда, маблағгузориро кам мекунад ва баръакс.

***Носуботии маблағгузорӣ.*** Маблағгузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии ба афзудани ММД тасир расонанда, баромад мекунад. Ҳаминро ҳам қайд кардан зарур аст, ки таъсири ин омил ба ягон қоидаи қатъи итоат намекунад. Маблағгузорӣ аз тағйирёбии ММД ҳам дигаргуншаванда ҳам тағйирёбанда аст. Ба сифати мисол мӯҳлати хизмати таҷҳизотро мегирем. Вай бисёр номуайян аст. Танҳо бо сабабҳои ба соҳибкорон маълум, мӯҳлати хизмати таҷҳизот метавонад зиёда аз давраи ҳиссаҷудокуниҳои хурдашавӣ бошад. Вай метавонад қисман ба 1\2 ва ё 3\4 аз нав карда шавад, вале сармояи асосӣ метавонад дар давраи муайян тамоман аз нав карда нашавад. Бо ин қарори соҳибкорон лапиши маблағгузорӣ дар истеҳсолоти ҷомеавӣ алоқаманд аст. Агар пешрафти илмӣ-техникӣ талаб намояд, маблағгузорӣ ба истеҳсолот пеш аз мӯҳлати адои хурдашавӣ ҷой дошта метавонад.

Хусусияти навоаврӣ – ин номунтазамии он аст. Дар соҳаи мушахаси иқтисод навоварӣ дар вақтҳои наздик метавонад дида нашавад, вале ислоҳоти муайян ҷой дошта метавонад. Чунин ислоҳоти ҷузъӣ ба ягон соҳа маблағгузориҳои босуръатро дар дигар соҳаҳо ба амал меорад. Масалан, пешрафти техникӣ дар саноати автомобилсозӣ ҳамеша ҷараёни (сел) маблағгузориро дар соҳаи истеҳсоли нефту химия ба вуҷуд меорад. Чунин ҷараёнҳо дар ҳама соҳаҳои бо ҳам алоқаманди иқтисод ба амал меоянд.

Лапиши маблағгузорӣ аз хусусиятҳои фоидаи ҷорӣ вобастагӣ дорад: Фоида устувор аст – маблағгузорӣ устувор аст; фоида меафзояд – маблағгузорӣ зиёд мешавад; самти пастшавии фоида ошкор мешавад – маблағгузорӣ маҳдуд мешавад. Номуратабии фоида – бесуботии маблағгузориро афзун мекунад.

## 6. Таносуби истеъмол, пасандоз, маблағгузорӣ ба мувозинатии ҳаҷми истеҳсол (Тамсилаи кейнсионӣ)

***Маҷмӯи хароҷот ва ҳаҷми истеҳсол.*** Пеш аз он, ки ба таҳлили бевоситаи таносуби ин мафҳумҳо гузарем, фарз кардан лозим аст, ки ҷараёни бо ҳам пайвастаи онҳо бе дахолати давлат ба иқтисод ба амал омада, дар ҷомеа пасандози соҳибкорон ҷой надорад. Дар чунин шароит МХД ва даромади дар ихтиёр доштаро баробар ҳисоб кардан мумкин аст. Агар тахмин кунем, ки сатҳи нарх доимист, иқтисоди тадқиқшаванда дар ҳудуди уфуқии (кейнсионӣ) қисмати каҷхати тақозои кулл фаъолият мекунад.

Миқёси харҷ ва ҳаҷми истеҳсолотро бо усулҳои ғуногун муқоиса кардан мумкин аст, ки яке аз онҳо усули қиёс аст:

$$МХД = C + I_g,$$

дар ин ҷо:

C – истеъмолот;

$I_g$ - маблағгузорист

Дар адабиёти иқтисодӣ одатан таносуби дода шуда чун усули мусодира кардан ва ба иқтисод бозгаштани маблагҳои зарурӣ фаҳмида мешавад. Бо ёрии ин усул таносуби маҷмӯи хароҷот ва ҳаҷми истеҳсол барои шартҳои баробарии $МХД = C + I_g$, яъне таносуб дар ҳама давраҳои истеҳсол, ба ғайр аз мувозинатӣ гирифта мешавад.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар вақти дида баромадани мусодира кардан одатан пасандоз дар назар аст, вале сӯхан агар дар бораи фиристодани маблағҳо ба иқтисод равад, маблағгузориро пиндоштан лозим аст. Дар натиҷаи пасандоз на ҳамаи даромад ба хароҷот сарф шуда, қисме аз он камшавӣ ва ё аз даромади оилаҳо хориҷ шуда, боиси паст шудани ҳаҷми умумии истеҳсол мегардад.

Вале қисми хориҷшудаи воситаҳо бо дигар қисмати хароҷот – маблағгузорӣ ҷуброн карда мешавад. Кор дар он аст, ки истеҳсолкунандагон на ҳамаи маҳсулоти тавлидотии худро мефурӯшанд, қисме аз он дар доираи худи ҷузъи соҳибкории иқтисод бароварда мешавад. Ҳамин тавр, маблағгузорӣ – ин як роҳи хоси баргардондани воситаҳои пасандозӣ мебошад. Агар

ҳаҷми пасандоз аз ҳаҷми маблағгузорӣ зиёд шавад, маҷмӯи хароҷот аз сатҳи истеҳсолот кам шуда, МХД-и ба даст омада – бисёр баланд шуда, устувор мегардад ва баръакс агар маблағгузорӣ аз пасандоз зиёд шавад, хароҷоти умумӣ нисбати МХД афзуда ва он бояд то ҳолати мувозинати боло равад. Дар натиҷа барои баробар кардани маҷмӯи хароҷот ва ҳаҷми истеҳсол зарур аст, пасандоз ва маблағгузорӣ мувозӣ шаванд. Ин вазъият дуруст аст, агар дигар роҳҳои беруншавии захираҳо ва дигар роҳҳои бозгаштани воситаҳоро дар иқтисод, ки ба намуди харидҳои давлатӣ, амалиёти бурунмарзӣ ва ғайра амалӣ мешавад, ба эътибор нагирем.

Ба гайр аз ин, дар худи пасандоз ва маблағгузорӣ ҳам фарқият ҷой дорад. Аз ин рӯ, маблағгузориҳои ба нақша гирифташуда ва пасандоз (онҳо набояд баробар бошанд) ва маблағгузориҳои воқеӣ ва пасандоз (онҳо бояд баробар бошанд) фарқ мекунанд.

Ба маблағгузориҳои воқеӣ ҳам маблағгузориҳои ба нақшагирифта шуда ва ҳам ғайринақшавӣ, яъне он тағйироте, ки дар маблағгузории молию моддӣ ба амал омадаанд, дохил мешаванд. Маблағгузориҳои ғайринақшавӣ чун ҷузъе, ки бузургиҳои воқеии пасандоз ва маблағгузориро ҳама вақт бо ҳам мувофиқат мекунонанд, амал менамояд.

***Самараи фузунгар (мултипликатор).*** Мо тамсилаи умумии мувозинати макроиқтисодиро дида баромадем. Тамсилаи AD – AS – и дида баромадаи мо имконият намедиҳад, ки механизми барқароршавии мувозинаи макроиқтисодиро муфассал тадқиқ карда бароем. Аз он ҷумла муаммои он, ки бо як қадар зиёдшавии тақозои кулл тағйирёбии мутлақи даромад чӣ гуна сурат мегирад, номуайян аст. Чунин менамояд, ки зиёдшавии тақозои кулл ба ягон бузургӣ бояд ба ҳамин миқдор ба афзун шудани даромад оварад. Вале ин мулоҳиза нодуруст аст. Сухан дар он бора меравад, ки баъзе ҷузъҳои тақозои кулл (пеш аз ҳама хароҷоти истеъмолӣ – C) аз бузургии даромад вобаста буда, аз ин ҷо вобастагии даромад аз афзоиши ҷузъиёти тақозои кулл мураккабтар аст. Барои ин вобастагиро фаҳмонидан мафҳуми фузунгар истифода бурда мешавад.

Мафҳуми фузунгар ду маъно дорад. Аввалан фузунгар ин шумораест, ки ба таносуби зиёдшавии ҷузъи тақозои кулл, ки ба афзоиши баробари даромад меорад (аз англ. multiplication – зарб кардан). Ба сифати ҷузъи тағйирёбандаи тақозои кулл бисёр вақт хароҷоти маблағгузорӣ (Ig) баромад мекунад. Дуюм, фузунгар – ин ҷараёни иқтисодист, ки дар натиҷаи он зиёдшавии даромад бо миқдоре ки аз афзоиши аввалаи ҷузъи тақозои кулл зиёд мебошад, баробар аст. Ҳамин тариқ, фузунгар (дар маънои якум) аз як зиёда буда, ба ин шумора афзоиши ибтидоии ҷузъи тақозои куллро зарб задан лозим аст, то ин ки афзоиши матлуби ҳаҷми мувозинатии истеҳсолоти миллиро ба даст оварем.

Муодилаи фузунгар чунин аст:

$$\text{Фузунгар} = \frac{\text{Тағйирёбии МХД воқеӣ}}{\text{Тағйирёбии ибтидоии хароҷот}};$$

ва ё Тағйирёбии МХД = фузунгар х тағйирёбии ибтидоии хароҷот.

Вобастагиҳои бо фузунгар ифодашаванда, аз як тараф, дар иқтисод ба вуҷудоӣ ва истифодабарии бетанаффуси хароҷот ва даромад асоснок карда мешавад; аз дигар тараф, таносуби қиёсие, ки мувофиқи он ҳама гуна тағйироти даромад ба дигаргуншавии истеъмолот ва пасандозро дар ҳамон самтҳо ба амал меорад. Дар маҷмӯъ тағйироти бузургии хароҷот аксуламали дигаргуншавии чандинкаратаи МХД-ро таъмин месозад, ки онро фузунгар ба вуҷуд меорад.

Мафҳуми фузунгари содда ва мураккабро бояд фарқ кард. Таркиби фузунгари содда вобастагии байни пасандоз ва МХД-ро инъикос менамояд. Фузунгари мураккаб вобастагии ҳаҷми истеҳсолотро на фақат аз пасандоз, инчунин аз бисёр омилҳои дигаргункунандаи таносуби «даромад-хароҷот» мефаҳмонад. Онҳо андозҳо, содирот ва ғайра мебошанд.

Мисол, бигузор ҳадди майли пасандоз ба 0,6 баробар бошад, он гоҳ фузунгар ба 1/(1-0,6) = 2,5 баробар мешавад. Дар ин ҳолат афзоиши маблағгузорие, ки ба 20 баробар аст, зиёдшавии маҳсулоти миллиро ба 20 х 2,5 = 50 меорад.

Барои муффасал дида баромадани ҷараёни фузунгари даромад, фарз мекунем, ки ин афзоиши маблаггузорӣ ба сохтумони нерӯгоҳи барқи обии Роғун сарф карда мешавад, ба замми ин ҳамаи он музди меҳнати сохтумончиёнро ташкил медиҳад. Он гоҳ даромади сохтумончиён ба 20 зиёд шуда, дар назар доштан лозим, ки хароҷоти истеъмолии онҳо 20 х 0,6 = 12-ро ташкил медиҳад. Тахмин мекунем, ки сохтумончиён ҳамаи музди меҳнаташонро барои орд сарф мекунанд. Он гоҳ даромади нонпазҳо ба 12 зиёд шуда, ба замми ин харохоти истеъмоли онҳо 12 х 0,6 = 7,2-ро ташкил мекунад. Агар нонпазҳо ҳамаи даромади худро ба либос сарф кунанд, даромади дӯзандагон 4,3-ро ташкил медиҳад ва ҳамин тариқ беохир.

Аз мисоли оварда шуда бармеояд, ки манфиатнокии ҷомеавии маблағгузориҳои ибтидоӣ чӣ гуна ҳам набошад, афзоиши даромади табақаҳои гуногуни аҳолиро ба амал меоварад, ки он ҳамеша мувофиқи мақсад (хуб) аст.

***Савдои берунӣ ва ҳаҷми мувозинатии истеҳсолот.*** Ҳамаи мулоҳизаҳои гузашта ба вуҷуд овардани шартҳоро, ки ба иқтисоди пӯшида хос аст, имконоти иқтидори дохилии бозори миллиро истифода мебарад. Вале ҷараёни тақсимоти байналмилалии меҳнат ботадриҷ ба муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ҳамаи давлатҳоро ҷалб мекунад.

Яке аз шаклҳои муҳими муносибатҳои байналмилалии иқтисод савдои беруна мебошад, ки аз содирот ва воридот иборат аст. Содирот маҷмӯи арзиши молҳоест, ки аз кишвар берун меравaнд, воридот ҳаҷми мол ва хадамоте, ки ба кишвар дохил мешаванд, мефаҳмонад. Фарқияти байни содирот ва воридот содироти соф ном гирифтааст. Вай метавонад мусбат (содирот аз воридот зиёд аст) ё манфӣ (воридот аз содирот зиёд аст) ва ё баробар бошад. Мувофиқи он маҷмӯи хароҷоти миллӣ меафзояд (содироти соф мусбӣ) ва ё кам мешавад (содироти соф манфӣ).

Вобаста ба он, ки хароҷоти савдои беруна тақозои куллро зиёд ва ё кам мекунад, таъсири он ба МХД баҳо дода мешавад. Содирот ба тақозои кулл зам карда шуда, воридот аз он тарҳ карда мешавад. Дар маҷмӯъ барои иқтисоди пӯшида, ки

савдои берунӣ надорад, тақозои кулл бо қоидаи $C+I_g$ ва барои иқтисодӣ боз вай бо қоидаи $C+I_g+X_n$. Дар ин ҷо $X_n$ – хароҷоти содироти соф аст.

Вобастагии байни савдои озод ва ҳаҷми мувозинатии истеҳсоли МХД чунин ифода мешавад: содироти софи мусбат ба зиёдшавии тақозои кулл, ки он ба афзоиши МХ-и дохилӣ меорад; содироти софи манфӣ ба камшавии тақозои кулл овар-да, аз ин ҷо МХД-ро маҳдуд мекунад. Воридот ҳаҷми мавҷуд-будаи молро зиёд намуда, дар натиҷаи паст шудани хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти миллӣ МХ-и дохилиро кам мекунад.

## Ш. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Тақозои куллро фаҳмонед ва каҷхати онро кашед. Хусуси-ятҳои ин тамсила дар чист? – бо ҳамкурсонатон муҳокима намоед. Ҷузъҳои тақозои куллро дар хотир гиред.
2. Омилҳои нархӣ ва ғайринархиеро, ки боиси ивазшавии каҷхатаи тақозои кулл мегарданд, номбар кунед ва са-бабҳои онро фаҳмонед.
3. Арзаи кулл (АК) чист? Каҷхати онро тасвир намоед.
4. Хусусиятҳои арзаи кулл дар чӣ зоҳир мешавад ва қисматҳои шакли каҷхатаи арзаи куллро шарҳ диҳед.
5. Фарқияти қисми классикӣ аз кейнсиони каҷхати АК (AS) ба фикри Шумо дар чист?
6. Оиди омилҳои гайринархии тақозои кулл фикратонро баён кунед ва кӯшиш намоед бо мисолҳои мушаххас онро дар хотир нигоҳ доред.
7. Истеъмол ва пасандоз аз нигоҳи Шумо ба ҳаҷми маҳсулоти миллӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?
8. Ҳадди майли оилахоро ба пасандоз шарҳ диҳед ва гӯед, ки оё ҳамаи даромад ба истеъмол сарф мешавад ё не?
9. Омилҳое, ки ба даромад вобастагӣ надоранду ба истеъмол ва пасандоз таъсир мерасонанд, кадомҳоянд?
10. Маблағгузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи онро шарҳ диҳед. Шаклҳои маблағгузориро номбар кунед.

11. Таносуби истеъмол, пасандоз ва маблағгузориро аз нигоҳи классикон ва Кейнс дар мувозинатии ҳаҷми истеҳсол фаҳмонед.
12. Тамсилаи AD – AS чӣ гуна тамсила аст?
13. Мафхуми фузунгар (мултипликатор) чиро мефаҳмонад?
14. Савдои берунаро чун ҷузъи тақозои кулл шарҳ диҳед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Тамсилаи тақозои кулл (AD), каҷхата ва омилҳои муайянкунандаи он.
2. Тамсилаи арзаи кулл (AS), каҷхата ва омилҳои муайянкунандаи он.
3. Тамсилаи AD –AS. Мувозинатии макроиқтисод.
4. Истеъмол ва пасандоз: таъсири онҳо ба ҳаҷми маҳсулоти миллӣ.
5. Маблағгузорӣ, шакл ва омилҳои муайянкунандаи он.
6. Таносуби истеъмол, пасандоз ва маблағгузорӣ ба ҳаҷми истеҳсоли миллӣ.
7. Тамсилаи кейнсионии истеъмол, пасандоз ва маблағгузорӣ.
8. Тамсилаи классикии истеъмол, пасандоз ва маблаггузорӣ.
9. Таносуби пасандоз ва маблағгузорӣ ба ҳаҷми истеҳсоли миллӣ.
10. Самараи фузунгар.
11. Савдои беруна ва мувозинатии ҳаҷми истеҳсолот.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Агар нархҳо ва музди меҳнат дар давраи кӯтоҳмуддат нишон дода шуда бошанд ва дар давраи дарозмӯддат мутлақо чандирӣ бошанд, он гоҳ:**

а) каҷхати дарозмуддати арзаи кулл амудист (вертикалист);
б) каҷхатаи кӯтоҳмуддати арзаи кулл уфуқист (горизонталӣ);

в) тағйирёбии арзаи кулл фақат дар давраи кӯтоҳмуддат ба ҳаҷми барориши маҳсулот таъсир мерасонад;
г) ҳамаи дар боло овардашуда дуруст аст.

**2. Тамсилаи классикӣ шарт меғузорад, ки каҷхатаи арзаи кулл (AS), ки бо:**

а) тақозои кулл муайян карда шудааст, бо сатҳи нарх уфуқӣ;
б) меъёри фоиз ва сиёсати давлатӣ муайян карда шудааст, бо сатҳи нарх уфуқӣ;
в) сатҳи ихтиёрии ММД амудӣ;
г) сатҳи иқтидории ММД амудӣ мешавад;

**3. Шарти тамсилаи кейнсионӣ дар он аст, ки:**

а) амудӣ будани каҷхати AS дар сатҳи ММД-и иқтидорист;
б) уфуқи будани каҷхатаи AS дар як қадар дарахаи нарх бо сатҳи ММД, ки аз иқтидорӣ кам аст, мувофиқат мекунад;
в) каҷхатаи AS на ба он қадар майли мусбатӣ, таъсири меъёри фоизро ифода мекунад;
г) на ҳамаи тасдиқоти боло дуруст аст.

**4. Дар як вақт паст шудани ММД ва сатҳи нархро тамсилаи классикӣ ба он шарҳ медиҳад, ки:**

а) фақат ҳаракати каҷхати AD ба чап аст;
б) танҳо ҳаракати каҷхати AD ба рост аст;
в) фақат камшавии сатҳи ММД–и иқтидорист;
г) тағйирёбии тақозои кулл ва ММД-и иқтидорист;

**5. Пастшавии ММД бо нигоҳдории сатҳи нарх тамсилаи классикӣ бо он шарҳ медиҳад, ки:**

а) дар як вақт тақозои кулл ва ММД-и иқтидорӣ кам мешавад;
б) бо тағйир наёфтании ММД-и иқтидорӣ, тақозои кулл зиёд мешавад;
в) бо тағйир наёфтании тақозои кулл ММД-и иқтидорӣ меафзояд;
г) ба камшавии ММД иқтидорӣ, тақозои кулл меафзояд.

**6. Агар арзаи кулл аз тақозои кулл зиёд бошад, ба шарте, ки харочоти давлатӣ ва содироти соф сифр аст, он гоҳ:**

а) ҷамъи харочоти истеъмолӣ ва маблағгузорӣ ба пасандоз баробар мешавад;
б) пасандоз ба маблағгузорӣ баробар мешавад;
в) пасандозҳо аз маблағгузориҳои нақшавӣ зиёданд;
г) ҳаҷми бароριши маҳсулоти воқеӣ бетағйир мемонад.

**7. Агар миқдори даромади дар ихтиёрдошта ба сифр баробар шавад, он гоҳ тасдиқ кардан мумкин аст, ки:**

а) сатҳи истеъмол ба сифр баробар аст;
б) сатҳи пасандоз ба сифр баробар аст;
в) сатҳи маблағгузорӣ ба сифр баробар аст;
г) ҳамаи ҷавобҳои овардашуда нодурустанд.

**8. Агар оилаҳо ҳамаи даромади худро бо истеъмол сарф накарда, маблаги харҷ накардаашонро ба бонкҳо гузоранд, он вақт гуфтан мумкин аст, ки:**

а) ҳам пасандоз ва ҳам маблағгузорӣ мекунанд;
б) пасандоз мекунанд, вале маблағгузорӣ намекунанд;
в) маблағгузорӣ мекунанд, вале пасандоз намекунанд;
г) на пасандоз ва на маблағгузорӣ мекунанд.

**9. Фарз мекунем, ки дар иқтисод вазъияти мувозинатии макроиқтисодӣ бо чунин шартҳо ба даст омад: даромади хоҷагиҳои оилавӣ 900 воҳиди пулро ташкил дод, бақияи миёнаи хазина дар дасти аҳолӣ 200 воҳиди пул баробар аст. Агар аҳолӣ вомбаргҳои давлатиро ба 300 воҳиди пулӣ фурӯхта бошад, он гоҳ харочоти истеъмолӣ:**

а) 800 воҳиди пулӣ; б) 1000 воҳиди пулӣ;
в) 1400 воҳиди пули; г) 400 воҳиди пулиро

**ташкил медиҳад.**

**10. Аз мавқеи равияи кейнсионӣ дар иқтисод метавонад мувозинатии макроиқтисодӣ бо шуғли пурра дар он ҳолате ба амал ояд, ки:**

а) меъёри музди меҳнат дар сатҳи баландтар аз «табиӣ» барқарор шавад;
б) меъёри музди меҳнат дар сатҳи поёнтар аз «табиӣ» устувор шавад;
в) меъёри музди меҳнат ба сатҳи «табиӣ» баробар аст;
г) домӣ (қапқон) тез ба нақд табдилёбандагӣ мавҷуд аст;

**11. Фарз мекунем, ки аввалан дар иқтисод шуғли пурра ба даст омад. Сонияи, дар натиҷаи тағйирёбии суръати муомилоти пул камшавии тақозои кулл бо сатҳи нархҳои додашуда ба амал омад. Кадоме аз тағйироти овардашуда натиҷаи пастшавии тақозои кулл дар иқтисод, ки бо тамсилаи 1) кейнсионӣ; 2) классикии мувозинати иқтисодӣ хос аст:**

а) кам шудани миқдори пул дар иқтисод;
б) пастшавии сатҳи нарх;
в) афзоиши миқдори пул дар муомилот;
г) камшавии сатҳи шуғлнокӣ дар иқтисод.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Агапова Т.А., Серегина С.Ф. Макроэкономика: 8-е изд., - М.: «Дело и Сервис», 2007, Гл. 6, стр. 81-127
2. Базылев Н.И. и другие. Макроэкономика: учебное пособие– М.: ИНФРА – М, 2003, Гл. 3., стр.51-77.
3. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуввум – Душанбе, 2007, сах. 72-133
4. Ивашковский С. И. Макроэкономика.-М. 2004, стр. 36-83
5. Карнейчук Б. В. Экономика. – М.: Экономист, 2004. Глава 12. стр. 359-433
6. Лемашевский И. М. Макроэкономика, - Минск, 2006, стр. 142-210
7. Мухатбердиев Х. Эргашев А.Э. Эргашева М. Курси назарияи иқтисод (Макроэкономика) - Душанбе: 2004, саҳ. 50-81
8. Носова С.С. Экономическая теория-М: 2008. стр. 142-211
9. Экономическая теория. Макроэкономика – 1,2. Учебник. /Под общ. ред. проф. Г.П. Журавлевой-М.: Изд-во «Дашков и Ко», 2008. стр. 173-259

# БОБИ 22.
# НОУСТУВОРИИ МАКРОИҚТИСОДӢ – ДАВРАҲОИ ИҚТИСОД, БЕКОРӢ ВА ТАВАРРУМ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Ҳаракати даврагии (силсилавӣ) иқтисод.
2. Бекорӣ: намуд ва сатҳи табии он. Қонуни Оукен.
3. Таваррум: моҳият ва оқибатҳои иқтисодии он.
4. Вобастагии бекорӣ ва таваррум. Каҷхатаи Филлипс.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Давраҳои иқтисодӣ ва ҳолатҳои он.
2. Таваррум, андоза ва намудҳои он.
3. Бекорӣ ва шуғлварзӣ. Оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии бекорӣ.

### 1. Ҳаракати даврагии (силсилавӣ) иқтисод

Механизми иқтисоди бозорӣ дар асоси гардиши неъмат: маҳсулот, захираҳо ва воситаҳои молиявӣ амал мекунад. Вале ин механизм номукаммал мебошад. Вай хусусияте дорад, ки дар давраи муайяни вақт ба зуҳуроти номатлуби иҷтимоию иқтисодӣ оварда, дахолати фаъол ва илман асосноки давлатро талаб мекунад. Зарурати чунин дахолат аз он бармеояд, ки механизми макроиқтисодии бозорӣ аз бозори молҳои алоҳида фарқ карда, танзимкунандаҳои «худ аз худ»-ро надорад, ки иқтисоди кишварро ба субот оварда, бисёр субъектҳои иқтисодиро қонеъ мегардонанд.

Воқеияти иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар доираи вақт аз ҳадди муайян баромада, яъне ноустувор мегарданд. Ин нишондиҳандаҳои ноустуворӣ диққати хоси олимони иқтисод ва инчунин ходимо-

ни давлатиро, ки барои коркард ва амалигардонии сиёсати иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошанд, ба худ ҷалб менамояд.

Нишондиҳандаҳои муҳими ноустуворӣ инҳо мебошанд:

1. **Ҳаҷми истеҳсоли ҷомеавӣ**. Агар ин нишондиҳанда кам шавад, он вақт пастравии иқтисодӣ ҷой дорад. Азбаски дар иқтисоди инкишофёфтаи бозорӣ пас аз пастравии иқтисодӣ таъҷилан авҷи иқтисодӣ меояд, муаммои пастравии иқтисодӣ дар доираи назарияи давраҳои иқтисод дида баромада мешавад.

2. **Сатҳи нарх**. Агар ин нишондиҳанда боло равад, он вақт таваррум(инфлятсия) ҷой дорад. Тавррұми аз ҳад зиёд ба иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, ба низоми молиявии он таъсири манфӣ мерасонад.

3. **Сатҳи бекорӣ**. Андозаи беҳадди ин нишондиҳанда ба кам шудани ҳаҷми истеҳсолоти ҷомеавӣ, шиддати иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, паст шудани даромади аҳолӣ ва зиёд шудани дараҷаи нобаробарии табақагии он меорад. Ҳоло мо то ба қадри имкон ин се нишондиҳандаҳоро дида мебароем.

***Силсилаи иқтисод ва давраҳои он.*** Силсилаи иқтисод давраи аз лаҳзаи вазъияти авҷи гузашта то лаҳзаи расидан ба нуқтаи ҳаҷми истеҳсолоти ояндаро дар бар мегирад. Зери мафҳуми силсилаи иқтисод пай дар пай такрори авҷ ва пастравиро дар сатҳи фаъолияти иқтисодӣ мефаҳманд. Силсилаҳои иқтисод аз якдигар бо давомнокӣ ва шиддатнокӣ фарқ карда, аммо ҳамаи онҳо ҳамон як давраҳоро аз сар мегузаронанд, ҳарчанд аз «бародарон»-и гузашта ва ояндаи худ фарқият ҳам доранд.

Чор давраи силсилаи иқтисодро ҷудо мекунанд: авҷ, пастравӣ, нуқтаи охирини пастравӣ (депрессия), эҳё. Ба тариқи ҷадвал он чунин тасвир карда мешавад. (ниг. ба расми 22.1)

Гузариши давраҳои (силсилаи) иқтисод барои соҳаҳои гуногуни иқтисод якхела нест. Пеш аз ҳама худи силсилаи иқтисод гуногун мешавад. Масалан, дар соҳаҳои саноати вазнин метавонад якчанд сол давом кунад, вале дар саноати бофандагӣ вай умри кӯтоҳ дорад. Вобаста аз вазъияти умумии бозор давраҳои силсилаи иқтисод фарқ мекунанд. Дарозии силсила – ин муддати вақти байни ҳамсояҳо – авҷ ва пастравӣ бу-

да, вай мӯҳлати давомнокии давраҳои болоравӣ ва пастравиро дар бар мегирад.




*Расми 22.1.* **Силсилаи иқтисод**

Аз расми 22.1 силсилаи иқтисод дида мешавад, ки самти ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятӣ, яъне ММД майли мусбат дорад. Ҳамин тариқ, давраи вақти дида баромадашуда, умуман хусусияти рушди иқтисодро дорад, ки имкониятҳои пастравии иқтисодро дар баъзе давраҳои вақт аз байн намебарад.

Дар амал бисёр вақт силсилаи иқтисодӣ – мӯҳлаташон 7-12 сол мушоҳида карда мешаванд. Онҳоро инчунин силсилаҳои саноатӣ ҳам меноманд.

Силсилаҳои кӯтоҳмуддат ва ё силсилаи захираҳо давомнокии 2-4 солро доранд. Инчунин равияи силсилаҳои калон ва ё мавҷҳои дароз, ки 50-60 сол давом мекунанд, маълум мебошанд. Муаллифи ин силсилаҳо – иқтисодчии рус - Н. Д. Кандратьев (1892-1938) аст.

Дар айни замон назарияи силсилаҳои иқтисод мавҷуд нест. Равияҳои асосии силсиларо, ки ҳар яке аз онҳоро як омили фаъолияти корӣ ҷудо карда, сабаб ва механизми тағйирёбии вазъияти иқтисодиро муайян мекунад, дида мебароем.

Равияи монетарӣ тасдиқ мекунад, ки асоси силсилаи иқтисодӣ дар соҳаи молия бевосита бо арзиши тағйирёбии пул, меъёри фоиз, қурби асъор ва ғайра алоқаманд аст. Сабаби ба вухуд омадани силсилаи иқтисодро, чун қоида дар хатогии сиёсати қарзию пулии Бонки марказии давлат мебинанд.

Равияи фузунгар – рушдовар (мултипликатор – аксемелатор) тасдиқ мекунад, ки аввалан тағйироти нисбатан на он қадар калони баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (пеш аз ҳама маблағгузорӣ) ба тағйироти куллии ҳаҷми истеҳсолоти ҷомеавӣ меорад (самараи фузунгар). Дуюм, дар давраи пастравӣ соҳибони сармоя маблағгузории худро кам карда, ҳамин тавр ҷараёни пастшавии истеҳсолоти ҷомеаро дучанд зиёд мекунанд, вале дар давраи болоравии иқтисод маблағгузориро зиёд карда, болоравии минбаъдаро ҳавасманд менамоянд (самараи рушдовар). Ҳамин тариқ, самараи рушдовар лапиши ҳаҷми истеҳсолоти ҷомеавиро, ки амалӣ фузунгар овардааст, пурзӯр мекунад.

Равияи навоварӣ тасдиқ мекунад, ки дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ метавонанд ба моҳиятан афзудани ҳосилнокӣ дар ягон сохтори иқтисод оварда, пас аз он ба ҳамаи иқтисод таъсир расонида, боиси лапишҳои вазъияти иқтисодӣ шаванд.

Равияи сактаҳои нархӣ тасдиқ мекунад, ки зуд тағйирёбии нархи захираҳое, ки барои истеҳсоли молҳои гуногун истифода бурда мешаванд, ба дигаргуншавии нархи молҳо оварда, боиси болоравии сатҳи умумии нархҳо мегарданд. Ба ин захираҳо пеш аз ҳама нафт ва меҳнатро дохил мекунанд.

Равияи иҷтимоию рӯҳӣ силсилаи иқтисодро бо омилҳои субъективӣ алоқаманд менамояд: саҳви инсонӣ, овоза ва воҳимаи ҳолати руҳӣ сабаби асосии бӯҳронҳо мешаванд. Ҳамин тавр, кормандон на ҳамеша метавонанд андозаи музди меҳнати воқеии худро баҳои объективӣ диҳанд, ки аз сатҳи нарх вобастагӣ доранд. Мисоли омили рӯҳӣ, ки ба тағйироти вазъияти иқтисодӣ меорад, самараи механизми «пешбаранда» ва «нигоҳдоранда» (храповик) аз муқобилияти кормандон бар зидди пастравии музди меҳнати исмӣ бармеояд, шуда метавонад.

Назарияи сиёсӣ силсилаи иқтисодиро бо амали кормандони давлатӣ, ки сиёсати иқтисодиро бо мақсади ягона – ба даст овардани интихоби такрорӣ мураккаб мекунанд, алоқаманд менамояд. Ҳамин тавр, вазъияти иқтисодӣ танҳо оқибати вазъияти сиёсӣ мебошад.

Бӯҳрони молиявии муосир боиси силсилаи иқтисодӣ дар ҷаҳон гардид ва Тоҷикистони мо ҳам ба он кашида шуд, ки оқибати таъсири ҳамаи равияҳои дар боло овардаро тасдиқ мекунад. Гузаронидани сиёсати қарзию пулии давлатро дар доираи равияи монетарӣ, сиёсати маблағгузориро дар доираи тамсилаи фузунгар – рушдовар, сиёсати нархиро – дар доираи равияи сактаи нарх, сиёсати ба ҷомеа вобастаро (PR) – дар доираи равияи иҷтимоӣ – рӯҳӣ дида баромадан лозим аст.

Ба мавҷудияти равияҳои бисёру гуногуни силсилаи иқтисодӣ нигоҳ накарда, аксар иқтисодчиён дар он ақидаанд, ки боиси бевоситаи пастравии иқтисодӣ – ин кам шудани тақозои истемолии оилаҳо шуда метавонанд, ки чунин ҳодисаҳоро ба миён меоранд:

- харочоти истеъмолӣ кам мешавад;
- зиёдшавии захираи молҳои истеъмолӣ ба вуҷуд меояд;
- тавлиди молҳои истеъмолӣ коҳиш меёбад;
- истеҳсоли молҳои сармоявӣ, ки барои тавлиди молҳои истеъмолӣ заруранд, кам мешавад;
- талабот ба меҳнат паст шуда, ба ихтисори оммавӣ ва бекорӣ меорад;
- даромади аҳолӣ поён шуда, тақозои истемолӣ боз ҳам коҳиш меёбад;
- таваррум меафзояд, зеро ҳаҷми аввалаи пул, ки акнун бо ҳаҷми ками ҷисмонии истеҳсолии ҷомеа хидмат мекунад;
- меъёри фоиз (нархи пул) аввал бо сабаби таваррум ва пастшавии тақозо ба қарз ва кам шудани фаъолияти корӣ поён рафта, пас аз он аз рӯи нигаронии оядаи бекурбшавии пул, меафзояд;

– фоидаи корхонаҳо аз камшавии тақозо ба моли онҳо коҳиш меёбад;
– нархи саҳмияҳои оддӣ поён рафта, субъектҳои бозори фондӣ нигарони пастшавии фоида мегарданд.

## 2. Бекорӣ: намуд ва сатҳи табиии он. Қонуни Оукен

Зуҳури бекорӣ барои иқтисоди ҳамаи кишварҳои мутараққӣ хос аст. Зери мафҳуми бекор он шаҳрвандонеро меноманд, ки:

– ягон шуғл надоранд (яъне онҳо ягон кор намекунанд ва ба соҳибкорӣ машғул нестанд);
– кор мечӯянд. Барои он, ки бекор шуморида шаванд, одамон бояд кӯшиши кор ёфтанро пеш гирифта, ба сохторҳои шуғли давлатӣ, кордиҳандагон мурочиат намоянд;
– тайёр ҳастанд кор кунанд. Агар одамон якчанд маротиба аз корҳои муносиб даст кашанд, новобаста аз он, ки кор мечӯянд, статуси бекор дода шуда, аз ёрии хадамоти давлатии шуғл маҳрум карда мешаванд;
– дар синну соли қобилияти меҳнатӣ бошанд. Мувофиқи Кодекси меҳнати ҶТ шахсони қобили меҳнат занҳои 16-58 сола, мардони 16-63 сола ба хисоб меравbooнд. Мувофиқи тавсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) шахсони қобили меҳнат шаҳрвандони синну солашон 15-72 сола ба ҳисоб мераванд.

Аҳолии фаъоли иқтисодӣ (қувваи коргарӣ) шахсони синну соли қобилияти меҳнатидошта, ки ҳам ба кор машғуланд ва ҳам бекоранд дохил мешаванд.

Намудҳои асосии бекорӣ: фриксионӣ, сохторӣ ва ё технологӣ ва силсилавӣ (даврагӣ) мебошанд.

Бекории фриксионӣ бо ҷустуҷӯи кор ва нигаронии пайдо кардани он вобаста аст. Ин бекорӣ байни шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор мувофиқи тахассус ва афзалиятгузории фардӣ мебошанд, ҷой дошта, вақти муайянеро талаб мекунад.

Иттилоот оид ба ҷойҳои корӣ ва талабгорон ба ин корҳо номукаммал буда, паҳн кардани он вақти муайянро мегирад. Ҷойивазкунии қувваи коргарӣ ҳам дар як лаҳзаи муайян ба ҷо намеояд. Қисме аз кормандон бо мақсади ивазкунии манфиатҳои касбӣ, манзил ва ғайра бо хоҳиши худ аз кор мераванд. Аз ин рӯ, бекории фриксионӣ бештар хусусияти ихтиёрӣ ва кӯтоҳмуддатро дошта, ин қабили кормандон дар бозори меҳнат бо малакаи «тайёр» меоянд, ки ҳар замон харидори худро пайдо мекунанд. Ин бекориро мо метавонем бекории доимӣ шуморем, зеро шумораи бекорон ҳамеша дар як сатҳ мемонад. Масалан, дар давоми моҳ 1000 нафар кормандон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ихтиёрӣ аз кор озод шуданд ва 900 нафар кормандон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ба кор қабул шудаанд.

Бекории таркибӣ ва ё технологӣ бо истифодаи дастовардҳои илмӣ – техникӣ вобаста буда, таркиби тақозоро ба қувваи коргарӣ тағйир медиҳад. Ин бекорон шахсоне мебошанд, ки касби онҳо «кӯҳна» шудааст ва ё камтар зарурат ба он ҷой дорад. Бекории таркибӣ инчунин аз соҳаҳои иқтисод аз он ҷумла, кишоварзӣ ва сохтумон вобастагӣ дорад. Ин бекориро мо бекории мавсимӣ ҳам гуфта метавонем, ки аз он таркиби соҳа вобастагӣ дорад. Бекории таркибӣ ва ё технологӣ бештар хусусияти маҷбурӣ ва дурудароз дошта, аз оқибатҳои иҷтимоӣ ва рӯҳиявӣ холӣ нест. Зеро ин қабили бекорон малакаи кофии тайёр надошта, инчунин вобаста ба синну соли худ пайдо кардани ҷои корӣ, бо азнавтайёркунии касбӣ ва ё иваз кардани ҷои зист ба онҳо душворӣ меорад.

Бо ҳам омезиши бекории фриксионӣ ва таркибӣ сатҳи табиии бекориро (ва ё сатҳи бекорӣ бо шуғли пурра), ки ба ММД иқтидорӣ мувофиқат мекунад, ба вуҷуд меорад. Баъзе иқтисоддонҳо дар истифодаи истилоҳи «табиӣ», ки бекории таркибиро ҳам дохил мекунанд қабул надоранд. Аз ин рӯ, дар адабиёти макроиқтисод истилоҳи NAIRU (Non-Accelerating – Inflation Rate of Unemployment) диққатро ба он равона мекунад, ки ин сатҳи бекории устувор таваррумро ба субот меорад, васеъ истифода бурда мешавад.

Бекории силсилавӣ – ин фарқияти сатҳи бекории воқеӣ аз табиӣ мебошад. Дар давраи пастравии силсилавӣ бекории даврагӣ (силсилавӣ) бекории фриксионӣ ва таркибиро пурра карда, дар давраи авҷи силсила бекории даврагӣ барҳам мехӯрад.

Ҳисоб кардани сатҳи бекории воқеӣ ва табииро бо назар-дошти шахсони алоҳидаро ба гурӯҳи машғулӣ ва бекорон, ки то ҳадди имкон серҳаракатанд дохил кардан, мураккаб мегардонад. Одатан, шахсонеро бекор мешуморанд, ки дар вақти гузаронидани тадқиқоти оморӣ ҷои кор надошта, вале фаъолона дар чустуҷӯи кор буда ва ё ҳамон замон ба кор шурӯъ мекунанд. Одамоне, ки кор доранд, инчунин ҳамаи онҳое, ки бо рӯзи кори нопурра ва ё ҳафтаи нопурра машғули кор ҳастанд ба гурӯҳи шуғл дохил мекунанд.

Маҷмӯи бекорон ва шуғлварзон қувваи фаъоли кориро ба вуҷуд меоранд. Шахсоне, ки ҷои кор надоранд ва дар ҷустуҷӯи кор фаъол нестанд, аз ҳайати қувваи коргарӣ берун карда мешаванд. Ба ин шумора синну соли қобилияти меҳнати-дошта, ки қодиранд кор кунанд, вале бо ким кадом сабабе бекоранд: хонандагон, нафақагирон, хонашинҳо, онҳое, ки аз ҷустуҷӯи кор ноумед гаштаанд ва ҷустуҷӯи онро қатъ кардаанд, дохил мешаванд.

Сатҳи бекорӣ чун таносуби шумораи бекорон ва шумораи қувваи коргарӣ ва ё таносуби ҳиссаи шуғлварзоне, ки ҳар моҳ корро аз даст медиҳанд ва ҷамъи он ҳиссаи бекорон, ки ҳар моҳ кор меёбанд, муайян карда мешавад.

$$\textit{Сатҳи бекорӣ} = \frac{\textit{Шумораи бекорон}}{\textit{Шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ}} \times 100\,\%;$$
*(қувваи коргарӣ)*

Сатҳи табии бекорӣ (NAIRU) дар натиҷаи сатҳи воқеии бекорони миёнаи дар кишвар барои 10 соли гузашта (ва ё мӯҳлати зиёдтар) ва 10 соли минбаъда (баҳоиояндабинӣ бо ҳисоби эҳтимолияти нигаронии тағйироти сатҳи таваррум) муайян карда мешавад.

Дар кишварҳои индустралӣ (масалан, дар ИМА) барои гирифтани мониторинги мувофиқ раёсати омори вазорати

меҳнат ҳар моҳ пурсиши интихобии тақрибан 60 ҳазор оилаҳоро оид ба шуғл мегузаронад. Вале бе хатоҳои оморӣ намешавад чунки, масалан, шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор нестанд метавонанд дар пурсишнома (анкета) барои он, ки ёрдампулӣ гиранд, нишон диҳанд, ки ба ҷустуҷӯи кор машғуланд. Дар натиҷа, ҳам сатҳи бекории воқеӣ ва ҳам табиӣ баланд нишон дода мешавад. Аз дигар тараф, онҳое худро бекор меҳисобанд, ки дар иқтисоди «ниҳонӣ» машғул ҳастанд ва дар натиҷа сатҳи бекорӣ ҳамон қадар баланд мешавад, агар ҳиссаи сохтори «ниҳонӣ» зиёд бошад. Охирин, махсусан барои иқтисоди давраи гузариш муҳим аст, ки дар он ҷо ҳиссаи зиёди кормандони соҳаи бизнеси «ниҳонӣ» бо набудани мониторинги дурусти омори иқтисод, ташаккул наёфтани зерсохтори бозори меҳнат, нигоҳ доштани бекории пинҳонӣ» - чун омили нисбатан устувор нигоҳдорандаи харочоти давлатӣ ва паст кардани хатарҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳисоб кардани сатҳи бекорӣ дар иқтисоди гузариш, аз он ҷумла дар Тоҷикистон ҳам баъзан хусусияти баҳодиҳии экспертиро (озмоиш) мегирад.

Сабабҳои асосии ҷой доштани сатҳи бекории табиӣ инҳо мебошанд:

1. **Зиёд будани вақти ҷустуҷӯи кор дар шароити суғуртаи бекорӣ.**

Додани ёрдампулӣ барои бекорон ҳаваси тез ба кор даромадани онҳоро паст карда, мӯҳлати ҷустуҷӯи кори мувофиқ ва аз нав тайёршавиро зиёд мекунад. Дар пешомадҳои дурударoз ин ба баробар кардани таркиби ҷойҳои корӣ ва таркиби қувваи корӣ меорад. Дар айни замон зиёд шудани ёрдампулӣ ба бекорон ва мӯҳлати додани он ба афзудани шумораи бекорон ва зиёдшавии сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад. Воситаи ҳалли ин масъала маблағгузориҳои давлатӣ ба зерсохтори бозори меҳнат (низоми васеи гуногуни азнавтайёркунии кадрҳо, баландбардории тахассусии касбӣ ва ҷо баҷогузории ҷуғрофӣ, мукаммал кардани иттилоот оид ба ҷойҳои холии корӣ ва ғайра) мебошад.

Дар давраи кӯтоҳмуддат маблағгузориҳои барномаҳои ба танзимдарории шуғл метавонад ба буҷаи давлат сарбориро зиёд намояд, вале дар пешомадҳои миёнамӯҳлат ин ба паст кардани сатҳи табиии бекорӣ мусоидат мекунад.

2. **Устувории (сахт) музди меҳнат ба «мунтазирияти бекорӣ» меорад. Мунтазирияти бекорӣ дар натиҷаи аз сатҳи мувозинатӣ баланд шудани дараҷаи воқеии музди меҳнат ба амал меояд.**

«Сахт»-ии музди меҳнат нисбатан ба норасоии «ҷойҳои корӣ» меорад: кормандон бекор мемонанд, зеро бо ин сатҳи музди меҳнат арзаи меҳнат аз тақозо ба меҳнат зиёд буда, одамон танҳо «мунтазиранд», ки бо меъёри нишондодашудаи музд ҷои кориро гиранд.

«Баҳаракат» мондани бозори меҳнат дар ҳолати ғайримувозинатӣ ба он вобаста аст, ки:

– бо роҳи қонунӣ муайян кардани ҳадди ақалли музди меҳнат, лапиши озоди онҳоро маҳдуд мекунад. Таъсири маҳдудкунии музди меҳнат, махсусан агар ҳиссаи қиёсии ҷавонон, занҳо, шахсони камтахассус дар ҳайати қувваи коргарӣ зиёд бошанд, зиёдтар мегардад, зеро барои ин гурӯҳи шуғл меъёри мувозинатии музди меҳнат аз ҳадди ақалли қонунӣ муқаррар-кардашуда, паст мебошад;
– нишон додани музди меҳнат дар шартномаҳои коллективӣ бо иттифоқи касаба ва мувофиқати меҳнатии фардӣ;
– ҳавасманд набудани фирмаҳо дар паст кардани музди меҳнат, зеро аз даст додани қувваи кории баландихтисос, зиёд шудани ҷойивазкунии кадрҳо, паст шудани ҳосилнокии меҳнат, интизоми меҳнат ва ҳаҷми фоида ба амал меояд.

Сатҳи бекорӣ дар гурӯҳҳои гуногуни демографӣ ҳархела аст. Аз он ҷумла, сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон нисбат ба дигар гурӯҳхои синну сол зиёд мебошад.

Тамоюли зиёдшавии сатҳи табиии бекорӣ дар давраи дарозмуддат бо:

– зиёд шудани ҳиссаи ҷавонон дар ҳайати қувваи коргарӣ;
– зиёдшавии ҳиссаи занон дар хайати қувваи коргарӣ;
– бештар ба амал омадани харакати таркибии иқтисод тағйир меёбад.

Шумораи бекорони расмӣ ба кайд гирифташуда дар Тоҷикистон дар охири ноябри соли 2008-ум 45,7 ҳазор нафарро ташкил кард[1].

***Оқибатҳои бекорӣ. Қонуни Оукен***. Бекорӣ ба ҳама тарафҳои ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, зеро фаъолияти меҳнатии инсонро, ки сарчашмаи пешрафти иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад, ташаккул медиҳад. Оқибатҳои бекориро ҷудо менамоем: ***Бад шудани сифати захираҳои меҳнатӣ.*** Аввалан, бекории дурудароз ба аз даст додани тахассуси мутахассисон меорад. Дуюм, ҳолатҳои стрессӣ, ки дар натиҷаи аз кор рафтан ва ноумедӣ аз ҷустуҷӯи кор ба амал меояд, ба саломатии инсон бетаъсир намемонад. Сеюм, ҳиҷрати касбӣ ва минтақавии захираҳои меҳнатӣ, ки ба самаранок истифодабарии он меорад, хавфи одамонро, ки дар давраи баланди бекорӣ ҷои корро бой медиҳанд, маҳдуд мекунад.

***Паст шудани даромад ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ***. Бекорӣ камбизоатӣ ва қашшоқиро ба амал оварда, табақаи миёнаҳоли ҷомеаро, ки асоси иҷтимоии кишварҳои мутараққиро ташкил медиҳад, аз байн мебарад. Дар натиҷа дар ҷомеа фарқияти молу мулкии табақаҳои аҳолӣ зиёд шуда, ба ноустувории иҷтимоию сиёсӣ меоварад.

***Зиёд шудани ҷиноят.*** Миқдори ҷиноят мустақиман бо сатҳи бекорӣ алоқаманд нест, вале ҳиссаи қиёсии бекорон дар шумораи умумии қонунвайронкуниҳо беҳад зиёд аст. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон дар давраи 1998–2008 қисми зиёди шахсони ҷиноят содиркарда манбаи доимии даромад надоштанд.

***Кам шудани ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ***. Яке аз оқибатҳои асосии бекорӣ дар хақиқат кам шудани ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ ҳисобида мешавад. Ин муамморо муфассал дида мебароем.

---

[1] Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ моҳҳои январ-декабри соли 2008. - Д., 2009 саҳ. 73

Шуғли пурраро чун ҳолати иқтисодие, ки дар он бекории даврагӣ, яъне шароити мусоиди шуғл мавҷуд ҳаст, муайян мекунем. Сатҳи бекориро бо шуғли пурра сатхи табиии бекорӣ, вале Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД) воқеиро – ММД-и иқтидорӣ меноманд. Сатҳи бекории воқеӣ ҳамеша аз сатҳи табиӣ зиёд буда, ММД-и воқеӣ аз ММД-и иқтидорӣ кам аст. Ба таври истисно дар давраи ҷанг, ҳангоми бекории фриксионӣ ва таркибӣ ба таври сунъӣ маҳдуд карда шудан, сатҳи бекории воқеӣ метавонад аз табиӣ поён рафта, ҳаҷми воқеии истеҳсолот аз ММД-и иқтидорӣ баланд шавад.

Пастравии ММД-ро фарқияти нисбатани ММД-и воқеӣ аз бузургии иқтидории он меноманд:

$$\text{Пастравии ММД} = \frac{\text{ММДи} - \text{ММДв}}{\text{ММДи}} \times 100\,\%, \qquad (22.1)$$

дар ин ҷо:

ММДв ва ММДи – мувофиқан бузургии воқеӣ ва иқтидории ММД мебошанд.

Қонуни Оукен гуфта равишеро меноманд, ки бузургии пастравии ММД ва сатҳи бекориро бо ҳамдигар вобаста медонад.

Ин қоидаро иқтисодчии амрикоӣ Артур Оукен (1929 – 1979) бо роҳи таҷрибавӣ дар натиҷаи коркард ва таҳлили рақамҳои зиёди оморӣ ба даст овардааст. Қонуни Оукен нишон медиҳад, ки афзудани сатҳи бекорӣ ба 1% ба пастравии ММД ба 2 – 3% оварда, яъне баробарии ба ин наздик иҷро карда мешавад.

$$\text{Пастравии ММД} = 2{,}5 \times (\text{СБв} - \text{СБт}), \qquad (22.2)$$

аз ин ҷо:

СБв ва СБт – мувофиқан сатҳи бекории воқеӣ ва табиӣ аст.

Мисол, сатҳи табиии бекорӣ ба 6 % баробар аст, вале сатҳи воқеии он ба 8 % баробар аст. ММД-и иқтидорӣ ба 900 млн. сомонӣ баробар аст. Он гоҳ мувофиқи қоида (22.2) пастравии ММД тақрибан 2,5 х 2 % = 5 %-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат онро мефаҳмонад, ки аз бекорӣ 1/20 ҳиссаи имконияти ба даст-овардани ҳаҷми истеҳсолот талаф меёбад ва ё 45 млн. сомонӣ

Ҳамин тавр, қонуни Оукен вазъияти ҳақиқии иқтисоди устуворро бештар аниқ иникос менамояд, ки дар он тағйироти зуд амалкунандаи макроиқтисодӣ ҷой надорад.

### 3. Таваррум: моҳият ва оқибатҳои иқтисодии он

Таваррум (инфлятсия) – ин болоравии сатҳи умумии нархҳост. Мафҳуми таваррум аз калимаи лотинии inflatio, ки «варам кардан», яъне пур шудани муолмилот бо пулҳои қоғазие, ки бо мол таъмин нестанд ва ё паст шудани қобилияти харидории пули миллиро мефаҳмонад.

Дар шароити таваррум навъҳои гуногуни нарх якхела тагйир намеёбанд: баъзе нархҳо зуд баланд мешаванд; баъзеҳо – оҳиста, сеюминҳо – бетағйир боқӣ мемонанд.

Дефлятсия – самти бомароми поёнравии сатҳи умумии нархҳост.

Сатҳи таваррум (суръати афзоиши нарх) – тағйирёбии нисбии сатҳи умумии нархҳост. Дар тамсилаҳои макроиқтисодӣ сатҳи таваррум метавонад чунин бошад:

$$\pi = \frac{Н - Н_{-1}}{Н_{-1}} \quad \text{дар ин ҷо}$$

Н – сатҳи умумии нарх дар соли ҷорӣ;

$Н_{-1}$ – сатҳи умумии нарх дар соли гузашта

Сатҳи умумии нархҳо бо ёрии индекси нарх (асосан нархи молҳои истеъмолӣ) чен карда шуда, ин нишондиҳанда чунин ҳисоб карда мешавад:

$$\pi = \frac{ИНИ - ИНИ_{-1}}{ИНИ_{-1}}, \text{ дар ин ҷо}$$

ИНИ – индекси нархҳои истеъмолии соли ҷорӣ,

$ИНИ_{-1}$ – индекси нархҳои истеъмолии соли гузашта.

Агар дар соли 2008 индекси нарх ба 110 баробар бошад, вале дар соли 2009 – 115, он гоҳ суръати таваррум ба:

$$\pi = \frac{115 - 110}{110} \times 100 = \frac{5}{110} \times 100 = 4{,}55\ \%\ \text{баробар шуд}$$

Тағйирёбии миёнаи сатҳи нархҳои истеъмолӣ (%) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 сол чунин буд: 1997 – 88,0; 1998 – 43,2; 1999 – 27,5; 2000 – 32,9; 2001 – 38,6; 2002 – 12,2;2003 – 16,4; 2004 – 7,1; 2005 – 7,2;[1] 2006 – 5,0[2]

Миқдоран чен кардани сатҳи таваррумро бо дигар роҳ ҳам метавон ба ҷо овард.

Дар ин ҷо «қоидаи бузургии 70»-ро истифода мебаранд. Барои ин рақами 70 гирифта шуда, ба сатҳи таварруми солона тақсим карда мешавад. Агар сатҳи солонаи таваррум 7 % бошад, он гоҳ 70 : 7 рақами 10–ро медиҳад. Аз ин ҷо бо суръати таварруми ба 7 % баробар, нархи ду баробари мол дар давоми 10 сол ба амал меояд. Бо ёрии ин ҳисоб метавон зуд дарёфт, ки дар давоми чанд сол нархҳо ду баробар зиёд мешаванд.

***Намудҳои таваррум.*** Гурӯҳбандии ҷараёнҳои таваррумӣ одатан аз рӯи ду меъёр гузаронида мешавад: аз рӯи бузургии сатҳи таваррум ва сабабҳои асосии таваррум. Аз рӯи равияи якум се намуди таваррумро фарқ мекунанд.

– таварруми паст ва ё печон, ки нархҳо на он қадар боло мераванд ва ё нархҳоро пешгӯӣ кардан мумкин аст. Сатҳи таваррум бузург набуда бо як рақам ифода мешавад. Вақте нархҳо нисбатан устуворанд, одамон ба пулҳо бовар карда, шартномаҳои дурудароз мебанданд, воситаҳои калонро ба лоиҳаҳои бузург маблағгузорӣ мекунанд, зеро фаъолҳои худро ба тариқи пулӣ гузошта, аз он хавф надоранд.

– таварруми афзоянда ва босуръат, ки сатҳи нархҳо зиёда аз 20 % дар як сол боло мераванд. Баъзан таварруми босуръат самти устуворро гирифта, дар иқтисодиёт тағйироти мусбӣ ба амал меоянд, ки дуру дароз самаранок фаъолият мекунанд. Дар ин ҳолат бисёр шартномаҳо бо асъори миллӣ бо ҳисоби нигаронии болоравии нарх баста шуда, даромади аҳолӣ индексатсия карда мешавад. Таваррум бо суръати усту-

[1] Рақамҳои с.2005 – 2006 – хусусияти баҳодиҳӣ доранд.

[2] World Economic Outlook, September 2005, p. 223

вор бо рушди иқтисод ва доираи нисбатан ороми иҷтимоию сиёсӣ ҳамшафат мешавад.

– таварруми бошиддат – сатҳи нархҳо зиёда аз 50 % дар як моҳ зиёд мешаванд. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, иқтисод дар давраи дарозмуддат ба таварруми бошиддат мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, ин таварруми хусусияти кӯтоҳмуддат дорад. Натиҷаи таварруми бошиддат тағйироти куллии сохтории иқтисод, хусусан, низоми молиявии он мешавад.

Аз гурӯҳбандии таваррум бо сабабҳои асосӣ таварруми кушода (боз) ва ниҳониро фарқ мекунанд.

Ду намуди таварруми боз: таварруми тақозо ва таварруми хароҷот маълум аст.

Тамварруми тақозо чун оқибати зиёдшавии маҷмӯи хароҷот (тақозои кулл) дар шароити наздик ба шуғли пурра ба вуҷуд меояд. Сабаби асосии ин таваррум афзоиши даромади харидорон мебошад.

Таварруми хароҷот чун оқибати болоравии хароҷоти миёна ба воҳиди маҳсулот ва камшавии арзаи кулл мебошад. Ин шакли таваррум ба стагфлятсия меорад, яъне дар як вақт афзудани таваррум ва бекорӣ дар заминаи пастравии истеҳсолот. Афзудани хароҷоти миёна нисбатан фоидаи корхонаро кам мекунад, ки он ба камшавии барориши маҳсулот ва умуман пастравии арзаи кулл меорад.

Таварруми хароҷот як қадар худмаҳдудкунанда аст: пастравии истеҳсолот афзудани хароҷоти иловагии истеҳсолкунандагонро нигоҳ медорад, зеро бо афзудани сатҳи бекорӣ музди меҳнати исмӣ оҳиста кам мешавад.

Мувофиқати таварруми тақозо бо таварруми хароҷот таварруми мудаварро (спирал) ба вучуд меорад, ки нигаронии таварруми агентҳои иқтисодӣ вазифаи механизми додашавандаро иҷро мекунанд. Экспансияи (паҳншавии) сиёсати буҷаю андоз ва қарзию пулӣ, ки ба ҳавасмандкунии тақозои кулл нигаронида шудааст, бо қадри наздик шудани иқтисод ба ҳолати шуғли пурраи захираҳо таварруми тақозоро ба вуҷуд меорад. Дар шароити таварруми тақозо агентҳои иқтисодӣ ба

тадриҷ рафтори худро ислоҳ мекунанд: меъёри музди меҳнат дар созишномаҳои меҳнатӣ мувофиқан бо мунтазирияти таваррумӣ баланд карда мешавад. Болоравии музди меҳнати исмӣ ба зиёдшавии хароҷоти миёнаи истеҳсолӣ оварда, асоси вусъати таварруми хароҷот мегардад. Агар ҳукумат ва Бонки Марказии кишвар воситаи идоракунии мунтазирияти таваррумиро надошта бошад, дар асоси мудаввари «музди меҳнат-нарх» таварруми бошиддат авҷ мегирад. Вай таварруми идоранашаванда бо суръати тез афзудани нарх мебошад. Ин суръат дар иқтисодҳои миллии гуногун ҳархела бошад, вале дар ҳама ҳолат бо сифри дурақама – дар моҳ (аз 10% то 99%) ва серақама дар сол (аз 100% то 999%) чен карда мешавад.

Рақами остонагии сатҳи таваррум, ки бо он таҳдиди воқеии ба вучуд омадани стагфлятсия дар иқтисод алоқаманд дониста мешавад, бузургии 40% солона мебошад, ки дар давоми ду сол паи ҳам нигоҳ дошта шавад (бо шарте, ки баҳои сатҳи таваррум чун тағйироти миёнаи салонаи индекси нархҳои истеъ-молӣ). Аз ин рӯ, стратегияи устувории макроиқтисодӣ (ново-баста кадом иқтисоди миллист) ҳамеша ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷаи худ паст кардани сатхи солонаи таваррум ақаллан то 40 % қайди остонагии он мебошад.

Таварруми бошиддат, махсусан таъсири вайронкунанда ба шуғл ва барориши маҳсулот мерасонад, чунки дар ин шароит воситаҳо ба амалиёти ҳаннотӣ гузошта мешаванд, на ба маблағгузорӣ, зеро онҳо нафъоваранд. Вазъияти нобоварӣ ба сиёсати номунтазами ҳукумат ва Бонки марказии кишвар ба ҳамаи иқтисоди давраи гузариш хос аст, ки «муҳити» мусоид барои вусъати таварруми идоранашаванда аст.

Таъсири таваррум ба сатҳи даромади воқеӣ бо ҳам мухолифанд. Таваррум ба азнавтақсимкунии даромад вобаста аз он, ки вай «мунтазирӣ» ва «ғайримунтазирот» гуногун аст.

Дар ҳолати таварруми мунтазирӣ гирандаи даромад метавонад бо роҳҳои гуногун оқибатҳои таъсири манфии онро ё кам кунад, ё пешгирӣ намояд. Ислоҳоти даромади исмӣ метавон ба ҳисоби муодилаи Фишер ба ҷо оварад: $i = r + \pi^{e}$. Дар ин ҷо $i$ ва $r$ – меъёри фоизи исмӣ ва воқеӣ (мувофиқан), $\pi^{e}$ – бошад

сатҳи таваррууми мунтазирист. Бо суръати таварумме, ки аз 10% зиёд аст, муодилаи Фишер чунин намуд мегирад:

$$r = \frac{i - \pi^e}{1 + \pi^e}$$

Таварруми ғайримунтазирӣ ба пастшавии ҳамаи намуди даромадҳои доимӣ оварда, он агентҳои иқтисодиеро «имтиёз» медиҳад, ки даромади исмиашон аз сатҳи миёнаи нарх бештар меафзояд. Дар шароити таварруми мунтазирӣ гирандагони қарз бурд мекунанд, зеро қарзҳо бо пулҳои беқурб бар карздиҳандагон баргардонида мешавад. Ҳукумат сиёсати ҳавасмандгардонии таварруми кӯтоҳмуддатро бо мақсади қарзҳои давлатии андӯхташуда мегузаронад, ки нисбатан беқурбшавии қарз ба он мусоидат мекунад. Агар агентҳои иқтисодӣ дар шароити афзудани таваррум манбаъҳои даромади гуногун дошта бошанд, онҳо дар як вақт ҳам «бурд» ва ҳам «бой» медиҳанд. Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои иқтисоди гузариш оқибатҳои таваррум бисёр вазнин мегузарад, зеро миқдори зиёди манбаи даромади оилаҳо музди меҳнати нишондодашуда аст. Баробари ислоҳоти низоми музди меҳнат ва васеъ шудани манбаи даромад оқибатҳои манфии таваррум метавонад тадриҷан аз байн равад.

## 4. Вобастагии таваррум ва бекорӣ. Качхати Филлипс

Дар шароити наздикшавӣ ба иқтидори иқтисодӣ интихоби маъмули байни афзудани шуғл, аз як тараф ва болоравии сатҳи таваррум – аз дигар тараф, пайдо мешавад. Афзудани шуғл ва камшавии бекорӣ бо болоравии таварруми тақозо ба вуҷуд меояд, чунки дар иқтисод ҳамеша ҳаҷми истифодананашудаи захираҳо кам шуда, васеъшавии истеҳсолотро аз ҳисоби захираҳои як фирмаро ба дигар, як соҳаро ба соҳаи дигар кашидан, бо роҳи зиёд кардани меъёри музди меҳнат ва нархи молҳои маблағгузорӣ гузаронида мешавад.

Паст кардани сатҳи таварруми тақозо танҳо бо роҳи маҳдудкунии шуғл ва афзудани бекорӣ ба даст овардан мумкин аст. Ин он маъноро дорад, ки дар давраи кӯтоҳмуддат байни

сатҳи таваррум ва бекорӣ вобастагии баргарданда ҷой дошта, бо качҳати Филлипс (Phillips curve)[1] нишон дода мешавад.




*Расми 22.4*. **Качҳати Филлипс**

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Шумо мафҳуми ноустувории макроиқтисодро чи гуна шарҳ медиҳед?
2. Силсилаи (давраҳои) иқтисод чист ва аз чанд давра иборат аст? Давраҳои онро номбар карда, сабаби ҷой доштани силсилаи иқтисодро фаҳмонед.
3. Фарқияти силсилаи иқтисод аз рӯи мӯҳлатнокӣ ва шиддатнокӣ ба фикри Шумо дар чист?
4. Бекорӣ аз нуқтаи назари Шумо. Шаклҳои бекориро номбар карда, бо ҳамкурсонатон баҳс намоед.
5. Оё қонуни Оукен ба ақидаи Шумо ҳаматарафа оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии бекориро дар бар мегирад? Агар не, шарҳ диҳед ва онро шумо ба кадом оқибат дохил мекунед?

[1] Ба номи иқтисодчии британӣ Филлипс А. Уилям номгузорӣ шудааст.

6. Таваррум, сабабҳои бавуҷудой ва намудҳои онро фаҳмонед.
7. Ба фикри Шумо таваррумро пешгирӣ кардан мумкин аст. Агар ҳа, бо кадом роҳу воситаҳо?
8. Фарқияти таварруми тақозо ва хароҷотро нишон диҳед.
9. Таварруми нигаронӣ ва ғайринигаронӣ чӣ маъно дорад?
10. Ба сиёсати зидди таваррумӣ Шумо чиро илова карданӣ ҳастед?
11. Каҷхати Филлипсро кашед ва фаҳмонед, чӣ гуна вобастагиро он нишон медиҳад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Силсилаи иқтисод ва давраҳои он
2. Бекорӣ, намуд ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он
3. Бекорӣ ва қонуни Оукен
4. Таваррум, шакл ва оқибатҳои он
5. Таваррум ва сиёсати зидди таваррумӣ
6. Вобастагии таваррум ва бекорӣ. Каҷхати Филлипс
7. Таварруми тақозо ва хароҷот
8. Мунтазирияти таваррумӣ
9. Шаклҳои бекорӣ ва сатҳи табиӣ он
10. Давраҳои иқтисод ва инкишофи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ.

## V. ТЕСТҲО:

1. **Сатҳи бекорӣ ва шуғли пурра (сатҳи табиии бекорӣ):**
   а) бекории даврагиро ба ҳисоб мегирад;
   б) бекории фриксионӣ ва сохториро ба ҳисоб мегирад;
   в) ба сифр баробар аст;
   г) ҳамаи дар боло овардашуда нодуруст аст.
2. **Агар ММД воқеӣ ба иқтидорӣ баробар бошад, он гоҳ:**
   а) бекории даврагӣ мавҷуд нест;
   б) сатҳи бекорӣ ба табиӣ баробар аст;
   в) дар иктисод бекории фриксионӣ ҷой дорад;
   г) ҳамаи дар боло овардагиҳо дурустанд.

**3. Тасдиқи он, ки сатҳи табиӣ бекорӣ – бузургии доимӣ барои давраи дурударози вақт аст:**

а) дуруст; б) нодуруст мебошад;

**4. Агар ММД-и воқеӣ ба иқтидорӣ баробар шавад, он гоҳ мувофиқи каҷхати Филлипс, ки мунтазирияти таваррумиро ба ҳисоб мегирад, тасдиқ кардан мумкин аст, ки сатҳи таварруми воқеӣ ба сифр баробар аст:**

а) бале; б) не.

**5. Фарқияти байни даромади шахсии дар ихтиёрдошта ва ММД дар вақти пастравӣ кам шуда, дар давраи болоравии иқтисод меафзояд, зеро:**

а) маблағи даромадҳо, ки давлат ба воситаи низоми прогрессивии андозситонӣ мегирад, тезтар зиёд мешавад, аз он , ки ММД дар давраи болоравӣ;

б) додани ёрдампулӣ ба бекорон ва дигар трансфертҳо дар давраи пастравӣ зиёд мешавад;

в) маблағи трансфетҳои давлатӣ дар давраи болоравӣ кам мешавад;

г) ҳамаи дар боло овардагиҳо дурустанд.

**6. Бигузор пастшавии таваррум ба 1 % бо пастшавии ММД-воқеӣ ба 5 % дар як сол мувофиқ ояд. Мувофиқи қонуни Оукен фарқияти сатҳи бекорӣ аз табиӣ ба 1 % тағйирёбии ММД ба 2 % дар ҳамон давра ба вуҷуд меорад. Сатҳи бекории даврагӣ чи гуна мешавад, агар таваррум ба 3 % кам шавад?**

а) 6 %; б) 10 %; в) 5 %; г) 7,5 %.

**7. Бигузор ММД аз 1500 млн. сомонӣ то 1650 млн. сомонӣ дар давоми сол афзояд. Агар нархҳо дар ҳамон давра ба 5 % афзояд, он вақт ММД-и воқеӣ:**

а) бетағйир мемонад; б) ба 5 % меафзояд;

в) ба 15 % зиёд мешавад; г) 5 % кам мешавад.

**8. Сатҳи бекорӣ дар соли ҷорӣ 5,5%-ро ташкил дод. Сатҳи табии бекорӣ ба 5 % баробар шуд. ММД-и воқеиро (бо аниқии то аз даҳ) ҳисоб кунед, агар иқтидорӣ ба 845,2 (млн. сом) баробар шавад:**

а) 422,6; б) 857,8; в) 642,2; г) 832,5.

**9. ММД-и воқеӣ дар ҳамии сол ба 1186 млн. баробар шуд. ММД-и иқтидорӣ 1155 млн. ташкил дод. Сатҳи табиӣ бекорӣ ба 5 % баробар аст. Сатҳи бекории воқеиро барои ҳамин сол ёбед.**

а) 4,4 %; б) 4,1 %; в) 3,8 %; г) 4,9%.

**10. Чунин рақамҳои иқтисодӣ оварда шуданд:**

| сол | сатҳи таваррум | меъёри фоизи исмӣ |
|---|---|---|
| 1 | 3 % | 8 % |
| 2 | 8 % | 3 % |

**Меъёри фоизи воқеӣ дар соли дуюм нисбат ба соли якум чанд фоиз тағйир ёфт:**

а) меъёри фоизи воқеи бетағйир монд;
б) меъёри фоизи воқеӣ 5 % афзуд;
в) меъёри фоизи воқеӣ 5 % кам шуд;
г) меъёри фоизи воқеӣ 10% кам шуд.

## VI. АДАБИЁТ


1. Абакумова О. Г., Макроэкономика. -М., 2005. стр. 70 - 115.
2. Абель Э., Бернанке Б. Макроэкономика. 5-ое изд. – СпБ, 2008. стр. 445-503; 553-595.
3. Базылев Н. И. , Гурко С. П., Базылева М. И. Макроэкономика – М; ИНФРА-М, 2003, Гл. 4 стр. 77 – 101.
4. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод (макроиқтисод). - Д: 2007, саҳ. 81 – 133.
5. Вечканов Г. С., Вечканова Г. Р. Макроэкономика, 2-е изд. СпБ.; Питер, 2004, стр. 215-271;
6. Ивашковский С. И. Экономика, Микро-, Макро – М, 2008, стр. 226-282
7. Мухатбердиев Х. Эргашев А.Э. Эргашева М. Курси назарияи иқтисод (макроэкономика), Д.: 2004, саҳ. 81 – 209
8. Носова С. С. Экономическая теория. Элементарный курс .М.: КНОРУС, 2008. стр. 246-289.
9. Самуэльсон П. Э. Нордхаус В. Д. Экономика, 18-ое изд. – М. 2008. стр. 857 – 883; 1157-1195
10. Экономическая теория. Учебное пособие. /Под ред. А.Г. Грязновой и В.М., Соколинского. М.: КНОРУС, 2007. стр.287-3451

# БОБИ 23.
# РУШДИ ИҚТИСОД

## 1. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Масоили рушди иқтисод, намуд ва аҳамияти он.
2. Омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисод.
3. Тамсилаҳои рушди иқтисод. Тамсилаи Р. Солоу.

## 2. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Рушди иқтисод, манбаъ ва омилҳои муайянкунандаи он.
2. Тамсилаҳои кейнсионӣ ва навклассикии (Р. Солоу) рушд.
3. Рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар асри XXI.

### 1. Масоили рушди иқтисод, намуд ва аҳамияти он

Рушди иқтисод гуфта, одатан самти дурударози ҳам миқдоран афзудан ва ҳам сифатан тағйирёбии ҳаҷми воқеии истеҳсолотро меноманд. Мувофиқан барои андозакунии рушди иқтисод нишондиҳандаҳои мутлақи афзудан ва ё умуман суръати афзудани ҳаҷми воқеии истеҳсолотро (Маҷмӯи Даромади Миллӣ (МДМ), ММД) ва ё ба ҳар нафар аҳолиро меноманд. Илми иқтисод ду навъи ба даст омадани рушди иқтисодро дар ҷомеа фарқ мекунад: экстенсивӣ ва интенсивӣ.

Рушди иқтисод, мавриди аз ҳисоби ҷалб кардани захираҳои иловагӣ, ки ҳосилнокии миёнаи меҳнат дар ҷомеа тағйир намеёбад ба амалояд, онро экстенсивӣ меноманд.

Рушди интенсивӣ бештар бо роҳи истифодаи омилҳои мукаммали истеҳсолот ва технология, яъне на аз ҳисоби зиёд кардани масрафи захираҳо, балки аз боздеҳи онҳо ба амал меояд.

Одатан вобаста аз бартарияти ҳаҷми қиёсии ин ё он омил, ки рушди иқтисод ба даст меояд, дар бораи рушди экстенсивӣ ва ё интенсивии иқтисод сухан меравад. Ба омилҳои

экстенсивӣ афзудани масрафи сармоя, меҳнат ва ба омилҳои интенсивӣ баландшавии сатҳи маълумотнокӣ ва касбии кормандон, сафарбарӣ ва беҳтар шудани тақсимоти захираҳо, мукамалшавии идораи истеҳсолот, беҳтаршавии қонунгузориҳои мувофиқ ва ғайра, яъне ҳамаи он омилҳое, ки сифатан имконият медиҳанд, омилҳои дигари истеҳсолӣ ва ҷараёни истифодаи онҳо беҳтар карда шаванд, дохил карда мешаванд.

Баъзан ба намуди омили мустақими рушди иқтисод тақозои куллро ҳамчун пешбарандаи ҷараёни васеъшавии истеҳсолот нишон медиҳанд.

Омилҳое, ки барои ба даст овардани рушди иқтисод монеъ мешаванд, инҳоанд: маҳдудияти захиравӣ ва экологӣ, самтҳои васеи хароҷоти иҷтимоӣ, ки бо афзудани истеҳсолот вобастаанд, инчунин сиёсати ғайрисамараноки иқтисодии ҳукумат.

Рушди иқтисод омили асосии баландшавии некӯаҳволии мардумон ба ҳисоб меравад. Танҳо вай имконият медиҳад истеъмоли неъмат зиёд шуда, масрафи вақти корӣ кам шавад.

Иқтисодчиён тасдиқ мекунанд, ки ҳангоми тақрибан 2,5% дар як сол рушд кардани МДМ-и воқеӣ дар давоми 28 сол иқтисод ду маротиба зиёд мешавад («Қоидаи 70»); агар суръати рушд 3% дар як сол баланд шавад, ду маротиба зиёдшавии МДМ дар 24 сол ба миён меояд.

Рушди иқтисод – ин ҳадафи ниҳоии инкишофи ҷомеа ҳисоб мешавад. Рушди иқтисод аз босуботии воқеӣ ҳам муҳимтар аст. Зеро зиёдшавии маҳсулоти ҷомеа маънои ба ҳар як нафар аҳолӣ баландшавии сатҳи зиндагии мардумро дорад.

Рушди иқтисод:

1) иҷрои муаммои маҳдудияти захираҳоро осон мегардонад;
2) боиси зиёдшавии неъматҳои моддӣ дар ҷомеа гашта, ба қоидаҳои кам кардани хароҷот ва афзоиши фоида ҷавобгӯ аст;
3) ба ҷомеа имконият медиҳад, мақсадҳои гузошташудаи иқтисодиро амалӣ гардонида, барномаҳои нави микёсан васеъро ба иҷро расонад;

4) ба иҷрои муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии ҳам дохили кишвар ва ҳам сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз ин, рушди иқтисод ба ҳукумат имконият медиҳад, ки иҷрои вазифаҳои сиёсию иқтисодиро ба амал барорад. Даромад аз пардохти андозҳои меъёрҳои ҷорӣ баланд мешавад, ки давлат метавонад хизматгузориро (масалан, маориф, тандурустӣ) инкишоф диҳад ва ба афзуншавии андозҳо роҳ надиҳад. Муҳим аст, ки азнавтақсимкунии даромади миллӣ ба манфиати табақаҳои камбизоати аҳолӣ дар як вақт бо баландшавии некӯаҳволии онҳое, ки даромади зиёд доранд, метавонанд амалӣ гардонида шаванд.

## 2. Омилҳои муайянкунандаи рушд

Ҳамчун омилҳои рушди иқтисод зуҳурот ва ҷараёнҳоеро меноманд, ки микёси афзоиши ҳаҷми воқеии истеҳсолот, имконияти баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати рушдро муайян мекунанд.

Аз рӯи таъсири худ ба рушди иқтисод омилҳои мустақим ва ғайри мустақимро фарқ мекунанд. Омилҳои мустақим новобаста қобилияти табиӣ бо рушд доштаи иқтисодро акс менамоянд. Омилҳои ғайри мустақим ба имконияти мубаддалёбии ин қобилият дар амал таъсир мерасонанд. Онҳо метавонанд ба амалигардонии иқтидори мавҷудбудаи омилҳои мустақим мувофиқат кунанд ва ё боиси маҳдудияти онҳо гарданд.

Дар таркиб ба ҳайати омилҳои мустақим, ки бевосита афзоиши маҷмӯи истеҳсолот ва арзаро муайян менамоянд ва ё омилҳои арзаи ба қобилияти табиии иқтисод ба рушд вобастаанд инҳо дохил мешаванд; якум, миқдор ва сифати захираҳои табиӣ; дуюм, миқдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ; сеюм, ҳаҷми сармояи асосӣ ва чорум, технология ва техникаи нав. Қайд кардан зарур аст, ки асоси рушди иқтисодро захираҳои дохилии кишвар ташкил медиҳанд.

Мавҷудият, имконияти ҷалб ва истифодабарии онҳо дар истеҳсолот як қадар тағйирёбии низоми иқтисодиро муайян мекунанд. Вале вақтҳои охир чунин мешуморанд, ки нокифоягии

нафъоварии захираҳои табииро метавон ба воситаи муносибатҳои байналмилалӣ бартараф намуд. Мисоли дақиқи чунин сиёсат метавонад Ҷопон бошад, ки аз захираҳои табиӣ танқисӣ мекашад ва бартарияти тақсимоти байналмилалии меҳнат ва сармояи худиро истифода намуда, ба кишвари мутараққии ҷаҳон табдил ёфтааст.

Мавҷудияти омилҳои арза имконияти иқтидории рушди иқтисодро ба вуҷуд меорад, вале дар ҷараёни рушди воқеӣ зарур аст ду гурӯҳи омилҳоро ба ҳисоб гирифт: тақозо ва тақсимот. Маълум аст, ки барои амалигардонии афзоиши ҳаҷми мол ва хадамот иқтисод бояд афзудани сатҳи хароҷоти куллро таъмин намояд, дар акси ҳол истеҳсолкунандагон барои зиёд кардани микдори маҳсулот ҳавасманд намешаванд.

Ба қатори омилҳои ғайримустақим чунин омилҳои арза, монанди: кам кардани сатхи монополикунонии бозорҳо, паст кардани нархи захираҳои истеҳсолӣ, кам кардани андоз аз фоида, васеъ намудани имконияти гирифтани қарз ва ғайраҳо дохил мешаванд. Агар тағйирёбии омилҳои ғайиримустақим ба самти баръакс равона карда шавад, рушди иқтисод боздошта мешавад. Ҳамин тавр, қимат шудани захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун яке аз сабабҳои кам шудани шуғлнокӣ ва ҳаҷми истеҳсолот дар кишварамон гардид. Ба омилҳои ғайримустақим инчунин омилҳои тақозо ва тақсимот дохил мешаванд. Омилҳои тақозо имконияти фурӯши ҳаҷми истеҳсолотро муайян менамоянд. Ба муҳимтарини онҳо чунин омилҳои тақозо: афзоиши хароҷоти истеъмолӣ, маблағгузории хусусӣ ва давлатӣ; васеъшавии содирот дар натиҷаи дохил шудан ба бозорҳои нави фурӯши мол ва ё баландшавии қобилияти рақобатнокии маҳсулоти кишвар дар бозори ҷаҳонӣ дохил шуда метавонанд.

Агар суръати зиёдшавии тақозо аз афзоиши сатҳи табии ҳаҷми воқеии истеҳсолот қафо монад, дар иқтисод ҳолате ба вуҷуд меояд, ки онро пастравии суръати рушд ва ё ресессияи (боздоштшавии) рушд меноманд.

Ба ғайр аз омилҳои номбаркардашуда ба рушди иқтисод таъсир мерасонанд:

а) тағйирёбии таркибии истеҳсолот: байни саноат, кишоварзӣ ва хадамот; истеҳсоли воситаҳои асосӣ ва

молҳои истеъмоли аҳолӣ; сохторҳои хусусӣ ва давлатии иқтисод;

б) беҳтаршавии босуботи шароити савдо;

в) муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар.

Ба омилҳое, ки боиси боздошташавии рушди иқтисод мегарданд, дохил мешаванд:

а) номуккамалии таъминоти ҳуқуқӣ ва ё асосҳои қонунгузории фаъолияти соҳибкорӣ. Мисол, мубоҳисаи беохир оиди андозаи меъёри андозбандӣ, байни давлат ва фирмаҳо. Агар иқтисод дар ҳолатҳои болоравӣ бошад андозро баланд бардоштан мумкин аст ва баръакс, агар иқтисодиёт дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дашта бошад, албатта, сатҳи андозҳоро бо мақсади зиёд кардани фаъолияти корӣ паст кардан лозим меояд.

б) афзоиши хароҷоти давлатӣ, мудофиа ва инфрасохтори иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, идрор ва диғар ёрдампулиҳо, инчунин масъалаҳои ифлосии муҳити атроф, ҳифзи тартиботи ҷомеа, бехатарии кишвар ва гайраҳо). Ҳамин тавр, бисёр воситаҳои сармоягузории хусусӣ ба сармояи асосӣ гузошта нашуда, суръати рушди иқтисодро суст менамоянд. Дар ин ҷо ҳақиқатан аниқ маълум нест, чӣ беҳтар аст – баландшавии сифати зиндагӣ (беҳтаршавии шароити меҳнат, ҳавои тоза, оби тоза ва ғайраҳо) ва ё заводи нави истеҳсолӣ. Гуфтан зарур аст, ҳам ину ҳам он. Эътироф кардан лозим аст, ки инкишоф ва комилан беҳтаршавии зерсохтори иҷтимоӣ барои нигоҳ доштани ҳаёт дар ҷомеа, бигзор бар зарари рушди иқтисод ҳам бошад, ниҳоят муҳим аст;

в) таъсири обу ҳавои номусоид ба соҳаи кишоварзӣ;

г) муносибати сардона ба меҳнат ва ҷиноятҳои иқтисодӣ (хоҷагидорӣ).

д) хиёнати мансабдорон ба халқу миллат (непотизм, манфиати шахсӣ аз ҷомеавӣ боло дошта, таъмин набудани шаффофияти фаъолияти идоракунии захираҳои иқтисодии кишвар)

### 3. Тамсилаҳои рушди иқтисод. Тамсилаи Р. Солоу

Тамсила (model) – сохти расмии таҳлили ҳаёти воқеӣ буда, имконият медиҳад, ки алоқаҳои иқтисодии ҷомеа бо мақсади коркарди пешгӯиҳои иқтисодӣ мушаххасан ба тасвир оварда шавад.

Таҳлили рушди иқтисодӣ бо сохтани тамсилаҳои назариявӣ муносибат ва боҳампайвастагии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро асоснок мекунад. Тамсилаҳои муосир дар асоси ду сарчашма: назарияҳои кейнсионии мувозинатии макроиқтисодӣ ва назарияҳои навклассикии истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда шудаанд.

Назарияҳои навклассикии истеҳсолӣ решаҳои худро аз назарияи Ж.Б.Сей (Франсия), И.Г.Тюнен (Олмон), Х.Б.Кларк (ИМА) хулосаи охирини худро гирифт. Ин ду манбаъ ба мавҷудияти ду самт дар тадқиқоти муаммоҳои рушди иқтисод – кейнсионӣ (баъдтар навкейнсионӣ) ва навклассикӣ замина гузоштаанд.

***Тамсилаҳои навкейнсионӣ***. Равияҳои аввали рушди иқтисод дар асоси назарияи кейнсионии мувозинати макроиқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд. Охиринаш дар зери таъсири бӯҳрони солҳои 1929-1933 ба шакл даромада, ба асосноккунии усулҳои танзимгарии давлатии низоми иқтисодӣ дар шароити карахтӣ равона шудааст.

Аз ин ҷо, танҳо назарияи Кейнс ба таҳлили статикӣ пайдо шуда, пешрафти техникиро ба эътибор намегирад. Тадқиқотгар ҳамаи диққати худро ба хусусиятҳои тақозои самаранок дар давраи кӯтоҳмуддат равон кардааст. Кейнс тавонист роҳҳои дахолати давлат ба иқтисодро дар шароити истифодаи нопурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва мавҷудияти бекорӣ дар ҷараёни ба вуҷуд омадани тақозо асоснок намояд. Вале баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ олимонро масъалаи чи гуна расидан ба афзоиши суръати рушди иқтисод, таъмини пурраи шуғлнокӣ ба ташвиш оварда буд. Мақолаҳо ва асарҳои Е.Домар (ИМА), Р.Харрод (Англия), У.Фелнер (ИМА), Ҷ.Робинсон (Англия) ва дигар муаллифон ба тасвири ақидаҳои асосии назарияи навкейнсионии рушди иқтисод бахшида шуда буданд ва ду заминаро ба асос гирифта буданд:

Аввалан, дар асоси рушди даромади миллӣ танҳо як омил – меъёри андӯхти сармоя меистад (машғулият, истифодабарии таҷҳизот, ташкили истеҳсол ба эътибор гирифта намешуданд). Аз ин ҷо ба хулоса омаданд, ки тақозо ба сармоя бо боздеҳи доимӣ фақат бо суръати афзоиши рушди даромади миллӣ муайян карда мешавад. Сонийн, ғунҷоиши сармоя фақат бо шароити техникии истеҳсолот муайян карда мешаванд, ки имконият медиҳад, то вай нигоҳ дошта шавад.

**Назарияҳои навкейнсионии** рушди иқтисод ба инкишофи афкори иқтисодӣ ҳиссаи сегона гузоштаанд. Аввалан, алоқаи байни меъёрҳои макроиқтисодӣ дар шароити устувори техникӣ-иқтисодӣ таҳлил карда шудаанд; дуюм, мавқеи хоси тақозо бо маблағгузорӣ барои комёб шудан ба мувозинати инкишофёбандаро нишон додаанд, бештар аз он маблағгузорӣ – чун воситаи асосии суръати рушд дониста шудааст; сеюм, ин назария ақидаи дахолати давлат ба иқтисодро ривоҷ дод.

***Назарияҳои навклассикии рушд.*** Тақрибан дар миёнаи солҳои 50-ум дар назарияи рушди иқтисод тағйироти ҷиддӣ дохил карда мешаванд.

Назарияҳои навклассикӣ дар асоси рад кардани тамсилаҳои навкейнсионӣ инкишоф ёфтаанд.

Ҷонибдорони назарияи навкейнсионӣ аз се самт зери танқид гирифта шуданд. Якум, аз рӯи он ки ба сифати омили рушд танҳо андӯхти сармоя дида баромада шуда, ҳамаи дигар омилҳо (навовариҳои техникӣ, тахассуси қувваи коргарӣ, сатҳи ташкили истеҳсолот) ба назар гирифта намешаванд. Дуюм, ғунҷоиши сармоя чун бузургие, ки танҳо бо пешрафти техникӣ муайян карда шуда, бо тағйирёбии нарх ва ҳаҷми захираҳо вобаста карда намешавад. Сеюм, қобилияти иқтисоди бозорӣ ҳамчун худ танзимкунандагӣ сарфи назар карда шудааст.

Назарияи навклассикии рушди иқтисод аз назарияи навклассикии истеҳсолот се ақидаи асосиро гирифтааст:

Назарияи Ҷ.Б.Сей. Мувофиқи он арзиши маҳсулот бо се омили истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда мешавад (меҳнат, замин ва сармоя), ки ҳар яке аз онҳо дар тавлиди он ҳиссаи муайяне доранд;

– ақидаи «баробарии нарх»-и омилҳои истеҳсолӣ (музди меҳнат, фоида) ва маҳсули ҳаддии онҳо;
– вазифаи истеҳсолӣ, ки имконият медиҳад бо ҳамивазшавии омилҳо дида баромада шуда, аз як омили навкейсионӣ ба бисёромилаи тамсилаҳои навклассикии рушд асос гузошта шавад.

Дар таҳлили муосири макроиқтисодӣ функсияи Кобба-Дуглас ва ба шаклдарории минбаъдаи он бештар қабул карда шудааст. Соли 1928 тадқиқотчиёни амрикоӣ математик И.Кобба ва иқтисодчӣ П.Дуглас – тамсилаи макроиқтисодиро сохтанд, ки имконият медиҳад ҳиссаи омилҳои гуногуни истеҳсолӣ дар афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва ё даромади миллӣ ҳисоб карда шавад. Ин функция чунин намуд дорад:

$$У = a \times K^{\alpha} \times L^{\beta}, \quad \text{дар ин ҷо:}$$

У- ҳаҷми истеҳсол; K ва L – мувофиқан сармоя ва меҳнат; $a$, $\alpha$, $\beta$ – коэффисентҳои функсияи истеҳсолӣ ($a$ – мутаносибӣ, $\alpha$, $\beta$ – чандирии ҳаҷми истеҳсол аз рӯи масрафи меҳнат ва сармоя).

Коэффисенти $\alpha$ нишон медиҳад, ки агар масрафи сармоя 1% зиёд шавад, ҳаҷми истеҳсол ва ё ДМ чанд фисад тағйир меёбад. Мувофиқан $\beta$ – нишон медиҳад, ки агар масрафи меҳнат 1% афзояд, даромад чӣ қадар зиёд мешавад. Ҷамъи $\alpha + \beta$ нишон медиҳад. ки чанд фисад ҳаҷми истеҳсол ва ё ДМ бо дар як вақт афзудани меҳнат ва сармоя ба 1% баланд мешавад.

***Тамсилаҳои тавозунӣ.*** Самти нави тадқиқоти рушди иқтисод бо кори иқтисодчии машҳурӣ амрикоӣ, нобиғаи ҷоизаи Нобелӣ В.Леонтьев алоқаманд аст. Дар асоси тамсилаи вай мувозинати умумӣ, инчунин ҳолати хусусӣ – функцияи истеҳсолӣ, ки таносуби омилҳои истеҳсолӣ дода шудаанд (бетағйиранд), меистад.

Ҳар як соҳа, аз як тараф, чун истеҳсолкунанда, аз дигар тараф, чун истеъмолгари маҳсулоти дигар соҳаҳо баромад мекунанд. Алоқамандии байни соҳаҳо бо низоми муодилаҳои хаттӣ ва ё матритса нишон дода мешавад, ки сатри «n» бо бароришн маҳсулоти n – u истеҳсолкунандагон, n – қатор – ис-

теъмоли неъмати n – соҳаҳо мувофиқат мекунад, Дар шакли матритсавӣ тамсила метавонад чунин инъикос карда шавад:

X = *a* x X + У  дар ин ҷо:

X- вектори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот

У - вектори маҳсулоти охирин,

*a* - матритсаи коэффисентҳои масрафҳои мустақим ва ё коэффисентҳои технологист, ки аз омор маълум аст.

Ду роҳи ҳалли муаммо мавҷуд аст. Дар ҳолате, ки агар рақамҳои маҳсулоти умумии соҳахо дода шуда бошанд (яъне вектори X) бузургиҳои маҳсулоти охиринро ҳисоб кардан мумкин аст (У). Вақте ки рақамҳои маҳсулоти охирин маълум бошанд, ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳоро муайян кардан имконпазир мегардад.

Ҳамин тавр, истифодаи тавозуни байнисоҳавӣ имконият медиҳад ба ҳамвобастагии байни соҳаҳои гуногун, ки зери таъсири нарх, ҳаҷми истеҳсолот, маблағгузорӣ, даромад ва ғайра метавонанд зуҳур ёбанд, омӯхта шаванд. Вале аз ҳама бештар дар асоси тавозуни байни соҳавӣ метавон пешгӯӣ ва банақшагирии инкишофи иқтисодии кишварҳои гуногунро ба ҷо овард, чунки аз рушди як истеҳсолот метавон меъёрҳои рушди соҳаҳои боқимондаро ва ба ҳамин минвол суръати рушди иқтисодро муайян намуд.

***Тамсилаи Р. Солоу.*** Тамсилаи рушди иқтисодро, ки нобиғаи ҷоизаи Нобелӣ оиди иқтисод дар соли 1987 Роберт Солоу пешниҳод кардааст, дида мебароем. Тамсила он вазъиятро тадқиқ мекунад, ки дар иқтисод масрафи меҳнат ва сармоя тағйир ёфта, ҳамаи дигар омилҳои рушди иқтисод (технология, вазъияти сиёсӣ ва ғайра) бетағйир боқӣ мемонанд. Бо дигар сухан, пешрафти илмӣ - техникӣ ҷой надорад, функсияи истеҳсолӣ бетағйир аст.

Барои он ки таҳлил ва нишон додани тамсила сода шавад, Солоу пешниҳод намуд, ки функсияи истеҳсолӣ ба гурӯҳи функсияи Кобба-Дуглас, яъне даромади миллӣ бо формулаи:

$$Y = bL^{a}K^{1-a} \qquad (23.1)$$

ифода карда шавад, ки дар ин ҷо: L – масрафи меҳнат, K – масрафи сармоя; *a* ва *b* - қиматҳои доимии мусбат, a – аз як кам аст, мебошанд. Аз формулаи (23.1) бармеояд, ки ба функсияи истеҳсолоти ҷомеавӣ самараи доимии миқёс хос аст, яъне ягон фисад бузургӣ ба афзудани нисбии даромад ба ҳамин бузургӣ меорад.

Дигар пешниҳодҳои тамсила:

- савдои беруна (Xn) ва харидҳои давлатӣ (G) ҷой надоранд. Он гоҳ даромади миллии воқеӣ (У) аз истеъмолот (C) ва маблағгузорӣ (I) иборат аст. Ҳамаи пасандози оилаҳо маблағгузорӣ карда мешавад;
- маблағгузорӣ ҳиссаи нишондодашудаи (φ) даромад буда, меъёри пасандоз ном дорад: I =φУ;
- хӯрдашавӣ ҳиссаи нишондиҳандаи (μ) сармоя буда, вай меъёри хӯрдашавӣ (амортизатсия) ном дорад: A = μK.

  Меъёри сармоя бо мӯҳлати хизмати воситаҳои сармоявӣ, ки давлат наметавонад ба танзим дарорад, муайян карда мешавад. Афзоиши сармоя – ин фарқияти байни маблағгузорӣ (пасандоз) ва хӯрдашавӣ аст;
- шумораи аҳолӣ ва ҳаҷми истифодаи меҳнат бо суръати доимии солона тағйир ёфта, ба λ баробар аст.

Солоу исбот кард, ки тағйироти даромади мувозинатӣ бо мӯҳлати вақт ба субот омада ва суръати афзоиши он бо суръати афзоиши аҳолӣ мувофиқат мекунад. Ҳамин гуна суръати афзоиш ба масрафи сармоя ҳам рост меояд.

Исбот кардан душвор нест, ки хусусияти наздикшавии иқтисод ба ҳолати инкишофёбандаи мувозинатӣ аз таносуби ибтидоии сармоя ва меҳнат (K/L), яъне таҷҳизонии меҳнат вобаста аст. Агар воқеияти ибтидоии таҷҳизонии меҳнат ба воқеияти муқимӣ (K) баробар бошад, он гоҳ суръати афзоиши меҳнат, сармоя ва даромад доимӣ буда ва ба суръати афзоиши шумораи аҳолӣ баробар аст, вале таҷҳизонии меҳнат бо мӯҳлати вақт тағйир намеёбад. Дар ин ҳолат мегӯянд, ки иқтисод бо хати муқимӣ инкишоф меёбад.

Чунин баробарӣ иҷро карда мешавад:

$$k = \left( \frac{\varphi b}{\lambda + \mu} \right)^{\frac{1}{a}} \qquad (23.2)$$

Агар таҷҳизонии меҳнат дар интиҳои сол аз воқеияти муқимӣ зиёд бошад, он гоҳ тадриҷан то воқеият кам мешавад (каҷхати m дар расми 23.1). Агар таҷҳизонии меҳнат аз воқеияти доимӣ кам бошад, он гоҳ меафзояд (каҷхати n). Агар шумораи аҳолӣ доимӣ бошад, он гоҳ сармоя ва даромад ба воқеияти доимӣ ҳаракат мекунанд. Дар ҳолати аввал меҳнат ва сармоя кам мешаванд, дар дуюм ҳолат меафзоянд.

Ҳаҷми истеъмолот ба ҳар як шуғлнокӣ дар шароити инкишофёбандаи мувозинатӣ бо тағйирёбии меъёри пасандоз метавонад ба танзим оварда шавад (расми 23.1).




*Расми 23.1.* **Таҷҳизоти меҳнат ба бузургии доимӣ ҳаракат мекунад.**

Қоидаи тиллоии андӯхт (муаллифаш нобиғаи ҷоизаи Нобелӣ дар иқтисод соли 1988 – Морис Алле) аз он иборат аст, ки ҳаҷми баландтарини истеъмолот бо меъёри пасандози 1-*a* баробар аст, ба даст меояд. Ҳамин тавр, ҳар қадаре мавқеи сармоя дар истеҳсолоти ҷомеавӣ зиёд бошад, ҳамон қадар ҳиссаи даромади миллӣ бояд маблағгузорӣ карда шавад.

Мисол: Меъёрҳои функсияи истеҳсолӣ $b = 1$, $a = 0{,}5$ аст. Меъёри пасандоз – 0,5, меъёри хӯрдашавии сармоя – 0,1, шумораи аҳолӣ доимист. Ҳаҷми меҳнати ибтидоӣ – 16, сармоя – 9. Даромади миллиро дар соли оянда ва пешомади дарозмӯҳлат меёбем.

Бузургиҳои додашударо ба формулаи (23.2) воқеияти муқимии таҷҳизонии меҳнат гузошта, муодилаи муайянкунандаи ҳаҷми сармоя дар пешомади дарозмуддатро месозем:

$$\frac{K}{16} = \left(\frac{0,5x1}{0+0,1}\right)^{\frac{1}{0,5}}, \text{ аз ин ҷо } K = 400.$$

Дар пешомади дарозмуддат даромад ба 80 ($16^{0,5}$ x $400^{0,5}$ = 80) баробар аст.

Дар соли охир даромад 12 ($16^{0,5}$ x $9^{0,5}$ = 12), маблағгузорӣ – 6(0,5x12=6), хӯрдашавии сармоя – 0,9(0,1x9=0,9), афзоиши сармоя – 5,1(6-0,9=5,1) баробар аст.

Дар соли оянда сармоя ба 14,1(9+5,1=14,1), даромад – 15($16^{0,5}$x$14,1^{0,5}$=15) ва ғайра баробар аст.

*Ҷадвали 23.1*

**Ҳисоб кардани даромади мувозинатӣ дар тамсилаи Солоу**

| СОЛ | K | L | Y | I | A | ΔK |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 9,0 | 16 | 12 | 6,0 | 0,9 | 5,1 |
| 1 | 14,1 | 16 | 15 | 7,5 | 1,4 | 6,1 |
| 2 | 20,2 | 16 | 18 | 9,0 | 2,0 | 7,0 |
| 100 | 400 | 16 | 80 | 40,0 | 40,0 | 0 |

## III. САВОЛХО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ

1. Рушди иқтисоди Тоҷикистонро дар чӣ мебинед? Чӣ гуна монеаҳои боздорандаи рушд ва чӣ гуна манбаъҳои рушди иқтисод дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд, онҳоро пешниҳод намоед.
2. Рушди иқтисод чист? Оё рушди иқтисод ва инкишофи иқтисодӣ як мафҳум ҳастанд? Агар не, фарқияти онҳоро ёбед.
3. Фарз кардем, ки дар ду кишвар меъёрҳои якхелаи пасандоз, суръати афзоиши аҳолӣ ва пешрафти технологӣ мавҷуд аст, вале яке аз онҳо қувваи коргарии маълумотнокиаш баланд, дар дигаре маълумотнокии камтар вуҷуд дорад. Дар ин ки-

шварҳо мувофиқи тамсилаи Солоу суръати афзоиши маҷмӯи даромадҳо ва суръати афзоиши даромад ба ҳар нафар аҳолӣ оё фарқ мекунад? Фикратонро бо мисолҳои мушаххас шарҳ диҳед.

4. Омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисодиро номбар кунед. Ба фикри Шумо кадом омилҳо боиси рушди иқтисодии Тоҷикистон ва кадом омилҳо сабаби боздоштташавии рушди иқтисоди миллӣ мебошанд? Пешниҳоди Шумо.
5. Тамсилаҳои рушди иқтисодиро ба хотир оварда, баҳс намоед. Дар шароити муосири иқтисод кадоме аз онҳо ба фикри Шумо ба иқтисоди Тоҷикистон созгор аст.
6. Фарқияти тамсилаҳои навклассикӣ ва навкейнсиониро дар чӣ мебинед?
7. Тамсилаи Р.Солоу бо кадом мулоҳизаҳо асоснок карда шудааст.
8. Меъёри пасандоз яке аз меъёрҳои асосӣ дар тамсилаи Р.Солоу мебошад. Бо ёрии кадом воситаҳои сиёсати иқтисодӣ давлат метавонад ба меъёри пасандоз таъсир расонад. Оё ин сиёсат ҳамчун шарти ба вуҷуд омадани сатҳи зарурии маблағгузорӣ ба иқтисод (ба сатҳи пасандоз баробар) шуда метавонад.
9. Дар яке аз кишварҳои на он қадар бузург офати табиӣ қисми зиёди захираи сармояро нобуд сохт. Дар равияи тамсилаи Р.Солоу нишон диҳед, ки ҷараёни барқарорсозии иқтисод чӣ гуна мешавад (оқибатҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат).
10. «Қоидаи тиллоиро» дар иқтисод Шумо дар чӣ мебинед?

## IV. МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Рушди иқтисод ва омилҳои муайянкунандаи он.
2. Тамсилаҳои кейнсионии рушди иқтисод.
3. Тамсилаҳои навклассикии рушди иқтисод.
4. Тамсилаҳои тавозунии В. Леонтъев ва тамсилаи «масраф – барориш»

5. Навъҳои рушди иқтисод: экстенсивӣ ва интенсивӣ.
6. Тамсилаи рушди иқтисодии Е.Домар.
7. Тамсилаи рушди иқтисодии Р.Ф. Харрод.
8. Тамсилаи Р.Солоу.
9. «Қоидаи тиллоӣ» Э.Фелпс.
10. Омилҳои боздорандаи рушди иқтисод.

## V. ТЕСТҲО:

1. **Рушди иқтисод чен карда мешавад чун:**
   а) афзуншавии ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ дар давраи муайяни вақт;
   б) зиёдшавии ҳаҷми воқеии истеҳсолот ба ҳар нафар аҳолӣ дар давраи муайяни вақт;
   в) ҷавобҳои а) ва б) дурустанд;
   г) ҳама ҷавобҳо нодурустанд.
2. **Ба омилҳои рушди иқтисод дохил мешаванд:**
   а) миқдор ва сифати захираҳои табиӣ
   б) миқдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ;
   в) технологияи дар истеҳсолот истифодашаванда;
   г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
3. **Ба омилҳои экстенсивии рушди иқтисод дохил мешаванд:**
   а) афзоиши ҳосилнокии меҳнат;
   б) беҳтаршавии ташкили истеҳсолот;
   в) зиёдшавии шумораи кормандони дар истеҳсолот машғулбуда;
   г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.
4. **Ба омилҳои интенсивии рушди иқтисод дохил мешаванд:**
   а) сифатан такмилёбии иқтидори истеҳсолот, кам шудани вақти истеҳсоли воҳиди маҳсулот;
   б) афзудани вақти коркард
   в) истифодаи комёбиҳои пешрафти илмӣ–техникӣ дар истеҳсолот;
   г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

5. **Кадоме аз таносубҳои маблағгузории хусусии дохилӣ оиди ҷой доштани рушди иқтисод шаҳодат медиҳанд:**
   а) маблағгузориҳои умумӣ аз маблағгузориҳои холис кам аст;
   б) маблағгузориҳои умумӣ аз маблағгузориҳои холис зиёд аст;
   в) маблағгузориҳои умумӣ ба маблағгузориҳои холис баробар аст;
   г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

6. **Дар шароити рушди иқтисод маблағгузориҳои холис метавонанд бузургии:**
   а) манфӣ;
   б) мусбат;
   в) ба сифр баробар;
   ғ) бетағйир бошанд.

7. **Дар шароити рушди иқтисод сатҳи бекорӣ:**
   а) кам мешавад;
   б) зиёд мешавад;
   в) тағйир намеёбад.
   г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

8. **Агар МДМ-и исмӣ 6% афзуда, сатҳи нархҳо 10% зиёд шавад, он гоҳ МДМ-и воқеӣ:**
   а) 4% кам шуд;
   б) 4% афзуд;
   в) 16% зиёд шуд;
   г) 16 % паст шуд.

9. **Агар ҳаҷми МДМ-и исмӣ 3% зиёд шуда бошад, шумораи аҳолӣ 1% афзояд, он гоҳ:**
   а) МДМ-и воқеӣ ба ҳар нафар аҳолӣ кам мешавад;
   б) МДМ-и воқеӣ ба ҳар нафар аҳолӣ зиёд мешавад;
   в) МДМ-и исмӣ ба ҳар нафар аҳолӣ тағйир намеёбад;
   г) МДМ-и воқеӣ ба ҳар нафар аҳолӣ бетағйир мемонад.

**10. Нишондихандаи пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа:**

а) зиёдшавии ҳиссаи вақти корӣ дар маҷмӯи вақти ҷомеа аст;

б) кам шудани талафоти вақти корист;

в) афзудани ҳиссаи вақти ғайрикорӣ дар маҷмӯи вақти ҷомеа аст;

г) кам шудани вақти ғайрикорӣ дар маҷмӯи вақти ҷомеа аст.

**11. Кишвари А функсияи истеҳсолии $Y = K^{0,5} \times L^{0,5}$-ро дорад. Меъёри хориҷшавӣ дар як сол 6%-ро ташкил медиҳад. Аҳолӣ дар як сол 2% зиёд мешавад. Пешрафти технологӣ нест. Ҳаҷми зиёдтарини истеъмолот мувофиқи шарти «қоидаи тиллоӣ»:**

а) 3,125; б) 6,25; в) 39,0625; г) 2,65 **мешавад.**

## VI. АДАБИЁТ:


1. Абель Э., Бернанке Б. Макроэкономика, 5-е изд.- СпБ. 2008. стр. 280-323
2. Агапова Т.А., Серегина С.Р. Макроэкономика, 8-изд. – М.: 2007, «Дело и сервис», стр. 254-277
3. Базылев Н.И., Гурко С.П., Базылева М.И. Макроэкономика, - М.: ИНФРА-М, 2003. саҳ. 161-180.
4. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуюм, - Душанбе: 2007с., саҳ. 72-97, 139-172.
5. Корнейчук Б.В. Экономика – М.: 2004, «Экономист», 458 с, стр. 395-433.
6. Муҳатбердиев Х., Эргашев А., Эргашева М. Курси назарияи иқтисод. – Душанбе: 2004. саҳ. 157 – 182.
7. Носова С.С. Экономическая теория – М.: 2008 - 520 с, стр. 312-326.
8. Океанова З.К. – Экономическая теория. 3-е изд.,-М.: «Дашлов и К», 2006, стр. 404 – 436.
9. Экономическая теория. Под. ред. А.Г. Грязновой и др. – 2 изд. -М: КНОРУС, 2006, - 608с, стр. 345-365.

# БОБИ 24.
# НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА СИЁСАТИ БУҶАЮ АНДОЗ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Молия ва низоми молиявӣ. Моҳияти молия.
2. Буҷаи давлатӣ. Касри буҷа ва қарзи давлатӣ.
3. Моҳияти иқтисодии андозҳо. Намудҳои андоз.
4. Сиёсати хазинадории давлат.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Мафҳуми молияи давлат ва вазифаҳои асосии молия.
2. Низоми молия ва хусусиятҳои он.
3. Бухаи давлатӣ ва сиёсати буҷавии ҶТ.
4. Андоз ва таркиби он: андозҳои мустақим ва ғайримустақим.
5. Сиёсати хазинадорӣ (фискалӣ): намуд ва муайян кардани он.

### 1. Молия ва низоми молиявӣ. Моҳияти молия

Молия – ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккулёбӣ ва истифодаи воситаҳои пулӣ дар ҷараёни бавуҷудории неъматҳои моддӣ ва хадамот, инчунин иҷрои масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад. Муносибатҳои молиявӣ сабаби муносибатҳои молию пулӣ буда, ҳамчун яке аз тарафҳои ин муносибатҳо бaромад мекунанд. Онҳо шакли пулии ифодаи харoҷот ва натиҷаи меҳнат дар ҷараёни такрористеҳсол мебошанд. Мазмуни муносибатҳои молиявӣ ва қонунияти инкишофи онҳо бо сохтори иқтисодии он ҷомеае муайян карда мешаванд, ки дар доираи он амал мекунанд.

Инкишофи молия бо иҷрои вазифаҳои ҷамъиятии давлат, амалкунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ: идоракунии

иктисодиёт, конеъгардонии истеъмолоти ичтимоии аҳолӣ. инкишофи илм. фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Ба низоми молиявӣ чунин ҷузъҳои асосӣ дохил мешаванд: буҷаи давлатӣ ва маҳаллӣ, фонди суғуртаи ичтимоии давлат, фонди суғуртаи молу мулк ва суғуртаи шахсии шаҳрвандон, молияи корхонаю ташкилот, фирмаҳо, соҳаҳо ва ғайра.

Дар кишварҳои муосири мутараққӣ тақсимоти аниқи вазифаи байни низоми молиявии дараҷаҳои гуногун гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, ҳукумати федералӣ новобаста аз маҳаллӣ, ки бо ҳалли масъалаҳои дар умум миллӣ, идоракунӣ, мудофиа, тадқиқоти стратегӣ, фаъолияти берунмарзӣ ва сохторҳои маҳаллӣ бошанд, сиёсати мустақилро оиди инкишофи маълумоти миёнаи ҳатмӣ, нигоҳдории тартиботӣ ҷомеавӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра мегузаронанд.

Даромад ва хароҷоти буҷаи маҳаллӣ ба буҷаи давлатӣ ва дар давлатҳои федеративӣ бошад, буҷаи аъзоҳои федератсия ба буҷаи федералӣ дохил намешавад. Ин усули сохтори низоми молиявӣ номи хазинадории (фискалӣ ва ё буҷаю андоз)-и федеролиро дорад. Сохтори низоми буҷаи ҶТ аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат аст.

Муносибатҳои молиявӣ нисбати муносибатҳои пулӣ маф-ҳуми бештар маҳдуд буда, қисми таркибии он мебошад. Агар муносибатҳои пулӣ ҳамаи муносибатҳои иқтисодиро, ки ба иҷрои вазифаи пул вобастаанд дар бар гиранд, муносибатҳои молиявӣ, ки бо ҳаракати фондҳову воситаҳои пулии таъиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолидошта вобастаанд.

***Низоми муносибатҳои молиявӣ:*** муносибатҳои пулие, ки байни корхонаҳо ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо бо ризоги тарафайн, ӯҳдадориҳои маблағии молсупорандагон ва харидорон, низоми чораҳои ҷаримавӣ барои риоя накардани ӯҳдадорӣ, мукофотҳои моддӣ барои иҷрои талаботи махсуси супоришдиҳандагон ва ғайраро дар бар мегирад;

- муносибатҳои пулие, ки байни давлат ва корхонаҳо (фирма) ба вуҷуд меояд: онҳо низоми маблағҳои ба буҷет воридшаванда, ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳо ва

муассисаҳои соҳавии дараҷаҳои минтақавиро дар бар мегиранд;

- муносибатҳои пулӣ байни корхонаҳо ва низоми бонкӣ, оиди гирифтан ва баргардонидани қарзҳо ба вуҷуд меоянд;
- муносибатҳои пулие, ки дар дохили корхона, якум, байни корхона умуман ва сохторҳои ҷузъии он; дуюм, байни корхона ва кормандон оид ба гирифтани ҳаққи меҳнат ба вуҷуд меоянд;
- муносибатҳои пулӣ байни давлат ва аҳолӣ оиди гирифтани ёрдампулӣ ва имтиёзҳо аз фондҳои истеъмолии ҷомеавиро дар бар мегиранд.

***Вазифаҳои молия.*** Молия асосан ду вазифаро иҷро мекунад: тақсимот ва назорат. Вазифаи тақсимот дар раванди тақсимоти ибтидоӣ ва баъдинаи (азнав тақсимкунӣ) даромади соф сурат мегирад. Тақсимоти ибтидоӣ ҷараёни такрористеҳсоли васеъро таъмин менамояд, баъдина (пас аз он) ташаккул ва пур кардани фондҳои пулии марказонидашудаи давлатро, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммагузошта зарур аст. Дар натиҷа фондҳои мақсадноки давлатӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва даромади аҳолӣ ба шакл даромада, истифода бурда мешаванд. Вазифаи назоратӣ дар гузаронидани назорат оиди тақсимот ва истифодаи захирахои молиявӣ зуҳур меёбад. Вай бо воситаи иттилооти молиявӣ, ки дар нишондиҳандаҳои гуногуни молиявӣ инъикос меёбанд, амалӣ мешавад (фоида, даромаднокӣ, боздеҳи фонд ва г). Ин нишондиҳандаҳо имконият медиҳанд, ки риояи меъёр ва қоидаҳои муайянкардашуда, самаранокии ҷараёнҳои иқтисодиро ҳам дар сатҳи микро ва ҳам макро назорат намояд.

## 2. Буҷаи давлатӣ. Касри буҷа ва қарзи давлатӣ

Буҷаи давлатӣ ҷузъи марказии низоми молиявӣ буда, нақшаи асосии молиявии кишвар мебошад. Вай шакли ташаккулёбии воситаҳои марказонидашудаи пулие мебошад, ки барои таъмини инкишофи мутаносиби иқтисод, ҳалли масъалаҳои

ичтимоии аҳолӣ, таъмини эҳтиёҷ ва талаботи давлат сарф карда мешавад. Аз ҳисоби воситаҳои буҷавӣ сохтмони асосӣ маблағгузорӣ карда шуда, тадқиқоти илмии фундаменталӣ гузаронида мешавад, тайёр ва азнавтайёркунии қувваи коргарӣ ва ғайра ба ҷо оварда мешавад.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, азнавсозии таркибии иқтисод ва гузариши корхонаҳо ба усули худмаблағгузорӣ моҳиятан дар сиёсати молиявии давлат инъикос меёбанд.

Ҳоло таҳияи усули буҷети давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ тағйир ёфт. Ин ҷо ду омили асосӣ амал мекунанд: якум, аз он иборат аст, ки ҷузъи хоҷагидории иқтисод, ҳатто дар сохтори давлатӣ ҳам мустақил буда, бо низоми молиявии марказии иқтисодӣ пайванд буда, андоз ва дигар харҷҳоро пардохт менамояд. Шакли асосии пардохт – ин андози арзиши иловашуда ва андоз аз фоида аст. Ба буҷети давлатӣ пардохтҳое, ки аз муассисаҳои савдо, даромад аз фаъолияти берунмарзӣ, андоз аз аҳолӣ ва даромадҳо дохил мешаванд.

Омили дуюм – ин низоми бозории гузариши корхонаҳо ба усули худтаъминкунӣ ва худмаблағгузорӣ буда, бо ҳамин сабаб моддаи асосии хароҷоти буҷети давлатӣ - маблағгузориҳои муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, низоми маориф ва тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд.

Моҳияти буҷети давлатро бештар ва пурра чунин вазифаҳо инъикос менамоянд:

а) вазифаи азнавтақсимкунии даромади миллӣ. Бо воситаи буҷет азнавтақсимкунии аз нисф бештари даромади миллӣ ва ¾ ҳиссаи воситаҳои пулӣ мегузарад. Ин ба давлат имконият медиҳад, ки на танҳо талаботи умумидавлатиро қонеъ гардонад, инчунин иҷрои барномаҳои иқтисодию иҷтимоиро таъмин намояд;
б) вазифаи дахолат ба ҷараёни такрористеҳсол ба воситаи дастгирии давлатии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ;
в) гузаронидани сиёсати иҷтимоии давлат, ки бо нигоҳдории адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҷо оварда мешавад;
г) таъмини бехатарии дохилӣ ва берунӣ;

д) нигоҳдории дастгоҳи идоракунӣ.

Сохтори буҷети давлатӣ хусусиятҳои хос миллии худро дошта, аз сатҳи инкишофи иқтисодию иҷтимоии давлат, таркиби маъмурию минтақавии он, усули амали низоми иқтисодӣ ва дигар омилҳо вобаста аст.

Даромади буҷет бо ифодаи пулӣ ҳиссаи давлат дар даромади миллӣ мебошад. Бинобар он бузургии мутлақ ва ҳиссаи қиёсии он бо ҳам ҳаҷми даромади миллӣ ва дар иҷрои вазифаҳои назди давлат гузошташаванда, таъсири намоён мерасонад. Вазифаи асосии буҷети давлатӣ – ин масрафи одилонаи захираҳои молиявии ҷомеа ва ҳамин тариқ, воситаи амалӣ кардани сиёсати молиявии давлат мебошад. Қисми хароҷоти буҷети давлат барои маблағгузориҳои умумидавлатӣ, барномаҳои иқтисодӣ, инкишофи зерсохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ таъин шудааст.

Буҷети давлатӣ соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ (маориф, хадамоти тиббӣ, ҷорабиниҳои зиддиэпидемӣ, фарҳангӣ ва дигар барномаҳои иҷтимоӣ), инчунин эҳтиёҷоти берунии иқтисодӣ ва ҳарбиро маблағгузорӣ мекунад.

***Касри буҷа ва қарзи давлатӣ.*** Касри буҷа гуфта, он ҳисаи воситаҳои пулиеро меноманд, ки дар соли равони молиявӣ хароҷоти буҷа аз даромади он зиёд мебошад.

Қарзи давлатӣ – ин маблағи дар мӯҳлати муайяни вақт ҷамъшудаи касри буҷаи кишвар, тарҳи бақияи (салдо) мусбати маблағҳои дар ҳамин вақт мавҷудбуда мебошад.

Қарзи дохилӣ ва берунӣро фарқ мекунанд. Қарзи берунӣ – ин қарзи давлат аз кишварҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеи хориҷӣ сохторҳои байналмилалӣ мебошад. Қарзи дохилӣ бошад - ин қарзи давлат аз шахсони ҳуқуқӣ ва аҳолист, ки дар натиҷаи интишору фурӯши вомбаргҳои дохилӣ ба вуҷуд омадааст.

Якчанд равияҳои бартараф сохтани касри буҷа ҷой доранд. Равияи якум тақозо дорад, ки буҷаи давлат ҳамасола мувозин карда шавад. Ин самт тарафҳои манфӣ ва мусбати худро дорад. Хусусияти мусбиаш дар он аст, ки дар ҳолати амалӣ кардани ин равия давлат вазифаи назоратӣ ва танзимгарии ҷараёни такрористеҳсолро пурзӯр менамояд. Боиси таассуф аст,

ки расидан ба мувозинатии ҳарсола бисёр мушкил буда, ин равия хусусияти манфӣ дорад. Сухан дар бораи он меравад, ки иқтисоди давлат ба давраи дурударози таваррум, пастравии истеҳсолот, афзудани бекорӣ ва ғайра бармехӯрад. Ин ба пастравии даромад, кам шудани ҳаҷми воридшавии андозҳо ва ғайра меорад. Агар пайрави самти ҳарсола муозингардонии буҷети давлатӣ шавем, он вақт зарурати баланд кардани меъёри андозҳо, кам кардани хароҷоти буҷа ва бисёр вақт гузаронидани ҳам ину ҳам он чорабинӣ ба миён меояд. Вале ин ба ноустовории иқтисод, паст шудани тақозои кулл ва бештар чуқур шудани ҷараёнҳои таваррумӣ сабаб мешавад.

Дар ҳолати фаъолияти босуботи иқтисод, ки даромад аз хароҷоти давлатӣ зиёд аст, ҳам зарурати чорабиниҳои батанзимдарорӣ пеш меояд. Аз он ҷумла, бояд меъёри андозҳо паст карда шуда, хароҷоти ҳукумат на афзоянд. Оқибати ин чорабиниҳо ҳам метавонад зуҳуроти номатлуб, яъне таваррум, бекорӣ ва ғайра гашта, амалиёти ҳукумат камтаъсир шаванд.

Равияи дуюм бо муозинии буҷа дар давраи силсилаи иқтисод пайвастагӣ дорад. Борои он ки пастравии истеҳсолот пешгирӣ карда шавад, ҳукумат андозҳоро кам карда, хароҷоти давлатиро зиёд менамояд, яъне мақсаднок касодиро ба вуҷуд меорад ва баръакс, дар рафти болоравии иқтисод ҳукумат андозҳоро зиёд карда, хароҷоти давлатиро кам мекунад. Бақияи мусбат ба даст омадаи буҷа метавонад барои рӯйпӯш кардани қарзи давлатии дар давраи пастравӣ ба вуҷуд омада истифода бурда шавад. Муаммои асосӣ дар он аст, ки пастравӣ ва болоравии иқтисод аз рӯи аниқӣ ва давомнокӣ якхела нестанд.

Равияи сеюм на ба мутаносибии молия ва низоми буҷавӣ, балки ба ҳалли муаммои баробаркунии иқтисод нигаронида шудааст. Ба воситаи ҳалли вазифаи мувозинатии иқтисодӣ истеҳсолотӣ ҷамъеавӣ душвориҳои устуворгардонии низоми молиявии кишвар ҳалли худро меёбанд.

***Роҳҳои бартарафсозии касри буҷа.*** Роҳҳои пӯшонидани касри буҷа гуногунанд. Муҳимтарини онҳоро дида мебароем.

Воситаи аввал – ин бо роҳи интишори пулҳои иловагӣ (сеньораж) пур карда мешавад. Чорабини мазкур зоҳиран имконоти зуд ҳал шудани муаммои молиявии кишварро бо вуҷуд меорад,

дар воқеъ бошад, оқибатҳои ногувори иқтисодӣ дошта, вазнинии он ба аҳолӣ бор шуда, ба пурзӯр шудани ҷараёнҳои таввconfigurationsаррумӣ меорад. Ҳар як маблағи пулии иловашуда ба муомилот ба воситаи буҷа, ба пулҳои нолозим баробар аст, ки бо мол, яъне маҳсулоту хадамот таъмин набуда, фосилаи байни тақозои таваррум ва пешниҳоди воқеии молро пурзӯр менамояд.

Воситаи дуюм бо он алоқаманд аст, ки ҳукумат барои пӯшондани касри буҷа ба вомбаргҳои Бонки марказӣ рӯй меорад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин чора таваррумро ба вуҷуд намеорад, вале ин зоҳиран аст. Таваррум дар ин ҷо ҳам ҷой дошта, вай оҳиста бо шакли маданӣ амалӣ мешавад.

Дар ҳақиқат, мисол мегирем, ки ҳукумат аз Бонки марказӣ маблағи Х-ро гирифта дар мӯҳлати муайяншуда бо фоизи қарз ба бонк маблағро баргардонид. Вале имрӯз ҳукумат ба бонк муроҷиат карда, фардо маҷбур аст барои қарзи нав, ки бо мол таъмин нестанд, боз ба бонк муроҷиат намояд. Дар натиҷа пай дар ҳам зиёдшавии таваррумии ҳаҷми пулҳо ба амал меояд.

Воситаи сеюми пӯшонидани касри буҷа бо роҳи аз ҷониби ҳукумат интишору ҷойгиронии ӯҳдадориҳои қарзӣ дар намуди вомбаргҳои қарзи давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ин намуди маблағгузорӣ зоҳиран хусусияти таваррумӣ надорад. Дар ин гуна равиш ҳаҷми пулҳои қоғазӣ зиёд нашуда, имконияти оқибатҳои босуботӣ ва инкишофи ҷараёнҳои таваррумӣ аз эҳтимол дур нестанд. Сухан дар бораи он меравад, ки барориши вомбарғҳо ва гирифтани пулҳо аз аҳолӣ маблағгузориро дар иқтисод кам намуда, пешниҳоди молҳоро маҳдуд менамояд. Ба ғайр аз ин, барориши ӯҳдадориҳои қарзии давлат бо болоравии меъёри фоиз ба вуҷуд меояд, ки он ҳам миқёси маблағгузориҳоро маҳдуд менамояд. Дар охир ба инкишофи иқтисодӣ монеъ шуда, пешниҳод кам шуда номувозинати таваррумии бозорҳо шиддат меёбад. Ҳамин тавр, ҳамаи воситаҳои оварда шудаи пӯшонидани касри буҷа ногувор буда, барои кишвар мусибати иқтисодианд. Ҳарчанд ҳангоми касри буҷа ба вуҷуд омадан, роҳи сеюм бартарӣ дорад.

### 3. Моҳияти иқтисодии андоз. Намудҳои андоз

Андоз – ин пардохтҳои ҳатмӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузориҳои кишвар мебошад.

Андозҳо – манбаи асосии ба вуҷуд омадани даромади буҷаи давлатӣ дар ҳамаи сатҳи он: органҳои федералӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ғайра) мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори буҷаи давлатӣ ба ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад. Аз ин ҷо андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро фарқ мекунанд.

Механизми низоми андоз бисёр мураккаб буда, новобаста ба он ҳар як шахс оид ба моҳияти андоз бояд тасаввурот дошта бошад.

Намуди андозҳо гуногун мешаванд: ҳар як кишвар низоми андозгузории худро дар асоси усули умумие, ки дар амал кор мекунад, муқаррар менамояд.

Дар асоси ба вуҷуд овардани низоми андоз ду усул – функсионалӣ (вазифавӣ) ва территориявӣ (минтақавӣ) гузошта шудааст. Усули функсионалӣ тарзи гирифтани андозҳоро аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба тартиб медарорад. Аз ин рӯ, вақте сухан дар бораи шахсони воқеӣ меравад дар назар шаҳрвандон ва вақте ки шахсони ҳуқуқӣ гуфта мешавад – корхона ва муассисаҳои кишвар дар назар дошта шудаанд. Аз даромади шахсони воқеӣ андоз аз даромади шахсӣ, ҳаққи иҷтимоӣ ситонида мешавад. Андоз аз шахсони ҳуқуқӣ ин: андози фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андози фурӯш, ҳиссагузориҳои иҷтимоӣ аз фоида ва андозҳое, ки бо фаъолияти берунии иқтисодӣ алоқамананд, рӯёнида мешавад.

Усули территориявӣ амалкунии низоми андоз микёс ва усулҳои ҷудо кардани воситаҳоро ба даромади марказонидашудаи давлат, механизми воридшавии андозҳоро ба буҷети маҳаллӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ғайра муайян мекунад. Андозҳо се вазифаи муҳимро иҷро мекунанд: фискалӣ (хазинадорӣ-тақсимшавандагӣ), танзимӣ ва иҷтимоӣ. Вазифаи хазинадорӣ воридшавии воситаҳоро ба хазинаи давлатӣ, ки дар низоми буҷавӣ ҷамъ шуда, барои маблағгузории хароҷоти давлатӣ истифода бурда мешаванд, таъмин менамояд.

Вазифаи ба танзимдарорӣ ба воситаи низоми гуногуни имтиёзҳои андоз ба ҷо оварда мешавад. Вай метавонад аввалан барои ҳавасмандгардонӣ ва ё боздоштани инкишофи соҳаҳои алоҳида ва намудҳои алоҳидаи фаъолият нигаронида шуда бошад. Дар ин ҳолат андозҳо арзаи мол (хадамот)-ро ба тартиб медароранд. Дуюм, бо ёрии низоми андози давлат тақозои куллро зиёд ва ё кам менамояд.

Вазифаи иҷтимоии андоз ба бартарафсозии нобаробарии даромади байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шуда, ба воситаи андозгирии гуногун амалӣ карда мшавад.

Молиячиён вазифаи назоратии андозҳоро ҳам ҷудо менамоянд, ки имконият медиҳад микдори воридшавии андозҳо нишон дода шуда, талаботи давлат ба воситаҳои молиявӣ қиёс карда шавад. Ба ғайр аз ин, бо ёрии ин вазифа самаранокии механизми андоз баҳо дода шуда, ҳаракати захираҳои молиявӣ назорат карда шуда, зарурати дохил кардани тағйирот ба низоми андоз ва сиёсати андоз ошкор карда мешаванд.

Кулли андозҳо, усулҳо ва роҳҳои гузориш, инчунин воситаҳои ситондани он низоми андозии давлатро ташкил медиҳад. Бо тағйирёбии сохти давлатдорӣ низоми андоз ҳам иваз мешавад.

Дар низоми андозгирӣ бояд усулҳои муайян ҷорӣ шаванд, ки риояи онҳо метавонад ба истеҳсолоти ҷомеавӣ, инкишоф, сохтор ва ҳолати илмӣ – техникӣ таъсир расонад.

Адам Смит дар асари «Тадқиқот оиди табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» (М., 1962, Кн.5, Гл.2. стр. 588–589) чор усули асосии андозгириро ба шакл даровардааст:

- раияти (фукаро) давлат дар нигоҳдории ҳукумат мувофиқан ба даромад бояд иштирок намояд;
- андозе, ки ҳар як шахс ӯҳдадор аст супорад, бояд муайян бошад;
- намуди андоз, мӯҳлат ва роҳҳои маблағсупорӣ ба андозсупоранда бояд муносиб бошанд;
- ҳар як андоз ҳамин хел фикр карда шуда ва асоснок шуда бошад, ки қадри имкон давлат аз киссаи халқ камтар гирад.

*Усулҳои андозгузорӣ.* Низоми муосири андозгузорӣ усулҳои зеринро дар бар мегирад: усули одилона, ки дахолатнопазирии муносибат ба ҳамаи андозсупорандагонро мефаҳмонад. Вай дар умумияти ситонидани андоз вобаста аз меъёри андоз ба сатҳи даромадҳо амалӣ карда мешавад;

- усули муайянӣ, ки оддӣ ва дастрас буда,талаб менамояд, то маблағ, восита ва вақти ситонадани андозҳо пешакӣ ба маблағсупоранда маълум бошад;
- усули якмаротибагӣ – ситонидани намудҳои андозҳои гуногунро аз як манбаи даромад ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилӣ пешниҳод менамояд;
- усули чандирии андозгирӣ ба воситаи низоми имтиёзӣ ба вуҷуд овардани шароити беҳтари инкишоф барои самтҳои алоҳидаи фаъолият мувофиқан бо сиёсати иқтисодии давлат;
- усули босуботӣ ва устувории меъёрҳои андоз, инчунин тартиби ҳисоб кардани ҳаққҳои андоз ба буҷа;
- усули ҳатмии пардохти андоз.

**Ҷузъҳои андозгирӣ**. Ақдҳои қонунгузории муносиб роҳҳои гузориш ва ситонидани андозҳои муқаррар, яъне ҷузъҳои онро муайян менамояд. Агар сухан дар бораи ҷузъҳои низоми андоз равад дар назар меъёри андоз ва сарчашма, инчунин имтиёзҳои андоз мадди назар дошта шудааст.

Меъёри андоз – ин ифодаи ҳиссаи даромад (фоида ва ё молу мулк) бо фоиз аст, ки мувофиқи қонунгузорӣ ба буҷаи давлат ҳисса ҷудо карда мешавад. Вай дар асоси ҷадвали прогрессивӣ муқаррар карда мешавад: бо афзоиши маблағи даромад ҳиссаҷудокунӣ ба буҷа ҳам зиёд мешавад.

Афзоиш ва камшавии меъёрҳои андоз бояд чун тамоиле дида шаванд, ки ба мӯҳлати муайян ба ҳисоб гирифта шудаанд, зеро афзоиш, масалан, меъёрҳои андоз бо рушди иқтидори иқтисодии давлат меорад, вале азбаски вай пастшавии фаъолияти кориро ба вуҷуд меорад, дар давраи муайян нисбатан боиси камшавии даромади давлат мегардад.

Дар навбати худ паст шудани меъёрҳои андоз ба болоравии фаъолияти истеҳсолӣ оварда, дар давраи муайян муам-

моҳои иқтисодии корхонаҳо бо масъалаҳои иҷтимоӣ зиддият пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, меъёрҳои андоз бояд ҳамчун ҳавосанҷи инкишофи иқтисодии истеҳсолот хизмат намоянд. Ин вобастагӣ ифодаи ҷадвалӣ дошта бо номи олими амрикоӣ, ки аввалин бор онро тасвир кард «каҷхати Лаффер» номгузорӣ шудааст, ки он чунин аст:




*Расми 24.1.* **Каҷхати Лаффер**

Лаффер чунин мешуморид, ки бо афзудани меъёри андозҳо аз 0 то 100 %, воридшавии андозҳо дар ибтидо зиёд шуда, ба ҳадди баландтарин (maximum) нуқтаи Q мерасад, новобаста аз афзоиши меъёри андозҳо, пас аз он кам мешавад.

Бо мулоҳизаи Лаффер, камшавии воридоти андозҳо бо сатҳи баланди меъёрҳо алоқаманд буда, фаъолияти иқтисодиро бозмедоранд. (маблаггузориҳо, истеъмолот, пасандозҳо кам мешаванд), сарчашмаи андозӣ кам шуда, бо болоравии меъёри андозҳо воридот аз андоз паст мешавад.

Ба бузургии дохилшавии андозҳо, на танҳо меъёри андоз, инчунин маблағи даромад, ки аз он андоз ҳисоб карда мешавад, таъсир мерасонад. Сухан дар бораи сарчашмаи андозӣ

меравад. Сарчашмаи андозӣ - ин микёси молу мулкест, ки аз он бояд андоз ситонида шавад. Сарчашмаи андозӣ дар баъзе ҳолатҳо метавонад маҳдуд карда шавад. Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки имтиёзҳо ба баъзе гурӯҳҳои андозсупорандагон пешниҳод мешаванд. Имтиёзҳо дар шаклҳои гуногун дода мешаванд. Ба гурӯҳҳои муайяни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар намудани нисбатан меъёрҳои пасти фоизи андоз ба вуҷуд меояд. Имтиёзҳо одатан ба корхонаҳое, ки меҳнати маъюбонро истифода менамоянд ва ё ба мӯҳлати муайян ба истеҳсолоти нав ба фаъолият шурӯъ кардаанд, дода мешавад. Имтиёзҳо ба шахсони воқеӣ бо ҳисоби синну сол, маъюбӣ ва ё шароити зарарноки меҳнат дода мешавад. Ҳисоб кардани андоз – ин истифодаи меъёри андоз ба сарчашмаи андозситониро мефаҳмонад.

Вобаста аз роҳҳои ситонидан андозҳо ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо мешаванд.

Андозҳои мустақим – ин андозҳое мебошанд, ки андозсупоранда бевосита аз даромади худ ба хазинаи давлат ва ё сохтори маҳаллии ҳокимият месупорад. Ба онҳо дохил мешаванд:

– андоз аз даромади шахсӣ (шахсони воқеӣ);
– андоз аз музди меҳнат (ҳаққи суғурта);
  Андозаи аз даромад ситонидани андозро ҳукумат муайян мекунад. Дар ҶТ ин андоз аз 8% то 13% муқаррар карда шудааст (Кодекси андози (КА) ҶТ саҳ. 162).
– андоз аз фоидаи корпоратсияҳо (шахсони ҳуқуқӣ);
  Ин андоз дар ҷумҳурии мо ба ҳадди – 25% муайян карда шудааст. (КА ҶТ, саҳ. 167).
– андоз аз мерос ва андозҳои дигар.

Андозҳои мустақим ҳиссаи зиёди воридоти андозҳоро медиҳад.

Норасоиҳои асосии андозҳои мустақим дар он аст, ки агар меъёри андозситонӣ баланд шавад, он метавонад ҳавасмандӣ ва ташаббуси агентҳои иқтисодиро коҳиш диҳад. Ин ба он меоварад, ки роҳҳои зиёди насупоридани андоз корбурд мешаванд.

Андозҳои ғайримустақим – ин андозҳое мебошанд, ки андозсупорандагон ба воситаи аз даромади худ ба хазинаи

андоз ва сохторҳои маҳаллии ҳукумат месупоранд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд:

- андоз аз фурӯш;
- аксизҳо;
- ҳаққҳои гумрукӣ;
- андозҳои махсуси ғайримустақим. Ин андоз аз арзиши иловашуда мебошад.

Андозҳои мустақим ба нархи чаккана дохил карда шуда, мувофиқан аз кисаи истеъмолкунандагон гирифта мешавад. Вобаста аз ҳиссаҷудокуниҳои даромади шахсӣ ба фоидаи давлат андозҳои зеринро фарқ мекунанд:

- андозҳои регрессивӣ – мавриди зиёд шудани ҳиссаи даромадҳо сатҳи андоз коҳиш меёбад;
- андозҳои мутаносибӣ – мавриди зиёд шудани ҳиссаи даромадҳо бе тағйир мемонад, яъне аз ҳар як фард ҳамон як ҳиссаи баробари даромадро мегиранд;
- андози прогрессивӣ – низоми андозбандиест, ки бо афзоиши даромад ҳисаи андозҳо меафзояд.

Бо чунин шакли андозбандӣ аз андозсупорандагони даромади баланд дошта маблаги зиёди андоз гирифта мешавад. Ин усули андозбандӣ ҳамчун воситаи аз нав тақсимкунии захираҳо истифода шуда, аз ҳама намуди одилона ҳисобида мешавад. Хусусияти прогрессивии андозҳои мустақим мавқеи устуворкунандаи низоми иқтисодиро пурзӯр намуда, тақозои куллро дар давраи болоравии сатҳи иқтисодӣ паст менамояд.

### 4. Сиёсати хазинадории (фискалӣ) давлат

***Моҳияти сиёсати хазинадорӣ.*** Сиёсати хазинадорӣ – ин фаъолияти давлат оид ба танзимдарории хароҷоти давлатӣ ва сиёсати андоз аст.

Аз рӯи хусусияти таъсири худ ба иқтисод хазинадории ҳавасмандкунӣ ва боздорандаро фарқ мекунанд.

Сиёсати буҷаю андози ҳавасмандкунанда дар оянадаи кӯтоҳмуддат мақсади бартарафсозии пастравии даврагии иқтисодро дошта, зиёд кардани хароҷоти давлатӣ (G), паст кардани

андозҳо (Т) ва ё ҳамҷоягии ҳар ду ин чорабиниро дар назар дорад. Дар ояндаи дарозмуддат сиёсати паст кардани андозҳо метавонад ба васеъшавии арзаи омилҳои истеҳсолӣ ва рушди иқтидори иқтисодӣ биоварад.

Сиёсати буҷаю андози боздоранда мақсади маҳдуд кардани болоравии силсилавии иқтисодро дошта, кам кардани хароҷоти давлатӣ (G), баланд кардани андозҳо (Т) ва ё ҳамҷоягии ҳар ду чорабиниро дар назар дорад. Дар давраи кӯтоҳмуддат ин чораҳо имконият медиҳанд таварруми тақозо дар натиҷаи афзудани бекорӣ ва пастравии истеҳсолот кам карда шавад. Дар давраи нисбатан дарозмуддат таъсири андози афзоянда метавонад асоси камшавии арзаи кулл гардад. Пастравии истеҳсолот ҳамҷоя бо тавварум бо ғайрисамаранок идоракунии хароҷоти давлатӣ заминаҳои коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолиро ба вуҷуд меорад, ки онро мо дар иқтисоди давраи гузариш дучор омадем, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасад. Дар ояндаи кӯтоҳмуддат чораҳои сиёсати буҷаю андоз (хазинадорӣ) бо самараи фузунгари хароҷоти давлатӣ, андозҳо ва буҷети мутаносибшаванда ба вуҷуд меоянд. Омили асосии муайянкунандаи бузургии фузунгар ҳадди майли истеъмолӣ (МРС) мебошад.

Аз рӯи иштироки ҳукумат дар муаммоҳои макроиқтисодӣ сиёсати хазинадории (фиксалӣ) дискретсионӣ ва ғайридискретсиониро фарқ мекунанд.

Сиёсати хазинадории дискретсионӣ – ин сиёсати мақсадноки давлат, ки бо тағйир додани сатҳи машғулият, ҳаҷми истеҳсол, афзоиши таваррум ва ҳолати тарози пардохт нигаронида шуда, ба воситаи тағйир додани хароҷоти давлатӣ, андозҳо ва бақияи буҷаи давлатӣ гузаронида мешавад.

Сиёсати ғайридискретсионии давлатӣ – ин тағйирёбии «худ аз худ»и бузургиҳои дар болоовардашуда дар натиҷаи лапиши даврагии даромади кулл мебошад.

Бо сиёсати ғайридискретсионии касри буҷа ва барзиёди «худ аз худ» дар натиҷаи амали устуворкунандаҳои сохташудаи иқтисод ба амал меояд. Чунин устуворкунандаҳо дар кишварҳои индустриалӣ низоми андоз (прогрессивӣ), низоми хароҷоти давлатӣ (суғуртаи бекорӣ) ва низоми иштирок дар фоида одатан баромад мекунанд. Устуворкунандаҳои сохташудаи

иқтисод нисбатан оқибатҳои вазнини лапишҳои иқтисодиро коҳиш медиҳад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ то ба имрӯз оиди сиёсати иқтисодии кишварҳо ду мактаби иқтисодӣ; кейнсионӣ (асосгузораш иқтисодчии англис Ҷ.М.Кейнс) ва монетаризм (асосгузораш иқтисодчии америкоӣ М.Фридман) дар мубоҳиса мебошанд.

Аз рӯи нуқтаи кейнсионӣ ба низоми бозорӣ ноустувории макроиқтисодӣ хос буда, барои ислоҳи ин норасоиҳо дар асоси чорабиниҳои хазинадорӣ сиёсати фаъоли давлатӣ зарур аст.

Аз нигоҳи монетаристон ба низоми бозорӣ дараҷаи баланди рақобатнокӣ хос буда, устувории макроиқтисодиро таъмин менамояд. Монетаристон ба сиёсати соҳибкории хусусӣ бо маҳдуд кардани дахолати давлат ба иқтисод майл доранд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ

1. Мафҳуми молияро ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ шарҳ диҳед.
2. Буҷаи давлат аз буҷаи маҳаллӣ чӣ фарқ дорад?
3. Аз нигоҳи шумо касри буҷа ва қарзи давлатӣ чаро пайдо мешаванд ва роҳҳои пӯшонидани касри буҷаро номбар кунед.
4. Андоз чист ва чаро бояд ҳама соҳибкорони бизнес андоз супоранд?
5. А.Смит дар асари худ «Тадқиқот оиди табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» чор усули андозситониро ба шакл даровард. Онҳоро ҳамроҳи ҳамсабақонатон ба хотир биёред.
6. Навъҳо ва намудҳои андозро номбар кунед.
7. Сиёсати хазинадории (фискалӣ) давлатро муҳокима намуда, роҳҳои гузаронидани онро номбар кунед.
8. Хароҷоти давлатӣ ва сиёсати андозро ба хотир оварда, алоқамандӣ ва вобастагии онҳоро нишон диҳед.
9. Ба хароҷоти давлатӣ чӣ дохил мешавад. Мулоҳиза намуда бо ҳамсабақон баҳс намоед.
10. Амали сиёсати хазинадориро нишон дода, ҷузъ ва роҳҳои гузаронидани онро номбар кунед. Фарқияти сиёсати дискретсионӣ ва «худ аз худ»-ро дар иқтисодиёт фаҳмонед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО

1. Мафҳум, моҳият ва вазифаҳои молия.
2. Низоми молиявии давлат дар замони муосир.
3. Буҷаи давлатӣ – ҷузъи асосии молия.
4. Касри буҷа ва қарзи давлатӣ.
5. Моҳияти иқтисодии андозҳо. Намудҳои андоз.
6. Ҷузъҳои (элемент) андоз. Каҷхати Лаффер.
7. Моҳияти сиёсати фискалии (хазинадории) давлатӣ.
8. Фузунгари (мултипликатори) хароҷоти давлатӣ ва андоз.
9. Сиёсати хазинадории дискретсионӣ ва «худ аз худ».

## V. ТЕСТҲО:

**1. Агар иқтисод дар ҳолати мувозинатӣ ҷой дошта бошад, он гоҳ тасдиқ метавон кард, ки:**

а) буҷаи давлатӣ баробар (тавозун) карда шудааст.;
б) буҷаи ҳамаи дараҷаҳо бояд баробар карда шаванд;
в) хароҷоти истеъмолӣ бояд ба маблағгузориҳо баробар бошанд;
г) ҳама гуна афзоиши хароҷоти истеъмолӣ ба тафовути таваррумӣ меорад.

**2. Афзудани хароҷоти давлатӣ ММД-и воқеиро фақат дар ҳамон ҳолате зиёд мекунад, ки агар;**

а) хароҷоти давлатӣ ба хариди мол ва хадамот харҷ карда шавад, на ба ҳарҷи амалдорон;
б) хароҷоти давлатӣ бо пешниҳоди пул ба амал меояд;
в) хароҷоти давлатӣ ҳаҷми хароҷоти сохтори ғайридавлатиро танг намекунад;
г) хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби барориши вомбаргҳои давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад;

**3. Буҷаи давлат – ин:**

а) ҳисоби даромад ва хароҷоти давлатӣ;
б) манбаи ҳамаи даромадҳои давлат;
в) ҳамаи моддаҳои хароҷоти давлат;
г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

**4. Касри буҷаи давлатӣ – ин:**

а) афзудани даромади давлатӣ нисбати хароҷоти он;
б) афзудани хароҷоти давлат;
в) барзиёдии хароҷоти давлат аз даромади он;
г) камшавии воридоти андозҳо ба буҷа аст;

**5. Сиёсати хазинадорӣ (фискалӣ) – ин:**

а) сиёсати андоз;
б) сиёсати молияви- буҷа;
в) сиёсати қарзӣ;
г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

**6. Иқтисодиёт дар ҳолати мувозинатӣ ҷой дошта, ҳадди майл ба пасандоз 0,25, вале ҳадди майл ба воридот ба сифр баробар аст. Сатҳи барориши мувозинат чӣ гуна тағйир меёбад, агар ҳукумат харидҳои худро ба 2 млрд. сомонӣ зиёд намуда, воридшавии андозҳоро бетағйир гузорад:**

а) ба 2 млрд. сомонӣ меафзояд;
б) ба 4 млрд.сомонӣ меафзояд;
в) ба 6 млрд.сомонӣ меафзояд;
г) ба 8 млрд.сомонӣ меафзояд;

**7. Тағйирёбии сатҳи нарх дар;**

а) натиҷаи сиёсати фискалӣ инъикос намешавад;
б) самараи чораҳои фискалиро пурзӯр менамояд;
в) самараи фузунгари хароҷоти давлатӣ ва андозҳоро зиёд мекунад;
г) амали чораҳои сиёсати фискалиро паст мекунад.

**8. Фарз мекунем, ки барзиёди (изофаи) буҷа чун BS = t . Y – G нишон дода шудааст.**

BS – изофаи буҷа;
t – меъёри андоз;
Y – даромад;
G – хароҷоти давлатист.

**Дар ин ҳолат афзудани харочоти давлатӣ ба 100:**

а) камшавии изофаи буҷетро ба 100;
б) афзудани изофаи буҷетро ба 100;
в) пастшавии изофаи буҷетро камтар аз 100;
г) оиди имкониятҳои тағйирёбии миқёси изофаи буҷа ягон чизи муайянро гуфта намешавад, меорад.

**9. Андози мустақим – ин:**

а) андозҳо ба ҳамаи намудҳои даромад;
б) андозҳо аз фурӯши молҳо;
в) андозҳо аз бозфурӯши молҳо;
г) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

**10. Ба андозҳои мустақим дохил намешаванд;**

а) андоз аз арзиши иловашуда;
б) андоз аз музди меҳнат;
в) андоз аз фоидаи корхонаҳо;
г) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

## VI. АДАБИЁТ:


1. Агапова Т.А., Серегина С.Ф. Макроэкономика. - 8-е изд., - М.: «Дело и Сервис», 2007, Гл. 6, стр. 127-157
2. Базылев Н.И., Гурко С.П., Базылева М.Н. Макроэкономика. –М.: ИНФРА – М, 2003, Гл. 5., стр.101-120.
3. Бобокалони Исомат. Асосхои назарияи иктисод. Кисми дуюм. Душанбе, 2007, саҳ. 217 – 267
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; 2005
5. Смит А. «Исследование о природе и причинах богатства народов» - М., 1962. Кн.5., Гл.2. стр. 588-589.
6. Мухатбердиев Х. Эргашев А.Э. Эргашева М. Курси назарияи иқтисод (макроэкономика), Душанбе: 2004, саҳ. 271 – 303.
7. Экономическая теория. Учебное пособие. /Под ред. А. А. Качеткова. –М.: Дашков И. К°, 2007. стр. 451 – 494; 516 – 595.
8. Океанова З. К. Экономическая теория. 3-е изд. – М.: 2006, стр. 521 – 533.
9. Лимашевский И. М. Макроэкономика. – Минск, 2006, стр. 300-362

# БОБИ 25.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Низоми пулӣ ва намудҳои он.
2. Низоми қарзӣ ва қарз. Фузунгари қарз.
3. Ҳадаф ва воситаҳои ғузаронидани сиёсати пулию қарзӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Бозори пулӣ. Арзаи пул ва тақозо ба пул. Мувозинати бозори пул.
2. Низоми бонкӣ. Бонки Марказӣ (Бонки Миллӣ) ва бонкҳои тиҷоратӣ.
3. Сиёсати пулию қарзӣ ва вобастагии он аз сиёсати буҷаю андоз ва сиёсати асъорӣ.

### 1. Низоми пулӣ ва намудҳои он

Муомилоти пулӣ – ин ҳаракати мунтазами пул дар соҳаи муомилот, инчунин дар ҳисобҳо ва пардохти ғайримолӣ办 дониста мешавад. Ин ҷараёнро давлат равона, назорат ва ба танзим медарорад.

Механизми ташкили муомилоти пулӣ бо ҳамҷоягии мувофиқи институтҳо ва қоидаҳои қонунан муқарраршудаи мафҳуми низоми пулии давлатро ташкил мекунад.

Ду навъи низоми пулӣ – низоми муомилоти фулузӣ ва низоми муомилоти қоғазӣ маълум буда, ба сифати шакли махсуси ҳаракати ин низомҳо муомилоти пулҳои қарзиро номбар кардан мумкин аст.

Низоми муомилоти фулузӣ ду намуди он – биметаллизм (дар муомилот нуқра ва тилло) ва монометаллизм – (вазифаи пулро танҳо як фулуз – тилло иҷро мекард)-ро дар бар мегирад.

Агар оид ба таърихи низоми муомилоти коғазиро қайд кунем – пулҳои коғазӣ аввалин маротиба дар Чин дар асри XIII пайдо шуда, дар Амрико аз соли 1690 дар муомилот буда, дар Фаронса, Англия ва Руссия аз асри XVIII инчониб интишору корбурд шуда меоянд.

Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ пулҳои қоғазӣ аз нимаи дуюми асри XIX дар муомилот пайдо мешаванд.

Роҳи дигари муомилоти пулӣ - ин векселҳои тиҷоратист. Вексели тиҷоратӣ – ин ӯҳдадорие мебошад, ки соҳибкори алоҳида ва ё савдогар дар мӯҳлати муайян маблағи пулии ба қарз гирифтаи молҳои худро адо мекунад. Дар ибтидо вексел танҳо дар байни қарздорон ва қарзхоҳон дар муомилот буда, пас аз он қарзхоҳон ҳам бо он ҳисобӣ мекарданд. Бо мурури замон бонкҳои бузург амалиёти ҳисоби векселҳоро оғоз карда, ба ҷои онҳо чиптаҳои хазинагӣ мебаровардагӣ шуданд. Ҳамин бонкҳо ба баровардани пулҳои қоғазӣ – банкнотаҳо ибтидо гузоштанд.

Банкнотҳо бо фарқият аз чиптаҳои хазинагӣ, дар аввал озодона ба тилло иваз карда мешуданд. Ҳоло бошад, дар дохили ягон кишвар ва бозори ҷаҳонӣ ягон воҳиди пулӣ бо тилло иваз карда намешавад.

Хусусияти муомилоти пулии муосир дар он аст, ки дар қатори пулҳои қоғазӣ ҳисобиҳои нав – пулҳои бонкӣ пайдо шуданд. Дар кишварҳои инкишофёфта қариб 9/10 ҳиссаи ҳамаи ҳисобҳои пулӣ бо ёрии пулҳои бонкӣ сурат мегирад. Дар навбати аввал ба қатори онҳо чекҳо дохил мешаванд. Дар айни замон барои амалиёти ҳисобӣ варақаҳои қарзӣ низ истифода мешаванд, ки мувофиқи он ҳамаи даромад ва хароҷот ба воситаи шӯъбаҳои компютерии марказонидашуда маблағгузорӣ карда мешаванд. Онҳо имконият медиҳанд, ки бо ёрии онҳо на танҳо дар мағозаҳо ҳисобӣ ба роҳ монда шавад ва ё дар ҳолати зарурӣ аз дастгоҳи автоматии кӯча пулҳои қоғазӣ гирифта шаванд, инчунин ҳисобиҳо бо дигар кишварҳо ҳам ба роҳ монда шаванд.

Ҳамин тавр, саволе ба миён меояд, ки оё варақаҳои қарзӣ (кредитные карточки) пул шуда метавонанд ё не? Таҳлили қонуниятҳои муомилоти пулӣ дар кишварҳои мутараққии

бозорӣ нишон медиҳанд, ки онҳо ба пул дохил намешаванд. Онҳо танҳо миқдори зарурии дар муомилотбудаи пулҳоро маҳдуд карда, гардиши пулро осон менамоянд. Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии варақаҳои қарзӣ на танҳо ба харидорон имконият медиҳанд, ки пулҳои нақди худро «сарфа» намоянд ва ё ҳаракатҳо тезонида шаванд.

Бозори пулӣ – ин доираи бизнесест, ки дар он моли махсус – пул хариду фурӯш карда мешавад. Вай дар худ ҳамаи институтҳо ва муассисаҳоеро дар бар мегирад, ки ҷараёни пулиро ба ҳаракат даровnapда, танзим менамоянд, таносуби оқилонаи арзаи пул ва тақозои онро нигоҳ медорад, эҳтиёҷоти зарурии пулро муқаррар мекунад.

Пул – моли аз ҳама фаъол ва зуд ба фурӯшраванда мебошад. Ба вай ҳама эҳтиёҷот доранд: ҳам оилаҳо, ҳукумат, корхонаҳо, муассисаҳои молиявӣ, фермерҳо. Дар бозори пулӣ ҳукумат монополист буда, ба сохтори асосии молиявӣ – Бонки асосии кишвар (Бонки Миллӣ) як қатор вазифаҳои фавқулода ва махсусро вомегзорад. Танҳо Бонки Миллӣ барориши пулҳоро ба зимма дошта, таносуби миқдории онро дар доираи муомилот дар бозори пулӣ ва дар иқтисодиёт ба танзим медарорад.

Ҷузъҳои асосии механизми амали бозори пулӣ: арзаи пул, тақозо ба пул ва нархи пул (меъёри фоиз) баромад мекунанд.

### 2. Низоми қарзӣ ва қарз. Фузунгари қарз

Муносибатҳои қарзӣ – мунсибатҳои иқтисодиро мегӯянд, ки байни қарзгиранда ва қарздиҳанда ба вуҷуд меоянд.

Қарз дар ду шакли асосии худ баромад мекунад: қарзи тиҷоратӣ ва бонкӣ. Ҳардуи ин шакл аз рӯи иштирокчиён, объекти қарз, тағйирёбии ҳаракати қарз, меъёри фоиз ва доираи истифодабарӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Қарзи тиҷоратӣ мақсади тезонидани фурӯши молро дорад, ки аз он фоида ба даст оварда мешавад. Миқёси қарзи тиҷоратӣ бо ҳаҷми захираи сармояи дар ихтиёри соҳибкорони савдо ва саноатибуда маҳдуд аст. Хусусияти ин қарз аз он иборат мебошад, ки вай самти яктарафа – аз истеҳсолкунандаи

мол ба савдогар ва ё истеҳсолкунандаи воситаи истеҳсолот ба истеъмолгари онро дорад. Дар ин доираи муносибатҳои қарзӣ фоизи қарз паст аст.

Қарзи бонкӣ ба намуди пулӣ дода мешавад. Вай бо самт, мӯҳлатнокӣ ва маблағҳои қарзӣ маҳдуд намебошад. Мавриди омӯхтани қарзи бонкӣ мо метавонем фаҳмонем, ки аз куҷо бонкҳои тиҷоратӣ барои қарз пул дарёфт менамоянд. Ҷавоби ин савол ҳам осон ва ҳам мураккаб аст. Пулҳоро Бонки асосии давлат (Бонки Миллӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон) бо супориши ҳукумат нашр карда, ба дигар бонкҳо ин пулро қарз медиҳад.

Низоми бонкӣ дар иқтисоди бозорӣ одатан дударачагӣ буда, Бонки Марказӣ (пулбароранда) ва бонкҳои тиҷоратӣ (депозитӣ) намудҳои гуногунро (давлатӣ, хусусӣ ва ғ.) дар бар мегиранд. Вазифаи асосии бонкҳои тиҷоратӣ ҷалб кардани маблағҳо (депозит) ва додани қарзҳо мебошад. Ба воситаи гузаронидани ин амалиёт бонкҳои тиҷоратӣ пулро ба вуҷуд меоранд, яъне арзаи пулро васеъ менамоянд, ки ҳолати зайл тафовути муассисаҳои молиявии мазкурро нишон медиҳад.

Бонки Миллӣ ба муомилот асъори миллиро баровowarда, захираҳои асъорию тиллои кишвар, захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратиро нигоҳ дошта, ба сифати маркази ҳисобии байни бонкӣ баромад мекунад. Вай одатан қарздиҳандаи володарачаи бонкҳои тиҷоратӣ буда, намояндаи молиявии давлат мебошад. Бонки Миллӣ ҳамчун харидор ва ҳамчун фурӯшанда дар бозорҳои байналмилалии пул баромад карда, фаъолияти бонкҳои хусусии хориҷиро бо ҳам мутобиқ мегардонад.

Дар ҳамаи кишварҳо Бонки Марказӣ сиёсати пулию қарзиро ба шакл даровarда, фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро мутобиқ карда, назорат менамояд.

Арзаи пул дар иқтисод дар натиҷаи амалиёти Бонки Марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва қарорҳои сектори ғайрибонкӣ тағйир меёбад. Бонки Марказӣ арзаи пулиро бо роҳи таъсиррасонӣ ба асоси пулӣ ва инчунин фузунгар назорат мекунад. Ҳаҷми воқеии арзаи пул дар натиҷаи амалиёти бонкҳои тиҷоратӣ оиди қабули маблағҳо ва додани қарзҳо ба вуҷуд меояд. Ба ғайр аз қарзҳои бонкӣ ва тиҷоратӣ дигар шаклҳои

қарз, ба монанди, қарзҳои истеъмолӣ, лизинг ва байналмилалӣ мавҷуд мебошанд.

Қарзи истеъмолӣ асосан ба аҳолӣ барои хариди молҳои мӯҳлати истифодаашон дуру дароз дода мешавад. Ин қарзҳо қисм – қисм дар мӯҳлати муайян баргардонида мешаванд. Ба қарзҳои истеъмолӣ қарзи ломбардҳоро ҳам дохил мекунанд. Вай бо кафолату гарави молу мулк, сангҳои қиматбаҳо ба мӯҳлати то 3 моҳ дар ҳаҷми то 50% - 80%-и арзиши молу мулки гузошташуда, дода мешавад.

Агар ин қарз дар мӯҳлати муайяншуда баргардонида нашавад, амволи ба ломбард гузошташуда фурӯхта шуда, воситаҳои бадастомада барои рӯйпӯш кардани қарз меравад.

Лизинг – ин иҷораи дуру дарози мошина ва таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра бо нигоҳ доштани ҳуқуқи моликияти онҳо ба иҷорадиҳанда аст. Вай ба намудҳои молиявӣ ва фаврӣ ҷудо мешавад. Лизинги молиявӣ дар ҳамаи мӯҳлати кӯҳнашавии он дода шуда, мӯҳлати истифодаи лизингҳои фаврӣ аз рӯи хизмати воситаҳои истеҳсолӣ камтар мебошад.

Қарзи байналмилалӣ – қарзест, ки давлат, институтҳои қарзӣ – молиявии байналмиллалӣ дар чараёни ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ дода мешаванд. Вай асосан пулӣ буда метавонад, баъзан молӣ ҳам мешаванд. Қарзҳое, ки ба тариқи пулӣ дода мешаванд, хусусияти дарозмӯҳлат дошта, номи қарзҳои берунаро гирифтаанд.

Низоми қарзӣ ба якчанд ҷузъҳои таркибӣ ҷудо мешавад. Ба ин ҷо Бонки асосии кишвар (Бонки Миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашудаи қарзию – молиявӣ дохил мешаванд.

Ба ғайр аз барориши пул Бонки Миллӣ ба фаъолияти бонкҳои дигар ва шӯъбаҳои худ назорат карда, фаъолияти молиявии муассисаҳои қарзию молиявиро ба танзим медарорад.

Бонкҳои тиҷоратӣ бевосита амалиёти молиявии корхонаҳо, муссисаҳо ва шахсони хусусиро ба ҷой меоваранд.

Зери иборои институтҳои қарзию молиявии тахассусӣ, инҳо фаҳмида мешаванд: компанияҳои инвеститсионӣ, суғуртавӣ, биржаҳои фондӣ, траст-фондҳо, фондҳои нафақа ва ғайра. Онҳо вазифаҳои гуногуни ёридиҳандаи молиявӣ ва амалиёти пулиро иҷро мекунанд.

Ба ғайр аз институтҳои молиявии миллӣ муассисаҳои гуногуни байналмилалии қарзӣ-молиявӣ мавҷуд мебошанд. Ба онҳо пеш аз ҳама, Фонди Байналмилалии асъор, Бонки Байналмилалии таҷдид ва инкишоф, Бонки байналмилалии ҳисоббаробаркуниҳо ва ғайра, ки вазифаи онҳо аз вазифаҳои дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ гузошташуда бармеояд, дохил мешаванд.

Фузунгари қарзӣ – ин ҷараёни барориши воситаҳои пардохт дар доираи низоми бонкҳои тиҷоратист.

Фарз мекунем, ки маблағҳои (депозит) бонки 1-ум ба 1000 воҳид расид. Дар захира 20%, яъне 200 воҳид боқӣ монд, боқимонда ба қарз дода мешвад (меъёри захира – таносуби захира ба маблағҳои нигоҳдошташуда (депозит), дар ин ҳолат 20%-ро, яъне 0, 2-ро ташкил медиҳад). Ҳамин тариқ, бонки 1-ум арзаи пулро ба 800 воҳид расонд ва акнун он баробар аст ба 800+1000=1800. Амонатгузорон чун аввала ба маблағи 1000 воҳид пул дошта, вале қарздорон дар даст 800 воҳид доранд, яъне низоми бонкӣ бо захираҳои қисман пӯшидашаванда қодиранд арзаи пулро зиёд намоянд. Сонияи, агар ин 800 воҳид боз ба бонк ба намуди амонат баргардад, ҷараён аз нав оғоз меёбад: 20%, яъне 160 воҳидро бонки 2-юм ба захира гузошта, боқимонда 640 воҳид барои додани қарз истифода шуда, арзаи пулро боз ба 640 воҳид афзоиш медиҳад. Ба бонки 3-юм, ки ин пулҳо метавонанд баргарданд, боз 512 илова карда ва ҳоказо.

Агар ин ҷараён то охирин воҳиди пулӣ истифода шавад, миқдори пул дар низом метавонад, ҳамин тавр муайян карда шавад:

Амонати ибтидоӣ (аввала) = 1000.

Қарзи бонки 1-ум (арзаи иловагии пул) = (1-0,2) x 1000 = 800

Қарзи бонки 2-юм = (1-0,2) [(1-0,2) x 1000] = $(1\text{-}0,2)^2$ x 1000 = 640

Қарзи бонки 3-юм = (1-0,2) [$(1\text{-}0,2)^2$ x 1000] = $(1\text{-}0,2)^3$ x 1000 = 512

Ҷамъи арзаи пул баробар аст:

$$1000 \times [1+(1-0,2)+(1-0,2)^2+(1-0,2)^3+\ldots] = \frac{1}{0,2} \times 1000$$

(дар қавсҳои квадратӣ ҷамъи аъзоҳои прогресси геометрӣ бо махраҷи (1-0,2), яъне аз як камро мо дорем. Ин ҷамъ ба $\frac{1}{1-(1-0,2)} = \frac{1}{0,2}$ баробар аст, муайян карда шудааст).

Умуман, маблағи арзаи пул, ки дар натиҷаи гузоштани амонати нав ба вуҷуд омад (бо ҳисоби амонати аввала), баробар аст:

$M^s = \frac{1}{rr} D$; ки дар ин ҷо:

rr – меъёри захираи бонкӣ;
D – амонати аввала аст.

Коэффитсенти $\frac{1}{rr}$ фузунгари бонкӣ ва ё фузунгари амонат номида мешавад.

Агар гӯем, ки амонати якум 1000 воҳид дар бонк дар натиҷаи камшавӣ ба ҳамин маблағи ҳаҷми пули накд (С) ба вуҷуд омад, яъне ин амалиёт арзаи пулро тағйир надод, он гоҳ арзаи иловагии пул дар иқтисод, ки дар натиҷаи фузунгарии қарзӣ ба вуҷуд омад:

$800 \times \frac{1}{0,2}$ -ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат қарзи аввала (бонки якум) ва ё амонати нави якум, ки дар бонки дуюм дар ҷараёни васеъшавии пул омад (на дар натиҷаи гузаронидани пул аз шакли накдӣ ба шакли амонат), фузун карда мешавад.

### 3. Ҳадаф ва воситахои гузаронидани сиёсати пулию қарзӣ

Ҳадаф ва воситаҳои гузаронидани сиёсати пулиро чунин гурӯҳбандӣ метавон кард:

Ҳадафи ниҳоӣ:
- рушди иқтисод;
- шуғли пурра;
- устувории нархҳо;
- тавозуни пардохти босубот.

Самтҳои мақсадноки мобайнӣ:
- ҳаҷми пул;
- меъёри фоиз;
- қурби мубодила.

Се воситаи муҳими сиёсати пулиро, ки Бонки Миллӣ бо ёрии он доираи қарзию пулиро ғайримустақим ба танзим медарорад, ҷудо мекунанд:

– тағйир додани меъёри фоиз (ё меъёри рефинансӣ), яъне он меъёре, ки Бонки Миллӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ қарз медиҳад;
– тағйир додани меъёри ҳатмии захираҳо, яъне ҳиссаи камтарини амонатҳо, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба намуди захира бояд нигоҳ доранд (амонатҳои бефоиз) дар Бонки Миллӣ;
– амалиёт дар бозори кушод: хариду фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ аз тарафи Бонки асосӣ (дар кишварҳое, ки биржаҳои фонди инкишоф ёфтааст истифода бурда мешавад).

Назарияи миқдории пул тақозо ба пулро бо ёрии муодилаи муомилот:

MV = PУ, дар ин ҷо:

M – миқдори пулҳо дар муомилот;
V – суръати муомилоти пулҳо;
P – сатҳи нарх (индекси нарх)
У – ҳаҷми барориши маҳсулот (бо ифодаи воқеӣ) муайян мекунад.

Мулоҳиза карда мешавад, ки суръати муомилот бузургии доимист, чунки нисбатан ба сохтори устувори амалиётҳо дар иқтисод алоқаманд аст.

Бо шарти доимии V тағйирёбии миқдори пул дар муомилот (M) бояд мутаносибан тагйирёбии ММД-и исмиро (PУ) биёрад. Вале мувофиқи назарияи классикӣ, ММД-и воқеӣ (У) оҳиста ва фақат бо дигаргуншавии бузургии омилҳои истеҳсолӣ ва технологӣ тагйир меёбад. Ҳамин тавр, тағйирёбии миқдори пул дар муомилот бо бузургиҳои воқеӣ ягон гуна таъсир нарасонида, дар лапиши тағйирёбандаҳои исмӣ инъикос мешавад. Ин зуҳурот номи «мӯътадилии пул»-ро гирифтааст. Монита-

ристони муосир равияи «муътадили пул»-ро барои нишон додани алоқаи байни тағйирёбии ҳаҷми пулҳо ва сатҳи нархҳо дастгирӣ намуда, таъсири арзаи пулро ба бузургиҳои воқеӣ дар давраи кӯтоҳмуддат эътироф мекунанд.

Бо қоидаи монитаристон «давлат бояд афзоиши ҳаҷми пулро дар сатҳи миёнаи рушди ММД-и воқеӣ нигоҳ дорад; он гоҳ сатҳи нархҳо дар иқтисод устувор мегардад.

Муодилаи муомилоти MV = PУ дар болоовардашударо бо номи иқтисодчии амрикоӣ Ирвинг Фишер алоқаманд медонанд.

Назарияи кейсионии тақозо ба пул ҳолатҳои зайлро мадди назар дорад:

– назарияи афзалдонии банақд баргардондашаванда – се ангезае, ки одамон қисме аз пулҳоро ба намуди нақд нигоҳ медоранд ҷудо мекунанд;
– ангезаи трансаксионии (эҳтиёҷот ба нақд барои амалиёти ҷорӣ);
– ангезаи эҳтиёткорӣ (нигоҳ доштани маблағи муайяни нақд барои вазъияти ғайричашмдошт дар оянда);
– ангезаи қаллобӣ (кӯшиши як миқдор захира намудан, ки дар оянда ба манфиат нисбати бозор истифода мешавад).

Тақозои қаллобӣ ба пул бо вобастагии баргарданда байни меъёри фоиз ва қурби вомбарг асоснок карда шудааст. Агар меъёри фоиз зиёд шавад, он гоҳ нархи вомбарг паст шуда, тақозо ба вомбаргҳо меафзояд, ки ба камшавии захираи пулҳои нақд меоварад.

Ҳар ду равия – классикӣ ва кейнсиониро ҷамбаст карда, метавон чунин омилҳои тақозо ба пулро ҷудо кард:

- сатҳи даромад;
- суръати мубодилаи пул;
- меъёри фоиз.

Агар назарияи классикии тақозо ба пулро асосан бо даромади воқеӣ асоснок кунанд, назарияи кейнсионӣ омили асосии тақозо ба пулро меъёри фоиз меҳисобад.

Меъёри фоизи исмӣ ва воқеиро фарқ менамоянд. Меъёри исмӣ – ин меъёрест, ки бонкҳо ба амалиёти қарзӣ тайин ме-

кунанд. Меъёри фоизи воқеӣ қобилияти пардохтпазирии воқеии даромадеро, ки ба намуди фоиз гирифта мешавад, ифода менамояд. Вобастагии исмӣ ва воқеии меъёри фоиз бо муодилаи Фишер: $i = r + \pi$ нишон дода мешавад, ки дар ин ҷо

$\pi$ – суръати таваррум;

$r$ – меъёри фоизи воқеӣ;

$i$ - меъёри фоизи исмист.

Назарияи миқдорӣ ва муодилаи Фишер якҷоя ҳамбастагии ҳаҷми бузургии пул ва меъёри фоизи исмиро нишон медиҳад: афзоиши бузургии пул болоравии таваррумро ба миён оварда, охирин ба зиёдшавии меъёри фоизи исмӣ хизмат мекунад. Ин муносибати таваррум ва меъёри исмии фоизро самараи Фишер меноманд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Муомилоти пулӣ гуфта, Шумо чиро мефаҳмед ва онро кӣ ба танзим медарорад?
2. Намудҳои низоми пулӣ ва фарқияти онҳоро номбар кунед.
3. Дар Осиёи Марказӣ пулҳои қоғази кай ба гардиш оғоз карданд?
4. Низоми бонкӣ аз чанд дараҷа иборат аст ва вазифаи онҳоро ба хотир биёред.
5. Ҷаро шаклҳои қарз гуногунанд ва онҳо барои агентҳои иқтисодӣ заруранд ё не?
6. Фузунгари қарзӣ чӣ гуна ба амал меояд ва оё он ба фикри Шумо боиси таваррум мешавад? Бо мисолҳои мушаххас фаҳмонед.
7. Арзаи пул чист ва онро кӣ пешниҳод мекунад?
8. Сиёсати пулию қарзӣ барои чӣ гузаронида мешавад? Моҳияти онро шарҳ диҳед.
9. Воситаҳои гузаронидани сиёсати пулию қарзиро бо ҳамкурсон муҳокима намуда, таъсири онҳоро ба иқтисод арзёбӣ намоед.
10. Равияҳои тақозо ба пулро номбар намуда, муодилаи миқдории пул ва самараи Фишерро фаҳмонед.

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО

1. Низоми пулӣ ва намудҳои он.
2. Сиёсати пулию қарзӣ ва роҳҳои амалигардонии он.
3. Назарияи кейнсионии тақозо ба пул.
4. Назарияи кейнсонии арзаи пул.
5. Тамсилаи арзаи пул. Фузунгари пулӣ.
6. Пул ва вазифаҳои он. Агрегатҳои асосии пулӣ.
7. Мувозинат дар бозори пулҳо.
8. Низоми бонкӣ. Бонки Марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ
9. Амалиёти Бонки Марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ
10. Механизми амалигардонии сиёсати қарзию пулӣ ва алоқаи он бо дигар сиёсати иқтисодӣ (хазинадорӣ, фискалӣ, асъорӣ)

## V. ТЕСТҲО:

**1. Кадоме аз амалиёти Бонки Марказӣ микдори пулро дар муомилот зиёд менамояд?**

а) Бонки Марказӣ меъёри захираи ҳатмиро зиёд менамояд;
б) Бонки Марказӣ вомбаргҳои давлатиро ба аҳолӣ ва бонкҳо мефурӯшад;
в) Бонки Марказӣ меъёри фоизи ҳисобиро, ки бо он ба бонкҳо қарз медиҳад, зиёд мекунад;
г) Бонки Марказӣ вомбаргҳои давлатиро дар бозори кушод харидорӣ мекунад.

**2. Қоидаи сиёсати пулӣ, ки мувофиқи он суръати афзоиши ҳаҷми пул набояд аз суръати зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот дар давраи кӯтоҳмуддат баланд бошад:**

а) ба иқтисод таъсири босуботӣ намерасонад, агар суръати муомилоти пул дар зери тағйирёбии пурзӯр бошад;
б) ба иқтисод таъсири босуботӣ намерасонад, агар тағйирёбии ҳаҷми пул манбаи асосии ноустувории иқтисодӣ бошад;
в) монетаристони муосир онро рад мекунанд;
г) сиёсати беҳтарини иқтисодӣ аз тарафи иқтисоддонони имрӯза пешниҳод шудааст.

**3. Фарз мекунем, ки Шумо метавонед боигарии худро ба вомбаргҳо ва ё пулҳои накд гардонед ва дар айни замон (равняи кейнсониии тақозо ба пулро ба роҳбарӣ гирифта) карор медиҳед дороии худро ба намуди пули накд нигоҳ доред. Ин онро мефаҳмонад, ки:**

а) дар вақти қабули карори Шумо меъёри фоиз паст буд, шумо мунтазири болоравии он мебошед;

б) дар вакти қабули қарори Шумо меъёри фоиз баланд буд, шумо мунтазири пастшавии он мебошед.

**4. Кадоме аз амалиёти овардашуда микдори пулро дар муомилот кам мекунад?**

а) Бонки Марказӣ меъёри захираи ҳатмиро кам мекунад;

б) Бонки Марказӣ вомбаргҳои давлатиро аз аҳолӣ ва бонкҳо харидорӣ мекунад;

в) Бонки Марказӣ меъёри ҳисобиро, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ қарз пешниҳод мекунад, паст мекунад;

г) Бонки Марказӣ вомбаргҳои давлатиро ба бонкҳои тиҷоратӣ мефурӯшад.

**5. Арзаи пул зиёд мешавад, агар;**

а) харидҳои давлатӣ ва хадамот афзоянд;

б) Бонки Марказӣ вомбаргҳои давлатиро аз аҳолӣ харидорӣ намояд;

в) аҳолӣ вомбаргҳои фирмаҳои хусусиро харидорӣ кунад;

г) компанияҳо саҳмияҳои худро ба аҳолӣ мефурӯшанд, то ин ки заводи нав созанд.

**6. Агар таварум аз 5% то 4% паст шавад ва дигар ягон гуна тағйирот ба амал наояд, он гоҳ мувофиқи самараи Фишер;**

а) ҳам меъёри фоизи исмӣ ва ҳам меъёри воқеӣ тағйир намеёбанд;

б) на меъёри фоизи исмӣ ва на воқеӣ тағйир намеёбанд;

в) меъёри фоизи исмӣ ба 4% поён рафта, воқеӣ бетағйир мемонад;

г) меъёри фоизи исмӣ бетағйир монда, воқеӣ ба 3% поён меравад.

**7. Кадоме аз ҷадвалҳои овардашуда, сиёсати қарзию пулии чандирро (ба нигаҳдории меъёрии фоиз дар сатҳи доимӣ нигаронида шуда аст) нишон медиҳад;**

а)




б)




в)




$L^D$ – тақозо ба пул; M – миқдори пул;
R – меъёри фоиз; $L^s$ – арзаи пул

**8. Агар арзаи исмии пул ба 10% дар як сол зиёд шавад, сатҳи нархҳо то 8%, суръати гардиши пул 5% афзояд, мувофиқи муодилаи миқдории назарияи пул ҳаҷми барориш ба**

а) 13%; б) 7%; в) 3%; г) 1%; - зиёд мешавад.

**9. Даромаднокии векселҳои исман 400 сомониро ёбед, ки бо 350 сомон 100 рӯз пеш аз пӯшонидани қарз харида шудааст.**

а) 32 %; б) 40 %; в) 52 %; г) 63 %;

**10. Нархи ӯҳдадориро ёбед, ки даромади ҳарсолаи бемӯҳлати 500 сомониро кафолат медиҳад. Меъёри фоиз 5.**

а) 5 ҳазор сомонӣ; б) 10 ҳазор сомонӣ;
в) 15 ҳазор сомонӣ; г) 20 ҳазор сомонӣ;

# VI. АДАБИЁТ


1. Абель Э. Бернанке Б. Макроэкономика, 5 изд.- СБ, 2008, стр. 355-707.
2. Агапова Т.А., Серегина С.Р. Макроэкономика. 8-е изд. - М.: 2007, - 496с. стр. 157 – 205
3. Базылев Н.И., Гурько С.П. Базылева Н.И. Макроэкономика, ИНФРО- М.: 2003. стр. 120-143
4. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми 2, - Душанбе; 2007, саҳ. 248-280
5. Ивашковский С.Н.: Макроэкономика, 3-е изд., - М.: Дело, 2004, стр. 152 - 179
6. Лемашевский И.М. Макроэкономика, - Минск. ФУ Аниформ, 2006, гл. 14, гл.15, стр. 404-471
7. Мухатбердиев Х., Эргашев А.Э. Эргашева М. Курси назарияи иқтисод, - Душанбе: 2004, саҳ. 230 – 271
8. Самуэльсон П. Э. Нордхаус В. Д. Экономика, 18-е изд. Перевод с английского.- М.; 2007, стр. 917 – 1005
9. Салихова Б. В. Экономическая теория, – М: «Дашков и К°», 2006. стр. 248-288.
10. Экономическая теория. Макроэкономика – 1,2. Мегаэкономика. Экономика трансформации/Под общ. ред. проф. Г.П. Журавлевой. М.: Изд-во «Дашков и К°», 2008. стр. 267 - 348.

# БОБИ 26.
# СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Моҳият ва мақсади сиёсати иҷтимоии давлат. Самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат.
3. Сиёсати давлатии ба танзимдарории даромадҳо.
4. Низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва усулҳои он.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Зарурати ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.
2. Сиёсати иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди иқтисод ва бартарафсозии камбизоатӣ.
3. Хусусияти сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии он.

### 1. Моҳият ва мақсади сиёсати иҷтимоии давлат. Самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сиёсати иҷтимоӣ - ин маҷмӯи чорабиниҳои ҳукумат, ки ба одилона азнавтақсимкунии даромади миллӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Мақсади ниҳоии инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ қонеъгардондани талаботи одамон мебошад, вале вазифаи сиёсати иҷтимоӣ таъмини шароит, ба вуҷуд овардани механизмҳои барои таъмини бештари оқилона ва ҳаматарафаи ин талабот аз ҳисоби неъматҳое, ки дар ин давра ҷомеа тавлид намудааст. Сухан дар бораи он аст, ки ҳама гуна ҷомеа на танҳо аз

одамони корманд иборат аст, балки дар он ҳамеша шахсоне мавҷуданд, ки аллакай кор намекунанд (нафақагирон, маъюбон ва ғайра) ва ҳоло машғулият надоранд (кӯдакон, мактабиён, донишҷӯён), маъюбоне, ки ба парастории оила ва давлат ниёзманданд. Давлат бояд ҳаётгузаронии бекоронро низ нигоҳдорӣ намояд.

Самти муҳими сиёсати иҷтимоии давлат таъмини шароити мусоиди шуғли аҳолӣ аст. Барои ин на танҳо шахсони қобили меҳнат ақаллан имконияти меҳнат кардан дошта бошанд, балки зарур аст ҷойҳои корӣ муҳайё намуд,инчунин маориф, тандурустиро инкишоф дода, низоми тайёр намудан ва бозомӯзии кормандонро ташкил бояд кард.

Яке аз самтҳои иҷтимоӣ бартарафсозии ҳолатҳои номатлуби гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад.

Ба сифати вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ инҳоро ҷудо кардан лозим аст:

– ба вуҷуд овардани таркиби одилонаи даромадҳо ва талаботи ҷомеа;
– ҳавасмандгардонии усулҳои ангезаи фаъолияти меҳнатии кормандон;
– таъмини ҳимояи иҷтимоии ҳамаи аъзоёни ҷомеа;
– мувофиқати манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ ва ҷомеавӣ;
– ҳисоби ҳиссаи ҳар як корманд дар ба вуҷуд овардан ва тақсими неъматҳои ҷомеавӣ;
– инкишофи зерсохтори иҷтимоии ҷомеа.

## 2. Масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат

Аз нигоҳи иҷтимоию иқтисодӣ кулли воситаҳои пулӣ, ҳаққҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳо, ки кормандон ва аъзоёни оилаҳои онҳо ба намуди ҷуброн барои меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ, дивидендҳо, фоизҳо ва инчунин аз шуғли соҳибкорӣ ба даст меоранд, даромади аҳолӣ номида мешаванд. Мақсади ҳама гуна ҷомеа - ин ба вуҷуд овардани шароити мусоиди зиндагии мардум, таъмини мувофиқи сатҳи зиндагист. Сатҳи зиндагӣ ҳам

маънии иҷтимоӣ ва хам иқтисодӣ дорад. Аз нигоҳи иқтисодӣ ба сатхи зиндагӣ таъмини аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва хадамотро мадди назар дорад. Нишондиҳандаи муҳим дар ин ҷо истеҳсоли ММД ва ё ДМ ба ҳар нафар аҳолӣ мебошад. Ин албатта, нишондиҳандаи қиёсист. Дар соли 2008 ММД ба ҳар нафар аҳолӣ ба 2390 сомонӣ ё 697 доллари амрикоӣ дар ҶТ баробар буд[1].

Ба самти иҷтимоии сатҳи зиндагӣ дохил мешаванд: чӣ қадар давлат ба маориф, фарҳанг, тандурустӣ хароҷот мекунад, дар кишвар таъмини нафақа дар кадом сатҳ аст, чӣ гуна ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ аз камбизоатӣ ва сиёсати даромадҳо ба роҳ монда шудааст. Самти иҷтимоии сатҳи зиндагӣ инчунин нишон медиҳад, ки давлат кадом сиёсатро оиди табақаҳои гуногуни аҳолӣ: баробаркунии воридшавии даромадҳо ва ё гуногунии онро ба назар мегирад.

Сабабҳои асосии нобаробарӣ ва тақсимоти даромад дар байни аҳолӣ гуногун буда, муҳимтарини онҳоро чунин номбар кардан мумкин аст: қобилияти гуногуни корӣ (истеъдоди худододи зеҳнӣ, ҷисмонӣ, зебоипарастӣ), маълумотнокӣ ва тайёрии касбӣ, мураккабӣ ва ҷалбкунанда набудани кор, соҳибмулкӣ, ҳукмронӣ дар бозор (барои соҳибкорон), барор, муносибатҳои хешу таборӣ ва шахсӣ, муҳит ва дигарҳо.

Дар назарияи иқтисод мубоҳисаҳо оиди баробарӣ ва ғайрибаробарии даромади одамон мавҷуд аст. Марксизм ва таҷрибаи социализм умумияти манфиатҳоро тасдиқ карда, равияи баробарии иқтисодии истеъмолкуналагонро талқин мекард. Капитализм кормандонро аз рӯи саҳми онҳо дар истеҳсолот ба табақаҳои гуногун ҷудо менамуд. Агар ба нобаробарии иқтисодӣ роҳ дода шавад, ин маънои нобаробарии иҷтимоиро дорад. Агар аз нигоҳи зарурати нобаробарии иқтисодӣ истода гузарем, он гоҳ саволе ба миён меояд, ки дараҷаи одилонаи ин нобаробарӣ чӣ гуна бояд бошад?

---

[1] Ғ. Бобозода. Доир ба вазъи иқтисодиёти Тоҷикистон// Экономика Таджикистана: Стратегия развития. № 1, 2009, саҳ. 6

**Качхати Лоренс.** Ҷараёни ба вуҷуд омадани даромадҳоро дар ИМА дар давраи дурударози таҳлил карда, Лоренс як қатор қонуниятҳоро ошкор намуд, ки ба таври ҷадвал самти ҳаракати нобаробарии даромадҳоро инъикос менамояд. Ҷадвали качхати Лоренсро мекашем (ниг. ба расми 28.1)




*Расми 28.1.* **Качхатаи Лоренс**

Доираи байни хате, ки баробарии мутлақ ва качхати Лоренсро мефаҳмонад, дараҷаи нобаробариро нишон медиҳад. Агар тақсимоти даромад мутлақо баробар мебуд, он гоҳ качхат бо бисектриса мувофиқат мекард.

Аҳамияти амалии качхати Лоренс дар он аст, ки усули сохтани он барои таҳлил ва муқоисаи даромадҳои аҳолии кишвар, минтақа, ноҳияҳои аҳолинишин дар давраҳои гуногуни вақт истифода шуда, бо ёрии он даромади аҳолии кишварҳои гуногун қиёс карда шуда, нобаробарии тақсимоти даромад байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ нишон дода шуда, дар пе-

шомадҳои оянда онро дар амалӣ кардани сиёсати иқтисодии давлат истифода баранд.

Нобаробарӣ дар тақсимоти даромад ба воситаи коэффисенти Ҷиннӣ низ ҳисоб карда мешавад. Барои ҳисоб кардани он (ниг. расми 28.1) бо доираи секунҷаи АВС мутаносиб мекунанд. Мавриди зиёд шудани фарқият ҳамон қадар коэффисенти Ҷиннӣ афзуда, дараҷаи нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа зиёд мешавад. Барои кишварҳои мутараққӣ ин коэффисент ба 0,27 – 0,33 баробар аст.

Ду роҳи ҳисоб кардани гуногунии даромадҳо мавҷуд аст. Дар як самт афзоиши даромадҳои оилаҳоро мегузорем: дар тарафи чап оилаҳои даромади камдоштаро ва дар тарафи рост - оилаҳои даромади зиёддошта ҷойгиранд.

Роҳи аввали чен кардани нобаробарии даромад дар ҳисоб кардани нишондиҳандаи баробарии таносуби даромади миёнаи гурӯҳи сарватмандон ба даромади миёнаи гурӯҳи камбизоатон аст.

Норасоии услуби якум ба ҳисоб нагирифтани тағйироти нобаробарии даромади оилаҳо ба даромади миёна мебошад.

Услуби дуюми ҳисоб кардани гуногунии даромад ҳамагуна тағйиротро дар даромади ҷомеа ба эътибор мегирад. Дар кишварҳое, ки нобаробарии беандозаи даромад ҷой дорад, одатан ба муаммои камбизоатӣ дучор меоянд.

Ҳангоми муайян кардани мафҳуми камбизоатӣ нишондиҳандаи ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ бо арзиши сабати истеъмолӣ, ки камтарин навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ, мол ва хадамоти ғайриозуқавориро барои рӯзгоргузаронӣ зарур аст, инчунин ҳаққҳои ҳатмиро дар бар мегирад, истифода мебаранд.

Мафҳуми сатҳи зиндагиро яктарафа муайян кардан душвор ва ҳатто номумкин аст. Нишондиҳандаи ҳаматарафа, ки ин вазъиятро муайян намояд вуҷуд надорад. Одатан маҷмӯи низоми нишондиҳандаҳо, ки муҳимтарини онҳо: музди меҳнат, сатҳи таъминоти нафақа, манзил, инкишофи тандурустӣ, сатҳи фарҳангӣ ва ғайра мебошанд, истифода бурда мешаванд. Ҷамеи ин нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ метавонанд оид ба сатҳи зиндагии мардум маълумот диҳанд.

Ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ бо андозаи даромаде, ки эҳтиёҷоти камтарини истеъмолии миёнаи оиларо қонеъ мегардонад, муайян карда мешавад. Андозаи ҳадди ақалли рӯзгоргузаронӣ тағйирёбанда буда, асосан аз вазъияти иқтисодӣ ва сиёсати давлат дар самти тақсимоти даромадҳо вобаста аст.

Боз яке аз нишондиҳандаҳо хусусияти камбизоатиро нишон медиҳад – ин мафҳуми индексатсияи даромадҳо аст. Индексатсия ба намуди маблағи пулии якваққта, аз ҳисоби ҷуброни талафоти пулҳои ба амонатгузошта, ки дар натиҷаи таваррум ба амал омад ва ғайра метавонад баромад кунад.

Дар бисёр ҳолат индексатсия дар натиҷаи баландшавии нархҳо гузаронида мешавад, махсусан ба молҳои истеъмолӣ ва хадамот, зеро он манфиатҳои ҳаётии одамонро дахл мекунад.

## 3. Сиёсати давлатии ба танзимдарории даромадҳо. Даромади исмӣ ва воқеии аҳолӣ

Сиёсати давлатии ба танзимдарории даромадҳо азнавтақсимкунии онҳоро ба воситаи андозгузории истеҳсолкунандагони гуногун барои пур кардани буҷети давлатӣ, маблағгузориҳои ҳаққи меҳнати кормандон ва қисми хизматҳои коммуналӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, ки манбаъҳои онҳо танг карда шудааст, дарбар мегирад.

Ҳар як давлат ба фондҳои ҷамъиятии истеъмолӣ (ФҶИ) барои ёрӣ расонидан ба табақаҳои камбизоати ҷомеа маблағҳо ҷудо мекунад.

Аз рӯи маълумоти Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нафақаи ҳадди ақалл аз рӯи синну сол ба 80 сомонӣ расонида шудааст.

Аз соли 1999 сар карда, андозаи нафақа аз ҳаққҳои ҳатмии суғуртавии ҳар як корманд ба Фонди нафақавӣ – давлатӣ ва ғайра, ки 1% аз музди меҳнат гирифта мешавад, вобаста аст.

Тақсимоти воситаҳо аз ФҶИ давлатӣ ба мақсадҳои зайл гузаронида мешавад:

– ёрдампулӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ, нотобӣ, нафақа, рухсатӣ, аз рӯи маъюбӣ ва синну сол, ёрдампулӣ ба бекорон;
– ёрдампулӣ ба кӯдакони оилаҳое, ки даромадашон аз даромади миёна камтар аст, табобати махсуси маъюбон, хароҷоти давлат барои нигоҳ доштани мактаб – интернатҳо, муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ ва ғ.;
– имтиёзҳо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба шакли моддӣ ба воситаи муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ – ёрии тиббӣ, додани маблағҳои хизматрасониҳои таълимӣ аз рӯи супориши давлатӣ ва ғайраҳо ба амал бароварда мешаванд.

***Даромади исмӣ ва воқеии аҳолӣ.*** Даромад маҷмӯи ҳамаи воситаҳои молиявие мебошад, ки одамон онро ба даст оварда, барои додани ҳаққи он неъматҳои моддии барои таъмини сатҳи муайяни зиндагиашон зарур сарф мекунанд.

Дар давраи гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ дар байни манбаъҳои даромадҳои аҳолӣ, музди меҳнат мавқеи хосаро ишғол мекунад. Ҳиссаи вай дар даромади оилаҳо дар сатҳи 75-80% мебошад.

Даромадро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:
– аз рӯи манбаи гирифтан – ба асосӣ чун музди меҳнату фоида ва иловагӣ – фоизҳо, дивидендҳо, мерос ва ғайра;
– аз рӯи шакли зуҳурот – пулӣ ва моддӣ;
– аз рӯи ҳокимият – қонунӣ (ошкоро) ва ғайриқонунӣ (ғайриошкоро);
– аз рӯи миқёс ва имконияти истифодабарӣ;

Даромади исмӣ – маблағи пулиест, ки ҳамчун натиҷаи фурӯши қувваи коргарӣ, дар давраи муайяни вақт мегиранд.

Даромади дар ихтиёрдошта – миқдори пулест, ки барои истеъмоли шахсӣ ва пасандози кормандон ва оилаҳои онҳо истифода бурда мешавад. Даромади дар ихтиёрбуда аз даромади исмӣ бо маблағи андоз ва ҳаққҳои ҳатмӣ кам мебошад.

Даромади воқеӣ (ҳақиқӣ) – миқдори молҳо ва хизматрасониҳое мебошанд, ки мардумон метавонанд дар давоми давраи муайян бо ислоҳи тағйирёбии сатҳи нарх харида гиранд.

Даромадҳои пулии исмии аҳолӣ аз манбаъҳои гуногун ба вуҷуд меоянд:

- даромадҳои омилӣ – музди меҳнат, фоида, фоиз, рента;
- даромадҳои пулие, ки аз фондҳои ҷамъиятии истеъмолӣ ба намуди трансфертҳои иҷтимоӣ – ҳаққҳо ва имтиёзҳо гирифта мешаванд;
- даромад аз фаъолияти сохторҳои молиявӣ.

### 4. Низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва усулҳои он

Самтҳои ҳимояи иҷтимоӣ. Инкишофи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ ва ба ҳам наздикшавии давлатҳо ба самтҳои сиёсати иҷтимоии байналмилалӣ асос гузоштаанд. Сиёсати иҷтимоӣ ташаккули - ин на танҳо самти фаъолияти ин ё он давлат аст, балки вай яке аз самтҳои рушди иқтисод ва фаъолият буда, хусусияти умумимиллию умумидавлатӣ дорад. Ба меъёрҳои умумиҷаҳонии сиёсати иҷтимоӣ инҳо дохил шуда матавонанд:

- сиёсати иҷтимоӣ хусусияти фарогирии тамоми ҷомеаи ҷаҳониро дорад. Ин, аз як тараф, дар он зоҳир мешавад, ки ҳамаи кишварҳои ҷаҳон новобаста аз сатҳи инкишофи иқтисодии худ чораҳои умумии таъмини ҳимояи ҳамаи шаҳрвандони худро кор карда мебароянд; аз дигар тараф, низоми ҳимояи миллии аҳолӣ дар доираи фаъолияти худ ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, ҳамаи гурӯҳҳои демографиро дар бар мегиранд;
- дар микёси умумиҷаҳонӣ коркарди таъмини ҳуқуқии низоми ҳимояи иҷтимоӣ аз таваккалиҳои объективӣ ба вуҷудомада (аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, беморӣ, маъюбӣ ва ё зараре, ки дар ҳолати садамаи ис-

теҳсолӣ ба амал меоянд, нафақаи пиронсолӣ, ёрдампулӣ бо сабаби вафоти сарпараст ва ғайра);

– хусусияти суроғавии сиёсати иҷтимоӣ. Ин дар он ифода меёбад, ки масалан, ба истеҳсолот ва ё давлат, ки дар он садама ва ё офати табиӣ ба амал омад, ёрмандии иҷтимоӣ расонида нашуда, ба шахси мушаххас, ки аз ин офат зарар дидааст, расонида мешавад;

– коркарди равияи умумиҷаҳонӣ ба меъёрҳои гурӯҳбандии баҳодиҳии дараҷаи ҳимояи иҷтимоӣ (нафақа ва ёрдампулиҳое, ки маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), оилаҳои фавтидаи хизматчиёни ҳарбӣ ва маҳбусони собиқ конслагерҳои фашистӣ, шаҳрвандони аз садамаи НА Чернобыл зарардида, оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо ва ғайра мегиранд);

– чунин шаклҳои ёрмандии иҷтимоӣ, чун саҳмҳои саховатмандӣ, метсенатӣ, хизматрасониҳои бемузди иҷтимоӣ – маишӣ, хӯрока ва ғайра;

– ҳаққи манзил, имтиёзҳои андоз барои рафтуои наклиёти ҷомеавӣ, хизматрасониҳои санаторию – истироҳатгоҳҳо, таъмини манзил, доруворӣ ва ғ.

**Усулҳои ҳимояи иҷтимоӣ**. Таҷрибаи ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ як қатор усулҳои ташкили онро кор карда баромадааст, ки баъзе аз онҳоро дида мебароем:

– усули эътимоднокии низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ (таъмини ҳуқуқии низоми ҳимояи иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани ин низом ва воситаҳои амали он, коркарди мақсадноки барномаҳо ва таъмини молиявии онҳо ва ғ.);

– усули истифодабарии то ҳадди имкон музди меҳнат – ҳамчун манбаи асосии таъмини ҳимояи иҷтимоии аҳолии машғули қобили меҳнат;

– усули бевосита мукаммалгардонии низоми кафолатҳои иҷтимоӣ, ки дар навбати аввал ба устуворӣ равона шуда, инчунин давра ба давра баланд кардани чунин тавсифҳои вай чун музди меҳнати ҳадди ақалл, нафақаҳои камтарин, идрор, ёрдампулӣ ва дигар ҳаққҳое, ки то ба сатҳи камтарини рӯзгузаронӣ расонида шуда, дар пешомад - то буҷаи камтарини истеъмолӣ табақаҳои муносиб ва гурӯҳҳои демографии аҳолӣ расонида мешаванд;

– ба вуҷуд овардани низоми суроғавии дастгирии эҳтиёҷмандон, табақаҳои беҳимоя ва гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ;

– усули ҳавасмандгардонии сиёсати иҷтимоӣ, ки аз як тараф, бояд ба фаъолгардонии кормандон, аз дигар тараф, ба он равона карда шавад, ки воситаҳои ёрмандиҳои иҷтимоӣ ва дастгирӣ ба беҳтар кардани некӯаҳволӣ нигаронида шуда бошад;

– усули назорат ва санҷиши эҳтиёҷмандони ҳимояи иҷтимоӣ;

– усули худмаблағгузоии низоми суғуртаи иҷтимоӣ, ки мувофиқи он фондҳои нафақа аз рӯи пиронсолӣ ва ғайриқобили меҳнатӣ бояд хусусияти ғункуниро аз ҳисоби даромади фирмаҳо, оилаҳо ва кормандони алоҳида дошта бошад;

– усули батанзимдарорӣ ва қиёсии даромадҳои аз ҳад баланд ва аз ҳад ками гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, бо мақсади кам кардани нобаробарии иқтисодӣ дар ҷомеа ва пешгирии имкониятҳои шиддати иҷтимоӣ ва ғайра.

Ин усулҳо баҳои дутарафа дошта, дар шароити таъмини босуботи вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мавқеи муҳими иҷтимоиро дар ҷомеа доранд.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Моҳияти сиёсати иҷтимоиро бо ҳамсабақон муҳокима намуда мафҳум ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоиро номбар кунед.
2. Муаммои баробарии иҷтимоӣ ва адолатро шумо дар чӣ мебинед?
3. Сабабҳои нобаробариро дар ҷомеа номбар кунед.
4. Каҷхати Лоренс чиро мефаҳмонад ва онро кашед. Оё нишон дода метавонед, ки дар Тоҷикистон он чӣ гуна шаклро мегирад?
5. Мафҳуми камбизоатиро фаҳмонед.
6. Сиёсати ба танзимдарории даромади аҳолӣ барои чӣ зарур аст?
7. Даромади исмӣ ва даромади воқеӣ чист?
8. Низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолиро чӣ гуна тасаввур мекунед?
9. Якчанд усулҳои ҳимояи иҷтимоиро номбар кунед.
10. Чаро зарурати ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи байналмиллалӣ вуҷуд дорад, мулоҳиза намоед.
11. Шумо кадом роҳҳои кам кардани сатҳи камбизоатиро ба сохторҳои давлатӣ тавсия медиҳед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Мафҳум, моҳият ва самтҳои сиёсати иҷтимоӣ.
2. Вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ.
3. Нобаробарии даромадҳо; моҳият ва сабабҳои он.
4. Каҷхати Лоренс ва мафҳуми камбизоатӣ.
5. Сиёсати давлат оиди батанзимдарории даромади аҳолӣ.
6. Низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ. Усулҳои вай.
7. Даромади исмӣ ва даромади воқеӣ.
8. Сатҳи зиндагӣ ва камбизоатӣ.
9. Даромади аҳолӣ, намуд ва манбаъҳои он.
10. Даромади аҳолӣ ва сабабҳои нобаробарии он.

## V. ТЕСТҲО:

1. **Кадоме аз мулоҳизаҳо оид ба камбизоатӣ нодурустанд:**
   а) мафҳуми камбизоатӣ дар дараҷаи муайян нисбист;
   б) асоси дохил кардани одамон ба табақаи камбизоатон - ин даромади миёнаи оила мебошад;
   в) қисми зиёди камбизоатон дар Тоҷикистон занҳо ва оилаҳои нопурра мебошанд;
   г) шумораи миқдории ҳудуди камбизоатӣ бо мурури вақт тағйир меёбад.

2. **Кадом чорабиниҳои ҳукумат оиди аз навтақсимкунии даромадро анъанавӣ барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ иҷро менамояд:**
   а) омӯзиши касбӣ;
   б) индексатсияи даромад;
   в) нигоҳдории музди меҳнат;
   г) андозбандии прогрессивӣ.

3. **Даромади шахсии паст вуҷуд дорад, зеро:**
   а) кордиҳандагон ҳаққи меҳнатро ба коргарони кироя паст мекунанд;
   б) андозҳо ниҳоят баланд мебошанд;
   в) коргарони кироя кор кардан намехоҳанд;
   г) дар иқтисод пастравӣ мушоҳида мешавад.

4. **Тағйирёбии даромади воқеъиро муайян намоед, агар афзоиши онҳо 1,5 маротиба дар як сол бо таварруми 5% дар як сол мушоҳида шавад:**
   а) тағйир наёфтанд;
   б) афзуданд;
   в) паст шуданд;
   г) муайян кардан ғайриимкон аст.

5. **Таносуби ҳиссаи музди меҳнат ва фоида дар даромади миллӣ:**
   а) тақсимоти аҳолиро аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ;
   б) аҳамияти ҳаракати иттифоқҳои касабаро барои баланд кардани музди меҳнат;
   в) тақсимоти даромадро байни омилҳои гуногуни истеҳсолот;
   г) самтҳои инкишофи соҳибкориро нишон медиҳад.

**6. Омилҳои асосии муайянкунандаи нобаробарии даромад дар Тоҷикистон кадомҳоянд:**

а) мансубияти ҷинсӣ;
б) сатҳи маълумотнокӣ;
в) вазъияти инҳисорӣ дар бозор;
г) нигоҳ доштани афзоиши ҳаққи меҳнат дар соҳаҳои буҷавӣ.

**7. Ҳаққҳои трансфертӣ – ин:**

а) ҳукумат ба шахсони алоҳида маблағ медиҳад;
б) яке аз шаклҳои музди меҳнат;
в) ҳаққҳое, ки дар давраи ҷорӣ хусусияти яктарафа доранд;
г) ёрмандии моддии бебозгашт.

## VI. АДАБИЁТ


1. Базылев Н. И. , Гурко С. П., Базылева М. И. Макроэкономика – М; ИНФРА-М, 2003, стр. 143 – 161.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми 2, - Душанбе, 2007; саҳ. 341-366
3. Ивашковский С. Н. Макроэкономика. 2-е изд., -М.: Дело. 2002. стр. 422-443.
4. Мухатбердиев Х. Эргашев А.Э. Эргашева М. Курси назарияи иқтисод, Душанбе: 2004, саҳ. 208 – 230
5. Экономическая теория /Под ред. А. И. Добрынина, А. С. Тарасевича. 3-е изд. – СПб.: «Питер» 1999. стр. 446 – 461
6. Экономическая теория /Под общ. ред. А. А. Кочеткова. –М.: 2007. стр. 535 – 555
7. Экономическая теория /Под общ. ред. А. Г. Грязновой и др.-2-е изд.. –М.: 2006. стр. 459 – 475
8. Экономическая теория. Макроэкономика – 1,2. Мегаэкономика. Экономика трансформации/Под общ. ред. проф. Г.П.Журавлевой. - М.: Изд-во «Дашков и К°», 2008. стр. 395 - 413.

## БОБИ 27.
## ХОЧАГИИ УМУМИЧАҲОНӢ ВА ҚОНУНИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ОН

### I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ

1. Ҷараёни ташаккулёбӣ ва моҳияти хоҷагии умумиҷаҳонӣ.
2. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва омилҳои такмилёбии он.
3. Сатҳи нобаробари тараққиёти иқтисодии мамлакатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ.
4. Моҳият ва шаклҳои ҳаракати байналхалқии сармоя.

### II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ

1. Асосҳои айнӣ ва зинаҳои ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳонӣ.
2. Хусусиятҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ дар замони ҳозира.
3. Шаклҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ.
4. Ҳиҷрати байналхалқии қувваи коргарӣ.

### 1. Ҷараёни ташаккулёбӣ ва моҳияти хоҷагии умумиҷаҳонӣ

Иқтисодиёти миллии ҳар як мамлакат қисми таркибии хоҷагии умумиҷаҳонӣ мебошад. Танҳо иқтисодиёти кушодаи мамлакатҳои алоҳида дар якҷоягӣ низоми хоҷагии умумиҷаҳониро ташкил дода метавонад. Иқтисодиёти кушода гуфта чунин иқтисодиёти миллӣ фаҳмида мешавад, ки бо низоми хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамгиройӣ гашта, ба шаклҳои гуногуни алоқаҳои хоҷагии умумиҷаҳонӣ ҷалб карда шудааст.

Хоҷагии умумиҷаҳонӣ низоми хоҷагиҳои миллии мамлакатҳо мебошад, ки бо тақсимоти байналхалқии меҳнат, алоқаҳои тиҷоратию истеҳсолӣ, молиявӣ ва илмию техникӣ муттаҳид гаштааст. Хоҷагии ҷаҳонӣ ташкилаи сифатан наве мебошад, ки дар асоси боҳамтаъсиррасонии хоҷагиҳои миллӣ дар шаклҳои

гуногуни фаъолияти бозорӣ дар сатҳи микро-ва макроиқтисодиёт дар асоси қоидаҳои ягонаи стандартӣ, таъмини манфиат ва афзалияти намоёни хоҷагии миллӣ амал мекунад.

Заминаи ба вуҷуд омадани хоҷагии ҷаҳонӣ – бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки пайдоиши он ба асри XVII рост меояд. Бозори ҷаҳонӣ дар асоси истеҳсолоти калони саноатӣ ба вуҷуд омада буд. Ба истеҳсолоти саноатӣ табдил ёфтани истеҳсолоти ҳунармандӣ аввалин нишонаи ба арсаи васеи умумиҷаҳонӣ баромадан буд. Зеро акнун доираи бозори маҳаллӣ ва бозори миллӣ барои истеҳсолоти саноатӣ тангӣ мекард. Агар истеҳсолоти ҳунармандӣ ба меҳнати дастӣ асос ёфта бошад, истеҳсолоти саноатӣ ба меҳнати мошинӣ асос ёфтааст, ки дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро якчанд маротиба баланд бардошта метавонист.

Ташаккули бозори ҷаҳонӣ ба тақсимоти байналхалқии меҳнат ибтидо гузошт. Аз як тараф, бозори ҷаҳонӣ ҳаракату кӯшиши ҳар як мамлакатро ба тайёр намудани чунин маҳсулот сафарбар кард, ки барои истеҳсоли он шароити табиию иқтисодии қулай муҳайё буд. Аз тарафи дигар, такмили тақсимоти байналхалқии меҳнат тараққии бозори ҷаҳониро тезонид, барои ба вуҷуд омадани хоҷагии ҷаҳонӣ замина тайёр намуд. Ба туфайли тақсимоти байнлахалқии меҳнат як мамлакат барои истеҳсоли як ва ё якчанд маҳсулот, ки хароҷоти камро талаб мекунад, дигар мамлакат барои истеҳсоли намуди дигари маҳсулот тахассус пайдо карда буд.

Такмил ёфтани тақсимоти байналхалқии меҳнат ба хислати фаромиллӣ гирифтани истеҳсолот оварда расонид. Натиҷаҳои истеҳсолоти мураккаб, ки ҳамзамон комёбиҳои илму техника мебошанд, дар як мамлакат тайёр карда шаванд ҳам маҳсули меҳнати кормандони мамлакатҳои гуногун мебошанд.

Дар охири асри XIX баробари муомилоти байналхалқии молҳо, ҷобаҷогузории сармоя дар соҳаҳо ва мамлакатҳои фоидаовар оғоз гардида буд. Содироти сармоя яке аз омилҳои ҳалкунандаи ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳонӣ гашт. Дар ин давра фаромиллӣ гаштани сармоя ва истеҳсолот ба дараҷаи сифатан нав мебарояд ва дар пешрафти қувваҳои истеҳсолкунанда дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меорад. Ба тағйирёбии қувваҳои истеҳсолкунанда пеш аз ҳама кашфиёт ва дар истеҳсолоти ҷамъи-

ятӣ ҷорӣ карда шудани комёбиҳои калонтарини илму техника сабаб шуданд. Аз ҷумла, чунин комёбиҳои илмию техникӣ ва истеҳсолиро номбар кардан мумкин аст: кашфиёт ва дар амалияи металлургӣ ҷорӣ карда шудани тарзҳои нави пӯлодгудозӣ, ихтироъ ва истифодаи муҳаррикҳои нав дар мошинасозӣ, ташаккулёбии саноати кимиёвӣ, истифодаи нерӯи барқ дар истеҳсолот.

Бинобар ин самтҳои асосии тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дар охири асри XIX ва аввали асри XX аз инҳо иборат гаштанд:

- Дар истеҳсолот ҷори карда шудани навъҳои нави дастгоҳу таҷҳизот;
- Ба вуҷуд омадани дигаргунии куллӣ дар энергетика;
- Такмилёбии ҳаматарафаи технологияи истеҳсолот;
- Тараққии соҳаҳои нави саноатӣ ва дигаргуниҳо дар таркиби он.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи ривоҷёбии алоқаҳои иқтисодии байни мамлакатҳою соҳаҳои истеҳсолот, муомилоти молҳо, ҳаракати сармоя ва дигар омилҳои истеҳсолот бо ҳам алоқамандӣ ва аз якдигар вобастагии мамлакатҳо авҷ мегирад. Хоҷагиҳои миллии аз ҳам ҷудо ба узвҳои низоми ягонаи хоҷагии умумиҷаҳонӣ табдил ёфтанд. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ – маҷмӯи хоҷагиҳои миллии ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон мебошад, ки дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳаракати байналхалқии сармоя, фаромиллӣ гаштани қувваҳои истеҳсолкунанда бо ҳам зич муттаҳид ва аз ҳамдигар вобаста гаштанд. Махсусгардонӣ ва кооператсия, инчунин васеъшавии доираи муомилот равандҳои такрористеҳсол ва алоқаҳои байниҳамдигарии иқтисодиёти миллии мамлакатҳоро устувор гардониданд.

Дар замони ҳозира инсоният бо роҳи ташаккулёбии иқтисодиёти ягонаи ҷаҳонӣ пеш меравад, ки дар он ҳамаи хоҷагиҳои миллӣ байни ҳамдигар бо муносибатҳои гуногуни иқтисодии байналхалқӣ зич алоқаманданд. Шаклҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ аз инҳо иборатанд:

- савдои байналхалқии мол ва хизматрасонӣ;
- содироти байналхалқии сармоя;

- муҳоҷирати байналхалқии захираҳои меҳнатӣ;
- алоқаҳои байналхалқии илмию техникӣ;
- минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- муносибатҳои асъории байналхалқӣ;
- қарзи байналхалқӣ;
- ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ.

Ба сифати пояҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ пеш аз ҳама мол ва хизматрасонии дар савдои байналхалқӣ гардишкунанда баромад мекунанд. Ба муомилоти мол ва хизматрасонӣ ҳаҷми калон, номгӯи васеъ, гуногунии сифат, дараҷаи баланди рақобатпазирӣ хос мебошанд. Дар даврai ҳозира ҳамчун объекти муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ инчунин технология ва иттилоот мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки бахши мустақил ва афзоишкунандаи хоҷагии ҷаҳониро ташкил медиҳанд.

Субъектҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар бисёр мавридҳо сохторҳои давлатӣ: мақомоти ҳукуматӣ ва дигар мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун, инчунин корхона ва ташкилотҳои давлатӣ мебошанд. Ташкилотҳои байналхалқии низоми СММ, махсусан, ёрии молиявию қарзӣ расонанда низ субъектҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мебошанд. Дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ кооператсияҳои фаромиллӣ, иттиҳодияҳои байналхалқӣ ҳам фаъолияти ҳаматарафа мебаранд.

Хулоса, хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамчун натиҷаи айнии рушди иқтисодӣ, натиҷаи саъю кӯшиши дохилииқтисодии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, дар самараи баландтарини иқтисодӣ, чун натиҷаи боҳам таъсиррасонии омилҳои пешбарандаи тавлидоти неъматҳои моддӣ, бемайлон такмилёбии тақсимоти меҳнат, тахассусгардонӣ, фаромиллӣ гаштани истеҳсолот, озодона аз як ҷой ба ҷои дигар гузаштани мол ва сармоя дар фазои ҷуғрофии иқтисодӣ ифодаи худро меёбад. Пас хоҷагии ҷаҳонӣ ҷисми иқтисодие мебошад, ки дар он бо ҳам алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии ҳамаи мамлакатҳо ва халқҳои дуньё ба вуҷуд омад ва инкишоф меёбад. Вай дар боз ҳам пурқувваташавии қувваҳои истеҳсолкунанда, ба вуҷуд омадани низоми бисёрҷабҳаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, ба танзимдарорандаи

муомилоти хоҷагии байни мамалакатҳо ифодаи худро меёбад. Дар хоҷагии умумиҷаҳонӣ ягонагии афзоянда ва мустаҳкамшавандаи ҷаҳони муосир зоҳир мешавад, ки асоси моддии онро бозори ҷаҳонии неъматҳо, мол, хизматрасонӣ, сармоя ташкил медиҳанд.

## 2. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва омилҳои такмилёбии он

Тақсимоти байналхалқии меҳнат – асоси айнии муомилоти байналхалқии мол ва хизматрасонӣ, технология ва дониш, тараққии ҳамкории истеҳсолӣ, илмию техникӣ, тиҷоратии байни мамлакатҳои ҷаҳон новобаста аз мавқеъ ва дараҷаи тараққиёти иқтисодии онҳо мебошад.

Моҳияти тақсимоти байналхалқии меҳнат дар ду раванд зоҳир мешавад: аз ҳамҷудокунии ҷараёни истеҳсолот ва муттаҳидшавии минбаъдаи он. Мазмуну мундариҷаи асосии тақсимоти байналхалқии меҳнат аз махсусгардонии намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ дар мамлакатҳои алоҳида ва боҳамтаъсиррасонию ҳамдигарро пурракунии минбаъдаи онҳо иборат аст. Мамлакатҳо он молҳоеро харида мегиранд, ки онҳоро истеҳсол намекунанд, ё ки бо хароҷоти бисер истеҳсол мекунанд. Истеҳсоли умумиҷаҳонии мол ва маҳсулоти ҳархела зиёд мешавад. Ба хориҷа бароварда шудани моли дар асоси тақсимоти байналхлқии меҳнат истеҳсол шуда, рушди иқтисодиёти миллиро ба вуҷуд оварда, дар он барои шаҳрвандон ҷойҳои кори иловагӣ муҳайё менамояд.

Тақсимоти байналхалқии меҳнат воситаи сарфаи хароҷоти меҳнати ҷамъиятӣ буда, асоси такмилёбии қувваҳои истеҳсолкунандаи миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, ташаккулёбии таносубҳои беҳтарини байналхалқии такрористеҳсолро дар сатҳи соҳа ва ҳудуду мамлакат таъмин карда метавонад.

Омилҳои ҳавасмандкунандаи такмилёбии тақсимоти байналхалқии меҳнат ва муомилоти молҳо аз инҳо иборатанд:

- омилҳои иҷтимоию ҷуғрофӣ;
- омилҳои табиию иҷтимоӣ;
- омилҳои техникию иқтисодӣ;

- пешрафти илмию теникӣ.

Омилҳои иҷтимоию географӣ – ин фарқи байни мамлакатҳо мувофиқи ҷойгиршавии мавқеи ҷуғрофӣ, ҳудуд, миқдор ва таркиби аҳолӣ, инчунин тибқи таҷрибаи хоҷагӣ, дониш, малака, одат, анъана мебошад.

Омилҳои табиию иқлимӣ фарқияти байни мамлакатҳо аз рӯи шароити иқлимӣ, таъмин будан бо заминҳои киштшаванда, канданиҳои фоиданок, захираҳои обиро дарбар мегирад. Аз ҳамаи ин хусусиятҳои фарқкунанда дар шароит ва хислати истеҳсолот халқҳо мехоҳанд ҳарчи бисёртар маҳсулоти бемисли хоҷагии миллии худро ба муомилот бароварда, манфиат бинанд.

Омилҳои техникию иқтисодӣ бо он муайян карда мешаванд, ки халқҳо ва мамлакатҳо дараҷаи гуногуни тараққиёти иқтисодию илмӣ техникӣ доранд.Баъзе аз онҳо ин ё он маҳсулотро арзон ва беҳтар мебароранд, ин ё он кашфиёти илмӣ, техникаи навтарин, технологияи пешқадам доранд. Табиист, ки дигар мамлакатҳо аз ин комёбиҳо истифода бурдан мехоҳанд.

Омили чоруми ҳавасмандкунандаи тақсимоти байналхалқии меҳнат – пешрафти илмию техникӣ мебошад. Ин омил зарурати тақсимоти байналхалқии меҳнатро боз ҳам ногузир мегардонад, ки вай ба доимо азнавкунии маҳсулот, афзоиши тези номгӯй ва мураккабии техникии мол мусоидат мекунад. Дар ин шароит ҳеҷ як мамлакат тамоми намудҳои маҳсулотро истеҳсол карда наметавонад ва он ноокилонаю, ғайриимкон аст. Хусусан дар истеҳсолоти мураккаб худтаъминкунӣ ба мақсад мувофиқ намебошад.

Ба туфайли тақсимоти байналхалқии меҳнат молҳо ба миқдори зиёд бо сифати баланд ва хароҷоти кам бароварда мешаванд, ки ин натиҷаи афзалияти истеҳсолоти махсусгардонидашуда мебошад.

Дар хоҷагии ҷаҳонӣ се навъи тақсимоти меҳнат ҷой доранд: умумӣ,ҷузъи ва ягона.

Тақсимоти байналхалқии меҳнати навъи умумӣ (махсусгардонии соҳавӣ) ба доира ва соҳаҳои истеҳсолот (истихроҷ, коркардабарорӣ, саноат, хоҷагии қишлоқ) хос аст.

Тақсимоти ҷузъии меҳнат бо истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматрасонӣ (махсусгардонии

предметӣ) фарқ мекунад. Дар ин навъи тақсимоти меҳнат дар баробари омилҳои табиӣ, бисёртар омилҳои технологӣ, ихтисосонокӣ, аҳамияти калон пайдо мекунанд, махсусгардонии байналхалқӣ дар соҳаҳои муайян. зерсоҳаҳо ва намудҳои истеҳсолот ба вуҷуд меоянд. Асоси сифатан нави муомилоти фаромиллии мол ва хизматрасонӣ пайдо мешавад ва васеъ мегардад.

Гузариш ба тақсимоти байналхалқии меҳнати навъи ягона махсусгардонӣ ба амалиёти алоҳида (детал, агрегат, қисмҳои комплектӣ) ва давраҳои технологиро дар назар дорад. Ин ҷо омилҳои на фақат технологию ихтисосӣ, балки омилҳои ташкилӣ ҳам аҳамияти намоён пайдо мекунанд. Дар ин шароит микёси бозор васеъ мешавад.

Дар замони ҳозира самтҳои асосии тақсимоти байналхалқии меҳнат аз инҳо иборатанд:

- махсусгардонии байнидавлатии истеҳсолот;
- кооператсияи байналхалқии истеҳсолот;
- махсусгардонӣ ва кооператсияи байналхалқӣ.

Махсусгардонии байналхалқӣ – лаҳзаи муайяни тақсимоти байалхалқии меҳнат аст. Захираи омилҳои табиӣ, шароити иқлимӣ – асоси табиӣ махсусгардонии байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Аммо бисертар се раванд имконият медиҳанд, ки мамлакат иштирокчии комилҳуқуқи хоҷагии ҷаҳонӣ гардад: дараҷаи тараққиёти техникӣ, ихтисоснокии кормандон, маданияти истеҳсолӣ.

## 3. Сатҳи нобаробари тараққиётӣ иқтисодии мамлакатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ

Мувофиқи маълумоти СММ ва Бонки умумиҷаҳонӣ хоҷагии ҷаҳони имрӯза 220 мамлакат ва ҳудудҳоро дар бар мегирад. Ин мамлакатҳо аз ҳамдигар бо микёси ҳудуд, таркиби иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои алоҳида, дараҷаи самаранокии истеҳсолот, шумораи аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳо фарқ мекунанд.

Дараҷаи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳонро бо чунин нишондиҳандаҳои асосӣ муайян мекунанд:

- суръати афзоиши иқтисодии мамлакат;
- истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва даромад ба ҳар нафар аҳолӣ;
- ҳиссаи мамлакат дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ;
- ҳиссаи мамлакат дар савдои хориҷии байналхалқӣ;
- мавқеи мамлакат дар содироти сармоя;
- ҳиссаи мамлакат дар захираи тиллоии ҷаҳонӣ.

Аз рӯи ин ва дигар аломатҳо мамлакатҳои ҷаҳон мувофиқи сатҳи тараққиёти иқтисодиашон ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

I. Мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ;

II. Мамлакатҳои тараққикардаистода;

III. Мамлакатҳои иқтисодиёти давраи гузариш.

Бояд қайд намуд, ки мутахассисони СММ, Фонди байналхалқии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ барои муайян кардани дараҷаи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон бисёртар нишондиҳандаи даромад ба ҳар нафар аҳолиро истифода мебаранд.

Созмони Миллаи Муттаҳид роҷеъ ба тараққиёти тамаддуни ҷаҳони имрӯза ҳар сол маърӯза тайёр менамояд. Дар он «Сифати ҳаёт» дар мамлакатҳои ҷаҳон инъикос меёбад. Сифати ҳаёт аз рӯи се нишондиҳанда муайян карда мешавад:

- давомнокии ҳаёти аҳолии мамлакат;
- қобилияти харидории аҳолии мамлакат;
- маълумотнокии шаҳрванон.

Оид ба «Сифати ҳаёт» даҳ мамлакати ҷаҳон ҳама вақт дар сафи пеш мебошанд: Канада, Шветсария, Япония, Шветсия, Норвегия, Франсия, Австралия, ИМА, Голландия, Британияи Кабир.

<u>Гурӯхи мамлакатҳои тараққикардаи саноатии ҷаҳон</u> 25 давлатро дар бар мегирад, ки дар онҳо 1,2 млрд. нафар одам (23% аҳолии ҷаҳон) зиндагӣ мекунанд ва 70%-и ММД–и ҷаҳон истеҳсол карда мешавад. Онҳо 2/3 гардиши савдои байналхалқиро таъмин менамоянд. Барои мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ҳиссаи калони маҳсулоти саноатӣ дар ММД, дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот, иқтисодиёти тамоюли иҷтимоӣ дошта хос мебошад.

Мамлакатҳои тараққикардаи саноатиро шартан ба се зергурӯҳ ҷудо мекунанд.

Зергурӯҳи якумро хафт мамлакати калонтарин (ИМА, Япония, Германия, Франсия, Британияи Кабир, Италия, Канада) ташкил медиҳанд.

Зергурӯҳи дуюм аз 14 мамлакатҳои микёсан хурд, вале аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ тараққикардатарин иборат аст. Асосан онҳо мамлакатҳои аврупоӣ, ба монанди Шветсария, Шветсия, Бельгия, Голландия, Австрия ва ғайра ба шумор мераванд.

Зергурӯҳи сеюмро мамлакатҳои аз кӯчида омадагон ташаккулёфта (Австралия, Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, давлати Изроил) ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи мамлакатҳои тараққикардаистода зиёда аз 130 давлатхоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҷиҳати ҳудуд, аҳолӣ ва дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ин гурӯҳи мамлакатҳо ба панҷ зергурӯҳҳо ҷудо кара мешаванд:

1) Мамлакатҳои тараққикардаи Америкаи Лотинӣ (Аргентина, Бразилия, Мексика) ва «мамлакатҳои нави индустриявӣ» (Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Малайзия) гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд. Махсусан, «мамлакатҳои нави индустриявӣ», ки мунтазам тараққӣ карда истода, дар хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи муҳиме доранд. Маҳсулоте, ки дар ин мамлакатҳо истеҳсол карда мешаванд, дар бозори ҷаҳонӣ қобилияти мустаҳками рақобапазирӣ доранд.
2) Мамлакатҳои истеҳсол ва содиркунандаи нефт. Онҳо дорои захираҳои беҳамтои нефт ва газ (Қатар, Қувайт, Бахрайн, Ливия, Ироқ ва ғ) мебошанд. Аломатҳои ба худ хоси ин мамлакатҳо даромади баланд ба хар нафар аҳолӣ, захираҳои зиёди табиӣ, нақши пешбарандагӣ дар бозори ашёи нерӯдиҳанда, мавқеи қулайи ҷойгиршавӣ ба ҳисоб мераванд.
3) Мамлакатҳое, ки ба ҳисоби миёна ММД ба ҳар нафар аҳолӣ бештар аз 1000 доллар рост меояд. (Колумбия, Парагвай, Гватемала ва ғ.).

4) Мамлакатҳои аз ҷиҳати ҳудуд ва аҳолӣ калонтарин (ба монанди, Ҳиндустон, Покистон, Индонезия ва ғ.) яке аз зергурӯҳҳои алоҳидаро ташкил медиҳанд. Ин мамлакатҳо иқтидори пурқуввати захираҳои табиӣ ва имкониятҳои хуби тараққии иқтисоди доранд.
5) Мамлакатҳои сусттараққикарда ва камбизоати хоҷагии ҷаҳонӣ, ба монанди, Афғонистон, Нигерия, Сомалӣ, Бенгладеш ва ғ. Дар ин мамлакатҳо, ки дараҷаи пасти самаранокии истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат, доираи маҳдуди истеҳсолот ҷой дорад, дараҷаи пастарини даромад ба ҳар нафар аҳолӣ (ба ҳисбои миёна тахминан 120 доллар), рост меояд.

**Гурӯҳи сеюм – мамлакатҳои давраи гузориш ба иқтисоди бозорӣ** мебошанд. Мувофиқи омори Бонкӣ умумиҷаҳонӣ ба ин гурӯх 28 мамлакатҳои ҷаҳон дохил мешаванд: Русия, мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ, мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ). Онҳоро мамлакатҳои постсотсиалистӣ ҳам меноманд. Ба қатори ин мамлакатҳо Тоҷикистон ҳам дохил мешавад. Ин гурӯҳ мамлакатҳоеро муттаҳид намудааст, ки аз тарзи хоҷагии мутамарказонида шудаи плонию маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ мегузаранд.

Дар ин гурӯҳи мамлакатҳо мавқеи махсусро Хитой ишғол менамояд. Дар ин мамлакат диғаргуниҳои калони иқтисодӣ ба вуҷуд омада истодааст. Дар Хитой 1/5 ҳиссаи аҳолии рӯи Замин умр ба сар мебаранд. Дар баробари ин Хитойро номзад ба мамлакати абарқудрати ҷаҳонӣ ба ҳисоб мебаранд, имрӯз вай дар ҳаёти байналхалқӣ нақши намоёнро бозида истодааст. Дар ду даҳсолаи охир иқтисодиёти Хитой нисбат ба ҳамаи дигар мамлакатҳо бо суръати баланд тараққӣ карда, доираи таъсири худро ба бозори ҷаҳонӣ торафт васеъ намуда истодааст. Дар натиҷаи суръати баланди тараққиёт иқтисодиёти Хитой имрӯз дар хоҷагии умумиҷаҳонӣ ҷои сеюмро (баъд аз ИМА ва Япония) ишғол менамояд. Мувофиқи пешгӯии мутахассисон дар соли 2050 иқтисодиёти Хитой дар ҷаҳон ба ҷои аввал мебарояд.

Мамлакатҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ аз ҷиҳати ҳудуд, аҳолӣ ва дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ дар сатҳи

гуногун ҷойгир шудаанд. Дар адабиёти иқтисодӣ ва сиёсӣ ин мамлакатҳоро ба се зергурӯҳ ҷудо мекунанд:

Зергурӯҳи якум аз 9 мамлакат (32%) иборат аст, ки ба онҳо дараҷаи пасти даромад (то 785 доллар ба ҳар нафар аҳолӣ дар як сол) хос аст. Тоҷикистон, Қиғизистон, Муғулистон, Туркманистон ва ғайра аз ҳамин гурӯҳанд.

Зергурӯҳи дуюмро 18 мамлактҳои (64%) дараҷаи миёнаи даромад (ММД ба ҳар нафар аҳолӣ аз 785 то 9655 доллар) ташкил медиҳанд. Ба ин зергурӯҳ ҳам мамлакатҳое дохил мешаванд, ки даромад нисбат ба дараҷаи миёна паст (ММД ба ҳар нафар аҳолӣ аз 785 то 3125 доллар), аз ҷумла: Белоруссия, Булғория, Қазоқистон, Русия, Украина, Латвия, Литва ва ҳам мамлакатхое, ки даромад нисбат ба сатҳи миёна баланд (ММД ба ҳар нафар аҳоли аз 3126 то 9655 доллар) доранд. Инҳо 6 мамлакати Аврупои Шарқӣ- Польша, Словакия, Хорватия, Чехия, Эстония, Сербия мебошанд.

Зергурӯҳи сеюмро як мамлакат Словения ташкил медихад, ки бо дараҷаи баланди даромад (ба ҳар нафар аҳолӣ зиёда аз 9655 доллар рост меояд) ташкил медиҳад.

Хоҷагии ҷаҳонии муосир бо қонун ва қоидаҳои ягона амал мекунад. Асоси онро муносибатҳои бозорӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ он мамлакатҳое пешқадам шуда метавонанд, ки дар онҳо сатҳи баланди чунин муносибатхо ҳукмронанд.

## 4. Моҳият ва шаклҳои ҳаракати байналхалқии сармоя

Зери ҳаракати байналхалқии сармоя (ё ки ҳиҷрати сармоя) аз як мамлакат ба мамлакати дигар гузаштани сармояро мефаҳманд. Дар баробари ин ду ҷараёни онро фарқ мекунанд: аз мамлакат баровардан - содироти сармоя, вақте, ки он берун аз ҳудуди мамлакат ҷойгир карда мешавад ва ба мамлакат овардани сармоя - воридоти сармоя, вақте, ки ба иқтисодиёти мамлакати мазкур маблағгузории хориҷӣ ҷойгир карда мешавад. Асосан ду шакли асосӣ ва се намуди ҳаракати сармояро ҷудо менамоянд.

Аз рӯи шакл сармоя ба намудҳои соҳибкорӣ ва қарзӣ ҷудо_мешавад. Сармояи соҳибкорӣ маънои маблағгузорӣ ба корхонаҳои амалкунанда ва ё корхонаҳои навро мадди назар дорад. Маблағгузорӣ мустақим (сармоягузории бевосита ба омилҳои истеҳсолот: мошина, таҷҳизот, бино) ва портфелӣ (ҷузвдонӣ) (сармоягузорӣ ба қоғазҳои қиматноки корхонаҳои хориҷӣ: саҳмия, облигатсия) шуда метавонад. Сармояи қарзӣ бошад ё ки амонатгузорӣ дар бонкҳои хориҷӣ (дар мавриди баровардани сармоя) ё қарзи беруна (дар мавриди овардани сармоя)-ро ифода мекунад.

Дар ҷудо кардани ҳаракати сармоя ба се намуд қоидаи дигар мадди назар гузошта мешавад. Дар ин ҷо масъалаи асосӣ донистани молики сармоя мебошад: 1) агар молики сармоя ширкатҳои хусусӣ бошанд, сухан дар бораи ҳаракати сармояи хусусӣ меравад. 2) агар молики сармоя давлат бошад - ҳаракати сармояи давлатӣ ҷой дорад; 3) агар молики сармоя созмонҳои молиявии байналхалқӣ бошанд, сухан дар бораи гузоштани сармояи байналхалқӣ меравад.

Дар замони ҳозира шакли асосии ҳаракати сармоя ҷараёни молиявӣ гаштааст (амонатҳои пул, кредит, хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок).

Агар дар нимаи аввали асри XX сармоя асосан ба мамлакатҳои қафомонда бароварда шавад, дар давраи ҳозира қисми зиёди маблағгузориҳои бевоситаи хусусӣ ба мамлакатҳои тараққикарда рост меояд. Дар баробари ин ҳаракати мутақобилаи сармоя мушоҳида карда мешавад, ки ҳар як мамлакат ҳамчун воридкунанда ва ҳамчун содиркунандаи сармоя баромад мекунад.

Содироти сармоя бо мақсади гирифтани фоидаи зиёд ба амал меояд. Чунин сабабҳои асосиеро, ки соҳибкоронро ба содироти сармоя водор мекунад, нишон додан мумкин аст: нисбатан дараҷаи пасти даромаднокии сармоя дар бахшҳои муайяни хоҷагии мамлакати худ, фароҳам омадани шароити беҳтарин дар дигар мамлакатҳо (захираҳои арзон, меъёри пасти андоз, талаботи ками иҷтимоӣ); муттаҳидгардии фирмаҳои гуногуни мамлакатҳои алоҳида бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои молиявии худ, амалӣ гардонидани лоиҳаҳои калон ва

в) Тараққии савдои байналхалқӣ, ба вуҷуд омадани мамлакатҳои нав, тараққии нобаробари иқтисодии байни онҳо;
г) Пайдошавии бахшҳои махсуси иқтисодии тарзи кушод, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бартараф карда шудани боҷу хироҷи байни мамлакатҳо;

**2) Субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ байналхалқи иборатанд аз:**

а) Ташкилотҳои байналхалқии СММ, муассисаҳои молиявии маблағгузорӣ, ширкатҳои фаромилӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва молия, муасисаҳои тиббӣ ва коммуналӣ;
б) Зерсохтори бозор ва унсурҳои он, ширкатҳои санҷишии байналхалқӣ, муассисаҳои молиявӣ, Фонди байналхалқии асъор, мақомоти миллии давлатӣ, муассисаҳои фарҳангӣ;
в) Фирмаҳои хусусӣ, корхона, соҳибкорони алоҳида, сохторҳои давлатӣ, мақомоти бевоситаи ҳукуматӣ ва дигар макомоти давлатии сатҳҳои гуногун, корхона ва муассисаҳои давлатӣ;
г) Фирма ва корхонаҳои хусусии миллӣ, созмонҳои байналхалқӣ, сохторҳои тиҷоратӣ, унсурони механизми танзими бозор, идораҳои бахшҳои хоҷагии миллӣ.

**3) Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар кадом шаклҳо баромад мекунад?**

а) Маҷмӯи бозорҳои миллии мол ва хизматрасонӣ, савдои байналхалқӣ, бозори сармоя;
б) Тамсилаи хоҷагиҳои миллӣ, ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ, махсусгардонии соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодӣ;
в) Маҷмӯи тамсилаи хоҷагиҳои миллӣ, тараққии гуногундараҷагӣ, фаромилли гардидани ҳаёти хоҷагӣ;
г) Савдои хориҷӣ, ҳаракати омилҳои истеҳсолот, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамгироии иқтисодӣ.

**4) Шакли муҳимтарини муиосибатҳои иқтисодии байни мамлакатҳои ҷаҳон қарзи байналхалқӣ мебошад. Қарзи байналхалқӣ чӣ гуна накши мусбатро бозида метавонад?**

а) Қарзи байналхалқӣ субъектҳои миёнаравро кам, монополизмро маҳдуд, интихоби молҳоро васеъ, самаранокии истеҳсолотро зиёд мекунад, мамлакатҳо аз ҳам вобаста, фасод дар дохили мамлакат нест мешавад;

б) Қарзи байналхалқӣ ба афзоиши тиҷорат муосидат мекунад, ҳисобу китоби байналхалқиро осон, манбаи иловагии молиявӣ мебошад, тарозу пардохтро ба танзим медарорад, ҷойҳои кори иловагӣ ба вуҷуд меоварад;
в) Соҳаҳои нави истеҳсолӣ пайдо мешаванд, истеҳсолоти саноатӣ васеъ мегардад, соҳаҳои ғайрисамаранок аз байн меравaнд, имкониятҳои содиротӣ маҳдуд, вале имкониятҳои воридотӣ васеъ мешаванд. Афзалияти тақсимоти байналхалқии меҳнат истифода бурда шуда, соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба истеҳсолоти моддӣ бисёртар тараққӣ мекунад;
г) Қарзи байналхалқӣ танҳо истеҳсолоти моддиро тараққӣ медиҳад. Саноати электроэнергетикӣ тараққӣ мекунад, ҷавонон бисёртар имконияти дар хориҷа таҳсил карданро пайдо мекунанд, ба истеҳсол, коркард ва ба хориҷа содир кардани пахта шароити хуб фароҳам меоварад.

**5) Зери ҳиҷрати сармоя аз як мамлакат ба мамлакати дигар гузаштани онро мефаҳманд. Аз мамлакат бароварда ва дар мамлакати дигар ҷойгир намудани сармояро содироти сармоя меноманд. Сабабҳои содироти сармоя аз чӣ иборат аст?**

а) Ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам, васеъшавии истеҳсолот дар мамлакат, ҷорӣ шудани сиёсати маҳдудкунӣ, маҳдуд будани сиёсати мусоидат кардан;
б) Ғасб кардани бозори хориҷӣ, тараққӣ додани истеҳсоли ашёи хом, мубориза ба муқобили фасоди байналхалқӣ, аз худ кардани сармояи мамлакатҳои дигар;
в) Даромаднокии паст дар мамлакати худ, шароити беҳтарин дар хориҷа, якҷояшавии фирмаҳои мамлакатҳои гуногун, васеъ шудани бозори фурӯш;
г) Гирифтани қарзи иловагӣ, ҷорӣ карда шудани таҷрибаи пешқадам, васешавии истеҳсолот, ҷойҳои иловагии кор, гирифтани фоидаи зиёд.

**6) Ҳаракати сармоя дар хоҷагии умумиҷаҳонӣ дар кадом шакл ва намудҳо баромад мекунад?**

а) Дар шаклҳои соҳибкорӣ ва қарзӣ, дар намудҳои маблағгузории хусусӣ ва давлатӣ;

б) Дар шаклҳои хизматрасонии иттилоотӣ ва сайёҳӣ, дар намуди хизматрасонии молиявӣ ва миёнаравӣ дар савдои байналхалқӣ ;
в) Дар шаклҳои ҳаракати озодӣ мол ва хизматрасонӣ, дар намудҳои ҳиҷрати сармоя ва меҳнат;
г) Дар шаклҳои ашёи минералӣ ва моли тайёркардашуда, дар намудҳои савдои литсензия ва хизматрасонии молиявӣ.

**7) Муҳоҷирати байналхалқии захираҳои меҳнатӣ–ин аз як мамлакат ба мамлакати дигар барои ҷустуҷӯи кор тағйири макон кардани аҳолии қобиляти меҳнати дошта мебошад. Омилҳои асоси муҳоҷирати ҷаҳонии меҳнат кадомҳоянд?**

а) Якум, имконятҳои гирифтани музди кори барзиёд дар дигар мамлакат, ки қувваи кории худаш нокифоя аст. Дуюм баланд будани андозсупорӣ дар мамлакати хеш, ки қисми зиёди музди ба даст омадаро фурӯ мебарад;
б) Фарқият дар шароит ва дараҷаи музди меҳнат дар мамлакатҳои гуногун одамонро водор месозад ба онҷое раванд, ки музди кори баланд дорад.
в) Ҷараёни нобаробари тараққиёти хоҷагии мамлакатҳо, ки дар натиҷа дар як мамлакат захираҳои меҳнатӣ ва бекорӣ барзиёд дар дигар мамлакат баръакс нокифоягии онҳо ба вуҷуд меояд.
г) Имконятҳои гирифтани музди кори барзиёд дар дигар мамлакатҳо, ки сабаби ҳиҷрати байналхалқӣ меҳнат мегардад. Ба ғайр аз ин дар мамлакати худ набудани ҷои корӣ, мактаб, набудани шароит барои баланд бадоштани дараҷаи ихтисоснокӣ, нарасидани табобатхонаю ёрии таҷилии дастрас.

**8) Сабаби коргарони хориҷиро истифода бурдани соҳибкорони ватаниро дар чӣ мебинед?**

а) Истифодаи қувваи коргарии арзон ва кӯшиши паст кардани дараҷаи музди кор аз ҳисоби паст будани музди кори муҳоҷирон:
б) Гирифтани даромад аз ҳисоби ҷалб намудани сармояи муҳоҷирон:
в) Грифтани маҳсулот ва хизматрасонии барзиёдатӣ, ки муҳоҷирони хориҷӣ истеҳсол мекунанд;

г) Таьмини шуғлварзии пурра, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ.

**9) Моҳияти минтақаҳои озоди иқтисодиро дар чӣ мебинед?**

а) Сабукиҳои гумрукӣ, ҳаракати озодонаи захираҳо, андозбандии имтиёзнок, ба вуҷуд овардани корхонаҳои хориҷӣ, ҳифзи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ;

б) Минтақаҳои озоди гумрукӣ, савдои озод, бавуҷуд овардани корхона ва шаҳрҳои нав, бисёртар ба савдо баровардани маҳсулоти ватанӣ, аз андоз озод намудани соҳибкорони маҳаллӣ;

в) Ҷорӣ намудани минтақаҳои озоди гумрукӣ, тиҷоратӣ, кашф намудани шаҳру ноҳияҳо, озодона ҷойгир намудани захираҳо, андозбандии имтиёзнок;

г) Тараққӣ додани иқтисодиёти минтақаи мазкур, аз худ кардани таҷрибаи ҷаҳонӣ, мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ, тадбиқ намудани навигариҳои истеҳсолӣ.

**10 Институти муҳимтарини хоҷагии ҷаҳонӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) мебошанд. Афзалияти минтақаҳои озоди иктисодӣ бо чӣ алоқаманд аст?**

а) Бо ҷойгиршавии ҳудудӣ, мақсадҳои истеҳсолӣ, илмию техникӣ, инвеститсионӣ алоқаманд мебошад, ки бо қоида ва тартиботи созмонҳои молиявӣ байналхалкӣ мустаҳкам карда шуда аст;

б) Бо ҷойгиршавии ҳудудӣ ва наклиётии мусоид алоқаманд буда, бо низоми мақсадноки имтиёзҳои воқеии иктисодӣ, хуқуқӣ, ташкилию маъмурӣ тақвият дода шудааст;

в) Бо тартиби муқаррар намудаи созмонҳои молиявии байналхалкии алоқаманд буда, бо асъори бадалшавандаи хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнок мустаҳкам карда шудааст;

г) Бо муомилоти савдои хориҷии мамлакат, ба хоҷагии ҷаҳони ҷалб намудани иқтисодиёти миллӣ, рушди иқтисодии мамлакатҳо алоқаманд буда, бо созишномаи байни мамлакатҳо мустаҳкам карда шудааст.

## VII. АДАБИЁТ


1. Бобокалони Исомат. Асосхои назарияи иктисод. Кисми дуюм. Душанбе, «Паёми ошно» 2007. Боби 27.
2. Международные экономические отношения. Учебник/Под. ред. проф. В.Е. Рыбалкина М. ЮНИТА-ДАНА , 2005 Главы 1,10.
3. Сажина М.А Чибриков. Г.Г Экономическая теория. Учебник М. НОРМА 2005. глава 24.
4. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика. 18-е издание, Пер. с анг. М.: ООО И.Д. Вильямс, 2008. глава 15.
5. Экономика. Учебник /Под. ред. А.И. Архипова, А.К. Большакова. М.: Изд-во Проспект , 2005. Глава 15.
6. Экономическая теория. Учебник/Под ред. В.Д. Камаева. М. ВЛАДОС., 2004 Глава 19.
7. Экономическая теория. Учебник /Под ред А.И. Архипова. С.С Ильина. М.: Изд-во. Проспект, 2006. Главы 23, 24.
8. Экономическая теория. Учебник /Под общ. ред. акад. В.И Видяпина, А.И Добрынина и др. М. ИНФРА-М, 2008, Глава 30.
9. Экономическая теория. Макроэкономика – 1,2. Учебник. /Под общ. ред. проф. Г.П. Журавлевой. М.: Изд-во «Дашков и Ко», 2008. Глава 24.
10. Экономическая теория. Учебник для вузов. /Под ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. СПб.: Питер, 2009. Глава 26.
11. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т.В. Чечелевой. М.: Книж. дом «ЛИБРОКОМ», 2010. Глава 29.

# БОБИ 28.
# БОЗОРИ ҶАҲОНӢ ВА САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Бозори ҷаҳонӣ, моҳият ва таркиби он.
2. Назарияҳои савдои байналхалқӣ.
3. Савдои байналхалқӣ ва нишондиҳандаҳои он.
4. Сиёсати савдои хориҷии давлат ва тарафҳои он.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Зарурат ва манфиати савдои байналхалқӣ.
2. Ташаккули хароҷот, арзиш ва нарх дар бозори ҷаҳонӣ.
3. Бозори ҷаҳонии хизматрасонӣ.
4. Мавқеи Тоҷикистон дар савдои байналхалқӣ.

### 1. Бозори ҷаҳонӣ, моҳият ва таркиби он

Ягон мамлакат амалан он миқдор ва намудҳои захираҳоро, ки барои пурра қонеъ кунонидани тамоми талаботҳояш зарур аст, надорад. Ҳар як мамлакат миқдори маҳдуди меҳнат ва сармоя дорад, ки имконияти истеҳсоли на ҳамаи молҳои гуногунро, балки баъзеи онҳоро медиҳад. Дар ҷаҳон ҳеҷ ягон мамлакате во намехӯрад, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҷои худро ёфта натавонад. Ҳар як мамлакат он имконият ва сарватеро, ки дорад аз он самаранок истифода бурдани мешавад. Чунончӣ, дар солҳои охир дар ҷаҳон гулпарварӣ бо суръати тез тараққӣ карда истодааст. Ҳаҷми солонаи фурӯши гул дар бозори ҷаҳонӣ то ба бист миллиард доллари ИМА расидааст. Колумбия 30-40 сол пеш аз ин ба парвариши гул шурӯъ намуд. Ҳоло ҳар соле то 130 ҳазор тонна гулро чида мегирад, ки 90 фоизи он дар Амрико ба фурӯш меравад.

Голландия – мамлакати гулпарвари ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо дар Германия ҳар соле зиёда аз 200 ҳазор тонна

гул мефурӯшад. Давлати Изроил сеюмин гулпарвари дунё ба ҳисоб меравад. Ҳар соле аз истеҳсол ва фурӯши гул дар бозорҳои Аврупо то 150 миллион доллари америкоӣ даромад мегирад.

Агар барои истеҳсоли молҳои алоҳида дар мамлакат шароити беҳтарин бошаду хароҷоти камтарин талаб кунад, ин имконият медиҳад, ки истеҳсоли моли мазкур зиёд шавад ва он дар дигар мамлакатҳо ба фурӯш равад. Ба ивази он молҳое харида мешаванд, ки дар мамлакат истеҳсол намешаванд, ё ки истеҳсолашон хароҷоти зиёдеро талаб мекунад. Мисол, Амрико мамлакати калонтарини истеҳсолкунандаи автомобил мебошад. Вале дар баробари ин дар бозори дохилии ИМА 25 фоизи автомобилҳои фурӯхташавандаро истеҳсолоти хориҷӣ ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, дар бозори дохилии Амрико чунин молҳо рақобати сахт мебаранд: телекамера, видеомагнитофон ва автомобилҳои японӣ, виною атриёти франсузӣ, пойафзоли чармини италявӣ, велосипедҳои англисӣ. Маҳсулоти саноатии кимиёвӣ, дастгоҳсозӣ, истеҳсоли компютерҳои америкоӣ бошанд, дар дигар мамлакатҳо ба фурӯш мераванд. Амрико то 50% истеҳсоли умумии биринҷ, гандум, пахта ва тамокуро ба хориҷа мебарорад. Дар баробари ин, бозори дохилии Амрико пурра аз овардани чунин молҳо аз хориҷа, ба монанди, какао, кофе, чой, банан, пила, никел, қалъагӣ, каучуки табиӣ, алмоз вобаста аст.

Аз ин рӯ мавҷуд будани бозори ҷаҳонӣ, ё ки муносибатҳои савдои хориҷӣ бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва манфиатҳои тарафайни мамлакатҳо алоқаманд аст.

Бозори ҷаҳонӣ маҷмӯи бозорҳои миллии мамлакатҳои алоҳида мебошад, ки байни ҳамдигар бо муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ алоқаманданд. Вай ҳамаи тарафҳои тақсимоти байналхалқии меҳнатро дар бар мегирад. Тақсимоти байналхалқии меҳнат заминаи айнии васеъшавии бозори ҷаҳонӣ, асоси тараққиёти савдои байналхалқиро ташкил медиҳад.

Бозори ҷаҳонӣ бахши муносибатҳои устувори молию пулӣ, муомилоти маҳсулоти миллии истеҳсолкардашуда мебошад. Субъекти ин муносибатҳо давлат, ташкилотҳои алоҳида, корхона ва инчунин шахсони воқеӣ мебошанд. Дар бозори

ҷаҳонӣ бозори мол ва хизматрасонӣ, бозори меҳнат, бозори сармоя, бозори кашфиёти илмию техникиро аз ҳам ҷудо мекунанд. Дар таркиби бозори техникию кашфиёти илмӣ бисёртар бозори иттилоотӣ аҳамияти калон пайдо мекунад. Ба ғайр аз ин бозорҳои алоҳидаро аз рӯи аломати минтақавиаш ҷудо кардан мумкин аст; масалан, бозори аврупоӣ, осиёгӣ, америкаи ҷанубӣ ва ғайра.

Барои он ки мамлакат дар бозори ҷаҳонӣ савдо карда тавонад, зарур аст, ки захираҳои содиротӣ, яъне захираҳои мол ва хизматрасонии рақобатпазиру серталабот дошта бошад. Инчунин барои мамлакат доштани воситаҳои асъорӣ, дигар воситаҳои пардохти воридотӣ лозим меояд. Боз зерсохтори инкишофёфтаи савдои хориҷӣ – воситаҳои нақлиёт, бинои анбор, воситаҳои алоқа ва ғайра лозим мебошанд. Ҳисобу китоб оид ба амалиёти савдои хориҷиро муассисаҳои бонкӣ мегузаронанд, бизнеси суғурта бошад суғуртаи кашондани молро ба ҷо меорад.

Дар бозори ҷаҳонӣ ҳам мисли бозорҳои миллӣ талабот ва таклифот омилҳои танзимгар буда, ба сӯи мувозинати бозорӣ майл мекунанд.

Бозори ҷаҳонӣ майдони доимии рақобат мебошад, дар он устувор будан нисбат ба бозори миллӣ мушкилтар аст. Ба ғайр аз рақобат, ба ҳолати амалгарони алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ тағйирёбии таркиби муомилоти мол низ таъсир мерасонад. Дар замони ҳозира ҳиссаи молҳои ашёи хом кам гашта, баръакс, ҳиссаи маҳсулоти коркардашуда зиёд гаштааст. Ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ тавассути интернет бештар шудааст. Масалан, дар бозори ҷаҳонии қисмҳои автомобил сеяк ҳиссаи маҳсулот тавассути шабакаи интернет фурӯхта мешавад. Технологияи ҳозиразамон, донишҳои техникӣ ва дигар иттилоот ба моли махсус мубаддал гаштаанд, талабот ба онҳо торафт зиёд шуда истодааст. Ба маҳсулоти электротехникӣ ва саноати электронӣ ҳам талабот меафзояд. Рақобатпазирии молҳои ашёи хом ва меҳнатгунҷоӣ асосан аз ду омили муайянкунанда вобаста аст: сифати молҳо ва хароҷоти истеҳсолот. Дар натиҷаи рақобати нархӣ ҳамон мамлакате бурд мекунад, ки дараҷаи ҳосилнокии меҳнат баланд, сатҳи музди кор паст, истеҳсолот хуб ҷиҳозонида шудааст.

Молҳои баландсифат ҳама вакт нархи баланд доранд ва танҳо ба он мамлактҳое дастрас шуда метавонанд, ки ба ҳар нафар даромади зиёд рост меояд. Молҳои нисбатан пастсифатро дар он мамлакатҳое мехаранд, ки даромад ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ камтар аст.

Пешрафти илмию техникӣ тараққии соҳа ва истеҳсолоти навро ҳавасманд намуд, ба бозори ҷаҳонӣ як қатор молҳои куллан навро ворид намуд, бозори технологияро ташаккул дод, ки дар он худи технология ба мол табдил ёфтааст.

Шакли молии ба бозор баромадани технология дар намуди патент, НОУ-ХАУ, таҷрибаи истеҳсолӣ, намунаҳои алоҳидаи таҷҳизотро дар назар дорад. Пешниҳоди технология асосан бо ду тарз: тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ба вуҷуд меояд.

Зери таъсири суръати ҳархелаи рушди иқтисодӣ таносуби қувва дар мамлакатҳои алоҳида тағйир ёфт. Аз ҷумла, ҳиссаи содироти Амрико дар содиротӣ ҷаҳонӣ майли камшавӣ дорад. Агар соли 1950 ҳиссаи Амрико 30%-ро ташкил дода бошад, соли 2002 вай ба 10,7% баробар шуд. Солҳои 90-ум маркази савдои ҷаҳонӣ Аврупои Ғарбӣ гардид, содироти он нисбат ба Амрико беш аз чор маротиба зиёд шуд. Махсусан, Германия, ки содироти он ба нишондиҳандаи америкоӣ наздик шуд (9,5%) ва дар ҷои дуюм буд. Ба ҷои сеюм Япония (6,5%), чорум Франсия (5,1%) ва панҷум Хитой (4,9%) баромаданд. Аз рӯи воридот инчунин ИМА дар ҷои аввал (18%), Германия (7,4%), Британияи Кабир (5,2%) баъд Япония (5%) ва Франсия (4,9%) ҷойгир шуданд. Ҳиссаи мамлакатҳои тараққикардаистода дар содирот то 30,9% ва воридот 27,4% баланд гашт. Ба мамлакатҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳамагӣ 5%-и содирот ва 4,6% -и воридот рост меояд. Охири солҳои 80-уми асри XX аз рӯи нишондиҳандаи рақобатпазирӣ ба қатори мамлакатҳои пешқадам Япония баромад. Аз паи Япония давлатҳои нави индустриявии Осиё: Сингапур, Гонконг, Тайван шуданд. Мувофиқи пешгӯии мутахассисон ҳамингуна мутаносибии қувва дар аввали асри XXI нигоҳ дошта шавад, то соли 2030 аз ҷиҳати рақобатпазирӣ бисёртар ИМА, Япония ва Хитой ҷойҳои аввалро ишғол хоҳанд кард.

## 2. Назарияҳои савдои байналхалқӣ

Савдои байналхалқӣ шакли аввалини алоқаҳои байналхалқӣ мебошад, ҳоло қариб 80%-и ҳаҷми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҳеҷ як мамлакат берун аз хоҷагии ҷаҳонӣ ва савдои байналхалқӣ тараққӣ карда наметавонад. Агар ҳаракати сармоя танҳо барои мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққӣ карда имконпазир бошад, савдои мол ва хизматрасонӣ барои ҳамаи мамлакатҳо дастрас мебошад. Мамлакатҳои ҷаҳон аз ҳамдигар дар ҳолати вобастагии муайяни иқтисодӣ қарор доранд: барои он ки талаботи аҳолӣ ва бозори миллӣ пурратар қонеъ гардонида шавад, молҳои воридотиро мехаранд ва молҳои содиротиро ба дигар мамлакатҳо мефурӯшанд. Табиист, ки ҳар як мамлакат аз иштирок дар бозори ҷаҳонӣ ҳаракат мекунад бисёртар манфиат бинад.

Ба масъалаҳои савдои хориҷӣ аввалин шуда намояндагони мактаби <u>меркантилистон</u> диққат ҷалб намуданд. Онҳо ақида доштанд, ки сарвати ҳақиқии мамлакат тилло (пул) мебошад. Вобаста аз ин назарияи савдои хориҷиро ба вуҷуд оварданд, ки моҳияти он аз нигоҳ доштан ва зиёд намудани миқдори тилло дар хазинаи давлат иборат буд. Гузашта аз ин тавсия дода мешуд, ки содирот ҳавасманд карда шуда, воридот маҳдуд гардад, ки тилло барои харидани мол берун аз мамлакат харҷ карда нашавад. Мувофиқи таълимоти меркантилистон бойшавии як мамлакат аз ҳисоби дигар мамлакат ба вуҷуд меояд. Вале онҳо аввалин шуда диққатро ба масъалаи савдои хориҷӣ ҷалб ва аҳамияти онро барои тараққиёти иқтисодии мамлакат нишон дода тавонистанд. Таносуби муайяни хароҷот барои содирот ва воридотро асоснок карданд, яъне ба маънидоди тарозии пардохт асос гузоштанд.

Аммо мамлакат наметвонад танҳо аз ҳисоби бозтақсимкунии сарвати мавҷуда тараққӣ кунад ва бой шавад. Сарвати миллии ҳар як мамлакат бояд аз ҳисоби тараққии мунтазам ва такмилёбии низоми иқтисодӣ зиёд гардад. Ҳанӯз Адам Смит аввалин шуда **назарияи афзалиятҳои** <u>мутлақро</u> кор карда баромад. А. Смит исбот намуд, ки фоидаи бисёртарро он мамлакате мегирад, ки дар тақсимоти байналхалқии меҳнат фаъолона

иштирок менамояд. Мамлакате, ки дар истеҳсоли ягон намуди мол афзалият дорад бояд ба истеҳсоли ҳамин намуди мол махсус гардонида шавад ва онро ба дигар мамлакатҳо пешниҳод намояд.

Таълимоти А.Смитро дар бораи савдои хориҷӣ пурра дастгири намуда, Д.Рикардо дар асараш «Ибтидои иқтисоди сиёсӣ ва андозситонӣ» назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ (нисби)-ро ба вуҷуд овард. Ӯ исбот намуд, ки савдои хориҷӣ барои он мамлакате фоидаи иловагӣ меорад, ки хоҷагии самаранок дорад. Инро бо мисоли классикии моҳути англисӣ ва винои португалӣ исбот намуд .

Афзалиятҳои мутлақи махсусгардонӣ ва тиҷорати байналхалқӣ он вақт намоён мегардад, ки агар ин ё он мамлакат моли мазкурро бо хароҷоти мустақими (айёнии) кам нисбат ба дигар мамлакатҳо истеҳсол кунад. Тарафи мусбати тақсимоти байналхалқии меҳнат ва тиҷорат намоён аст, зеро як мамлакат нисбат ба дигар мамлакат маҳсулотро арзон ва хушсифат мебарорад. Аммо агар мамлакат иқтисодиёти ҳаматарафа тараққӣ карда ва самаранок дошта бошад, ки хароҷоти мустақимаш ба ҳамаи намудҳои маҳсулот, нисбат ба дигар мамлакатҳо, кам бошад. Он вақт чӣ бояд кард? Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва муомилоти оқилонаи мол бо ҳарифони хориҷӣ иқтисодиёти чунин мамлакатро боз ҳам самаранoктар мегардонад. Ин ҷо афзалиятҳои муқоисавӣ амал мекунанд. Афзалиятҳои муқоисавии махсусгардонӣ ва тиҷорат дар назар дошта шудааст. Онҳо дар чунин шароит зоҳир мешаванд, ки бо ҳам муқоиса кардани мамлакатҳо на аз ҷиҳати хароҷоти айён, балки мувофиқи хароҷоти ноайёни истеҳсолот ба вуҷуд оварда мешавад.

Назарияи афзалиятҳои қиёсӣ ба масъалаи муҳимтарин: барои чӣ фарқият дар хароҷот байни мамлакатҳо ҷой дорад? ҷавоб намедиҳад. Иқтисодчии Шветсия **Э. Хекшер** ва шогиди ӯ **Б.Олин** кӯшиш карданд, ки ба ин савол ҷавоб ёбанд. Мувофиқи ақидаи онҳо фарқият дар хароҷот байни мамлакатҳо барои он ҷой дорад, ки таъминот бо омилҳои истеҳсолот ҳархела аст.

Тибқи назарияи Хекшер – Олин мамлакатҳо кӯшиш мекунанд, ки омилҳои барзиёдатиро содир кунанд ва омилҳои норасо будаи истеҳсолотро ворид кунанд; бо ҳамин таъминоти нисбатан

пасти мамлакат бо омилҳои истеҳсолот дар миқёси хоҷагии ҷаҳонӣ пурра карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки сухан на дар бораи миқдори омилҳои истеҳсолоти дар мамлакат мавҷуд буда, балки дар бораи таъминоти нисбӣ ба онҳо меравад.

*Нақшаи 28.1*

**Афзалиятҳои мутлақ ва қиёсии савдои байналхалқӣ**




Иқтисодчии намоёни Америкоӣ В. Леонтьев тамсилаи тарозии байнисоҳавии «Хароҷотҳо – барориш»-ро истифода бурда, исбот намуд, ки дар содироти Америко молҳои нисбатан меҳнатталаб, дар воридот молҳои сармояталаб бартарӣ доранд. Ин натиҷаи бо роҳи таҷрибавӣ гирифта шуда, ба назарияи Хекшер – Олин мухолифат дошт ва барои ҳамин номи «парадокси Леонтьев»-ро гирифт. Тадқиқоти минбаъда мавҷуд буданн чунин парадоксро дар давраи баъдиҷангӣ на фақат барои ИМА, балки барои дигар мамлакатҳо ҳам (Япония, Ҳиндустон) тасдиқ намуд.

Ҷамъбасти ба худ хоси такмили назарияи савдои хориҷӣ дар замони ҳозира таълимоти рақобатпазирии байналхалқии миллӣ мебошад, ки онро тадқиқотчии Америкоӣ М.Портер кор карда баромадааст. Ҷои ҳар як мамлакат ва истеҳсолкунанда-

гони он дар бозори ҷаҳонӣ бо шароитҳои зерин муайян карда мешавад.

– миқдор ва сифати омилҳои гуногуни истеҳсолот;
– талабот дар бозори дохилӣ;
– мавҷуд будани соҳаҳои бо ҳам наздик ва хизматрасонанда;
– стратегияи фирма ва рақобати дохилӣ.

М. Портер ҳам чун тадқиқотчиёни дигар дар таъмини афзалиятҳои муқоисавӣ мавҷуд будани омилҳои истеҳсолотро муайянкунанда ҳисоб намуд. Вале ӯ бо омили табиат ва ё ки аз наслҳои пештара расида омада маҳдуд нашуда, мунтазам ташкил ёфтани ин омилҳо, тараққии онҳо дар ҷараёни такрористеҳсоли васеъро зарур шуморид. Барои ҳамин ҳам суръати тези тараққиёти саноати Япония, ки ба технологияи масолеҳсарфакунанда ва нерӯсарфкунанда асос ёфтаасту мамлакат захираҳои маҳдуд дорад, таъмин карда шудааст.

### 3. Савдои байналхалқӣ ва нишондиҳандаҳои он

Савдои байналхалқӣ – ин шакли муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мебошад, ки тавассути содирот ва воридоти мол, инчунин хизматрасонӣ дар асоси тақисмоти байналхалқии меҳнат ба вуҷуд оварда мешавад. Савдои байналхалқиро тақсимот ва таъминоти нобаробари захираҳои иқтисодии мамлакатҳо, самаранокии гуногунии истеҳсоли технологӣ, дарҷаи ҳархелаи тараққиёти техникию истеҳсолии ҳар як мамлакат ба вуҷуд овардааст.

Савдои байнайхалқӣ имконият медиҳад:

– маҳдудияти захираҳои миллӣ бартараф карда шавад;
– васеъшавии доираи бозори дохилӣ ба вуҷуд ояд;
– даромади барзиёд, ки манбааш фарқи байни хароҷоти миллӣ ва фаромиллии истеҳсолот мебошад, гирифта шавад;

– микёси истеҳсолот, аз ҳисоби ҷалб намудани захираҳои хориҷӣ ва ривоҷ додани кооператсияи байналхалқии истеҳсолӣ, васеъ гардад;
– ҳосилнокии меҳнат, аз ҳисоби такмил додани махсусгардонӣ ва васеъгардонии ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардошта шавад.

Ба ғайр аз ин, савдои озоди байналхалқӣ боз якчанд манфиатҳои дигар дорад, аз ҷумла:

– зиёд шудани молҳои гуногун дар бозори дохилӣ; молҳои дар мамлакатҳои алоҳида баровардашаванда якхела намебошанд. Савдои озод барои истеъмолкунандагон интихоби васеъ ва ҳархелаи молҳоро таъмин менамояд;
– кам шудани хароҷот дар натиҷаи самараи микёс. Баъзе молҳо аз ҳисоби ба миқдори зиёд баровარда шуданашон хароҷоти кам доранд;
– пуршиддат гаштани рақобат дар бозори молҳо. Савдои озод инкишофи рақобатро ҳавасманд мекунад;
– мубодилаи фикр - паҳн гаштани дастовардҳои технологӣ дар тамоми ҷаҳон аксар вақт ҳамшабоҳати савдои байналхалқии моле мебошад, ки тавассути он бароварда шудааст.

Дар савдои байналхалқӣ асосан се усули баромадан ба бозори хориҷӣ ва татбиқ намудани амалиётҳои тиҷоратӣ истифода бурда мешаванд:

I. <u>Усули бевосита, мустақим.</u> Хариду фурӯш байни истифодабарандагону истеҳсолкунандагони мол бидуни миёнаравҳо.
II. <u>Усули ғайримустақим.</u> Савдо тавассути миёнаравҳо, ки ба сифати он ташкилоти махсусгардонидашудаи миллии савдои хориҷӣ баромад мекунанд, ё ки фирмаҳои агентии хориҷӣ иҷро карда мешавад.
III. <u>Усули муштарак, ё ки омехта</u>. Тиҷорат ба воситаи ҷамъиятҳои муштарак бо иштироки ташкилоти миллӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Савдои байналхалқӣ якчанд нишондиҳандаҳо дорад:

- Ҳаҷми савдои байналхалқӣ, ки бо муттасилии нишондиҳандаҳои содирот, воридот, содироти соф ва таносуби онҳо ба маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, тавсиф карда мешавад;
- Ҳаҷми содирот ба ҳар нафар аҳолӣ, ки дараҷаи озодии иқтисодиро тавсиф менамояд:
- Иқтидори содиротии мамлакат- ҳиссаи маҳсулоте, ки мамлакат бе зарар расонидан ба иқтисодиёти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ фурӯхта метавонад;
- Тарифи содиротӣ – нишондиҳандаи барои танзими давлатии аз тарафи корхонаю муассисаҳо ба хориҷа баровардани молҳои аниқ истифода бурда шаванда;
- Ҳиссаи (квотаи) содиротӣ таносуби арзиши содирот ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти миллӣ.

Тараққии бомуваффақияти савдои хориҷии мамлакатҳо бисёртар аз дараҷаи нарх дар бозори ҷаҳонӣ вобаста аст. Нархи ҷаҳонии мол моҳиятан ифодаи пуллии арзиши байналхалқии он мебошад.

Қонуни арзиш дар бозори ҷаҳонӣ арзишҳои гуногуни миллиро ба арзиши байналхалқӣ мувофиқ мегардонад. Муомилоти мол байни мамлакатҳо дар асоси эквивалентӣ, ки онро арзиши байналмилалӣ муайян мекунад, барпо мегардад. Вай бо шароитҳои истеҳсолоти он мамлакатҳо, ки миқдори зиёди молҳои ба бозори ҷаҳонӣ бароварандаро ташкил мекунанд, муайян карда мешавад. Дар бозори ҷаҳонӣ мавҷуд будани бисёрнархӣ мушоҳида мешавад.

Дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи муҳимро бозори хизматрасонӣ ишғол мекунад. Чунин бозорҳои хизматрасонӣ мавҷуданд:

- бозори литсензия;
- бозори «Ноу-Хау»;
- бозори хизмати инженерию машваратӣ;
- бозори хизматрасонии нақлиётӣ;
- бозори объектҳои сохтмони калон;
- дигар бозорҳо.

Савдои байналхалқии хизматрасонӣ бо якчанд хусусиятҳояш фарқ мекунад:

- хизматрасонӣ, нисбат ба мол, асосан дар як вақт истеҳсол ва истеъмол карда мешавад ва онро нигоҳ доштан ғайриимкон аст;
- соҳаи хизматрасонӣ, чун қоида, аз тарафи давлат аз рақобати хориҷӣ бисёртар ҳимоя карда мешавад, вай нисбат ба савдои молҳо камтар монеа дорад;
- на ҳамаи намудҳои хизматрасонӣ ба муомилоти байналхалқӣ ҷалб карда мешаванд;
- савдои байналхалқии хазматрасонӣ ба савдои мол зич алоқаманд буда, ба он таъсири калон мерасонад.

Муомилоти молии савдои хориҷии мамлакат аз содирот ва воридот иборат аст. Маълумоти умумикардашудаи миқдориро дар бораи муомилоти молӣ баланси (тарози) савдо медиҳад. Вай таносуби байни пардохтҳои пулӣ ва воридот аз ҳамаи амалиёти молиро ифода мекунад. Баланси савдо дар навбати худ қисми таркибии тарози пардохти мамлакат мебошад. Тарози пардохт на фақат амалиёти молӣ, балки боз ҳамаи амалиёти пулии мамлакатро бо давлатҳои хориҷии дигар ифода мекунад.

Ҳар як мамлакат кӯшиш мекунад, ки савдои хориҷии фаъол ва дар баробари ин содирот ва воридоти самаранок дошта бошад. Самаранокии содирот бо он муайян карда мешавад, ки мамлакат, чун қоида, он маҳсулотеро ба хориҷа мебарорад, ки хароҷоти истеҳсолиаш нисбат ба хароҷоти ҷаҳонӣ паст аст. Дар айни ҳол миқёси бурд аз таносуби нархи моли мазкур дар бозорҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин аз дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар мамлакатҳои иштирокчии раванди муомилот вобаста аст.

Васеъ кардани доираи содирот чунин самараи мусбат медиҳад:

- шуғлварзии кормандон, истеҳсоли маҳсулот ва даромад зиёд мешавад;

- имкониятҳои бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ кам мешавад;
- воридшавии асъори хориҷӣ ба мамлакат меафзояд;
- молияи давлатӣ мустаҳкам мегардад.

Молҳои содиршаванда ва содирнашавандаро аз ҳам фарқ мекунанд. Як қатор молҳои дар бозори миллӣ хариду фурӯш шаванда, барои бозори ҷаҳонӣ содирнашаванда мебошанд. Онҳоро танҳо дар ҷои истеҳсол шудаашон истифода бурдан мумкин аст. Ду омили муайянкунандаи содирнашавандагии мол вуҷуд доранд. Омили якум, бо хароҷоти нақлиётӣ алоқаманд аст. Чӣ қадаре, ки ҳиссаи хароҷоти нақлиётӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти истеҳсолот зиёд бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти содирнашавандагии мол ва ё хизматрасонӣ зиёд мешавад. Омили дуюми содирнашавандагии мол бо сиёсати маҳдудкунии савдо алоқаманд аст. Тариф ва квотаҳои тиҷоратӣ метавонанд ба ҳаракати озодонаи молҳо ба воситаи сарҳади миллӣ, ҳатто дар ҳолати хароҷоти ками нақлиёти ҳам халал расонанд.

### 4. Сиёсати савдои хориҷии давлат ва тарафҳои он

Дар соҳаи савдои хориҷӣ таърихан ду тарзи бо ҳам муқобили сиёсати давлатӣ ба вуҷуд омадааст: маҳдудугардонӣ ва савдои озод. **Протексионизм** (аз лотинӣ protection – ҳимоя, пуштибонӣ) – сиёсати ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақибони хориҷӣ мебошад. Моҳияти ин сиёсат, <u>якум</u> – дар доштани пеши роҳи ба мамлакат овардани маҳсулоти хориҷии рақобатбаранда; <u>дувум</u> – дар пуштибонӣ намудани содироти молҳои истеҳсоли ватанӣ ба дигар мамлакатҳо.

Тадбирҳои протектсионистиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум, <u>боҷҳои гумрукӣ</u>, ё ки монеаи тарифӣ. Ин пеш аз ҳама андоз ба молҳои воридотӣ, ки нархи онҳоро баланд бардошта, дар мамлакати мазкур ба фурӯш рафтани онҳоро мушкил мегардонад. Инҷо бояд дар назар дошт, ки боҷҳои гумрукӣ на фақат вазифаи ҳимоятгариро иҷро мекунанд, балки боз вазифаи хазинагиро ҳам ба ҷо меоваранд.

**Ду навъи сиёсати савдои хориҷӣ**




Гурӯҳи дуюм – монеаҳои ғайритарифӣ. Ин ҳамагуна тадбирҳои маҳдудкунӣ ва ё ки манъкунандаи воридот (квота, литсензиякунонӣ, баъзан бевосита манъкунӣ). Аз ҷумла, квотаҳои воридотӣ миқёси ин ё он молҳоро миқдоран маҳдуд мекунанд. Литсензиякунонӣ бошад, воридотро танҳо бо литсензияҳои махсуси мақомоти давлатӣ иҷозат медиҳад.

Гурӯҳи сеюми тадбирҳои протектсионистӣ – дастгирии содирот мебошад, ки ёрирасонии давлат дар пеш бурдани маҳсулоти истеҳсоли ватаниро ба хориҷӣ дар назар дорад. Ба содиркунандагон кӯмакҳо, имтиёзҳои андозӣ, кредитҳои арзон, дастгирии ҳуқуқӣ, сиёсӣ муҳайё карда мешавад.

Тарафҳои мусбати протектсионизм аз инҳо иборатанд:

- баробар кардани тарози савдо;
- ҳимоя намудан аз демпинг;
- ҳимояи соҳаҳои нави истеҳсолӣ;
- ҳавасмандкунии болоравии истеҳсолот.

Вале, протектсионизм тарафҳои манфӣ ҳам дорад, ки аз инҳо иборатанд:

- дараҷаи самаранокии истеҳсолоти ватанӣ паст мешавад;
- нархҳо боло мераванд, интихоби мол маҳдуд мешавад;
- афзалияти тақсимоти байналхалқии меҳнат истифода шуда наметавонад;
- имконияти содирот кам мегарданд.

Сиёсати дигари давлатии савдои берунӣ – **сиёсати савдои озод мебошад,** ё ки онро **фритредерство** (аз англ. Free trade – савдои озод) ҳам меноманд. Вай ҳаракати озоди мол ва хизматрасониро байни мамлакатҳо бе ҳеҷ ягон монеаи тиҷоратӣ дар назар дорад. Афзалияти савдои озод аз он бармеояд, ки инҷо тарафҳои манфии протектсионизм бартараф карда мешаванд. Фритредерство рақобатро ҳавасманд мекунад ва бо ҳамин монополияи фирмаҳои миллиро маҳдуд менамояд. Дар натиҷа истеҳсолкунандагон маҷбур мешаванд, ки дар истеҳсолот навигарӣ дароранд, сифати маҳсулоти худро баланд бардоранд, арзиши аслии онро кам намуда, самаранокии истеҳсолотро баланд бардошта, нархро паст намоянд.

Савдои озод инчунин барои истеъмолкунандагон номгӯи васеи молҳоро пешкаш менамояд. Ба ғайр аз ин савдои озод ба кушода будани ҷамъият мусоидат мекунад, ки ин ба наздикшавӣ ва ҳамкории халқҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон оварда мерасонад. Бе мамониат ташкил ёфтани тақсимоти байналхалқии меҳнат, самаранок ҷобаҷогузории захираҳоро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъмин мекунад, ки ба туфайли он суръати тараққиёти иқтисодиёт тез ва дараҷаи некӯаҳволии одамон баланд мешавад.

Сохтори ба амалияи хоҷагидории мамлакатҳои ҷаҳон наздик – **Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо (ТУС-ВТО)** мебошад. Дар давраи ҳозира ин ташкилоти байналхалқӣ 146 мамлакатҳоро мутаҳид менамояд, ки дар байни онҳо Гурҷистон, Қиргизистон, Латвия, Молдова, Эстония мебошанд. Русия ва Тоҷикистон ҳоло аъзои ин ташкилоти бонуфуз нестанд.

Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо ҷараёни савдоро байни мамлакатҳо идора мекунад. Аъзоёни он масъалаҳои баҳснок ва пӯхтарасидаро якҷоя ҳал менамоянд, дар бораи қадамҳои минбаъдаи либерализатсияи савдо ва тараққӣ додани иқтисодиёти худ гуфтушунид мегузаронанд. Мамлакатҳои аъзои ТУС бояд ба стандарти байналхалқӣ мутобиқ шаванд, меъёр ва қоидаҳои муайяни муносибатҳои иқтисодии байналхалқро риоя кунанд. Ба иқтисодиёти ҷаҳон дарҳои кушод таъмин карда шуда, аз рақобати хориҷӣ наҳаросанд. Истеъмолкунандагон аз рақобат танҳо бурд мекунанд: Сифати мол баланд, нархи он паст мешавад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Субъектҳои бозори ҷаҳониро номбар намоед.
2. Кадом назарияҳои савдои байналхалқиро медонед?
3. Тавсифи мафҳуми «Савдои озодро» диҳед.
4. Моҳияти махсусгардонӣ аз чӣ иборат аст?
5. Моҳияти тамсилаи афзалияти нисбии Д.Рикардоро фаҳмонед.
6. Тамсилаи мувозинати умумии савдои байналхалқии Э.Хекшер ва Б.Олин аз чӣ иборат аст?
7. Кадом намудҳои савдои ҷаҳонии хизматрасонӣ ба Шумо маълум аст?
8. Хусусиятҳои савдои ҷаҳонии хизматрасониро фаҳмонед.
9. Аз чӣ сабаб баъзе давлатҳо сиёсати протектсионистиро пеш мебаранд?
10. Афзалиятҳои савдои хориҷии мамлакатро номбар кунед.
11. Фарқият дар таркиби савдои байналхалқиро чӣ тавр мефаҳмед?
12. Самаранокии содирот ва воридотро баён кунед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Сиёсати савдои байналхалқӣ.
2. Савдои байналхалқии хизматрасонӣ.
3. Савдои байналхалқии технология.
4. Назарияи афзалияти муқоисавии Д.Рикардо.
5. Таклифоти мол ва хизматрасонӣ дар савдои байналхалқӣ
6. Нишондиҳандаҳои тараққиёти савдои байналхалқӣ.
7. Протексионизим ва савдои озод.

## V. ТЕСТҲО

**1. Асоси савдои байналхалқӣ мубодилаи молҳо ва хизматрасонии байни хоҷагии миллии мамлакаҳои гуногунро тақсимоти байналхалқии меҳнат ташкил медиҳад. Омилҳои муҳимтарини тақсимоти байналхалқии меҳнатро муайян намоед?**

а) омилҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ, конкретӣ ва абстрактӣ, соҳавӣ ва ҳавзавӣ, ҷузъӣ ва куллӣ;

б) омилҳои иҷтимоӣ-ҷуғрофӣ, табиии-иқлимӣ, техникию иқтисодӣ, прогресси илмию техникӣ;

в) омилҳои ноҳиявӣ ва минтақавӣ, иқлимӣ ва техникӣ, регрессивӣ ва прогрессивӣ, арзишӣ ва нархӣ;

г) омилҳои экстенсивӣ ва интенсивӣ, таркибӣ ва мавсимӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, техникию технологӣ.

**2. Савдои байналхалқӣ, аз ҷумла чӣ гуна имкониятҳоро фароҳам оварда метавонад?**

а) монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ бартараф карда мешаванд;

б) монополия дар хоҷагии ватанӣ ҳавасманд ва рақобат маҳдуд карда мешавад;

в) маҳдудияти захираҳои миллӣ бартараф шуда, доираи бозори миллӣ васеъ мегардад;

г) нархҳо баланд мешаванд, доираи интихоби молҳои истеъмолӣ бетағйир мемонад.

**3. Афзалияти мутлақи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва тиҷоратро муайян намоед?.**

а) афзалияти мутлақи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва тиҷорат бо хароҷоти ками қиёсӣ истеҳсол кардани мол дар мамлакат мебошад;

б) афзалияти мутлақи тақсимоти байналхалқии меҳнат дар он зоҳир мешавад, ки мамлакат бояд он молҳоро истеҳсол ва содир намояд, ки дар хориҷа арзон истеҳсол карда мешаванд;

в) афзалияти мутлақи махсусгардонӣ ва тиҷорат бо хароҷоти ками истеҳсолӣ таъмин намудани тавлиди молҳо ва муомилоти онҳо мебошад, яъне мамлакат маҳсулотеро ба муомилот мебарорад, ки нисбат ба ҳарифон арзон истеҳсол намудааст;

г) афзалияти мутлақи махсусгардонӣ ва тиҷорат маънои онро дорад, ки моли содиршаванда танҳо дар ҳамин мамлкат истеҳсол карда мешавад.

**4. Назарияи афзалияти мутлақ ба кадом мутафаккир таалуқ дорад?**

а) Адам Смит;

б) Давид Рикардо;

в) Василий Леонтьев;

г) Альфред Маршалл.

**5. Мувофиқи таълимоти афзалияти қиёсӣ (нисбӣ):**

а) мамлакатҳои калон нисбат ба мамлакатҳои хурд дар иқтисодиёт бартарӣ доранд;

б) ташкил кардани истеҳсоли мол, ки нисбатан хароҷоти камтар талаб мекунад, нафънок аст;

в) дар истеҳсолот шароити табиии мамлакат нақши асосӣ мебозанд;

г) афзалият доштани истеҳсолоти саноатӣ нисбат ба истеҳсолоти кишоварзӣ.

**6. Кадом иқтисодшинос аввалин қоидаи афзалияти қиёсиро кор карда баромадааст?**

а) Эли Хекшер;

б) Давид Рикардо;

в) Адам Смит;

г) Ҷон Стюарт Милль.

**7. Кадом тарафҳои манфии протектсионизимро нишон додан мумкин аст?**

а) баланси тиҷоратро баробар менамояд, ба демпинг роҳ медиҳад, рақобатро ҳавасманд мекунад, интихоби молҳо маҳдуд аст, ҳамкории иқтисодии байни мамлакатҳо суст мешавад;

б) ҳисобу китоби байналхалқиро мушкил мегардонад, хароҷоти иловагии молиявӣ ба вуҷуд меоянд, баланси

пардохт идора карда намешавад, асъори хориҷиро ҳимоя мекунад;
в) ба гирифтани қарз ва васеъ кардани истеҳсолот мусоидат намекунад, қарзи хориҷии мамлакатро зиёд менамояд, даромаднокии истеҳсолоти ватанӣ паст, рақобат тезу тунд мешавад;
г) самаранокии истеҳсолот паст мешавад, нархҳо баланд, интихоби молҳо кам, афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат истифода намешаванд, имкониятҳои содирот паст мегардад.

**8. Кадом афзалияти савдои озодро қайд карда метавонед?**
а) рақобат ҳавасманд, монополизм маҳдуд, самаранокии истеҳсолот баланд мешавад;
б) имконияти гирифтани фоидаро зиёд, завқи истеҳсолкунандаро дигар мекунад;
в) миқдори фирма ва соҳибкорон бисёр мегардад, назорат аз болои нарх бурда намешавад;
г) истеҳсолот васеъ ва оқилона мешавад, навигариҳои прогрессивӣ паҳн мегарданд, хароҷоти захираҳо сарфа, самаранокии умумии иқтисодиёт баланд мешавад.

**9. Дар кадом ҳолат тарози (баланси) савдои хориҷии мамлакат фаъол дониста мешавад?**
а) иҷро кардани ӯҳдадориҳои дутарафа;
б) ба ҳам мувофиқ омадани ҳаҷми воридот ва содирот;
в) бартарии воридот нисбат ба содироти молҳо;
г) бартарии содирот нисбат ба воридот .

**10. Яке аз нишондиҳандаҳои дараҷаи тараққиёти савдои байналхалқӣ андозаи квотаи содиротӣ мебошад. Квотаи содиротӣ чиро ифода мекунад?**
а) таносуби ҳаҷми содирот ба миқёси маҳсулоти бароваршударо;
б) миқёси умумии моли содирот кардаи мамлакатро;
в) ҳаҷми маҳсулоти саноат дар миқёси маҳсулоти содиротшударо;
г) таносуби миқёсӣ хазматрасонӣ дар ҳаҷми молҳои содиротии мамлакатро.

## VI. АДАБИЁТ


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуюм. Душанбе, «Душанбе» 2007: Боби 29.
2. Курс экономической теории. Учебник/Под общ. ред. проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009. Глава 27
3. Курс экономической теории: Общие основы экономической теории. Микроэкономика. Макроэкономика./Руковод. авт. кол. А.В. Сидорович. М.: «Дело и сервис», 2007 Главы 30,31.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. М.: ИНФРА-М, 2005. Глава 37.
5. Международные экономические отношения: Учебник/Под ред. проф. В.Е. Рыбалкина. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. Главы 22, 23.
6. Сажина М.А., Чибриков Г.Г. Экономическая теория. Учебник М.: Норма, 2005. Глава 25.
7. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика 18-е издание: Пер. с англ. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2008. Гл.15.
8. Экономическая теория. Учебник /Под общ. ред. акад: В.И. Видяпина, А.И. Добрынина. и др. М.: ИНФРА-М, 2008. Глава 30.
9. Экономическая теория.Макроэкономика-1,2.Учебник/Под общ.ред. проф. Г.П. Журавлевой. М.: Изд-во «Дашков и К», 2008. Гл. 24.
10. Экономическая теория. (политэкономия). Учебник /Под общ. ред. акад. В.И. Видяпина, акад. Г.П. Журавлевой. М.: ИНФРА- М, 2008. Глави 34,35.
11. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т.В. Чечелевой. М.: Книж. дом «ЛИБРОКОМ», 2010. Глава 30
12. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика М.: Дело., 1999. Главы, 36, 37.

# БОБИ 29.
# ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Ҳамгироии иқтисодӣ, моҳият, услуб ва омилҳои муайянкунандаи он
2. Марҳалаҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ
3. Шаклҳои асосии ҳамгироӣ: самт, тамоюл ва хусусиятҳои ташкили муосири он

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Назарияҳои муосири ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ
2. Марҳалаҳои инкишоф, услуб, усул ва омилҳои муайянкунандаи ҳамгироӣ
3. Нақш ва мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо иттиҳодҳои иқтисодии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ

### 1. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ, моҳият, услуб ва омилҳои муайянкунандаи он

Ҷаҳони муосир ҳамчун натиҷаи равандҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ, таърихию сиёсӣ, тақсими байналмилалии меҳнат, тахсис ва кооператсияи истеҳсолоти байналхалқӣ, ба ҳам наздику пайвастшавии механизми хоҷагидорӣ дар асоси қарору қарордодҳо, созишномаҳои байнидавлатӣ ва идораи махсуси байналмилалӣ сурат мегирад.

Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шаклҳои гуногун (ҳиҷрати сармоя, сармоягузорӣ, қувваи коргарӣ, технологгия, иттилоот) ташкил ва таҳаввул ёфта, таҳти таъсири омилҳои: ҳарчи бештар сирати байналмилалӣ гирифтани истеҳсолоту ҳаёти хоҷагӣ, баланд гардидани нақш ва доираи хоҷагии ҷаҳонӣ, маҳдуд шудани доираи ангезаю ҳавасмандгардонӣ ва бозори иқтисоди миллӣ қарор доранд.

Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ самтҳои зерро дар бар мегирад:

- ҳамгироӣ дар истифодаи омилҳои истеҳсолот;
- ҳамгироии қувваҳои истеҳсолкунанда (сармоя ва қувваи коргарӣ);
- ташкили истеҳсолоти умумибашарӣ (тақсими меҳнат, махсусгардонӣ, кооператсия);
- ҳиҷрати сармоя, қувваи коргарӣ, технология, иттилоот, сармоягузорӣ;
- молиявӣ, асъорӣ, инноватсия (навоварӣ) – мубодилаи донишҳои илмию техникӣ;
- ҳифзи муҳити зист – азхудкунии фазою коинот, қаъри замину об (океан ва баҳрҳои ҷаҳонӣ) ва иайра.

Ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳ ва шаклҳои гуногун: **микроиқтисод** (алоқаҳои байнифирмавӣ, бунёд кардани филиалҳои онҳо дар хориҷи мамлакат); **макроиқтисод** (иттиҳод ва созишномаҳои байни давлатҳо, алоқа ва равобити чандинтарафаи иқтисодии байни онҳо) ва сатҳи **мегаиқтисод** (ташкили иттиҳод, иттифоқҳои байналхалқӣ) ташкил ва густариш меёбад.

Вазифа ва мақсади ҳар яке аз ин унсурҳои ҳамгироӣ, вобаста ба хислату шакл, мавқеъ ва давраҳои ташкилу ташаккули онҳо муайян карда мешавад.

Мақсади ҳамгироии байналхалқӣ бештар раванди амиқ гардидани:

- тақсими байналмилалии меҳнат;
- тахсис (махсусгардонӣ)-и байналмилалӣ;
- пешрафти илму техника;
- бозори ҷаҳонӣ (ноҳиявӣ, минтақавӣ);
- ҳаракати омилҳои истеҳсолот (сармоя, қувваи коргарӣ, сармоягузорӣ, технология, иттилоот);
- ба ҳам баробар намудани сатҳ ва дараҷаи пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳо;
- тадбиқи сиёсати ягонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бурунмарзӣ, асъорӣ, технологӣ, иттилоотӣ;
- сиёсати ҷаҳонишавӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Фаъолияти субъектҳои ҳамгирой дар чорчӯбаи услубҳои бозор сурат мегирад. Дар доираи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ бештар чунин услубҳои фаъолият ҷудо карда мешаванд:

- тиҷорати озод, мустақилият, ҳавасмандӣ, ҷавобгарӣ, худтаъминкунӣ, таъмини ҳадди ақали хароҷот ва ҳадди аксари даромад ва ғайра;
- сирати байналмилалӣ гирифтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагӣ;
- ҳарчӣ бештар амиқ гардидани равобити хоҷагии ҷаҳонӣ, густариш ва фаро гирифтани ҳамаи ҳавзаҳои такрористеҳсол (тавлид, тақсим, муомилот, истеъмол);
- ба ҳам иттисол гардидани манфиатҳои миллӣ бо манфиатҳои умумибашарӣ (ҷаҳонишавии манфиатҳо);
- истифодаи захираҳои миллӣ ба манфиат ва мақсади қонеъ гардондани талаботи иқтисоди ҷаҳон;
- маҳдуд гаштани ҳаҷми бозори дохилӣ, боло рафтани талабот ба маҳсулоти соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ва соҳаҳои илмталаби муосир;
- ноҳиягардонии фаъолияти иқтисодӣ, яъне ҷаҳонишавӣ дар миқёси ноҳия (минтақа);
- торафт озод гардидан ё худ мустақил ба роҳ монда шудани ҳаракати омилҳои истеҳсолот дар доираи ноҳия, минтақаҳои алоҳида ва давлатҳои ҷудогона ё гурӯҳҳои онҳо.

## 2. Марҳалаҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ

Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ, ҳамчун натиҷаи баландтарини инкишоф ва таҳаввули тақсимоти байналхалқии меҳнат, махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолоти байналхалқӣ сурат мегирад.

Огози он дар шакли бастани шартномаҳо (қарордодҳо), мутобиқгардонии сиёсати дохилӣ ва берунии байни давлатҳои **Белгия** ва **Люксембург** (с. 1921) сурат гирифта, сониян ҳамчун ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ ва бурунмарзии давлатҳои **Бенилюкс** (Белгия, Люксембург, Нидерландия соли 1944) давом меёбад.

Минбаъд раванди ҳамгирой амиқ гашта, доира ва ҳавзаҳои гуногуни иқтисоди ҷаҳонро фаро мегирад. Он дар шакли Иттиҳоди **Европоии** ангишту пӯлод, қувваи атом, ҳамкории озоди тиҷорат; ҳамгироии иқтисодии гурӯҳи мамлакатҳои **Америкаи Шимолӣ, Иттиҳоди Африкаи Шимолӣ, Иттиҳоди Африкаи Ғарбии** асъор, **Ассотсиатсияи Америкаи Лотинӣ** оид ба тиҷорати озод, бозори умумии **Америкаи Марказӣ**, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, **Иттиҳоди Гумрукӣ**; иттиҳодҳои иқтисодӣ, молиявӣ, бонкӣ, қарзӣ, асъорӣ дар қисматҳои **Америка, Африка, Осиё** идома меёбад.

Бо таври том чунин давраи инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ фарқ карда мешавад:

- минтақаи озоди тиҷорат;
- иттифоқи гумрукӣ;
- бозори ягона (умумӣ);
- иттиҳод (иттифоқ)-и иқтисодӣ;
- иттиҳоди иқтисодӣ ва асъорӣ.

**Минтақаи озоди тиҷорат.** Афзалияти он дар имтиёзнокии манфиат, имтиёз ё худ озод будан аз маҳдудгардонии гумрукӣ, озодона ворид (содир) намудани молу маҳсулот, имконнопазирии ягон амалиёт бидуни розигии аъзоёни иттифоқ ва ғайра зуҳур меёбад.

**Иттифоқи гумрукӣ.** Дар доираи иттифоқ: ташкили ягонаи фазои гумрукӣ, сиёсати ягонаи тиҷорат, истифодаи тарифҳои ягонаи гумрукӣ, имтиёзҳо, сиёсати нархӣ, пулию қарзӣ, мутобиқшавии бозори миллӣ ба манфиатҳои ҳамдигарӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

**Бозори умумӣ (ягона).** Асоси фаъолияти онро ташкили ҳаракати озоди молу хадамот ва омилҳои истеҳсолот (сармоя, қувваи коргарӣ, иттилоот, технологияи байналхалқӣ) ташкил медиҳад. Вазифаҳои асосии он чунинанд;

- маҳдудгардонӣ ё худ нест кардани боҷҳои гумрукӣ дар байни давлатҳои аъзо;
- татбиқ ва гузаронидани сиёсати ягонаи тиҷорат нисбат ба мамлакатҳои сеюм;
- муайян кардани сиёсати умумии тараққиёти соҳаҳои алоҳида ва бахшҳои умумии иқтисодиёт;

- таъмини шароит барои ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот;
- ташкили фондҳои умумӣ бо мақсади инкишоф додани соҳаҳои иқтисод ва иҷтимо, таъмин намудани бартарият дар раванди ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ.

**Иттиҳоди иқтисодӣ.** Зинаи нисбатан баланд ва густаришёфтаи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ буда, дар доираи он муносибатҳои мавҷуда боз ҳам амиқ гашта, якнавохт ва ҳамоҳангии сиёсати пулӣ, қарзӣ, молиявӣ, асъорӣ ва иҷтимоии давлатҳо ташаккул меёбад.

Гузаронидани сиёсати ягонаи асъорию молиявӣ, ворид намудани асъори ягона (умумӣ) дар масоҳати мамлакатҳои ҳамаъзо, раванди нави ҳамгироӣ – Иттиҳоди иқтисодӣ ва асъориро ба миён меоварад.

Он дар асоси муносибатҳои асъории байналмилалӣ, таъин кардани қурби ба қайд гирифташудаи ташкили асъор ва бонки ягонаи ноҳиявӣ, маркази эмиссионӣ (интишор) сурат мегирад.

### 3. Шаклҳои асосии ҳамгироӣ: самт, тамоюл ва хусусиятҳои ташкили муосири он

Муайян карда шудааст, ки ҳоло дар ҷаҳони муосир зиёда аз 30 гурӯҳбандиҳои ноҳиявии ҳамгироӣ ташкил ва густариш меёбанд.

Ҳамгироӣ дар шакл ва намудҳои гуногун қариб дар ҳамаи Қитъаҳои Олам арзи вуҷуд дорад, масалан:

- **АСЕАН** – ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ;
- **ЕҒТА** – ассотсиатсияи Европогии савдои озод;
- **НАФТА** – ассотсиатсияи савдои озоди Амрикои Шимолӣ;
- **ЕАСТ** – ассостсиатсияи савдои озоди Европа;
- **Меркосур** – бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ;
- **КАКМ** – бозори умумии Амрикои Марказӣ;

- **Кариком** – созмонҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- **ЦАЭС** – созмони иқтисодии ҳавзаи Кариб;
- **Хиоуо** – ҳамгироии иқтисодии Уқёнуси Ором.

Ҳамгироӣ аз нигоҳи меъёрҳои сатҳ ва инкишофи мамлакатҳо, нақш ва мақоми онҳо дар раванди Иқтисоди Ҷаҳон чунин тақсимбандӣ карда мешавад.

- ҳамгироии мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор;
- ҳамгироии мамлакатҳои рӯ ба инкишоф;
- ҳамгироии мамлакатҳои иқтисодиёти давраи гузариш.

**Ҳамгироии мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор,** сароғоз (с. 1961) дар шакли **Иттиҳод (иттифоқ)-и Европоӣ** ва баъдан **Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва инкишоф** (СҲИИ), пас аз ратификатсияи Конвенсия оид ба таҳсиси он аз ҷониби 29 давлатҳои иштирокчӣ (с.1992) – бастани шартномаи Маастрихт (Нидерландия) ташкил ва густариш меёбад.

<u>Мақсади асосии он</u>:

- ташкил намудани бозори умумии сармоя, молу маҳсулот, хадамот, меҳнат, асъор;
- гузаронидани ислоҳот, тадбиқи сиёсати ягонаи молиявию қарзӣ, бонкию асъорӣ, интишори асъори ягона;
- таъмини фазои ягонаи сиёсати гумрукӣ, андозу нарх, сиёсати тиҷорат ва ғайра мебошад.

Шакли назарраси ҳамгироии мамлакатҳои рӯ ба инкишоф МЕРКОСУР буда, ба он давлатҳои нисбатан инкишофёфтаи Америкаи Лотинӣ (Аргентина, Бразилия, Парагвай, Уругвай) шомил гардидаанд, ки ба зиммаи онҳо зиёда аз 50%-и тавлиди МУМ, 45%-аҳолӣ, 40%- сармоягузории минтақа рост меояд.

Дар шароити ҳозира чунин шаклҳои ин ҳамгироӣ бештар маълуманд:

- бозори умумии Амрикои Марказӣ (Гватемала, Гондурас, Никарагуа, Салвадор, Коста-Рика);
- пакт (шартнома)-и Анд (Боливия, Венесуэла, Колумбия, Перу, Эквадор);
- Иттиҳоди Кариб (Кариком)-14 мамлакати англисзабони Ҳавзаи Кариб;

- Иттиҳоди иқтисодии давлатҳои Африкаи Ғарбӣ (ЭКОВАС);
- Бозори умумии Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ (Комеса);
- Иттифоқи гумрукӣ ва иқтисодии Африкаи Марказӣ (ЮДЕАК);
- Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷануби-Шарқӣ (Асеан-4) – Индонезия, Малайзия, Таиланд, Филиппин;
- Шӯрои иқтисодии ягонагии араб (СИЯИА);
- Шӯрои ҳамкории иқтисодии давлатҳои Араби Халиҷи Форс (АФЭСР).

Ҳамгироии иқтисодиёти мамлакатҳои сирати давраи гузаришдошта (аз иқтисоди амрӣ ба иқтисоди бозорӣ), асосан бо раванди пошхурии ҷаҳони сотсиалистӣ, ҳамгироии давлатҳои аъзои Шӯрои Ҳамкории иқтисодӣ, (СЭВ), ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ, воридшавӣ ба бозорҳои ноҳиявию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз нав барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ дар байни собиқ давлатҳои сотсиалистӣ алоқаманд мебошад.

Ибтидои онро раванди озодгардонии савдои хориҷии байни давлатҳои Қитъаи Европа (Венгрия, Полша, Словакия, Чехия), дар ибтидои солҳои 90-ум ва минбаъд қабули созишнома дар бораи бунёди минтақаи озоди тиҷорат (с. 1996) ва ҳамроҳ гардидан ба Иттиҳоди Европа ташкил медиҳад.

Сониян аз ҷониби ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ – Эстония, Латвия, Литва. Минтақаи тиҷорати озоди Балтика (ЙFTA) сохмон дода мешавад.

Ҳамгироии байни ҷумҳуриҳои Собиқ Шуравӣ, қонун дар шакли ташкили Иттиҳоди давлатҳои Мустақил (ИДМ) идома дорад. Он ҳамчун натиҷаи барҳам хӯрдани ҳамгироии сотсиалистӣ ба вуҷуд омадани доираи нави муносибатҳои иқтисоди бозорӣ сурат мегирад. ИДМ, воқеан ҳамчун натиҷаи қарорҳои байни давлатҳои мустақил оиди:

- иқтисод, сиёсат, робитаҳои бурунмарзӣ;
- мубодилаи сармоя, молу маҳсулот; ҳиҷрати қувваи коргарӣ, мутобиқати сиёсати пулию асъорӣ, молиявию қарзӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолият оиди сиёсати гумрукӣ, бозори озоди тиҷорат, нарху нархгузорӣ;

- сармоягузорӣ;
- содироту воридот; ҳаллу фасли масоили тақсими ҷамъиятии меҳнат, махсусгардонӣ, кооперативонии истеҳсолот, техникаю технология, иттилоот ва ғайра сурат мегирад.

Хусусияти хоси ин давраро ташкил гардидани Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ (с. 1994) ташкил медиҳад. Он дар асоси Шартнома оиди ташкили фазои ягонаи иқтисодии байни Ҷумҳурияҳои Қазоқистон, Қиргизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон (с. 1998) бунёд гардида, бо мақсади таъмини истиқрор ва муозинии иқтисодиёти миллӣ, барномаҳои интегратсионии кӯтоҳмӯҳлату дарозмӯҳлати як ё як чандтарафа оиди ҳимояи фазои озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, савдои озод, маҳдудгардониҳои гумрукию нархӣ, боҷу хироҷ (андозҳо), андозбандии такрории даромадҳо, молу мулк ва ғайра дар доираи минтақа ташкил карда шудааст. Ҳоло вай бо номи «Иттиҳоди Шанхай» низ ном бурда мешавад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро чӣ тавр тасаввур мекунед?
2. Ҳамгироии иқтисодӣ: сабабҳои пайдоиш, самтҳои инкишоф ва омилҳои муайянкунандаи онро номбар кунед?
3. Шаклҳои асосии ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ кадомҳоянд?
4. Ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси кадом қоидаҳо ташкил карда мешавад?
5. Марҳалаҳои пайдоиш ва инкишофу таҳаввули ҳамгироиро номбар кунед?
6. Марҳалаҳои асосии инкишофи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ кадомҳоянд?
7. Иттиҳодҳои иқтисодӣ бо кадом мақсад ташкил карда мешаванд?
8. Вазифаҳои асосии Иттиҳоди Европо «Бозори Умумӣ» ҳамчун ташкили ҳамгироии иқтисодӣ. кадомҳоянд?
9. Ҳамгироии мамлакатҳои дорои иқтисоди рушди устуворро чӣ тавр тасаввур ва маънидод карда метавонед?

10. Нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии ноҳиявӣ, минтақавӣ, умумиҷаҳонӣ дар чӣ зоҳир мегардад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Заминаҳои объективӣ, шароит, услуб ва хусусиятҳои пайдоишу ташаккули ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ
2. Шаклҳои намоён ва омилҳои муҳимтарини ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ
3. Нақш ва мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии минтақавию байналхалқии иқтисодӣ

## V. ТЕСТҲО:

**1. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ тибқи чунин самтҳо сурат мегирад:**

а) истифодаи омилҳо (захираҳо)-и истеҳсолот;
б) ташкили истеҳсолоти умумибашарӣ;
в) ҳиҷрати сармоя, қувваи коргарӣ, сармоягузорӣ;
г) кулли бандҳои а, б, в.

**2. Ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ дар сатҳи зер ташкил карда мешавад:**

а) хоҷагиҳои хонавода, фирма, бозор;
б) микро-макро-мегаиқтисод;
в) мегаиқтисод;
г) мезоиқтисод, медиумиқтисод.

**3. Давраҳо (марҳалаҳо)-и инкишофи ҳамкории байналхалқӣ инҳоянд:**

а) ташкили минтақаҳои озоди тиҷорат;
б) ташкили Иттифоқи гумрукӣ;
в) ташкили иттиҳодҳои (иттифоқҳои) иқтисодӣ;
г) кулли бандҳои: а, б; в, а; б, в; а, б, в. (бандҳои нодурустро хат занед).

**4. Иттиҳод (иттифоқ)-и Европа кадом сол таъсис ёфта, минбаъд шакли комил гирифтааст?**

а) аз соли 1961 то инҷониб дар шаклҳои гуногун ташкил ва амал мекунад;

б) соли 1961 ташкил гардида, соли 1992 аз ҷониби сарварони давлатҳои ҳамшарик созмон дода шудааст;

в) соли 1961 ба имзо расида, 1 ноябри с. 1993 расман ташкил шудааст;

г) соли 1961 ташкил, соли 1992 аз нав созмон ва аз с. 1993 ба сифати иттиҳод баромад карда меояд.

**5. Давраҳои ташкил ва инкишофи ҳамгироии мамлакатҳои сирати гузаришдошта инҳоянд:**

а) озодгардони (либерализатсия)-и савдои хориҷии байни давлатҳо;

б) қабули созишнома дар бораи бунёди минтақаҳои озоди тиҷорат;

в) ворид шудан ба Иттиҳоди Европа;

г) бандҳои боло мантиқан (паи ҳам) дурустанд: а, б; б, в; а, в; в, б, а; а, б, в. (нодурусташро хат занед).

**6. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ таҳти таъсири чунин омилҳо қарор дорад:**

а) тақсими умумиҷаҳонии меҳнат, махсусгардонӣ ва кооперативонии байналхалқии меҳнат;

б) рушди иқтисод ва инқилоби илму техника;

в) ҷаҳонишави (глобализатсия)-и ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

г) кулли бандҳои а, б, в.

**7. Ба Иттиҳоди иқтисодии Евроазия кадом давлатҳо дохил мешаванд?**

а) давлатҳои Осиёи Марказӣ, Россия, Хитой;

б) Россия, Белоруссия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон;

в) ҳамаи давлатҳои муштаракул манофеъ (ИДМ);

г) давлатҳои Европа ва Осиё.

**8. Ба созмони ҳамкории Шанхай кадом давлатҳо шомиланд?**

а) Осиёи Марказӣ, Хитой;

б) Россия, Хитой, Ирон, Осиёи Марказӣ;

в) Афғонистон, Покистон, Ирон, Россия, Осиёи Марказӣ;

г) Хитой, Россия, Осиёи Марказӣ.

**9. Кадом шаклҳои ҳамгироии мамлакатҳои рӯ ба инкишоф дар шароити ҳозира бештар густариш ёфтаанд?**

а) бозори умумии Америкаи Марказӣ ва Африкаи Шарқию Ҷанубӣ;

б) ИТТИҲОДИ Кариб (КАРИКОМ), давлатҳои Африкаи Ғарбӣ (ЭКОВАС);

в) Шурои иқтисодии ягонаи Араб (СИЯИА) ва Араб Ҳалиҷи Форс (АФЭСР);

г) кулли бандҳои а, б, в.

**10. Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро чӣ ташкил медиҳад?**

а) якхела набудани сатҳ ва дараҷаи инкишоф ва пешрафти иқтисоди миллӣ;

б) ҳарчи бештар ба доираи тиҷорат ҷалб намудани омилҳои истеҳсолот;

в) дараҷаи рушди иқтисоди миллӣ, воситаҳои алоқа ва молу хадамоти байналхалқӣ;

г) кулли бандҳои: а, в; а, б; б, в; в, г; а, б, в. (нодурусташро хат занед).

## VI. АДАБИЁТ:


1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми 2. Душанбе, «Паёми ошно» 2007. Боби 28
2. Исоматов Б., Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О.К. Юнусова М.М. Назарияи иқтисод. Қисми аввали назариявӣ. Душанбе, 2003. Боби 24.
3. Исоматов Б., Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О.К. Юнусова М.М. Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Душанбе, 2003. Боби 24.
4. Ғаффоров Ш., Утаганов А., Қурбонов Б. Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ. Курси лексияҳо. Мавзӯъҳои 4; 12. Душанбе, 2007.
5. Қурбонмуродов М.Б., Ғаффоров Ш. Тоҷикистон ва интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ. Бобҳои 1, 2, 3. Душанбе, 2001.
6. Саидмуродов Л. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат. Душанбе, 2002. Бобҳои 2, 4, 6, 7 , 9, 17.
7. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ. Мавзӯъҳои 3, 10. Душанбе, «Ирфон», 2007

# БОБИ 30.
# НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОР ВА СОЗМОНҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Муносибатҳои асъории байналхалқӣ ва низоми асъорӣ.
2. Марҳалаҳои инкишофи низоми байналхалқии асъор.
3. Бозори ҷаҳонии асъор, омилҳои муайянкунанда ва хусусиятҳои он.
4. Созмонҳои молиявии байналхалқӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Қурби асъор ҳамчун асоси низоми асъорӣ.
2. Ташаккул ва такмилёбии низоми ҷаҳонии асъор.
3. Моҳият ва омилҳои танзими асъорӣ.
4. Ташаккулёбии низоми аврупоии асъор.

### 1. Муносибатҳои асъории байналхалқӣ ва низоми асъорӣ

Муносибатҳои асъории байналхалқӣ қисми таркибӣ ва яке аз бахшҳои мураккаби иқтисоди бозорӣ мебошанд. Ин муносибатҳо масъалаҳои иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳониро дарбар гирифта, дар баробари онҳо пеш мераванд ва бо ҳам печ дар печ гаштаанд.

Муносибатҳои асъории байналхалқӣ – маҷмӯи муносибат-ҳои ҷамъиятӣ мебошанд,ки дар мавриди амал кардани асъор дар хоҷагии ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, барои муомилоти байниҳамдигарии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиҳои миллӣ хизмат менамоянд.

Пешрафти муносибатҳои асъории байналхалқӣ бо тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда, ба вуҷуд омадани бозори ҷаҳонӣ, такмилёбии тақсимоти байналхалқии меҳнат, ҷаҳонишавии онҳо алоқаманд аст. Фаромиллӣ гаштани алоқаҳои

хоҷагӣ ба он оварда расонид, ки муносибатҳои асъорӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мавқеи намоёнро ишғол карданд ва дар намуди низоми асъорӣ ба расмият даромаданд.

Ҳамин тавр, яке аз шаклҳои муҳимтарини муттасилан тараққикунандаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ муносибатҳои алоқаманд бо раванди истифодабарии асъор дар хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Муомилоти байниҳамдигарии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳисобу китоби бо он пайваста дар шакли пулӣ ба ҷо оварда мешавад. Ҳамагуна воҳидҳои пулии мамлакатҳои алоҳида аз нуқтаи назари муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ асъор мебошанд. Ҳамчун «асъор» воҳиди пулии мамлакат, аломатҳои пулии давлатҳои хориҷӣ, асъори коллективӣ истифода карда мешавад.

Муносибатҳои асъорӣ нисбатан мустақиланд. Аммо онҳо тавассути тарозии пардохт, қурби асъор, амалиёти қарзӣ ва ҳисоббаробаркунӣ ба ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ, самт ва суръати тараққиёти хоҷагии мамлакат, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ таъсири муассир мерасонанд. Ин натиҷаи фаромиллӣ гаштани ҳаёти хоҷагӣ, инкишоф ёфтани тамоюлҳои ҳамгироигардӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, баланд шудани нақши омилҳои беруна дар ҷараёни такрористеҳсолии миллӣ, афзудани ҳаҷми савдои ҷаҳонии асъор, бавуҷудой ва паҳншавии воситаҳои нави молиявӣ мебошад.

Моҳияти иҷтимоию иқтисодии муносибатҳои асъорӣ дар таъмин намудани шартҳои зарурии мусоидаткунанда ба ҷараёни такрористеҳсол дар доираи хоагии ҷаҳонӣ ифодаи худро мeёбад.

Субъектҳои муносибатҳои асъорӣ аз давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо фаъолияти иқтисодии хориҷӣ машғуланд, иборатанд.

Мафҳуми асъор банкнот, танга, чиптаҳои хазинавӣ, қоғазҳои қиматнок, фулузоти қиматбаҳоро дар бар мегирад. Ин ҳуҷҷатҳои пардохтӣ дар бозори махсус – бозори асъор хариду фурӯш карда мешаванд.

Талабот ва таклифоти асъор аз талабот ба пул, ӯҳдадориҳои мамлакат, ки дар муомилоти асъории мол, хизматрасонӣ ва ҳаракати сармоя ифода меёбанд, вобаста мебошанд.

Имконият ва шаклҳои истифодаи асъори миллӣ дар ҳисобу китоби байналхалқӣ ва тартиби табодули он ба воҳидҳои пули хориҷӣ мутобиқи қонунгузории асъории мамлакатҳо ба танзим дароварда мешаванд. Вобаста аз дараҷаи ҳамгироигаштани иқтисодиёти мамлакат дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва дигар шароитҳо метавонанд тартиботи гуногуни баргардандагии асъорро барқарор намоянд. Зери мафҳуми «баргардандагии» асъор бадалшавандагии он фаҳмида мешавад.

Аз рӯи моҳияти иқтисодиаш баргардандагии асъор унсури хоҷагии бозорӣ мебошад. Дар бозори асъор муомилоти асъори миллӣ бо воситаи амали хоҷагӣ, яъне хариду фурӯш сурат мегирад.

Баргардандагӣ ба дорандаи асъори миллӣ имконияти озодона ихтиёрдорӣ кардани захираҳои пулиро дар дохил ва хориҷи мамлакат таъмин мекунад, ки дар ниҳоят ин ба ворид шудани иқтисодиёти мамлакат ба хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Се дараҷаи бадалшавандагии асъорро аз ҳам фарқ мекунанд:

- асъори озодона бадалшаванда;
- асъори қисман бадалшаванда;
- асъори бадалнашаванда.

<u>Озодона бадалшаванда</u> – ҳамон хел асъоре мебошад, ки озодона ва бемаҳдудият ба дигар асъорҳои хориҷӣ ва воситаҳои пардохтии байналхалқӣ бадал шуда метавонад. Ба қатори асъори озодона бадалшаванда асъори он мамлакатҳое дохил мешаванд, ки ҳеҷ ягон маҳдудият дар амалиёт бо асъор вуҷуд надорад. Доллари ИМА, фунт стерлинги Британия, иенаи Япония ва ғайра аз ҳамин гуна асъорҳо мебошанд. <u>Қисман бадалшаванда</u> - асъори миллии давлатҳое мебошад, ки маҳдудияти асъорӣ барои резидентҳо, инчунин ба намудҳои алоҳидаи амалиёти асъорӣ ҷорӣ карда шудааст. Ба гурӯҳи <u>асъорҳои бадалнашаванда</u> асъори миллии мамлакатҳое дохил мешаванд, ки танҳо дар доираи як мамлакат амал карда, ба асъори хориҷӣ

бадал карда намешаванд. Ин гуна асъор асосан асъори он мамлакатҳое мебошад, ки барои онҳо маҳдудиятҳои гуногун ҷорӣ карда шуда, баровардану овардан, хариду фурӯш ва ба асъори хориҷӣ бадал кардан манъ карда шудааст.

Маҷмӯи муносибатҳои пулию қарзие, ки дар асоси фаромиллӣ гаштани ҳаёти хоҷагӣ ва тараққии бозори ҷаҳонӣ ташкил ёфта, дар меъёрҳои давлатию ҳуқуқӣ ва шартномавӣ сабт шудааст, **низоми асъорӣ** номида мешавад.

Низоми асъории байналхалқӣ - низоми мубодилаи асъорҳои гуногуни миллӣ мебошад, ки барои танзими дархостҳо ва адо кардани қарзҳое, ки дар натиҷаи амалиёти савдои хориҷӣ ва дигар амалиёти байналхалқии молиявӣ ба вуҷуд меоянд, заруранд. Низоми асъории байналхалқӣ маҷмӯи қоида ва қонунҳо мебошад, ки фаъолияти бонкҳои марказии пулбарорандаро дар бозорҳои хориҷии асъор ба танзим медарорад. Ин қоидаҳо ҷараёни савдои байналхалқиро осон мегардонанд. Бавуҷудоии низоми асъорӣ бо сабаби тараққии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва, пеш аз ҳама, савдои байналхалқӣ алоқаманд аст. Дар мавриди содирот ва воридоти мол ва хизматрасонии гуногун зарурати муайян кардани қурби асъор пеш меояд.

Низоми байналхалқии асъор унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- асъорҳои миллӣ ва воҳидҳои байналхалқии ҳисобҳои асъорӣ, шартҳои бадалшавандагии байниҳамдигарии асъор;
- танзими байнидавлатии маҳдудияти асъорӣ;
- танзими байнидавлатии қарзи байналхалқӣ;
- якхела кардани шаклҳои асосии ҳисобкуниҳои байналхалқӣ;
- қоидаҳои бозорҳои байналхалқии асъорҳо;
- созмонҳои байналхалқии ба амал барорандаи танзими байнидавлатии асъорӣ.

Унсури асосии ҳар як низоми асъорӣ – худи асъор мебошад. Ҳар як мол, ки вазифаи пулро дар сатҳи байналхалқӣ иҷро мекунад, асъор мебошад. Пас, ***асъор*** гуфта ҳам пули миллии мамлакатро меноманд (рубл – асъори Русия, доллар –

асъори ИМА) ва ҳам нишонаи пулии давлати хориҷиро. Инчунин воситаҳои қарзии муомилот ва пардохт, ки дар воҳиди пулии хориҷӣ зоҳир шуда, дар ҳисобу китобҳои байналхалқӣ истифода бурда мешавад, асъор мебошад.

Ҳамин тавр, вобаста ба мансубият асъорҳои зеринро фарқ мекунанд:

- асъори миллӣ – воситаи қонунии пардохт дар ҳудуди мамлакат – эмитент (сомонӣ дар Тоҷикистон, тенге дар Қазоқистон, юан дар Хитой ва ғ.);
- асъори хориҷӣ – воситаи пардохти дигар мамлакатҳо, қонунан ва ё ғайриқонунӣ дар ҳудуди мамлакати мазкур истифодашаванда (доллар дар Тоҷикистон, рубли Русия дар Белорусия ва ғайра).

Қурби асъор яке аз унсурҳои низоми асъорӣ ба ҳисоб меравад. Зери қурби асъор нархи воҳиди пулии як мамлакат дар воҳиди пули дигар мамлакат дар санаи (таърихӣ) муайян фаҳмида мешавад. Қурби асъор нишон медиҳад, ки чӣ қадар воҳиди асъори миллӣ барои харидани як воҳиди асъори хориҷӣ талаб карда мешавад. Дар мавриди содирот ва воридоти мол ва хизматрасонии гуногун зарурати муайян кардани қурби асъор пеш меояд. Муайян кардани қурби асъор барои муомилоти байниҳамдигарии асъор дар мавриди савдои мол, хизматрасонӣ, гардиши сармоя ва ҷорӣ кардани кредит зарур аст.

## 2. Марҳалаҳои инкишофи низоми байналхалқии асъор

Дар инкишофи низоми байналхалқии асъор чор давраи асосиро ҷудо мекунанд. Ин давраҳо бо меъёрҳои зерин тавсиф карда мешаванд: активи (пули) асосӣ, ки барои танзими тарози пардохт истифода бурда мешавад; истифодаи тилло ба сифати пулҳои ҷаҳонӣ; тартиботи қурби асъор; тартиби институтсионалии низоми асъор. Мувофиқи ҳамин меъёрҳо низомҳои ҷаҳонии асъор аз инҳо иборатанд:

- низоми асъории Парижӣ;
- низоми асъории Генуэягӣ;
- низоми асъории Бреттон-Вудсӣ;

- низоми асъории Ямайкагӣ.

Ин марҳалаҳоро, чун қоида, бо конференсияҳои байналхалқӣ (Париж-1867; Генуэя – 1922; Бреттон–Вудс, ИМА – 1944, Кингстон, Ямайка – 1976) алоқаманд менамоянд. Дар он конференсияҳои байналхалқӣ масъалаҳои асъорӣ муҳокима гашта, пешниҳодот дар бораи аз нав дида баромадани шартномаҳои байнидавлатии асъорӣ қабул карда шуда буданд. Нақши муҳимро дар ташаккулёбии низоми асъор тараққии мунтазами хоҷагиҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, ҷобаҷогузории қувваҳои асосии марказҳои хоҷагии ҷаҳонӣ бозиданд.

**Низоми якумин – низоми ҷаҳонии асъории соли 1867 – уми Парижӣ** ба ҳисоб меравад. Аз намунаи нуқрагӣ (ки ба стандарти нуқрагии франки франсузӣ асос ёфта буд) ба стандарти тиллоӣ (монометализми тиллоӣ) рӯй оварда шуд. Бо ин аз Иттифоқи пардохтии Лотинӣ дар Аврупо маҷбуран даст кашидан лозим буд. Ба Иттифоқи пардохтии Лотинӣ дар Аврупо ба ғайр аз Германия ва Голландия дигар давлатҳои аврупоӣ, ба монанди Франсия, Белгия, Италия, Швейтсария, вилояти Папа ва Юнон дохил мешуданд.

Низоми асъории Париж бо чунин қоидаҳояш фарқ мекунад:

- дар асоси он стандарти тангаи тиллоӣ гузошта шуд;
- ҳар як асъори миллӣ қурби тиллоӣ дошт. Мувофиқи таъмини тиллоиаш паритети (баробарии) тиллоӣ муқаррар карда шуд. Ҳамагуна асъорро ба тилло озодона мубаддал кардан мумкин гашт;
- бо ба ҳисоб гирифтани талабот ва таклифоти бозорӣ тартиботи озодона шинокунии қурбҳои асъорӣ муқаррар карда шуд.

Барои мӯътадил амал кардани низоми асъорӣ, ки ба стандарти тангаи тиллоӣ (тиллотанга) асос ёфтааст, дар ҳар як мамлакати ба низом дохил буда, мавҷудияти захираи тиллоӣ, инчунин дар муомилот миқдори кифояи пулҳои тиллоӣ ҳатмӣ гашт. Маҳдудияти аввалини захираи умумиҷаҳонии тилло ногузирии бӯҳрон ва ивазшавии минбаъдаи низоми асъорро қаблан муайян намуд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бавуҷудоии бӯҳрони низоми асъориро тезонид. Аз аввали ҷанг бонкҳои марказии давлатҳои иштирокчии низом мубодилаи банкнотро ба тилло қатъ гар-

дониданд. Интишори банкнот барои пӯшонидани хароҷоти ҳарбӣ зиёд гашт, ки ин таварруми пуршиддат ва бесарусомонии муносибатҳои асъориро ба вуҷуд оварда буд.

Мамлакатҳои дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ғолибомада – ИМА, Франсия, Британияи Кабир – соли 1922 дар Генуэя ба конференсияи иқтисодии байналхалқӣ ҷамъ омада, барои ҳамаи мамлакатҳо **низоми дуюми асъории ҷаҳонӣ – Низоми Генуэя** – гиро муайян намуданд. Низоми Генуэягӣ ба стандарти тиллою асъорӣ (золотодевизный стандарт) асос гузошт. Чунин қоидаҳои низоми асъории Генуэя муайян карда шуда буданд:

- асоси онро тилло ва асъорҳои хориҷӣ ташкил доданд. Пулҳои миллӣ ба сифати воситаҳои захиравӣ – пардохтии байналхалқӣ истифода бурда шуд. Маҳдудияти бо истифодабарии стандарти тангатилло алоқаманд, аз байн бардошта шуд. Дар баробари ин, низоми байналҳалқии асъор аз ҳолати иқтисодиёти миллии мамлакатҳои асосӣ вобаста гашт. Бо вуҷуди он дар фосилаи байни ду ҷангҳои ҷаҳонӣ статуси асъори захиравӣ ба тариқи расмӣ ба ҳеҷ ягон асъори мамлакатҳо вобаста карда нашуд.
- баробарии тиллоӣ нигоҳ дошта шуд. Конверсияи асъор (ивази пул) ба тилло ҳам мустақиман (асъори ИМА, Франсия, Британия) ва ҳам ғайримустақиман, тавассути асъори хориҷӣ ба вуҷуд оварда мешуд.
- усули озодона шинокунии қурби асъор нигоҳ дошта шуд.
- танзими асъорӣ унсури нави низоми молиявии ҷаҳонӣ гашт ва дар шакли сиёсати фаъоли асъорӣ иҷро карда мешуд.

Мутахассисони дар тартиб додани лоиҳаи низоми асъории байналхалқӣ иштироккарда кӯшиш намуданд, чунин қоидаҳои низоми иқтисодиро коркарда бароянд, ки қобилияти таъмин кардани рушди иқтисодӣ ва маҳдуд намудани оқибатҳои манфии иҷтимоию иқтисодии бӯҳронро дошта бошанд. Дар натиҷа лоиҳаи Уайт Г.Д. (ИМА) ва Ҷ.М. Кейнс (Британия) тайёр карда шуд. Лоиҳаи америкоӣ ҳамчун асос қабул гардид.

Соли 1944 дар Бреттон – Вудсӣ ИМА дар конференсияи асъорию молиявӣ **низоми сеюм – низоми асъории Бреттон – Вудсии байналхалқӣ** ба расмият дароварда шуд. Чунин қоидаҳои низоми Бреттон – Вудсии асъор муайян карда шуда буданд:

- дар баробари тилло ба сифати пулҳои ҷаҳонӣ истифода бурдани доллари ИМА;
- ӯҳдадории хазинаи ИМА барои бонкҳои марказӣ ва муассисаҳои ҳукуматии дигар мамлакатҳо мувофиқи қурби расмӣ (35 доллар=1 унсия тилло; як унсия тилло = 31,1035 г) иваз кардани доллар ба тилло;
- баробаркунии тарафайн ва ивазкунии асъор дар асоси паритети асъории тилло ва доллари ИМА мувофиқи созишнома бо Фонди байналхалқии асъор;
- қурби бозории асъор на бояд аз паритети доллари муайян кардашуда фарқ кунад. Фарқият на бояд аз 1% каму зиёд шавад. Яъне асъор ба доллари ИМА сахт вобаста карда шуд;
- танзими байнидавлатии муносибатҳои асъорӣ асосан тавассути Фонди байналхалқии асъор ба амал бароварда мешавад.

Охири солҳои 60-ум, аввали солҳои 70-ум низоми Бреттон – Вудсӣ бо шиддатёбии фаромиллишавии хоҷагии ҷаҳонӣ муқобил омад. Стандарти тиллоиву долларӣ оҳиста-оҳиста ба низоми стандарти долларӣ табдил ёфт. Бо вуҷуди он, дар натиҷаи номӯътадилгардии тараққиёти иқтисодӣ, пурзӯршавии таъсири иқтисодии Аврупои Ғарбӣ ва Япония, вазъи доллар дар ҷаҳон суст гардид. Берун аз қаламрави Амрико захираҳои доллар маблағи калонро ташкил дод. ИМА (15 августи 1971) аз ба тилло иваз кардани доллар рӯй гардониданд. Нархи расмии доллари тилло бекор карда шуд.

Соли 1976 дар конференсияи Хазинаи байналхалқии асъор дар ш. Кингстон (Ямайка) асосҳои низоми нави ҷаҳонии асъор муайян карда шуд. **Низоми чоруми байналхалқии асъор – Низоми Ямайкагӣ** ба вуҷуд омад. Аз машварати Ямайкагӣ бармеояд, ки мазмуни механизми байналхалқии асъорро инҳо ташкил медиҳанд:

- вазифаи тилло ҳамчун ченаки арзиш бекор када шуд. Тилло ба моли муқаррарӣ табдил ёфт ва дар бозор нархи озод пайдо кард. Дар баробари ин тилло ҳамчун активи ивазшавандаи махсус боқӣ монд. Дар ҳолати зарурӣ тиллоро фурӯхта асъори аз он ба дастомадаро барои пардохт истифода бурдан мумкин гашт;
- ба мамлакатҳо ҳуқуқ дода шуд, ки речаи асъории дилхоҳашонро интихоб намоянд. Муносибатҳои асъории байни мамлакатҳо ба қурби тағйирёбандаи воҳидҳои пуллии онҳо бояд асос меёфт.

Қоидаҳои асосии низоми асъории Ямайка ин тавр муайян карда шуданд.

- ҷорӣ карда шудани «қурби тағйирёбандаи» асъор;
- ба сифати пулҳои ҷаҳонӣ истифода бурдани асъори миллӣ;
- пайдарҳам кам кардани ҳисобу китобҳои байналхалқӣ бо доллар;
- ба сифати воситаи асосии ҳисобкунии байналхалқӣ ва захиравӣ оҳиста-оҳиста ҷорӣ кардани воҳиди пулии ҳамҷояи Хазинаи байналхалқии асъор – Ҳуқуқҳои махсуси гирифтан – специальное право заимствования (СДР);
- хориҷ кардани тилло аз пардохтҳои байнидавлатӣ;
- бекор кардани нархи расмии тилло ва иҷозат додани хариду фурӯши тилло бо нархҳои бозорӣ;
- ҳуқуқи мамлакатҳо доир ба интихоби ҳаргуна қурби асъор;
- ба Хазинаи байналхалқии асъор додани ваколати назоратӣ аз болои сиёсати асъории мамлакатҳои аъзои Хазина.

Ҳамин тавр, низоми асъории Ямайка мазмуни даст кашидан аз як қатор қоидаҳои низоми Бреттон – Вудсиро дошт ва таъин мекард, ки тилло дигар дар нақши пул фаъолият нахоҳад кард.

### 3. Бозори ҷаҳонии асъор, омилҳои муайянкунанда ва хусусиятҳои он

Бозори асъор соҳаи махсуси муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар он хариду фурӯш, иваз кардани асъори хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои пардохтие, ки нақши асъори хориҷиро бозида метавонанд, ба вуҷуд меоянд. Бозори асъор механизме мебошад, ки тавассути он боҳамтаъсиррасонии фурӯшандагон ва харидорони асъор ба амал омада, асъори як мамлакат ба дигараш иваз карда мешавад. Бо тезӣ ҳисобу китоб кардан, мавҷудияти асъори хориҷӣ ва мавзунии бозорҳои асъор ба тараққии савдои байналхалқӣ мусоидат мекунад. Вобаста аз ҳаҷм ва хислати амалиёти асъорӣ, инчунин миқдори асъорҳои истифода бурда шавандаи бозорҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллии асъорро аз ҳам фарқ мекунанд.

Бозори ҷаҳонии асъор дар асоси озод гардонидани бозорҳои миллӣ, ки ҳаракати асъори хориҷиро аз як малакат ба дигараш осон карда тавонист, аз охири солҳои 60-ми асри XX то ба имрӯз бино ёфтааст.

Бозори ҷаҳонии асъор – марказҳои расмии молиявӣ мебошанд, ки инҷо амалиёти хариду фурӯши асъор дар асоси талаботу таклифот ба вуҷуд оварда мешавад. Объекти бозори ҷаҳонии асъор танҳо асъори озодона бадалшаванда мебошад. Аз ҷиҳати ташкилию техникӣ бозори ҷаҳонии асъор – маҷмӯи воситаҳои ҳозиразамони телекоммуникатсионӣ, ба монанди, телекс, низоми иттилоотии бонкӣ, шабакаи компютерии байни ҳамдигар пайвасткунандаи бонкҳо ва биржаҳои фондии мамлакатҳои гуногун мебошанд. Онҳо амалиёти асъорӣ мегузаронанд ва аз хизматрасонандаи ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ иборатанд.

Ҷараёни савдои асъор дар бозор ба ягон нуқтаи ҷуғрофӣ, ё ки вақти муайяни қайдкардашудаи кушодану пӯшидан вобаста карда намешаванд. Асоси бозори ҷаҳонии асъор бозори байнибонкӣ мебошад, ки натиҷаи бо ҳамтаъсиррасонии ҳисобҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ аст. Захираҳои ин бозор ба тиҷоратӣ ва танзимгарӣ ҷудо мешаванд. Захираҳои якум ба бонкҳои тиҷоратӣ таалуқ доранд, захираҳои танзимгарӣ ба бонкҳои марказии пулбарор таалуқ доранд. Дар ин бозор то 30% захираҳои асъории расмӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд.

Ба тавсифи бозори ҷаҳонии асъор ҳаракати озоди сармоя, набудани ҳиссаи (квотаи) муқарраркардашуда барои хариду фурӯши асъор, тадбирҳои маъмурӣ оид ба танзими қурби асъор, инчунин шаффофияти (бо истилоҳ транспарентивӣ) бозор, яъне қурб мунтазам ба ҳамаи иштирокчиёни бозор хабар дода мешаванд, хос мебошад. Ҳамин тавр, доираи аниқи бозори ҷаҳонии асъорро муайян кардан ғайри имкон аст. Ин бозори ҷаҳоние мебошад, ки барои асъорҳои асосии ҷаҳонӣ шабу рӯз амалкунанда аст.

Нақши бозори ҷаҳонии асъорро вазифаҳои он муайян мекунанд. Ин вазифаҳо иборатанд аз:

- хизматрасонии байналхалқии гардиши мол, хизматрасонӣ ва сармоя;
- зери таъсири талаботу таклифот ташаккулёбии қурби асъор;
- ба ҷо овардани амалиёти клирингӣ; муомилаи суғуртавӣ;
- ба ихтиёр гузоштани воситаҳои амалишавии сиёсати пулию қарзии бонкҳои марказӣ;
- бурдани амалиёти арбитражӣ.

Мувофиқи миқёси амалиёт бозори асъор аз миқёси ҳисоби миёнаи солонаи дигар бозорҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ зиёд аст. Вай то ба 200-250 триллион доллари ИМА мерасад. Миқёси асосии хариду фурӯши асъор ба марказҳои молиявии ҷаҳонӣ Лондон, Франкфурт, Нью-Йорк, Токио рост меояд.

Иштирокчиёни бозори ҷаҳонии асъор, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ (фондҳои маблағгузорӣ ва суғуртавӣ), бонкҳои марказӣ, ки нақши танзимкунандагиро мебозанд, ширкатҳои саноатӣ, идораҳои даллолӣ мебошанд.

Ҷараёни муқаррар намудани қурби асъор котировкаи асъор (нархмонӣ, нарх таъминкунӣ) номида мешавад. Ду намуди котировка: мустақим ва ғайримустақим мавҷуд аст. Котировкаи мустақим – қурби воҳиди асъори хориҷӣ дар асъори миллӣ ифода карда мешавад. Котировкаи ғайримустақим – ҳамчун воҳиди асъори миллӣ қабул шудааст, ки қурбаш дар миқдори муайяни асъори хориҷӣ ифода ёфтааст. Ифодакунандаи бозори ҷаҳонии асъор бозорҳои байнибонкӣ ва биржаҳо мебошанд. Биржаҳои калонтарини байналхалқии асъорӣ ва молиявӣ дар марказҳои

молиявии ҷаҳонӣ ҷамъ омадаанд, ки дар онҳо муомилаи босуръати асъор ба вуҷуд оварда мешавад. Ин биржаи молии Чикаго, биржаи байналхалқии пулии Сингапур, биржаи байналхалқии молиявии фючерсҳои Лондон мебошанд.

Дар бозори ҷаҳонии асъор чунин мафҳумҳоро фарқ мекунанд: бозори асъор, еврорынок (бозори евродоллар).

Зери мафҳуми «еврорынок» (evromarket) – маҷмӯи муомилоти асъорӣ фаҳмида мешавад, ки дар бозори озоди ҷаҳонӣ берун аз мамлакати асъор ба амал меояд.

### 4. Созмонҳои молиявии байналхалқӣ

Дар низоми сохторҳои интитутсионӣ танзими иқтисодиёти миллӣ ва алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ нақши муҳимро созмонҳои байнидавлатии иқтисодӣ мебозанд. Онҳо воситаи амалиёти якҷоя дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Сароғози бавуҷуд омадани институтҳои молиявии байналхалқӣ ташаккулёбии Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ (соли 1929) дониста мешавад. Вазифаи Бонки мазкур аз танзими бахши қарзӣ ва ҳисобу китоби байниҳамдигарии мамлакатҳои саноатӣ иборат буд.

Дар охир ва баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ як қатор созмонҳои иқтисодӣ ва молиявӣ ташкил ёфтанд. Аз ҷумла, соли 1944 Хазинаи байналхалқии асъор (ХБА) ва Бонки байналхалқии тармим ва тараққиёт (ББТТ) ба вуҷуд омаданд. Онҳо даъват шудаанд, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонии танзимшаванда асос гузоранд. Доираи фаъолияти ин созмонҳои байнидавлатӣ гуногунад. Мақсади ХБА нигоҳдошт ва танзими ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ, муносибатҳои асъорӣ ва мувозинати тарози пардохт мебошад. ББТТ ба тармим ва тараққии ҳудуди давлатҳои аъзо тавассути ҳавасманд намудани сармоягузорӣ барои мақсадҳои истеҳсолӣ, додани қарз барои тараққиёти иқтисодӣ вазифадор шудааст.

Дар давраи ҳозира нақш, мавқеъ ва нуфузи институтҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии молиявию қарзӣ назарнамо шуда истодааст. Зеро истифодаи ҳаҷми калони воситаҳое, ки давлатҳо барои тараққиёт ва ҳамкорӣ равона мекунанд, тавассути ҳамин институтҳо амалӣ мегарданд.

Институтҳои молиявию бонкии бисёрҷабҳаро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- **институтҳои ҷаҳонии молиявию қарзӣ**. Ба он ХБА ва Бонки умумиҷаҳонӣ, инчунин Бонки байналхалқии ҳисоббаробаркуниҳо дохил мешаванд;
- **бонкҳои минтақавии бисёрҷабҳаи тараққиёт**. Ба он Бонки байни америкоии тараққиёт, Бонки рушди Осиё, Бонки африкоии тараққиёт, Бонки исломии тараққиёт, Бонки инвеститсионии аврупоӣ, Бонки аврупоии тармим ва тараққиёт ва ғайра дохил мешаванд.

**Фонди байналхалқии асор** – ташкилоти байналхалқии молиявӣ мебошад, ки мақоми муассисаи махсусгардонида шудаи СММ (ООН)-ро дорад. ХБА дар коференсияи асъорию молиявии байналхалқӣ дар шаҳри Бреттон – Вудсӣ ИМА (соли 1944) ташкил ёфтааст. Ва аз моҳи марти соли 1947 амал мекунад. Дар Вашингтон ҷойгир шудааст. Мувофиқи оинномааш вазифаи ХБА аз мадад расонидан ба тараққиёти савдои хориҷӣ ва ҳамкории байналхалқии асъорию молиявӣ, нигоҳ доштани баробарии тавозун (баланси) пардохти мамлакатҳои аъзои ХБА ва танзими қурби асъори онҳо, иборат аст.

Фаъолияти ХБА асосан зери таъсири ИМА, ки дар он нақши асосиро мебозад, қарор дорад. Захираҳои он аз аъзоҳақиҳои мамлакатҳои аъзо ба вуҷуд омадаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 1993 узви Хазинаи байналхалқии асъор гардид. Саҳми аввалаи Тоҷикистон ба хазинаи амонати молиявии ХБА 57,7 миллион доларро ташкил дод.

Таърихи ХБА – ин таърихи афзоиши назорат ва дахолат кардан ба корҳои дохилии мамлакатҳои аъзо мебошад. Аллакай аз соли 1952 ба тартиби қарздиҳӣ ва низоми назорати қарзгирандагон тағйироти куллӣ дароварда шуд. Тамоми қарзҳои Хазина ба ду тарз ҷудо гардид: қарзҳое, ки ба тариқи автоматӣ дода мешаванд (дар доираи 25%-и ҳиссаи аввал) ва қарзҳое, ки бо шартҳои муайян дода мешаванд. Дар асоси ҳамин услуби дуюми қарздҳӣ бо истилоҳ созишномаҳо («Стэндбай») – ба вуҷуд омаданд, ки мувофиқи он Хазина ба мамлакати қарзгиранда ба як вақти муайян додани қарзро кафолат медиҳад, мамлакати қарзгиранда бошад мактуб – ӯҳдадорӣ имзо мекунад, ки дар мӯҳлати қарзи гирифташуда ҳамаи пеш-

## V. ТЕСТҲО

**1. Низоми асъорӣ – ин:**

а) низоми ташкилотҳои қарзии байналхалқӣ;
б) механизми танзими соҳаи ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ ва бозорҳои асъорӣ;
в) муносибатҳои байналхалқии бо амал кардани пулҳои ҷаҳонӣ алоқаманд;
г) шакли ташкил ва танзими муносибатҳои асъории бо номаҳои байналхалқӣ мустаҳкам кардашуда.

**2. Бадалшавандагии асъор маънои онро дорад, ки:**

а) давлат ба резидентҳо ва нерезидентҳо харидан ва фурӯхтани микдори номаҳдуди асъорро иҷозат медиҳад;
б) давлат ба резидентҳо харидан ва фурӯхтани микдори номаҳдуди асъорро иҷозат намедиҳад;
в) давлат ба резидентҳо иҷозат медиҳад, ки микдори маҳдуди асъорро харида ва фурӯхта тавонанд;
г) давлат ба резидентҳо иҷозат медиҳад, ки микдори номаҳдуди асъорро харида фурӯшанд, вале инро ба нерезидентҳо иҷозат намедиҳад.

**3. Асъори захиравӣ (эҳтиётӣ)-ин:**

а) воҳиди пуллии ҳар як мамлакати дигар;
б) асъоре, ки номаҳдуд харида ва фурӯхта мешавад;
в) асъоре, ки вазифаи воситаҳои пардохти байналхалқиро иҷро карда метавонад;
г) шакли вазифагии пулҳои ҷаҳонӣ.

**4. Қурби асъор – ин:**

а) имконияти ба дигар асъор иваз шуда тавонистани асъори мамлакат;
б) нархи воҳиди пулии мамлакат, ки бо баробарқимматии тиллоӣ ифода карда шудааст;
в) истифодаи асъор дар ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ;
г) нархи воҳиди пули як мамлакат, ки дар воҳиди пули дигар мамлакат ифода карда шудааст.

**5. Яке аз унсурҳои низоми асъорӣ паритети (баробарии) асъор мебошад. Паритети асъор гуфта чиро мефаҳмед?**

а) Таносуби байни асъорҳои дар бозори асъор вобаста аз таносуби талаботу таклифот муқаррар гардидаро;
б) Таносуби байни асъорҳое, ки бо тартиби қонунӣ муқарраркардашударо;

в) Таносуби асъорҳое, ки ба таъмини тиллоиашон мувофиқанд;
г) Таносуби байни асъори миллӣ ва Евро, ки ХБА барои мамлакатҳои аъзо муқаррар менамояд.

**6. Иттифоқи асъории Аврупо ташкил ёфтааст-бо мақсади:**
а) асъори миллии устувор доштан;
б) гузаштан ба асъори ягона;
в) ба асъори дигар мамлакатҳо зид баромадан;
г) ёри расонидан ба тараққиёти иқтисодии дигар мамлакатҳо.

**7. Тавсифи асосии низоми асъории Бреттон–Вудсиро ҷудо кунед?**
а) стандарти тиллоию асъории ба тилло ва асъори захиравӣ асосёфта;
б) истифодаи тилло чун асъори ҷаҳонӣ;
в) қурби асъори ноустувори озодона;
г) танзимкунандаи асъории байналхалқии ХБА.

**8. Таснифи асосии низоми асъории Ямайкаро ҷудо кунед?**
а) ба тилло бадалшавии асъор;
б) истифодаи асъори миллӣ ба сифати пулҳои ҷаҳонӣ;
в) истифодаи тилло чун асъори ҷаҳонӣ;
г) истифодаи тилло ҳамчун ченаки арзиш;

**9. Хазинаи байналхалқии асъор (ХБА) ташаккул ёфт, бо мақсади:**
а) реструктуризацияи низоми байналхалқии асъор;
б) ба танзим даровардани низоми байналхалқии асъор, мусоидат кардан ба ҳамкории байналхалқии асъорӣ;
в) барои ёрӣ расонидан дар тараққиёти иқтисоди мамлакатҳои аъзо;
г) барои ба вуҷуд овардани лоиҳаҳои инвеститсионӣ.

**10. Тавсифи асосии низоми асъории Генуэягиро ҷудо кунед?**
а) табодули доллар ба тилло бо нархи расмӣ;
б) истифодаи тилло ҳамчун пули ҷаҳонӣ;
в) бекор шудани нархи расмии тилло, қатъ гардидани ивазкунии доллар ба тилло;
г) ба стандарти тиллоию асъорӣ табдилшавии стандарти тиллоӣ.

## VI. АДАБИЁТ

1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми дуюм. Душанбе, «Паёми ошно» 2007: Боби 31.
2. Курс экономической теории. Учебник /Под общ.ред.проф. Чепурина М.Н., проф. Киселевой Е.А. Киров, «АСА», 2009. Глава 28.
3. Курс экономической теории: Общие основы экономичской теории. Макроэкономика. Учеб. пособие /Под ред. А.В. Сидоровича. М.: Изд-во «Дело и сервис», 2007 Глава 33.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. /Пер. с 14-го англ. изд. М.: ИНФРА-М, 2005. Глава 38.
5. Международные экономические отношения: Учебник /Под ред. проф. В.Е. Рыбалкина. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. Главы 22,23.
6. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика 18-е изд.: Пер. с англ. М.: ООО «И.Д. Вильямс», 2008. Глава 29.
7. Сажина М.А., Чибриков Г.Г. Экономическая теория. Учебник для вузов. М.: Норма, 2005. Глава 27.
8. Экономическая теория. Учебник /Под ред. А.И. Архипова. С.С. Ильина. М.: Изд-во Проспект, 2006. Глава 26.
9. Экономическая теория. Учебник/Под общ. ред. А.А. Кочеткова. М.: Изд-во «Дашков и К», 2007. Глава 24.
10. Экономическая теория. Макроэкономика – 1, 2. /Под общ.ред. проф. Г.П. Журавлевой. М.: Изд-во «Дашков и К», 2008. Глава 26.
11. Экономическая теория. Учебник для вузов/ Под ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. СПб.: Питер, 2009. Глава 27.
12. Экономическая теория. Полный курс. Учебник /Под ред. Т.В. Чечелевой. М.: Книж. дом «ЛИБРОКОМ», 2010. Глава 31.

# БОБИ 31.
# ҲАРАКАТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ

## I. НАҚШАИ ДАРСҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

1. Моҳият, шакл ва оқибатҳои ҳаракати байналхалқии сармоя
2. Сармоягузории байналхалқӣ, моҳият, шакл ва хусусиятҳои ташкили он
3. Ҳиҷрати байналхалқии қувваи коргарӣ.
4. Технология, ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолоти байналхалқӣ.

## II. НАҚШАИ ДАРСҲОИ АМАЛӢ:

1. Моҳият ва шаклҳои ҳаракати байналхалқии сармоя;
2. Сармоягузории мустақим ва ғайримустақим, моҳият ва хусусиятҳои ташкили он;
3. Захираҳои технологӣ-омили муҳимтарини таъмини мубодилаи байналхалқӣ.

### 1. Моҳият, шакл ва оқибатҳои ҳаракати байналхалқии сармоя

Чи тавре аз таҳлили фаслҳои пештараи микро ва макроиқтисод маълум мегардад, омилҳои истеҳсолот (сармоя, меҳнат, замин, фаъолияти соҳибкорӣ, иттилоот, технология.) ба сифати соф омилҳои дохилии иқтисоди миллӣ хизмат намуда, дараҷа ва сатҳи ташкилу инкишоф, рушду таҳаввул, танзиму истиқрори онро чӣ барои ҳозира ва чӣ давраи оянда муайян мекунанд.

Иқтисоди миллӣ ҷузъи асосии иқтисоди ҷаҳон буда, ҳамчун натиҷаи тақсими байналхалқии меҳнат, махсусгардонӣ, кооператсияи истеҳсолоти байналхалқӣ, байналмиллали-кунонии ҳаёти хоҷагӣ, ҳамгироии иқтисодӣ сурат гирифта, барои ташкил ва минбаъд густаришу таҳаввулоти тавлидоту

муомилоти ҷаҳонӣ, савдои бозори сармоя, замин, асъор, технология ва бозори меҳнати ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд.

Мавҷуд будани ин шароитҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки омилҳои истеҳсолот на танҳо ба ҳайси омилҳои дохилӣ, балки омилҳои байналхалқӣ низ хизмат мекунанд.

Онҳо дар шаклҳои гуногун байни давлатҳои фавқулинкишоф ва инкишофёбандаю инкишофёфта ба роҳ монда мешаванд.

Сармояи байналхалқӣ зудҳаракат буда, тибқи меъёрҳои гуногун муайян карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- вазъ ва ҳолатҳои истифода – сармояи қарз, сармояи соҳибкорӣ;
- таъинот – сармоягузории мустақим, сармоягузории ғайримустақим (портфелӣ);
- мансубият – сармояи хусусӣ, сармояи давлатӣ;
- мӯҳлати амал – сармояи кӯтоҳмӯлат (1-3 моҳ), сармояи миёнамӯҳлат (то 1-сол), сармояи дарозмӯҳлат (зиёда аз 1-сол).

**Сармояи қарз** – аз ҷониби давлат ё худ субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ, дар шакли қарз (кредит) бо мақсаду мӯҳлати муайян ва шарти таъмин будан бо фоиз ҷудо карда мешавад.

**Сармояи соҳибкорӣ** – мустақиман аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ, давлат ё худ корхонаҳои давлатӣ, дар шакли сармоягузориҳо, бо мақсади ба даст овардани дивидент ба роҳ монда мешавад.

**Сармояи мустақим** – аз ҷониби соҳибкорони мустақил, аз ҳисоби сармоягузории хусусӣ, бо мақсади барқарор намудани зеркорхонаҳо, харида гирифтани қисми муайяни саҳмия ё худ бастаи назоратии саҳмияи ширкатҳои хориҷӣ истифода карда мешавад.

**Сармояи ғайримустақим** – (портфелӣ) аз ҷониби сармоягузорони хусусӣ (ё худ давлатӣ) ҳамчун амалиёти молиявӣ бо мақсади ба даст овардани қоғазҳои қиматноки ширкатҳои хориҷӣ бо асъори хориҷӣ ва чандир гардондани сатҳи таваккалии сармоягузорӣ ва гирифтани фоида (фоизи)-и муайян истифода карда мешавад.

**Сармояи хусусӣ** - ҳамчун сарфи маблағҳои молӣ ва пулии ширкатҳои хусусӣ, қарзи бонкӣ, кредити содиротӣ ё худ воситаҳои пулии бонкҳои давлатӣ бо мақсади подош ва инкишоф додани истеҳсолоти хориҷӣ, (таҳти назорати давлат) сурат мегирад.

**Сармояи давлатӣ** – тибқи қарору қарордодҳои ҳукумат, аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ, сармоягузориҳои институтҳои молиявии байналхалқӣ, ноҳиявӣ, дар шакли қарз, заёмҳо (вомбаргҳо), грантҳо, дастгирию кӯмак ва ғайра ба мӯҳлатҳои гуногун пешниҳод карда мешавад.

Сармояи давлатӣ (95%) мустақиман аз ҷониби давлатҳои тараққикардаи муосир (ИМА, давлатҳои Европаи Ғарбӣ, Япония), давлатҳои нави индустриалӣ ва дигар давлатҳои рӯ ба инкишофёфта (5%) бо мақсади кашф намудани бозори нави фурӯш, бунёд намудани корхонаҳои хусусӣ (ё худ филиалҳои онҳо), аз худ кардани сарвату дороиҳои мамлакатҳои дигар сурат мегирад.

Ҳаракати сармоя таҳти омилҳои гуногун (ҳаҷму таркиби сармоя, тақозою арза ба онҳо, қурби асъори миллию асъори ҷаҳонӣ, сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлатҳо, сиёсату идеология, сиёсати хориҷӣ, ҳаҷми содироту воридот, муҳит (иқлим)-и сармоягузорӣ, ҳақиқатпазирии лоиҳа ва барномаҳои дигаргунсозиҳо, гузаронидани ислоҳот ва ғайра) қарор дошта, дорои натиҷа ва оқибатҳои гуногун буда метавонад.

## 2. Сармоягузории байналхалқӣ, моҳият, шакл ва хусусиятҳои он

Чи тавре аз мазмуни саволи пештара бар меояд, ҳиҷрати сармоя аз як мамлакат ба мамлакати дигар, асосан бо воситаи сармоягузории мустақим ва гайримустақим сурат мегирад.

**Сармоягузории мустақими байналхалқӣ** аз ҷониби ширкатҳои бузургтарини фаромиллатӣ ё худ институтҳои алоҳидаи иқтисодию молиявӣ, бо мақсади гирифтани ҳуқуқи

моликият ва ҳуқуқи идоракунӣ ба сармоя ба роҳ монда мешавад.

**Зарурати** ташкил ва хусусиятҳои муосири ин гуна равандҳо чунинанд;

- бемайлон баландшавии қудрат ва нерӯи ширкатҳои байналхалқӣ;
- тақсим ва азнавтақсимкунии сармоя бо мақсади қонеъ гардондани дархосту эҳтиёҷи дохилӣ ва берунии худи ширкатҳо;
- боло рафтани тақозо ва ҳарчи бештар маҳдуд ғардидани ҳаҷми арза ва озод шудани танзими давлатии ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва ғайра.

Воридот ва содироти сармоягузорӣ нисбатан мураккаб ва бисёрҷанба буда, тибқи меъёрҳои зер муайян карда мешавад:

- сатҳ ва дараҷаи пешсафии технология;
- сатҳ ва дараҷаи музди кор;
- вазъ ва ҳолати реклама (таблиғ);
- ҳаҷм ва микёси тавлидот (истеҳсолот);
- ҳаҷм, нерӯ ва иқтидори истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, технологӣ ва бурунмарзии ширкатҳо;
- сатҳ ва дараҷаи ташкили истеҳсолот: тахсис, кооперация, тамарказ ва марказияти корхонаҳо;
- сатҳ ва дараҷаи таъмин будан бо захираҳои иқтисодӣ (табиӣ, сармояи меҳнатӣ, молиявӣ ва ғайра);
- сатҳ ва дараҷаи тақозо ва арза ба сармоя, нарху нархгузорӣ, рақобату рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра.

Сармоягузории мустақим бештар (зиёда аз 90%) аз ҷониби давлатҳои фавқулинкишоф (ИМА, Япония, Германия, Британияи Кабир, Франсия), давлатҳои инкишофёбандаи саноатӣ (Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур), мамлакатҳои нафти стихроҷкунанда (Арабистони Саудӣ) ва қисман давлатҳои рӯ ба инкишофниҳода ва ғайра содир карда мешавад.

**Сармоягузории ғайримустақим (портфели)-и байналхалқӣ** - дар шакли қоғазҳои қиматнок: саҳмияҳо, заёмҳо (облигатсия, вомбаргҳо), сертификатҳои депозитивӣ,

гувоҳномаҳои кафолатӣ ва сугуртавӣ, ваучерҳо, агентҳои бонкӣ ва гайра сурат мегирад.

Сармоягузории ғайримустақим бо мақсади ҳар чи зудтар таъмин намудани бозоргирии сармояи портфелӣ (табдил додани қоғазҳои қиматнок ба асъори накди миллӣ, ҷойгиронии сармоя дар мамлакатҳои сармояқабулкунанда ва ба даст овардани фоидаи баланд дар асоси услуби таваккалӣ истифода карда мешавад:

- сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим дар ҳолати мавҷуд будани шароити махсус имконпазир мебошанд. Одатан, ба сифати омилҳои муайянкунандаи **муҳити сармоягузорӣ** инҳоро номбар мекунанд:
- сатҳ ва дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсокунанда (вазъу ҳолат ва истиқрору муозинии иқтисоди миллӣ, таъмини рушд, ҳаҷм ва меъёри маҳсулоти умумии миллӣ, андӯхту истеъмол, таваррум, шуғлу бекорӣ, тақозою арзаи қувваи коргарӣ ва ғайра);
- сиёсати иқтисодии давлат оиди сармояю сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо;
- таъмини пояи ҳуқуқии хоҷагидорӣ ва сиёсати сармоягузорӣ;
- накш ва мақоми иқтисоди миллӣ дар воридоту содироти сармояю сармоягузорӣ ва фаъолияти созмону фондҳои байналхалқӣ;
- бартараф намудани монеъгарӣ ва маҳдудгардониҳо дар ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ бо мақсади ҳимояи тавлидгарони ватанӣ дар бозори дохилӣ ва гайра.

### 3. Ҳиҷрати байналхалқии қувваи коргарӣ

Ҳиҷрати байналмилалии меҳнат унсури муҳимтарини бозори ҷаҳонии омилҳои истеҳсолот буда, дар асоси ба ҳам пайваст ва иттисол гардидани бозори миллии меҳнат (қувваи коргарӣ) бо бозори ҷаҳонии меҳнат, бозорҳои сармоя, асъор,

молу хадамот, технология, иттилоот, сармоягузорӣ ва ғайра ташкил мегардад.

**Сабаби** асосии ҳаракати байналхалқии қувваи коргарӣ омилҳои иқтисодӣ (сатҳ ва дараҷаи пешрафти иқтисоди миллӣ, дараҷаи даромаду даромаднокии иктисодиёт, сатҳи шуғли аҳолию бекорӣ, зисту зиндагонӣ, беҳбудии аҳолӣ, таваррум), шароитҳои сиёсӣ, миллӣ, динӣ, оилавӣ, нажодгароӣ, вазъи байналхалқӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

**Ҳаракати байналмилалии** қувваи коргарӣ дар ду шакл: **эмигратсия** (аз ҳудуди мамлакат берун рафтани кормандону мутахассисон) ва **иммигратсия** (муҳоҷират–ворид шудани қувваи коргарӣ аз як мамлакат ба давлати дигар) сурат мегирад. Ин раванд чунин лаҳзаҳоро дар бар мегирад:

- ҳиҷрат аз давлатҳои ғайриинкишоф ба мамлакатҳои фавқулинкишофи бозорӣ;
- ҳиҷрати байни давлатҳои фавқулинкишоф;
- байни давлатҳои инкишофёбанда, инкишофёфта, рӯ ба инкишоф ниҳода, дар ҳолати гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҷой дошта;
- ҳиҷрат аз мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ ба мамлакатҳои дигар;
- байни ноҳия (ва минтақаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, Иттиҳоди Европа, Осиё, Америка, Африка ва ғайра.

Ҳиҷрат ҳамчун ворид ё худ содири қобилияти меҳнатии шахсони алоҳида, мутахассисони варзида (ҳиҷрати ақлонӣ) сурат гирифта, имкон медиҳад, ки бозори меҳнати ҳар як давлат танзим, ҳаҷми мӯътадили он ташкил, шумораи бо кор бандбудагон ва бекорон муайян, дараҷаи ихтисоснокӣ баланд, воридоти асъор зиёд, тақозо ва арза дар бозори молӣ ва пулию молиявӣ, ҳаҷми даромад ва қобилияти хариддории омма ва сатҳи зиндагӣ баланд гардад.

Дар шароити ҳозира ҳиҷрати қувваи коргарӣ аз ҷониби қонунҳои миллӣ, созишномаҳои ду ё худ чандинтарафаи байни давлатҳо танзим ва идора карда мешавад.

Дар ин ҷода Тоҷикистон истисно буда наметавонад. Ҳоло вай ба яке аз мамлакатҳои содиркунандаи қувваи коргарӣ мубаддал гардидааст. Он асосан дар шакли қувваи коргарии

беихтисос сурат гирифта, доираи мамлакатҳои ИДМ, алалхусус Россия ва дигар мамлакатҳои Осиёи Марказиро фаро мегирад. Тибқи маълумоти оморӣ вай қариб 1 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Сабабҳои асосии ҳиҷрати аҳолиро мутахассисон чунин шарҳ медиҳанд:

* кор накардани корхонаҳои бузурги саноатӣ, набудани ҷои кор;
* нисбатан паст будани сатҳ ва дараҷаи музди кор ва даромад, сатҳи зиндагӣ, ташкили шаклҳои бизнесу соҳибкорӣ;
* ҳарчи бештар амиқ гаштани доираи иқтисоди ниҳонӣ, ҳукмронии монополияҳои табиӣ, коррупсия ва ғайра;
* набудани пояи устувор оиди ба даст овардани маълумот (ихтисос) ва тибқи он дар ояндаи наздик шуғл варзидану таъмин намудани ҳаёти воқеӣ ва ғайра.

### 4. Технология, ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолоти байналхалқӣ

Технология, таҳлил ва таҳқиқи он аз нигоҳи илми иқтисод ба сифати омили истеҳсолот ва предмети меҳнат, ки қодир аст дар як давра ва мӯҳлати муайян, таркиб, ҳаҷму меъёр, сифат, ҳосилнокию шиддат ва самаранокию даромаднокии истеҳсолотро таъмин намояд, тасаввур карда мешавад.

Он ҳамчун шакл ва натиҷаи ниҳоии зуҳури омилҳои сармояи байналхалқӣ, сармоягузорӣ, меҳнат ва муомилоти байналхалқӣ баромад мекунад.

Дар адабиёти муосири Ғарб ба самтҳои зерини ташкил ва таҳаввули технология: технологияи иттилоотӣ, биотехнологӣ, технологияи нав, технологияи кайҳонӣ, технологияи ядроӣ ва ғайра бештар аҳамият дода мешавад.

Барои илми иқтисод вай бештар аз нигоҳи нақш ва мақоми иштирок дар раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, таъмини ҳосилнокию самаранокии баланд, ба ҳадди ақал (минимум)

расондани хароҷот ва ба ҳадди аксар (максимум) боло бурдани фоиданокии истеҳсолот аҳамият дода мешавад.

Натиҷаи интиҳоии он ба сифати нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ:

- интизории технологияи нав, тавлиди маҳсулот, неъмат ва шаклҳои нави хадамот;
- имконияти истифода ва эътирофи он аз ҷониби бахшҳои хусусӣ, хонавода, бизнес ва давлат;
- паст кардани арзиш, нарх, хароҷот, афзун гардондани фоида, самаранокӣ, даромаднокӣ, ҳосилнокӣ, шиддатнокӣ ва ғайра;
- имконияти паҳноиш ва эътироф аз ҷониби субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ (миллӣ, ноҳиявӣ, ҷаҳонӣ);
- таъмини рақобат ва рақобатпазирӣ, кафолати таваккалӣ, бехатарии маҳсулот;
- кафолати шугл, рушду инкишофи истеҳсолот, бехтар намудани шароити кор, зисту зиндагонӣ, муҳити зист ва гайра сурат мегирад.

Тақозо ба технологияи байналхалқӣ дар шароити мавҷуд будани чунин **шароитҳо** қулай ва самарабахш мебошад:

✱ тавлиди молу маҳсулот ва пешниҳоди хадамоте, ки дар асоси технологияи нав қарор дошта бошад;
✱ арзаи сармоя дар асоси технологияи навтарини сармояталаб;
✱ қарор доштани ҳиҷрати меҳнат дар асоси таъмини кадрҳои баландихтисоси илмию техникӣ;
✱ таъмини усулҳои беҳтарини кишт, коркардабарой, дигаргунсозии таркиби хок, тарзу услуби хоҷагидорӣ дар асоси кашфиётҳои илмию техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
✱ имконияти истифодаи ихтироот, навовариҳо, кашфиёт дар соҳаҳои гуногуни илмталаб (физика, химия, биология, астрономия) ва дигар ҳавзаҳои истеҳсолоти гайримоддӣ (илм, маориф, идора, тандурустӣ, ҳифзи мамлакат) ва гайра.
✱ нерӯ ва қудрати техникию истеҳсолӣ, кадрҳои инжинерию техникӣ, сатҳ ва дараҷаи баланди

истиқрору рушди иқтисодӣ, сиёсати молиявию хазинадории давлат ва ғайра.

**Таҳвил** (аз як ҷо ба ҷои дигар гузаштан)-и комёбиҳои илмию техникӣ ва дониш байни давлатҳо дар шакли тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ чунин сурат мегирад:

- ✶ байнидавлатӣ (барқарор намудани созишномаҳои тиҷоратию хориҷӣ, барномаҳои ҳамкории илмию техникӣ);
- ✶ байниширкатӣ (созишнома, қарордод, литсензияҳо);
- ✶ дохилиширкатӣ.

**Таҳвили** технологӣ дар шакли ғайритиҷоратии мубодилаи иттилоотии комёбиҳои илмию техникӣ, дар шаклҳои зер чунин сурат мегирад:

- ✶ бо таври ройгон (бемузд) ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи иттилооти илмию техникӣ бо воситаи адабиёти махсус, Интернет, маҷаллаҳо, рефератҳо ва ғайра;
- ✶ ба даст овардани маълумот (идея, ақида, назария, коркарди амалӣ, лоиҳа);
- ✶ ташкили конференсияҳо, симпозиумҳо, вохӯриҳо, коромӯзии мутахассисон аз ҷониби ашхосон, ширкату давлат.);
- ✶ ба даст овардани маълумот бо воситаи муассисаҳои оморӣ, вазоратҳо, китобу китобхонаҳо, радиову телевизион, телефонҳои мобилӣ, институтҳои лоиҳакашӣ, тадқиқоти илмӣ ва ғайра.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Омилҳои истеҳсолотро ба хотир оваред ва гӯед, ки ҳаракати онҳо дар миқёси ҷаҳон чӣ тавр ташкил мегардад?
2. Шароитҳое, ки имкон медиҳанд омилҳои истеҳсолот ба сифати омилҳои байналхалқии истеҳсолот ташкил ва густариш ёбанд кадомҳоянд?

3. Ҳаракати сармояи байналхалқӣ таҳти таъсири кадом меъёрҳо муайян карда мешаванд?

4. Шаклҳои сармояи байналхалқиро ба хотир оред ва онҳоро ба ҳам муқоиса намоед.

5. Ҳаракати сармоя таҳти кадом омилҳо қарор дорад?

6. Моҳият, заруриат, шакл ва меъёрҳои сармоягузориро фаҳмонед.

7. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи сармоягузории мустақим ва ғайримустақим дар чӣ зоҳир мегарданд?

8. Сабаби асосии ҳаракати байналхалқии қувваи коргариро кадом омилҳо ташкил медиҳанд?

9. Тафовути байни эмигратсия ва иммигратсия дар чист?

10. Ҳиҷрати қувваи коргарӣ кадом лаҳзаҳоро дар бар мегирад?

11. Сабабҳои асосии ҳиҷрати аҳолиро мутахассисон дар чӣ мебинанд?

12. Самтҳои муҳимтарини ташкил ва таҳаввули технологияро номбар кунед.

13. Натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоии ҳаракати технологияро номбар кунед.

14. Тақозо ба технологияи байналхалқӣ таҳти кадом шартҳо ба вуқӯъ мепайвандад?

15. Таҳвил (ҳаракат аз як ҷой ба ҷои дигар гузаштан)-и технология, комёбиҳои илмию техникӣ, «сармояи ақлонӣ» дар кадом шаклҳо ба роҳ монда мешавад?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Ширкатҳои фаромиллатӣ, нақш ва мақоми онҳо дар воридот ва содироти сармоя.

2. Хусусиятҳои ташкил ва омилҳои муайянкунандаи сиёсати муҳоҷирати хориҷии меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Хусусиятҳои ҳиҷрати қувваи коргарӣ ва оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Хусусиятҳои содирот ва воридоти технология дар ҷаҳони муосир.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Меъёрҳои муайянкунандаи сармояи байналхалқиро кадоме аз онҳо ташкил медиҳанд?**

а) мансубият, таъинот, мӯҳлати амал, вазъ ва ҳолати истифода;
б) соҳибӣ, истифода, идора, танзим;
в) субъект, агент, объект;
г) кулли бандҳои а,б,в.

**2. Сармояи байналхалқӣ дар кадом шаклҳо баромад мекунад?**

а) сармояи мустақим, ғайримустақим;
б) сармояи хусусӣ, соҳибкорӣ, давлатӣ;
в) сармояи истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ;
г) кулли бандҳои а,б,в; а,б; а,в (ҷавоби нодурустро хат занед).

**3. Сармоягузории байналхалқӣ дар кадом шаклҳо содир карда мешавад?**

а) мустақим;
б) ғайримустақим;
в) мустақим ва ғайримустақим;
г) хусусӣ, давлатӣ, соҳибкорӣ.

**4. Воридот ва содироти сармоягузорӣ тибқи меъёрҳои зер сурат мегиранд;**

а) сатҳ ва дараҷаи пешсафии технология;
б) сатҳ ва дараҷаи музди кор, ташкили истеҳсолот, тақозо ва арза ба сармоягузорӣ:

в) ҳаҷм ва микёси тавлидот, тиҷорат, технология, захираҳои иқтисодӣ;

г) кулли бандҳои а,б; б, в; а, в; а,б,в. (нодурусташро хат занед).

**5. Сабаби асосии ҳаракати байналхалқии қувваи коргариро инҳо ташкил медиҳанд:**

а) омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ;

б) шароитҳои иҷтимоӣ, динӣ, оилавӣ, нажодгароӣ;

в) вазъи дохилӣ, байналхалқӣ;

г) кулли бандҳои а,б; б, в; в, а; а, б,в. (нодурусташро хат занед).

**6. Сабаби асосии ҳиҷрати аҳолӣ аз Тоҷикистон инҳоянд:**

а) кор накардани корхонаҳо, сатҳи пасти музди кор, даромад, набудани ҷои кор;

б) паст будани сатҳи зиндагӣ, маълумотнокӣ, ташкили шаклҳои бизнесу соҳибкорӣ;

в) амиқ гаштани сатҳ ва доираи ҳукмронии монополияҳои табиӣ, коррупсия ва иқтисоди ниҳонӣ;

г) кулли бандҳои а,б; б, в; а, в; а, б, в (нодурусташро хат занед).

**7. Хусусияти ҳиҷрати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар кадоме аз инҳо ташкил медиҳанд:**

а) ҳиҷрат ба Иттиҳоди Европа ва Амрико:

б) ҳиҷрат ба давлатҳои ИДМ;

в) ҳиҷрати байни Тоҷикистон ва Россия;

г) ҳиҷрат ба давлатҳои Осиё.

**8. Натиҷаи интиҳои (охирин)-и ҳиҷрати технологияро чӣ ташкил медиҳад?**

а) ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав, молу неъматҳои нодиру хадамоти нав;

б) паст кардани хароҷот, нарх, афзунгардонии даромад, ҳосилнокии меҳнат;

в) таъмини рақобатпазирӣ, кафолати таваккалӣ, шуғл, беҳатарин маҳсулот, рушди иқтисод ва ғайра;

г) кулли бандҳои а,б, в; а, б; а, в; (нодурусташро хат занед).

**9. Тақозо ба технологияи байналхалқӣ дар шароити мавҷуд будани чунин шароитҳо имконпазир мебошад:**

а) тақозо ва арза ба технологияи нав;

б) мавҷуд будани нерӯ ва қудрати техникию истеҳсолӣ, рушди устувори иқтисод;

в) имконияти истифодаи ихтироот, навоварӣ, кашфиётҳо дар соҳаҳои гуногуни илмталаб;

г) кулли бандҳои а, б, в; а, в; б, в, (нодурустаиро хат занед).

**10. Ҳаракати технологияи байналхалқӣ дар чунин шаклҳо сурат мегирад:**

а) дохилиширкатӣ, байниширкатӣ, байнисоҳавӣ;

б) байнидавлатӣ, байниширкатӣ, дохилиширкатӣ;

в) байни иттиҳод ва созмонҳои байналхалқӣ;

г) байниноҳиявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ.

## VI. АДАБИЁТ:

1. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми 2. Душанбе, «Паёми ошно» 2007. Боби 30.

2. Ғаффоров Ш., Утаганов А., Қурбонов Б. Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ. Курси лексияҳо. МавзӯЪҳои 7; 8; 9. Душанбе, 2007.

3. Исоматов Б. Муҳадбердиев Х., Каримбердиев О., Юнусова М. Назарияи иқтисод. Қисми назариявӣ. Душанбе, 2003. Боби 27.

4. Исоматов Б., Муҳадбердиев Ҳ., Каримбердиев О., Юнусова М. Назарияи иқтисод. Қисми амалӣ. Душанбе, 2003. Боби 27.

5. Саидмуродов Л.Ҳ. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2002. бобҳои 13, 14, 15, 16.

6. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмиллалӣ. Мавзӯи 8. Саҳ. 154-164. Душанбе, «Ирфон», 2007

Албатта, ҷаҳонишавӣ монанди дигар ҷараёнҳову равишҳои умумии сайёрагӣ аз зиддиятҳову норасоиҳои дохилӣ низ холӣ нест. Аз ин боис ҳам давлатҳои бузургу пешрафта – мамлакатҳои баъдисаноатӣ мебояд роҳу василаи осоиш ва муборизаи муттафиқонаро бар зидди талошҳои худхоҳона ба миён оварда, равобити дилхоҳи ҷаҳониро қувват бахшанд.

## 2. Ҷанбаҳои иқтисодии масъалаҳои умумибашарӣ дар ҷаҳонӣ муосир

Ҷаҳони имрӯза, ки зиёда аз 230 давлатҳо, масоҳатҳо ва дигар воҳидҳои идорашавандаро дар бар мегирад, амалан ягонагии зиддиятнок мебошад. Равишҳои муттаҳидию ҳам-ҷоягӣ, ҳамкорию рафоқат, тақсимоти меҳнат ва тахсисонида шудан дар якҷоягӣ амал карда, на танҳо боиси ба миён омадани иттиҳоди нисбию қувваи беназири сарҷамъона мегарданд. Балки дар баробари ин ҷомиаи ҷаҳонӣ дар иҳотаи зиддиятҳои дохилию берунӣ ва умумикайҳонӣ қарор дошта, дар ҳамин асосу пояҳо ҳайёти худро идома бахшида меояд. Шояд равишҳои зайл масоили тадқиқу омӯзиши илмҳои гуногуне қарор дода шаванд. Мо дар ин ҷо бо мақсади танҳо ёдрас намудан, баъзе аз онҳоро хотирнишон хоҳем кард. Яке аз ин муаммоҳои ҳифзи муҳити зисти одамон мебошад.

### а) Ҳифзи муҳити зисти одамон

Сайёраи Замин дар баробари набототу ҳайвоноти сершумору ҳархела маскани зисти одамон мебошад. Равишҳои ҳайёти одамизодагон чунин сурат гирифта омадааст, ки онҳо берун аз сайёраи Замин озодона қобили ҳаёт буда наметавонанд. Шояд аз ҳамин боис ҳам Заминро гаҳвораи одамизодагон медонанд. Мебояд иқрор шуд, ки инсон ҳазорсолаҳои зиёд дар рӯи Замин ҳаёт ба сар бурда, нисбати муҳити зисти худ ва дар ҳолати солимона нигоҳ доштани он гамхории аёне ба харҷ намедод, ё ин ки ин масъалаҳо на ҳама вақт мадди назар дошта мешуданд, ҳарчанд одамизодагон ҳеҷ омодахӯрони ҳақиқӣ набуданд. Зеро ки худи амалиёти тавлидгарии инсонӣ то андозае якбора дар бобати ҳифзи муҳити зист гамхорӣ намуданро

низ мадди назар дошт. Илова бар он инкишофу пешрафти тамаддун, тағйироти намоёни техникию технологии ба вуҷуд овардаи одамон дигаргуниҳои намоёнро дар маҷрои мавҷудияти Замин ворид мекарданд. Ин ҳама дар якҷоягӣ бо равишҳои кайҳонию табиии дар рӯи Замин оқибатҳои баду муқобили ҳаётро тавлид карда метавонанд.

Ин ҳолатҳо аҳли башарро водор месозанд, ки дар бобати ҳифзи ҳаёти худ чораҳо андешида, дар рафти фаъолияти тавлидгарию ба роҳ мондани истеъмолоти дилхоҳ вазифаҳои ҳифзи муҳити зистро низ ба иҷро расонад. Дар акси ҳол зиддиятҳои зиёди дигаре ба миён омада, ба ҳаёти мардумон хатарҳо ворид карда метавонанд.

**б) Масъалаҳои бо ашьё ва энергия таъмин кардан**

Башарият то охирҳои асри Х1Х ва миёнаи асри ХХ дар ҳиссаи намоёнтарину аксар барои тавлиди неъматҳову ғизо сарчашмаи энергия манбаъҳои дар табиат вуҷуд доштаро корбурд карда меомад. Аммо мебояд мадди назар дошт, ки он манбаъҳо дар ҳиссае барқароршаванда ва дар ҳиссаи дигару зиёдтар барқарор нашаванда мебошанд. Мисол, энергия дар истгоҳҳои обии барқӣ, бодӣ, офтобӣ барқароршаванда мебошанд, аз дигар манбаъҳо, аз ҷумла ангишт, торф, газ, маводҳои нафтӣ, уран ва дигарҳо барқарор нашавандаанд. Монанди ҳамин ҳиссаи сарчашмаҳои анвою ғизои инсонӣ ҳам барқарор мешаванд.

Ҳолатҳои зайл инсонро водор сохтаанд, ки вай рӯй ба ашёи сунъӣ оварда, зиёдтар онҳоро корбурд намояд. Чунки ашёи сунъӣ баробари инкишофи илму техника ва истифодаи васеи технологияи нав ашёҳои ҳархелаи сунъиро зиёдтар тавлид карда метавонад. Шояд масрафи меҳнату воситаҳо ҳам дар ин раванд камтар бошанд. Ин ҳолатҳо ҷомеаро водор месозад, ки ҳарчи зиёдтар ашёҳои сунъиро барои таъмини эҳтиёҷоти худ истифода барад. Баъзе тадқиқгарон ақида доранд, ки захираҳои дар кураи Замин мавҷудаи газ, нефть, ангишт тақрибан 500–600 сол пас хеле каму ночиз боқӣ хоҳанд монд. Пас инсоният бояд аз ҳозир ғамиояндаи худро бихӯрад ва тадқиқоту омӯзишҳоро дар раванди дарёфти манбаъҳои наву камхарҷи энергия зиёдтар қувват бахшад.

**в) Пешрафти илмию техникӣ ва рушди иктисод**

Зери мафҳуми пешрафти илмию техникӣ ҳамон гуна равишу чараёне фаҳмида мешавад, ки илм дар равишҳои мухталиф ривоҷу равнақ ёфта, ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда тадриҷан табдил меёбад ва роҳҳову усулҳои наву навтарини техника ва технологияи коркарди маҳсулот эҷод ва кашф карда шуда, дар амал корбурд мешаванд.

Илму техника дар пайванду омехташавии тарафайн фаъолият бурда, бани одамро боз ҳам зиёдтар ба қуллаҳои баланди инкишоф хоҳанд расонд. Ғайр аз он фаъолияти босамари илму техникаи бо ҳамдигар узван пайвандгардида имкон медиҳад, ки рушди устувору босифати иқтисодиёт ба миён оварда шуда, сатҳи зиндагонии мардумон баланд бардошта шавад. Мардумон ба сатҳи дилхоҳи осоишу некӯаҳволӣ ноил гарданд.

Натиҷаҳои табодули илмӣ боиси ба миён оварда шудани навъҳои замонавию пурсамари тавлидгарӣ, истеҳсоли маснуот дарёфт карда шуда, онҳо бар нафъи ҳаёти боосоишу хуррамонаи мардумон корбаст карда шаванд. Яке аз равияҳои намоёни пешрафти илмию техникӣ автоматонии яксари равандҳои истеҳсолӣ, ба миён оварда шудани истеҳсолоти пурсамару бепартов ва монанди инҳо мебошанд. Дигаре аз онҳо дарёфт ва корбурд карда шудани гирдоварию интиқоли навини ахборот, воситаҳои коммуникатсионӣ ва монанди инҳо мебошанд. Ҳарчанд бояд дар назар дошт, ки пешрафти илмию техникӣ дар такомулоти қувваи коргарӣ низ вазифаҳои нав ба нав мегузорад. Ин вазифаҳо ба шарти мунтазам таъмин кардани такомулоти таълиму тарбия, омӯзиш ва тамоми соҳаи маориф амалӣ мегарданд.

**г) Муаммоҳову зиддиятҳои таъмин будан бо озуқаворӣ**

Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир шумораи аҳолии рӯи замин 7,3 млрд. нафарро ташкил додаст. Иқтисоддонон ақида доранд, ки аз нисф зиёди аҳолии рӯи Замин, ҳатто гӯё 60% он аз ғизо ба таври комил таъмин нестанд. Тақрибан 30-40% ҷаҳониён азияти нотаъмини аз ғизоро дошта, якчанд миллион нафар азоби гуруснагӣ мекашанд. Барои тамоми мардумонро бо ғизои кифоят таъмин намудан мебояд, ки масоҳати

заминҳои кишт то 30% зиёд карда шуда, маҳсулнокии чорво фузун гардида ҳиссаи масоҳати кӯлҳову Укёнуси Ҷаҳонӣ бояд пурсамар истифода шаванд. Илова бар ин зери таъсири фаъолияти тавлидгарию ҳаёти мардумон ҳамасола майдонҳои кишти зироат танг шуда, ҳиссаи заминҳои корам аз кор мемонанд. Инсоният бошад, то кунун имконияти афзун гардонидани ҳосилхезии заминҳо, маҳдудшавии масоҳати ҷангалзорҳои ҷаҳонӣ, кам кардани харобшавии (эрозияи) заминҳоро таъмин карда наметавонад.

Таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз ҳиссаи соҳаҳои кишоварзӣ дар таъминоти озуқаворию дигар неъматҳо хеле калон мебошад. Аммо муносибатҳои озодии фаъолият, рақобат ва монанди инҳо татбиқ шуда наметавонанд. Давлатҳои бойтарини ҷаҳон барои дастгирии истеҳсолоти кишоварзиашон маблағҳои ҳангуфт (беҳад) ҷудо мекунанд. Ин ҳолат боиси тезутундшавии зиддиятҳо ва нобаробарии вазъи иқтисодии соҳаҳои кишоварзии мамлакатҳо гардида, дар навбати худ имконияти пойдор гардонии рақобати комилро маҳдуд месозад ва ҳамчун монеаи пешрафти ин соҳаи тавлидгарӣ хизмат карда меояд.

Роҳи дигари афзун гардонидани ҳосилхезии майдонҳои киштро ҳанӯз дар миёнаи солҳои 50-ӯми асри XX СММ (комиссияи озӯқаворӣи вай) ба миён гузошта буд. Комиссияи озуқаворӣи СММ таҳти раҳнамоии олими британӣ Бертран Рассел муддате фаъолият бурда, «инқилоби сабз»-ро пешниҳод ва татбиқ намуда буд. Дар натиҷа ибтидои солҳои 70-ум киштзорҳои мамолики Осиёву Африқо 1,5-2,0 баробар ҳостилхезиашон баланд гардид. Аммо ин раванд боз имконияту захираҳои корбурд нашуда дорад.

Яке аз роҳҳои фузун гардонидани назарнамои ҳосилхезию маҳсулнокии кишоварз истифодаи нуриҳо, генетикаи инженерӣ, роҳҳои илман асосноки зиёд кардани маҳсулнокӣ мебошад. Аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин равандҳо ба натиҷаҳо расида бошад ҳам, оқибатҳои минбаъдаи ин равишҳоро то ҳол инсоният бо пуррагӣ намедонад ва пешгӯи карда наметавонад. Бинобар он ҳам таъмин намудани башарияти рӯи Замин ҳамчуи яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти боосоиши мардумон дар ояндаи наздику дур боқӣ хоҳад монд ва тамаддунро дар ин раванд чораҳову андешаҳо бояд зиёд бошад.

**д) Зиддиятҳо ва норасоиҳои равандҳои умумибашарӣ**

Мебояд иқрор шуд, ки замони моро бешак замони навовариҳову дигаргуниҳои умумисайёрагӣ ҳисоб мекунанд. Ин ҳақиқат дар назди инсоният вазифаҳову душвориҳои дигарро гузошта метавонад.

Дар назари мо яке аз ҳамин гуна равишҳо ривоҷу равнақи шаҳрсозӣ, инкишофи саноат, мошинигардонии фаъолияти тавлидгарӣ ва дар ҳамин маром тағйир ёфтани андому сирати сайёраи Замин мебошад. Ин равишҳо дар оқибат боиси ҳамон мегарданд, ки ҳиссаи масоҳати Заминро шаҳрҳо, роҳҳову иншоотҳои дигар ишғол намуда, масоҳати ҳаётан заруриги гиёҳҳо, ҳайвонот, махлуқон ва худи инсонро назарнамо танг месозанд. Сол то сол намудҳои зиёди ҳайёту фаъолияти ҷонзодҳо кам шудан мегиранд. Ҷараёнҳои табиии ҳайётафзои рӯи Замин коста мегарданд. Зери таъсири тавлидгарию истеъмолоти мардумон дар қабатҳои замин истихроҷи конҳо сурат гирифта, монеаҳо ба равишҳои мӯътадили ҳаётӣ ба миён оварда мешаванд. Ин ҳама дар оқибат бар зарари мардумон хизмат карда метавонад. Мисол, соли 2008 шумораи аҳолии аз сатҳи қашшоқӣ бадтар ҳаётбаранда зиёда аз 125 млн. нафар буд. Гирем раванди тақсимоти байналхалқии меҳнат дар байни масоҳатҳо, давлатҳо ва минтақаҳо боиси ҳамон мешаванд, ки истифодаи имконияти табиии маҳдуд ва ноқис мегарданд. Илова бар он ҳаҷми партовҳои саноатӣ ва монанди инҳо чандин карат меафзоянд.

Ин ҳама дар оқибат боиси коставу шикаста шудани равишҳои табиӣ, ба ҳаёти бомароми мардумон таъсири манфӣ расонандани онҳо мегарданд. Пурзӯршавии тақсимоти байналмиллалии мехнат ҳоло боиси ҳамон гардидааст, ки ҳиссаи камшумори мамолики рушдёфта маснуоти технологияи баланду заҳматталабро истеҳсол намуда, аз ҳисоби бо нархҳои гарон фурӯхтани онҳо фоидаи баландро соҳиб мешаванд ва боз ҳам зиёдтар бой мегарданд. Гурӯҳи дигару сершумори давлатҳои каминкишоф бошанд, дар ҳиссаи намоён танҳо бо истеҳсоли ашёи хоми арзон, маснуоти кишоварзӣ банд шуда,аз ҳисоби торафт паст шудани нархи ин неъматҳо ҳиссаи фоидаашонро аз даст дода меоянд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо низ ин гурӯҳи давлатҳо боз ба душвориҳои бештар дучор мегарданд.

Ҳамчун натиҷаи истифодаи васеи комёбиҳои табодули илмию техникӣ ва ахборӣ давлатҳои бойтарину бузург бо ҳамдигар рақобат намуда, боз ҳам фоидаи зиёдтар ба даст меоваранд, давлатҳои сусттараққикарда бошанд зиёдтар қафо мемонанд. Ин ҳолат зиддиятҳои байни ин гурӯҳҳои давлатҳоро боз ҳам тезу тунд мегардонанд. Ғайр аз он давлатҳои бойтарину бузург низ байни ҳамдигар рақобат карда, ба тезу тунд шудани зиддиятҳо омада мерасанд. Бархе аз онҳо бошанд роҳу усулҳои фузун гардонидани қувваҳои мусаллаҳро истифода мебаранд. Баъзе аз давлатҳои суст инкишофёфта роҳи ифротчигӣ (терроризм)-ро пеш мегиранд. Яъне гӯё зиддиятҳо боз ҳам тезу тунд мешаванд.

**е) Ақибмондагии иқтисодӣ ва қарздории мамлакатҳои ҷаҳон**

Чунон, ки дар боло нишон дода шуд, равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, афзоиши назарнамои ҳаҷми гардиши молии давлатҳои аъзои СУТ (ВТО) ва дигарҳо то имрӯз ҳоли давлатҳои қафомондаро беҳтар накарданд. Ҳарчанд суръати афзоиши МУД ин гуруҳи давлатҳо назар ба давлатҳои тараққикарда 1,5-2,0 баробар баландтар мебошад. Аммо ҳоли табоҳу сатҳи ниҳоят пасти зиндагии мардумони давлатҳои тараққикунанда хеле намоёну барҷало мебошад.

*Ҷадвали 32.1*

**Суръати афзоиши миёнаи солонаи МУД дар мамлакатҳо[1].**

| Номгӯи давлатҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008[2] | 2009[3] |
| Давлатҳои ба иқтисоди бозорӣ гузаранда | 7,4 | 7,7 | 6,5 | 7,8 | 8,3 | 6,9 | 4,8 |
| Давлатҳои тараққикарда | 5,2 | 7,1 | 6,8 | 7,1 | 7,2 | 5,9 | 4,6 |

---

[1] Ниг. ООН. Экономический и социальный Совет. Нью-Йорк 30июня-25 июля 2007 г. Образ мирового и социального положения., стр.8.

[2] Предварительная (пешаки)

[3] Прогнозная (тахминӣ)

Аз рақамҳои ҷадвали 32.1. дида мешавад, ки суръати афзоиши МУД дар давлатҳои тараққикунанда ва ба бозоргонӣ гузаранда хеле назарнамо мебошад. Аммо бӯҳрони молиявии умумиҷаҳонии соли 2008 огозёфта мувофиқи пешгӯиҳои тадқиқгарон соли 2009 бояд хеле паст гардад. Ин ҳолат дар навбати худ сабабгори ҳамон хоҳад шуд, ки давлатҳо нақшаҳои кам кардани сатҳи камбизоатии аҳолиашонро ба иҷро расонида наметавонанд ва илова бар он, боз ҳам ба мушкилоту душвориҳои дигар дучор шуда мемонанд.

Яъне ҷомеаи ҷаҳонӣ зери таъсири бӯҳрони молиявии соли 2008 оғоз гардида, боз зиёдтар ба душвориҳою зиддиятҳо дар раванди беҳтар кардани ҳайёти мардумон дучор хоҳад гардид. Аз ин боис чораҳои таъҷилию миқёсан паҳноe бояд пеш гирифта шаванд, то ин ки кӯшишҳои афзун гардонидани сатҳи зиндагонии мардумони камбизоати давлатхои тараққикунанда бо нокомӣ анҷом наёбанд.

Мебояд иқрор шуд, ки давлатҳои ҷаҳон сатҳи нобаробари инкишофро доранд. Мамолики пешрафта вазъи иқтисодиашонро ғанӣ гардонида, ба натиҷаҳои дилхоҳ дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардумонашон комёб гардидаанд. Аммо давлатҳои қафомондаю сустинкишоф бошанд, пешорӯи сатҳи нисбатан нокифояи ҳаётгузаронии аксари аҳолиашон қарор доранд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо мувофиқи қарордоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва СММ давлатҳои пешрафта ба мамолики ба душвориҳо дакка хӯрда ва ё гирифтори фалокатҳо гардида аз қатори давлатҳои бойтарини ҷаҳон ҳомиёни худро дармеёбанд, ва мададҳову кӯмакҳои башардӯстонаро гирифта метавонанд. Ҳарчанд ин мададгориҳо дар намуди кӯмакҳои озуқаворию башардӯстона ва маблағгузориҳо ба пешбурди иқтисодиёт сурат гирифта метавонанд.

Ҳоло аксари мамолики ҷаҳон дар сатҳи баланди қарздорӣ қарор доранд. Ҳаҷми қарзҳои берунии ИМА ба 2,5-2,7 триллион доллар расидааст. Аммо мавриди то 40-60% МУД мамлакат будан фоизи қарзҳои онҳо ба иқтисодиёти мамалакат зиддияте ворид намесозанд, вале мавриди аз ин нишондиҳанда зиёд шудани фоизи қарзҳои давлатӣ иқтисодиёти мамлакатҳо ба душвориҳою зиддиятҳо мувоҷеҳ шуда метавонад. Қарзи

давлатии Тоҷикистон аввали соли 2009 ба 34-36% МУД вай расида буд, ки ин аз меъёри тоқатфарсо поёнтар мебошад. Аммо аксарияти давлатҳои тараққикунандаи ҷаҳон қарзҳои зиёд дошта, ҳиссаи қарзи баъзеи онҳо ба 300-350% МУД-ашон мерасад. Аз ин сабаб низ қарздории давлатҳо ба яке аз масъалаҳои ниҳоят вазнини иқтисодӣ табдил ёфтааст. Бо ҳамин сабаб ҷомеаи ҷаҳонӣ дар паи дарёфти роҳу василаи озодшавӣ аз қарздорӣ қарор дорад.

**ж) Зарурати ҳамбастагию ҳамкории давлатҳои ҷаҳон баҳри шукуфоию сатҳи баланди зиндагонии мардумон**

Мутафаккири беҳамтои халқи тоҷик Саъдии Шерозӣ навишта буд:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Чи тавре, ки аз ин мисраъҳо бармеоянд, ҳатто дар асрҳои миёна мардумони баруманд бо ҳамдигар пайванду ҳамонанд будани манфиатҳои мардумони ҷаҳонро мушоҳида карда будаанд. Дар замони мо аниқ карда шудааст, ки воқеан ҳам ба ҳаёту осоиши мардумони ҷаҳон хатарҳои зиёди ҳамарӯза таҳдид менамоянд. Мувофиқи маълумоти Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1970 то соли 2008 дар сайёраи Замин зиёда аз 7000 фалокатҳои хурду калон ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамчун таъсири онҳо зиёда аз 2,5 млн. нафар одамон ҳалок гардида, ду баробар зиёдтар зарарҳои намоён дидаанд. Зарари молиявии ин фалокатҳо зиёда аз 2 трлн. доллари америкоиро ташкил кардааст. Тадқиқгарон нишон додаанд, ки зарари давлатҳои тараққикунанда аз ин фалокатҳо назар ба давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон 20-30 маротиба зиёдтар мебошад. Худи ҳамин далелҳо шаҳодати қотеъона медиҳанд, ки башарият бояд чораҳои пешгири кардани ин гуна фалокатҳоро пеш гирад.

Олимони ИМА ҳисоб кардаанд, ки барои пешгирии ин гуна хатарҳои табиӣ ҷомеа бояд фонди махсус ташкил намуда, ба он 10 млрд.доллар маблағ ҷудо намояд. Монанди ҳамин инсоният дар муқобили бемориҳои сайёравӣ, ҳимоя аз фало-

катҳои кайҳонӣ, чораҳои таъмин кардан аз сарчашмаи энергия, ашё, хӯрокворӣ ва монанди инҳо қувваҳои зиёду маблағҳои калонро ҷудо намуда, дар ҳамбастагии воқеию ҳамкории тарафайн фаъолият бурда, бо ҳамин васила аз зиддиятҳову хатарҳо худро эмин дошта метавонад.

Олимон солҳои охир мушоҳида карда меоянд, ки ҳарорати сайёраи Замин ҳар солее то 0,4-0,5 дараҷа гармтар шуда меояд. Агар ин раванд бо воситаҳову роҳҳои мушаххас, аз ҷумла ҳифзи муҳити зисти одамон, кам кардани партовҳо, аз меъёр зиёдтар корбурд кардани захираҳои энергетикӣ ва таъсиррасонӣ ба муҳит пешгирӣ карда нашаванд, он гоҳ хатару фалокатҳо боз ҳам зиёдтар ба башарият таҳдид хоҳанд кард.

Мардумони ҷаҳон дар ҳамҷоягӣ ва муттафиқона бар зидди ин хатарҳо мубориза бурда, чораҳои якҷоя андешида, ба комёбиҳои дилхоҳ ноил гардида метавонанд. Илова бар ин башарият метавонад ҳиссаи алоҳидаи маблағҳои барои қувваҳои ҳарбӣ масраф мекардаашро бо ин мақсадҳо корбурд карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ расида гирад.

## III. САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ХУДСАНҶӢ:

1. Ҷанбаҳои иқтисодии ҷаҳонишавиро номбар кунед.
2. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт чӣ гуна сабабҳо дорад?
3. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт чиро дар назар дорад?
4. Ҳамоию муттаҳидии ҷаҳониро тасниф диҳед.
5. Ҳифзи муҳити зистро маънидод намоед.
6. Манбаъҳои намоёни энергия кадомҳоянд?
7. Кадом зиддиятҳои ҷаҳонишавиро нишон дода метавонед?
8. Ақибмондагии иқтисодӣ чист?
9. Қарздории ҷаҳониро тасниф намоед.
10. Муаммоҳову душвоиҳои озуқаворӣро маънидод кунед?

## IV. НОМГӮИ МАВЗӮЪҲОИ РЕФЕРАТҲО:

1. Маънидоду қонуниятҳои ҷаҳонишавӣ.
2. Махсули ҷаҳонишавӣ ва зиддиятҳои он.

3. Зарурати ҳифзи муҳити зисти одамон.
4. Экологияи сайёраи Заминро тасниф диҳед.
5. Истифодаи самарабахши захираҳои об кадомҳоянд.
6. Манбаъҳои асосии энергия.
7. Манбаъҳои ғайримаъмӯли энергия.
8. Қарздории умумиҷаҳонӣ.
9. Қонуниятҳои инкишофи нобаробари давлатҳои ҷаҳони муосир.
10. Таснифи давлатҳои ба иқтисодиёти бозоргонӣ гузаранда.

## V. ТЕСТҲО:

**1. Тавсифи қобили қабул ва дурусти ҷаҳони кунуниро нишон диҳед**

а) ҷаҳони аз равобити иқтисод бебаҳра монда;
б) ҷаҳони муттаҳиду бо ҳам рақобат дошта;
в) ҷаҳони олуда бар зиддиятҳои дохилии худ;
г) ҷаҳони ба давлату гурӯҳҳо таксимшуда;

**2. Кадоме аз нишонаҳои намоёнтарину муҳимтарини ҷаҳони муоссирро мутобиқ ба даврони ҳозира медонед.**

а) рақобати оштинопазири дохилии онҳо;
б) рақобати иқтисодии ҳамдигарро маҳвсозанда;
в) ҷаҳони ҳамҷояи ба иттиҳодҳо ҷудошуда;
г) ҷаҳони муттафиқона барои осоиш даъваткунанда.

**3. Пешрафти илмию техникии муосирро чӣ гуна маънидод месозанд?**

а) таккомулоти муназзаму доимии техника ва технология;;
б) такомулоти яксару ҳамаҷонибаи инсонро тасниф кунед;
в) торафт зиёдтар шудани мошинҳоро фаҳмонед;
г) раванди зиддиятноки техникаи маишӣ чӣ гуна аст?

**4. Давлатҳои тараққикардаи ҷаҳони муосир кадом ҳиссаи мамлакатҳои ҳозираи мавҷударо пешниҳод менамоянд.**

а) аксарияти онҳоро;
б) ҷамеи онҳоро;
в) аз нисф зиёди онҳоро;
г) ақалияти онҳоро.

**5. Суръати рушди кадом гурӯҳи давлатҳои ҷаҳони ҳозира нисбатан баландтар мебошад.**

а) ба иқтисоди бозорӣ гузаранда;
б) давлатҳои баъдисаноатӣ;
в) давлатҳои сусттараққикарда;
г) давлатҳои умуман пешраванда.

**6. Шумораи зиёдтари давлатҳои қашшоқтарини ҷаҳони муосир дар кадоме аз қитъаҳои олам ҷойгир шудаанд.**

а) Аврупо;
б) Осиё;
в) Австралиё;
г) Африко.

**7. Ғизои кадом мамолики ҷаҳони муосир, ки тақрибан 3200-3500 каллория мебошад ба меёрҳои тиббӣ мувофиқат мекунад.**

а) тараққикунанда;
б) тараққинакарда;
в) тараққикарда;
г) қафомонда.

**8. Суръати афзоиши МУД солонаи давлатҳои ба иқтисоди бозорӣ рӯйоварда назар ба ҳамин нишондиҳандаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон чӣ қадар баландтар аст.**

а) 2,4 – 3,5 баробар;
б) 1,5 – 2,0 баробар;
в) 0,5 – 1,0 баробар;
г) 0,5 – 0,7 баробар.

**9. Ҷомиаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои бузург ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна кӯмак мерасонанд:**

а) кӯмаки башардӯстона;
б) кӯмакҳои ҳарбӣ;
в) кӯмакҳои молӣ;
г) кӯмакҳои озуқавӣ.

**10. Кадом навъи сарчашмаи энергияро барои ояндаи ҳайёти пуртаъминонаи одамон мувофиқ медонед.**

а) бо пуррагӣ истифодашаванда;
б) барқарорнашаванда;
в) такрорёбандаву безарар;
г) ҳар як навъи онро.

# VI. АДАБИЁТ


1. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. И-е Издание. Учебник. М.: «Омега - Л», 2008, стр.680-706.
2. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Китоби дарсӣ. Чопи сеюм, Душанбе. «Паёми ошно». Қисми дуюм. 2007, боби 32.
3. Барисов Е.Ф. Экономическая теория. Учебник. 2-е издание. М.: «Проспект», 2006, стр. 497-524
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс 16-е издание. М.: «Инфра-М», 2007, стр. 368-383, 774-791, 848-867.
5. Самуэльсон П., Нордхаус В. Экономика 18-е издание.2008, главы 28,34
6. Экономическая теория. Часть II. Учебник. Под. ред. Ларионова И.К. и др. М.: 2006, стр. 324-348, 422 – 438.
7. Эмомали Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Бобби 1. Д-, «Ирфон», 2006, саҳ. 1 – 46
8. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика. М.: «Дело», 1993, главы 36-37, 39.

## МУНДАРИЧА

**Мукадима......................................................................3**
**Боби 1. Мукаддима ба назарияи иқтисод...........................6**
Мавқеи илми иқтисод дар ҳаёти ҷомеа...................................6
Баъзе хислатҳои пайдошавӣ ва инкишофи улуми иқтисод........8
Инъикоси масоили иқтисод дар ҳикмати даврони Сомониён...9
Марҳилаҳои намоёни пайдошавии илми иқтисодӣ дар ҳаёти ҷомеа..............................................................................10
«Иқтисоди сиёсӣ» ва «Назарияи иқтисодӣ».........................11
Таиноти амалии илми иқтисодӣ............................................13

**Боби 2. Мояи тадқиқот ва услуби нвазарияи иқтисод............18**
Мояи тадқикоти назарияи иқтисод........................................18
Натиҷагирии фаъолияти мардумон, ҳамчун мояи намоёни тадқикот..............................................................................20
Мавқеи талабот ва истеҳсолот дар омӯзиши ҷараёнҳои иқтисодӣ..............................................................................21
Мафҳумҳои иқтисодӣ ва қонунҳои иқтисодӣ.........................22
Масоили услуби назарияи иқтисод........................................23
Алоқамандии назарияи иқтисод бо илмҳои дигар...................24
Маҷмӯи муносибатҳои иқтисод. Қувваҳои истеҳсолкунанда маънидоди тамадунии таърихи ҷомеа........................................26
Кадоме аз шаклҳои хоҷагидорӣ судмананд.............................27

**Боби 3. Мавқеи муносибатҳои моликиятдорӣ дар ҳаёти ҷомия...........................................................................32**
Мавқеи моликият дар иқтисодиёти ҷамъиятӣ..........................32
Муаммоҳои марказии иқтисод................................................33
Мазмуну маънидоди иқтисодии моликият...............................34
Шаклҳо ва намудҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....36
Хислатҳои намоёни моликияти хусусӣ...................................38
Зарурат ва оқибатҳои ғайридавлатӣ гардонидани моликият дар Тоҷикистон....................................................39

**Боби 4. Истеҳсолоти молӣ. Марҳилаҳои инкишофи он. Пайдошавии пулҳо...............................................................44**
Тақсимоти меҳнат ва пайдошавии истеҳсолоти молӣ.............44
Маънидоди мол ва хислатҳои он.
Арзиш ва арзиши истеъмолӣ..................................................46

Хислати духелаи меҳнати ба мол масрафшуда........47
Масалаҳои ҳисобу ченкунии арзиш
ва арзиши истеъмолии молҳо.........................................49
Инкишофи мубодила ва пайдошудани пулҳо...............50

**Боби 5. Бозор: моҳият, вазифа таркиб ва субектҳои он...........56**
Бозор, моҳият ва омилҳои муайянкунандаи он..................56
Масалаҳои бунёдии (фундаменталии) низоми бозори............60
Вазифа ва омилҳои асосии худтанзимгари бозор..................63
Сохтор ва зери сохтори бозор, намудҳои онҳо....................65

**Боби 6. Талабот, таклифот ва мувозинати бозори....................73**
Талаботи бозори мохият ва намудҳои он. Қонуни талабот.....73
Моҳияти талкифоти бозорӣ. Қонуни талкифот ва мазмуни
иқтисоди он .........................................................................77
Омилҳои ғайринархии ташакулёбии талабот
ва таклифот..........................................................................80
Нархи бозорӣ ва мувозинати бозори................................81

**Боби 7. Механизми бозори рақобати комил**
**ва рақобати нокомил...............................................................89**
Рақобат ҳамчун унсури механизми бозорӣ.........................89
Тавсифи умумии бозори рақобати комил...........................92
Рақобати нокомил. Моҳият ва мавқеи монополия дар
иқтисодиёт .........................................................................94
Сиёсати зиддимонополии давлат ва хусусиятҳои
ғайримонополикунонӣ дар иқтисодиёт...............................100

**Боби 8. Назарияи арзиш .........................................................109**
Мавқеи арзиш дар илми иқтисодӣ.......................................109
Андозаву ченкунии арзиш ҳамчун яке аз муаммоҳои
марказии илми иқтисодӣ....................................................111
Классикони иқтисоди сиёсӣ дар бобати арзиш.
Назарияи марксистии арзиш...............................................112
Назарияҳои намоёнтарини арзиш .......................................114
Мавқеи таълимоти арзиши изофа........................................115
Арзиш ва нархи молҳо. Қонуни арзиш ..............................117

**Боби 9. Назарияи истеҳсолот...................................................122**
Истеҳсолот, моҳият, унсур, вазифа ва мақсади он...............122

Меъёрҳои муайянкунандаи шакл ва намудҳои истеҳсолот...126
Масоили интихобу истифодаи захира (омил)-ҳо ва имконоти истеҳсолӣ...129
Омилҳои истеҳсолот ...132

**Боби 10. Назарияи интихоби истеъмолгар...140**
Рафтори истеъмолгар ва баъзе мулоҳизаҳои асосӣ.
Качхатҳои бефарқ ...140
Маҳдудияти буҷавӣ ва меъёрҳои ивазшавандагӣ.
Хатти буҷавӣ...143
Интихоби истеъмолгари оқил...145
Ақидаҳои матфиатнокӣ ...148

**Боби 11. Назарияи фирма...154**
Фирма – субъекти микроиқтисод...154
Назарияи фирма...156
Фирма, моҳият, вазифа ва услубҳои ташкили он ...158
Шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, меъёр ва усулҳои тафриқасозии корхонаҳо...161
Давраҳои ҳаракат ва манобеи ташаккули захираҳои инвеститсионии корханаҳо...162
Тарз ва усулҳои таъмин ва инкишофи муозимии фаъолияти фирма ...163

**Боби 12. Назарияи хароҷот...169**
Назарияи хароҷот: таҳқиқ ва тавсифи он аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ...169
Шакл ва таснифи хароҷот...172
Нарх ва санъати нархгузорӣ дар шароити бозор...174
Даромад, сарчашма, омил ва шаклҳои асосии ташаккули он...176

**Боби 13. Бозори омилҳои истеҳсолот ...181**
Бозори омилҳои истеҳолот: хусусият ва вазифаҳои он...181
Намудҳои асосии бозори омилҳои истеҳсолот...185
Бозори замин ва хусусиятҳои фарққунандаи он...189
Бозори қобилиятҳои соҳибкорӣ...192

**Боби 14. Бозори меҳнат ва музди кор...200**
Моҳият, субъект ва хусусиятҳои бозори меҳнат...200

Талабот, таклифот ва мувозинат дар бозори меҳнат............205
Назарияи музди кор. Моҳият ва шаклҳои музди кор............207
Тафриқаи дараҷаи музди кор.............................................211

**Боби 15. Бозори сармоя ва фоиз...........................................218**
Бозори сармоя ҳамчун қисми таркибии бозори умумии омилҳои истеҳсолот..........................................................218
Талабот ва таклифот дар бозори сармоя.............................223
Фоизи сармоя ва меъёри он................................................226
Назарияи сармояи инсонӣ....................................................229

**Боби 16. Соҳибкорӣ ва фоида...............................................237**
Соҳибкорӣ, моҳият, вазифа ва мақсади он..........................237
Доира ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ.............................239
Бизнес, моҳият ва шаклҳои ташкили он..............................242
Фоида, моҳият, вазифа, шакл ва хусусиятҳои ташаккули он...............................................................................244

**МЕЗОИҚТИСОД**
**Боби 17. Муносибатҳои кишоварзӣ ва рентавӣ.....................249**
Муносибатҳои кишоварзӣ: назария ва муаммоҳои кунунии он...............................................................249
Моликият ба замин, ташаккул ва таҳаввули шаклҳои хоҷагидорӣ..........................................................................252
Муносибатҳои рентавӣ: нигоҳ аз диди таърих ва имрӯз...................................................................254
Сиёсат ва ислоҳоти кишоварзӣ ..........................................256

**Боби 18. Иқтисодиёти соҳавӣ.**
**Мавқеи тиҷорат дар иқтисод...............................................263**
Таснифи мухтасари иқтисодиёти соҳавӣ...............................263
Тиҷорат ва сармояи тиҷоратӣ...............................................265
Хусусиятҳои ҳаракати сармояи тиҷорат...............................266
Мавқеи тиҷорат дар иқтисодиёти миллӣ..............................267
Шаклҳои ҳозираи тиҷорат....................................................269
Тиҷорат ва ҳаётгузаронии боосоиши мардумон...................270
Мавқеи иттиҳоди «Тоҷикматлубот»......................................271

**Боби 19. Назарияи мувозинати умумӣ ва иқтисоди некӯаҳволӣ**……………………………………276
Мувозинати ҷузъӣ ва умумӣ……………………………………276
Мувозинати умумӣ ва самаранокии иқтисодӣ……………………276
Иқтисоди некӯаҳволӣ: самаранокӣ ва адолат……………………………………287

## МАКРОИҚТИСОД

**Боби 20. Иқтисодиёти миллӣ: мақсад ва натиҷаҳо**……………………………………295
Мафҳуми макроиқтисод……………………………………295
Вазъи ҳозираи иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол…..297
Таркиби иқтисодиёти миллӣ……………………………………298
Натиҷагирии фаъолияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ………………299
Маҷмӯи ҳисобҳои миллӣ (МҲМ - СНС)…………………………300
Даромади миллӣ ва истифодаи он……………………………302
Таркиби сарвати миллат ва роҳҳои афзун намудани вай……303
Мавқеи амалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ……………………………304

**Боби 21. Мувозинати макроиқтисодӣ. тақозои кулл ва арзаи кулл**……………………………………309
Маънидоди тақозои кулл. Каҷхата ва омилҳои муайянкунандаи он……………………………………309
Арзаи кулл: тамсилаҳои классикӣ ва кейнсионӣ……………313
Мувозинати макроиқтисодӣ. Тамсилаи тақозои кулл ва арзаи кулл (ТК/АК)……………………………………317
Истеъмолот ва пасандоз, таъсири он дар ташаккули даромади миллӣ……………………………………320
Маблағгузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи он………………324
Таносуби истеъмол, пасандоз, маблағгузорӣ ва мувозинати ҳаҷми истеҳсол (тамсилаи кейнсионӣ)……………………………327

**Боби 22. Ноустувории макроиқтисодӣ: давраҳои иқтисод, бекорӣ ва таваррум**……………………………………336
Ҳаракати даврагии (силсилавӣ) иқтисод………………………336
Бекорӣ, намуд ва сатҳи табиии он. Қонуни Оукен……………341
Таваррум, моҳият ва оқибатҳои иқтисодии он………………348
Вобастагии бекорӣ ва таваррум. Каҷхатаи Филипс……………352

**Боби 23. Рушди иқтисод...................................................357**
Мафҳуми рушди иқтисод, намуд ва аҳамияти он..................357
Омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисод ...........................359
Тамсилаҳои рушди иқтисод. Тамсилаи Р. Солоу...................362

**Боби 24. Низоми молиявӣ ва сиёсати буҷаю андоз (хазинадорӣ – фискалӣ) ...................................................373**
Молия ва низоми молиявӣ. Моҳияти молия............................373
Буҷаи давлатӣ. Касри буҷа ва қарзи давлатӣ..........................375
Моҳияти иқтисодии андозҳо. Намудҳои андоз........................380
Сиёсати хазинадории давлат......................................................385

**Боби 25. Асосҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ.................391**
Низоми пулӣ ва намудҳои он.......................................................391
Низоми қарзӣ ва қарз. Фузунгари қарз.......................................393
Ҳадаф ва воситаҳои гузаронидани сиёсати пулию қарзӣ........397

**Боби 26. Сиёсати иҷтимоии давлат..........................................405**
Моҳият ва мақсади сиёсати иҷтимоии давлат. Самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон...............405
Масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат...................................406
Сиёсати давлатии ба танзимдарории даромад..........................410
Низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва усулҳои он........................412

**Боби 27. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ ва қонуниятҳои инкишофи он.................................................................................418**
Ҷараёни ташаккулёбӣ ва моҳияти хоҷагии умумиҷаҳонӣ............................................................................418
Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва омилҳои такмилёбии он...............................................................................422
Сатҳи нобаробари тараққиёти иқтисодии мамлакатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ...................................................................424
Моҳият ва шаклҳои ҳаракати байналхалқии сармоя...............428

**Боби 28. Бозори ҷаҳонӣ ва савдои байналхалқӣ......................437**
Бозори ҷаҳонӣ, моҳият ва таркиби он..........................................437
Назарияи савдои байналхалқӣ.......................................................441
Савдои байналхалқӣ ва нишондиҳандаҳои он..............................444
Сиёсати савдои хориҷии давлат ва тарафҳои он.........................448

**Боби 29. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ........................456**
Ҳамгироии иқтисодӣ, моҳият, услуб ва омилҳои муайянкунандаи он..........................................................................456
Марҳалаҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ байналхалқӣ ....................................................................458
Шаклҳои асосии ҳамгироӣ: самт, тамоюл ва хусусиятҳои ташкили муосири он..................................................................460

**Боби 30. Низоми байналхалқии асъор ва созмонҳои молиявии байналхалқӣ.................................................................467**
Муносибатҳои асъории байналхалқи ва низоми асъорӣ..................................................................467
Марҳалаҳои инкишофи низоми байналхалқии асъор..........................................................471
Бозори ҷаҳонии асъор, омилҳои муайянкунанда ва хусусиятҳои он..........................................................476
Созмонҳои молиявии байналхалқӣ........................................478

**Боби 31. Ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот.........485**
Моҳият, шакл ва оқибатҳои ҳаракати байналхалқии сармоя................................................................485
Сармоягузории байналхалқӣ, моҳият, шакл ва хусусиятҳои ташкили он..............................................................487
Ҳиҷрати байналхалқии қувваи коргарӣ.........................................489
Технология, ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолоти байналхалқӣ............................................................................491

**Боби 32. Ҷабҳаҳои иқтисодии масъалаҳои умумибашарӣ дар ҷаҳони муосир.............................................................498**
Ҷаҳонишавии ҳозира ва натиҷаҳои намоёнтарини ин равандҳо........................................................................................499
Ҷанбаҳои иқтисодии масъалаҳои умумибашарӣ дар ҷаҳони муосир.............................................................................500

**Мундариҷа.......................................................................512**

**Барои қайдҳо..................................................................519**

# БАРОИ ҚАЙДҲО

**Бобокалони Исомат, Маҳбубаи Маҳмурод,
Облоназари Каримзода, Ҳақбердии Муҳадбердӣ**

# НАЗАРИЯИ ИҚТИСОД

**Китоби дарсӣ барои низоми кредитии таҳсилот**

**Зери таҳрири умумии
н.и.и., дотсент Шарипов М.М.**

**Таҳияи нақшаҳову ҷадвалҳо:** устоди калон: Машокиров Ҷ.Н.

**Ҳуруфчини компутер:** Абдуалимова Миҷгона

**Саҳифабанди компютерӣ:** Хонҷонов Равшан

Ба чопаш 17.08.2011 имзо шуд. Андозаи $60 \times 84^1/_{16}$.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Ҷузъи чопии шартӣ 32,5. Адади нашр 1000.

Дар матбааи «Офсет» ба табъ расидааст.
Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш 32
тел.: 226-12-21, 226-13-31
www.ofset.tj

9 789994 762118

Офсет